# *АХТАРОНИ АДАБ*

**15**

## ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

### ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Акбар Турсун*
*Гулназар*
*Фарҳоди Карим*

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

**АСАДИИ**
**ТӮСӢ**

# ГАРШОСПНОМА

**ДУШАНБЕ,**
**«АДИБ»**
**2011**

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Таҳияи матн ва шарҳи луғот аз*
***АЛИИ МУҲАММАДИИ ХУРОСОНӢ***

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 **Асадии Тӯсӣ.** ***Гаршоспнома*** — Душанбе: «Адиб», 2011. - 480 саҳ.

Асадии Тӯсӣ дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик аз суханварони қавитабъу борикандеш ба шумор меравад ва тавоноии фикру чиразабонии ӯро достони ҳамосии «Гаршоспнома», ки дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ суруда шудааст, беҳтарин гувоҳ аст.

«Гаршоспнома» дар хусуси корнамоиҳои паҳлавони систонӣ Гаршосп, додарзодаи ӯ Наримон ва писари Наримон – Сом, ки аз аҷдоди Рустами Дастон будаанд, нақл мекунанд. Дар кишварамон достон бори аввал ба ҳуруфи кириллӣ нашр мегардад ва пояи баланди ҳикмату андарзи он имрӯз ҳам барои ҳамагон коршоям мебошад.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2011.**

# АСАДИИ ТӮСӢ
# ВА
# ЭҶОДИЁТИ Ӯ

Асадии Тӯсӣ яке аз симоҳои ба назар намоёни назми асри XI ба шумор меравад. Ӯ дар таърихи адабиёти форс - тоҷик бо достони қаҳрамонии «Гаршоспнома», яке аз аввалин фарҳангҳои тафсирии «Луғати фурс», ки ҳамчун сарчашмаи адабӣ низ хидмат мекунад ва мунозироти баландмазмунаш мақому манзалати хоса дорад.

Асадии Тӯсӣ аз суханварони шинохтаи қарни XI бошад ҳам, сарчашмаҳои адибию таърихие, ки аз шарҳи аҳвол ва осори ӯ маълумот медиҳанд, асосан ба баъд аз асри XV тааллуқ дошта, шояд бо мурури замон ва гузаштани вақт манбаъҳои аввала аз байн рафта бошанд. Бинобар ин симои шахсӣ ва фаъолияти эҷодии шоир монанди аксари адибону ходимони барҷастаи илму фарҳанги форс - тоҷик муддати мадиде дар саҳифаи маъхазҳои адабию таърихӣ номаълуму хира акс ёфтаанд. Дар мероси адабии худи шоир низ аз саҳфаҳои зиндагии ӯ маълумоти ночизеро дучор меоем. Ном, куния ва тахаллуси пурраи шоир дар сарчашмаҳои боэътимод таври зайл аст: Абӯмансур Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тӯсӣ. Роҷеъ ба тахаллуси шоириаш ҳоҷати баҳс ҳам нест, зеро дар боби хотимавии достони «Гаршоспнома» мегӯяд:

*Бад-ин нома гар номам ояд-т рой,*
*Ба «дол»-и асад ҳарфи «даҳ» барфизой.*

Ба калимаи «асад» ҳарфи «ё»-и арабиро, ки аз рӯйи ҳисоби абҷад 10 аст, илова менамоем, натиҷаи он «Асадӣ» мебарояд ва тазкиранигорон ҳам ӯро бад-ин тариқа ёд кардаанд. Дар баъзе мавридҳо мусташриқин ӯро бо унвонҳои фахрии «Ҳаким», «Ҳаким Асадӣ» ва «Асад-ул-ҳукамо» овардаанд, ки инҳо дарак аз фазлу дониши шоир медиҳанд.

Дойир ба зодгоҳи шоир, ки шаҳрчаи Тӯс аст, шакку гумон вуҷуд дошта наметавонад, зеро илова бар гуфтаи тазкиранигорон ӯ Тӯсӣ будани худро дар оғози «Гаршоспнома» хеле возеҳ баён намудааст.

Соли таваллуди шоир чандон дақиқ набуда, дар сарчашмаҳои аввалиндарача аз ин боб маълумоте мавчуд нест. Аз рӯйи ишораҳои худи шоир ва тасдиқи бештари ховаршиносон гумон меравад, ки Асадии Тӯсӣ дар байни солҳои 1005 – 1010 ба дунё омада, даврони бачагӣ ва овони чавониро дар шаҳри Тӯс гузаронидааст. Ӯ маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, дар ҳамон чо бо талқини падараш Аҳмад, ки аз илмҳои замона бахраёб буд, ба омӯхтани илму адаб иштиғол меварзад. Аз мутолиаи осори боқимондаи Асадӣ пайдост, ки вай дорои зеҳни расо буда, бо адабиёти қадими форсизабонон, сарфу наҳви забонҳои дарӣ ва арабӣ, адабиёти араб, илмҳои динӣ, илмҳои ахлоқ, фалсафа, таърих, чуғрофия, нучум, риёзӣ, ҳисоб, арӯз ва ғайра шиносоии комил доштааст. Дар ин бора бештар аз сарчашмаҳо эчодиёти худи шоир равшан шаҳодат медиҳанд. Шоир аз нигоҳи андешаву ақида аз чонибдорони ақойиди шуубия (навъпарастӣ) ба ҳисоб меравад. Ин маънӣ дар мунозираҳои Асадӣ, хоса «Мунозираи «Арабу Ачам», хеле барчаста ва таъсирбахш ифода ёфтааст.

Баробари фазилатҳои боло ӯ ҳунари хушнависӣ дошта, хаттоти хубе будааст, ки китоби Абӯмансур Муваффақ ибни Алии Ҳиравӣ «Китоб-ул-анбия ан ҳақоиқ-ул-адвия» (соли китобат 447 ҳичрӣ/1055-1056 мелодӣ) ин фикрро тасдиқ мекунад. Китоби номбурда то замони Чанги дувуми чаҳонӣ дар Вена нигоҳдорӣ шуда, дар охири он котиб исмашро «Алӣ ибни Аҳмад ал-Асадӣ ат-Тӯсӣ аш-шоир» қайд кардааст.

Дар бораи чӣ тавр гузаштани давраи чавонии Асадии Тӯсӣ, соҳиби зану фарзанд будан ё набудани ӯ санаде зери даст надорем. Танҳо дар мунозираи «Найзаву Камон», ки адиб онро дар охирҳои умр навишта, ба ҳокими шаҳри Онӣ (дар Арманистони имрӯза аст) бахшидааст, ин байт дучор меояд, ки аз мутааҳҳид будани ӯ дарак медиҳад:

*Хусраво, аз хидматат банда наёмад сер, лек*
*Дер шуд, то дурам аз маъвову ёри ғамгусор.*

Асадии Тӯсӣ аз чавонӣ ба шеър гуфтан оғоз намуда, шоире навчӯву навгӯ будааст. Баъдтар хоҳем дид, ки ӯ дар адабиёт чӣ тозакориҳое кардааст. Шоир аз чавонӣ ба шеъру шоирӣ пардохта бошад ҳам, мо ӯро вақте дар чӯши эчодӣ мебинем, ки ватанашро тарк гуфта буд. Муҳочирати шоир аз зодгоҳаш

вобаста ба замону вақт сабабҳо дошт. Бояд дар назар дошт, ки замони зиндагии Асадӣ аз давраҳои пурмоҷарои таърихии Мовароуннаҳру Хуросон ба шумор меравад. Ҷангҳои хонумонсӯзи Маҳмуди Ғазнавӣ, ки то соли 1030 м. салтанат дошт, мамлакатро хароб ва мардумро хонабардӯш карда буд. Дар байни солҳои 1002-1026 Маҳмуди Ғазнавӣ танҳо ба Ҳиндустон зиёда аз 15 маротиба лашкар кашида, доройиҳои он сарзаминро ба ғорат бурдааст (Б. Ғафуров, Таджики. М., 1972, саҳ. 389).

Асадӣ дар давраи суст гардидану пароканда шудани давлати Ғазнавиён ва рӯйи кор омадани давлати Салҷуқиён (1040-1078 м.) зиндагӣ ва эҷод намудааст. Аз ин рӯ, масъалаи муҳоҷирати шоир ба шаҳрҳои Қафқоз чун намояндагони дигари илму адаби он давраи Хуросону Мовароуннаҳр то андозае ба вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии замони ҳукмронии ғазнавиҳою баъдтар салҷуқиҳо алоқаманд аст. Аз як тараф, давлати Ғазнавиён рӯ ба таназзул ниҳода, ҳокимони он ба ҳаёти маданию адабӣ аҳамият намедоданд, аз тарафи дигар, Салҷуқиёни нав ҳокимиятро соҳибшуда сарриштаи омоли мамлакатро ба даст нагирифта буданд ва шеъру шоирро ба таври шойиста қадр карда наметавонистанд.

Ба ҳамин маънӣ Асадии Тӯсӣ мегӯяд:

*Маро ҷуз сухан сохтан кор нест,*
*Сухан ҳаст, лекин харидор нест.*

Шоир аз зодгоҳаш тӯшаи сафар баста, мувофиқи шаҳодати адабиётшиноси маъруфи Ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ, аввалан «…Ба Ироқ рафта…» чанде дар он ҷо умр ба сар мебарад. Ин сафари шоир бояд байни солҳои 1025-1029 м. сурат гирифта бошад.

Мусофирати Асадии Тӯсӣ ба ҷониби Қафқоз идома меёбад. Ӯ аз шаҳру навоҳии зиёде гузашта, ниҳоят ба Нахҷувон (дар Ҷумҳурии Озарбойҷон) омад, ки он ҷо Абӯдулафи Дайронӣ ҳукумат меронд. Бояд гуфт, ки баробари дар Мовароуннаҳру Хуросон рӯ ба таназзул ниҳодани ҳаёти адабию фарҳангӣ дар як муддати кӯтоҳ дар Қафқоз марказҳои адабию маданӣ рӯ ба тараққӣ мениҳанд ва дар як вақт дар ин хок забони пуровозаи дарӣ забони давлатӣ ба ҳисоб рафта, шеъру адаб бо ин забон равнақ меёфт. Равнақи ҳаёти мадании Қафқоз рӯз ба рӯз боло мерафт ва ҳокимони ин минтақа барои шӯҳрат

пайдо намудан мӯҳтоҷи адибони варзида буданду онҳоро бо хушӣ истиқбол мекарданд. Таърих гувоҳ аст, ки Қафқоз аз ин сана ба баъд дар синаи худ чандин шоиру олими форсигӯй, аз қабили Қатрон, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шервонӣ, Низомиддин Абулъалои Ганҷавӣ ва ғайраро парвардаву ба камол расонидааст.

Шоир дар Нахҷувон достони худ «Гаршоспнома» (таърихи эҷод солҳои 1064-1065)-ро навишта, ба Абӯдулафи Дайронӣ мебахшад. Аз мутолиаи «Гаршоспнома» пайдост, ки шоирро дар даргоҳи Абӯдулаф бо хушӣ пешвоз гирифта будаанд ва он ҷо соҳиби мартабаи баланд ҳам шуда будааст. Шоир мегӯяд:

*Ки ҳамвора ман – бандаро шод дошт,*
*Сарамро зи ҳампешагон барфарошт.*

Баъди анҷоми ҳамосаи «Гаршоспнома» чанд муддати дигар дар Нахҷувон иқомат намудани шоир маълум нест. Ӯ дар ин шаҳр чанде осуда зиндагӣ карда бошад ҳам, рӯҳан орому осуда набуд. Дере нагузашта Нахҷувонро тарк мегӯяд ва ба шаҳри Онӣ меравад. Вай дар ин вакт пири мӯйсафед шуда буд. Ёди ёру диёр хотирашро осуда намегузошт. Ниҳоят, мусофирати тӯлонӣ тоқати Асадиро тоқ мекунад ва вай дар «Мунозираи Найзаву Камон», ки аввалҳои соли 1072 м. эҷод шудааст, аз ҳокими шаҳри Онӣ Шуҷоуддавла Манучеҳр ибни Шовури Шаддодӣ хоҳиш мекунад, ки ӯро барои ба ҷойи истиқомати дойимиаш баргаштан иҷозат диҳад:

*Хусраво, аз хидматат банда наёмад сер, лек*
*Дер шуд, то дурам аз маъвову ёри гамгусор.*
*Лола будам рӯю қор ин мӯй, лекин гашт чарх*
*Зери хайрӣ лолаам бинҳуфту зери барф қор.*

Адабиётшиноси эронӣ Ҳабиби Яғмоӣ ба ҳамин маънӣ менависад: «...дар ин ҳангом пири сафедмӯй ва дижамчеҳра буда ва аз мамдӯҳ силату иҷозати бозгаштро чашм дошта».

Ҳаёти Асадии Тӯсӣ баъди навиштани мунозираи мазбур аз сафҳаи маъхазҳо берун мондааст ва аз фарозу нишебҳои зиндагонии минбаъдаи ӯ огоҳӣ надорем. Аз хусуси ба зодгоҳ баргаштан ва ё барнагаштанаш низ дар ягон сарчашма маълумоте нест. Дар куҷо фавт кардани шоир низ аз вараҳи таърих афтодааст. Танҳо Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-

ул-фусаҳо» соли 465 ҳиҷрӣ (охири соли 1072 ё аввали соли 1073 мелодӣ) вафот кардани шоирро зикр намудааст.

Баъди аз Шуҷоуддавла Манучеҳр ибни Шовур иҷозати бозгашт пурсидан ба саволҳои: Натиҷаи он чӣ шуд? Ба куҷо рафт? Кай фавтид? Қабраш дар куҷост? – шояд ҷавоб гуфтан минбаъд ҳам имконнопазир бошад. Гӯё аз Онӣ ба Табрез омада дар онҷо фавтидаасту ҳоло марқадаш дар он ҷост.

❂ ❂ ❂

Асадии Тӯсӣ дар шоирӣ ва олимӣ дасти тавоно дошта, аз худ осори гаронбаҳои адабиву илмӣ ба ёдгор гузоштааст. Муаллифони маъхазҳои адабӣ панҷ қасидаи мунозира: «Мунозираи Арабу Аҷам», «Мунозираи Осмону Замин», «Мунозираи Рӯзу Шаб», «Мунозираи Габру Муслим» ва «Мунозираи Найзаву Камон», достони қаҳрамонии «Гаршоспнома», фарҳанги тафсирии «Луғати фурс» ва баъзе порчаҳои шеърии парокандаро ба ӯ нисбат додаанд, ки хушбахтона, ҳамаи онҳо то имрӯз дастраси мо қарор доранд.

Аз мунозираҳо сетои аввалин дар навиштаҳои сарчашмаҳою муҳаққиқони адабиёти классикии форс - тоҷик бидуни тағйир дучор меоянд. Мунозираи чаҳорум ба шакли «Мунозираи Мусулмону Муғ», «Мунозираи Муғу Муслим» ва мунозираи панҷум ба шакли «Мунозираи Тиру Камон» ва «Мунозираи Қавсу Румҳ» низ сабт ёфтаанд. Ин чиз чандон муҳим набошад ҳам, зикраш касони ноогоҳро аз иштибоҳ дур медорад.

Дар таърихи адабиёти форс - тоҷик Асадии Тӯсӣ ҳамчун асосгузори қасоиди мунозира шинохта шудааст. Мунозираҳои шоир қасидаҳоеанд, ки дар онҳо ду кас ё ду чиз ба воситаи усули рӯҳбахшоӣ (шабу рӯз, найзаву камон, осмону замин) бартарии худро ботафохур собит карданӣ мешаванд. Нахуст яке ҳамаи фазилатҳои хешро иброз медорад ва сипас тарафи муқобил ба ҳар яки он далели «қавитар» оварда, бартарии худро исбот мекунад ва дар зимн нуқсону камбудиҳои рақибро фош менамояд. Танҳо дар охир сулҳе пайдо шуда, шахси севум хубии ҳар ду тараф, лузумоти тарафҳои баҳскунанда ва ба ҳам монанд будани онҳоро нишон медиҳад. Аз панҷ мунозираи болоӣ, тавре ки зикр намудем, танҳо таърихи иншои «Мунозираи Найзаву Камон» маълум аст, ки Асадӣ онро соли 1072 мелодӣ эҷод карда будааст. Муҳаққиқон

тахмин кардаанд, ки «Мунозираи Арабу Аҷам» дар ҷавонии шоир, пеш аз ҳиҷраташ ба Қафқоз навишта шудааст.

Мунозираҳои Асадӣ аз рӯйи устухонбандӣ ҳукми тағаззул ва ташбибро доранд. Дар онҳо қисматҳои анъанавии қасида ба назар намерасад. Пас аз баҳси тарафайн хулосаи баҳс меояд ва қасидаҳо бо ситойиши мамдӯҳ анҷом меёбанд. Услуби баён ва оғозу анҷоми онҳо шаҳодат медиҳанд, ки эҷоди мунозира дар адабиёти баъдазисломӣ, то замони Асадии Тӯсӣ ба назар намерасад. Аз ин сабаб бо дарназардошти маълумоти мавҷуда Асадиро дар адабиёти нави форсӣ ҳамчун сарояндаи нахустини мунозира донистан равост, ҳарчанд дар «Авасто» ва адабиёти паҳлавӣ порашеърҳое ҳастанд, ки баҳси ду тарафро фаро гирифтаанд. Намунаи назарраси онҳо мунозираи «Буз ва дарахти ошурӣ» мебошад. Вале ҳукми қатъӣ бароварда наметавонем, ки шоир аз онҳо огоҳ буд ва дар эҷоди мунозираҳои хеш ба ёдгориҳои гузаштагони дур пайравӣ кардааст.

Барои он ки хонандагон бо тарзи муҳокимаронии тарафҳои баҳскунандаи мунозираҳои Ҳаким Асадӣ шинос бошанд, порчаеро аз «Мунозираи Арабу Аҷам» меорем, ки марди аҷамӣ (шоир) дар таърифи ҳамнавъони худ ба марди арабӣ чунин посух меоварад:

*Айб аз чӣ кунӣ аҳли гаронмоя Аҷамро?!*
*Чӣ-бвед шумо, худ - галаи гарри шутурбон?!*
*Шаҳ з-аҳли Аҷам буд чу Каюмарсу Ҳушанг,*
*Чун Ҷам, ки даду шеру парӣ буд-ш ба фармон.*
*Чун шоҳ Фаридуну чу Кайхусраву Ковус,*
*Чун Нарсиву Баҳрому чу Парвизу чу Сосон!*
*Чун Киср, ки оварда бар ӯ фахр Муҳаммад,*
*Чун Ҳурмузи воло, киситад бож зи хоқон!*
*Гурдон чу Наримону чу Соми ялу Гаршосп,*
*Чун Бежану Геву ҳунарӣ Рустами Дастон.*
*Дар дониши тиб чира чу Ибни Закариё,*
*Дар ҳукми ҷадал чира чу Ҷомоспи сухандон.*
*Шоир чу гузин Рӯдакӣ, он к-аш бувад абёт*
*Беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дару девон.*
*Чун Унсуриву Асҷадиву шӯҳра Кисоӣ*
*В-онон, ки зи Балху ҳади Тӯсу Раю Гургон…*

Хотиррасон бояд кард, ки Асадӣ ҳамчун шоир пеш аз ҳама ба воситаи достони «Гаршоспнома» шӯҳрат ёфтааст. Ин достон дар пайравии «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ суруда шудааст. Аммо баъзе муаллифони сарчашмаҳо ва мусташриқин, аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дар пайравии ӯ Ҳенри Этею Эдвард Броун Асадиро устоди Фирдавсӣ хондаанд. Ба ин ақидаи барғалат хати батлон кашида шуд. Ҳам шарқшиносони шӯравӣ К. И. Чайкин ва Е. Э. Бертелс, ҳам донишмандони эронӣ Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Ҳабиби Яғмоӣ, Забеҳуллоҳи Сафо ва дигарон ба исбот расонидаанд, ки соҳиби «Гаршоспнома» вақте ба дунё омадааст, ки Фирдавсӣ беш аз 70 сол дошт ва Асадӣ достони худро дар пайравии «Шоҳнома» навиштааст.

Асари дигаре, ки номи Асадии Тӯсиро дар таърихи фарҳанги мо абадӣ сабт кардааст, фарҳанги тафсирии «Луғати фурс» мебошад. Ин китоб аз аввалин луғатномаҳои забони форсӣ ба шумор меравад, ки то ба имрӯз омада расидааст. Асадӣ ин асари худро баъди эҷоди достони «Гаршоспнома» таълиф намуда будааст, зеро шоир дар баъзе мавридҳо барои исботи шарҳи калимаҳо аз он мисолҳо меоварад. Ӯ барои шарҳу тафсири калимаҳо аз ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Маъруфии Балхӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Унсурӣ, Лабибии Хуросонӣ ва дигарон мисолҳо овардааст, ки порча ва байтҳои шеърии баъзеи онҳо маҳз ба туфайли ин луғати судманд то ба имрӯз маҳфуз мондаанд.

Ғайр аз ин, дар фарҳанг аз достонҳое мисол оварда шуда, ки то ба мо матни комилашон омада нарасидаанд. Дар ин ҷо намунаҳо аз маснавии «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ, мисолҳо аз достони «Синдбоднома»-и ӯ, порчаҳо аз достони ахлоқии «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ, байтҳои ҷудогонаи достони ишқии «Вомиқ ва Азро»-и Унсурӣ ва ғайра ҷой дода шудаанд, ки онҳоро дар дигар маъхазҳои адабӣ пайдо намудан амри муҳол аст ва ё умуман пайдо намешаванд.

Қобили қайд аст, ки бештари ашъори мисоловардаи соҳиби фарҳанг аз эҷодиёти устод Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фирдавсӣ, Абӯшакури Балхӣ, Фаррухӣ, Дақиқӣ, Кисоӣ мебошад ва ин эҳтирому муҳаббати Асадиро нисбат ба каломи пухтаю рехтаи ин бузургони сухан намойиш медиҳад.

Дар «Луғати фурс» бо як қатор ном ва тахаллусҳои шоироне дучор мешавем, ки дар таърихи адабиёти форс -

тоҷик чандон маълум нестанд ва исми баъзеи онҳо ҳатто дар ягон сарчашмаи адабию таърихӣ ба назар намерасад. Шоҳсор, Ғаввос, Шӯҳраи Офоқ, Зарринкитоб, Боронӣ, Марворидӣ, Наҷҷор барин ному тахаллусҳои шоиронеро метавон ёдрас шуд, ки порчашеърҳояшон маҳз ба шарофати Ҳаким Асадӣ то ба мо омада расидаанд. Андешаҳои болоӣ нишон медиҳанд, ки «Луғати фурс» ҳамчун сарчашмаи адабӣ ба аҳамияти бузурги илмӣ молик аст. Ҳамчунон, ин луғати судманд барои равшан намудани баъзе масъалаҳои баҳсталаби адабӣ, матншиносӣ, забоншиносӣ ва ғайра кумак карда метавонад. Дар давоми садаҳои зиёд «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ дар мураттаб сохтани луғатҳои дигари тафсирӣ чун сарчашмаи боэътимоду боэътибор хидмат кардааст.

Рашидуддини Ватвот дар асари адабиётшиносии худ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-иш-шеър» рубоиеро ба Асадии Тӯсӣ нисбат медиҳад:

*Аз захми сари ду зулфи анбарбӯят*
*Озурда шавад ҳаме гули худрӯят.*
*З-ангуштнамойи ҳар кас андар кӯят*
*Тарсам, ки нишон намонад андар рӯят!*

Моли Ҳаким Асадӣ будани рубоии боло аз ҳақиқат дур нест, зеро Рашиди Ватвот, аз як тараф, каме баъдтар ба арсаи адабиёту адабиётшиносӣ қадам монда бошад, аз тарафи дигар, дар Қафқоз, ки муаллифи рубоӣ муддате мезисту эҷод мекард, умр ба сар бурдааст. Аз ин рӯ, бидуни шак метавон гуфт, ки Рашиди Ватвот аз осори ин суханвари тӯсӣ огоҳии тамом дошта, шеъри ӯро меписандидааст.

Мероси боқимондаи Ҳаким Асадии Тӯсӣ гуногунмазмуну гуногуншакл буда, аз суханвари баркамол будани соҳиби худ дарак медиҳад ва мо ҳангоми тадқиқу таҳқиқи таърихи пурраи фарҳанги форсизабон дар чаҳор маврид калимаи «аввалин»-ро ба исми Асадии Тӯсӣ илова менамоем ва ё ба ибораи дигар, номи ӯро дар радифи аввалинҳо ёдовар мешавем:

а) аввалин мунозираҳоро ба забони форсии тоҷикӣ ӯ эҷод намудааст;

б) аввалин шуда дар пайравӣ ва истиқболи шоҳасари Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» асар навиштааст;

в) аввалин фарҳанги тафсирии форсӣ, ки то ба замони мо омада расидааст, ба қалами ӯ тааллуқ дорад;

г) носихи қадимтарин нусхаи хаттии форсӣ, ки то имрӯз маҳфуз мондааст, мебошад.

Ин хидматҳои арзанда мақому манзалати Асадиро дар назди илму адаб ва умуман, тамаддуни халқи мо, муайян месозанд ва маҳз ҳамин навҷӯийию навпардозиҳо номи адибро зинда нигоҳ доштаанд.

Асадии Тӯсӣ дар таърихи адабиёти классикиамон аз суханварони қавитабъу борикандеш ба шумор меравад ва тавоноии фикру чиразабонии ӯро достони ҳамосии «Гаршоспнома» беҳтарин гувоҳ аст. Зеро пас аз он ки Абулқосими Фирдавсӣ достонсаройиро ба дараҷаи аълояш расонида, калимоту таркиботи хушоҳангу дилфиребро дар «Шоҳнома» ба кор бурда, маҷоли суханро ба пайравони худ ҳарчӣ тангтар сохта буд, Асадӣ ба достонсаройӣ пардохт. Назми достоне, ки аз бисёр ҷиҳатҳо ба «Шоҳнома» наздикӣ дошт, чандон кори саҳл набуд, аммо муаллифи «Гаршоспнома» бо табъи варзидаи худ аз мақсади дар пеш гузоштааш ба хубӣ баромада тавонистааст.

Достони «Гаршоспнома» чи аз ҷиҳати ҳаҷм, сабки нигориш, истеъмолу истифодаи тасвирҳои бадеӣ ва чи аз ҷиҳати камоли мазмун – афкори иҷтимоиву ахлоқӣ ва тозабаёниву ширинсуханӣ муҳимтарин асари Асадии Тӯсӣ буда, дар байни осори ӯ мақоми волоеро ишғол менамояд. Достон аз 145 боб ва камобеш 9000 байт иборат буда, шоир онро соли 458 ҳиҷрӣ (1064-1065 мелодӣ), дар давоми ду сол, бар риштаи назм кашидааст. Таърихи хатми достонро Асадӣ дар боби хотимавӣ чунин ёд мекунад:

*Шуд ин достони бузург испарӣ*
*Ба пирӯзиву рӯзи некахтарӣ.*
*Зи ҳиҷрат ба даври сипеҳре, ки гашт,*
*Шуда чорсад солу панҷоҳу ҳашт.*

«Гаршоспнома» дар хусуси корнамоиҳои паҳлавони систонӣ Гаршосп, додарзодаи ӯ Наримон ва писари Наримон - Сом, ки аз аҷдоди Рустами Дастон будаанд, нақл мекунад. Сужети достон аз моҷарои ишқи духтари шоҳи Зобул бо Ҷамшед оғоз меёбад. Аз Ҷамшед сар карда дар асар ҳафт пушти Гаршосп ёдовар мешавад ва бо подшоҳии падари ӯ Асрат дар Зобулистон ҳодисаю воқеаҳои размию базмӣ зиндаву дар амалиёт тасвир меёбанд. Дар баёни персонажҳои

хурду калони «Гаршоспнома» симоҳои асосӣ монанди Гаршосп, Заҳҳок, Асрат-падари Гаршосп ва баъдтар Коваи Оҳангар, Фаридун, Наримон дар маркази диққати эҷодкор будаанд, ки характери онҳо дар муносибати байнихудӣ ва муҳити атроф кушода мешавад. Вобаста ба рафти воқеаву ҳодисаҳо, ки дар ин достони эпикӣ баён ёфтаанд, зоҳиру ботини қаҳрамонони «Гаршоспнома» якдигарро пурра мекунанд. Дар достон паҳлавону ҷанговарон зоҳиран калонҷуссаву кӯҳпайкар, шоҳон мағруру худбин ва зоҳиран бо либосҳои фохир ороёфта ва занон зоҳирану ботинан зебо тасвир ёфтаанд. Симоҳои асосию персонажҳои асар бо хусусияту сифатҳои хоси худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва барои оригиналӣ баромадани достон мадад расонидаанд. Асадӣ достони худро бо ташвиқи ду тан аз вазирони Абӯдулафи Дайронӣ навиштааст. Ӯ дар сабаби навиштани достон мегӯяд:

*…Ба бигмоз як рӯз наздики хеш,*
*Маро ҳар ду меҳтар нишонданд пеш.*
*Басе ёди номи накӯ ронда шуд,*
*Басе дафтари бостон хонда шуд.*
*Зи ҳар гуна ройе фикананд бун,*
*Пас он гаҳ кушоданд банди сухун,*
*Ки Фирдавсии Тӯсии покмагз,*
*Бидодаст доди суханҳои нагз .*
*Ба «Шоҳнома» гетӣ биёростаст,*
*Бад-он нома номи накӯ хостаст.*
*Ту ҳамшаҳрӣ ӯрову ҳампешаӣ,*
*Ҳам андар сухан чобукандешаӣ.*
*Бад-он ҳамраҳ аз номаи бостон,*
*Ба шеър ор хуррам яке достон…*
*Ба «Шаҳнома» Фирдавсии нагзгӯй,*
*Ки аз пеши гӯяндагон бурд гӯй,*
*Басе ёди разми ялон карда буд,*
*Аз ин достон ёд н-оварда буд.*
*Ман акнун ба табъам баҳор оварам,*
*Мар ин шохи навро ба бор оварам.*

Қаҳрамони асосии достон Гаршосп, баробари паҳлавони мағлубнопазиру ялӣ номдор будан, дар асар як марди бохирад, ҷаҳондида, дурандеш ва хайрхоҳ тасвир ёфтааст.

Вай бо бадон бад ва бо некон накӯ мебошад. Гаршоспи Асадӣ дойимо дар ҷустуҷӯйи ҳақиқати зиндагӣ ва хиради баркамол аст. Баробари ин панди пирони хирадро раҳнамову раҳбаладӣ ҳар кору сафари худ медонад. Вай Заҳҳоки золим барин шоҳонро чашми дидан надорад. Зиддияти байни Заҳҳок ва Гаршосп дар асар хеле нозук тасвир ёфтааст ва он танҳо дар ҳолати мутолиаи ботааммуқи матн ҳис карда мешавад. Аз ин рӯ, Гаршосп баробари ба сари тахти шоҳӣ нишастани Фаридуни одил ба хизмати ӯ ҳозир мешавад ва фармони ӯро бо хушӣ ба ҷой меорад. Ҷаҳонпаҳлавон Наримон ва писари Наримон Сомро низ дар рӯҳи ҷавонмардӣ тарбия намуда, ба камол мерасонад.

Дар достон Асадӣ паҳлавони худ Гаршоспро аз Рустам паҳлавонтар ва шуҷоътар медонад:

*Зи Рустам сухан чанд хоҳӣ шунуд,*
*Гумонӣ, ки чун ӯ ба мардӣ набуд.*
*Агар разми Гаршосп ёд оварӣ,*
*Ҳама разми Рустам ба бод оварӣ.*
*Ҳамон буд Рустам, ки деви нажанд*
*Бибурдаш ба абру ба дарё фиканд.*
*Сутуҳ шуд зи Ҳумон ба гурзи гарон,*
*Задаш даштбоне ба Мозандарон.*
*Забун кардаш Исфандёри далер,*
*Ба гуштиш овард Сӯҳроб зер.*
*Сипаҳдор Гаршосп то зинда буд,*
*Накардаш забун кас, на афканда буд.*
*Ба Ҳинду ба Руму ба Чин аз набард*
*Бикард, он чи Дастону Рустам накард…*

Баъзе адабиётшиносону мустаршриқин абёти болоиро мавриди истифода қарор дода, андешаи онро кардаанд, ки гӯё Асадӣ достони худро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ боло гузоштааст. Вале ин гуфтаҳои Асадии Тӯсӣ ҳаргиз маънии онро надорад, ки муаллифи «Гаршоспнома» худро аз падари достонҳои қаҳрамонӣ боло нишон дода бошад. Ин услуби пешгирифтаи шоир танҳо як роҳи хонандаро ба тарафи асари худ ҷалб намудан асту бас. Достони Гаршосп аз афсонаҳои қадимии халқҳои эронинажод будааст. Ҳанӯз аз китоби муқаддаси зардуштиён «Авасто» порчае вомехӯрад, ки дар хусуси Кранс ва аз он ҷумла куштани ӯ аждаҳоеро

нақл мекунад. Ғайр аз ин қайд кардан зурур аст, ки анъанаи қиссанависӣ дар байни халқҳои эронинажод ҳанӯз аз замони сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) маълум будааст ва натиҷаи он гирд оварда шудани қиссаҳои зиёдест дар як китоб, ки бо номи «Худойномак» («Шоҳнома») машҳур гардида, дар асри VII аз тарафи Ибни Муқаффаъ аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуда буд.

Баъди ба сари ҳокимият омадани хонадони Сомониён (солҳои 864-999 мелодӣ) шавқу ҳаваси мардум ба ҷамъ овардани қиссаҳои халқӣ аз нав меафзояд. Дар ин давра Дақиқӣ «Гуштоспнома» ва Абулмуайяди Балхӣ «Китоби Гаршосп»-ро менависанд. Инчунин, соли 346 ҳиҷрӣ (957 мелодӣ) Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ, ки муддате ҳокими Тӯсу Нишопур буд ва дар охир ба рутбаи сипоҳсолории вилояти Хуросон расид (вафоташ соли 351 ҳиҷрӣ - 962 мелодӣ), ба тартиб додани «Шоҳнома» амр кард. Чанд нафар аз бузургони зардуштӣ ва уламои давр китоберо мураттаб кардаанд, ки бо номи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» машҳур гардид. Ин китоб аз байн рафтааст. Танҳо муқаддимааш боқӣ мондааст, ки дар он гуфта мешавад; «То худованди кутубро аз деҳқонон ва фарзонагон ва ҷаҳондидагон аз шаҳрҳо биёвард ва чокари ӯ Абӯмансур-ал-Муъаммарӣ ба фармони ӯ нома кард ва кас фиристод ба шаҳрҳои Хуросон ва ҳушёрон аз он ҷо биёвард, чун Моҳпири Хуросонӣ аз Ҳарӣ ва чун Яздони писари Шопур аз Систон ва чун Маҳуй (ё Шеҳуй)-и Хуршеди писари Баҳром аз Нишопур ва чун Шодони писари Барзин аз Тӯс ва ҳар чаҳорашон гирд кард ва биншонд ба фароз овардани ин номаҳои шоҳон ва корномаҳошон ва зиндагонии ҳар яке ва рӯзгори доду бедод ва ошӯбу ҷанг ва ойин аз Кайи нахустин, ки андар ӯ буд, ки ойини мардумӣ овард ва мардумон аз ҷонварон падид овард, то Яздгурди Шаҳрёр, ки охири мулуки Аҷам буд, андар моҳи муҳаррам ва сол бар сесаду чиҳилу шаш аз ҳиҷрат….ва инро ном «Шоҳнома» ниҳоданд».

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки қуллаи баландтарини достонҳои қаҳрамонист, дар асоси ин манбаъҳо навишта шудааст. Баъди Фирдавсӣ даҳҳо шоир ба он пайравӣ карда, достонҳо сурудаанд, ки машҳуртарини онҳо бешубҳа «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ мебошад.

Асадии Тӯсӣ барои таълифи асари мазкур баробари аз сарчашмаҳои эътимодбахши зикршуда истифода намудан,

аз маводи фаровони эҷодиёти даҳонакии халқ ва ғайра ҳатталимкон суд ҷуста, дар оғози достон менависад:

*Зи кирдори Гаршосп андар ҷаҳон*
*Яке нома буд ёдгор аз меҳон.*
*Пур аз донишу панди омӯзгор,*
*Ҳам аз рози чарху ҳам аз рӯзгор.*
*Зи фарҳангу найрангу доду ситам,*
*Зи хубию зиштию шодию ғам…*
*Ки чун хонӣ аз ҳар даре андаке,*
*Басе дониш афзояд аз ҳар яке.*

Аз ин маълум мегардад, ки Асадии Тӯсӣ пеш аз ҳама «зи кирдори Гаршосп» «яке нома» дар ихтиёр доштааст, ки дар заминаи муҳтавои он «Гаршоспнома»-ро ба назм овардааст.

Бояд гуфт, ки шоир маҳз барои офаридани симои Гаршосп ва паҳлавониҳои ӯ достони «Гаршоспнома»-ро эҷод накардааст. Агар ба мағзи «Гаршоспнома» назар андозем, мебинем, ки дар он Асадии Тӯсӣ бо офаридани образи Гаршоспу як қатор чеҳраҳои дигар, тасвири манзараҳо, истифодаи санъатҳои бадеӣ ва ғайра идеяи нигоҳ доштани давлати марказонидашуда, васфи шаъну шукӯҳи халқи худ ва шоҳи одилу хирадмандро пеш гузошта, онро бо макону замону вақт ва шаройити аҳди худ ҳамоҳанг сохтааст. Ғайр аз ин шоир дар достон баробари тасвири корнамоиҳои қаҳрамони асосӣ зимнан роҷеъ ба масоили зиёди иҷтимоию фалсафӣ, дар андарзу насиҳат, ахлоқу одоб, қимати сухану сухандонӣ, ситойиши хираду дониш ва ғайра даст зада, бо мазмунҳои баланду барҷаста як қатор фикру мулоҳизаҳои пурқимат баён намудааст, ки дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маърифатианд. Каломи ҳикматомези Асадӣ зимни воқеоти паҳлавонӣ ҷилваи махсусе дорад. Мураттиби чопи интиқодии «Гаршоспнома», адабиётшиноси эронӣ Ҳабиби Яғмоӣ дойир ба фикрҳои ҳикматомези достони мазкур барҳақ навишта буд:

«…«Гаршоспнома» танҳо манзумаи содаи якоҳанги дар вақоеъ ва афсонаҳои таърихӣ нест, балки назари гӯяндаи ҳакими он бештар ба парвардани дақоиқи адабӣ ва намудани луғати форсӣ ва баёни дастурҳои ахлоқиву тарбиявӣ ва иҷтимоист ва ба таҳқиқ сулси абёти ин манзума дар ҳикмату мавъиза ва ойини зиндагист, ки ҳеч кас аз он бениёз натавонад буд».

Дар ҳақиқат тавоноии сухан ва табъи нозуки Асадӣ дар тасвири баён, содагии гуфтор, диққату борикбинии ӯ дар мавридҳои пандгӯйӣ бойиси он гардида, ки «Гаршоспнома» манбаи суханони пурҳикмат ҳисоб ёбад. Шоир ба муҳимтарин масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, аз қабили ситойиши илму хирад, некиву некӯкорӣ, дӯстиву ростӣ, хислатҳои неку бади инсонӣ, зарари ҳирсу тамаъ ва майхӯрӣ, молу ҷаҳонпарастӣ, мукофоти амал ва амсоли инҳо дахл карда, бо суханони ширин ба ҳамзамонону баъдинагони худ панди зиндагонӣ додааст. Асадӣ дар саросари «Гаршоспнома» кӯшише ба харҷ расонидааст, ки суханаш равону бурро ва некӯ барояд, зеро ба ақидаи ӯ сухан пеш аз ҳама шараф ва мояи бузурги маънавиёти инсонист, ки ба туфайли он, яъне лафзи ҳақиқӣ ва некӯ, эҷодкор ҷовид хоҳад монд:

*Зи беҳтар сухан нест поядатар*
*В-аз ӯ хуштару дилфизояндатар.*
*Сухан ҳамчу ҷон, з-он нагардад куҳан,*
*Ки фарзанди ҷон аст ширин сухан.*

Асади Тӯсӣ аз шоиронест, ки дар мавқеи ҳимояи аҳли илму адаб истода, ганҷи донишро беҳтарин ганҷинаи дунё мешуморад:

*На серояд аз ганҷи дониш касе,*
*На кам гардад, ар з-ӯ бибахшад басе.*
*Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост?!*
*Киро ганҷи дониш бувад, подшост!*

Бинобар ин мавзӯи ситойишу тарғиби хирад, илму ирфон, донишу фарҳанг ва таъкиди аҳамияти он дар зиндагии инсон «Гаршоспнома»-ро мазмунан сергунҷоиш намуда, арзиши ғоявию тарбиявии онро афзудааст. Чунончи, шоир аҳамияти илму фарҳангро дар ҳаёти одамӣ муҳим дониста, онро мояи зиндагӣ, расонандаи ободию озодӣ, нигаҳдорандаи бадиҳо ва беҳтарин ганҷинаи шойгони ҷаҳонӣ ҳисобидааст:

*Мадон беҳ зи дониш яке хоста,*
*Ки н-ояд ҳаме аз диҳиш коста.*
*Равонро бувад мояи зиндагӣ*
*Расонад ба озодӣ аз бандагӣ.*

Ҳаким Асадӣ ба ақлу дониш ва доноёну бихрадон эътиқоди зиёде доштааст. Дар ин масъала ӯ бештар аз забони қаҳрамонони асараш Асрат, Гаршосп, Фаридун ва пири хирадманд омӯхтану аз бар намудани илму хирадро тарғиб менамояд ва чобукандешии доноёнро ситойиш мекунад.

Ҳатто худи шоир ҳам дар оғози достон таъкид месозад, ки ӯ асарашро бо нигини донишу хирад оростааст ва дар акси ҳол чунин як достони сара офариданаш ғайри имкон мегардид. Байтҳои зер, ки Асадӣ ба таври фахрия гуфтааст, ҷолиби диққат мебошанд:

*Бутистоне ороям аз хуш сухан,*
*Ки ҳаргиз нигораш нагардад куҳан.*
*Буташ аз хирад зодаю ҷони пок,*
*Зи дониш сиришта, на аз обу хок.*
*Бибофам яке дебаи шоҳвор*
*Зи маъниш рангу зи дониш нигор.*

Хираду дониш, аз назари Асадии Тӯсӣ, мушкилкушои ҳамаи гиреҳҳои зиндагии заминию осмонии башарият аст ва вай инсонро бо роҳи некӣ раҳсипор карда, барои расидан ба ҳар мақсад кумак менамояд, шахсро саодатманду дар назди мардум мӯътабар мегардонад. Ҳамин аст, ки Гаршоспи мусаннифи достон баробари паҳлавони бемонанд будан ва ҷаҳонгардию ҷаҳонгирӣ ҷаҳонпурсиро низ аз вазифаҳои муқаддаси худ мешуморад. Гаршосп аз онҳое, ки чароғи илму хирад дар даст доранд, тавассути пурсуҷӯ аз оламу одам, бунёди дунё, ахлоқи ҳамидаи инсон ва ғайраҳо дарси ҳаёт меомӯзад.

Ҳакими Тӯс манфиати хираду донишро дар ҳаёти ҷамъиятӣ дарк намуда, онро боиси рушду камоли инсон, кошифи асрор, мӯмиёи ақл, равшангари дил медонад. Дар асар шоир ҳар қадар ки дар ситойишу тарғиби илму хирад ва аҳамияти он дар тамоми давру замонҳо сухан ронад, ҳамон қадар бо нафрати бепоён ҷаҳолату нодониро маҳкум мекунад ва носозгории хирадмандону бехирадонро махсус таъкид менамояд:

*Ҳар он кас, ки нодону бе рою бун,*
*На дар кори ӯ суду на дар сухун.*
*Дарахтеш дон хушки бебаргу бар,*
*Ки ҷуз сӯхтанро нашояд дигар…*

*Зи доно сазад пурсишу ҷустуҷӯй,*
*Касе, к-ӯ надонад, напурсанд аз ӯй!*

❂ ❂ ❂

*Маҷӯед дониш зи бедонишон,*
*Ки нодон зи дониш надорад нишон!*

Дар достони «Гаршоспнома» порчаҳое ба назар мерасанд, ки дар онҳо шоир баробари накӯҳиши ҷаҳолату нодонӣ аз аҳли илму хирад ҳимоятчӯйӣ мекунад.

Ҳамин тавр, ситойишу тарғиби хираду дониши башарӣ ва яке аз воситаҳои асосии ҳалли мушкилоти инсонӣ дониста шуданашош дар достони «Гаршоспнома-и Асадии Тӯсӣ моро ба хулосае меорад, ки дар ҳаёти адабию фарҳангии асри XI ба монанди садаҳои IX-X ба мавзӯи илму дониш ва манфиати он дар ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти беандоза бузург дода шудааст.

Масъалаи некӯӣ ва некӯкорӣ, манфиатрасонӣ ба ҳамнавъон дар таълимоти ахлоқии арбобони адаби пешин аз мавзӯъҳои марказӣ буда, дар ҳамосаи «Гаршоспнома» ҳам мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд.

Шоир дар ин ҷода низ давомдиҳандаи суннатҳои беҳтарини гузаштагони худ аст ва ба андешаи вай инсон бояд дар ҳама кор некӣ карданро пеша созаду ба ин восита аз худ номи неке ёдгор гузорад.

Аз ин рӯ, Ҳаким Асадӣ ба ҳама панд медиҳад:

*Тан аз ганҷи динор мафкан ба ранҷ,*
*Зи некию номи накӯ соз ганҷ!*

Шоир манфиати ин хислати ҳасанаро дар ҳаёти одамӣ шинохта, қайд менамояд, ки на ҳар кас шарафёби некномӣ мегардад. Некном он аст, ки кирдору рафтори шойистаи ҷамъиятро дошта бошад:

*Накӯномӣ аз гетӣ онро сазост,*
*Ки кирдори ӯ хубу гуфтор рост.*

Асадӣ ба талқини некию некӯкорӣ мехоҳад хислатҳои бади инсониро рахна занад ва одамонро ба роҳи хайр раҳнамун шавад. Бадӣ кардан ҳама вақт аз дасти ҳар кас меояд, вале ҳамеша хубӣ кардан беҳтар аст:

*Бадӣ гарчи кардан тавон бо касе,*
*Чу некӣ кунӣ, беҳтар ояд басе.*

Ҳаким Асадӣ аз ҳамин нуқтаи назар некию некӯкориро хусусияти асосии инсон шуморида, онро мояи ифтихори одамият донистааст.

Муаллифи «Гаршоспнома» дар масъалаи дӯстӣ, шинохтани шахс ва муомила бо одамон бисёр эътибор медиҳад. Дӯстӣ аз ҳар фарди ҷамъият муомила ва муносибати дӯстона, вафо ва садоқатро тақозо дорад. Шоир таъкид менамояд, ки шартҳои дӯстию рафоқатро бояд пос дошт, дар ғайри он аз ӯҳдаи дӯстӣ баромадан имконнопазир аст. Ӯ на ҳар касро сазовори дӯст шуморидан медонад. Дӯст он аст, ки шарики ғаму шодӣ бошад ва дар дӯстӣ муҳаббати беғаразонаи тарафайн эҳсос карда шавад:

*Ғами он касе хӯрдан ойин бувад,*
*Ки ӯ дар ғамат низ ғамгин бувад.*

Дӯстро интихоб намудану бо он аҳду паймони дӯстӣ бастан саҳл нест:

*Ба сад сол як дӯст ояд ба даст,*
*Ба як рӯз душман тавон кард шаст.*

Дар миёни масъалаҳои иҷтимоию ахлоқии дар достон инъикосгардида масъалаи мукофоти амал низ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Асадӣ аз нигоҳи ҳақиқату адолат ба муқобили рафтору кирдорҳои номуносиби инсонӣ баромада беҷазо намондани ҳама гуна амали бадро хотирнишон мекунад. Байти зерро ҳамчун фикри ҷамъбастии шоир дар масъалаи мазбур метавон мисол овард:

*Маяндоз санги гарон аз барат,*
*Ки чун боз гардад, фитад бар сарат.*

Муаллиф дар достон ҳамчун ҳакими хирадманд ва донандаи пастию баландиҳои зиндагӣ аз забони персонажҳои гуногуни асараш дойир ба аҳамияти панду насиҳат як қатор андешаҳои пурқимат баён намудааст. Шоир на ҳамаро лоиқи панд додан медонад. Онҳое, ки аз ақл бегона, бадмаст,

худношинос ва ғайраанд, андарз доданро раво намедонаду вақти худро ба ин тойифа зоеъ намедорад:

*Ба масту ба девона мадҳед панд,*
*Махандед бар пиру бар дардманд.*

Дар «Гаршоспнома» ба талқини меҳнатдӯстию ҳунарварӣ низ бо байту порчаҳои алоҳидаи самимӣ дучор меоем, ки Ҳаким Асадӣ онҳоро гоҳе аз номи симоҳои достон ва гоҳе аз номи худ баён кардааст. Шоир хушӣ, осудагӣ ва сарчашмаи таъмини зиндагиро аз меҳнатдӯстӣ медонад. Ӯ мақоли халқии «Бе ранҷ ганҷ муяссар намешавад»-ро дар ин масъала бамаврид ва дар ҷояш истифода намуда, ба таври зайл мегӯяд:

*Нашояд беҳӣ ёфт бе ранҷу бим,*
*Ки бе ранҷ кас н-орад аз санг сим.*

Ҳаким Асадии Тӯсӣ дар асари худ боз ба масоили муҳимми ҳаёту зиндагонии инсонӣ, аз қабили ростию росткорӣ, нодонию ҷоҳилӣ, сабуксарӣ, тарсую буздилӣ, ҳадди худро дар зиндагӣ донистан, таҷриба омӯхтан, муносибатҳои волидайн бо фарзанд, адибу адабиёт, авфу узр, феълу атвор, одоби сухан, рашку ҳасад, ғаму шодӣ, қаҳру ғазаб ва ситеза, андешаю тадбир, афсӯсу пушаймонӣ, ҳавову ҳавас, давлату давлатдорӣ ва ғайра бисёр мулоҳизаҳои ҷолиби диққат баён намудааст, ки хонандаи зираку ҳассос дар вақти мутолиаи достон на як бору ду бор бо онҳо дучор меояд. Шоир аз адибонест, ки баробари аз эҷодиёти дорову рангини гузаштагон баҳраҳо бардоштан бо андешаҳои ҳикматомези хеш байни ояндагон таъсиру нуфузе доштааст. Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ барин худовандони сухан дар эҷоди осори бадеии баландовозаи худ аз «Гаршоспнома» ба ин ё он муносибат хӯшае чида, маъонии бикру ҳаётии онро батакрор мавриди истифода қарор додаанд. Ба ақидаи аллома Шиблии Нӯъмонӣ, гӯё Низомии Ганҷавӣ дар вақти таълифи «Искандарнома» «Гаршоспнома»-ро дар рӯ ба рӯи худ дошта будааст.

Мисоли дигар, Ҳаким Асадӣ дар достон овардааст:

*Ба гетӣ ба ҷуз дасти некӣ мабар,*
*Ки ояд яке рӯз некӣ ба бар.*

Ба ҳамин маънию мазмун ва вазни шеърӣ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ мефармояд:

*Ба гетӣ мазан ҷуз ба некӣ нафас,*
*Ки ин аст ойини некону бас.*

Аз ин ҷост, ки маҳорати фавқулода баланд доштан дар ҷодаи шоирӣ, тавоноии сухан ва табъи равони Асадии Тӯсӣ дар эҷоди «Гаршоспнома», содагии гуфтор, дақиқу борикбинии лаҳазоти мухталифи зиндагӣ дар бобати баёни мулоҳизаҳои иҷтимоӣ пандгӯӣ сабабгори он шудаанд, ки достон манбаи беназири андешаҳои ҳакимона ва насиҳатомез дониста шавад.

Роҷеъ ба забон ва услуби адабӣ-бадеии «Гаршоспнома» мухтасаран ҳаминро метавон гуфт, ки Асадӣ ҳангоми таълифи он баробари пурраву ҳамаҷониба риоя намудани хатти сужет ва сохту устухонбандии он дар масъалаи услуби баёну оройиши забони достон низ маҳорати баланди шоирӣ ва тозахаёлию нозукбинии худро ҷилвагар сохтааст. Яке аз сабабҳои шӯҳрати босазои ин достон ҳам нисбат ба достонҳои дигаре, ки дар пайравии «Шоҳнома» гуфта шудаанд, пеш аз ҳама дар шеваи нигориши он мебошад. Ба ҳамин маънӣ Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV) гуфта буд: «...Дар маҷмӯаҳо сухани ӯ мастур аст... ва аз тарзи каломи ӯ маълум мешавад, ки марде фозил буда».

Адабиётшиноси эронӣ Бадеъуззамони Фурӯзонфар низ аз достони баландмазмун будани «Гаршоспнома» ёд мекунад ва бо як эҳсоси баланде ойид ба сабки нигориши он сухан меронад: «Ин сабки тоза...таъби гӯяндаро бар ибдоъи афкор ва ихтироъи таркибот мерасонад ва Асадиро дар сафи гӯяндагони бузургу устодони баландмартаба қарор медиҳад». Зеро дар «Гаршоспнома» таҳкими аркони шеър, рангину ғанӣ будани забон, содабаёнӣ, пухтаю бамаврид истифода намудани санъатҳои бадеӣ бо устодӣ таъвам идома ёфта, аз баландии мақоми сухани Асадӣ гувоҳӣ медиҳад. Шоири сухандону сухансанҷ каломи худро тавре оро медиҳад, ки хонанда ҳодисаю воқеа, ахлоқ ва рафтору кирдори қаҳрамонону персонажҳоро бе ҳеч як душворӣ дида тавонад ва аз онҳо барояш хулосаҳои даркорӣ барорад. Аз ин рӯ, ба воситаи устокорона истифода намудани тавсиф, ташбеҳ ва навъҳои он, истиора ва хелҳои он, ташхис, муболиға, таҷнис,

тазмин, тазоду муқобила барин санъатҳои бадеии маъмулу маъруф суханро ҳусну зеб, мазмунро баланду барҷаста, маъниро пурраву амиқ, матлабро равшану возеҳ, таркибу ибораҳоро хушоҳанг ифода карда, ба ин восита таъсири эмосионалии шеърро қавитар гардондааст. Забони достон аз оройишҳои сарпеч, муғлақ ва мушкилфаҳм озод буда, муаллифи он то ҳадде анъанаҳои шеърнависии устодони худ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва дигаронро дар асараш нигоҳ дошта тавонистааст.

«Гаршоспнома»-и Ҳаким Асадии Тӯсӣ соли 1317 ҳиҷрӣ (1938 мелодӣ) дар Теҳрон бо кӯшиши Ҳабиби Яғмоӣ ба табъ расида, Ҳанри Массе соли 1953 тарҷумаи франсавии онро интишор дод. Дар «Гулшани адаб» (ҷилди аввал, Душанбе, 1975) намунае чанд аз бобҳои алоҳидаи «Гаршоспнома» ба чоп расидааст.

Достон дар асоси матни чопи Теҳрон таҳия ва танзим гардида, ҳатталимкон кӯшиш намудем, ки хонандагони гиромӣ матни пурраи «Гаршоспнома»-ро дар ихтиёр дошта бошанд. Бояд гуфт, ки дар матни истифодашуда баъзан норасоиҳои вазну қофия ба назар мерасад. Аз сабаби он ки мо матни дигари достонро зери даст надоштему онро дар муқоиса омода кардан натавонистем, алҳол дар ҳамон шакл, бетаҳрир мондем ва барои ин аз хонандагон узр мепурсем. Шарҳи калимоту ибороте, ки душвортар менамуд, дар қисмати луғату тавзеҳот дар охири матн оварда шуд.

Ниҳоят, заҳмати бевоситаи донишмандони зиндаёд Аълохон Афсаҳзод, Абӯбакр Зуҳуриддинов, ҳамкоронам Мубашшир Акбарзод ва Баҳриддин Мирзоевро, ки дар кори таҳияи матн иштироки бевосита доштанд, мояи ифтихор мешуморам.

***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ***

# ГАРШОСПНОМА

## ТАВҲИД

Сипос аз Худо – Эзиди раҳнамой,
Ки аз «коф»-у «нун» кард гетӣ ба пой.
Яке, к-аш на озу на анбоз буд,
На анҷом бошад, на оғоз буд.
Тани зиндаро дар ҷаҳон ҷой аз ӯст,
Хуми чархи гарданда бар пой аз ӯст.
Аз он пеш, к-овард гетӣ падид,
Ҳама, ҳар чӣ буд, хост, донисту дид:
Зи гардун шитобу зи ҳомун даранг,
Зи дарё бухору зи хуршед ранг.
Падид оварад неку бад, хубу зишт,
Равон доду тан карду рӯзӣ навишт.
Чунон сохт ҳар чиз б-андози хеш,
К-аз он сохтан кам наёмад, на беш.
Чи торӣ, чи равшан, чи боло, чи паст,
Нишон аст бар ҳастияш, ҳар чӣ ҳаст.
На ҷойе тиҳӣ гуфтан аз вай равост,
На дидор кардан тавон, к-ӯ куҷост.
Мадон аз ситора бе ӯ ҳеч чиз,
На аз чарху н-аз чор гавҳар баниз,
Ки ҳастанд чарху замон роми ӯ,
Наҷӯяд ситора магар коми ӯ.
Нигорӣ куҷо гавҳар орад ҳаме,
Набошад ҷуз он, к-ӯ нигорад ҳаме.
Ба кораш-дарун нест чуну чаро,
Напурсанд аз ӯ, ӯ бипурсад зи мо.
На аз баҳри ҷой аст бар арш рост,
Ҷуз он аст, к-аз бар-ш фармонравост.
Бузургиш н-ояд ба ваҳм андарун,
На андеша бишносад ӯро, ки чун.
Набуд чиз аз оғоз, ӯ буду бас,
Намонад ҳам эдун ҷуз ӯ ҳеч кас.
Чунон чун мар ӯро касе ёр нест,
Чу кирдори ӯ ҳеч кирдор нест.
Ҳама бандагонем дар банди ӯй,
Хунук он, ки дорад раҳи панди ӯй.

## 1. ДАР НАЪТИ НАБӢ АЛАҲИССАЛОМ

Сано бод бар ҷони пайғамбараш,
Муҳаммад-фиристодаву раҳбараш,
Ки буд бар дари дини Яздон калид,
Ҷаҳон яксар аз баҳри ӯ шуд падид.

Бад-ӯ дод додор пайғоми хеш,
Бипайваст бо номи ӯ номи хеш.
Зи пайғамбарон ӯ пасин буд дуруст,
Валек ӯ шавад зинда з-эшон нахуст.
Яке тан ваю халқ чандин ҳазор,
Бурун омаду кард дин ошкор.
Бибурд аз ҳама гӯйи пайғамбарӣ,
Ки бо ӯ касеро набуд бартарӣ.
Хабар з-он чи бигзашт ё буд, хост,
Зи кас ношунида ҳама гуфт рост.
Ба як чашмзад аз дили санги сахт
Ба мӯъҷиз баровард навбар дарахт.
Дили дунйӣ аз дев бебим кард,
Маҳи осмонро ба ду ним кард.
Зи ҳомун ба чархи барин шуд савор,
Сухан гуфт бар арш бо Кирдгор.
Гаҳи растахез оби Кавсар варост,
Ливову шафоъат саросар варост.
Мар андомаш Эзид якояк ситуд,
Ҳунарҳо-шро бар ҳунар барфузуд.
Варо буд ба меъроҷ рафтан зи ҷой,
Ба як шаб шудан гирди ҳар ду сарой.
Маҳ аз ҳар фаришта будаш пойгоҳ,
Буд аз қобақавсайн ба Яздон-ш роҳ.
Сирофил ҳамрозашу ҳамнишаст,
Бурок аспу Ҷабрил фармонпараст.
Ҳам эдун-ш бар соқи арш аст ном,
Набӣ, мӯъҷиз ӯро зи Эзид паём.
Ба чандин бузургӣ ҷаҳондори рост
Бад-ӯ дод пок ин ҷаҳон, ӯ нахост.
Намуд, он чи бойист бар хубу зишт,
Раҳи дӯзаху роҳи хуррам биҳишт.
Чунон кард динро ба шамшери тез,
Ки ҳазён бувад беш то растахез.
Зи Яздону аз мо ҳазорон дуруд,
Мар ӯрову ёрон-шро барфузуд.

## 2. ДАР СИТОЙИШИ ДИН

Дил аз дин нашояд, ки вайрон бувад,
Ки вайронзамин ҷойи девон бувад.
Нигаҳ дор дин ошкору ниҳон,
Ки дин аст бунёди ҳар ду ҷаҳон.
Паноҳи равон аст дин аз ниҳод,
Калиди биҳишту тарозуи дод.

Дари растагорӣ варо аз Худой
Раҳи тавбаву тӯшаи он сарой.
Зи дев эзидӣ в-аз фаришта навид,
Зи дӯзах гудозу зи фирдавс умед.
Раҳонанда рӯзи шумор аз гудоз,
Диҳанда ба пулли чанивад ҷувоз.
Чароғест дар пеши чашми хирад,
Ки дил раҳ ба нураш ба Яздон барад.
Равонрост нав ҳуллае аз биҳишт,
Ки ҳаргиз на фарсуда гардад, на зишт.
Раҳи дин барад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дахр он дарояд, ки коно бувад.
Ҷаҳонро на бар беҳуда кардаанд,
Туро н-аз пайи бозӣ овардаанд!
Суханҳои Эзид набошад газоф,
Раҳи дахриён дур бифкан, малоф!
Бидон, к-аз чӣ буд, к-ин ҷаҳон офарид,
Ҳамон чун шабу рӯз кардаш падид.
Чаро боз тира кунад Моҳу Тир,
Замин дарнавардад чу нома дабир.
Дами сур бишносу ангехтан,
Равонҳо ба танҳо баромехтан.
Ҳамон куштану марг рӯзи шумор,
Заминро, ки созад бадал Кирдгор.
Замон чист? Бингар! Чаро сол гашт?
Алиф нуқта чун буду чун дол гашт!
Тану ҷон чаро созгор омаданд?
Чӣ афтод, то ҳар ду ёр омаданд?
Ҳама ҳаст дар дину з-ин сон бас аст,
Валек огаҳ аз розашон кам кас аст.
Агар кажжу гар рост пӯяндаанд,
Ҳама кас раҳи рост ҷӯяндаанд.
Валекин дуруст овуридан ба ҷой
Мар онро намояд, ки хоҳад Худой.
Раҳи дин ба пой ор, худ чун сазост,
Ки гетӣ бад-ин офаридаст рост.
Ҳама гетӣ аз дев пурлашкаранд,
Ситамгортар ҳар як аз дигаранд.
Агар нестӣ бандашон доду дин,
Рабудӣ ҳаме ин аз он, он аз ин.
Ба Яздон ба дин раҳ тавон ёфтан,
Ки куфр аст аз Ӯ рӯй бартофтан.
Баду некро ҳар ду подошан аст,
Хунук он, ки ҷон-ш аз хирад равшан аст.

Аз ин пас паямбар набошад дигар,
Ба охирзамон Маҳдӣ ояд бадар.
Бигирад хату номаи Кирдгор.
Кунад рози пайғамбарон ошкор.
Зи кӯчак ҷаҳон рози дини бузург
Кушояд, хӯрад об бо меш гург.
Бидорад ҷаҳон бар яке дини пок,
Барорад зи Даҷҷолу хайлаш ҳалок.
Ҳамон об гӯянд, к-ояд падид,
Дари тавбаро гум бибошад калид.
Расад з-осмон ҳар паямбар фароз,
Шаванд аз пайи Маҳдӣ андар намоз.
Суйи Ховар ояд падид офтоб,
Ҳам оташ кунад ҷӯши тӯфон чу об.
Аз он пас шигифти дигар гунагун
Бас афтад, ҷаҳондор донад, ки чун.
Ту, он-ч аз паямбар расидат ба гӯш,
Ба фармон ба ҷой ору онро бикӯш.
Бар аспи гумон аз раҳи бешу кам
Машав, к-ат ба дӯзах барад бофдам.
Ба даст овар аз Оби Ҳайвон нишон,
Бихур з-ӯву пас шод зӣ ҷовидон.
Сари ҳар ду раҳ рост кун – чаппу рост,
Аз он тарс, к-он ҷо ниҳебу балост.
В-аз он бонг, к-ояд дар он раҳгузор,
Ки раҳ дин мар инрову онро бидор.
Бишин рост бо ҳар касу рост хез,
Магар раста гардӣ гаҳи растахез.

## 3.ДАР НАКӮҲИДАНИ ҶАҲОН

Ҷаҳон, ай шигифтӣ, ба мардум накӯст,
Чу бинӣ, ҳама дарди мардум аз ӯст.
Яке панҷрӯза биҳишт аст зишт,
Чӣ нозӣ бад-ин панҷрӯза биҳишт?
Ситонанда чобукрабоест зуд,
Ки натвон ситад боз, ҳар-ч ӯ рабуд.
Сароест, бар вай гушода ду дар,
Яке омаданро, шудан з-он бадар.
На он, к-ояд эдар, бимонад дароз,
На онро, ки рафт, омадан ҳаст боз.
Чу хонест бар раҳ, ки ҳар кас зи пеш
Шавад зуд, чун хӯрд аз ӯ баҳри хеш.
Буте ҳаст, гӯё миён-ш Аҳриман,
Фиребанда дилҳо ба ширин сухан.

Ҳар он к-аш парастад, бувад бутпараст,
Чи бо ӯ, чи бо дев дорад нишаст.
Чи чобукдаст аст бозисигол,
Ки дар парда донад намудан хаёл.
Ду парда бад-ин гунбади лоҷвард
Бибандад ҳаме; гаҳ сияҳ, гоҳ зард.
Ба бозӣ ҳаме з-ин ду парда бурун
Хаёл орад аз ҷонвари гунагун.
Буте шуд тан аз рашку ҷонаш зи оз,
Ду даст аз умеду ду пой аз ниёз.
Дил аз бевафоиву табъ аз ниҳеб,
Рухон аз шикасту забон аз фиреб.
Ду гуна ҳаме дам занад солу моҳ,
Яке дам сапеду яке дам сиёҳ.
Бар ин ҳар ду дам, к-ӯ барорад ҳаме,
Якояк дами мо шуморад ҳаме.
Агар солиён аз ҳазорон фузун
Дар ӯ хуррамиҳо кунӣ гунагун,
Ба боғе дудар монад, ар бингарӣ,
К-аз ин дар дарой в-аз он бигзарӣ.
Бар ӯ ҷуз накӯҳиш сазовор нест,
Ки он-к офаридаш, сабукбор нест.
Кунун чун шунидӣ, бад-ӯ дил мабанд,
В-агар дил бибандӣ, шавӣ дар газанд.

## 4. ДАР СИФАТИ ОСМОН

Чу дарёст ин гунбади нилгун,
Замин чун ҷазира миён-андарун.
Шабу рӯз бар вай чу ду мавҷбор,
Яке мавҷ аз ӯ зарду дигар чу қор.
Чу бар рӯйи майдони пирӯзаранг
Ду ҷангӣ савор; ин зи Рум, он зи Занг;
Яке аз бари хинги зарринҷиноғ,
Яке бар наванде сияҳтар зи зоғ.
Яке охта теғи заррин зи бар,
Яке бар сар оварда симин сипар.
Ҷаҳон ҳамлагаҳ карда тозанда тез,
Гаҳ андар дарангу гаҳ андар гурез.
Намояд гаҳе румӣ аз бим пушт
Гурезону он зард ханҷар ба мушт.
Гаҳе ояд он зангии тохта,
Зи симин сипар ниме андохта.

Дугуна-ст аз аспонашон гарди хушк,
Яке ҳамчу кофуру дигар чу мушк.
Зи гарди дуранг аспи эшон ба роҳ,
Сапед аст гаҳ мӯю гоҳе сиёҳ.
На ҳаргиз бувад-шон ба ҳам сохтан,
На осойиш оранд аз тохтан.
Касеро, ки созанд бо ҷон газанд,
Бикӯбандаш аз зери пойи наванд.
Таковар таконанд ҳар ду чу бод,
Саворон чӣ бар ғам аз эшон чӣ шод.

## 5. ДАР СИФАТИ ТАБОЕЪИ ЧАҲОРГОНА

Гуҳарҳои гетӣ ба кор андаранд,
Зи гардун ба гардонҳисор андаранд.
Ба тақдири Яздон шудан коргар
Чу занҷир пайваста дар якдигар.
Чаҳоранд, лекин ҳаме з-ин чаҳор
Нигор ояд аз гунагун сад ҳазор.
Ба ҳар як-дарун аз ҳунар дастбурд,
Падид аст чандон, ки натвон шумурд.
Валекин чу кардӣ хирад раҳнамун,
Ситойиш заминрост з-эшон фузун.
Раҳи рӯзӣ аз осмон андар аст,
Валекин замин роҳи ӯро дар аст.
Шаб аз сояи ӯст, к-аз ҳар карон
Бибинӣ аз ӯ бар сипеҳр ахтарон.
Бузургону пайғамбарони Худой
Ҳама бар замин доштастанд ҷой.
Ҳар он саҳф, к-аз Эзид овардаанд,
Бар ӯ буд ҳар дин, ки густардаанд.
Ҳам аз обу оташ, ҳам аз бод низ
Бадал бар заминрост то растахез.
Замин аст чун модаре меҳрҷӯй,
Ҳама рустаниҳо чу пистони ӯй.
Бача гунагун, халқ чандин ҳазор,
Ки-шон парваронад ҳаме дар канор!
Замин ҷойи ороми ҳар одамист,
Ҳамон хонаи Кирдгор аз замист.
Бисоти Худой аст, ҳар гаҳ ба роз,
Бар ӯ шуд тавон назди Яздон фароз.
Ҳам ӯ қиблаи ҳар фаришта-ст рост,
Бидон, к-аз гилаш буд Одам, чу хост.

Гуҳарҳои конӣ вай орад ҳаме,
Ҷаҳон ҳам бад-ӯ низ дорад ҳаме.
Замин ҳаст ҳар ҷонварро паноҳ,
Тани зиндаву мурдаро ҷойгоҳ.
Ҳам ӯ бурдбор аст, к-аз ҳар касе
Кашад бор, агарчанд бораш басе.
Замин омад аз ахтарон баҳраманд,
Ҳам аз ҳар се аркон зи чархи баланд.
Ҳам ӯ арсагоҳест шебу фароз,
Муаллақ ҷаҳонбон-ш густарда боз.
Зи ҳар гуна нав ҷонвар сад ҳазор,
Кунад арз Яздон дар ин арсазор.
Чу ҷойи намоз аст, гаштаст паст,
Ҳама дар намоз аз бараш, ҳар чӣ ҳаст.
Аз ӯ рост мардум, дуто чорпой,
Нагун рустанӣ, ки нишаста ба ҷой.
Ҳамон ахтарон аз фалак ҳамчунин,
Ҳама соҷидонанд сар бар замин.
Ҳаво в-оташу об ҳар як ҷудост,
Замин ҳар чаҳоранд, якҷой рост.
Наёбӣ нишони вай аз ҳар сешон
В-аз эшон дар ӯ боз ёбӣ нишон.
Заминро ба бахшандагӣ ёр нест,
Чунон низ доранда зинҳор нест.
Гар аз тухм ҳар чи-ш диҳӣ, зинҳор,
Якеро бадал боз ёбӣ ҳазор.
Чу хонест, к-орад бар ӯ ҳар замон
Беандоза мардум ҳаме меҳмон.
На ҳаргиз хуришҳо-ш буррад зи ҳам,
На меҳмон-шро гардад анбӯҳ кам.
Замин қиблаи номвар Мустафост,
Аз ӯ рӯй баргоштан норавост.
Гар оташ беҳ омад бари муғ, чӣ бок,
Аз оташ буд Иблису Одам зи хок.
Бибин: з-ин ду тан беҳ кадомин кас аст,
Ҳамон з-ин ду беҳтар нишон ин бас аст.
Замин аст ганҷи Худои ҷаҳон,
Ҳамон аз замин аст фахри шаҳон.
Парастандаи ӯ Маҳу Офтоб,
Ҳам эдун фалак з-оташу боду об.
Раҳивор гирдаш давон камму беш,
Чу шоҳе вай армида бар ҷойи хеш.
Ҳам эдун тамузу даяш чокар аст,
Баҳораш машота, хазон заргар аст.

Зи зарру гуҳар ин нисор оварад,
Зи дебо ҳаме он нигор оварад.
Яке заррбафташ диҳад хусравӣ,
Яке шораҳо бофадаш ҳиндувӣ.
Ҳамаш ошиқ аст абр бо дарду рашк,
К-аш аз дида ҳазмон бишӯяд ба ашк.
Гаҳе соқиву кордонаш бувад,
Гаҳе чатру гаҳ соябонаш бувад.
Замин, чун-ш мардум набошад, гум аст,
Заминро парастанда ҳам мардум аст.
Хуру пӯшиши тан-шро з-ӯст чиз,
Ҳам Эзид аз ӯ офаридаст низ.
Ҳаме аз замин бошад омехтан
В-аз ӯ буд хоҳад барангехтан.
Аз ин чор аркон, ки дорӣ ба ном,
Бибин, к-ин ҳунарҳо ҷуз ӯро кадом?

## 6. ДАР СИТОЙИШИ МАРДУМ

Кунун з-ин пас аз мардум орам сухун,
Ки гетӣ тамом ӯст з-оғозу бун.
Ба гетӣ-дарун ҷонвар гунагун
Басанд аз гумон в-аз шумурдан фузун.
Валек аз ҳама мардум омад писанд,
Ки мардум кушод-асту эшон ба банд.
Хирад ҷонваре беҳ зи мардум надид,
Ки мардум тавонад ба Яздон расид.
Замин Эзид аз мардум ороставаст,
Ҷаҳон кардан аз баҳри ӯ хостаст.
Ба мардум фиристод пайғоми хеш,
Зи гетӣ варо хонд ҳамноми хеш.
Бад-ӯ дод шоҳӣ зи рӯйи ҳунар,
Бад-ин бекарон гунагун ҷонвар.
Ки гар куштан, ар кораш ояд ҳаво,
Бад-эшон кунад, ҳар чӣ бошад раво.
Зи мардум бад-он ростӣ хостаст,
Ки ҳар ҷонвар кажжу ӯ рост аст.
Ҳама некуйиҳо ба мардум накӯст,
Зи Яздон тамом офариниш бад-ӯст.
Сипеҳрест нав, пурситора ба пой,
Ҷаҳонест кӯчак, раванда зи ҷой.
Чу ганҷест дар хубтарпайкарӣ,
Дар ӯ эзидӣ гавҳар аз ҳар даре.

Мар ин ганҷро ҳар кӣ ёбад калид,
Дари рози Яздонаш ояд падид.
Бибинад зи андак сиришт обу хок,
Ду гетӣ нигорида Яздони пок.
Яке дидани рӯю фарсуданӣ,
Ниҳон дигару ҷовидон буданӣ.
Дилатро ҳаме гар шигифт ояд ин,
Ба чашми хирад хештанро бибин.
Танат ойина созу ҳар ду ҷаҳон
Бибин андар ӯ ошкору ниҳон.
Ҳар олат, ки бояд, бидодаст низ,
Баҳона бар Эзид намондаст чиз.
Яке мӯй аз ин кам набояд ҳаме
В-агар бошад, афзун нашояд ҳаме.
Гар аз мо будӣ хоҳиш оростан,
Кӣ донистӣ аз вай чунин хостан.
Бар он офарин кун, ки ин кори ӯст,
Накӯтар зи ҳар чиз кирдори ӯст.
Бибину бидон, к-аз куҷо омадӣ,
Куҷо рафт бояд, чу з-эдар шудӣ.
Чаро ин паёму нишон аз Худой,
Чӣ бояст чандин раҳу раҳнамой.
Ҳама бо ту аст, ар биҷӯйӣ-ш боз,
Набояд касе, то кушояд-т роз.
Аз ин беш чизе наёрам-т гуфт,
Бас ин, гар дилат бо хирад ҳаст ҷуфт.

## 7. ДАР СИФАТИ ҶОНУ ТАН

Чунин дон, ки ҷон бартарин гавҳар аст,
На з-ин гетӣ, аз гетии дигар аст.
Дурафшанда шамъест ин ҷони пок,
Фитода дар ин жарфҷойи магок.
Яке нури бунёди тобандагӣ,
Падидори бедорию зиндагӣ.
На оромҷӯю на ҷунбишпазир,
На аз ҷой беруну на ҷойгир.
Сипеҳри замин бастаи банди ӯст,
Ҷаҳон истода ба пайванди ӯст.
Ниҳон аз нигор аст, лек ошкор
Ҳаме баргирад гуна-гуна нигор.
Кунад дар ниҳон, ҳар чӣ рой оядаш,
Расад безамон, ҳар куҷо шоядаш.

Бибинад - ту дидан варо рӯй нест,
Кашад кӯҳу ҳамсанги як мӯй нест.
Тан ӯро ба кирдори ҷома-ст рост,
Ки гар бифканад в-ар бипӯшад, равост.
Ба ҷон бин гиромӣ тани хештан,
Чу ҷома, ки бошад гиромӣ ба тан.
Танат хонае дон ба боғе - дарун,
Чароғаш–равон, зиндагонӣ–сутун.
Фурӯҳишта з-ин хона занҷир чор,
Чароғ андар ӯ баста қандилвор.
Ҳар он гаҳ, ки занҷир шуд сустбанд,
Зи ҳар гӯша ногаҳ бихезад газанд.
Шавад хона вайрону пажмурда боғ,
Бияфтад сутуну бимирад чароғ.
Аз он пас чу пайкар ба гавҳар супурд,
Ҳамон пешаш ояд, к-аз эдар бибурд.
Чу дарёст гетӣ, тан ӯро канор,
Бар ин жарфдарёст ҷонро гузор.
Ба рафтан раҳаш нест зӣ ҷойи хеш,
Магар киштиву тӯша создад зи пеш.
Ту киштиш дину диҳиш тӯша дон,
Раҳи рост-боду хирад-бодбон.
В-агарна бад-он сар надонад расид,
Дар ин жарфдарё шавад нопадид.
Гарат ҷон гиромист, пас, дод кун,
Зи Яздону бодафраҳаш ёд кун.
Зи ту ҳар чӣ натвонӣ, Эзид нахост,
Ту он кун, ки фармудат аз роҳи рост.
Мапиндор ҷонро, ки гардад начиз,
Ки ҳаргиз начиз ӯ нагардад баниз.
Табоҳӣ ба чизе расад ногузир,
Ки бошад ба гавҳар табоҳипазир.
Сухангӯйи ҷон ҷовидон буданист,
Нагирад табоҳӣ, на фарсуданист.
Аз ин ду бурун несташ сарнавишт,
Агар дӯзахи ҷовидон, гар биҳишт.

## 8. ДАР САБАБИ ГУФТАНИ ҚИССА

Яке кор ҷустам ҳаме арҷманд,
Ки номам шавад з-ӯ ба гетӣ баланд.
Агар номаи рафтанамро навид
Диҳанд ин ду пайки сиёҳу сапед,

Ба рафтан бувад хуш дили шоди ман,
Ба некӣ кунад ҳар касе ёди ман.
Меҳе буд сари доду бунёди дин,
Гаронмоя дастури шоҳи замин.
Муҳаммад маҳи ҷуди чархи ҳунар,
Симоъили ҳуссо мар ӯро падар.
Раде донишорои яздонпараст,
Заминҳилму дарёдилу роддаст.
Зи чархи равон то бари тира хок,
Чиву чуни гетӣ бидониста пок.
Хуйи неку хубиву фарзонагӣ,
Раҳи родиву ройи мардонагӣ.
Накӯбахтиву донишу килку теғ
Худо ҳеч нодошта з-ӯ дареғ.
Бародар-ш воло Бироҳими род,
Гузини ҷаҳон, гурди меҳтарнажод.
Ханида ба килку ситуда ба тир
Бад-ин ганҷбахшу бад-он шаҳргир.
Ду парвардаи шоҳи бадхоҳсӯз,
Яке додварзу яке динфурӯз.
Ҷаҳонро чу ду дидаи рӯзгор,
Замонро чу ду даст фармонгузор.
Зи ҳар кас фузун ҷоҳашон назди шоҳ,
Гузашта дирафши меҳишон зи моҳ.
Ба бигмоз як рӯз наздики хеш
Маро ҳар ду меҳтар нишонданд пеш.
Басе ёди номи некӯ ронда шуд,
Басе дафтари бостон хонда шуд.
Зи ҳар гуна ройе фиганданд бун,
Пас он гаҳ кушоданд банди сухун,
Ки Фирдавсии Тӯсии покмағз
Бидодаст доди суханҳои нағз.
Ба «Шаҳнома» гетӣ биёростаст,
Бад-он нома номи накӯ хостаст.
Ту ҳамшаҳрӣ ӯрову ҳампешаӣ.
Ҳам андар сухан чобукандешаӣ.
Бад-он ҳамраҳ аз номаи бостон
Ба шеър ор хуррам яке достон.
Басо номдорон, ки бурданд ранҷ,
Ниҳонӣ ниҳоданд ҳар ҷой ганҷ.
Саранҷом рафтанду бигзоштанд,
На з-эшон касе баҳра бардоштанд.
Ту з-ин достон ганҷе андар ҷаҳон
Бимонӣ, ки ҳаргиз нагардад ниҳон.

Ҳамаш ҳар касе ёбад аз одамӣ,
Ҳам аз баргирифтан нагирад камӣ.
Ба вай монда фарзанд эдар ба ҷой,
Ки ҳамвора ному ту монад ба пой.
Зи дониш яке боғи хуррам ниҳӣ,
Ки аз мева ҳаргиз нагардад тиҳӣ.
Ҷаҳон ҷовидона намонад ба кас,
Беҳин чиз аз ӯ нек ном асту бас.
Кунун кони ёқуту дониш бикан,
Зи дарёи андеша дур дарфикан.
Хирад оташи тезу дил бӯта соз,
Сухан зар куну пок бар ҳам гудоз.
Пас ин зарру ин гавҳарон бор кун,
Дар ин ганҷ якбора анбор кун.
Зи кас ёди ин ганҷ бар дил маёр,
Ҷуз аз шоҳи арронии шаҳрёр,
Маҷӯй андар ин кор ҷуз коми ӯй,
Манеҳ мӯҳр бар вай ба ҷуз номи ӯй.,
Ки то ҷойгаҳ ёфтӣ Нахҷувон,
Бад-ин шоҳ шуд бахти пират ҷавон.

## 9. ДАР СИТОЙИШИ ШОҲ БӮДУЛАФ

Кунун з-абри дарёи маънӣ гуҳар
Биборам, гули дониш орам ба бар.
Физоям зи ҷон офарин шоҳро,
Ки зебост мар хусравӣ  гоҳро.
Шаҳи арману пушти эрониён,
Маҳи тозиён, тоҷи шайбониён.
Малик Бӯдулаф – шаҳрёри замин –
Ҷаҳондори арронии покдин.
Бузурге, ки бо осмон ҳамбар аст,
Зу тухми Бироҳими пайғамбар аст.
Фурӯғ аст рояш дилу дидаро,
Паноҳ аст додаш ситамдидаро.
Навиштаст бахт аз пайи коми хеш
Ба девони фарҳанги ӯ номи хеш.
Ба фарраш тавон рафт бар Муштарӣ,
Ба номаш тавон баст деву парӣ.
Тану ҳимматашро сар ин ҷо бар аст,
Ки он ҷо, ки соқаш Зуҳалро сар аст.
Ба сад лашкар андар гаҳи разму ном
Напурсид бояд зи кас, к-ӯ кадом.

Чун ӯ даст зӣ теғу таркаш кашид,
Кӣ ёрад ба наздики теғаш чахид?!
Агар хиште аз дасташ афтад ба Рум,
Шавандаш раҳӣ, ҳар к-аз он марзу бум.
Барад саҳми ӯ дил зи ғуррон ҳижабр,
Кунад гарди ӯ хушк борон дар абр.
Ба дарё бисӯзад зи таф хайзурон,
Чун ӯ зад наванди сабукхез рон.
Агар бо бути Рум кин оварад,
Ба шамшер бутро ба дин оварад.
Ҷаҳонро агар банда хонад зи пеш,
Зи баҳраш кунад ҳалқа дар гӯши хеш.
Зи гардун чунон кард ҷоҳаш гузор,
К-аз ӯ нест бартар ба ҷуз Кирдгор.
Фиристаст хишташ ба гоҳи паём,
Набардаш навид асту кушташ хиром.
Уқобест тираш, ки дар мағзу тарг
Бача фатҳ бошад варо, хоя марг.
Сипаҳро, ки чун ӯ сипаҳкаш бувад,
Чӣ пеш оби дарё, чӣ оташ бувад.
Замине, ки шуд ҷойи новарди ӯй,
Кунад сурма дар дида маҳ гарди ӯй.
Бурун аз пайи дин-ш пайкор нест,
Бурун аз ғазош эч кирдор нест.
Чалипопарастони румигурӯҳ
Чунонанд аз ӯ в-аз сипоҳаш сутӯҳ.
Бидоранд рӯзу шаб аз бас ҳарос,
Ба ҳар кӯҳ дида, ба ҳар дайр пос.
Сутуни сипеҳри равон ройи ӯст,
Сари тахти бахти ҷавон ҷойи ӯст.
Чунон аст додаш, ки эмин ба ноз
Бихусбад ҳаме кабк дар парри боз.
Шавад дар яке рӯз даҳ бор беш
Ба пурсидани гурги бемор меш.
Чу хоҳандагон дид, шодӣ кунад,
Фузун з-он ки хоҳанд, родӣ кунад.
Ду дасташ ту гӯйӣ гаҳи кину меҳр
Яке ҳаст дарёву дигар сипеҳр.
Дар ин мавҷҳо – гавҳару ҷуд – нам,
Дар он моҳ – теғу ситора – дирам.
К-аз он гавҳару зар киро дод пеш,
Ба як раҳ гар орӣ аз ӯ камму беш.
Бад-ин кард шояд ниҳон офтоб,
Бад-он шояд анбошт дарёву об.

Киро ронд хашмаш, фитад дар гудоз,
Киро хонд ҷудаш, бираст аз ниёз.
Чун ӯ тоҷу аврангро шоҳ нест,
Ҷуз ӯ чархи фарҳангро моҳ нест.
Зи ҳар афсаре бартар аст афсараш,
Зи ҳар гавҳаре поктар гавҳараш.
Ҳумоест мар чархро фарри ӯй,
Ки шоҳӣ диҳад сояи парри ӯй.
Ба чавгон чу бардошт гӯйи заранг,
Зи бимаш бигардад рухи маҳ зи ранг.
Камандаш чу аз шаст гардад раҳо,
Ту гӯйӣ, ки бардошт абар аждаҳо.
Зи ҳомун шаби тира бар чархи Тир
Кунад ришта дар чашми сӯзан ба тир.
Чу молад ба зеҳ гӯшаҳои камон,
Бимолад ба кин гӯши гашти замон.
Ба боди так аспаш ба Хоразамин
Кунад ғарқа киштӣ ба дарёи Чин.
Тафи теғаш аз ҳинди шабгард бум,
Кунад боз қандили руҳбон ба Рум.
На касро бувад фарраву ҷуди ӯ,
На фарзанд чун Мир Маҳмуди ӯ.
Шаҳе, мояи шоҳиву сарварӣ,
Бузурге зи гавҳар ба ҳар гавҳарӣ.
Гирад зеб аз ӯ номдорӣ ҳаме,
Диҳад бӯй аз ӯ шаҳрёрӣ ҳаме.
Дили ахтар аз ҷон ҳавоҷӯйи ӯст,
Забони замона саногӯйи ӯст.
Суханҳош дурр асту донишсиришт,
Хабарҳош ҳар як чароғи биҳишт.
Чу хурсанд буд, хубкорӣ кунад,
Чу хашм оядаш, бурдборӣ кунад.
Ба найза маҳ орад зи гардун фуруд,
Ба новак ба Кайвон фиристад дуруд.
Зи дарё кунад дар тафи теғ меғ,
Зи борони хунин кунад меғ теғ.
Раво бошад ин шоҳро моҳ тахт,
Ки фарзанд дорад чунон некбахт.
Бародар-ш чун моҳ он покзод
Бироҳим бин Суфри бофарру дод.
Паноҳи ҷаҳон, хусрави арҷманд,
Дили гетӣ, уммеди тахти баланд.
Бузурге, ки ахтар гаҳи меҳру хашм
Ба фармони ӯ дорад аз чарх чашм.

Беҳӣ дархури тахти ӯ рӯзи бор,
Зиҳӣ аз дари бахти ӯ рӯзгор.
Зи шамшери ӯ лаъл ҷойи камин
Бирезад зи каф зар ба рӯйи замин.
Сазад, гар кашад бар маҳ ин шоҳ сар,
Ки з-ин сон бародар в-аз он сон писар.
На з-ин шоҳ беҳ дархури гоҳ буд,
На касро ба гетӣ чунон шоҳ буд.
Набинӣ зи хоҳандаву меҳмон
Тиҳӣ боргоҳи варо як замон.
Ҳаме ҳар кӣ ҷойе фитад дар ниёз,
Бад-ин даргаҳ оянд тозон фароз.
Расад, ҳар кӣ ояд ҳам андар шитоб
Ба хону маю хилъату ҷоҳу об.
На кас з-ин шаҳаншоҳ дилхаста шуд,
На бар ҳеч меҳмон дараш баста шуд.
Ҳар он, к-аз ғами ҷону бими гуноҳ
Ба зинҳор ин хона гирад паноҳ.
Зи бадхоҳ эмин шавад в-аз ситам,
Чу аз чанги юз оҳу андар ҳарам.
Агар дод бояд шаҳӣ, ҳар чӣ ҳаст,
Диҳад ин шаҳу надҳад ӯро зи даст.
Чунин бод то ҷовидон номи ӯ,
Магар доди чарх аз раҳи коми ӯ.
Ҳаме то бимонад замону замин,
Ба фармон-ш бодо ҳам ону ҳам ин!
Тани зиндагониш чун кадхудой
Салаб рӯзу шаб в-ин ҷаҳонаш сарой.
Зи болои тобанда моҳ афсараш,
Зи паҳнои гетӣ фузун кишвараш.
Ҷаҳон хуррам аз фарру авранги ӯй,
Ҳам аз Мир Маҳмуд – фарзанди ӯй.

## 10. ДАР МАРДОНАГИИ ГАРШОСП

Зи кирдори Гаршосп андар ҷаҳон
Яке нома буд ёдгор аз меҳон.
Пур аз донишу панди омӯзгор,
Ҳам аз рози чарху ҳам аз рӯзгор.
Зи фарҳангу найрангу доду ситам,
Зи хубию зиштию шодию ғам.

Зи нахчиру гарданфарозиву разм,
Зи меҳри дилу кину шодиву базм.
Ки чун хонӣ аз ҳар даре андаке,
Басе дониш афзояд аз ҳар яке.
Зи Рустам сухан чанд хоҳӣ шунуд,
Гумонӣ, ки чун ӯ ба мардӣ набуд.
Агар разми Гаршосп ёд оварӣ,
Ҳама разми Рустам ба бод оварӣ!
Ҳамон буд Рустам, ки деви нажанд
Бибурдаш ба абру ба дарё фиканд.
Сутуҳ шуд зи Ҳумон ба гурзи гарон,
Задаш даштбоне ба Мозандарон.
Забун кардаш Исфандёри далер,
Ба гуштиш овард Сӯҳроб зер.
Сипаҳдор Гаршосп то зинда буд,
Накардаш забун кас, наафканда буд.
Ба Ҳинду ба Руму ба Чин аз набард
Бикард, он чи Дастону Рустам накард.
На бабру на гург омад аз вай раҳо,
На шеру на деву на нараждаҳо.
Ба ҷанг ар савор, ар пиёда будӣ,
Ҷаҳон аз ялон дашти сода будӣ.
Сипардӣ ба ҳангомгаҳ моли мил,
Фикандӣ ба киштию кӯполи пил.
Ба «Шаҳнома» Фирдавсии нағзгӯй,
Ки аз пеши гӯяндагон бурд гӯй,
Басе ёди разми ялон карда буд,
Аз ин достон ёд н-оварда буд.
Ниҳоле буд ин руста ҳам з-он дарахт
Шуда хушку бебору пажмурда сахт.
Ман акнун ба табъам баҳор оварам,
Мар ин шохи навро ба бор оварам.
Зи боди ҳунар гул кафонам бар ӯй,
Зи абри сухан дур фишонам бар ӯй.
Бараш меваи дониш орам бурун,
Кунам офарини шаҳаншаҳ фузун.
Бисозам яке бӯстон чун биҳишт,
Ки хандад зи хушшӣ чу урдибиҳишт.
Гулаш сар ба сар дурри гӯё бувад,
Дарахту гиё мушки бӯё бувад.
Бутистоне ороям аз хуш сухан,
Ки ҳаргиз нигораш нагардад куҳан.

Буташ аз хирад зодаю ҷони пок,
Зи дониш сиришта, на аз обу хок!
Бибофам яке дебаи шоҳвор,
Зи маъниш рангу зи дониш нигор.
Зи ҷон оварам тору пудаш фароз,
Кунам хусравиро бар ӯ- бар тароз.
Маро ҷуз сухан сохтан кор нест,
Сухан ҳаст, лекин харидор нест.
Зи родон ҳамин шоҳ мондасту бас,
Харидор аз ӯ беҳтарам нест кас.
Ки ҳамвора ман – бандаро шод дошт,
Сарамро зи ҳампешагон барфарошт.
Дабири вай овард зӣ ман паём
Гузин деҳхудо луълуи некном,
Ки гӯяд ҳаме шоҳи фарҳангҷӯй,
Ба номи ман ин номаро боз гӯй.
Агар з-он ки Фирдавсӣ инро нагуфт,
Ту бо гуфтаи хеш гардон-ш ҷуфт.
Ду гӯё чунин хост, то шуд зи Тӯс,
Чунон шуд, нагӯйӣ ту, бошад фусӯс.
Кунун гар сипеҳрам насозад камин,
Бигӯям ба фармони шоҳи замин,
К-аз ӯ номро хуб коре бувад,
Зи ман дар ҷаҳон ёдгоре бувад.
Зи беҳтар сухан нест поядатар
В-аз ӯ хуштару дилфазояндатар.
Сухан ҳамчу ҷон, з-он нагардад куҳан,
Ки фарзанди ҷон аст ширин сухан!

## 11.ОҒОЗИ ДОСТОН

Сароянда деҳқони мӯбаднажод
Зи гуфти дигар мӯбадон кард ёд.
Ки бар шоҳ Ҷам чун барошуфт бахт,
Ба ноком Заҳҳокро дод тахт.
Ҷаҳон зери фармони Заҳҳок шуд,
Зи ҳар номае номи Ҷам пок шуд.
Чу бигрифт гетӣ ба шоҳаншаҳӣ,
Фиристод назди шаҳон огаҳӣ:
Ба Руму ба Ҳиндустону ба Чин,
Ба Эрону ҳар ҳафт кишвар замин.

Ки бо ройи мо ҳар кӣ дил кард рост,
Бичӯянд Ҷамшедро, то кучост.
Гараш чой бар кух бувад бо паланг
В-агар зери об-андарун бо наҳанг.
Ба хушкӣ чу нозаш бибандед даст,
Баролед аз обаш чу моҳӣ ба шаст.
Ба даргоҳи мо ҳар к-аш орад ба банд,
Набошад пас аз мо чу ӯ арҷманд.
Гурезон ҳамешуд Ҷам андар чаҳон,
Паривор гашта зи мардум ниҳон.
Ҷудо монда аз тахту роҳӣ шуда,
Ниёз омада, подшоҳӣ шуда.
Чӣ бетӯша танҳо миёни гурӯҳ,
Чу ҳамхуфти нахчир бар дашту кӯҳ.
Ба шаҳре, ки рафтӣ, набудӣ басе
Бад-он то нишонаш надонад касе.
Бад-ин гуна буд, то дурафшанда меҳр
Бигардид дар роҳ гирди сипеҳр.
Пас аз ранҷи бисёру роҳи дароз
Биёмад абар Зобулистон фароз.
Яке шаҳр дид аз хушӣ чун биҳишт,
Дару дашту кӯҳаш ҳама боғу кишт.
Ниҳодаш накӯ тозаву пурнаво,
Замин хуррам, обаш сабук, хуш наво.
Пур аз чизу анбӯҳи мардони мард,
Сипоҳиву шаҳрӣ – ялони набард.
Ки камтар кас ар чангро хостӣ,
Дар овардгаҳ лашкаре хостӣ.
Бад-ӯ Хусраве номвар шаҳрёр,
Шаҳе, к-аш набуд кас ба сад шаҳр ёр.
Мар он шоҳро ном Гавранг буд,
К-аз ӯ теғи фарҳанг безанг буд.
Яке духтараш буд, к-аз дилбарӣ
Парироба рух кардӣ аз дил барӣ.
Шабистон чу бустон зи дидори ӯй,
Зи зулфайн-ш мушкӯй мушкин ба бӯй.
Ба кох-андарун бут, ба маҷлис баҳор,
Дар айвон нигору ба майдон савор.
Маҳаш мушксою шакар  майфурӯш,
Ду наргис камонкаш, ду гул диръпӯш.
Равонро ба шамшоди пӯянда ранҷ,
Хирадро ба марҷони гӯянда ганҷ.

Шуда соли он моҳи ороста
Се беш аз шаби моҳи нокоста.
Яле гашт мардонаву шерзан
Саворе сипардору шамшерзан.
Шунидам зи донишпажӯҳон дуруст,
Ки тиру камон ӯ ниҳода нахуст.
Ҳам аз номаи пешдодон сухун
Шунидам, ки Ҷам сохт ҳар ду забун.
Набуд парр бар тир, он гаҳ зи пеш
Манучеҳршаҳ сохт ҳангоми хеш.
Зи бад раста буд шоҳи Зобулситон
Зи тадбири он духтари дилситон.
Зи ҳар ҷой хоҳишгарон хостанд,
Зи Зобул мар ӯро ҳамехостанд.
На ҳаргиз ба кас додӣ ӯро падар,
На рӯзе зи фармон-ш кардӣ гузар.
Чунон буд паймон-ш бо моҳрӯй,
Ки ҷуфт он гузинад, ки бипсандад ӯй.
Мар ӯро зане кобулӣ доя буд,
Ки афсуну найрангро моя буд.
Бибастӣ зи дур аждаҳоро ба дам,
Аз об оташ овардӣ, аз хора нам.
Ниҳони сипеҳр он чи гуфтӣ зи пеш,
Зи гуфтори ӯ кам набудӣ, на беш.
Бад-ин лоларух гуфта буд аз ниҳуфт,
Ки шоҳе гаронмоя бошад-т ҷуфт.
Бузурге, ки монанди ӯ бар замӣ
Ба хубиву дониш набуд одамӣ.
Писар бошадат з-ӯ яке хубчеҳр,
Ки бӯса диҳад хоки пояш сипеҳр.
Канизак шуда шодмон з-он навид,
Ҳамебуд ниҳонроз, дил пурумед.
Зи хоҳанда кас пеш нагзоштӣ,
Ҳар он, к-омадӣ, хор баргоштӣ.
Накардӣ писанд эч касро ба ҳуш,
Ҳамедоштӣ рози ин рӯз гӯш.
Чу Ҷамшед дар Зобулистон расид,
Ба шаҳр-андарун рӯйи рафтан надид.
Хазон буд шуда, з-абру аз боди тафт,
Сари кӯҳсору замин заррбафт.
Кашида сари шохи мева ба хок,
Расида ба чархушт мева зи ток.
Гул аз бодаи арғувонӣ ба рашк,
Чакон аз ҳаво меҳргонӣ сиришк.

Бари себ – лаълу рухи барг – зард,
Тани шох – кӯжу дами бод – сард.
Разон дид бисёр бар гирди дашт,
Бар он ҷӯйбору разон баргузашт.
Ду саф сарвбун диду обиву нор,
Зада нағз дукконе аз ҳар канор.
Миён обгире ба паҳнои роғ,
Шинобар дар оби шикангир моғ.
Хуш омад-шу бар шуд ба дуккон зи роҳ,
Баросуд лахте дар он соягоҳ.
Яке боғи хуррам буд аз пеши ҷӯй,
Дар ӯ духтари шоҳи фарҳангҷӯй.
Маю меваю рудсозон зи пеш,
Ҳаме хӯрда май бо канизони хеш.
Парастандае сӯйи дар бингарид,
Зи боғ андарун чеҳраи Ҷам бидид.
Ҷавоне ҳама пайкараш некувӣ,
Фурӯзон аз ӯ фарраи хусравӣ.
Ба рух-бар сиришта шуда гарду хай,
Чу бар лола омехта мушку май.
Паричеҳраро дид Ҷам ногаҳон,
Бад-ӯ гуфт:-Моҳо, чӣ бинӣ ниҳон?!
Яке гумраҳи бахтбаргаштаам,
Зи гум кардани роҳ саргаштаам.
Аз он хуни бо хӯша омехта,
Ки ҳаст аз раги токи раз рехта.
Се ҷом аз худованди ин раз бихоҳ,
Ба ман деҳ, раҳон ҷонам аз ранҷи роҳ.
Канизак бихандиду омад давон,
Ба бону бигуфт: -Ай маҳи бонувон.
Ҷавоне дижам, раҳзада бар дар аст,
Ки гӯйӣ ба чеҳр аз ту некӯтар аст.
Зи гетӣ бад-ин дар паноҳад ҳаме,
Се ҷоми майи лаъл хоҳад ҳаме.
Надонам, чӣ дорад майи лаъл ком,
Ки н-аз хӯрданӣ бурду н-аз мева ном.
Барафрӯхт рух з-он сухан моҳро,
Чунин посух овард дилхоҳро,
Ки барно агар чиз ҷуз май нахост,
Бидон пас, ки меҳмоние хост рост.
Маю нуқлу хон хост в-овои руд,
Рухи хубу шодию бонги суруд.
Биёмад бадар бо канизак ба ҳам,
Бидид аз дари боғ дидори Ҷам.

Ҷавоне ба ойини эрониён,
Кушодакашу тангбастамиён.
Шуда зард гулнораш аз дарду доғ,
Ба гирд андараш гарди маҳ парри зоғ.
Чунон дар дилаш меҳр дар ҷанг шуд,
Ки бар ҷон-ш ҷойи хирад танг шуд.
Бимондаш ду гулнори хандон нажанд,
Бичӯшид пӯлодаш андар паранд.
Ду гӯё ақиқи гуҳарпӯшро,
Ки банда будаш чашмаи нӯшро,
Ба май дарсиришту ба дар даршукуфт,
Ба Парвин бихасту ба шаккар бисуфт.
Кушоду ҷаҳон кард аз ӯ пуршакар
Маҳи меҳррӯю бути симбар.
Ба Ҷам гуфт, к-ай хаста аз ранҷи роҳ,
Дар ин соягоҳ аз чӣ кардӣ паноҳ?
Кирой бад-ин ҷой ҷӯён шуда,
Чунин дар таги пой пӯён шуда?
Магар з-ин парастанда ком омадат,
Ки чун дидияш, ёди ҷом омадат?
Кунун гар ба бода дилат кард рой,
Аз эдар бад-ин боғи хуррам дарой..
Бад-ӯ гуфт Ҷам, к-ай бути меҳрчеҳр,
Зи чеҳри ту ба ҳар диле мӯҳри меҳр.
Зи шоҳонӣ, ар пешавар гавҳарӣ,
Падар варзгар дорӣ, ар лашкарӣ,
Ки бозориён моя донанду суд,
Кадивар бувад марди кишту дуруд.
Ба чизи фаровон буванд ин ду шод,
Надонанд омурғи марду нажод.
Сипоҳӣ ба мардӣ намояд ҳунар,
Бувад подшозодагонро гуҳар.
Ту з-ин чор гавҳар кадомӣ? – Бигӯй,
Диламро раҳи шодмонӣ биҷӯй.
Бути зобулӣ гуфт: -Аз ҳар чаҳор
Наям ман, ҷуз аз тухмаи шаҳрёр.
Падар, дон, маро шоҳи Зобулситон,
Надорад ба ҷуз ман дигар дилситон.
В-аз ӯ мар маро ҳаст фармонраво,
Ки ҷуфт он гузинам, к-ам ояд ҳаво.
Бари ҷӯй маншину ҷойе чунин,
Бад-ин боғи мо-андар ою бибин,

Ки гар ройи май дориву майгусор,
Ҳамат май бувад, ҳам бути мушксор.
Ҷам аз пеш дониста буд кори ӯй,
Хуш омад-ш дидору гуфтори ӯй.
Ба дил гуфт, к-ин моҳ дижхим нест,
Гар аз розам огаҳ шавад, бим нест.
Киро дар ҷаҳон хӯйи зишт, ар накӯст,
Ба ҳар кас гумон он барад, к-андар ӯст.
Ба мардум хирадманд номӣ бувад,
Ки мардум ба мардум гиромӣ бувад.
Хиромид аз он сояи сарву бед,
Суйи боғ шуд, дил ба биму умед.
Чаман дар чаман дид сарви сиҳӣ
Гаронбор шохи турунҷу биҳӣ.
Рухи нор бо себи шангарфгун
Бад-он захми теғу бад-ин ранги хун.
Яке чун дили меҳрбон кафта пӯст,
Яке чун шахуда занахдони дӯст.
Ту гуфтӣ сияҳ ғажб пошанг буд
Ва ё дар дили шаб шабоҳанг буд.
Ҳамерафт пеши Ҷам он саътарӣ
Чамон бар чаман ҳамчу кабки дарӣ.
Чу сарве, ки бо моҳ ҳамсар бувад,
Бар он маҳ – бар аз мушк афсар бувад.
Сари гес дар пойи чанбар кашон,
Хами зулф бар боди анбарфишон.
Расиданд зӣ обгире фароз,
Зада киллаи заррбафт аз фароз.
Каёнӣ нишастангаҳе дилпазир
Гузиданд бар гӯшаи обгир.
Канизони гулрух фароз омаданд,
Ҳаме пеши Ҷам дар намоз омаданд.
Парастанда духтар ба ойини хеш
Зи холигарон хону май хост пеш.
Ҷам андеша аз дил фаромӯш кард,
Се ҷоми май аз пеши нон нӯш кард,
Зи додор пас ёд кардан гирифт,
Ба оҳистагӣ ройи х(в)ардан гирифт.
На биншаста аз пою на низ маст,
Ҳамехӯрд, к-аш лаб наёлуду даст.
Аз овангу он бозуву бурзу чеҳр
Фурӯ монда буд духтар аз рӯйи меҳр.
Ҳамедид, к-аш фарру бурзи кайист,
Валекин надонисташ аз бун, ки кист.

Ба дил гуфт: -Шоҳест ин пурхирад,
К-аз ин сон нишаст аз шаҳон дархурад.
Зи лӯлуву беҷода бикшод банд,
Баромехт шангарфу гавҳар ба қанд.
Ба Ҷам гуфт: -Май дӯст дорӣ магар,
Ки ҷуз май ту чизе нахоҳӣ дигар?
Ҳам аз пеш нон бо май оростӣ,
Ҳам аз дар бурун ҷоми май хостӣ.
Ҷамаш гуфт: -Душман надорам ба низ,
Шикебад дилам, гар наёбам-ш низ.
Ба андоза беҳ, ҳар кӣ ӯ май хурад,
Ки чун хурдӣ афзун, бикоҳад хирад.
Арӯсест май, шодӣ ойини ӯ,
Ки шояд хирад дод кобини ӯ.
Ба зӯр он ки бо бода кастӣ кунад,
Фигандаст ҳар гаҳ, ки мастӣ кунад.
Зи дил баркашад май тафи дарду тоб,
Чунон чун бухор аз замин офтоб.
Чу бед асту чун уд танро гуҳар,
Май оташ, ки пайдо кунадшон ҳунар.
Гуҳар чеҳра шуд, ойина шуд набид,
Ки ояд дар ӯ хубу зиштӣ падид.
Дили тираро рӯшноӣ май аст,
Киро кӯфт ғам, мӯмиёӣ май аст.
Ба дил мекунад баддилонро далер,
Падид орад аз рӯбаҳон кори шер.
Ба родӣ кашад зафту бадмардро,
Кунад сурх лола рухи зардро.
Ба хомӯш чиразабонӣ диҳад,
Ба фартут зӯри ҷавонӣ диҳад.
Хуришро гувориш май афзун кунад,
Зи тан мондагиҳо ба берун кунад.
Будам монда роҳу майе хӯрданам,
Бад-он буд, ки то мондагӣ бифганам.
Ту май деҳ, магӯ, к-ин чӣ сон в-он чарост?
Мабар меҳр бар бешу кам, кажжу рост.
Хуриш бояд аз мизбон гунагун,
На гуфтан, к-аз ин кам хуру з-он фузун.
Хуриш гар бувад меҳмонро зиён,
Пизишкӣ на хуб ояд аз мизбон.
Ҳамон гаҳ гумон бурд духтар зи меҳр,
Ки ин аст Ҷамшеди хуршедчеҳр.

Бад-он рӯзгорон кӣ буд аз шаҳон,
Ки фармони Заҳҳок ҷуст аз ҷаҳон?!
Ҳама чеҳри Ҷам доштанд ошкор,
Ба дебову деворҳо, бар нигор.
Бад-он то ба ҳар ҷо, ки пайкар-ш буд,
Гар ояд, бидонанду гиранд зуд.
Ҳамин дилбар огаҳ буд аз камму беш,
Ки Ҷамро чӣ омад зи Заҳҳок пеш.
Будаш пораи парниёни кабуд,
Нигорида Ҷамшед бар тору пуд.
Пажӯҳиш ҳамекарду накшод роз,
Чунин то зи хон испарӣ гашт боз.
Аз он пас ба оби гулу бӯйи х(в)аш,
Бишустанд дасту нишастанд каш.
Ҳам андар замон бар кила зарнигор,
Зи бигмозу ромиш гирифтанд кор.
Баровард ромишгари кобулӣ
Раҳи руд бо хомаи зобулӣ.
Ҳаво абр баст аз бухури абир,
Бихандид бамму бинолид зер.
Парастор саф зад дусад моҳрӯй,
Тирозибутони тирозидамӯй.
Ҳама тавқдору ҳама ҳуллапӯш,
Ба шамшод мушку ба беҷода нӯш.
Чи бо нозу шодӣ, чи бо бӯю ранг,
Чи бо уду миҷмар, чи бо ною чанг.
Ҳанӯз аз замоне фузун шодком
Напаймуда буд шоҳ бо моҳ ҷом.
Ки ҷуфте кабӯтар чу рангин тазарв
Ба девори боғ омад аз шохи сарв.
Нару мода ковон абар якдигар,
Ба кашшӣ карашмакуну ҷилвагар.
Фурӯ ҳишта пар, гардан афрохта,
Чу нойе дам андар гулӯ сохта.
Ба ҳам ҳар ду минқор бурда фароз
Чу ёре лаби ёр гирад ба гоз.
Парирух ба шарм омад аз рӯйи Ҷам
Зи бас нози он ду кабӯтар ба ҳам.
Ба ханда лабон нуқтаи мим кард,
Шабоҳанг дар мим ду ним гард.
Зи турки Чигил хост чиникамон,
Ба Ҷам гуфт, к-ай номвар меҳмон,

Аз ин ду кабӯтар шуда ҷуфтгир,
Кадом аст роят, ки дӯзам ба тир?
Бад-ӯ гуфт Ҷамшед, к-ай кашхиром,
Назебад ба ту ин суханҳои хом.
Аз оҳу сухан поку пардахта гӯй,
Тарозу хирад созашу сахта гӯй.
Ту ҳастӣ зану мард ман, пас, нахуст
Зи ман бояд андози фарҳанг ҷуст.
Зан арчи далер асту бо зӯри даст,
Ҳамон ними мард аст, ҳар чун ки ҳаст.
Занонро зи ҳар хубиву дастрас
Фузунтар ҳунар порсоист бас.
Ҳунарҳо зи зан мардро бештар,
Зи зан мард буд дар ҷаҳон пештар.
Сазо он будӣ, к-аз нахустин кунун
Маро кардӣ андар ҳунар озмун.
Ба ман додӣ ин тиру чарх андаке,
К-аз ин ду кабӯтар бияфган яке,
Ки то ман фигандӣ якеро ба пой,
Магар пӯзиш овардаме ҳам ба ҷой.
Диломромро бар рух аз шарми кай
Суман лола шуд, лола лӯлу зи хай.
Шудаш хасту он моҳу хоҳиш намуд,
Ниҳодаш камон пешу пӯзиш фузуд.
Ба ёдаш яке ҷоми Ҷам даркашид,
Пас он чархи кинро ба зеҳ баркашид.
Бигуфт: -Ар ду боли пари мода рост
Бидӯзам, пас он к-ам хуш ояд, мារост.
Бад-ин дар муроди Ҷам он моҳ буд,
Ҳам он моҳ маъниш дарёфт зуд.
Хаданг аз хами чарх бар кард шоҳ,
Ба захми кабӯтар зи сад гом роҳ.
Хадангин «алиф» аз хами «ё»-ву «дол»
Бурун ронду бардӯхташ ҳар ду бол.
Тапон мода бифтоду нар барпарид,
Биёмад ҳамон ҷо, ки буд, орамид.
Ба Зобул набуд ҳеч зӯрозмой,
Ки он чарх кардӣ ба зеҳ саргирой.
Бидонист дилдор, к-он арҷманд
Бувад пури Таҳмураси девбанд.
Басаш офарин хонд бар фарру ҳуш,
Ба ёдаш яке ҷоми май кард нӯш.

Бимонд аз кушоду бараш дар шигифт,
Биёзид тиру камон биргирифт.
Ба пиласта дебои Чин баршикаст,
Ба мосураи сим бигрифт шаст.
Гар ин нарро, - гуфт, - бо ҷуфт рост
Кунам, пас шавам ҷуфти он, к-ам ҳавост.
Бад-ин маънӣ ӯ шоҳро хост ҷуфт,
Ҳамон низ дарёфт Ҷам, к-ӯ чӣ гуфт.
Кушод аз камон бар кабӯтар ханданг,
Танаш чун нишона фурӯ дӯхт танг.
Зи тиру камон чун бипардохтанд,
Ба наввӣ зи май кор барсохтанд.
Ҳама ғам ба бода шумурданд бод,
Ба ҷоми дамодам гирифтанд ёд.
Зи шодӣ ҳаме дар кафи рудзан
Шикофа шикофанда гашт аз шикан.
Бути гулрух аз кори Ҷамшеди Кай
Дар андеша рафта ҳамехӯрд май.
Ба носуфта сӣ дур, ки пайваста дошт,
Ҳаме суфта беҷодаро хаста дошт.
Ҳамон гаҳ зани ҷодуи пурфусун,
Ки буд доя маҳрову ҳам раҳнамун,
Зу гулшан ба боғ омад аз бахри сур,
Бибуд хира, чун дид Ҷамро зи дур.
Ба зобулзабон гуфт, к-ай меҳрҷӯй,
Чунин меҳмон чун фитодат, бигӯй?
Дуруст, аз гумони ман ин шоҳ ӯст,
К-аш аз дер гаҳ боз дорӣ ту дӯст.
Аз ӯ хоҳадат дод Яздон писар,
Нишон додаам з-ахтарат сарбасар.
Буд аз меҳри Ҷам шефта моҳчеҳр,
Фузун шуд-ш аз ин мужда бар меҳр меҳр,
Бад-ӯ гуфт: -Ар эдун, ки ин ҳаст рост,
Зи як орзуям ду шодӣ бихост.
Чу уммед додӣ, набошам бадард,
Ки уммеди некӯ беҳ аз пешх(в)ард.
Рав, он парниёни кабуд эдар ор,
Ки ҳаст аз бараш чеҳраи Ҷам нигор.
Чунон ин сухан дор дар дил-т роз,
Ки дил-т ар бичӯяд, наёбад-ш боз.
Бишуд доя в-он нилгун парниён,
Биёварду бинҳод андар миён.
Ту гуфтӣ, ки бар чарх хуршед буд,
На бар парниён чеҳри Ҷамшед буд.

Чу он пайкари парниён дид шоҳ,
Дижам гашт, ҳарчанд гашташ нигоҳ.
Ҳаме хештанро ба чеҳру ба соз
Аз ӯ ҷуз ба ҷунбиш надонист боз.
Яке ойина дошт гуфтӣ ба пеш,
Ҳамедид равшан дар ӯ чеҳри хеш.
Ба ёд омадаш тоҷу тахти шаҳӣ,
К-аз ӯ кард бадхоҳ ногаҳ тиҳӣ.
Дилаш гашт дарёи дард аз дареғ,
Шудаш дидагон жолаборанда меғ.
Ду ҷаъдаш зи дур ҳар замон ришта баст,
Гаҳе бар шабаҳ рехт, гаҳ бар ҷамаст.
Фағи моҳрух гуфт, к-ай арҷманд,
Дар ин парниён аз чӣ мондӣ нажанд?
Ки дилшодиву май гусорӣ ҳаме,
Чаро ғам хурӣ в-ашк борӣ ҳаме?
Магар мизбонат дилорой нест?
Ба наздики мо имшабат рой нест?
Кайи номвар гуфт, к-ай моҳрӯй,
На мардум бувад, ҳар кӣ н-андешад ӯй.
Гиристан ба ҳангом бо сӯзу дард
Беҳ аз хандаи нобаҳангоми сард.
Агарчанд пӯию ҷӯйӣ басе,
Зи гетӣ беандуҳ наёбӣ касе.
Ту вижа ду касро бибахшову бас,
Мадон хору бечоратар з-ин ду кас:
Яке некдон бихраде, к-аз ҷаҳон
Забун афтад андар кафи аблаҳон,
Дигар подшоҳе, ки аз тоҷу тахт
Ба дарвешӣ афтад, шавад шӯрбахт.
Аз ин парниён, з-он дилам шуд дижам,
Ки дидам бар ӯ чеҳраи шоҳ Ҷам.
Ба ёд омадам фарру фарҳанги ӯй,
Бузургиву дайҳиму авранги ӯй.
Зи хӯйи бади чарх мондам шигифт,
Ки меҳр аз чунон шаҳ чаро баргирифт?
Яке зиштро кард гетихидев,
Ки аз китф мор асту аз чеҳра дев.
Кӣ донад кунун, к-ӯ бимонд, ар бимурд,
Бидаррид шер, ар палангаш бибурд.
Фузун з-он ситам нест бар родмард,
Ки дард аз фурӯмоя бояд-ш х(в)ард.

Бари бихрадон марги волосарон
Беҳ аз зиндагонии бадгавҳарон.
Валекин чунин аст чарх аз ниҳод,
Замона на бедод донад, на дод.
Замин ҳаст омочгоҳи замон,
Нишона – тани мову чархаш – камон.
Зи хасмаш ҳама хастаҷонему зор,
Ниҳодем хун, лек дард ошкор.
Бигуфт ину шуд бар рух ашкаш зи дард,
Чу сими гудозида бар зарри зард.
Ба рух дилбар аз дард шуд чун зарир,
Мижа абр карду камон  обгир.
Зи бодом сурма, ба марҷони хурд
Гаҳе рехту гоҳе ба фундуқ сутурд.
Ҳар он кас, ки пироманаш буд, биронд,
Худу дояву ҷодуву шоҳ монд.
Чу пардахта шуд ҷой, бар пой хост,
Ниёишкунон гуфт, к-ай шоҳи рост,
Хирад бар дилам роз чунин кушод,
Ки ҳастӣ ту Ҷамшеди фаррухнажод.
Зи меҳри ту дерест, то хастаам,
Ба банди ҳавои ту дил бастаам.
Нигори ту инак баҳори ман аст,
Бар ин парниён ғамгусори ман аст.
Ҳамин буд коми дилафрӯзиям,
Ки рӯзе бувад диданат рӯзиям.
Туроям кунун, гар пазирӣ маро,
Бар ойини беҳ ҷуфт гирӣ маро.
Диҳам ҷон, гар аз дил ба ман бингарӣ,
Кунам хок тан, то ба пай биспарӣ.
Ҳамегуфту аз наргисони сиёҳ
Ситора ҳамерехт бар гирди моҳ.
Ҷаҳондор гуфт: -Ар туро Ҷам ҳавост,
Наям ман в-агар монам ӯро, равост.
Ҳамонанд бас ёбӣ ин мардумон,
Валекин дурустӣ набошад ҳамон.
На ҳар оҳуеро бувад мушки ноб,
На аз ҳар садаф дурр хезад хушоб.
Гумоне накӯ бурдӣ, ай дилпазир,
Валекин гумонат камон буд, на тир.
Ба ман-бар манеҳ номи Ҷам бе сипос,
Маро ном Моҳони Кӯҳӣ шинос.

Чунин дод посух бути дилгусил,
Ки хуршед пӯшид хоҳӣ ба гил?
Кӣ гӯяд ба гетӣ, ки Моҳон туӣ?
Ки Ҷамшед – хуршеди тобон туӣ.
Ниҳон ар кунад шоҳ ному гуҳар,
Намонад ниҳон зеби шоҳиву фар.
Гар аз абр дидори гетифурӯз
Бипӯшад, намонад ниҳон нури рӯз.
Туро дому дад боздонад ба меҳр,
Чӣ мардум бувад, к-ат надонад ба чеҳр.
Гуво бар накӯ пайкари ту дуруст
Ҳамин парниён бас, ки дар пеши туст.
Маро ин зани пир чун модар аст,
Яке чобукандеш кундогар аст.
Ба ҳар дам задан з-ин фурӯзанда ҳафт,
Бигӯяд, ки андар даҳу ду чӣ рафт.
Намудаст розат ба ман сар ба сар,
Ки бошад маро аз ту - шаҳ як писар.
Зи пайванди ёрӣ чӣ гирӣ канор,
Ки сарват бувад пешу маҳ дар канор.
Нигоре нахоҳӣ биҳиштисиришт,
Ки бо рӯйи ӯ бошӣ андар биҳишт?
Ба хубӣ бутон пешкори мананд,
Ба мардӣ саворон шикори мананд.
Зи хушшиву хӯю хирандмандиям
Баҳона чӣ дорӣ, ки напсандиям?
Мадеҳ рӯзи фаррух ба рӯзи нажанд,
Зи баҳри ҷаҳон дил дар андуҳ мабанд.
Ҷаҳон домдорест найрангсоз,
Ҳавои дилаш чинаву дом - оз.
Кашад сӯйи дом, он ки шуд роми ӯ,
Кушад пас, чу овехт дар доми ӯ.
Аз он ӯ ба ҷой асту мо баргузор,
Ки чун мо нахоҳад вай аз рӯзгор.
Паси пирӣ аз мо бибуррад равон,
Чу ӯ пир шуд, боз гардад ҷавон.
Ту то эдарӣ, шод зӣ, ғам мах(в)ар,
Ки чун ту шудӣ, боз н-ойӣ дигар.
Ба имрӯз мо боз кай даррасем,
Ки то пеш тозем, пеш аз пасем.
Бигуфт ину гулбарг пуржола кард,
Зи хунин сиришк остин лола кард.

Ду наргис шудаш абри лӯлуфиган,
Ба борон ҳамешуст барги суман.
Дили Ҷам зи бас хоҳишаш гашт нарм,
Ниҳон гуфт, к-ай ганҷи фарҳангу шарм,
Аз он роз берун наёрам ҳаме,
Ки аз ҷон ба бимам, наёрам ҳаме.
Ҳам аз бахт тарсам, ки дамсоз нест,
Ҳам аз ту, ки бо зан дили роз нест,
Ки мӯбад чунин достон зад зи зан,
Ки бо зан дами роз ҳаргиз мазан.
Сухан ҳамчу мурғест, к-аш дом ком,
Нишинад ба ҳар ҷо, чу бичҳад зи дом.
Падар-т ар зи ман гардад огоҳ низ,
Бувад, ки-м шавад душман аз баҳри чиз.
Ба тамъи бузургӣ нигаҳ дорадам,
Ба Заҳҳоки нопок биспорадам.
Касе, к-аш на тарс аз накӯҳиш, на ғам,
Кунад, ҳар чӣ рой оядаш бешу кам.
Тиҳидастиву эмин аз дарду ранҷ
Басе беҳтар аз бим бо нозу ганҷ.
Дилором гуфт: -Ай шаҳи некдон,
На ҳар зан дудил бошаду даҳзабон.
Ҳама кас ба як хӯю як хост нест,
Даҳ ангушти мардум ба ҳам рост нест.
Ба доранда, к-ин оташи тезпӯй,
Давонад ҳаме гирди ин тирагӯй.
Ки то зиндаам, ҳеч н-озорамат,
Барам ранҷу ҳамвора ноз орамат.
Чунон дорам ин рози ту рӯзу шаб,
Ки бо ҷон бувад, гар барояд зи лаб.
Ба гетӣ надорам паноҳи ту кас,
Ҳама душманандат, манам дӯст, бас!
Марав, бо ман эдар бизӣ шодком,
Набояд, ки ҷойе бимонӣ ба дом.
Киро нест дил хуш ба некии хеш,
Гунаҳ з-ӯ бувад, гар бад ояд-ш пеш.
Киро бахти фаррух диҳад тоҷу гоҳ,
Чу хурсанд набвад, дарафтад ба чоҳ.
Ҳама кас пайи суд бошад давон,
Нахоҳад касе хештанро зиён.
Зи бас лобаву меҳру савганду панд
Аз ӯ эминӣ ёфт шоҳ аз газанд.
Чунон дон, ки Ҳуд андар он рӯзгор
Паямбар буд аз довари Кирдгор.

## 12.ТАЗВИҶИ ДУХТАРИ ШОҲИ ЗОБУЛ БО ҶАМШЕД

Ба ойин паймон-ш бо ӯ бибаст,
Ба пайванд бигрифт дасташ ба даст.
Бад-ин кори мо, -гуфт, -Яздон гуво,
Чунин пок ҷонҳои фармонраво.
Ҳамин тору равшан шитобандагон,
Ҳамин чархпаймои тобандагон.
Бибасташ ба паймону савганди хеш,
Гирифташ зи дил ҷуфту пайванди хеш.
Пас аз сар яке базм карданд боз,
Ба бозигарӣ майдеҳу чангсоз.
Ба шодиву ҷоми дамодам набид
Ҳамехӯрд, то хур ба Ховар расид.
Чу бар рӯйи пирӯзаи чанбарӣ
Зи маҳ кард, пас шаб ҳам ангуштарӣ.
Бигустард бар ҷойи зарбафт бурд,
Ба мармар барафшонд динори хурд.
Ниҳон бурд Ҷамро суйи кох моҳ,
Ба мушкуи заррин биёрост гоҳ.
Нишастанд бо ноз ду меҳрчӯй,
Шабу рӯз рӯй оварида ба рӯй.
Гузида ба ҳам базму дидори ёр,
Маю руду бозиву бӯсу канор.
Ҷавониву боэминӣ хоста,
Чӣ хуш бошад ин ҳар се ороста!
Чу бардошт дилдор аз омеғ ҷуфт,
Ба боғи баҳораш гули нав шукуфт.
Чу дар нуқтаи ҷон гуҳар кор кард,
Дуҷон шуд, яке чеҳра дидор кард.
Маҳи нав баромад ба чархи ҳунар,
Замин шуд барӯманду кон пургуҳар.
Зи гардуну аз гашти гетифурӯз
Бар ин роз чанде бипаймуд рӯз.
Ба назди падар кам шудӣ сарвбун,
Падар бадгумон шуд бад-ӯ з-ин сухун.
Будаш қандаҳорӣ буте қандлаб,
Ки моҳ аз рухаш тира гаштӣ ба шаб.
Яке сарви симин бипарварда ноз,
Бараш мушку шохаш бирешимнавоз.
Бад-ӯ гуфт: -Шабгир чун духтарам
Ба ойини пурсиш биёяд барам,
Бад-ӯ бахшамат ман ҳаме чанд гоҳ,
Ҳамедор розаш ниҳонӣ паноҳ.

Ниҳоду нишасту раҳу сози ӯ
Бидону маро баррасон рози ӯ.
Дигар рӯз чун чарх шуд ложвард,
Баромад зи тал кони ёқути зард.
Ба назди падар шуд бути дилрабой,
Нишастанду карданд ҳар гуна рой.
Шаҳ аз ганҷу додаш басе симу зар,
Ҳам аз фаршу дебову мушку гуҳар.
В-аз он қандаҳорӣ баҳориканиз,
Сухан ронд, к-ин дархури туст низ.
Туро шояд ин гулрухи симтан,
Ки ҳам пойкӯб аст, ҳам чангзан.
Ба мардон ҳаме дил наёсоядаш,
Ба ҷуз бо занон, ҳеч хуш н-оядаш.
Ба ту додамаш, бош аз ӯ тозачеҳр,
Гиромиву густох дораш ба меҳр.
Суманбар ба сарв -  андар овард хам,
Суйи кох шуд, шод наздики Ҷам.
Ба ороми дил рӯз чанде гузошт,
Чунин то дигар рӯз тухме, ки кошт.
Гудозон шуд аз ранҷ симин сутун,
Гулаш гашт гилрангу маҳ – тирагун.
Саҳӣ сарваш аз хам камонвор шуд,
Тиҳӣ ганҷаш аз дур гаронбор шуд.
Ҳама, ҳар чӣ буд розаш андар ниҳуфт,
Канизак бидонисту шуд, бозгуфт.
Шаҳ он роз накшод бар духтараш,
Ҳамебуд, то духтар омад бараш.
Чу дидаш, гиреҳ зад бар абрӯ зи хашм,
Бад-ӯ гуфт, к-ай бадраги шӯхчашм,

## 13. МАЛОМАТ КАРДАНИ ПАДАР ДУХТАРИ ХЕШРО

Чунон тунду худком гаштӣ, ки ҳеч
Ба коре –дар аз ман нахоҳӣ басеч.
Зи сар тоҷи фарҳанг бифгандаӣ,
Зи тан ҷомаи шарм баркандаӣ!
Нагӯйӣ маро, к-аз чӣ ин рӯзгор
Гурезонӣ аз ман чу коҳил зи кор?
Ду чашми туро диданам сурма буд,
Кунун аз чӣ гаштаст он сурма дуд?
Гумонӣ, ки розат надонам ҳаме,
Зи чеҳрат чу нома бихонам ҳаме.

Забон-т арчи пӯшандаи рози туст,
Ҳаме ранги чеҳрат бигӯяд дуруст.
Рухат пеш буд чун яке гулситон,
Дар он гулситон ҳар гуле дилситон.
Кунун савсанат дардмандӣ гирифт,
Гулат рехт, лола нажандӣ гирифт.
Баҳоре будӣ чун нигорибиҳишт,
Намонӣ кунун, ҷуз ба пажмурда кишт.
Зи хуршед рӯят буд он гаҳ фузун,
Фурӯғи чароғе надорӣ кунун.
На онӣ, ки будӣ, агарчи туӣ,
Ки он гаҳ яке будӣ, акнун дуӣ.
Зи мардон аз ин пеш нанг омадат,
Забун буд мард, ар ба ҷанг омадат.
Паси парда гаштӣ чунин пурфусӯс,
На огаҳ ман аз кору ту наварӯс!
Нагӯйӣ туро ҷуфт дар хона кист?
Паси парда ин марди бегона кист?
Чу духтар шавад бад, бияфтад зи роҳ,
Надонад, варо дошт модар нигоҳ.
Чунин гуфт доно, ки духтар мабод,
Чу бошад, ба ҷуз хокаш афсар мабод!
Ба назди падар духтар арчанд дӯст,
Батар душману меҳтарин нангаш ӯст.
Парирух биғалтид дар пеши шоҳ,
Ба хок аз сари сарв барсуд моҳ.
Чунин гуфт, к-ай бахт пешат раҳӣ,
Ту донӣ, ки н-ояд зи ман бераҳӣ.
Агар базм, агар сози ҷанг оварам,
На онам, ки бар дида нанг оварам.
Маро дода будӣ ту фармон зи пеш,
Ки онро, ки хоҳам, кунам ҷуфти хеш.
Кунун ҷуфтам он шоҳи некахтар аст,
Ки аз ҳар шаҳ андар ҷаҳон беҳтар аст.
Ҳама кори Ҷам ёд кард, он чи буд,
Чу бишнид аз ӯ шоҳ, шодӣ намуд.
Бад-ӯ гуфт: -Хуш муждае додиям,
Зи шодӣ даре тоза бикшодиям.
Зи ту буд фаррух маро тоҷу тахт,
Зи туст ин, ки Ҷамро ба ман дод бахт.
Кунун бар ҳаюн баста ӯро пагоҳ
Фиристам ба даргоҳи Заҳҳокшоҳ,

Ки гуфтаст: -Ҳар-к орад ӯро ба банд,
Ба ганҷу ба кишвар кунам-ш арҷманд.
Зи ҷон духтар уммеди дил баргирифт,
Ба пеши падар зорӣ андаргирифт.
Ду мушкин камон аз шикан кард пур,
Биборид сад нӯги пайкон зи дур.
Машав, -гуфт, -дар хуни шоҳе чунин,
Ки бадном гардӣ, барои зи дин.
Ҳам аз хун-ш то ҷовидон кин бувад,
Ҳам аз ҳар касе бар ту нафрин бувад.
Гарат сӯйи нахчир кардан ҳавост,
Ҳам аз хона нахчир накнӣ, равост.
Битарс аз Худованди ҷону равон,
Ки ҳаст Ӯ товонову мо нотавон.
Гар эдар нагирад-т фарҷоми кор,
Бигирад ба подош рӯзи шумор.
Бадӣ гарчи кардан тавон бо касе,
Чу некӣ кунӣ, беҳтар ояд басе.
Агарчанд бадхоҳ куштан накӯст,
Аз он куштан он беҳ, ки гардад-т дӯст.
Гар ӯро ҷудо кард хоҳӣ зи ман,
Нахустин сари ман ҷудо кун зи тан.
Бигуфту ину шуд бо ғиреву ғаранг,
Ба лӯлу зи лола ҳамешуст ранг.
Равони падар сӯхт бар вай ба меҳр,
Ба чеҳраш-бар аз меҳр барсуд чеҳр.
Мабар, -гуфт, -ғам, к-он кунам, к-ат ҳавост,
Ба ҳар рӯй фармону роят равост.
Зи баҳри Ҷам аз ҷону шоҳиву ганҷ
Барои ту бидҳам, надорам ба ранҷ.
Ту рав, з-ӯ раҳи пӯзиши ман биҷӯй,
Ки фардо ман оям пагаҳ назди ӯй.
Бишуд дилбару шоҳро мужда дод,
Шуд эмин Ҷаму буд то бомдод.
Сипеҳр оташи рӯз чун барфурӯхт,
Дар ӯ хештан шаб чу ҳинду бисӯхт.
Биёмад бари Ҷам шаҳи сарфароз,
Зи дур офарин карду бурдаш намоз.
Лабат, -гуфт, -ҷовид пурханда бод!
Дар ин хона будан-т фархунда бод!
Чу хуршед бе кост будиву рост,
Бадандеш чун моҳ бигрифта кост.

Баромад Ҷам аз ҷову бинвохташ,
Ба андоза бистуду биншохташ.
Ба беҳбуд бар, гуфт  бар ман гумон,
Гарат нобаюс омадам меҳмон.
Бувад номи некӯ сар афроштан,
Зи нохонда меҳмон накӯ доштан.
Ҳаме то тавон, роҳи некӣ сипар,
Ки некӣ бувад мар бадиро сипар.
Ҳаме хуб корест некӣ ба ҷой,
Ки суд аст бар вай ба ҳар ду сарой.
Аз ин пас диҳад бӯса моҳ афсарат,
Ҳам аз гавҳари ман бувад гавҳарат.
Бувад номдоре далеру сутург
В-аз ин тухма хезад нажоде бузург.
Пасечам писар боз гурдавжане,
Бувад аждаҳокуш ҳижабрафгане,
Ки ҷавшан-ш пил ар ба ҳомун кашад,
Ба гардан натобад ба гардун кашад.
Валекин битарсам, ки аз баҳри ман
Битобад-т рӯзе зи роҳ Аҳриман.
Ба тамъи бузургим бидҳӣ ба бод
Бад-он аждаҳопайкари девзод.
Ба Ҷам гуфт шаҳ, к-ай ҷаҳоншаҳрёр,
Ба ман – банда – бар бадгумонӣ мадор.
Ба Яздон, ки гардун ба паргор зад,
Гиреҳ ҳафт паймуду бар чор зад.
Ба бод ин замин боз густард паст,
Ба обаш кушоду ба оташ бибаст.
Ки ҷуз коми ту – то зиям з-ин сипас –
Начӯям, на розат бигӯям ба кас.
Беҳ аз хубкорӣ ба гетӣ чӣ чиз?
Кай андаррасам ман бад-ин рӯз низ?
Гарам дастрас дар сазои ту нест,
Басандам, ки эдар туро ҳаст зист.
Ки бо духтари хеш то зиндаам,
Парастори туст ӯву ман бандаам.
Гар акнун на онӣ, ки будӣ зи пеш,
Бари ман ҳамонӣ в-аз он низ беш.
Гуҳар арчи уфтад ба каф бесипос,
Гиромӣ бувад назди гавҳаршинос.
Даранг овар эдар, ҳаме зӣ ба ноз,
Бувад, к-ояд он бахти баргашта боз.

Намонад ҷаҳон бар яке сон шикеб,
Фарозест пеш аз бари ҳар нишеб.
Паси тирагӣ равшанӣ гирад об,
Барояд паси тирашаб офтоб.
Ба ҳар бад-т хурсанд бояд будан,
Ки аз бад батар низ шояд будан.
Ғаме нест, к-он дил ҳаросон кунад,
Ки онро на хурсандӣ осон кунад.
Набаст эч дар довари бениёз,
К-аз он беҳ даре пеш накшод боз.
Бигуфт ину бо меҳр бархост тафт,
Ба рух хоки пешаш біруфту бирафт.
Маю анбару уду кофури хушк,
Ҳам аз дебаву фаршу динор мушк.
Фиристод аз ин, ҳар чӣ буд дарх(в)араш,
Яке бор ҳар ҳафта рафтӣ бараш.
Ҳамебуд бо дилбару ҷом Ҷам,
Ки рӯзе нагашт аз дилаш ком кам.
Ниҳон монда дар кох он сарвбун
Чу андар дили роздорон сухун.

## 14. ДАР МАВЛУДИ ПИСАРИ ҶАМШЕД

Чу гулрух ба поёни нӯҳ бурд моҳ,
Ниҳонӣ ситора ҷудо шуд зи моҳ.
Писар зод якке, ки гуфтиш меҳр,
Фуруд омад андар канор аз сипеҳр.
Ба хубӣ – парию ба покӣ – ҳунар,
Ба пайкар – сурушу ба чеҳра – падар.
Дилу ҷони Ҷам гашт аз ӯ шодмон,
Ниҳод он дилафрӯзро Тӯр ном.
Шаҳи Зобулаш пур хондӣ ҳаме,
Зи шодӣ бар ӯ ҷон фишондӣ ҳаме.
Чу болиду солаш даҳу панҷ шуд,
Бузургиву фарҳангро ганҷ шуд.
Чунон шуд ба авранги хубиву зеб,
Ки шуд ҳар кас аз диданаш ношикеб.
Нигори Ҷам он, к-ӯ ба ҳар ҷойгоҳ
Бидидию зӣ Тӯр кардӣ нигоҳ.
Ҳаме гуфт, к-ин Тӯр фарзанди ӯст,
Аз ӯ зод, зеро ҳамонанди ӯст.

Агарчанд пинҳон кунад мард роз,
Падид орадаш рӯзгори дароз.
Сухан, к-он гузашт аз забони ду тан,
Пароканда шуд бар сари анҷуман.
Бишуд фош аҳволи шоҳи ҷаҳон
Ба пеши меҳону ба пеши кеҳон.
Чу бишнид Зобулшаҳ ин гуфтугӯй,
Ба Ҷам гуфт: -Ҳон, чораи хеш ҷӯй.
Гар он моркитф, аҳриманчеҳра мард
Бидонад, барорад зи ман в-аз ту гард.
Сари ман зи баҳри ту аз пеш гир,
Ғами ман махур, ту сари хеш гир.
Ҳаме то бувад ҷон, тавон ёфт чиз,
Чу ҷон шуд, наярзад ҷаҳон як пашиз.
Баророст Ҷам зуд роҳи гуреғ,
Шабе ҷуст торику доранда меғ.
Шабе ҳамчу бар рӯйи деви сиёҳ
Фишонда даму дуди дӯзах гуноҳ.
Нагуфт эч касрову з-он бум зуд
Ба Ҳиндустон рафту якчанд буд.
В-аз он ҷо суйи марзи Чин баркашид,
Шунидаст ҳар кас, к-аш он пас чӣ дид!
Чунин омад аз гуфтаи бостон
В-аз он, к-огаҳ аз рози ин достон,
Ки Заҳҳок ногаҳ гирифташ ба Чин
Ба арра ба ду ним кардаш ба кин.
Зи куштан-ш чун ёфт ҷуфт огаҳӣ,
Камон гашташ аз дард сарви саҳӣ.
Гирифташ суман чину пӯлод ҷӯш,
Ду бодом ашку ду марҷон хурӯш.
Ба пиласта сунбул ҳаме даста кард,
Ба дур боз пиластаро хаста кард.
Ба як моҳ чун якшаба моҳ шуд,
Куҳи симрангаш кам аз коҳ шуд.
Шабу рӯз бе хобу хур зистӣ,
Замоне набудӣ, ки нагристӣ.
Саранҷом мар хештанро ба заҳр
Бикушт аз пайи ҷуфту бедоди даҳр.
Ҷаҳон чорасозест бетарсу бок,
Ба ҷон бурдани мосташ чора пок.
Яке чора ҳазмон намояд ҳаме,
Бад-он чора-мон ҷон рабояд ҳаме:
Якеро ба захм, ар ба ранҷу ниёз,
Якеро ба заҳр, ар ба дарду гудоз.

На морест бар чораи ӯ басеч,
На ӯрост аз ҷони мо бок ҳеч.
Бибуд Тӯр аз он пас яке беҳамол,
Барафрӯхт он хусравӣ шоху ёл.
Ба майдони мардӣ зи мардони гурд
Бар аспи ҳунар гӯйи мардӣ бибурд.
Шаҳаш дод маншури шоҳиву чиз,
Ҳам аз тухми хешаш зане дод низ.
Писар буд-ш аз он зан яке меҳнажод,
Бибуд шоду Шедасп номаш ниҳод.
Бад-ин гашт ахтар, чу чанде биронд,
Зи гетӣ бишуд Тӯру Шедасп монд,
Биболиду чун сарв боло гирифт,
Ҳунармандиву номи воло гирифт.
Ҳумои сипеҳрӣ бигустарда пар,
Ҳамедошт бар сар-ш соя зи фар.
Зи Зобулшаҳ ахтар бипардохт рахт,
Бад-ӯ тахта доду ба Шедасп тахт.

## 15. ПОДШОҲИИ ШЕДАСП ВА ҶАНГИ КОБУЛ

Ба авранг биншаст Шедасп шод,
Ба шоҳӣ дари доду бахшиш кушод.
Яке पураш омад зи тухме бузург,
Ба расми ниё ном кардаш Тувург.
Чу шуд саркашу гурду даҳсола гашт,
Ба зӯр аз ниё в-аз падар даргузашт.
Яле шуд, ки дар хамми хомикаманд
Гусастӣ сари жандапилон ба банд.
Кас оҳанги дарёби ӯ дарнаёфт,
Зи гурдон касе гурзи ӯ барнатофт.
Зи болои маҳ найза бифроштӣ,
Зи паҳнои куҳ хишт бигзоштӣ.
Гарон ҷавшану хӯд кардӣ гузин,
Ба чобуксаворӣ рабуда зи зин.
Падар-ш аз пайи кина рӯзе пагоҳ
Ба Кобул ҳамехост бурдан сипоҳ.
Чу дид ӯ, гирифт орзу сохтан,
Ки ман бо ту оям ба кин охтан.
Падар гуфт, к-ин ройи падром нест,
Ту хурдӣ, туро разм ҳангом нест.
Ҳанӯзат нагаштаст гаҳвора танг,
Чӣ гуна кашӣ аз бари бора танг?

Ту бояд, ки дар кӯй бозӣ кунӣ,
На бар бӯри кин размтозӣ кунӣ.
Пурожанг рух дод посух Тувург,
Ки гар кӯдакам, ҳаст корам бузург.
Ту аз мушк бӯяш нигаҳ кун, на ранг,
Зи дид арчи кӯчак, баҳо бин, на санг.
Чу хурде бузург оварад дастбурд,
Беҳ аз сад бузурге, ки-шон кор хурд.
Агар кӯдакам, кори мардон кунам,
Бибинӣ, чу оҳанги майдон кунам.
Мар он гургро марг беҳ дар дала,
Ки бе хӯрд монад миёни гала.
Пас аз чӣ расад сарфарозӣ маро,
Чу кӯшиш туро, гӯйбозӣ маро.
Падар шодмон шуд, гирифташ ба бар,
Зи раҳ хост бо таргу заррин сипар.
Яке теғу кӯполу гурзи гарон,
Ҳамон пилболову баргустувон.
Дирафше зи шери сияҳ пайкараш,
Ҳумое зи ёқуту зар аз бараш.
Бад-ӯ доду кардаш сипаҳдори нав,
Бихоҳед, гуфт, асп – солори нав.
Ғави кӯс бар чарху маҳ баркашид,
Ба пархоши душман сипаҳ баркашид.
В-аз он рӯй Кобулшаҳ аз марғу мой
Ҷаҳон кард пургард, размозмой.
Буд ӯро яке гурд, номаш Саранд,
Ки захмаш зи пӯлод кардӣ паранд.
Дирафшу сипаҳ додашу пилу соз,
Фиристодаш аз баҳри кин пештоз.
Ду лашкар чу бар ҳам расиданд танг,
Рада баркашиданд, бархост ҷанг.
Ба маҳ бар шуд аз оҷмӯхра хурӯш,
Ҷаҳон омад аз нойи рӯйин ба ҷӯш.
Дили кӯс бистад зи тундар ғирев,
Сари кишт барканд дандони дев.
Пур аз хок шуд рӯйи моҳ аз набард,
Пур аз гард шуд коми моҳӣ зи гард.
Ҷаҳон кард пургард овардҷӯй,
Зи хун хост дар ҷойи нованд ҷӯй.
Зи бонги ялон мағзи ҳомун бихаст,
Аз анбӯҳи ҷон роҳи гардун бибаст.
Замин ҳамчу киштӣ шуд аз мавҷи хун,
Гаҳе рост ҷунбону гаҳ чап нигун.

Дизе буд ҳар пили тозон ба ҷанг,
Зи ҳар сӯйи ӯ гашта паррон хаданг.
Зи гарди сияҳ ханҷари ҷангиён
Ҳаметофт чун хандаи зангиён.
Камон абру боронаш алмос шуд,
Сару мағз пурбори сарпос шуд.
Ту гуфтӣ, ҳаво лола корад ҳаме,
Зи пӯлод беҷода борад ҳаме.
Зи бас кушта, к-омад зи ҳар ду гурӯҳ,
Зи хун хост дарёву аз кушта кӯҳ.
На пайдо буд аз хун тани размкӯш,
Ки пӯлодпӯш аст ё лаълпӯш.
Чу шуд сахт бар марди пайкор кор,
Равон гашт бо теғи хунхор хор.
Ба пеши падар шуд Тувурги далер,
Бипурсид, к-ай бар ҳунар гашта чир,
Саранд аз миёни сарони сипоҳ
Куҷо ҷой дорад бад-ин размгоҳ?
Кадом аст аз ин ҷангиён чаппу рост,
Силеҳаш чӣ чизу дирафшаш куҷост?
Ки гар ҳаст бар зин кайи кинакаш,
Ҳам акнун кашон орамаш зери каш.
Ба ӯ гуфт: -Он, к-ӯ ба қалб-андарун
Ситодасту бар китф румӣ сутун,
Ба сар-бар дурафшон дирафше сапед,
Парандаш ҳама пайкари моҳу шед,
Кулоҳу сипар зарду хафтон-ш зард,
Ҳамон аспу баргустувони набард.
Ту гӯйӣ, ки кӯҳест аз шанбалид,
Ки боди вазон-ш аз бар оташ дамид.
Диловар зи гуфти падар чун ҳижабр
Яке наъра зад, к-об хун шуд дар абр.
Яке тез кард аз пайи ҷанг чанг,
Бароҳехт гулрангро танг танг.
Чунон тохт тунд арғуни сангсум,
Ки дар гунбад аз гард шуд моҳ гум.
Ба захми сару теғу гурзу синон
Ҳаметофт дар ҳамла ҳар сӯ инон.
Ба ҳар ҳамла хайле фигандӣ нигун,
Ба ҳар захм ҷӯйе бирондӣ зи хун.
Дили пил теғаш ҳаме чок зад,
Зи хун хирмани лола бар хок зад.

Шуд он лашкари гашн пеши Тувург
Рамон чун рама меш аз пеши гург.
Ба ҳам-шон барафганд якборагӣ,
Ҳаметохт то қалбгаҳ борагӣ.
Саранд аз карон дид деве ба ҷӯш,
Ба зер аждаҳое палангинапӯш.
Аз осебаш афтода бар пил пил,
Саворон рамон гашта бар мил мил.
Барангехт куҳпайкари бодпой,
Ба гурзи гарон андаромад зи ҷой.
Чунон зад бари карг тарг, ай шигифт,
Ки кораш зи тарг оташ андаргирифт.
Тувурги диловар нашуд ҳеч кунд,
Уқоби набардӣ барангехт тунд.
Биёвехт аз бозуяш гурзи ҷанг,
Бизад аз камарбандаш аз бод чанг.
Зи зин даррабуду ҳаметохташ,
Ба пеши падар бурду андохташ.
Чунин гуфт, к-ин ҳадяи кобулӣ
Нигаҳ дор аз ин кӯдаки зобулӣ.
Аз ин пас яке пурҳунар дон маро,
Махон кӯдаку шери нар хон маро.
Дигар раҳ шуд, оҳанги овез кард,
Баровард гурз, аспро тез кард.
Сипаҳ чун сипаҳбад нигун ёфтанд,
Ҳазимат суйи роҳ биштофтанд.
Дирафшу буна пок бигзоштанд,
Гурезон зи кин рӯй баргоштанд.
Тувургу далерони Зобул ба дум
Бирафтанд, чандон ки суд асп сум.
Аз эшон фиганданд бисёр гурд,
Ба ҷон он касе раст, к-аш асп бурд.
Гурезандаро то ба Кобул фароз
Синон аз қафо ҳеч нагсаст боз.
Ҳама раҳ зи бас кушта бар якдигар,
Сару пою дил буду мағзи ҷигар.
Аз он дашт то сол сад зери гил
Ҳаме гург тан бурду кафтор дил.
Чу пирӯз гаштанд аз он размгоҳ,
Суйи Зобул-андар гирифтанд роҳ.
Фурӯ монд Кобулшаҳ, ошуфтабахт,
Зи Шедаспи кинкаш битарсид сахт.
Ки ногаҳ сар орад ҷаҳон бар Саранд,
Кушад низ, ҳар-ч аз асирон саранд.

Ба бечорагӣ сову божи гарон
Бипазруфт бо ҳадяи бекарон.
Киро кушта буд, додашон хунбаҳо,
Бад-он кард фарзанду хешон раҳо.
Чу бигзашт аз ин кор якчанд гоҳ,
Ба Шедасп - бар тира шуд ҳуру моҳ.
Гирифт аз пасаш подшоҳӣ Тувург,
Сарафроз шуд бар шаҳони бузург.
Яке пураш омад ба хубӣ чу Ҷам,
Ниҳод он дилоромро ном Шам.
Зи Шам з-он сипас Асрат омад падид
В-аз ин ҳар ду шоҳӣ ба Асрат расид.
Зи зӯри тану чеҳраву бурзу ёл
Шуд ин Асрат аз сарварон беҳамол.
Чу бо тоҷ бар тахти шоҳӣ нишаст,
Ба некӣ миён басту бигшод даст.
Ба ҳар кор буд ахтараш дилфурӯз,
Бузургӣ фузудаш ҳаме рӯз, рӯз.
Биёганд ганҷаш зи ганҷи ниҳон,
Пуранбуҳ шудаш боргаҳ аз меҳон.

## 16. ДАР МАВЛУДИ ПАҲЛАВОН ГАРШОСП ГӮЯД

Чу бахташ ба ҳар кор маншур дод,
Сипеҳраш яке номвар пур дод.
Бад-он пураш ором бифзуду ком,
Гаронмояро кард Гаршосп ном.
Ба хубии чеҳру ба покии тан
Фурӯ монд аз он ширхор анҷуман.
Ба рӯзи нахустин чу якмоҳа буд,
Ба як маҳ чу яксола боло фузуд.
Чу шуд сери шир аз далериву зӯр,
Зи гаҳвора шуд сӯйи шабрангу бӯр.
Зиреҳ кард пӯшиш ба ҷойи ҳарир,
Ба бозӣ камон хост бо гурзу тир.
Ба ҷойи хуру хоб кин ҷусту ҷанг,
Ба ҷойи бари доя шеру паланг.
Ба даҳсолагӣ шуд зи мардӣ фузун,
Ба як мушт гурде фикандӣ нигун.
Чу з-ин обгун чархи гавҳарнигор
Гузар кард солаш ду панҷу чаҳор.
Яле шуд, ки ҷустӣ зи теғаш гуреғ,
Ба дарё - дарун мавҷу бар бод меғ.

Задӣ дасту пили давонро ду пой
Гирифтӣ, фурӯ доштӣ ҳам ба ҷой.
Будаш сирашӣ найза з-оҳан ба разм,
Май аз даҳманӣ ҷом хӯрдӣ ба базм.
Ба захм аз синон оташ афрӯхтӣ,
Ба як тир даҳ мурғ бардӯхтӣ.
Камарбанди гурдон гирифтӣ ба кин,
Барандохтӣ найза боло зи зин.
Агар худ, агар гурзу хафтон-ш пил
Кашидӣ, набурдӣ фузун аз ду мил.
Ба кӯҳ ар каманд андар овехтӣ,
Бикандӣ зи бора, барангехтӣ.
Рухи марг бар теғи пурхун зи пеш
Бидидӣ чу дар ойина чеҳри хеш.
Басе бар сипоҳи гарон гашта чир,
Басе сарваронро сар оварда зер.
Касе низ бар Асрати кинаҷӯй
Наёраст ковидан аз бими ӯй.
Зи Тӯр андарун то ки Гаршосп хост,
Гузар карда буд ҳафтсад сол рост.
Бузургони ин тухма аз Ҷам буданд,
Саросар ниёгони Рустам буданд.

## 17. ОМАДАНИ ЗАҲҲОК БА МЕҲМОНИИ АСРАТ ВА ДИДАН ГАРШОСПРО

Ҳамон сол Заҳҳоки кишварситон
Зи Бобул биёмад ба Зобулситон.
Ба Ҳиндустон хост бурдан сипоҳ,
Ки рафтӣ бад-он бум ҳар чанд гоҳ.
Дари ганҷ Асрат сабук боз кард,
Сипаҳро ба нузлу алаф соз кард.
Бизад кӯсу бо лашкару пилу соз
Се манзил шуд аз пеши Заҳҳок боз.
Фуруд овaридаш ба айвони хеш,
Саронро ҳама хонд меҳмони хеш.
Каёнӣ яке ҷашн созиду сур,
Ки омад зи минӯ бад-он ҷашн ҳур.
Дами мушк аз мағз бар меғ шуд,
Дами меғ аз ӯ анбаромеғ шуд.
Зи акси майи зарду ҷоми булӯр
Сипеҳре шуд айвон пур аз моҳу ҳур.
Ба тал буд зар рехта зери гом,
Ба хирман барафрӯхта уди хом.

Кашида рада ридакони сарой
Ба румӣ амуду ба чинӣ қабой.
Ду гулшон ба бод аз шаба диръсоз,
Ду сунбул ба майдон гули гӯйбоз.
Майи зардкаф бар сараш тохта,
Чу дур аз бари зарри бигдохта.
Шаҳон пок бо ёраву тавқи зар,
Ҳамон паҳлавонон ба заррин камар.
Шуда ҳар дил аз хуррамӣ нозҷӯй,
Лаби майкашон бо қадаҳ розгӯй.
Навозон навозанда дар чанг чанг,
Зи дил бурда бигмоз чун занг занг.
Зи бас дар наво буд дар чарх ҷӯш,
Ҳаме Зуҳра мар Моҳро гуфт: -Нӯш!
Ҳама чашми Заҳҳок аз он базму сур
Ба Гаршосп буд, хира монда зи дур,
Ки аз чеҳру болову фарру шукӯҳ
Ҳамонанди ӯ кас набуд з-он гурӯҳ.
Ба Асрат чунин гуфт, к-аз чарх сар
Агар бигзаронӣ, сазад з-ин писар.
Ҳунарҳош з-он сон шунидам басе,
Ки нодида бовар надорад касе.
Ситад Асрат аз пеш Заҳҳокро,
Ба рухсора бибсуд мар хокро.
Ба фарри ту шоҳи ҷаҳондор, -гуфт, -
Чунон аст, к-аш дар ҳунар нест ҷуфт.
Чу ӯ бонг бар ҷанги адҳам занад,
Сипоҳе ба як ҳамла барҳам занад.
Синон-ш оташи кин фурӯзад ҳаме,
Хадангаш дили шер дӯзад ҳаме.
Кас ар ҳаст бадхоҳи шоҳи замин,
Фиристаш бари вай ба пархошу кин,
Ки гар ҳаст майдон-ш чарх, асп - меғ,
Сараш пешат орад бурида ба теғ.
Ҷаҳондор гуфто: -Чунин аст рост,
Бад-ин бурзу болову чеҳраш гувост.
Ҳунар ҳар чӣ дар мард воло бувад,
Ба чеҳраш-бар аз дур пайдо бувад.
Чу гаҳвар миёни гуҳардор санг,
Ки берун падидор бошад-ш ранг.
Шунидам ҳунарҳошу дидам кунун,
Ба дидор ҳаст аз шунидан фузун.

Ба Ҷамшед монад ба чеҳру ба пӯст,
Гувоҳӣ диҳам ман, ки аз тухми ӯст.
Бад-ин ёлу гурдӣ, бару гурдагоҳ
Чӣ санҷад ба чанголи ӯ кинахоҳ?
Кунун омадаст аждаҳое падид,
К-аз он аждаҳо меҳ дигар кас надид.
Аз он гаҳ ки гетӣ зи тӯфон бираст,
Зи дарё баромад, ба хушкӣ нишаст.
Гирифта нишеман Шиковардкӯҳ,
Ҳамедорад аз ранҷ гетӣ сутӯҳ.
Миён баст бояд-ш дар тохтан
В-аз он зишти патёра кин охтан!
Чунин гуфт Гаршосп, к-аз фарри шоҳ
Бибандам бар Аҳримани тира роҳ.
Маро чун ба каф гурзу шабранг зер,
Ба пешам чӣ нараждаҳову чӣ шер.
Канам з-аждаҳои фалак сар зи кин,
Чӣ бок оядам з-аждаҳои замин?!
Сари аждаҳо бастаи дом гир,
Ту андешаи ӯ мабар, ҷом гир!
Меҳон бар ситойиш кушоданд лаб,
Ҳама рӯз аз ин буд сухан то ба шаб.
Чу дар сабзбустон шукуфа бируст,
Ҷаҳон зардӣ аз рух ба анбар бишуст,
Гусастанд базми наю руду бод,
Пароканда гашт анҷуман масту шод.
Ба Гаршосп гуфт Асрат: -Эй шӯрбахт,
Зи шоҳ аз чӣ пазруфтӣ ин ҷанги сахт?
На ҳар ҷойгаҳ рост гуфтан сазост,
Фаровон дурӯғ аст, к-он беҳ зи рост.
Нагир ҷанги ин аждаҳо сарсарӣ,
Чунон ҷангҳои дигар нашмарӣ.
На гӯр аст, к-афтад ба захми дурушт,
На шере, ки шояд ба шамшер кушт,
На даве, ки ояд ба хамми каманд,
На гурде, к-аш аз зин тавонӣ фиганд.
Дамон аждаҳоест, к-аз ҷанги ӯ
Сутуҳ шуд ҷаҳон пок бар чанги ӯ.
Задандаш басе тир, мӯйе надӯхт,
Танаш ҳам зи нафту зи оташ насӯхт.
Машав ғарра з-ин мардиву зӯри тан,
Ба ман - бар бибахшою бар хештан.
Ба хон барнаёмад ҳаме меҳмон,
К-аш аз орзу дар дил ояд гумон.

Ба гетӣ касе марди ин ҷанг нест,
Агар ту наёзӣ бад-ин, нанг нест.
Фигандан ба мардӣ тан андар ҳалок
На мардист, к-аз бодсорист пок.
Ҳар уммедро кор н-ояд ба барг,
Бас уммед, к-анҷоми он ҳаст марг.
Бад-ӯ гуфт Гаршосп: -М-андеш ҳеч,
Ту аз баҳри шаҳ базму ромиш басеч.
Шуморо маю шодию бамму зер,
Ману аждаҳову куҳу гурзу тир.
Агар кӯҳи Албурз як нима ӯст,
Сараш канда гир, аз каҳ оганда пӯст.
Ҳама кас зи Гаршосп дил баргирифт,
Ки тунд аждаҳое буд, он бас шигифт.
Ба дум рӯди Ҷайхун биянбоштӣ,
Ба дам жандапиле биявбоштӣ.
Зи бар-ш ар паридӣ уқоби далер,
Бияфтодӣ аз бӯйи заҳраш ба зер.
Кухе ҷонвар буд раванда зи ҷой,
Ба сина заминдар, ба тан сангсой.
Чу сел аз шиканҷу чу оташ зи ҷӯш,
Чу барқ аз дурахшу чу раъд аз хурӯш.
Сараш беша аз мӯю чун кӯҳ тан,
Чу дудаш даму ҳамчу дӯзах даҳан.
Ду чашми кабудаш фурӯзон зи тоб
Чу ду ойина дар тафи офтоб.
Забонаш чу деве сияҳ сарнигун,
Ки ҳазмон зи ғоре сар орад бурун.
Зи дунболи ӯ дашт ҳар ҷой ҷӯй,
Ба ҳар ҷӯй - дар рӯде аз заҳри ӯй.
Танаш пурпашиза зи сар то миён,
Ба кирдор - бар айба баргустувон!
Аз ӯ ҳар пашиза чу гелӣ сипар
На оҳан, на оташ бар ӯ коргар.
Нишаста, намудӣ чу кӯҳе ба ҷой,
Ситон хуфта чандон ки пиле ба ҷой.
Куҷо ӯ шудӣ аз дами заҳрбез
Ду манзил будӣ дому дадро гурез.
Зи дандон ба захм оташ афрӯхтӣ,
Дарахту гиёҳо ҳамесӯхтӣ.
Пас аз баҳри ҷангаш яли зӯрманд
Яке чарх фармуд саҳмин баланд.
Камоне чу чафта, сутуне ситабр,

Зеҳаш чун каманде зи чарми ҳижабр,
Ки бар зеҳ наёмад ба даҳ марди гурд,
На якке тавонисташ аз ҷой бурд.
Чунон буд тираш, ки жӯпингарон
Шумурданд ҳар тир хиште гарон.
Зи кирдори он чархи бозигусил
Хабар ёфт Заҳҳоку шуд хирадил.
Ба Асрат бифармуду гуфто: -Пагоҳ
Ба даст ор Гаршоспро бо сипоҳ,
Ки то з-ин далерони Эрон ҳунар
Бибинад, чу гарданд бо якдигар.
Савории ӯ низ мо бингарем,
Ба майдон ҳунарҳои ӯ бишмарем.
Чу аз хоб рӯз андаромад ба хашм,
Рухаш шуст чашма ба зардоби чашм.

## 18. ҲУНАРҲО НАМУДАНИ ГАРШОСП ПЕШИ ЗАҲҲОК

Табиразанон лашкар ороста,
Ба дашт омаду гард шуд хоста.
Сарон сӯйи бозӣ гирифтанд рой,
Бибастанд пилони ҷангисарой.
Ба омоҷу новарду мардиву зӯр
Намуданд ҳар як дигаргуна шӯр.
Бурун тохт Гаршосп чун наррашер,
Яке бӯри чавгонӣ оварда зер.
Камар чун дили ошиқон карда танг,
Чу абрӯйи хубон камоне ба чанг.
Ба гурзу синон асптозӣ гирифт,
Ба новард сад гуна бозӣ гирифт.
Бияндохт даҳ тир, ҳар даҳ зи бар
Чу занҷир пайваст бар якдигар.
Бухорӣ сипар шаш ба ҳам барбидошт,
Бизад тиру берун зи ҳар шаш гузошт.
Ба ҳам баста занҷири пилон чаҳор,
Бияфганд найза, дар омад савор.
Бад-он найзаи оҳан оҳанг кард,
Ҳама баррабуд, аз маҳ ованг кард.
Ба таг ҳамбари асп найза ба даст
Давиду ҳам аз рой бар зин нишаст.
Ба шамшер ҳар чор наъли сутур
Бияфганд, к-аз таг наёсуд бӯр.
Яке гӯй бар хамми чавгон фиканд,
Бад-он сон-ш зӣ чархи гардон фиганд,

К-аз он захм шуд рӯйи чарх обнӯс,
Ба рафтан лаби моҳро дод бӯс.
Чу боз омад, аз абр бигзошташ,
Ба чавгон ҳам аз роҳ баргошташ.
Барандохт чандон, ки бо заҳра гӯй
Чунон шуд, ки себе, ки гирӣ ба бӯй.
Ба бозӣ зи тозиш наистод боз,
Шуд он гӯй чун мӯҳра в-ӯ мӯҳрабоз.
Се раҳ дардавид аз пасаш ҳамчунин,
Ки нагзошт гӯй аз ҳаво бар замин.
Пас он гоҳ он чархи кин даррабуд,
Ки пай-ш аз пайи аждаҳо карда буд.
Чаноре буд аз пеши майдон куҳун,
Чу даҳ бораш андозае кард бун.
Се чӯба бизад бар миёни чанор,
Ба ду нима бишкофташ чун анор.
Пиёда шуду пойи пиле дамон
Гирифту бизад бар замин дарзамон.
Бибӯсид аз он пас замин пеши шоҳ,
Ғави кӯси ной андаромад ба моҳ.
Гирифт офарин ҳар кас аз дил бар ӯй,
Ҷаҳондор чашмаш бибӯсиду рӯй.
Бад-ӯ гуфт: -З-ин сон ҳунар кори туст,
Ту донӣ ҳам аз аждаҳо кина ҷуст.
Гар ин кор гардад ба дасти ту рост,
Дар Эрон ҷаҳонпаҳлавонӣ ту рост.
Пароканда гаштанд, ҳар кас ки буд,
Сипаҳбад шуду сози раҳ кард зуд.
Падар чандаш аз меҳри дил дод панд,
Зи пандаш ба дил-дар наяафтод банд.
Чу чора набуд, чандаш огоҳ кард,
Зи хешон-ш даҳ мард ҳамроҳ кард.
Бидон, то агар ҷангро рӯю соз
Набинанд, орандаш аз ҷанг боз.
Чӣ чиз омад ин меҳри фарзанду дард,
Ки бо неку бад ҳаст бо ҷон набард,
Чу набвад, дил аз бас ғамаш хун бувад,
Чу бошад, ғам он гоҳ афзун бувад.
Муғ аз ҳирбади мӯбадони куҳан
Зи Заҳҳок ронданд з-ин сон сухан,
Ки бе ҷодуӣ рӯз нагзоштӣ,
Зи Бобул басе ҷодувон доштӣ.

## 19. ТАРСОНИДАНИ ГАРШОСП АЗ ҶОДУӢ

Бифармуд, то аз шигифтӣ басе
Намуданд Гаршоспро ҳар касе.
Зи торикиву оташу боду абр,
Зи ғӯлу дижам дев в-аз шеру бабр.
Нашуд ҳеч аз он кунд гурди далер,
Гузашт аз миён ҳамчу ғурранда шер.
Чу зӣ аждаҳо монд як мил роҳ,
Бидиданд дар раҳ яке дидагоҳ.
Бар ӯ хонае аз гачу хорасанг,
Дараш оҳанин, роҳ душвору танг.
Хурӯшон зи бомаш яке дидадор,
Ки ай беҳушон, нест ҷон-тон ба кор.
Чӣ гардед эдар, чӣ ҷойи шумост,
К-аз он сӯ нишемангаҳи аждаҳост.
Агар з-он дара сар яке баркашад,
Ҳам ин ҷойгаҳтон ба дам даркашад.
Зи мардум бипардохт ин буму марз,
Ҳам аз чорпою ҳам аз киштварз.
Ман эдар бувам рӯзу шаб дидабон,
Чу ояд шаб, оташ кунам дарзамон,
Ки то ҳар кӣ бинад, гурезанд зуд,
Нишон аст шаб оташу рӯз дуд.
Сипаҳбад буд-ӯ гуфт: -Ҷояш куҷост?
Чӣ мояст болош, баргӯй рост!
Нишеман-ш, -гуфт, -ин шикаста дара,
Ки бинӣ пур аз дуду дам яксара.
Бад-ин хона ҳар гаҳ ки сояд бараш,
Зи болои девор бошад сараш.
Гурезед аз эдар, ки ногаҳ кунун,
Аз он кӯҳпоя сар орад бурун.
Гави паҳлавон гуфт: -Чандин магӯй,
Ман аз бахри ӯ омадам ҷангҷӯй.
Ҳам акнун бад-ин гурзаи садманӣ
Барорам-ш аз он чарми аҳриманӣ.
Бихобам танаш хор бар хок-бар,
Сараш баста орам ба фитрок-бар,
Бад-ӯ дидабон гуфт, к-ай гурди кин,
Гараш ҳеч бинӣ, нагӯйӣ чунин.
Бар ӯ коргар ханҷару тир нест,
Дамоҳанҷ кӯҳест, нахчир нест.

Насӯзад танаш з-оташу таффу тоб,
Зи дарёст худ, бим н-ояд-ш аз об.
Набинӣ, зи заҳраш ҷаҳон гашта рӯд,
Ҳама шах сиёҳу ҳама кӯҳ дуд.
Пазира машав маргро, зинҳор,
Мадеҳ хира ҷонро ба ғам, ҳуш дор!
Ҳамон даҳ диловар зи хешон-ш низ
Басе лоба карданду нашнуд чиз.
Зи тарёк лахте зи бими газанд
Бихӯрду гиреҳ кард бар зин каманд.
Мар он вижагонро ҳамон ҷо бимонд,
Ба Яздон паноҳиду бора биронд.
Даромад бад-он дарра он номдор,
Яке кӯҳи ҷунбон бидид ошкор.
Бар он пушта бар пуштсоён ба кин,
Зи печиданаш ҷунбиш андар замин.
Чу торик ғоре даҳан паҳну боз,
Ду яшкаш чу шохи гавазнон дароз.
Забону нафас - дуду оташ ба ҳам,
Даҳон - кӯраи оташу сина - дам.
Ба диди нафас дар ду чашмаш зи нур
Дурафшон чу дар шаб ситора зи дур.
Зи таффи даҳонаш дили хора мум,
Зи захри дамаш боди гетӣ самум.
Гиреҳ дар гиреҳ хамми дум то ба пушт,
Ҳама сар-ш чун хор мӯйи дурушт.
Пашиза-пашиза тан аз ранги нил,
Аз ӯ ҳар пашиза меҳ аз гӯши пил.
Гаҳе чун сипарҳо фигандиш боз,
Гаҳе ҳамчу ҷавшан кашидӣ фароз.
Ту гуфтӣ, ки буд ҷангие дар камин,
Танаш сар ба сар олати ҷангу кин.
Ҳама ком - теғу ҳама дум - камар,
Ҳама сар - синону ҳама тан - сипар.
Чу бар кӯҳ судӣ тани сангранг,
Ба фарсанг рафтӣ чакочоки санг.
Бибуд хира з-ӯ паҳлавони сутург,
Ба додор гуфт: -Ай Худои бузург,
Тавоноиву офариниш турост,
Ҳамесозӣ, он-ч аз тавонат сазост.
Кунӣ зинда ҳар гунагун мурдаро,
Диҳӣ тозагӣ хоки пажмурдаро.

Нигорӣ тани ҷонвар сад ҳазор,
К-аз эшон ду ҳамсон надорад нигор.
Зи дарё бад-ин гуна кӯҳ оварӣ,
Ҷаҳоне зи ранҷаш сутӯҳ оварӣ.
Ту деҳ бандаро зӯрмандиву фар,
Ки аз банда бе ту наёяд ҳунар.
Бигуфт ину зӣ чархи кин даст бурд,
Ба кӯшиш тану ҷон ба Яздон супурд.
Самандаш чу он зишт патёра дид,
Шамиду ҳаросиду андаррамид.
Назад гом, ҳарчанд баргошташ,
Пиёда шуд, аз даст бигзошташ.
Бари аждаҳо рафту бифрохт даст,
Хаданге бипайвасту бикшод шаст.

## 20. РАЗМИ ПАҲЛАВОН - ГАРШОСП БО АЖДАҲО ВА КУШТАНИ АЖДАҲО

Задаш бар гулӯ, кому мағзаш бидӯхт,
Зи пайкон ба захм оташ андарфурӯхт.
Чу бифрохт сар, дигаре зад ба хашм,
Зи хун чашма бикшодаш аз ҳар ду чашм.
Дамид аждаҳо ҳамчу абр аз ниҳеб,
Чу сел андаромад зи боло ба шеб.
Ба сина бидаррид ҳомун зи ҳам,
Сипар даррабуд аз диловар ба дам.
Задаш паҳлавон найзае бар зафар,
Синон-ш аз қафо рафт як раш бадар.
Думи аждаҳо шуд гусаста ба дард,
Барафшонд бо мавҷи хун заҳри зард.
Ба ком - андараш найзаи оҳанин,
Ба дандон чу сӯҳон биёзад ба кин.
Ба гурзи гарон ёхт марди далер,
Даромад хурӯшанда чун тунд шер.
Бад-он сон ҳаме зад-ш бо зӯру ҳанг,
Ки аз куҳ ба захмаш ҳамерехт санг.
Сару мағзаш омехт бо хоку хун,
Шуд он ҷонвари кӯҳи ҷангӣ нигун.
Ҳама ҷавшанаш з-он даму заҳри тез
Биҷӯшиду бар ҷой шуд рез-рез.
Замоне бияфтод беҳушу рой,
Чу омад ба ҳуш, рост бар шуд ба ҷой.

Биғалтид пеши Гарӯгар ба хок,
Ҳамегуфт, к-ай додфармои пок,
Зи туст ин тавони ман, аз зӯр нест,
Ки бе ту маро зӯри як мӯр нест.
Ҳама зӯру фарру тавону беҳӣ
Ту додию онро, ки хоҳӣ, диҳӣ.
Саворони ӯ ҳам бад-он дидагоҳ
Бари дидамон дида монда ба роҳ.
Самандаш бидиданд, к-аз танги кӯҳ
Биёмад давон в-аз давидан сутӯҳ.
Тани зарргун карда симин зи хай,
Кашон зину баргустувон зери пай.
Гумоншон чунон буд, ки шуд гурд гир,
Сиришкаш ҳама хун шуду рух зарир.
Фитоданд бар хок беҳушу тев,
Ҳамедоштанд аз ғами дил ғирев.
Дижам дидабон гуфт, к-ай беҳушон,
Чӣ гирйед аз ин аспу ин зин кашон.
Сипаҳбад ба доми дами аждаҳо
Агар мондӣ, аспаш нагаштӣ раҳо,
Ки ӯ асп андар таки зӯру раг
Зи фарсанг оҳу бигирад ба таг.
Дар ин сӯг буданду ғам яксара,
Ки Гаршосп зад наърае аз дара.
Ҳаме омад ошуфта чун пили маст,
Ба бозу камон, гурзу ханҷар ба даст.
Бад-он мужда аз дидабон хост ғев,
Давиданд пеши сипаҳдори нев.
Ҳамегуфт ҳар кас, ки Яздон сипос,
Ки растӣ ту аз ранҷу мо аз ҳарос.
Беозор боз омадӣ тандуруст,
Аз он аждаҳо кин набойист ҷуст.
Чу натвон зи душман баровард пӯст,
Аз ӯ сар ба сар чун раҳӣ ҳам, накӯст.
Яли нев гуфт: -Он ки бадхоҳи мост,
Чунон бод бечора, к-он аждаҳост.
Бирафтанду диданд ҳар кас, ки дид,
Бар-он дасту теғ офарин густарид.
Аз он марз бархост ҳар сӯ хурӯш,
Зи наззора кӯҳу дар омад ба ҷӯш.
Бар он аждаҳову яли номдор
Фузун гирд шуд мардум аз сад ҳазор.
Сипаҳбад ҳам он ҷо чу омад фуруд,
Шуд аз разм зӣ шодию базму руд.

## 21. ХАБАР ФИРИСТОДАНИ ГАРШОСП ПЕШИ ПАДАР

Фириста бурун кард гурде гузин,
Бидодаш ароби наванде ба зин:
Яке даштпаймои буррандароғ,
Ба дидору рафтор зоғу на зоғ.
Сияҳчашму гесӯфашу мушкдум,
Парирӯву оҳутагу гӯрсум,
Ки андоми маҳ тозишу чархгард,
Заминкӯбу дарёбуру раҳнавард.
Ба пастӣ чу кӯҳу ба боло чу абр,
Шиновар чу моғу диловар чу бабр.
Аз андешаи дил сабукпӯйтар,
Зи ройи хирадманд раҳҷӯйтар.
Чу шаб буд, валекин чу биштофтӣ,
Ба таг рӯзи бигзашта дарёфтӣ.
Ба гоме шумурдӣ куҳ аз рӯйи зӯр,
Бидидӣ шаб аз дур бар мӯйи мӯр.
Биҷастӣ ба як ҷастан аз рӯйи зам,
Бигаштӣ ба новард бар як дирам.
Чу бар об ҷустӣ чу бар кӯҳ роҳ,
Ба рӯз аз хур афзун шудӣ, шаб зи моҳ.
Бар ӯ муждабар чун раҳ андаргирифт,
Ҷаҳон гуфтӣ аз бод таг баргирифт.
Чунон шуд миёни ҳаво тирпӯй,
Ки чавгон будаш дасту хуршед гӯй.
Ҳамеҷаст чун тиру рафтори тир,
Зи наълаш замин чун зи бод обгир.
Фурӯ ҳишта паш чун зиреҳ бар инон,
Барафрошта гӯшҳо чун синон.
Ҳамебаст аз гарди таг чашми меҳр,
Ҳамекофт аз шиҳа гӯши сипеҳр.
Савораш аз ӯ боз н-овард пой,
Магар бар дари шоҳи Зобулхудой.
Расонид мужда ба шоҳи далер,
Ки бар аждаҳо чира шуд наррашер.
Зи шодӣ бар ӯ ҷон барафшонданд,
Бар он муждабар офарин хонданд.
Даҳонаш зи ёқут карданд пур,
Ду дасташ зи динору доман зи дур.
Ба шабранг-бар низ дебои лаъл
Фиганданду заррин-ш карданд наъл.
Чу борон дирам рехтанд аз бараш,
Гирифтанд дар мушки соро сараш.

Бирафтанд назди сипаҳбад сипоҳ,
Кашиданд пас аждаҳоро ба роҳ.
Зи гардун ба ҳам бисту аз пил панҷ
Буд аз бори он аждаҳо зери ранҷ.
Ҳама раҳ зи бас бори он кӯҳи нил
Зи гардун ҳама беш нолид пил.
Бузургон або Асрати сарфароз
Дирафшу сипаҳ пеш бурданд боз.
Зи кӯсу табира баромад хурӯш,
Ҷаҳон шуд пур аз ромишу ною нӯш.
Ҳама шаҳру раҳ буд пурхоста,
Ба озину гунбад биёроста.
Шуда кӯю барзан чу боғи Ирам,
Забар мушку дар пой резон дирам.
Пазира шуд аз шаҳр барнову пир,
Аз он аджаҳо хира в-аз захми тир.
Ба саҳро бурун чармаш оганда коҳ,
Ниҳоданд, то дид Заҳҳокшоҳ.
Бад-он хуррамӣ базме афганд пай,
К-аз он базм моҳ орзу кард май.
Бифармуд, к-имрӯз дил шодком
Ҳама ёди Гаршосп гиред ҷом.
Зиреҳ додашу хӯду заррин сипар,
Кулоҳу нигин, аспу теғу камар.
Ҳамон ҷавшани хешу хафтони ҷанг,
Ба харворҳо дебаи ранг-ранг.
Аз он к-аждаҳо кушту шерӣ намуд,
Дирафше чунон сохт, к-аз ҳар ду буд.
Ба зери дирафш аждаҳои сиёҳ,
Забар шери заррину бар сар-ш моҳ.
Замини ҳама Зовулу Буму Буст
Бад-ӯ доду бинвишт аҳде дуруст.
Ҷаҳонпаҳлавонӣ мар ӯро супурд,
В-аз он ҷой лашкар суйи Ҳинд бурд.
Мар ин достонро саранҷоми кор
Набиштанд ҳар кас дар он рӯзгор.
Ба руду раҳи ҷом бардоштанд,
Ба айвонҳо низ бингоштанд.

## 22. ҲАДИСИ БАҲУ, КИ БО МЕҲРОҶ ОСӢ ШУД ВА ХАБАР ЁФТАНИ ЗАҲҲОК

Аз он пас чу Заҳҳок шуд боз ҷой,
Нишасту назад ҷуз ба ором рой.

Шаҳе буд дар Ҳинд, Меҳроҷ ном,
Бузурге, ба ҳар ҷой густарда ком.
Баҳу ном хеше будаш дар сипоҳ,
Зи дасташ ба шаҳри Сарандеб шоҳ.
Ба Меҳроҷ ҳар гоҳ гуфтӣ, ки бахт
Туро дод тоҷи бузургиву тахт.
Туӣ шоҳи Каннуху ройи барин
Зи Ҳиндустон то ба дарёи Чин,
Хидеви дари Тиббиту ройи Ҳинд
Туӣ в-они Қаннуҷу дарёи Синд.
Чаро гум кунӣ гавҳари покро,
Диҳӣ ҳадяву бож Заҳҳокро?
На хурсандиву бурдборӣ зи мард
Ҳама нек бошад ба дармони дард.
Басе бурдборист, к-аз баддилист,
Басе низ хурсандӣ аз коҳилист.
Натарсам зи Заҳҳок ман рӯзи ҷанг,
Маро ҳаст аз ӯ, гар туро нест, нанг.
Миёншон бад-ин ҷангу пархош хост,
Сипаҳ нимае бар Баҳу гашт рост.
Ба Меҳроҷ-бар шуд ҷаҳон тангу тор,
Шикастанд лашкар-шро чанд бор.
Аз ин огаҳӣ назди Заҳҳок шуд,
Зи бас меҳри Меҳроҷ ғамнок шуд.

## 23. НОМАИ ЗАҲҲОК БА АСРАТ ВА ХОНДАНИ ПАҲЛАВОН – ГАРШОСПРО

Барошуфту фармуд, то бар ҳарир
Ба Асрат яке нома созад дабир.
Чу чашми қалам кард сурма зи қор,
Бибуд диданаш равшану дида тор.
Шуд он хома аз хатти гетифурӯз
Дили шаб нигоранда бар рӯйи рӯз.
Ба сони яке хурд гирён писар
Хурӯшону пӯёну ҷӯён падар.
Ба дաште - дар аз шӯра гум карда роҳ,
Зи гармо забон кафтаву рух сиёҳ.
Сари нома номи ҷаҳонбон навишт,
Худое, ки ӯ сохт ҳар хубу зишт.
Сарое чунин пурнигор офарид,
Тану рӯзию рӯзгор офарид.
Ба як банд ҳафт осмон баста кард,
Бад-ин гавҳарон кор пайваста кард.

Замин истода ба боди сипеҳр,
Ҳаме гирдгардон шуда моҳу меҳр.
Дигар гуфт, к-аз гашти чархем шод,
Ки бар мо дари шодкомӣ кушод.
Ба фармони мо гашт тоҷу нигин,
Ҳамон шоҳии ҳафт кишвар замин.
Чунон кеҳтарӣ додамон некбахт,
Сипар карда тан пеши ҳар кор сахт.
Кунун хост дар Ҳинд коре табоҳ,
Ки он ҷо ҳамебурд бояд сипоҳ.
Бад-ин чора Гаршосп бояд ҳаме
В-агар зуд н-ояд, нашояд ҳаме.
Ба гоҳи фиристаш басече масоз,
Ки ҳаст, он чи бояд, чу ояд фароз.
Зи мо лашкару созу ёриву чанг
В-аз ӯ мардию кингузориву ҷанг.
Чунон кун, к-аз ин нома як нима беш
Нахонда ба вай, к-ӯ гирад роҳ пеш.
Чунон боз посух расон бедаранг,
Ки овоз боз ояд аз кӯҳи санг.
Чу нома ба номовар Асрат расид,
Замоне ба андеша дам даркашид.
Ба Гаршосп гуфт: -Ай ҳижабри жаён,
Чӣ гӯйӣ, бад-он ҷанг бандӣ миён?
Битарсам, ки ҷойе басечӣ зи бахт,
Ки ҳам роҳ дур асту ҳам кор сахт.
Ҷаҳонпаҳлавон гуфт, к-ай пурҳунар,
Ба ҷуз ҷангу кин ман чӣ хоҳам дигар?
Маро Эзид аз баҳри ҷанг офарид,
Чӣ пояд, ки ҷанг омад акнун падид.
Чунин ёлу бозую ин зӯру бурз
Нашояд, ки осояд аз теғу гурз.
Сипоҳӣ, ки ҷонаш гиромӣ бувад,
Аз ӯ нанг хезад, на номӣ бувад.
Кас ар дидаме ман сазои шаҳӣ,
Аз ин морфаш кардаме ҷо тиҳӣ.
Валекин чу кас менаёяд ба даст,
Битарсам, ки бошад батар з-ин, ки ҳаст.
Саранҷом бо подшо беҳ ҷаҳон,
Агарчанд бад бошаду бадниҳон.
Зи фармони шаҳ нангу беғора нест,
Ба ҳар рӯй кеҳро зи меҳ чора нест.
Бувад подшаҳ сояи Кирдгор,
Бе ӯ подшоҳӣ наёяд ба кор.

## 24. ПАНД ДОДАНИ АСРАТ ГАРШОСПРО

Бад-ӯ гуфт, к-аз бад гумон баргусил,
Ба андеша бедор кун чашму дил.
Чу дониш надорӣ ба коре-дарун,
Набошад туро чора аз раҳнамун.
Ту даргоҳи шоҳон надидастӣ эч,
Шунав панд, пас кори рафтан басеч.
Бари ин ҷаҳон доддеҳ подшост,
Дигар мардуми пок донои рост.
Зи ҳар даргаҳ он аст башкӯҳтар,
Ки аз номдорон пуранбӯҳтар.
Ба даргоҳи шаҳ номдорон басанд,
Чу ту на валекин саворон басанд.
Бидон, к-аз ҳама чизҳо ошкор
Бигардад сабуктар дили шаҳрёр.
Дами подшоҳон умед асту бим,
Якеро самуму дигарро насим.
Чу чарх аст кирдорашон гирдгард,
Яке шод з-эшон, яке пур зи дард.
Чу рафтӣ бари шаҳ, парастанда бош,
Камарбаста фармон-шро банда бош.
Чунон кун, ки ҳар кас, ки наздики ӯст,
Ба родӣ шавад бо ту дилсӯзу дӯст.
Агарчи надорӣ гунаҳ назди шоҳ,
Чунон бош пешаш, ки марди гуноҳ.
Ба ҳар кор бар вай далерӣ макун,
Магӯ пеши ӯ чун ҳамолон сухун.
Бипарҳез аз ӯ бар бад оростан,
Ҳам аз орзуи касон хостан.
Агарчанд густох дорад-т пеш,
Чунон тарс аз ӯ, к-аз бадандеши хеш.
Манеҳ пеши ӯ дар гаҳи хашм пой,
Чу хашм аз ту дорад, ту пӯзиш намой.
Зиёнаш махоҳ аз паси суди кас,
Ба кораш - дарун ростӣ ҷӯю бас.
Зи кирдор гуфтор бармагзарон,
Магӯ, он чи дониш надорӣ дар он.
Ба ҳар некияш дор сесад сипос,
Ҳам андак деҳиш з-ӯ фаровон шинос.
Ба хубон-ш бар-дида магмор ҳеч
В-аз он раҳ, ки фармуда бошад, мапеч.

Чу чизеш хоҳию надҳад, матоб!
Мабар б-оташин хашмаш аз рӯят об!
Ҳама хӯю кирдори ӯроситой,
Ҳамон душманашро накӯҳиш физой.
Ба дил дӯстони варо дор дӯст,
Махоҳ аз бун онро, ки бадхоҳи ӯст.
Зи сустӣ мадон, гар бувад некмард,
Ки донад чу некӣ бадӣ низ кард.
Мабин нармии пушти шамшери тез,
Гузораш нигар гоҳи хашму ситез.
Ту аз бурдборон ба дил тарс дор,
Ки аз тунд дар кин батар бурдбор.
Магардон дурӯғ, он чи гӯяд сухун,
В-аз он чи-т бипурсад, ниҳон з-ӯ макун.
Гарат чизе андархури шаҳрёр
Фузунӣ бувад в-ояд ӯро ба кор.
Бад-ӯ бахш, ҳарчанд дориш дӯст,
Ки низ он чи алфағдӣ, аз ҷоҳи ӯст.
Набояд шуд аз хандаи шаҳ далер,
На ханда-ст дандон намудан зи шер.
Чу дарё намояд-т дурри хушоб,
Ҳамеҷӯй дурру ҳаметарс аз об.
Агарчи парастӣ варо бешумор,
Бар ӯ-бармакун нозу кашшӣ маёр,
Ки гар хоҳад ӯ, чун ту ёбад басе,
Диҳад ҷою ҷоҳат ба дигар касе.
Мазан фоли бад пешаш аз ҳеч сон,
Баду неки розаш магӯ бо касон.
Ҳар он гаҳ, ки корет фармуд шоҳ,
Дар он вақт ҳеч орзу з-ӯ махоҳ.
Чунонаш намой аз дили росҳҷӯй,
Ки аз вай ту гирӣ ҳаме рангу бӯй.
Ба нахчиргоҳу сафи разму кин
Магир аз бараш дур гоме замин.
Гар аз ҷоҳ бошӣ сари анҷуман,
Ту он гоҳ аз ӯ дон, на аз хештан.
Чу фарҳанге омӯзияш, нарм бош,
Ба гуфтор бо шарму озарм бош.
Бидон, то ту бо базм бошию сур,
Магар аз парастидани шоҳ дур.
Чу наздаш ба вай баста кун чашму гӯш,
Бар ӯ ҷуз ба нармизабонӣ макӯш.
Зи касҳои ӯ бад марон пеши ӯй,
Суханҳо, ҷуз он, к-аш хуш ояд, магӯй!

Раҳӣ в-аспу оройиши фаршу соз,
Зи ҳар сон, ки дорад шаҳи сарфароз,
Ту з-он сон мадор, ар зи кор огаҳӣ.
Ки бо шаҳ баробар нашояд раҳӣ,
Ки чандин раҳиро бибояд гуҳар,
Нигар, шоҳро чанд бояд дигар.
Зи кеҳтар парастидану хушхуист,
Зи меҳтар навозидану некуист.
Чунин панд бисёр дорам зи бар,
Ту гардидаӣ худ фазое дигар.

## 25. РАФТАНИ ГАРШОСП БА НАЗДИ ЗАҲҲОК

Сипаҳбад чу пандаш сар омад, шунуд,
Пазируфту раҳро пасечид зуд.
Ҳазор аз яли найзазан зобулӣ
Гузин кард бо ханҷари кобулӣ.
Ялоне диловар ҳазор аз шумор,
Валекин гаҳи ҷанг ҳар як ҳазор.
Ҳама чархноварду ахтарсинон,
Ҳама ҳамларо бо замон ҳаминон.
Раҳу рояшон базму кин сохтан,
Ҳаво резиши хуну хай тохтан.
Зиреҳ ҷомашон, рӯзу шаб ҷой зин,
Замин пушти асп, осмон гарди кин.
Бизад ною лашкар суйи шоҳ бурд,
Ба роҳ аз шудан гард бар моҳ бурд.
Ду манзил падар буд-ш ромишфазой,
Варо кард бадруду шуд боз ҷой.
Ба дижҳухти Ганг омад аз роҳи Шом,
Ки хонӣ-ш Байтулмуқаддас ба ном.
Бад он гаҳ ки Заҳҳок буд подшо,
Ҳамехонд он хонаро Элиё.
Чу бишнид, к-омад сипаҳбад зи роҳ,
Ба наввӣ биёрост айвону гоҳ.
Ҳама лашкару кӯсу болову пил
Пазира фиристод бар чанд мил.
Чу омад, нишондаш бари тахт шод,
Яке ҳафта буд бо маю рӯду бод.
Гуҳар додашу чиз чандон зи ганҷ,
Ки монд аз шумораш муҳандис ба ранҷ.
Сари ҳафта гуфто: -Суйи Ҳинд зуд
Ба ёрии Меҳроҷ баркаш чу дуд.

Сарандеб бар гарду кин соз кун,
Зи кин гӯши кишвар пуровоз кун.
Баҳуро бибанду ҳамон ҷо бидор,
Ба даргоҳи Меҳроҷ бар кун ба дор.
В-агар Чин шавад ёри Ҳиндустон,
Ту мардӣ куну кин зи ҳар ду ситон.
Гарат ганҷ бояд, ба тан ранҷ бар,
Ки дар ранҷи тан ёбӣ аз ганҷ бар.
Бифармудаам, то ба дарё канор
Биёранд киштӣ дубора ҳазор.
Меҳон пӯшиши лашкару хӯрду соз
Ба ҳар манзиле пешат оранд боз.
Чу сесад ҳазор аз ялони сутург
Гузидам диловар сипоҳе бузург.
Гави паҳлавон гуфт: -Чандин сипоҳ
Набояд, ки душхору дур аст роҳ.
Маро лашкаре, к-озмун кардаам,
Ҳамин бас, ки аз Зовул овардаам.
Сипоҳ асту соз асту мардони мард,
Дигар кори бахт аст рӯзи набард.
Кайи номвар гуфт, к-ай ҷангҷӯй,
Бад-ин лашкар он ҷо шудан нест рӯй,
Ки дорад Баҳу гурди резандахун,
Дубора ҳазорон ҳазорон фузун.
Ба лашкар бувад ному нерӯи шоҳ,
Сипаҳбад чӣ бошад, чу набвад сипоҳ!
Зи ганҷ он чи бояд, ҳама бор кун,
Гарон лашкареро ба худ ёр кун.
Дил аз дерии кор ғамгин мадор,
Ту некӣ талаб кун, на зудӣ зи кор.
Сипаҳбад куноранги гурдони гурд
Даҳу ду ҳазор аз ялон баршумурд.
Гузида ҳама кордида гавон,
Сари ҳар ҳазоре яке паҳлавон.
Ба ҳар сад саворе дирафше дигар,
Дигаргуна созу силеҳу сипар.
В-аз он найзадорони зовулгурӯҳ
Биёрост зебо сипоҳе чу кӯҳ.
Каманду камон додашон сози ҷанг,
Зиреҳ зеру з-афзор чарми паланг.
Зи баҳри нишон баста бар найза мӯй,
Ба пӯлоди яклухт пӯшида рӯй.
Ҳаюни дукӯҳа дигар шаш ҳазор
Ҳама борашон олати корзор.

Зи раҳ гард бархост в-аз шаҳр ҷӯш,
Зи мӯҳра фиғон в-аз табира хурӯш.
Бурун шуд сипоҳе, ки болову шеб
Биҷунбиду дарё бибаст аз ниҳеб.
Сипоҳе чу якке дурафшон сипеҳр,
Ки бошад мар ӯро зи пӯлод чеҳр.
Буруҷаш ҳама гуна-гуна дирафш,
Ситора ҳама теғҳои бунафш.
Ҷаҳон, гуфтӣ, аз гурзу аз теғ шуд,
Чу дарё замин, гард чун меғ шуд.
Синонҳо ҳамекард дар гард тоб,
Чу оташ забона-забона дар об.
Зи бас хишту ҷавшан, ки буд дар сипоҳ,
Зи бас тарги заррин чу тобанда моҳ,
Ҳаво, гуфтӣ аз акс шуд заррпӯш,
Замин сим шуд поку омад ба ҷӯш.
Чунин ҳар яке ҳамчу шери яла
Ҳамерафту шуд то ба шаҳри Кала.
Ба дарёст ин шаҳр пайваста боз,
Гузаргоҳи киштист, к-ояд фароз.
Чунон шуд, ҳама кор буд сохта,
Ба киштӣ нишастанд пардохта.
Ба шашмоҳа яксола раҳ барнавашт,
Беозору хуррам ба хушкӣ гузашт.
Ҳамон ҳафта, к-ӯ рафт, Меҳроҷшоҳ
Зи дасти Баҳу ҷаста буд бо сипоҳ.
Яке шаҳр будаш дилорому х/в/аш,
Дарозову паҳнош фарсанг шаш.
Ҳамекард кори дижу бора рост,
Сипаҳро ба шаҳр-андарун бурд хост.
Чу бишнид, к-омад яле сарфароз,
Бурун зад саропардаву хайма боз,
Ҳама лашкару пилу болои хеш
Ба шодӣ пазира фиристод пеш.
Пиёда ба даҳлези пардасарой
Биёмад, яке чатр бар сар ба пой.
Нишондаш бари хешу бар пешгоҳ,
Бипурсидаш аз шоҳу аз ранҷи роҳ.
Нишастангаҳаш буд саропарда ҳафт,
Ҳама гунагун дебаи заррбафт.
Дар ӯ шаш сутун хаймаи нилгун,
Зи симаш ҳама меху аз зар сутун.
Зи гавҳар ҳама рӯйи ӯ чун сипеҳр
Ситора нигоридаву моҳ меҳр.

Бигустарда фарше зи дебои Чин,
Бар ӯ пайкара ҳафт кишвар замин.
Яке тахти пирӯза ҳамранги Нил,
Зи ду сӯйи тахт истода ду пил.
Тани пил ёқути рахшон чу ҳур,
Забарҷад-ш хартуму дандон булӯр.
Зи дурру зи беҷода ду шер зер,
Ҳамон тахтро поя бар пушти шер.
Фарозаш яке нағз товуси нар,
Тирозида чун гуна-гуна гуҳар.
Ба ҳар соате, к-аз шабу рӯз кам
Бибудӣ, шудӣ тахт ҷунбон зи ҳам.
Бичастандӣ он наррашерон ба пой,
Ба сар тахт бардоштандӣ зи ҷой.
Ниҳодӣ ду-се пил зӣ шоҳ пай,
Яке нуқл додӣ, яке ҷоми май.
Канизе бурун тохтӣ зери тахт,
Ба боғе - дарун, зери заррин дарахт,
Ба пой истодиву бурдӣ намоз,
Задӣ чангу рафтӣ суйи тахт боз.
Зи бар парри товус бифрохтӣ,
Ба бонг омадӣ, ҷилва барсохтӣ.
Зи дум рехтӣ гарди кофури хушк,
Зи минқор ёқуту аз парр мушк.
Дар ин базмгаҳ шодӣ оростанд,
Меҳонро бихонданду май хостанд.
Намуданд меҳру фузуданд ком,
Гузиданд боду гирифтанд ҷом.
Ҳаво шуд зи бас дуди уд обнӯс,
Замин чун лаби дилбарон ҷойи бӯс.
Зи бас билбила гунаи гул гирифт,
Баму зер овои булбул гирифт.
Ба дасти сиёҳон майи чун чароғ
Ҳаметофт чун лола дар чанги зоғ.
Ба хирман фурӯ рехт Меҳроҷ зар,
Ба хирвор динору дурру гуҳар.
Саросар ба Гаршосп в-эрониён
Бибахшид в-он кас, ки буд аз меҳон.
Яке ҳафта з-ин сон ба базми шаҳӣ
Ҳамекард ҳар рӯз ганҷе тиҳӣ.
Бипурсид Гаршосп, к-ай шоҳи рост,
Сипоҳи Баҳу чанду акнун куҷост?

Бад-ӯ гуфт: -Мардони ҷангиш пеш
Дубора ҳазорон ҳазоранд беш.
Даҳу шаш ҳазоранд пили набард,
Ки бар маҳ зи моҳӣ бароранд гард.
Аз он жандапилон даҳу ду ҳазор
Зи ман бистадаш дар гаҳи корзор.
Кунун бо сипаҳ кинахоҳ омадаст,
Ба наздики як ҳафта роҳ омадаст.
Сипаҳдор гуфто: -Чӣ созӣ даранг?
Биёрой рафтан пазира ба ҷанг!
На некӯ бувад баддилӣ шоҳро,
На бигзоштан хор бадхоҳро,
Чӣ кишвар шавад пур зи бедоду кин,
Бувад ҳамчу беморе андӯҳгин.
Набошад пизишкаш касе ҷуз ки шоҳ,
Ки дармон-ш созад ба ганҷу сипоҳ.
Ман эдар ба пайкону разм омадам,
На аз баҳри шодиву базм омадам.
Чу бар ҳуши майхора май чир шуд,
Саронро сар аз хуррамӣ зер шуд.
Ҷаҳонпаҳлавон маст бо кому ноз
Ба лашкаргаҳи хештан рафт боз.
Бад-он сарварон гуфт Меҳроҷшоҳ:
-Чӣ созам, ки бас андак аст ин сипоҳ?
Ба ҳар як аз эшон зи душман ҳазор
Ҳамоно бувад, гар биҷӯйӣ шумор.
Бузургон-ш гуфтанд, к-аз бешу кам
Агар бахт ёвар бувад, нест ғам.
Гаҳи разм пирӯзӣ аз ахтар аст,
На аз ганҷи бисёру аз лашкар аст.
Бас андак сипоҳо, ки рӯзи набард
Зи бисёр лашкар баровард гард.
Чу лашкар бувад андаку ёр бахт,
Беҳ аз бекарон лашкару кор сахт.
Сипоҳест ин, к-осмону замин
Битарсад зи пайкорашон рӯзи кин.
Кас ин паҳлавонро ҳамовард нест,
Ҳама лашкар ӯро яке мард нест.
Ба нӯги синон баргирад жандапил,
Ба теғ оташ орад зи дарёи Нил.
Ба як мард гардад шикаста сипоҳ,
Ҳам эдун-ш як мард дорад нигоҳ.
Яке марди нек аз дари корзор
Ба ҷанг - андарун беҳ зи баддил ҳазор.

Ба сад лоба Заҳҳок аз ӯ хостаст,
Ки ин моя лашкар биёростаст,
Вагарна ҳаме ӯ зи гурдони хеш
Фузун аз ҳазорон наёвард беш.
Мар он аждаҳоро ба гурдию бурз
Шунидӣ, ки чун кӯфт гардан ба гурз.
Бибуд шоду Меҳроҷ лашкар бихост,
Ба як ҳафта кори сипаҳ кард рост.
Бурун бурд лашкар, чу бойист бурд,
Ҳам эдун бурун шуд сипаҳдори гурд.
Талоя ба пеш - андар эрониён
Буна аз пасу лашкар андар миён.
Сипаҳбад бари кӯҳе омад фуруд,
Ки буд марғзору найистону рӯд.
Дижам гашт Меҳроҷ, к-омад фароз,
Чунин гуфт, к-ай гурди гарданфароз,
Дар ин беша з-ин беш магзор гом,
Ки бабри жаён дорад ин ҷо куном.
Дижогаҳ даде саҳмгин мункар аст,
Ба зӯру дил аз ҳар дад он бартар аст.
Рамад шер з-ӯ, ҳар куҷо бигзарад,
Ба як захм пили жаён бишкарад.
Чунон достон омад аз гуфти шер,
Ки шоҳи дадон аст бабри далер.
Гави паҳлавон гуфт: -Шояд равост,
Ки дерест, то ҷанги бабрам ҳавост.
Ҳам акнун ба пешат шикор оварам,
Чу бо гурзи кин корзор оварам.
Надонӣ, ки шоҳи дадон сар ба сар
Бари шоҳмардон надорад ҳунар.
Бигуфт ину бо гурзу тиру камон
Суйи бабр ҷустан шуд андар замон.
Бигашт он ҳама марғу гандобу най,
Надид аз дадон ҳеч, ҷуз доғ пай.
Чу рӯйи хур аз бими шаб зард шуд,
Зи гардун сари рӯз пургард шуд.
Биёмад суйи хайма ҳангоми хоб
Зи нодидани бабр пурхашму тоб.

## 26. ҶАНГИ ГАРШОСП БО БАБРИ ЖАЁН

Хур аз куҳ чу афрохт зарин кулоҳ,
Шаб аз сар биёндохт шаъри сиёҳ,
Сипоҳ аз лаби рӯд бардоштанд,
Чу як нима з-он беша бигзоштанд.

Ғави пешрав хост андар замон,
Ки омад ба раҳ чор бабри дамон.
Сипаҳбад ҳамеронд бар пил рост,
Чу дидор шуд, аспу хафтон бихост.
Ба шабранг шӯлак даровард пой,
Гаройид бо гурз гарде зи ҷой.
Биғуррид чун тундар андар баҳор,
Ба кин рӯй бинҳод бар ҳар чаҳор.
Ба пеш андаромад яке тунд бабр,
Ҷаҳон чун дурахшу хурӯшон чу абр.
Ду чашмаш зи кин чашмаи хун шуда,
Зи дунбол гардаш ба ҳомун шуда.
Сари чанг чун суфт алмоси тез,
Чу сӯзан ҳама мӯй пеш аз ситез.
Хамонида дум чун камоне зи қир,
Ҳама нӯки дандон чу пайкони тир.
Дарафканда бонгаш ба ҳомун мағок,
Зи кафкаш чу қатрон шуда рӯйи хок.
Зи дандон ҳамерехт оташ ба ҷанг,
Зи хоро ҳамекард сӯҳон ба чанг.
Яке панҷа рони таковар бибурд,
Бизад бар замин, гарданаш кард хурд.
Яке гурз зад паҳлавон бар сараш,
Ки зери замин бурд ниме бараш.
Ба дигар шуду зад-ш захме дурушт,
Чунон, к-аш зи сина бурун бурд пушт.
Севум бабр тез андаромад ба хашм,
Зи бас хашм чун лола бикшод чашм.
Ба дасте гирифташ қафо ялфикан,
Ба дасте кашидаш забон аз даҳан.
Ба зери лагад пок мағзаш бирехт,
Чаҳорум давон сӯйи беша гурехт.
Бияндохт гурз аз пасаш паҳлавон,
Шикасташ ду пою бару паҳлувон.
Зи мағзи дадон чун баровард дуд,
Пиёда суйи беша биштофт зуд.
Дигар низ бисёр ҷусту наёфт,
Чу бишнид Меҳроҷ, аз он сӯ шитофт.
Бибуд хира з-он дасту з-он дастбурд,
Гирифт офарин бар сипаҳдори гурд.
Кашиданд наздики душман сипоҳ,
Расиданд ҳар ду ба як рӯз роҳ.
Сипаҳбад бизад хайма, омад фуруд,
Зи ҳар сӯ талоя барафканд зуд.

Ба назди Баҳу номае кингузор
Бифармуд пурхашму пур корзор.

## 27. НОМА ФИРИСТОДАНИ ГАРШОСП БА НАЗДИ БАҲУ

Дабир аз қалам абр анқос кард,
Сухан дурру андеша алмос кард.
Дарахти гули диниш аз ҷӯйи мушк
Ҳамекофт бар дашт кофури хушк.
Нахуст аз ҷаҳонофарин кард ёд,
Ки донои роз асту донои дод.
Ҷаҳон з-ӯст пур пайкари хубу зишт,
Равонро тан ӯ доду танро сиришт.
Зи хуршед мар рӯзро моя кард,
Шаби қиргун хокро соя кард.
Замин баста бар нуқтаи кори ӯст,
Таки чарх бар пӯя паргори ӯст.
Зи фармон-ш буд гетиву ҳар чӣ хост,
Набуду набошад, ҳар он-ч ӯ нахост.
Дигар гуфт, к-ин номаи пандманд
Фиристода шуд ҳам ба кин, ҳам ба панд.
Зи Гаршосп - гурди ҷаҳонпаҳлавон,
Сипаҳдори Эрону пушти гавон.
Ба наздики он, к-аш хирад нест баҳр,
Баҳу - кордори Сарандебшаҳр.
Ту, ай зоғчеҳри бадандеши суст,
Ҳаме хештанро надонӣ дуруст.
Бузургӣ туро шоҳ Меҳроҷ дод,
Ҳам аврангу ҳам чатру ҳам тоҷ дод.
Кунун сар бароҳехтӣ аз банди хеш,
Бурун омадӣ бар худованди хеш.
Раҳӣ то набошад баду баднажод,
Худовандро бад нахоҳад зиёд.
На бас, к-ат шаҳӣ доду будӣ раҳӣ,
К-аз ӯ низ хоҳӣ рабудан шаҳӣ.
Наҳангӣ ту, к-андар накӯ доштан,
Мукофо надонӣ ҷуз авбоштан.
Аз ӯ он сазид, аз ту ин бад, ки буд,
Ки аз мушк бӯй ояд, аз коҳ дуд.
Дусад бор агар мис ба оташ - дарун
Гузорӣ, аз ӯ зар наёяд бурун.
Кунун ман бад-он омадам бо сипоҳ,
Ки ойӣ ба даргоҳи Меҳроҷшоҳ.

Ба пӯзиш кунӣ бегуноҳӣ дуруст,
Ҳамон банда бошӣ, ки будӣ нахуст.
Бияндозӣ ин теғи тундӣ зи даст,
Бипечӣ инон аз баландӣ ба паст.
В-агар н-ойиву кинахоҳӣ кунӣ,
Набошӣ раҳӣ, тамъи шоҳӣ кунӣ.
Яке шоҳ гардонамат тирабахт,
Ки каргас бувад тоҷату дор тахт.
Забарҷоят аз санг борон кунам,
Нисорат хаданги саворон кунам.
Яке ҷома пӯшам-т бе пуду тор,
Ки гардаш бувад пайкару хун нигор.
Сипеҳр ар кунад хештан миғфарат,
Ҳам ӯ нарҳад аз теғи ман, ҳам сарат.
Ялонанд бо ман, ки гоҳи ситез
Бувад наздашон марг беҳ аз гурез.
Ба шамшер аз беша шер оваранд,
Ба пайкон маҳ аз чарх зер оваранд.
Натобанд рӯй аз набард андаке,
Ҳазор аз шумо гурду з-эшон яке.
Ба ҷанги шумо худ набояд касам,
Ки ман бо шумо пок танҳо басам.
Замона бигардад зи ман дар набард,
Аз он пеш, к-аш гӯям аз роҳ гард.
Кунун з-ин ду бигзин яке ногузир,
Агар бандагӣ кардан, ар доругир.
Фиристодаву нома ҳам дар замон
Фиристод бо ҳиндуи тарҷумон.
Баҳу нома чун дид, шуд пурситез,
Забонро ба дашном бикшод тез.
Сари тарҷумон канду бар дор кард,
Ба силӣ фиристодаро хор кард.
Бад-ӯ гуфт: -Меҳроҷро шав, бигӯй:
Дигарбора боз омадӣ ҷангҷӯй?
Ба хуршеду дини бутони нахуст,
Ба гӯру пайи Одаму буму руст,
Ки бар хун биронам кату афсарат,
Барам зӣ Сарандеб бетан сарат.
Ҳаме лашкар ангез аз Эрон кунӣ,
Ба рӯбаҳ ҳаме ҷанги шерон кунӣ.
Бибин, бар синон карда сар-шон кунун,
Тан афганда дар пойи пилон нигун.
Зи Гаршосп гуфтор дорам дареғ,
Зи ман посухаш нест ҷуз гурзу теғ.

Фириста шуду ҳар чӣ диду шунид,
Намуду бигуфт, он чи бар вай расид.
Сипаҳбад барошуфту зад кӯси ҷанг,
Сипаҳ ронд то назди бадхоҳ танг.

## 28. ҶАНГИ АВВАЛИ ГАРШОСП БО ЛАШКАРИ БАҲУ

Бад-ӯ гуфт Меҳроҷ, к-ай сарфароз,
Бимон, то сипаҳ яксар орам фароз.
Яли нев гуфто: -Набояд сипоҳ,
Ту бар теғи кӯҳ рав, ҳаме кун нигоҳ.
Дилу гурзу бозу маро ёр бас,
Нахоҳам ҷуз Эзид нигаҳдор кас.
Ба гурдон-ш гуфто: -Чӣ шуд разм танг,
Бад-ин говтозон намоянд ҷанг?
Ки тарсидагонанд гоҳи ситез,
Ҳамеша зи хайли Баҳу дар гурез.
Занонанд дар пеши мардони мард,
Бувад аспашон гов рӯзи набард.
Ҳам андар бари кӯҳ рада баркашид,
Сазо ҷойи даҳ паҳлавон баргузид:
Суйи рост Озаршану Бурзаҳам,
Суйи чап чу Баҳпуру Арфаш ба ҳам.
Паси саф ба Меҳёру Сунбон супурд,
Камингаҳ ба Нушвону Гурдоби гурд.
Ҳижабру Гирохун зи зовулгурӯҳ
Ситоданд дар қалб ҳар як чу кӯҳ.
Баҳу чун сипаҳ дид, к-ошуфтанд,
Бифармуд, то кӯси кин кӯфтанд.
Будаш чор солор чун чор дев,
Чу Аҷрову Митар, чу Тӯполу Тев.
Чу пилон ҳазор, аз ялон сад ҳазор
Ба ҳар як супурд аз пайи корзор.
Кашида шуд аз саффи пилони маст,
Яке бора даҳ мил пӯлодбаст.
Биҷӯшид Ҳинду паси саффи пил
Чу дарёи қир аз паси кӯҳи нил.
Ҳама ҳамчу девони дӯзах сипоҳ,
Ба даст оташу тан чу дуди сиёҳ,
Ба чеҳра чу ангишт ҳар як ба ранг,
Валекин ба тезӣ чу оташ ба ҷанг.
Зи бас ҳиндуанбӯҳ чун хайли зоғ,
Зи бас хишту ханҷар чу рахшон чароғ.

Яке беша буд, гуфтӣ, аз обнӯс,
Ҳама шохаш алмосу бар сандарӯс.
Далерони Эрон бурун тохтанд,
Ҷудо ҳар яке ҷанг барсохтанд.
Зи як даст Беҳдуру Аҷро ба ҳам,
Зи дасти дигар Митару Бурзаҳам.
Миён - андарун Арфаши шерфаш
Суйи Теву Тӯпол шуд кинакаш.
Баромад диҳу афгану гиру рав,
Ғиревидани кӯси пайкору ғав.
Тафи наъли аспон замин барфурӯхт,
Ба дарё синон чашми моҳӣ бисӯхт.
Ҳаво парри товус гашт аз дирафш,
Шуд аз таргу аз теғ ҳомун бунафш.
Дами ной бархост чун растахез,
Синон марги осударо гуфт: -Хез!
Қазо бо сари найза анбоз гашт,
Наҳанги балоро даҳан боз гашт.
Шилу хишт парвози шоҳин гирифт,
Зи борони хун кӯҳу дар ҳин гирифт.
Замин ҳамчу дарё шуд аз ҷӯши мард,
Ки мавҷаш ҳама хун буду меғ гард.
Дар ӯ марг ҳамчун наҳанги дижам
Ҳаме ҷон кашид аз далерон ба дам.
Зи сандуқи пил азбас оташ, ки рехт,
Ту гуфтӣ, ҳаме абр беҷода бехт.
Зи ҳар сӯ ба гирдоб хун шуд ҳаме,
Надонист гардун, ки чун шуд ҳаме.
Сипаҳбад ҳамон чарху тираш бихост,
Ки пеш аз пайи аждаҳо кард рост.
Бияфганд даҳ тир аз он ҳам ба ҷой,
Ба ҳар тир пиле фиганд ӯ зи пой.
Барангехт пас чармаи гармхез,
Бияфганд дар ҳиндувон растахез.
Ба ханҷар зи сарҳо ҳамерехт тарг,
Чу боди хазон резад аз шох барг.
Зи теғаш ҳаме лаъл шуд боду гард,
Зи гурзаш ҳаме пахш шуд аспу мард.
Камандаш чу киштӣ ба кин кам шумар,
Шудӣ ҳар хамаш гирди даҳ тан камар.
Куҷо гурзаш аз даст раста шудӣ,
Се тан куштаву чор хаста шудӣ.

Ба захме куҷо найза баргоштӣ,
Задӣ бар яке, бар се бигзоштӣ.
Чиҳил аспи баргустувондор буд,
Ки бар ҳар якаш разму пайкор буд.
Бар он ҳар чиҳил наъл фарсуда шуд,
На сер ӯ зи кӯшиш, на осуда шуд.
Саранҷом дар разми он размҷӯй
Ҳама монда буданду осуда ӯй.
Ба ҳар ҳиндуе, к-ӯ рабудӣ зи зин,
Ба ҳар пил, к-афгандӣ аз хашму кин,
Ғави лашкару кӯси Меҳроҷшоҳ
Расидӣ аз он кӯҳ бар чархи моҳ.
Даромад дамон жандапиле дижам,
Чу тундаждаҳо дода хартум хам.
Баровехт бо паҳлавони далер,
Даровард хартум дар гирди шер.
Бикӯшид, к-аш баррабояд зи зин,
Наҷунбид бар зин савори гузин.
Бароҳехт хартуми пил аз зireҳ,
Бипечид, чун ришта, барзад гиреҳ.
Ба гурзаш чунон кӯфт захме дурушт,
К-аш андар шикам рехт мӯҳра зи пушт.
Бар-он лашкар аз кин биборид марг,
Ҳамекӯфт гурзу ҳамекофт тарг.
Гаҳе рехт хуну гаҳ ангехт гард,
Гаҳе хаст пилу гаҳе кушт мард.
Рабуд он сипаҳро зи болову паст,
Ба пардасарои Баҳу баршикаст.
Ба як ҳамла сад пил бар ҳам фиканд,
Ба найза чиҳил хайма аз бун биканд.
Зи Гаршосп назди Баҳу шуд хабар,
Ки танҳо сипаҳ кард зеру забар.
Бурун шуд Баҳу, дид ҳар сӯ гурез,
Чапу рост бархоста растахез.
Ҳаво ҷойи хоку замин ҷойи хун,
Рамон жандапилону гурдон нигун.
Чӣ мард аст, -гуфт, -ин ҳунарманди гурд,
Ҳунарҳош, -гуфтанд, -натвон шумурд.
Яке кӯдаки наврасидаст, з-ӯш
Ҳанӯзаш нагаштаст гул мушкпӯш.
Тани пил дорад, миёни паланг,
Дилу заҳраи шеру саҳми наҳанг.
Ба ҳар тир пиле ҳаме бифганад,
Бар ҳар ҳамлае лашкаре бишканад.

Биёмад кунун то саропарда тафт,
Ялонро ҳама кушту афганду рафт.
Зи тираш яке пеши ӯ тохтанд,
Зи хиште гарон боз нашнохтанд.
Басе гурди хиштафган омад ба пеш,
Кас онро зада гом н-афганд беш.
Баҳу гашт тарсону пайдо накард,
Чунин гуфт, к-имрӯз буд боду гард,
Аз эрониён кас нашуд чирдаст,
Ки бар мо зи пилони мо буд шикаст.
Раҳи разми фардо дигаргун кунем,
Сипаҳ пеши пилон ба берун кунем.
Арӯси сипеҳрӣ чу кард ошкор
Рух аз киллаи сабзи гавҳарнигор.
Падид омадаш тоҷи симин зи хам,
Шабаш рехт бар тоҷ мушку дирам.
Зи ҷанг орамиданд ҳар ду гурӯҳ,
Талоя ҳамегашт бар дашту кӯҳ.
Чу Гаршосп шуд назди Меҳроҷшоҳ,
Нишондаш ба базм аз бари пешгоҳ.
Ба ҳар ҳамла, к-ангехта буд зи ҷӯш,
Ба шодиш ҷоме ҳамекард нӯш.
Басе фаршҳо додаш аз ранг-ранг,
Саропардаву хаймаҳои паланг.
Ба баргустувон жандапиле сапед
Бар ӯ тахте аз зар чу тобанда шед.
Се миғфар зи зар чун маҳ аз рӯшанӣ,
Ба зар сад парандовари рӯҳанӣ.
Ҳам аз гурзу хафтону хӯду зиреҳ,
Дусад ҷавшани нокушодагиреҳ.
Ба эрониён ҳар кӣ буданд, низ
Басе дод динору дебову чиз.
Расид он шабаш лашкаре бешумор,
Або жандапилон ҳаме шаш ҳазор.
Бад-ӯ паҳлавон гуфт: -Чандин сипоҳ
Чӣ бояд, ки бар дашту куҳ нест роҳ?!
Чунин гуфт Меҳроҷ, к-ай сарфароз,
Ҳанӯз ин сипаҳ чист, к-омад фароз?!
Ҳазорон ҳазор аз далерони ҷанг,
Ҳаме лашкарам ёвар ояд зи Занг.
Сипаҳдор гуфташ: -Бад-ин тохтан
Чӣ бояд сипоси сипаҳ сохтан?

Шавад кишварат пок зеру забар,
На ганҷат бимонад, на буму на бар.
Чу коре барояд бе андӯҳу ранҷ,
Чӣ бояд туро ранҷу пардохт ганҷ?
Ба мужда наванде барафган ба роҳ,
Ки мо чира гаштем бар кинахоҳ.
В-аз ин жандапилону чандин гурӯҳ
Яке лашкар аз баҳри ному шукӯҳ
Гузин кун далерони размозмой,
Фирист он сипоҳи дигар боз ҷой,
Ки ман ҳар чӣ ту кому рой оварӣ,
Барорам, нахоҳам зи кас ёварӣ.
Чунон кард Меҳроҷ, к-ӯ рой дид,
Ки рояш сипеҳри дилорой дид.
Чу панҷаҳ ҳазор озмудасавор
Гузиду ду солору пиле ҳазор.
Гусӣ кард дигар сипаҳ, ҳар чӣ дошт,
Ҳама зангиёнро зи раҳ бозгошт.
В-аз он сӯ шуд огаҳ Баҳу аз ниҳон,
К-аз анбӯҳи зангӣ сияҳ шуд ҷаҳон,
Бародар-шро бо писар ҳамчу дуд
Фиристод сӯйи Сарандеб зуд,
Бад-он то алаф в-он чӣ ояд ба кор,
Ҳам аз кундаву сози ҷангу ҳисор
Бисозанд, то гар дар он размгоҳ
Шикаста шавад, шаҳр гирад паноҳ.
Се рӯз андар ин корҳо шуд даранг,
Кас аз ҳар ду лашкар назад ройи ҷанг.
Чаҳорум чу барзад хур аз куҳ дирафш,
Замин гашт аз ӯ зарду гардун бунафш.
Баҳу чил ҳазор аз далерони гурд
Ба солор Теви сипаҳкаш супурд.
Ҳам аз жандапилон ҳазору дувист,
Бад-ӯ гуфт: -Баркаш сафи кин, биист!
Ҳозори дигар пили пӯлодпӯш
Або чил ҳазор аз яли размкӯш,
Ба Тӯпол биспурд гурди сутург,
Бифармуд, то кӯфт кӯси бузург.
Ду солор аз ин гуна бархостанд,
Чапу рост лашкар биёростанд.
Хурӯши ялону дами карраной,
Чунон шуд, ки чарх андаромад зи ҷой.

## 29. ҶАНГИ ДУВУМИ ГАРШОСП БО СОЛОРОНИ БАҲУ

Сипаҳбад чу дид он хурӯши сипоҳ,
Сабук хост хафтону румӣ кулоҳ.
Ба Меҳроҷ гуфт: -Аз сипоҳи ту кас
Маёр, аз сари куҳ таваммеву бас.
Ба ҳар теғи куҳ дидабон баргумошт,
Ба ҳомун сипаҳ сафкашида бидошт.
Суйи рост лашкар ба Маҳёр дод,
Суйи чап ба Беҳдури солор дод.
Бифармуд, к-Озаршану Бурзаҳам
Бисозанд ҷангу талоя ба ҳам.
Камин дод Синбону Гурдобро,
Ки кардандӣ аз кина гард обро.
Нигаҳбони лашкар се гурди далер,
Ҳижабру Гуроҳуну Нушводи шер.
Ба қалб-андарун ҳар кӣ буд зовулӣ,
Паси пушташон Арфаши ковулӣ.
Ба ҳар сӯ, ки ду гурд кинсоз буд,
Миёншон яке оташандоз буд.
Чунон бар сари пил бикшод ҷой,
Ки гар кас гурезад, бикӯбад ба пой.
Ҷудо ҳар сафе ҳам бари бадгумон,
Сафе ҳамчу тиру сафе чун камон.
Камандафганон аз паси хайли хеш,
Ба теғу зиреҳ найзадорон зи пеш.
Пиёда сипар дар сипар охта,
Хадангафган аз пас камин сохта.
Ба ҳар сӯ нигаҳбоне аз баҳри кин,
Ба ҳар гӯшае ҷангие дар камин.
Савор андаромад шудан кингузор,
Пиёда ба қалб-андарун пойдор.
Чу шери жаён паҳлавон пешсаф,
Дирафш аз паси пушту ханҷар ба каф.
Ту гуфтӣ, самандаш куҳи оҳан аст
В-агар гарди пош абри ҳомункан аст.
Ҳамон аждаҳофаш дирафши сиёҳ
Ҳаме даркашад, гуфтӣ аз чарх моҳ.
Ситода ба пеши гави шердил
Ба баргустувон аспи ҷангӣ чиҳил.
Далерон ба ҷанг андаровехтанд,
Ба ҳар гӯша гарде барангехтанд.

Ғави ҳоюҳуй аз ду лашкар бихост,
Ҷаҳон пур диҳодиҳ шуд аз чаппу рост.
Биғуррид бар кӯс чарми Ҳижабр,
Дами нойи рӯйин баромад ба абр.
Пур аз аждаҳо гашт гардун зи гард,
Пур аз шер ҳомун зи мардони мард.
Каманди саворон саровез шуд,
Парандоварон абри хунрез шуд.
Чунон таффи ханҷар ҷаҳон барфурӯхт,
Ки бар чарх аз ӯ гову моҳӣ бисӯхт.
Ба дарё расид аз тафи теғ об,
Ба кӯҳ санг оташ шуда, оҳан об.
Ҷаҳон ойинаҷӯши ҷавшан гирифт,
Замин гунаи рӯйи равшан гирифт.
Чакочоки ханҷар ба гардун расид,
Зи Ҳиндустон хун ба Ҷайҳун расид.
Ҳар эроние дар каманду камин
Кашидӣ ҳаме ҳиндуе бар замин.
Ту гуфтӣ, ки шеранд дар корзор,
Ҳаме дев гиранд ҳар як ба мор.
Чу пайкори эрониён шуд дурушт,
Яли паҳлавон андаромад ба пушт.
Ба Тӯполу пилону ҳиндугурӯҳ
Ниҳод аз камин сар чу як пора кӯҳ.
Ба тиру ба хишту ба гурзу ба теғ
Ҳамерехт пӯлод чун жола меғ.
Куҷо гурзи кин кӯфт, куҳ ғор шуд,
Куҷо найза зад, айба гулнор шуд.
Зи теғаш ҳаме дашту гардун битафт,
Зи бонгаш ҳаме кӯҳу ҳомун бикафт.
Чу шуд як замон дашт пасту баланд,
Ҳама дасту пою сару тан фиканд.
Ба нӯги синон пил бардоштӣ,
Сипоҳе ба як ҳамла баргоштӣ.
Сафи жандапилон ҳама кард паст,
Савору пиёда ба ҳам даршикаст.
Ҳаме пил бар пили ҷангӣ фитод,
Чу киштӣ, ки бар киштӣ афтад зи бод.
Чу Тӯпол дид он дами растахез,
Зи як тан ҷаҳоне сипаҳ дар гурез.
Барангехт гулранги разм аз миён,
Бизад найза бар паҳлуи паҳлавон.
Синон захм н-оварду шуд найза хурд,
Ба теғ-андар омад сипаҳдори гурд.

Чунон зад-ш бар сар, ки шуд сарнишеб,
Сару тарг бигзошташ то рикеб.
Ба захме дунима шуд аз хашму зӯр,
Зи боло савору зи паҳно сутур.
Ба дигар сипаҳ ханҷар андарниҳод,
Зи ҳар сӯ сипоҳе ба хун дарниҳод.
Ҳаме маймана кӯфт бар майсара,
Дарафканд пеш он сипаҳ яксара.
Нигаҳ кард аз дур солори Гев,
Гурезон сипаҳ дид бе ҳушу тев.
Саворон ба зери пайи пил хор,
Пиёда нигун зери наъли савор.
Ниҳод аз камин-бар, ки солор буд,
Амудаш зи пӯлод болор буд.
Ҳаметохт ҳар сӯ зи пеши сипоҳ,
Гурезандагонро ҳамебаст роҳ.
Сипаҳро чунин панҷ раҳ бозгошт,
Ба сад чора бар ҷойгаҳшон бидошт.
Ҳамегуфт: -Аз ин сипоҳӣ ба ҷанг
Зи як тан гурезон надоред нанг.
Зи Заҳҳок ҷуз ҷодувӣ пеша чист?
Ҳам ин разми эрониён ҷодуист.
Зи сар гарди киншон бароред пок
В-аз ин ҷодуиҳо мадоред бок!
Гирифтанд посух ҳама тан ба тан,
Ки аз ин савор аст бар мо шикан.
Набинӣ, к-аз  ӯ куштаро ҷой нест,
Бари захми ӯ пилро рой нест.
Зи ханҷар ба захм оташ орад ҳаме,
Зи гурзи гарон кӯҳ борад ҳаме.
Ҳамон гурди гарданкаш Аҷро ба ном,
Ки аз шер ҷустӣ ба шамшер ком.
Бибуд тунду гуфт: -Ин чӣ ошуфтан аст?
Зи як тан чӣ чандин сухан гуфтан аст?
Ман акнун равам сӯйи оварди ӯ,
Ҳам аз хун-ш биншонам ин гарди ӯ.
Сабук бора бо бод анбоз кард,
Ба эрониён омад, овоз кард.
Ки ин зовулӣ пешравтон куҷост?
Сипаҳбад чу бишнид, зуд асп хост.
Зи дарёи кӯшиш чу мавҷи дамон
Барангехт шабрангро дарзамон.

Ҳам аз раҳ-ш гурзе чунон зад ба зӯр,
Ки гум шуд сараш дар сурини сутур.
Дигар раҳ зи кин ройи овез кард,
Сабукхез шабдезро тез кард.
Барафганд бар ҳиндувон тан зи кин,
Ба як ҳамла сӣ гурд зад бар замин.
Ҳамегуфт: -Огаҳ наед, ай сипоҳ,
Ки чун рӯятон рӯзатон шуд сиёҳ.
Ниҳод аз камингаҳ сар он аждаҳо,
К-аз ӯ пили ҷангӣ наёбад раҳо.
Баромад зи дарёи кин он наҳанг,
Ки бирбояд аз шер дандону чанг.
Гирифт он дамон оташ афрӯхтан,
Ки гетӣ ба ранҷ омад аз сӯхтан.
Зи рег ар фузун мар шуморо шумор,
Зи хунтон барам то Бухоро бухор.
Ҳамегуфт аз ин сону аз хашму кин
Ниҳода яке пой бар пушти зин.
Ҳама ҳиндувон дилшикаста шуданд,
Ба ҷону дил аз бим хаста шуданд.
Наёрист бо ӯ кас овехтан,
На аз пешаш аз нанг бигрехтан.
Бувад тан қавӣ, то бувад дил ба пой,
Чу тарсид дил, суст шуд дасту пой.
Гаве буд, варо ном Беков буд,
Синон-ш аждаҳоро ҷигарков буд.
Бад-ӯ гуфт Тев: -Ин ҳунар кори туст,
Туро шояд ин ному ин разм ҷуст.
Ба Ҳиндустон нест ҳамтойи ту,
Нагирад ба мардӣ касе ҷойи ту.
Бихандид Беков, гуфт: -Ин мабод,
К-аз оғолиши ту диҳам сар ба бод.
Зи пайкор баддил ҳаросон бувад,
Ба наззорабар ҷанг осон бувад.
Зи баҳри ту ҷони ман ин беш нест,
Кас андар ҷаҳон душмани хеш нест.
Шудам сӯйи ҷанги касе, к-аз ту беш
Бувад маргро боз рафтан зи пеш.
Нигаҳ доштан сар гаҳи ному лоф
Аз он беҳ, ки додан ба бод аз газоф.
Чу душман кушам, ному ком оядам?
Чу сар хира бидҳам, чӣ ном оядам.

Шуд ошуфтадил Теву гуфт: - Ар ба ҷанг
Дилат нест, ханҷар чӣ дорӣ ба чанг?
Зи марг ар битарсӣ, бинеҳ теғу тарг,
Ки ҷанг ӯ кунад, к-ӯ натарсад зи марг!
Аз ин зовулӣ ғам чӣ ояд маро?
Ки ӯ гоҳи кин банда шояд маро.
Чу асп андар афрозу шеб афганам,
Чу ӯ ман ба захми рикеб афганам.
Ту рав, чун занон пунбаву дук гир,
Чӣ дорӣ ба каф ханҷару гурзу тир?!
Бигуфт ину пас пури кин бод кард,
Сабук даст зӣ гурзи пӯлод кард.
Ба новард гирди сипаҳбад бигашт,
Сипаҳбад ба ҳамла бидаррид дашт.
Барангехт он бораи оташӣ,
Ба каф оҳанин найзаи сирашӣ.
Задаш бар камар банду хафтону габр
Баровардаш аз кӯҳаи зин ба абр.
Ба сони дирафше барафрохташ,
Ба пеши сафи ҳиндувон тохташ.
Пас аз нӯги найза ба захме дурушт
Задаш бар ду тан, ҳар се танро бикушт.
Дигар раҳ миёншон тан андарфиганд,
Ба ҳар гӯша хайле ба ҳам барфиганд.
Зи ханҷар чу оташ барангехт ҷӯш,
Зи хун дашту кӯҳ кард масқулпӯш.
Ба гурзу синон з-асп в-аз марду пил
Ҳаме кушта афганд беш аз ду мил.
Чунин то ба назди Баҳушон зи ҷой
Ҳамебурду барзад ба пардасарой,
Биёмад Баҳу, дид ҳар сӯ шикаст,
К-аз эронсипаҳ хаймаҳо гашт паст.
Чунин гуфт, к-ин растахез аз куҷост,
Чунин бим аз андак сипаҳтон чарост?
Нишон дод ҳар кас, ки моро шукӯҳ
Аз ин як савор аст, к-ояд чу кӯҳ.
Ба найза рабояд ҳаме з-асп мард,
Барорад зи гурз аз сари пил гард.
Баҳу гуфт: -Н-аз дӯзах Аҳриман аст,
Шумо сад ҳазореду ӯ як тан аст.
Ҷудо ҳар яке, гар яке мушти хок
Бар ӯ барфишонед, гардад ҳалок.

Надоред шарму на нанг андаке,
Гурезед чандин ҳазор аз яке?
Аз осуда гурдони ханҷаргузор
Ба ҳам ҳамла карданд чун сӣ ҳазор.
Сипаҳбад хурӯше чу шери жаён
Бароварду зад аспи кин дар миён.
Бад-он таргҳо-бар ҳамекӯфт гурз,
Чу санги гарон ояд аз кӯҳи Бурз.
Зи гурзаш дили хора хун шуд ҳаме,
Сарон аз синонаш нигун шуд ҳаме.
Куҷо ханҷар аз захм бифрохтӣ,
Бар алмос оби бақам тохтӣ.
Зи ногоҳ Бекови гурди далер
Даромад яке тунд шӯлак ба зер.
Задаш хиште аз гард чун барқ тез,
Набуд коргар, ҷуст роҳи гурез.
Сипаҳбад барангехт шабранг зуд,
Гирифташ камарбанду аз зин рабуд.
Барафгандаш аз бар ба болои меғ,
Чу баргашт, ду нима кардаш ба теғ.
Пас аз кин барафганд тан бар ҳама,
Рамон кардашон бар суйе чун рама.
Палангинапӯшони Зовул ба кин
Пасаш баркушоданд ногаҳ камин.
Ба як бор бар қалби лашкар заданд,
Рабундадашон бар Баҳу барзаданд.
Фиганданд чандон сарон сарнигун,
Ки ҳар шеб чун фарғаре шуд зи хун.
Зи бас кушта ҳинду замин шуд сиёҳ,
Чу зоғон фиганда ба бероҳу роҳ.
Дурахшон зи тан хишти афрӯхта,
Чунон к-оташ аз ҳезуми сӯхта.
Чунин ҷанг буд, то шаб омад фароз,
Чу шаб танг шуд, ҷанг чиданд боз.
Шуда шод Меҳроҷ бар теғи кӯҳ
Ҳаме ҳар замон наъра зад бо гурӯҳ.
Фиристод назди сипаҳдор кас,
Ки омад шаб, аз ҷангу пайкор бас.
Ҷаҳон гарму душман чунин бекарон,
Ту дар разми сахту силеҳат гарон.
Замоне баросой аз овехтан,
Ки гетӣ сар омад зи хун рехтан.
Ба ҳар ҷанг бахти ту пирӯз бод,
Шаби душманони ту бе рӯз бод!

Ба хоҳиш меҳон низ биштофтанд,
Инон-ш аз раҳи разм бартофтанд.
Чу хуршед дар қор зад шаъри зард,
Гуҳарбафт шуд байрами лоҷвард,
Ситора чу гул гашту гардун чу боғ,
Чу парвона Парвину маҳ чун чароғ.
Аз он лашкари ҳиндувон ҳар кӣ зист,
Ҳаме хаставу куштаро хун гирист.
Ба ҳар хайма шеван буд ороста,
Ҳама нолаи хастагон хоста.
Ҳама шаб тани хастаро дӯхтанд,
Ба оташ ҳаме куштаро сӯхтанд.
Кашиданд дар пеш бора зи пил,
Талоя пароканда шуд бар ду мил.
Баҳу хирадил монд аз бас шигифт,
Гаҳ ангушту гаҳ лаб ба дандон гирифт.
Ҳамегуфт аз ин сон бару буму гоҳ
Ба даст омада ганҷу чандин сипоҳ.
Бару пушт бояд ҳамегоштан,
Ба бадхоҳи ноком бигзоштан.
Ба динор ҳар чизу тимори сахт
Тавон ёфт, ҷуз зиндагониву бахт.
Дареғ ин ҳама ганҷу ранҷу ниҳод,
Ки ганҷам ҳама хок шуд, ранҷ  бод.
Зи кирдори ин кӯдаки наврасид
Надонам, дигар то чӣ хоҳам кашид.
Ҳамон беҳ, ки бо ӯ даранг оварам,
Ба ширин сухан банду ранг оварам.
Ба ганҷу ба духтар навидаш диҳам,
Ба шоҳиву кишвар умедаш диҳам.
Магар сар бад-ин чора аз чанбараш
Кунам дуру дар чанбар орам сараш.
Ҷавон ҳам сабуксар бувад, хешком,
Сабуксар сабуктар дарафтад ба дом.
Ба чизе фиребад диловезтар,
Ки бошад ниёзаш бад-он бештар.
Набошад суйи чина оҳанги боз,
На теҳу суйи гӯшт ояд фароз.
Ҷавонро раҳу рой гардон бувад,
Дилаш бурдан аз роҳ осон бувад.
Зи бадхоҳу аз душмани кинакаш
Тавон дӯст кардан ба гуфтори х(в)аш.

Басо кас, ки як донг надҳад ба теғ,
Чу хуш гӯйияш, ҷон надорад дареғ.
Ба гуфтори ширин фиребанда мард
Кунад, он чи натвон ба шамшер кард.
Ҳама шаб чунин ҷуфти андӯҳ буд,
Аз андеша бар ҷонаш анбӯҳ буд.
Чу баргашт Гаршосп аз овардгоҳ,
Пазира шудаш зуд Меҳроҷшоҳ.
Ҷаҳон дид кӯбон самандаш ба наъл,
Бару бозуву теғу хафтон-ш лаъл.
Зи хуни ҷигар баста бар дида юн,
Гушода чу акҳалрағ аз найза хун.
Басе офарин хонд аз Эзид бар ӯй,
Гаҳаш даст бӯсиду гаҳ чашму рӯй.
Ба хон яксар эрониёнро нишонд,
Бар эшон басе зарру гавҳар фишонд.
Ҳамегуфт дар кӯшишу дору бурд
Ҷуз эрониёнро назебад набард.
Биистоду мар паҳлавонро нишохт,
Чу нон хӯрда шуд, базми шодӣ бисохт.
Сипаҳдору Меҳроҷи фархундапай
Гирифтанд бо сарварон ҷоми май.
Нахуст аз шаҳаншоҳ карданд ёд,
Пас он гаҳ нишастанд дар базм шод.
Сипаҳбад бар аврангу дил шодком,
Ба пеш - андарун гурзу бар даст ҷом.
Ту бо теғ гуфтӣ ба разм андар аст,
На бо ҷоми шодӣ ба базм андар аст.
Чу осуд бо май, ба Меҳроҷ гуфт,
Ки бо дил задам рой андар ниҳуфт.
Зи душман сипаҳ бешуморанд пеш,
Зи мо ҳар як эшон ҳазоранд беш.
Чунонем мо пешашон рӯзи кин
Чунон чашма дар пеши дарёи Чин.
Агар дасти куштан барам рӯзи кор,
Басе боядам ранҷу ҳам рӯзгор.
Дигар раҳ зи чарх ар бувад ёр бахт,
Баророст хоҳам яке разми сахт.
Миёни Баҳу то ба хамми каманд
Наёрам, напечам инони саманд.
Паноҳи сипаҳ шоҳи некахтар аст,
Чу шаҳ шуд, сипаҳ чун тани бесар аст.
Гиромӣ ҳамеша ба бӯй аст мушк,
Чу шуд бӯ, чи мушку чи хошоки хушк.

Чунин гуфт Меҳроҷ, к-аз сарварон
Ба назди Баҳу з-ин сипоҳи гарон
Ҳамин чор солор буданд гурд,
Ки бинмудӣ аз теғашон дастбурд.
Зи хешон-ш мондаст гурде гузин,
Худованди кӯсу дирафшу нигин.
Далере куҷо номи ӯ Мибтар аст,
Ба разм аз гашан лашкаре беҳтар аст.
Ба ту дида имрӯз бинҳода буд,
Ба кин дар камингоҳат истода буд.
Ҳамехостам, к-ат бувад пешбоз,
Набуд, к-аш замона наёмад фароз.
Суйи ӯст пок он сипаҳро паноҳ,
Гар ӯ кам шавад, шуд шикаста сипоҳ.
Сипаҳдор гуфто: -Дигар раҳ зи кӯҳ
Ҳамеҷӯяш андар миёни гурӯҳ.
Намояш ба ман дар камингоҳ ту,
Сараш бе тан он гаҳ зи ман хоҳ ту.
Чунон шодӣ афзуд Меҳроҷро,
Ки бигзошт аз авҷи маҳ тоҷро.
Ҳамон шаб зи шодӣ, ки афганда пай,
Ҳаме ҷуз ба ёдаш нанӯшид май.
Яке боғи заррин будаш пеши тахт,
Зи гавҳар-ш бар, аз забарҷад дарахт.
Дар он нағз боғ обгире гулоб,
Зи дур сангу регаш ҳама мушки ноб.
Мар онро ба гурди сипаҳдор дод,
Ҷуз он чизаш аз ганҷ бисёр дод.
Чи махмал, чи шора, чи хаззу ҳарир,
Чи динору дебо, чи мушку абир.
Ҳазораш саропардаи гунагун
Ҳамедодаш аз бахри ному шугун.
Ҳазораш сипар доду мадхуни карг,
Чиҳил аспи ҷангиву сад диръу тарг.
Саропардаи чинӣ аз заррбафт,
Зи дебо широъе навад, хайма ҳафт.
Яке хусравӣ шорвон гунагун,
Дарозош майдони аспе фузун.
Ду хиргаҳ намад хаззу чӯбаш зи зар,
Ҳама бандашон шӯшаҳои гуҳар.
Зи беҷода тоҷе чу рахшанда ҳур,
Пур аз дурру гавҳар се ҷоми булӯр.

Ҳам эдун ба эрониён ҳар касе
Бибахшид динору гавҳар басе.
Чунон то ду пос аз шаб андаргузашт,
Бибуданд дилшоду хуррам ба дашт.

## 30. ПАЙҒОМИ БАҲУ БА НАЗДИ ГАРШОСП

Чу зӣ хобгаҳ шуд яли номдор,
Биёмад ҳамон гаҳ нигаҳбони бор,
Ки омад фиристодае гоҳи шом,
Зи назди Баҳу, зӣ ту дорад паём.
«Басе панду роз аст, - гӯяд, -ниҳуфт,
Ки бо паҳлавон бояд имшаб бигуфт».
Бихондаш сипаҳдори пирӯзбахт,
Фиристода омад сабук пеши тахт.
Камон кард болову гуфтор тир,
Бихонд офарин бар яли гурдгир.
Ки то ҷовидон паҳлавон зинда бод,
Замона раҳӣ в-ахтараш банда бод!
Зи шоҳи Баҳу ҳаст пайғом чанд
Аз уммеду савганду пайванду панд.
Гузорам, чу фармон диҳад паҳлавон,
Дигар кас надонад ҷуз аз тарҷумон.
Сипаҳбад зи мардум тиҳӣ монд ҷой,
Фиристода барҷаст хандон ба пой.
Чунин гуфт, к-ай афсари арҷман,
Дабири шаҳам, Манкуво номи ман.
Баҳу – шоҳи Қаннуҷу ройи барин
Дурудат фиристоду чанд офарин.
Ҳамегӯяд аз фарру фарҳанги ту,
Назебад ба ҷанги ман оҳанги ту.
На ҳаргиз ба ҷоят бадӣ кардаам,
На шоҳи ҷаҳонро биёзурдаам.
Туро бо ман ин шӯриши кор чист?
Зи баҳри касон ҷангу пайкор чист?
Касе, к-аз бадаш бар ту н-омад газанд,
Чу бо ӯ кунӣ бад, набошад писанд.
На ҳар к-аш бувад ҷанг бар ҷанг тез,
Бувад бо ҳама кас ба ҷангу ситез.
Ба ҳар бод хирман нашояд фишонд,
На киштӣ тавон низ бар хушк ронд.
Агар аз пайи божи шоҳ омадӣ,
Ба фармони ӯ кинахоҳ омадӣ.

Бибин ҳадяву бож, к-аз ганҷи хеш
Чӣ додаст Меҳроҷ ҳар сол пеш.
Сечандон диҳам ман ба фармонбарӣ,
Дигар хилъату ҳадяҳо бар сарӣ.
В-агар тамъ дорӣ ба шоҳиву ганҷ,
Зи ман ёбӣ ин ҳар ду бе биму ранҷ.
Гар ойӣ барам бо сипоҳ аз нахуст
Ба паймону савгандҳои дуруст,
Супорам ба ту ганҷу ҳам духтарам,
Бар авранг биншонамат ҳамбарам.
Гирам тахти Меҳроҷу буррам сараш,
Бибахшам ба ту ганҷу ҳам афсараш.
Аз он пас сипаҳ сӯйи Эрон барам,
Ба кин тохтанҳои шерон барам.
Кунам ҷойи Заҳҳоки ҷоду тиҳӣ,
Гирам ҳафт кишвар ба шоҳаншаҳӣ.
Аз ин ҳар чӣ гуфтам зи ганҷу сипоҳ,
Зи фармону аз кишвару тоҷу гоҳ,
Ҳама мар туро бошад аз чизу кас,
Маро номи шоҳаншаҳӣ баҳра бас.
Ба савганду паймон або Манкуво
Фиристодам, инак хати ман гуво.
Чу ёбад хирадманд хубиву ганҷ,
Бияндозад аз дасту н-орад ба ранҷ.
Чу оҳуву харгӯш ёбад уқоб,
Наёрад ба дурроҷу теҳу шитоб.
Ҳаме то самур асту санҷоби Чин,
Напӯшад зи рекоша кас пӯстин.
Бигуфт ину он хатту паймон ниҳод,
Бибӯсид, пеши сипаҳбад ниҳод.

## 31. ПОСУХИ ГАРШОСП БА НАЗДИ БАҲУ

Сипаҳбад зи хашми дил ошуфта гуфт,
Ки ҳушу хирад бо Баҳу нест ҷуфт.
Бигӯяш; сухан пеш аз ин дар ситез
Нагуфтӣ ҳаме ҷуз ба шамшери тез.
Кунун ки-т зи гурзи ман омад ниҳеб,
Гирифтӣ зи савганд роҳи фиреб.
Касе, к-ӯ натарсад зи Яздони пок,
Мар ӯро зи савганду паймон чӣ бок.
Надонӣ, ки дар доми он аждаҳо
Бимондӣ, ки ҳаргиз наёбӣ раҳо.

Ба гирдоби жарф-андар аз ногаҳон
Фитодиву обат гузашт аз даҳон.
Нигунсор гаштиву гоҳе дароз,
Ки ҳаргиз наёбӣ аз ӯ бар фароз.
Танат ёфт омосу ту з-аблаҳӣ
Ҳамегирӣ омосро фарбиҳӣ.
Ҳаме чора созӣ, ки ман Ҳинду Чин
Супорам ба чангат, нахоҳад буд ин!
Кафе хок надҳам, ки бар сар кунӣ,
На низ об чандон, ки лаб тар кунӣ.
Замин чун гирӣ ҳафт кишвар ба зӯр,
Ки чандон наёбӣ, ки бошад-т гӯр.
Диҳам ганҷу ҷоҳат ба дигар касон,
Барад гург дил, дидаат каргасон.
Бад-ин хира гуфторҳои табоҳ
Нагирӣ маро, дом чандин зи роҳ!
Ба ман тоҷу тахти шаҳӣ чун диҳӣ,
Ки ҳаст аз ту худ тахти шоҳӣ тиҳӣ!
Якеро ба деҳ - дар надоданд ҷой,
Ҳамегуфт: -Бар деҳ манам кадхудой.
Бимурд уштури аблаҳе дар рама
Ба дарвеш додам-ш, гуфто - Ҳама!
Ба домодии чун ту дорам умед?!
Куҷо сохт ҳаргиз сияҳ бо сапед!
Ба ҳам чун бувад меҳру кин гоҳи ҷанг,
Або обгина куҷо сохт санг?
Кӣ ҷӯяд ба некӣ зи бадхоҳ роҳ,
Ба девори вайрон кӣ гирад паноҳ?
Набошад дили ҳинду аз ҳила пок,
На низ аз сияҳрӯйӣ ояд-ш бок.
За кажжон раҳи рост ҳаргиз нахост,
На кас дnamми рӯбоҳ дидаст рост.
Бипӯсида в-аз ҳам гусаста расан,
Ҳаме зери чоҳам фиристӣ ба фан.
Ҳамоно, гумонӣ, ки ман кӯдакам,
Ба дониш чунон чун ба сол андакам.
Ҳаме боз гирӣ ба доми чаков,
Бибинӣ кунун ханҷари мағзков.
Ту шоҳи ҷаҳонро биёшуфтаӣ,
Фаровон мар ӯро бадӣ гуфтаӣ.
Маро гуфт, рав, бо ту пайкор кун,
Бигираш нигун, зинда бар дор кун.
Ту эдун фиристӣ бари ман паём,
Фиребанда囲гаштӣ ба найранги хом.

Гумонӣ, ки ман чун туам носипос,
Чу гурги дижогоҳи ноҳақшинос.
Ки бар меҳтари хеш бад сохтӣ,
Ҳама ганҷу гоҳаш барандохтӣ.
Ба зинҳори шаҳ гар биёӣ кунун,
Ба хоҳиш бихоҳам туро з-ӯ ба хун.
В-агар ҷуз ба ин рой ронӣ сухун,
Бидон, к-омадат рӯзу рӯзӣ ба бун.
Туро з-ин ҳама шоҳиву гиру дор
Нахоҳад будан баҳра ҷуз тиру дор.
Фиристода бишнид пайғому рафт,
Сипаҳбад бишуд назди Меҳроҷ тафт.
Бигуфташ, ҳар он-ч аз фириста шунуд,
Ҳамон рози нома мар ӯро намуд.
Чу бишнид Меҳроҷ, дилтанг шуд,
Аз андеша рӯяш пур аз ранг шуд.
Ба дил гуфт: -Тарсам, ки аз баҳри чиз
Бигардад, ба душман супорад-м низ.
Шубон сер бояд, вагарна ба кин
Меҳин гӯсфанде занад бар замин.
Хуйи ҳар касе бар ниҳон в-ошкор
Бигардад, чу гардад ҳаме рӯзгор.
Бarад хоста ҳар касеро зи роҳ,
Кунад дӯстро душмани кинахоҳ.
Чунин гуфт, к-ай гурди бедордил,
Ба гуфти Баҳу хира маспор дил.
Пазирад ба гуфтор сад чиз мард,
Ки натвон яке з-он ба кирдор кард.
Дусад ганҷ шояд ба гуфтор дод,
Ки натвон яке з-он ба кирдор дод.
Ба пазруфтани чизу гуфтори х(в)аш
Мабош эмин аз душмани кинакаш.
Ба гуфтори ғӯл одамиро зи роҳ
Ба хушшӣ фиребад, кунад пас табоҳ.
Наёяд зи душман бадал дӯстӣ,
Агарчанд бо ӯ зи ҳампӯстӣ.
Агар кишвару ганҷ бояд-т ҷуст,
Ҳама кишвару ганҷи ман з-они туст.
Ҳам аз кони ёқуту дарёи дур
Ҳаме ганҷи ман ҳаст оганда пур.
Ҳар он-ч аз Баҳу ком дорию рой,
Сечандон-т пеши ман ояд ба ҷой.

Задан чӯби сахт аз яке дӯстдор
Беҳ аз бӯсаи душмани зишткор.
Кашидӣ ғаму ёфтӣ коми хеш,
Макун зишт номи шаҳу номи хеш.
Сипаҳбад лаб аз ханда бикшоду гуфт,
К-аш ин ғам макун бо дил андеша ҷуфт.
Ман аз беша бо шер кӯшам ҳаме,
Ба оташ бувам, хор пӯшам ҳаме?!
Ниҳам дида бар пойи пили жаён,
Напечам сар аз ройи шоҳи ҷаҳон.
Бари мо чӣ баргаштан аз шоҳи хеш,
Чӣ бигзаштан аз роҳи Яздону кеш.
Ба сар мар маро тоҷ фармони туст,
Ба гардан – дарам тавқ паймони туст.
Сипоси туро чокарам, то зиям,
Ба дида равам, ҳар куҷо тозиям.
Ғами он касе хӯрдан ойин бувад,
Ки ӯ бар ғамат низ ғамгин бувад.
Зи чоҳе, ки хӯрдӣ аз ӯ оби пок,
Нашояд фигандан дар ӯ сангу хок.
Дилашро ба ҳар хубӣ ором дод,
Шуду буд бо ком то бомдод.
Ҳамон шаб Гароҳуни гарданфароз
Зи тороҷ бо хайле омад фароз.
Тане ҳафтсад беш барнову пир,
Ба ҳам карда бо ҳиндувон дастгир.
Ба чанголи ҳар як саре пур зи хун,
Саре дигар аз гардан – андар нигун.
Аз ин тозиш огаҳ набуд паҳлавон,
Чу шуд огаҳ, ошуфта шуд бар гавон.
Ки чандин сипаҳ пешу кин охтан,
Шуморо чӣ кор аст бар тохтан.
Пас аз ногаҳон душман ояд ба ҷанг,
Ҳама номҳо бозгардад ба нанг.
Зи беруни лашкаргаҳ ар низ пой
Ниҳад кас, набинад ҷуз аз дор ҷой.
Пас он бастагонро ҳам аз гарди роҳ
Фиристод наздики Меҳроҷшоҳ.
В-аз он сӯ Баҳу чун фириста расид,
Ғамӣ гашт, к-он зишт посух шунид.
Беандоза кард аз сарон анҷуман
Чунин гуфт, бо ҳар кӣ буд ройзан,
Ки аз дӯзах Аҳриман оҳанги мо
Гирифту сипаҳ сохт бар ҷанги мо.

Бимондем дар коми шери нижанд,
Фитодем бо дев дар даст банд.
Агарчанд бо мо басе лашкар аст
Аз ин зовулӣ ранҷи мо бемар аст.
Пазируфтамаш духту бисёр чиз,
Ҳамон кишвару ганҷу динор низ.
Ба дил тамъи динор н-орад ҳаме,
Ҳама тухми пайкор корад ҳаме.
Кунун аз шумо, ҳар кӣ аз баҳри ном
Мар ин зовулиро сар орад ба дом,
Бувад ӯ сипаҳдору домоди ман,
Нанозад магар з-ӯ дили шоди ман.
Сабук з-он миён Мубтари баднажод,
Баромад ба пову замин бӯса дод.
Ба овоз гуфт: -Эй шаҳи номҷӯй,
Зи як тан чӣ чандин бувад гуфтугӯй.
Чу хур баркашад теғи заррин ба гоҳ,
Ба хум даршавад тоҷи симини моҳ.
Ману дасти новарду ин зовулӣ,
Ба каф теғу зеробараш ковулӣ.
Напечам инон з-ӯ, на аз лашкараш.
Магар бар синон пеш орам сараш.
Ҳамегуфту марг аз ниҳон дар ситез,
Ҳамекард бар ҷон-ш чангол тез.
Ҳама шаб бар ин рӯй ронданд рой,
Гаҳи рӯз шуд ҳар касе боз ҷой.

## 32. РАЗМИ СЕВУМИ ГАРШОСП БО ХУСРАВИ ҲИНДУВОН

Зи шабдиз чун шаб бияфтод паст,
Бурун шуд-ш чавгони симин зи даст.
Бизад рӯз бар чармаи тезпӯй,
Ба майдони пирӯза зарринагӯй.
Бишуд Мубтар аз кина теғ охта,
Ба пеши Баҳу размро сохта.
Чунин гуфт, к-имрӯз рӯзи ман аст,
Ки бахти ту, шаҳ, дилфурӯзи ман аст.
Кунун он гаҳ орам зи зин боз пой,
К-аз эрониён кас намонад ба ҷой.
Зиреҳпӯшу бургустувондор гурд
Ду раҳ сад ҳазор аз ялон баршумурд.
Дигар шаш ҳазор аз сияҳ жандапил
Гузин карду саф сохт бар чанд мил.

Баромад дами мӯҳраи говдум,
Шуд аз гарди гурдон хуру моҳ гум.
Бари паҳлавон шоҳ Меҳроҷ зуд
Фиристод кас, Мубтар ӯро намуд,
Кӣ он ки ба қалб истода чу шер,
Ба каф теғи тезобураш тунд зер.
Зада ҳам бараш говпайкар дирафш,
Сипар зарду баргустувонаш бунафш.
Зиреҳ зеру хафтон-ш аз бар кабуд,
Зи пӯлод соъид-шу аз зарр хӯд.
Зи баргустувонаш ҳама қалбгоҳ,
Зи бас ойина чун дурафшанда моҳ.
Ба гирдаш зи гурдон гурӯҳе гузин,
Зиреҳ бар тану хӯд дар пеши зин.
Сипарҳо баровarда з-оҳан ба рӯй,
Чу турк аз бари сар гиреҳ карда мӯй.
Сипаҳбад ҳамесохт кори сипоҳ,
Ниҳонӣ ҳамедошт ӯро нигоҳ.
Ду дида бар-ӯ з-он сипаҳ яксара
Ниҳода чу гург аз камин бар бара.
Аз эрониён бар дили номдор
Набуд ғам, ки буд ҷойи ҷанг устувор.
Суйи чаппашон беша анбӯҳ буд,
Суйи рост рӯду зи пас кӯҳ буд.
Бифармуд, то ҳиндувон кас зи ҷой
Зи поёни кӯҳ пеш нанҳанд пой.
Лаби бешаву рӯд ҳар сӯ зи кин
Ба пилон бароварда роҳи камин.
Ҳамон дидабон сохт бар кӯҳсор,
Ду дида суйи бешаву рӯдбор.
Бад-он то гар аз пас кас ояд ба ҷанг,
Ҷарас баркашад зуд овози занг.
Дирафш аз сари кӯҳ Меҳроҷшоҳ
Зада пеши тахту зи гирдаш сипоҳ,
Ҳамебуд бо сарварон аз фароз,
Ки то паҳлавон чун кунад ҷанг соз.
Фиристод Мубтар ба бозу каманд
Далере, ки овоз будаш баланд.
Ки то шуд ба наздики он Бурзкӯҳ,
Ки Меҳроҷ буд аз бараш бо гурӯҳ.
Хурӯшиду гуфт: -Ай шаҳи наварӯс,
Зи беғора нангат набуд в-аз фусӯс.

Шудӣ чун занон, шарм биндохтӣ,
Аз Эрон яке шӯйи нав сохтӣ.
Кунун дар паси парда бо бӯю ранг
Нишастӣ ту бо нозу шӯят ба ҷанг.
Гувожа ҳамезад чунин в-аз фусӯс
Ҳамехонд Меҳроҷро наварӯс.
Хадангафган эроние дарзамон
Хаданге ниҳод аз камин дар камон.
Задаш сахт захме, ки ҷонаш бисӯхт,
Гузаргоҳи овозу комаш бидӯхт.
Зи Меҳроҷу хайлаш чунон як хурӯш
Баромад зи шодӣ, ки кар гашт гӯш.
Шаҳу ҳар кӣ з-он кор буд гашта шод,
Бад-он мард, к-он тир зад, чиз дод.
Чу саффи сипоҳ аз ду сӯ гашт рост,
Ғави кӯсу нойи набардӣ бихост.
Гаве буд сипаҳдору пушти гавон,
Гиромиву амзодаи паҳлавон.
Хирадмандро ном Зардода буд,
Ба сад разм доди ҳунар дода буд.
Бишуд то бари Мубтар аз қалб рост,
Бигашту зи гурдон ҳамовард хост.
Зиреҳдор гурде ҳамон гаҳ зи гард
Бурун тохт в-омад бараш ҳамнабард.
Бигаштанд бо ҳам ду гурди сутург,
Ба хун чанг шуста чу арғанда гург.
Ба шамшеру гурзу камону каманд
Намуданд ҳар гуна бисёр банд.
Саранҷом Зардода тунд аз камин
Барафканд бар ҳинду аблақ зи кин.
Кашид обгун оташи заҳрбез,
Задаш бар сару таргу бол аз ситез.
Сипар нимеву сар-ш бо китфу даст
Ба захме бияфканд ҳар чор паст.
Зи Меҳроҷу лашкар-шу эронгурӯҳ
Хурӯше баромад, ки хур шуд сутӯҳ.
Дигар размсозе бурун шуд далер,
Бигардид Зардода гирдаш чу шер.
Чунон зад-ш тире, ки дигар нахост,
Шуд аз тарс то зин ба ду нима рост.
Даҳу ду диловар ба хамми каманд
Ҳам эдун паси якдигар дарфиганд.

Писар дошт Мубтар яке шермард,
К-аш аз ҷангиён кас набуд ҳамнабард.
Ба мардӣ гусастӣ сари жандапил,
Ба ханҷар бирондӣ зи хун рӯди Нил.
Ба пайкори Зардодаи шердил
Бурун тохт дар каф зи пӯлод шил.
Бияндохт сӯйе гави сарфароз,
Замони ҷавон буд расида фароз.
Ба пушташ даромад, бурун шуд зи ноф,
Далере чунин кушта шуд бар газоф.
Аз эрониён гиря бархост пок,
Давиданду бардоштандаш зи хок.
Шуд аз куштанаш паҳлавон дилдижам,
Зи хуни ду дида басе ронд нам.
Ба чарху замин кард савганд ёд,
Ки имрӯз бидҳам дар ин ҷанг дод.
Кунам з-ин сиёҳон дар ин дашт хун,
Ба ҳар мӯйи Зардода гурде нигун.
Чамон чармаи зовулӣ барнишаст,
Ҳамон сирашӣ найза з-оҳан ба даст.
Сӯйи пури Мубтар ба кин дод рӯй,
Даромад синон рост карда ба ӯй.
Ба кам з-он, ки мурғе занад сар дар об,
Зи зинкӯҳа бирбудаш андар шитоб.
Чунон аз синонаш нигунсор кард,
К-аш аз найза бар оҳанин дор кард.
Замоне чапу рост ҳар сӯш бурд,
Бияфканду пушту сараш кард хурд.
Ҳамегуфт, к-инро бихобед паст,
Ки меҳмон буд, аз бода гаштаст маст.
Пас аз хашм тан бар сипаҳ барфиканд,
Ҳама дашт дасту тану сар фиканд.
Бад-он чарма пӯшида чарми ҳижабр,
Чу деве дамон бар яке пора абр.
Ба захми парандовар аз пушти пил
Ҳаме маъсафар сохт бар талли Нил.
Сари ханҷараш абри хунбор буд,
Синонаш наҳанги алавбор буд.
Чунон чун ба ришта кунад мӯҳра мард,
Ялонро ба найза ҳаме пора кард.
Чиҳил пили ҷангиву сесад савор
Ба як ҳамла бифканд бар хок хор.

Зи тан кард чандон сар аз кина пахш,
Ки шуд зери ӯ дар зи хун чарма рахш.
Ҳама дашт ҳинду буд аз зери наъл,
Тани қиргуншон зи хун гашта лаъл.
Ғиреванда Мубтар зи дарди писар,
Зи ғам дида пурхуну пурхок сар.
Биёмад ба хуни писар кинахоҳ,
Баровехт бо паҳлавон ӯ сипоҳ.
Сипаҳбад барангехт размӣ уқоб,
Даромад бад-ӯ чун дурахш аз шитоб.
Задаш бар миён рост теғи набард,
Чунон к-аз камарбанд якро ду кард.
Бимондаш яке нима бар зин нигун,
Дигар нима бар хок ғалтон ба хун.
Бизад наъра Меҳроҷу бар пой хост,
Зи шодӣ тан аз куҳ бияфканд хост.
Зи дарди ҷигар сар ба сар ҳиндувон
Ба кин сар ниҳоданд бар паҳлувон.
Диловар даромад чу ғурранда меғ,
Дудастӣ ҳамезад чапу рост теғ.
Далерони Эрону Зовул ба ҳам
Бикарданд ҳамла чу шери дижам.
Бипайваст разме гарон, к-аз сипеҳр
Маҳ аз бим гум гашту бигрехт меҳр.
Баромад диҳу гири ҳар ду сипоҳ,
Баромехт бо ҳам сапеду сиёҳ.
Пур аз хашм шуд мағзу пуркина дил,
Зи дил хост хуну зи хун хост гил.
Сари теғ чун хунфишон меғ шуд,
Дили меғ пур тобиши теғ шуд.
Бипаррид ҳуши замона зи ҷӯш,
Бидаррид гӯши сипеҳр аз хурӯш.
Зи бас гард чашми ҷаҳон там гирифт,
Зи бас кушта пушти замин хам гирифт.
Набуд рафта аз рӯз ниме фузун,
Ки буд з-он сиёҳон ду баҳра нигун.
Ба хок - андарун хастагон ҳамчу мор
Кашида забон аз пайи зинҳор.
Зи бас захми хишту хаданги дурушт
Шуда пил монандаи хорпушт.
Ба ҳар сӯ нигун ҳиндуе буд паст,
Чи афканда бесар, чи бе пову даст.
Зи тан рафта хун, бо гил омехта,
Чу хики сияҳ, бода з-ӯ рехта.

Яке бод бархост, торик кард,
Ки осон ҳаме даррабуд аспу мард.
Бизад ба рухи ҳиндувон регу санг,
Нигун шуд дирафши далерон зи чанг.
Ниҳоданд ҳар сӯй, болою шеб
Гурезону бар ҳам фитон аз ниҳеб.
Баҳу пеш шуд боз ханҷар ба даст,
Ҳамегуфт: -То кай бувад ин шикаст?!
Ҳунартон ҳама рӯзи овехтан
Набинам ҳаме, ҷуз ки бигрехтан.
Ба хон ҳамчу шерон шитобед тез,
Чу ҷанг ояд, оҳу шавед аз гурез.
Зи гурдони лашкар-ш ҳар кас, ки ёфт,
Инонаш ба тундӣ ҳаме боз тофт.
Фиканд аз сарон мар се танро зи пой,
Фурӯ дошт пилону лашкар ба ҷой.
Чунон то ба шаб разму пайкор буд,
Набуд даст, к-аз захм бекор буд.
Чу бинвашт шаб фарши зарбафти роғ.
Ҳама гунбади сабз шуд пурчароғ.
Сипоҳ орамиданд бар ҷойи хеш,
Ҳамон шаб меҳонро Баҳу хонд пеш.
Чунин гуфт, к-ин бор рамзе гарон
Бисозед ҳампушти якдигарон.
Сипаҳ поку пилон ҳама бешу кам
Ба ҷанг андароед фардо ба ҳам.
Ҳамин аст, як разм мондаст сахт,
Бикӯшем, то чист фарҷому бахт!
Ҳама ҷон ба як раҳ ба каф барниҳем,
Агар ком ёбем, агар сар ниҳем.
Меҳон ҳам бар ин рой гаштанд боз,
Ҳама шаб ҳаме разм карданд соз.

## 33. РАЗМИ ЧАҲОРУМИ ГАРШОСП БО ҲИНДУВОН

Чу з-айвони минойӣ пирӯза хур
Биканд он ҳама мӯҳраҳои булӯр,
Зи дарёи об оташи сандарӯс
Дарафтод дар хонаи обнӯс.
Зи ҳинду ҷаҳон пилу лашкар гирифт,
Ғави кӯс кӯҳу замин баргирифт.
Ҳазорон ҳазор аз сипаҳ буд савор,
Зи пилони ҷангӣ даҳу шаш ҳазор.

Ба баргустувон пил пӯшида тан,
Пур аз новакандозу оташфикан.
Зи бас қирчеҳрон зада саф чу мӯр,
Бибуд рӯз, то рӯсияҳ гашт хур.
Ҳамон шаб, ки шуд гуфтӣ аз рӯзгор,
Аз ӯ ҳиндуе карда буд кирдгор.
Зи кӯсу зи зангу дарою хурӯш,
Зи шайпуру аз нолаи ною ҷӯш
Ту гуфтӣ, замона сар ояд ҳаме,
Ба ҳам кӯҳу дашт андарояд ҳаме.
Зи ҳинду сипаҳ буд даҳ мил беш,
Зи пас саффи пилон, саворон зи пеш.
Ба дебо биёроста пил чор,
Зи зар тавқашон в-аз гуҳар гӯшвор.
Абар кӯҳаи пил дар қалбгоҳ
Булӯрин яке тахт чун чархи моҳ.
Баҳу аз бари тахт биншаста паст,
Ба сар - бар яке тоҷу гурзе ба даст.
Дирафше сар аз шери заррина соз,
Парандаш зи симурғи пар карда боз.
Забар чатре аз думми товуси нар,
Фурӯ ҳишта з-ӯ риштаҳои гуҳар.
В-аз ин рӯй Меҳроҷ бар теғи кӯҳ
Ба дидори эрониён бо гурӯҳ.
Зада пилпайкар дирафш аз бараш,
Зи ёқут тахт, аз гуҳар афсараш.
Фарозаш яке нилгун соябон,
Зи гавҳар чу шаб з-ахтарон осмон.
Бад-ин сон назора ду шоҳ аз ду рӯй,
Миён-дар ду лашкар ба ҳам кинаҷӯй.
Сипаҳбад сабук разм оғоз кард,
Бизад кӯси кин, ҷангро боз кард.
Аз он даҳ диловар яли номдор,
Ки солор буд ҳар яке бар ҳазор,
Ба ҳар сӯ яке бо сипаҳ баргумошт,
Бари қалби зобулгуруҳ боздошт.
Ба гарданкашон гуфт яксар ба тир
Кунед осмон тира бар Моҳу Тир.
Ҳама ҷанг бо пилдорон кунед,
Бар эшон чунон тирборон кунед,
Ки бар чашми ҳар пилбоне ба ҷанг,
Фузун аз мижа тир бошад хаданг.
Бигиред раҳ бар Баҳу, ҳам гурӯҳ,
Мадоред аз он тахту пилон шикӯҳ.

Ки ман ҳам кунун тахту он тоҷро
Диҳам бо Баҳу ҳадя Меҳроҷро.
Зи шасти хадангафканон хост ҷӯш,
Камонгӯшаҳо гашт ҳамрози гӯш.
Ҳаво пур зи занбӯр шуд тезпар,
Хадангин тану оҳанин нештар.
Кашиданд шамшер шерони Ҳинд,
Гирифтанд кӯшиш далерони Синд.
Замин ҳамчу дарё шуд аз гурзу теғ
В-аз ӯ гард бархост монанди меғ.
Ҳама дашт аз хишт шуд киштзор,
Ҳама кишта пур ҳиндувон куштзор.
Бигардид гардуни кӯшиш зи гард,
Бурун тохт аз меғ моҳи набард.
Зи хун ҳафт дарё баромад ба ҳам,
Замин аз дигар сӯ бурун дод нам.
Ба ҳар гом бе тан саре таргдор,
Буд афканда чун миҷмаре пурбухор.
Шуда гард чун чархаву хишту гил,
Ситора шуда, бурҷи ӯ мағзи дил.
Ҷаҳон з-оташи теғҳо тофта,
Дили куҳ зи бонги ялон кофта.
Зи чарх ахтарон баргирифта ғирев,
Зи кӯҳу биёбон рамон ғӯлу дев.
Ба дарё - дарун хаста даррандагон,
Зи парвоз бармонда паррандагон.
Бухору дами хун зи гурзу зи теғ
Чу қавси кузаҳ буд, ки тобад зи меғ.
Ба ҳар ҷой ҷӯйе буд аз хун равон,
Бикуштанд чандон аз он ҳиндувон,
Ки сандуқи пилон шуд аз зери пай
Зи бас кушта ҳинду чу чархушти май.
Ҳамон даҳ сари гурд аз эронсипоҳ
Гирифтанд ҳар сӯ яке размгоҳ.
Суми асп сунбон замин кард паст,
Гурӯҳогуруҳро Кароҳун шикаст.
Сарафшон ҳамекард дар саф Ҳижабр,
Камингоҳ бигрифт Беҳдури бабр.
Ҳамерехт Озаршану Бурзаҳам
Ба ханҷар ялонро сару бурз ҳам.
Ба ҳар сӯ куҷо гурд Гирдоб шуд,
Зи хун гирди он дашт гирдоб шуд.

Кучо гурзи Нишводу Арфаш гирифт,
Ҷаҳон захми пӯлоду оташ гирифт.
Сипаҳдор дар қалб аз он сӯ ба ҷанг,
Гаҳаш найзаву гоҳ ханҷар ба чанг.
Ялон ҳар су аз бимаш андар гурез,
Гирифта зи теғаш ялон растахез.
Камандаш бигустарда аз хамми хом,
Ҳама дашти разм аждаҳовор дом.
Пайи пили пайхаста дар доми ӯ,
Саворон хаба дар хами хоми ӯ.
Аз овои гурзаш ҳамерехт кӯҳ,
Шуда чархи гардон зи гардиш сутӯҳ.
Синонаш ҳаме маргро ҷанг дод,
Хадангаш ҳаме регро ранг дод.
Кучо ханҷараш размсозӣ гирифт,
Ҳаме дар кафаш мӯҳра бозӣ гирифт.
Мар он мӯҳра, к-андар ҳаво бохтӣ,
Сари сарварон буд, к-андохтӣ.
Ба як раҳ фузун аз ҳазорон савор
Синон карда буд дар камар-ш устувор.
На бар зин биҷунбид гурди далер,
На аз захм шуд монда, н-аз ҷанг сер.
Ту гуфтӣ танаш кӯҳи оҳанкаш аст,
Ҳамон аспаш аз боду аз оташ аст.
Зи бас кушта, к-афканда аз пешу пас,
Хурӯши сурӯш омад аз бар, ки бас!
Ҳамон шоҳ Меҳроҷ бар ҷангҷӯй
Ниҳода зи куҳ дида бар тарги ӯй.
Агар гурде аз зин рабудӣ зи ҷой
В-агар жандапиле фикандӣ зи пой,
Зи куҳ бо сипаҳ наъра бардоштӣ,
Ғави кӯс аз чарх бигзоштӣ.
Меҳи пилбонон шуд огаҳ, ки бахт
Рабуд аз Баҳу тахту шуд кор сахт.
На бо чарх шояд ба назд озмуд,
На чун бахт бад шуд, бувад чора суд.
Биёмад бари паҳлавоне савор,
Ба зинҳор бепил беш аз ҳазор.
Сипаҳбад навозидашу дод чиз,
Ҳам эдун бузургону Меҳроҷ низ.
Сияҳ дид гетӣ Баҳу пеши чашм,
Барошуфт бо пилбонон ба хашм.

Ба беғора гуфто: -Надоред бок,
Супоред пилон ба Меҳроҷ пок!
Сарон ин сухан рост пиндоштанд,
Зи ҳар сӯ ҳамин бонг бардоштанд.
Ҳама пилбонон аз он гуфтугӯй
Ба зинҳори Меҳроҷ доданд рӯй.
Биронданд аз он рӯй пилон рама,
Ба назди Баҳу сад намонд аз ҳама.
Пушаймон шуд аз гуфтаи худ Баҳу,
Надид андар он чора аз ҳеч сӯ.
Ба зер омад аз пилу болой хост,
Ба ноком разме гарон кард рост.
Ялонро ба пайкору кин баргумошт,
Ба сад чора он разм то шаб бидошт.
Чу барзад сар аз кӯҳ дирафши бунафш,
Маҳи нав шудаш моҳи рӯйи дирафш.
Ғави табли баргаштан аз размгоҳ
Баромад, шаб аз ҷанг барбаст роҳ.
Баҳу монд бечораву хирасар,
Дилаш тира, гетӣ зи дил тиратар.
Ҳамегуфт: -Тарсам, ки аз баҳри суд
Сипоҳам ба душман супоранд зуд.
На роҳ аст, на рӯйи бигрехтан,
На суде зи пайкору овехтан.

## 34. ҚИССАИ ЗАНГӢ БО ПАҲЛАВОН – ГАРШОСП

Будаш зангие ҳамчу деви сиёҳ,
Зи гардун рикебаш давон солу моҳ.
Ба зӯр аз замин кӯҳ бардоштӣ,
Так аз тозӣ аспон фузун доштӣ.
Шудӣ шаст фарсанг дар ним рӯз,
Ба оҳу расидӣ сабуктар зи юз.
Ба боло будӣ бо Баҳу рост ёр,
Чу зангӣ пиёда будӣ, ӯ савор.
Бад-ӯ гуфт: -Ман чорае донамат,
К-аз ин зовулимард бирҳонамат.
Ба лоба яке нома кун назди ӯй,
Ба ҷон эминӣ хоҳу зинҳор ҷӯй,
Ки то ман барам нома наздаш далер,
Яке дашнаи заҳрхӯрда ба зер.
Ба ширин сухан гӯш бикшоямаш,
Ҳамон ҷой пардахт фармоямаш.

Пас андар гаҳи роз гуфтан ниҳон
Занам бар бараш дашнае ногаҳон.
Сар орам бар ӯ кор, гирам гурез,
Аз он пас ба ман кай расад бод низ.
Ман ин карда в-аз шаб ҷаҳон тирафом,
Кӣ донад, ки ман киву роҳам кадом.
Баҳу шод шуд, гуфт: -Агар з-он ки бахт
Барорад ба дасти ту ин кори сахт,
Туро бар Сарандеб шоҳӣ диҳам,
Ба Ҳинд - андарат пешгоҳӣ диҳам.
Яке нома з-он гуна, к-ӯ дид рой,
Бифармуду шуд зангии тезпой.
Талоя бад-он шаб Гарохуни гурд
Гирифташ сабук, зӣ сипаҳдор бурд.
Яли паҳлавон дид деве нажанд,
Сиёҳе чу шохин дарахте баланд.
Заминро бибӯсид зангиву гуфт:
-Зи назди Баҳу нома дорам ниҳуфт.
Паём аст дигар, чу фармон диҳӣ,
Гузорам, агар ҷой дорӣ тиҳӣ.
Ҷаҳонпаҳлавон ҷой пардахта монд,
Сияҳ нома биспурду буд, то бихонд.
Шуд он гаҳ бараш розгӯянда танг,
Ниҳон дашнаи заҳрхӯрда ба чанг,
Бад-он то занад бар бари паҳлавон,
Бад-он захм бар вай сар орад ҷаҳон.
Сипаҳбад бидид, он ҳам андар шитоб
Чу шери дамон ҷаст бо хашму тоб.
Бияфшурд бо дашна чангаш ба даст,
Ба як мушташ аз пой афканд паст.
Сияҳ зад хурӯшеву з-ӯ рафт ҳуш,
Шуниданд ҳар кас зи берун хурӯш.
Дивиданду диданд деве нигун,
Равон аз даҳону биногӯш хун.
Зи наздаш наҷунбид Гаршосп ҳеч,
Нафармуд касро ба хунаш басеч.
Чу ҳуш ёфт, ларзанда бар пой хост,
Биғалтид дар хоку зинҳор хост.
Ба рух - бар зи хун мижжаи сандарӯс
Ҳамеронд бар тахтаи обнӯс.
Ҷаҳонпаҳлавон гуфт: -Аз теғи ман
Ту он гаҳ раҳонӣ сари хештан,

Ки бо ман биёӣ ба пардасарой,
Ба назди Баҳу бошиям раҳнамой!
Гар ӯро сар имшаб ба чанбар кашам,
Туро аз сарони сипаҳ баркашам.
Сияҳ гуфт, к-аз даст нагзорамаш,
Ҳам имшаб ба ту хуфта биспорамаш.
Диловар парандоваре заҳрх(в)ард
Кашиду бипӯшид диръи набард.
Ҳамон гоҳ бо ӯ раҳ андаргирифт,
Сияҳ бодкирдор так баргирифт.
Зи бас тезии зангии тезрав
Бад-ӯ паҳлавон гуфт: -Чандин мадав!
Ҳамоно, к-ат аз парри мурғ аст пой,
Ки пойи туро бар замин нест ҷой.
Сияҳ гуфт: -Дар роҳ гоҳи шитоб
Чунонам, к-ам андарнаёбад уқоб.
Ба тезӣ беҳ аз аспи тозӣ давам,
Се манзил ба як так ба бозӣ давам.
Бихандид Гаршосп, гуфто: -Равост,
Бидав тез чандон, к-ат акнун ҳавост.
Агар ман ба чандин силеҳи набард
Нагирам туро, кам зи ман нест мард.
Сияҳ ҳамчу оҳу сабукхез шуд,
Сипаҳбад чу юз аз пасаш тез шуд.
Ба як тозиш аз бод таг баргузошт,
Ду гӯшаш гирифту муаллақ бидошт.
Чу рафтанд назди саропарда танг,
Ба чора шуданд андар ӯ бедаранг.
Расиданд ногаҳ бад-он хайма зуд,
Ки бар тахт танҳо Баҳу хуфта буд.
Сипоҳаш ҳама буд сутӯҳ аз ситез,
Бурун рафта ҳар як ба роҳи гурез.
Тиҳӣ дид Гаршосп пардасарой,
Нигаҳбон на аз гирди ӯ кас ба ҷой.
Бароварда шӯриш зи ҳар сӯ басе,
Ба сози гурез-андарун ҳар касе.
Чу шери жаён ҷаст аз афрози тахт,
Гирифташ гулӯбанду бифшорд сахт.
Бидаррид чодар-шу бифканд паст,
Даҳонаш биёканду дасташ бибаст.
Ҳам эдун-ш бар дӯши зангӣ ниҳод,
Ниҳонӣ бирафтанд ҳар ду чу бод.

Ба роҳу ба хобу ба базму шикор
Набояд, ки танҳо бувад шаҳрёр!
Ба зудӣ кашад бахт аз он хуфта кин,
Чу бедорӣ ӯро бувад дар камин.
Зи ҳинду талоя дусад сарфароз
Бад-ин ҳар ду дар роҳ хӯрданд боз.
Диловар биғурриду баргуфт ном,
Суйи пешрав зуд бигзор-д гом.
Сару таргаш андохт аз тан ба теғ,
Гирифтанд аз ӯ хайли дигар гуреғ.
Баҳуро ба лашкаргаҳаш з-ин нишон
Биёвард бар дӯши зангӣ кашон.
Супурдаш ба Нишводи зарринкулоҳ,
Ба мужда бишуд назди Меҳроҷшоҳ.
Зи кори Баҳу в-они зангӣ ниҳуфт
Ҳама, ҳар чӣ буд рафта он шаб, бигуфт.
Яке наъра зад шоҳ Меҳроҷ сахт,
Бияндохт мар хештанро зи тахт.
Шуд он шаб дар оройиши базму соз,
Чу ин огаҳӣ ёфт он сарфароз.
Бад-ӯ гуфт: -Хоҳам, к-аз он сон нажанд
Баҳуро бибинам ба хориву банд.
Биё, базми шодӣ бари ӯ барем,
Бидоремаш аз пешу мо май х(в)арем.
Сипаҳдор гуфто: -Ту ором гир,
Чу душман гирифтӣ, ба каф ҷом гир.
Ту биншин ба ҷойи бадандеши ту,
Ки ӯро худ орам кунун пеши ту.
Гирифтанд ҳар ду ба ҳам бода ёд,
Меҳонро бихонданду буданд шод.
Сипаҳбад зи кори Баҳу бо сипоҳ
Бигуфту бифармуд, то шуд сиёҳ.
Кашонаш биёвард хору нажанд,
Расан дар гулӯ, даст карда ба банд.
Хурӯше баромад ба чархи барин,
Гирифтанд бар паҳлавон офарин.
Сабук шоҳ Меҳроҷ дил шодком
Ба зер омад аз тахт бар тахти ҷом.
Яке хӯрд бар ёди шоҳи бузург,
Дигар шодии паҳлавони сутург.
Нишаст он гаҳе шод бо анҷуман,
Гирифт офарин бар яли размзан,
Ки номи ту то ҷовидон ёд бод!
Дили шоҳи гетӣ ба ту шод бод!

Ҳамасола обод Зобулситон,
К-аз ӯ хост ял чун ту кишварситон.
Ҳар он, к-аш ғаму ранҷи ту орзуст,
Чунон бод бечора, к-акнун Баҳуст!
Зад аз хашму кина гиреҳ - бар ба рӯ,
Шуд ошуфта аз кини дил бар Баҳу.
Чунин гуфт: -Гашта зи ҷон ноумед,
Тиҳӣ аз ҳунар – ҳамчу аз бор бед.
Чӣ кардам ба ҷойи ту аз бад, бигӯй,
Ки боист шуд бо манат ҷангҷӯй.
Ба гетӣ ҳамемонӣ, ай бадгуҳар,
Ки ҳарчанд беҳ парварӣ, зишттар.
Ба андарз чандам падар дод панд,
Ки ҳаргиз магардон варо арҷманд.
Ман аз панди ӯ рӯй баргоштам,
Туро сар ба хуршед бигзоштам.
Шиносанд яксар ҳама Ҳинду Синд,
Ки ҳастӣ ту бар гавҳари хеш синд.
Яке танггӯша будӣ, шӯрбахт,
Шаҳӣ додамат в-афсару тоҷу тахт.
Ба подош ин буд, зебойи ман,
Ки имрӯз ҷӯйӣ ҳаме ҷойи ман?
Раҳӣ, чун ба андоза надҳӣ меҳӣ,
Чу меҳ шуд, нагирад туро ҷуз раҳӣ.
Сари душман он, к-ӯ барорад ба моҳ,
Фуруд афканад хештанро ба чоҳ.
Сазовори ҷони бадандеши ту
Бибинӣ, чӣ орам кунун пеши ту.

## 35. ПОСУХ ДОДАНИ БАҲУ МЕҲРОҶРО

Баҳу гуфт: -Бо баста душман ба пеш
Сухан гуфтан осон бувад камму беш.
Тавон гуфт бад бо забунон далер
Забон чира гардад, чу шуд даст чир.
Бинеҳ номи девона бар ҳушёр,
Пас он гаҳ бари кӯдакон аст кор.
Туро подшоҳӣ ба ман гашт рост,
Валек аз хуйи бад туро кас нахост.
Гуҳар гар набудам, ҳунар худ басе,
Аз ин рӯйро хостам ҳар касе.
Ба зӯру ҳунар подшоҳиву тахт
Наёбад касе, ҷуз ба фархунда бахт.

Ҳунар буд маро, бахти фаррух набуд,
Чу бошад ҳунар, бахт набвад, чӣ суд?
Ҳунарҳо зи бахти бад оҳу бувад,
Зи бахтоварон зишт некӯ бувад.
Падар низ пандат ҳам аз бим гуфт,
Ки бо ман ҳунар бештар дид ҷуфт.
Ба ман буд шоҳӣ сазовортар,
Ки дорам ҳунар аз ту бисёртар.
Ту додӣ Сарандеб аз он пас ба ман,
Фикандим дур аз бари хештан.
Пас андар ниҳон хуни ман хостӣ,
Набуд суд ҳар чора, к-оростӣ.
Ман аз бим бар ту сипаҳ сохтам,
Ҳама ганҷу гоҳат барандохтам.
Чу шоҳӣ-т яксар маро хост шуд,
Аз ин зобулӣ кори ту рост шуд.
Агар н-омадӣ ӯ ба фарёди ту,
Будӣ гум кунун беху бунёди ту.
Ту будӣ ба пешам сар афканда паст,
Чунон чун манам пеши ту баста даст.
Бишуд тунд Меҳроҷу гуфто: -Дурӯғ
Бари рост ҳаргиз нагирад фурӯғ.
Падар-т он, ки з-ӯ нозишу номи туст,
Ниёи маро пилбон буд нахуст.
Гаҳе чанд сарҳанги даргоҳ шуд,
Пас он гаҳ Сарандебро шоҳ шуд.
Ту дар пойи пилон будӣ хошарӯб,
Каворакаше, пеша бо ранҷу чӯб.
Чу рафт ӯ, ба ҷояш туро хостам,
Шаҳӣ додамат, корат оростам.
Кунун, к-ат нишондам ба ҷойи шаҳӣ,
Ҳаме ҷойи ман хоҳӣ аз ман тиҳӣ?
Касе, к-аш бувад дида аз шарм пок,
Зи ҳар зишт гуфтан наёяд-ш бок.
Батар ҳар замон мардуми бадгуҳар,
Ки гӯсола ҳарчанд меҳ, говтар.
Барошуфт Гаршосп аз кину хашм,
Бизад бар Баҳу бонгу бартофт чашм.
Бифармуд, то ҳар кӣ бадхоҳу дӯст
Зи силӣ ба гардан-ш бурданд пӯст.
Дароганд хокаш ба кому даҳан
Бибурданд бар дасту гардан расан.
Ҳам эдун ба бандаш ҳамедоштанд,
Бар ӯ чанд доранда бигмоштанд.

Ҳамон гоҳ зангӣ замин бӯса дод,
Ба Гаршосп бар офарин кард ёд.
Бад-ӯ гуфт: -Донӣ, ки аз рӯйи бахт
Зи ман буд, ки шуд бар Баҳу кор сахт.
Бад-ӯ раҳнамунӣ манат сохтам,
Чу бастиш бар дӯши ман, тохтам.
Дигар, к-ам ҳама хурд кардӣ даҳан
Ба сесадманӣ мушти дандоншикан.
Маро, то бувам, зиндаву ҳушам аст,
Тафи мушти ту дар буногӯшам аст.
Кунун гар бад-ин банда рой оварӣ,
Сазад, к-он чӣ гуфтӣ, ба ҷой оварӣ.
Сипаҳбад бихандиду бинвохташ,
Сазо хилъату борагӣ сохташ.
Миёни бузургон-ш солор кард,
Дирафшу сипоҳаш падидор кард.
Чунин буд гетиву чунин бувад,
Гаҳаш меҳрбониву гаҳ кин бувад.
Якеро диҳад ранҷу буррад зи ганҷ,
Якеро диҳад ганҷ нобурда ранҷ.
Ҳама кораш ошӯбу пиндоштест,
Аз ӯ оштӣ ҷангу ҷанг оштист.
Киро беш бахшад бузургиву ноз,
Фузунтар диҳад ранҷу гурму гудоз.
Дар ӯ ҳар кӣ гӯйӣ таносонтар аст,
Ҳам ӯ беш бо ранҷу дарди сар аст.
Тавон хӯ аз ӯ даст бардоштан
В-аз ин хӯ нашояд-ш баргоштан.
Аз он пас Баҳу чун ба банд уфтод,
Сипаҳдору Меҳроҷ гаштанд шод.
Ҳама шаб ба рӯду майи дилфурӯз
Бибурданд, то барзад аз хок рӯз.
Чу гардуни пирӯза аз ҷавшанаш
Биканд он ҳама кавкаби равшанаш,
Сипоҳи Баҳу размро кард рой,
Кашиданд саф пеши пардасарой.
Надидандашу ҷуст ҳар кас басе,
Фитоданд аз ӯ дар гумон ҳар касе,
Ки бигрехт дар шаб ниҳон аз сипоҳ
В-агар шуд ба зинҳори Меҳроҷшоҳ.
Зи ҷон яксар уммед бардоштанд,
Силеҳу буна пок бигзоштанд.
Гурезон суйи бешаву дашту кӯҳ
Ниҳоданд сарҳо гурӯҳогурӯҳ.

Далерони Эрон ҳар он кас, ки буд,
Пайи гардашон баргифтанд зуд.
Ниҳоданд ҷанге ситезандагон,
Синон дар қафои гурезандагон.
Фиканданд чандон аз эшон нигун,
Ки буд кушта ҳар сӯ се манзил фузун.
Ҷаҳон буд пури хаймаву чорпой,
Силеҳу буна пок монда ба ҷой.
Зи хиргоҳу аз фаршу аз симу зар,
Зи диръу зи хафтон, зи хӯду сипар.
Ҳама, ҳар чӣ буд дар куҳу дашту ғор
Силеҳи набардӣ ҳазорон ҳазор,
Ҳаме гирд карданд беш аз ду моҳ,
Яке кӯҳ буд сар кашида ба моҳ,
Ки пиле ба гирдаш ба рӯзи дароз
Нагаштӣ, нарафтиш мурғ аз фароз.
Сипаҳбад беҳин баргузид аз миён,
Бибахшид дигар бар эрониён.
Ҳамон ҷо яке ҳафта дил шодком
Баросуд бо бахшишу руду ҷом.
Чу ҳафта сар омад, ба Меҳроҷ гуфт
Ки ин кор бо коми дил гашт ҷуфт.
Бифармояд – ар низ корест – шоҳ
В-агар нест, дастур бошад ба роҳ.
Бад-ӯ гуфт Меҳроҷ, к-аз фарри бахт
Зи ту ёфтам подшоҳиву тахт.
Намондаст коре фазоянданом,
Кунун чун Баҳуро фикандӣ ба дом.
Писар бо бародар-ш ҳар ду ба ҳам
Сарандеб доранд бо боду дам.
Равем, андар ин чора афсун кунем,
Зи чанголашон шаҳр берун кунем.
Ҷаҳонпаҳлавон гурди гарданфароз
Чу бишнид гуфтори Меҳроҷ боз.
Асирон, ҳар он кас, ки омад ба мушт,
Киро кушт боист, яксар бикушт.
Баҳуро ба хориву банди гарон
Ба дижҳо фиристод бо дигарон.
В-аз он ҷо сипаҳ бурд зӣ Зангбор,
Бишуд то ҷазире ба дарёканор.
Пур аз кӯҳу беша ҷазире фарох,
Дарахташ ҳама уди густардашох.

Куҳаш кони арзизу алмос буд,
Ҳама бешааш ҷойи наснос буд.
Зи гирдаш садаф бекарон рехта,
Ба гул мавҷи дарё даромехта.
Сипаҳ он садафҳо ҳамекофтанд,
Ба хирвор дур ҳар касе ёфтанд.
Чунон буд аз ӯ ҳар дури шоҳвор,
Куҷо жола гардад сиришки баҳор.
Чу сесад ҳазор аз дари тоҷ буд,
Ки дар панҷ як баҳри Меҳроҷ буд.
Ба Гаршосп бахшид пок, он чи ёфт,
В-аз он ҷо суйи роҳи дарё шитофт.
Ба як кӯҳашон ҷойи ором буд,
Куҷо номи ӯ Зоти Авҳом буд.
Ба назди Сарандеб кӯҳе баланд,
Пур аз бешаву мардуми киштманд.
Зи ғаввос диданд марде ҳазор,
Рада сохта гирди дарё канор.
Гурӯҳе шуда з-об ҷӯён садаф,
Гурӯҳе садафкоф ханҷар ба каф.
Сипаҳдор, Меҳроҷу чандин гурӯҳ
Ситоданд, наззорагон гирди кӯҳ.
Зи дур он чӣ некӯтар омад ба даст,
Гузиданд беш аз дусад бор шаст.
Ба Меҳроҷ доданду Меҳроҷшоҳ
Ба Гаршосп бахшиду эронсипоҳ.
Ҳамон гаҳ ғиреве зи лашкар бихост,
К-аз ин беша ногоҳ бар дасти рост
Давиданд ду деву аз мо ду мард
Рабуданду бурданду куштанду х(в)ард.
Сипаҳбад сабук ҷаст бо гурзи ҷанг,
Бипӯшид диръу миён баст танг.
Яке гуфт: -Тундӣ макун бо ғирев,
Дар ин беша наснос бошад, на дев.
Ба боло якояк чу сарви баланд,
Ба андом пурмӯй чун гӯспанд.
Ҳама сурхмӯю ҳама сабзмӯй,
Ду сӯйи қафо чашму ду сӯй рӯй.
Ба андом ҳам мода, ҳам низ нар,
Ҳаме бачча зоянд чун якдигар.
Ду з-эшон дароранд пиле ба зер,
Кушанду хуранду нагарданд сер.

Яке беҳ зи мо сад ба ҷангу ситез,
Фузун-шон так аз тозиаспони тез.
Сипаҳбад ба додор савганд х(в)ард,
Ки имрӯз танҳо намоям набард.
Кушам, ҳар чӣ наснос ояд-м пеш,
Агар сад ҳазоранду з-ин низ беш.
Бигуфт ину шуд сӯйи беша дамон,
Ҳамегашт бо гурзу тиру камон.
Зи наснос шаш дид ҷойе ба ҳам,
Яке пил кушта, дарида шикам.
Чу дидандаш, аз ҷойгаҳ тохтанд,
Зи пироманаш ҷанг барсохтанд.
Ба ханҷар дуро пой бифканду даст,
Дуро зери гурзи гарон кард паст.
Ду бо хашму кин з-ӯ даровехтанд,
Ба дандон аз он хун ҳамерехтанд.
Бизад ҳар дуро ханҷари дилшикоф,
Бидарридашон аз гулӯ то ба ноф.
Сарон-шон ба лашкаргаҳ овард шод,
Ба базм - андарун пеши гурдон ниҳод.
Бимонданд аз ӯ хирадил ҳар касе,
Буд аз ҳар забон офаринаш басе.
Бифармуд, то пӯстҳошон пагоҳ
Ба киштӣ кашанд андароганда коҳ.

## 36. РАФТАНИ ГАРШОСП БА ЗАМИНИ САРАНДЕБ

Дигар рӯз Меҳроҷи гарданфароз
Басе киштӣ овард ҳар сӯ фароз.
Ба эрониён дод киштӣ чу шаст,
Дигар киштӣ ӯ бо сипаҳ барнишаст.
Зи киштӣ шуд он оби жарф аз ниҳод,
Чу даштӣ дар он кӯҳ тозон зи бод.
Ту гуфтӣ, ки кемухти ҳомун чу Нил
Ба ҳамла бидаррад ҳаме жандапил.
Чу пиле ба майдони так зудёб,
Варо пилбон бо ду майдон-ш об.
Такаш тезу рафтан-ш бе дасту пой,
На хӯрдан-ш кому на хуфтан-ш рой.
Фузун хамми хартум-ш аз се каманд,
Зи дандон-ш бар пушти моҳӣ газанд.

Ба рафтан бароварда пар мурғвор,
Ҳама раҳ ба сина хазида чу мор.
Гаҳе халта хартумаш андар шикам,
Гаҳе баста - бар гову моҳӣ ба ҳам.
Яке дашташ аз пеш симобранг,
Саросар зи пӯлод бииздуда занг.
Замине ба монанди гардон сипеҳр,
Дар ӯ чун дар ойина дидори чеҳр.
Биёбоне ошуфта бе сангу хок,
Мағокаш гаҳе кӯҳу гаҳ куҳ мағок.
Яке дашти симин бе оташ ба ҷӯш,
Гаҳ осуда аз наъра, гаҳ бо хурӯш.
Ба дидан чунон, к-обгина даранг,
Зи шӯриш чу кӯбанд бар санг санг.
Давон ӯ дар он дашту роҳи дароз,
Гаҳе шеб тозанда, гоҳе фароз.
Гаҳе чун яке хона дар жарф ғор,
Гаҳе чун диже аз бари кӯҳсор.

## 37. ХАБАР ЁФТАНИ ПИСАРИ БАҲУ АЗ КОРИ ПАДАР

Ва-з он сӯ чу пури Баҳу рафт пеш
Ба шаҳри Сарандеб бо амми хеш.
Ҳамесохт бар куштани ам камин,
Ниҳон ам ба хун ҷустанаш ҳамчунин.
Саранҷоми кор он писар ёфт даст,
Амашро бикушту ба шоҳӣ нишаст.
Пас огоҳӣ омад зи Меҳроҷшоҳ,
Зи дарди падар гашт рӯзаш сиёҳ.
Яке ҳафта биншаст бо сӯгу дард,
Сари ҳафта лашкар ҳама гирд кард.
Басе ганҷу зарру дирам барфишонд,
Саду бист киштӣ сипаҳ дарнишонд.
Сипаҳдори ҷанговари размсоз
Фиристодаш аз пеш Меҳроҷ боз.
Чу рафтанд ниме раҳ аз бешу кам,
Сипаҳ бозхӯрданд ҳар ду ба ҳам.
Сабук баст Гаршосп кинро миён,
Ҳамон шаст киштӣ аз эрониён.
Хама ханҷару найза бардоштанд,
Зи кайвон ғави кӯс бигзоштанд.

Чунон гашт киштӣ, ки дар корзор
Ба захми савор андаромад савор.
Ба ҳар сӯ диже хост тозон ба ҷанг,
Аз ӯ хишт борандаву тиру санг.
Зи таффи сари тегу аз акси об
Ҳаме дар ҳаво гашт каргас кабоб.
Чунон тир борид ҳар гурдгир,
Ки ҳар моҳие таркаше шуд зи тир.
Ҳаме мавҷ бар авҷи маҳ роҳ зад,
Зи моҳӣ тани кушта бар моҳ зад.
Аз оташ ҳама рӯйи дарё ба чеҳр
Чунон шуд, ки шаб аз ситора сипеҳр.
Шуд аз хун тани моҳиён лаълпӯш,
Дили мег зад з-оби шангарф ҷӯш.
Чунон буд мавҷ аз сари бешумор,
Ки гирди чаман мева борад зи бор.
Ҳамерафт ҳар киштие сарнигун,
Даровехта бодбон пур зи хун.
Чу аспони ҷангӣ давон хайл-хайл,
Барафканда аз лаъл дебо ҷулайл.
Сипаҳдор бо хайли зовулгурӯҳ
Ба пеш андароварда киштӣ чу кӯҳ.
Чапу рост тег арғавонбор кард,
Ба ҳар киштӣ аз кушта анбор кард.
Ба як соат аз гурз якмоҳа беш
Ҳаме моҳиёнро хуриш дод пеш.
Зи киштӣ ба киштӣ ҳамешуд чу гард,
Ҳамекӯфт гурзу ҳамекушт мард.
Чунин то ба Ҷанговаи ҷангҷӯй
Расид аз камин, кард оҳанги ӯй.
Сарашро ба гурзи гарон кӯфт хурд,
Танашро ба коми наҳангон супурд.
Ялон з-оташи разму аз бими тоб
Ҳаме тан фиканданд ҳар сӯ дар об.
Чиҳил киштӣ аз мавҷи боди шигарф
Зи душман нигун шуд ба дарёи жарф.
Дигар дар гурез он куҷо монда буд,
Ниҳоданд сар зӣ Сарандеб зуд.
Гирифтанд сӣ киштӣ эронсипоҳ,
Бикуштанд ҳар кас, ки буд кинахоҳ.
Ҳама бодбонҳо барафроштанд,
Ба думми гурезанда бардоштанд.

## 38.БАРГАШТАНИ ПИСАРИ БАҲУ БА ЗАНГБОР

Зи сад мард панҷаҳ гирифта шуданд,
Дигар куштаву зору куфта шуданд.
Сарандеб шуд з-ин шикан пурхурӯш.
Зи шеван ба ҳар барзане хост ҷӯш.
Зи хешон-ш пури Баҳу ҳар кӣ буд,
Бибурду зи дарё гузар кард зуд.
Зи ҳар сӯ чу бар вай ҷаҳон танг шуд,
Ба зинҳор назди шаҳи Занг шуд.
Ду майзар бувад ҷомаи зангиён,
Яке гирди гӯшу дигар бар миён.
Надоранд асп андар он бум ҳеч,
На кас донад андар саворӣ басеч.
Бувад созашон теғи кин рӯзи ҷанг,
Дигар устухонмоҳию тиру санг.
Чу бошад шаҳе ё меҳе арҷманд,
Нишонанд аз афрози тахте баланд.
Мар он тахтро чор тан сохта,
Парандаш ҳаме бар сар афрохта.
Бувад низ  нав мутрафе шоҳвор,
Бибаста зи ду сӯ ба чӯб устувор.
Нишастангаҳи ноз донанду ком,
Бад-он бумаш Андул хонанд ном.
Киро шоҳ бошад ба зинҳор хеш,
Нишон бошадаш мӯру сарбанд пеш.
Фурӯҳишта бошад ба рух рӯйбанд,
Набинад-ш кас ҷуз меҳе арҷманд.
Зи пури Баҳу чун шунид огаҳӣ,
Фиристод сарбанду мӯҳри шаҳӣ.
Ҳамон тахт фармуд, то тохтанд,
Ҳама раҳ нисораш гуҳар сохтанд.
Чу омад бараш танг, бархост зуд,
Фаровон бипурсиду гармӣ намуд.
Нишонду навозидашу дод ҷоҳ,
Ҳаме буд аз он гуна наздики шоҳ.
Мар ӯро сипаҳдору домод гашт,
Нишаст эмин, аз андуҳ озод гашт.
Сипоҳаш ҳам аз зангиён ҳар касе
Зан оварда пайвандашон шуд ҳаме.
Чу Гаршоспу Меҳроҷ аз ҷойи ҷанг
Расиданд назди Сарандеб танг,
Ба шаҳр аз меҳон ҳар кӣ буд сарфароз,
Ҳама ҳадяву нузл карданд соз.

Ба раҳ пеши Меҳроҷ боз омаданд,
Ба пӯзиш ҳама лобасоз омаданд,
Ки гар шуд Баҳу душмани шаҳрёр,
Зи мо кас набуд бо вай аз шаҳр ёр.
Зи баҳри туяш банда будему дӯст,
Кунун мо кием, ар гунаҳкор ӯст?
Ба ҷойи гунаҳгор бар бегуноҳ
Чу хашм оварӣ, нест ойину роҳ!
В-агар назди шаҳ мо гунаҳ кардаем,
Сар, инак бари теғаш овардаем.
Агар сар бувад в-ар бибахшад равост,
Писандидаем, он чи ӯро ҳавост.
Зи Гаршосп дархост Меҳроҷшоҳ,
Ки ин ройро ҳам ту бин рӯю роҳ.
Ба подоши кажживу аз роҳи рост
Бад-ин кишвар имрӯз фармон туростт.
Сипаҳбад гуноҳе куҷо будашон,
Бибахшиду аз дил бибахшудашон.
Дигар дидашон аз ҳам уммеди баҳр,
В-аз он ҷо кашиданд лашкар ба шаҳр.
Басе ёфт Меҳроҷ ҳар гуна чиз
Зи ганҷи Баҳу в-они лашкар-ш низ.
Ниҳонкардаҳо баркашид аз мағок,
Ба Гаршосп в-эрониён дод пок.

## 39. РАФТАНИ МЕҲРОҶ БО ГАРШОСП

Яке моҳ аз он пас ба шодиву ком
Бибуданд, к-аз май наёсуд ҷом.
Чу май гӯй бифканду чавгон гирифт,
Ба аспи сияҳ боз майдон гирифт.
Бididанд маҳ бар рухи паҳлавон,
В-аз он ҷой дилшоду равшанравон
Ба кӯҳи Даҳу баргирифтанд роҳ,
Чӣ кӯҳе, баландиш бар чархи моҳ,
Ки гӯянд, Одам чу фармон биҳишт,
Бар он кӯҳи бурз уфтод аз биҳишт.
Нишони кафи пояш он ҷо тамом
Бididанд, ҳар пай чу ҳафтод гом.
Зи ҳар-ч испарағм асту гул гунагун,
Бар он кӯҳ буд сад ҳазорон фузун.
Зи шамшоду аз савсану ёсуман,
Зи насрину аз сунбулу настаран,

Ҳам аз хайриву говчашму зиришк,
Бишуста рухи ҳар як абр аз сиришк.
Ҳама кӯҳ чун тахти гавҳарфурӯш,
Зи сисанбару лолаву пилғӯш.
Ҳазорон гули навдамида зи санг,
Зи садбаргу дурӯйу аз ҳафтранг.
Чи наргис, чи наварғавону чи хед,
Чи шибу чи нилуфару шанбалид.
Бунафша сар оварда зӣ мушкбӯй,
Шуда ёсуман анҷуман гирди ҷӯй.
Рада дар рада з-он гули лаългун,
Ки хони арӯсаш ба парда - дарун.
Гули зард ҳоли ҷаҳон дид ҷуфт,
Гирифта бари беди бӯё ниҳуфт.
Ба дастон чакова шикофа шикоф,
Сароён зи гул сориву зандвоф.
Ба ҳар сӯ яке обдон чун гулоб,
Шиновар шуда моғ бар рӯйи об.
Чу зангӣ, ки бистар зи ҷавшан кунад,
Чу ҳинду, ки ойина равшан кунад,
Буд аз ҳар суйе мевадорон дигар,
Бунаш бар замину суйи чарх сар,
Ки дар сояи шохи ҳар мевадор
Нишастӣ ба ҳам мард беш аз ҳазор.
Ҳамон ҷо яке саҳмгин чоҳ буд,
Ки жарфиш сад шоҳраш роҳ буд.
Ҳар он чиз, к-андохтандӣ дар ӯй
В-агар аз гаронӣ будӣ сангу рӯй,
Сабук з-ӯ ҳамон чиз боз омадӣ,
Чу тир аз бунаш бар фароз омадӣ.
Барафрохтӣ бар сар андар замон,
Надидаст кас як шигифтӣ чунон.
Басе кони ёқут диданд низ,
Зи буллӯру алмосу ҳар гуна чиз.
Басе чашма оби равон ҷой-ҷой,
Ба ҳар гӯша мурғони дастонсарой.
Зи кофуру аз уду бемар дарахт,
Ҳам аз зар гиё руста бар санги сахт.
Зи говони анбар ба ҳар сӯ рама
В-аз оҳу рама, нофаафкан ҳама.

## 40. ДИДАНИ ГАРШОСП БАРАҲМАНРО

Бар он кух бараҳман яке пирмард,
Баровард в-аз гардиши рӯз гард.
Гулаш гашта гил, сарви заррин куноғ,
Чу парри ҳавосил шуда парри зоғ.
Шуда тири боло камонвор кӯж
Камони ду абрӯ шуда сими тӯж.
Бараҳна сару пову пӯшида тан
Зи барги дарахту гиё пераҳан.
Аз ӯ паҳлавон ҷуст роҳи сухан,
Ки ай ростдил, кӯжпушти куҳан.
Бар ин гуна он кӯҳ хуррам зи чист?
Бар ӯ - бар нишони кафи пойи кист?
Парастанда пир офарин баргирифт,
Чунин гуфт, к-эдар бас аст аз шигифт.
Ҳам аз гунагун гавҳари обдор,
Ҳам аз уду кофуру ҳам мевадор,
Аз он он, ки эдун хушу хуррам аст,
Ки бо фарри фаррух пайи Одам аст.
Нишони пай аст он, ки дар пеши туст,
Ки ҳафтод гом аст, ҳар пай дуруст.
Аз эдар ба дарё ду мил аст рост,
Шудӣ з-ӯ ба се гом, ҳар гаҳ ки хост.
Зи дарё - дарун ҳар шаб абре баланд
Барояд ғиреванда чун дардманд.
Ба оби мижа ҳар пояш бешу кам
Бишӯяд, наборад дигар ҷой нам.
Зи минӯ чу Одам бар ин кух фитод,
Ҳаме буд бо дарду бо сард бод.
Зи дил дуди ғам рафта бар офтоб,
Ду дида чу дарё, ду рух ҷӯйи об.
Ба сад сол гирён буд аз рӯзгор,
Ҳамехост омурзиш аз Кирдгор.
Чунин то ба мужда биёмад сурӯш,
Ки коми дилат ёфтӣ, кам хурӯш.
Зи дида бад-он хуррамӣ низ нам
Биборид чандон, ки ҳангоми ғам.
Аз он оби ғам, к-аз мижа рух бишуст,
Ҳама кух хасу хору ҳам заҳр руст.
В-аз он оби шодӣ, к-аш аз рух давид,
Ҳама сабзаву доруву гул дамид.

Ғамӣ монд ҷуфташ тиҳӣ з-ӯ канор,
Бари Ҷидда, наздики дарёканор.
Ҳаме моҳӣ овард аз қаъри об,
Бипухтӣ миёни ҳаво з-офтоб.
Хуру хонаш аз моҳибирён будӣ,
Бар Одам шабу рӯз гирён будӣ.
В-аз андӯҳ Одам аз эдар бадард
Шабу рӯз гиряндаву рӯйзард.
Чу гоҳи ситойиш ситодӣ ба пой,
Сараш б-осмон - бар расидӣ ба ҷой.
Ҳам аз вай фаришта шунидӣ хурӯш,
Ҳам ӯ ёфтӣ роҳи эшон ба гӯш.
Фиристод пас Кирдгор аз биҳишт
Ба дасти суруши хуҷистасиришт
Зи ёқути якпораи лаълфом
Дурафшон яке хона, Обод ном.
Мар онро миёни ҷаҳон ҷой кард,
Парастишгаҳе з-ӯ дилорой кард.
Бифармуд, то Одам он ҷо шитофт,
Чу шуд назди ӯ, ҷуфтро бозёфт.
Бад-он гаҳ, ки бигрифт тӯфон ҷаҳон,
Шуд он хона сӯйи гаразмон ниҳон.
Ҳамон ҷойгаҳ сохт хоҳад Худой,
Яке хона, к-аз вай бувад дин ба пой.
Ба фарри пасинтар зи пайғамбарон
Басе хубӣ афзуд хоҳад бар он.
Чу рух з-ӯ битобӣ, шавад дин табоҳ,
Чу сангаш бибӯсӣ, бирезад гуноҳ.
Чу шуд соли Одам тамомӣ ҳазор,
Шуд аз гетии карда зӣ Кирдгор.
Варо Шис пӯшид дар хок тан,
Сурӯш оваридаш зи мину кафан.
Нишонгоҳи гӯраш кунун эдар аст,
Яке баҳра аз вай ба дарё - дар аст.
Чу Нӯҳ омаду ёфт эдар даранг,
Кашид устухонаш ба дижҳухти Ганг.
Аз он ин куҳ аз гавҳару гил накӯст,
Ки бар вай нишони кафи пойи ӯст.
На кӯҳ аст аз ин бурзтар дар ҷаҳон,
На ёқут дорад ҷуз ин ҷой кон.
Ҳам аз ҳар куҷо дурр хезад дигар,
Бад-ин марз бошад баҳогиртар.

Дигар раҳ сипаҳбад, яли чирадаст
Бипурсид, к-ай пири Яздонпараст,
Шигифтӣ бад-он рӯй сӯйи шимол
Чӣ гӯяд ҷаҳондида донишсигол?
Бараҳман чунин гуфт, к-ай покрой,
Бад-он рӯй кам ёбӣ обод ҷой.
Дусад мил раҳ беша бошад фузун,
Дарахтони боровари гунагун.
Дар он бешаҳо мардуми бешумор,
Гиё хӯрдашон, ё бари мевадор.
Чу мардум кушода кафи дасту рӯй,
Чу мешон ниҳуфта ҳама тан ба мӯй.
Яке баҳраро мӯйи сар то миён,
Чу қиртос тан, чеҳра чун зангиён.
Зи бегона мардум бувадшон гурез,
Битозанду аз таг беҳ аз боди тез.
Агарчанд дорандашон ҷуфти ноз,
Чу набванд баста, гурезанд боз.
Ҳамон ҷо зи кофуру уду бақам
Басе беша пайваста бинӣ ба ҳам.
Ҷазире ҳамон ҷост назди Кала,
Ки киштӣ бад-ӯ дер ёбад хала.
Ҳама пур дарахтони бобору барг,
Куҳу дашти ӯ бешаи пилу карг.
Дар ӯ бекарон мардуми зӯрманд,
Ситамкораву хуниву пургазанд.
Киро ёфтанд аз дигар мардумон,
Кашанд аз сараш коса ҳам дарзамон.
Чу сози арӯсии духтар кунанд,
Ба кобин ҳама косаи сар кунанд.
Хуриш ҳам бад-он коса оранд пеш,
Тавонгартар он кас, к-аш он коса беш.
Миёни дарахтон ба рӯзи шикор
Бигиранд бар пил роҳ ошкор.
Нахустин зи пой андароранд зуд
В-аз он ҷо гурезанд пас ҳамчу дуд,
Азеро ки пилони дигар ба кин
Бар он бӯйи кушта даванд аз камин.
Ба хашм он замин зеру азбар кунанд,
Дарахти фаровон зи бун барканand.
Чу пилон аз он ҷой гарданд боз,
Шаванд он гуруҳ дар шаби дерёз,

Мар он пилро пора-пора зи неш
Кунанду барад ҳар касе баҳри хеш.
Надоранд худ киштаву чорпой,
Наварзанд ҷуз меваҳо ҷой-ҷой.
Зи пил аст ҳар гунашон хӯрданӣ,
Ҳам аз чарми ӯ ҳар чӣ густурданӣ.
Киро мурд, санге гарон дар шитоб
Бибанданду зуд афканандаш дар об.
Фиканда ҳама беша-шон мил-мил
Суруҳои карг асту дандони пил.
Ба Ҳиндустон доруи гунагун
Аз он беша ҷойе нахезад фузун.

## 41. ДИГАР ПУРСИШИ ГАРШОСП АЗ БАРАҲМАН

Дигар раҳ-ш пурсид гурди далер,
Ки, ай аз хирад бар ҳаво гашта чир,
Бад-ин кӯҳ танҳо нишастат чарост?
Чӣ чиз аст хӯрдат, чу пӯшиш гиёст?
Бад-ӯ гуфт пираш, ки сол аст шаст,
Ки то ман бад-ин кӯҳ дорам нишаст.
Гиёяст пӯшидану х(в)арданам,
Сипоси касе нест бар гарданам.
Ҳама кори ман бо Худоясту бас,
На аз ман касе ранҷа, не ман зи кас.
В-агар бекасам, нестам бе Худой,
Ба танҳоӣ ӯ бас маро дилкушой.
Хирад низ дорам, ки чун дилнажанд
Бимонам, кунам дар дам осон ба панд.
Танумандро аз хуриш чора нест
В-аз ин бар тануманд беғора нест.
Чу дидӣ, ки гетӣ надорад баҳо,
Аз ӯ бас бувад хӯрду пӯшиш гиё.
Чӣ бояд суйи ҳар хуриш тохтан,
Шикам гӯри ҳар ҷонвар сохтан!
Равон парвар, эдун, ки танпарварӣ,
Ба парвои тан ранҷ то кай барӣ?
Касе, к-аш равон шуд ба дониш ҷавон,
Гараш тан бимирад, намирад равон.
Равон ҳаст зиндонии мустаманд,
Тан ӯро чу зиндон, табоеъ чу банд.

Чунон аст парвардан аз ноз тан,
Ки девори зиндон қавӣ доштан.
Чӣ бояд кашид ин ҳама ранҷ бок
Ба чизе, ки гавҳар-ш як мушт хок.
Даме гар-ш набвад, бимирад ба ҷой,
Ба пай гар наҷунбад, бияфтад зи пой.
Ҳам аз як хуйи хеш гардад нажанд,
Ҳам аз неши як пашша гирад газанд.
Чӣ меҳр афканӣ бар тану ин ҷаҳон,
Ки бо ту на ин монд хоҳад, на он.
Ҷаҳон аз баду нек обистан аст,
Бурун дӯст аст, аз дарун душман аст.
Чу боғест пурмева, дораш чаман
Ба гирдаш насими хушу нав суман.
Ҳар он гаҳ, ки шуд роми ӯ дил ба меҳр,
Дигар сон шавад яксараш ранги чеҳр.
Дарахташ бало гардаду мева – мор,
Насимаш – самуму суман – барги хор.
Чӣ варзӣ-ш, к-ат надҳад аз ранҷ бар?
Бимолад ба пай, чун бигирад ба бар.
Ба дурӣ зи хешонат орад навид,
Намояд-т тамъу нишонад умед.
Кунад кӯз пуштат, рухи сурх – зард,
Ҷавонит пирӣ, дурустит дард.
Пас, он, к-ӯ чунин бо ту бошад ба кин,
Ту ӯро чаро дӯст дорӣ чунин?
Чӣ нозӣ ба дебову хаззу самур,
Ки хоҳад танатро хурад кирму мӯр?!
Басе чораҳо созиву доварӣ,
Барӣ ранҷ, то ганҷ гирд оварӣ.
Саранҷом бинӣ, шуда бод ранҷ,
Ба ту ранҷ монад, ба бадхоҳ – ганҷ.
Гарат нек бояд ба ҳар ду сарой,
Суйи Кирдгори ҷаҳонбон гарой.

❁ ❁ ❁

Сипаҳдор гуфт: -Аз ниҳон в-ошкор
Гуво чист бар ҳастии Кирдгор?
Нишонаш чӣ сону сутудан-ш чун?
Чӣ донӣ суйи яккияш раҳнамун?
Ҳар он чиз, к-ат дил бад-ӯ раҳбар аст,
Ба чизе шиносӣ, к-аз ӯ бартар аст.
Худой аз хирад бартар асту равон,
Ба чӣ чиз донистан ӯро тавон?

Бараҳман чунин гуфт, к-аз ройи пок,
Ҳама чиз, аз чарх то тирахок,
Ба ҳастии Яздон саросар гувост,
Гувоёни хомӯши гӯяндарост.
Замин в-осмон в-ин ҳама ахтарон,
Ҳам ин дар дам овехта гавҳарон.
Пас инҳо, ки гаҳ зеру гоҳ аз баранд,
Бигарданду ҳар соате дигаранд.
Гаҳе навбаҳор ояду гоҳ тир,
Ҷавон аст гетӣ гаҳе, гоҳ пир.
Замон то замон чархро кори ну ,
Шабу рӯз ҳамвора бо роҳи ӯ.
Ҳамон марг бо зиндагонӣ ба ҳам,
Баду нек бо шодмониву ғам.
Аз ин нест гетӣ тиҳӣ як замон,
Ба гардиш – даранд ин ҳама бегумон.
Зи гардиш шавад гирдакӣ ошкор,
Нишон аст пас карда бар Кирдгор.
Аз оромишу ҷунбиши банд чиз,
Ҳамон ҳар ду чиз офаридаст низ.
Пас, он чи набуд пеш аз ин аз нахуст,
Чунон дон, ки ҳаст офарида дуруст.
Чу ҳастиш дидӣ, яке дону бас,
Дуӣ дур дору ду машнав зи кас.
Яке подшоҳу бар ӯ подшо
Нашояд ба дун ҳар ду фармонраво,
Ки ночор он чира бошад, гар ин,
Кунад саркашӣ ин ба он в-он бар ин.
Чу бошанд ин ҳар дувон нотавон,
Тавоно яке беҳтар аз ҳар дувон.
Ду ёр аст, бошанд ё бешу кам,
Дуӣ ҳар дуро боз дорад зи ҳам.
Пас он гаҳ, к-аз он з-ин ҷудойӣ бувад,
Чунин на нишони Худойӣ бувад.
Мар ӯро надонӣ магар ҳам бад-ӯй,
Ки роҳат намояд ба ҳар ҷустуҷӯй.

## 42. ДИГАР ПУРСИШИ ГАРШОСП АЗ СИРИШТИ ҶАҲОН

Бипурсид бозаш ҳунарманд мард,
Ки Яздон ҷаҳонро сиришт аз чӣ кард?
Баҳона чӣ афтод, то карда шуд,
Сипеҳру ситора бароварда шуд?

Чунин гуфт: -Ин он шиносад дуруст,
Ки гетӣ ҳам ӯ офарид аз нахуст.
Валек аз падар ёд дорам сухун,
Ки гуфт: -Ин ҷаҳон гавҳаре буд зи бун,
Ки Яздон чунон гавҳари ноб кард,
Гудозидаш аз таффу ҷӯшоб кард.
Зи ҷӯшу тафаш боду оташ фарошт,
Зи аксаш, ки барзад, ситора нигошт.
Зи мавҷаш ҳама кӯҳҳо карду ғор,
Замин аз кафу чархҳо аз бухор.

❁ ❁ ❁

Зи доно дигар сон шунидам дуруст,
Ки Яздон хирад офарид аз нахуст.
Хирад – нуқта, фармон-ш паргор кард
В-аз ӯ гавҳари ҷон падидор кард.
Пас аз ҷон ҳаюлову ин гавҳарон,
Пас аз гавҳарон чарху ин ахтарон.
Аз оғоз буд ҷунбише, к-офарид,
Ки аз зери он гармӣ омад падид.
Чу он ҷунбиш оромро ёр шуд,
Аз ором сардӣ падидор шуд.
Куҷо ҷунбиш, он ҷост гармӣ ниҳуфт,
Чу оромро боз сардист ҷуфт.
Зи гармӣ дари хушкӣ андаркушод,
Зи сардӣ, ки бархост, таррӣ бизод.
Замон то замон хушкӣ он гоҳ боз
Ҳаметохт таррӣ зи сардӣ фароз.
Чу сардӣ суйи хушкӣ оҳанг кард,
Замин омад, инак, ки хушк асту сард.
Дамид оташ аз хушкиву таффу тоб,
Зи тарриву сардӣ падид омад об.
Ҳам аз баҳри таррӣ, ки сар барфарохт,
Ҳаво гашту ҳамҷуфти гармӣ бисохт.
Чу ин чор гавҳар ба соз омаданд,
Дигар раҳ ба ҷунбиш фароз омаданд.
Сабук ҳар чӣ з-ӯ буд, ҳам шуд бухор,
Баландӣ гирифт аз бари ҳар чаҳор.
Чу шуд ҳафт бор он бухор аз забар
Шуд ин ҳафт чарх аз бари якдигар.
Пас оташ зи нав ҷунбиш ангехт боз
В-аз ӯ ҳафт раҳ шуд бухор аз фароз.
Аз он ҳар бухор ахтаре тобнок
Барафрӯхт аз чарх Яздони пок.

Зи кайвон гирифт, инчунин то ба моҳ,
Ба ҳар чарх дар ахтаре ҷойгоҳ.
Аз он пас дигар бекарон шуд бухор,
Ситора барафрӯхт чандин ҳазор.
Мар ин гавҳаронро чу ҷунбиш фитод,
Зи ду паҳлуи чарх бархост бод.
Аз он бод гардун бигаштан гирифт,
Ситора бар ӯ раҳ наваштан гирифт.
Сипеҳру ситора ба рафтор хост,
Яке сӯйи чаппу дигар сӯйи рост.
Чу ин чор гавҳар шуд омехта,
Зи ҳафту даҳу ду даровехта.
Нахуст аз замин маъдане хост пок,
Барафрохт пас рустанӣ сар зи хок.
Пас аз рустанӣ гунагун ҷонвар
Падид омад, омехт бо хобу х(в)ар.
Пас ин мардум омад, ки аз ҳар чӣ буд,
Шудаш баҳраву бар ҳама барфузуд.
Ба ду хатти паргор пайваста шуд,
Дари офариниш ҳама баста шуд.
Нахустин хирад буду мардум пасин,
Агар роҳи Яздон-т бояд, бас ин.

❁ ❁ ❁

Валек аз дигар раҳшиносони Ҳинд
Шунидам ҳам аз файласуфони Синд,
Ки дигар ҷаҳон аст аз мо ниҳон,
Ки доно ҳамехоҳадаш он ҷаҳон.
Ҷаҳоне фурӯзандаву тобнок,
Ки ҷойи фаришта-сту ҷонҳои пок.
Зи ҷон в-аз фаришта дар ӯ ҳар кӣ ҳаст,
Ҳама дар намозанду яздонпараст.
Дуто баҳрае з-ӯву баҳре ба пой,
Дигар баҳра дар саҷда пеши Худой.
Гурӯҳе равонҳо пас он гаҳ зи роҳ
Бигаштанду девон шуданд аз гуноҳ.
Аз андоза бар пой бигзоштанд,
Зи Яздон ба ҳам рӯй баргоштанд.
Ситамкорагон в-он ки буд беситам,
Баромехт з-ин ҳар ду баҳре ба ҳам.
Чу бурданд аз пойгаҳ пойи хеш,
Нигун уфтоданд аз ҷойи хеш.
Зи дониш бимонданду аз бандагӣ,
Ба марге расиданд аз зиндагӣ.

Пас он гаҳ ҷаҳондовари додгар
Дар эшон сиришт он ҷаҳони дигар.
Чу бойист бар ҳар гуҳар бор кард,
Ҷаҳоне чунин нав падидор кард.
Аз оғоз, к-ин чор гавҳар намуд,
Миён-шон яке ҷунбиш ангехт зуд.
Ду гуна-ст ҷунбиш зи бун, кажжу рост,
Ҳамон дойира низ аз нуқта хост.
Чу гардида шуд дойирай осмон,
Замин монд чун нуқта андар миён.
Зи ҷунбиш чу гардун ба рафтор гашт,
Зи гармии оташ падидор гашт.
Дигарбора нав гармие барфузуд,
Ҳаво гашт аз он оташи тира дуд.
Чу таррӣ зи гармиш лахте биронд,
Гарон гашту дар зери оташ бимонд.
Зи сардиву хушкӣ замин баҳра дошт,
Ба сардиш таррӣ ҳаво баргумошт.
Пас аз сардиву таррии ҳардувон
Кушод обу гирди замин шуд равон.
Чу баста шуданд ин гуҳар ҳар чаҳор,
Бимонданд аз ин чархҳо дар ҳисор.
Сиришти ҷаҳон пок аз омехтан
Даромад ба ҳар пайкар ангехтан.
Аз ин гавҳарон ҳеч коре ба ҷой
Наёяд зи бун, то нахоҳад Худой.
К-аз он гавҳар ин дигар огоҳ нест,
Ба рози худовандашон роҳ нест.
Ҷаҳондор, к-ин чор пайваста кард,
Ҳама зӯрашон бо замин баста кард,
Ки то он равонҳо, ки афкандаанд,
Дар ин чор гавҳар парокандаанд.
Ҳама бар замин-шон бувад парвариш,
Бар ӯ дораду з-он диҳад-шон х(в)ариш.
Барад-шон ба ҳар колбад кажжу рост,
Барорад чунон, к-аш бувад кому хост.
Аз он пас ба пайғамбарон огаҳӣ
Диҳад-шон зи роҳи бадиву беҳӣ.
Пас он ҷон, ки зӣ равшанӣ ёфт роҳ
В-аз эдар шавад гашта пок аз гунoҳ.
Чу аз хок Яздон-ш гӯяд, ки хез,
Ба дасташ диҳад номаи растахез.
Ба зудӣ шумораш гузорад тамом,
Биҳишташ диҳад, ҷойи орому ком.

В-агар тираҷоне бувад зишткеш,
Ҳамон рӯз чун хонад Эзид-ш пеш,
Сияҳрӯй хезад зи шарми гуноҳ,
Суйи чанниюдпул набошад-ш роҳ.
Ба боди фараҳ ҷовидон карда банд,
Дар оташ ба дӯзах бимонад нажанд.
Хунук он, ки ҷон-ш аз гунаҳ ҳаст пок,
Бимонад биҳиштӣ, чу хезад зи хок.
Зи ман ҳар чӣ пурсидӣ аз камму беш,
Бигуфтам туро, чун шунидам зи пеш.

❁ ❁❁

Ҳам аз файласуфони румӣ дуруст
Шунидам, ки гетӣ ҳаво буд нахуст.
Фаровон касон, он ки донишваранд,
Беҳин табъи гетӣ ҳаворо гаранд.
Ҳаво ҳаст армида бод аз ниҳод,
Чу ҷунбад ҳаво, ном гардад-ш бод.
Ҳар он ҷонвар, к-аш дам аст, аз ҳавост,
Ба дам ҷону тан зиндаву бонавост.
Ҳама тухм дар киштаҳо гунагун,
Ки нораст афтад, бувад сарнигун.
Ҳаво дар ҳама зӯру соз оварад,
Сари ҳар нигун зӣ фароз оварад.
Агарчандашон з-об хезад басеч,
Ҳаво чун набошад, нарӯянд ҳеч.
Зи гардун гурӯҳе намоянд роҳ,
Ки ӯро набошад бад-он ҷойгоҳ.
Нагӯяд варо ҷой донишпараст,
Ки бар ҷойи ҷон аст, гӯяд, чу ҳаст.
Фарозаш ҳавоест равшан дигар,
Сабук сахту аз ҳар ҳаво поктар.
Забар-ш ар-на чизе дигарсон будӣ,
Ситода будӣ вай, на гардон будӣ.
Ҳам аз бод гардон шудаст инчунин,
Ҳам аз боди шаст истода замин.
Фалак в-оташу ахтари тобнок
Ҳама дар ҳавоянд истода пок.
Бад-он сон, ки оҳангари корсоз
Фарозад дамаш назди оташ фароз.
Дамодам чу боди дам афтад ба ҳам,
Шавад оташ аз боди печон ба дам.

Зи гетӣ ҳаво буд нахустин падид,
Худой андар ӯ ҷунбише офарид.
Чу ҷунбид сахт он ҳавои шигифт,
Бибуд боду з-он бод оташ гирифт.
Мар он бодро оташ афсурда кард,
Аз ӯ об биншонду густарда кард.
Чу намдор ҷома, ки бидҳиш тоб,
Бияфшорияш, з-ӯ биполояд об.
Кафу тирагӣ ҳар чӣ з-он об хост,
Замӣ гашт, инак, ки дар зери мост.
Пас аз таффи он оташу акси об
Баромад бухору зи нав дод тоб.
Худой аз бухораш сипеҳр офарид,
Зи аксаш ситора падид оварид.
Аз ин пас ҳар он-ч аз каму аз фузун
Бибуд, яксар аз пеш гуфтам, ки чун!

## 43. НАКӮҲИШИ МАЗҲАБИ ДАҲРИЁН

Дигар низ дон, к-аз гурӯҳони даҳр,
Ду сонанд, к-аз динашон нест баҳр.
Гурӯҳе ба Эзид нагӯянд кас,
Ки то мар ҷаҳонро шиносанд бас.
Зи ҳар ҷонвари поку аз рустамӣ,
Ҳама ҳар чӣ пайдо шавад дар замӣ,
Нигорандаш ахтар шиносад зи чарх,
Табоеъ ба ҳар як расонанд барх.
Ҳам аз гуфти эшон чунин аст ёд,
Ки гетӣ чунон, к-ойинаст аз ниҳод.
Дар ӯ пайкари ҳар чӣ гашт ошкор,
Чунон аст, чун в-ойина дар нигор,
Ки чизе бувад, чун ба дидан расид,
Ба ночиз гардад, чу шуд нопадид.
Яке марди фарзона ҳар чанд гоҳ
Биёяд, намояд дигар дину роҳ.
Фиристодаам, гӯяд, аз Кирдгор,
Ҳаме гуфтаи Ӯ кунам ошкор.
Ниҳад дӯзахеву биҳиште ба пеш,
Ки то ҳар кас андешад аз карди хеш.
Дар ин ҳамгуруҳ боз гӯянд низ,
Ки н-ояд дуруст, он чи дониш ба чиз.
Нахустин гиёе намояд дарахт,
Буна гирад, он гаҳ кунад бех сахт.

Аз он пас занад шоху барг оварад,
Диҳад бору соя фурӯ густарад.
Дарангаш ба охир  дарорад зи пой,
Шавад канда, гарна бипӯсад ба ҷой.
Зи бех - андараш то гулу баргу бар,
Ба ҳар сон ки шуд, донише буд дигар.
Чу ин дониш омад, бирафт он нахуст,
Чу нодида шуд чиз, н-омад дуруст
Нахуст об бо хок буд ҳамсиришт,
Гили тар бигарданд, пас хушк хишт.
Аз он хишт девор піростанд,
Зи девор пас хона оростанд.
Чу хона куҳан гашту резанда пок,
Ҳам эдун дигарбора шуд тирахок.
Ба ҳар сон, ки гашт аз нишон в-аз гуҳар,
Дигар донише буд, номаш дигар.
Ҳама ному дониш, ки аз вай расид,
Бибуд нест в-ӯ низ шуд нопадид.
Пас, аз ҳар чӣ хоҳад бад-ӯ ҳасту буд,
Надонӣ зиён чун, чу донӣ, чӣ суд?
Чӣ донӣ в-агар гӯяд ин дур ёб,
Ки ҳаст оташ ин, к-аш ҳамегӯйӣ об.
Гар ин, к-аш ҳаме тан шуморӣ, сар аст,
В-ар ин, к-аш ҳаме пил хонӣ, хар аст.
На ин чизҳоро ту густардаӣ
В-агар номи ҳар як ту овардаӣ.
Чунин ёфаҳоро сарояндаанд,
Ки бар ҳеч дониш на поядаанд.
Аз он аст гуфторашон з-ин нишон,
Ки якчашмаконанду камдонишон.
Нигаҳ мекунанд, он чи ҳаст аз бурун,
Надоранд дидори чашми дарун.
Агар бас будӣ дидани ошкор,
Зи бун н-омадӣ дидани дил ба кор.
Ҳаме дидани дил талаб ҳар замон,
Ки аз дидани дил фазояд равон.

## 44. ДАР МАЗҲАБИ ФАЛОСИФА

Ҷудо файласуфанд дигар гурӯҳ,
Ҷаҳон аз ситеҳандагони сутӯҳ,
Ки гӯянд, к-ин гетӣ эдун ба пой
Ҳамеша буду низ бошад ба ҷой.

Гумон-шон чунин аст дар гуфти хеш,
Бар он, к-ин ҷаҳон буд ҳамеша зи пеш,
Ки бар Эзид ин гуфт натвон ба низ,
Ки буд подшову набуд-ш эч чиз.
Бикард эдун он гаҳ ҷаҳоне шигифт,
Ки то подшо шуд, бузургӣ гирифт.
Чунон буд, ки ҳамвора буд подшо,
Аз ӯ подшоӣ набошад ҷудо.
Раҳи ман ҳамин асту гуфтори ман,
Валекин ҷуз ин аст дидори ман.
Бари ман ҷаҳон аст дигар яке,
Ки ҳаст ин ҷаҳон назди он андаке.
Аз он ҷост афтодани ҷони мо,
Дар ин тира гетӣ, ки зиндони мо.
Ҷаҳон чор табъу ситора-сту чарх,
Пас инон зи дониш надоранд барх.
На гӯё, на бино, на донишваранд,
На ҷуфти хирад, н-аз ҳунар раҳбаранд.
Зи як сӯ бувад ҷунбиши табъ рост,
Чунон ҷунбад ин ҷон, ки ӯро ҳавост.
Мар ин ҷони моро гуҳар дигар аст,
Ки бинову гӯёву донишвар аст.
Пас, Ӯ нест аз гавҳари ин ҷаҳон,
Дигар ҷойгоҳ аст Ӯро ниҳон.
Аз он сон ки буд пеш, кишта шудаст,
Дар ин табъ гетӣ сиришта шудаст.
Хуро ҳар чӣ бинӣ ту аз камму беш,
Кунад ҳамчу худ ҳар яке хӯрди хеш.
Агар ҷонвар сад бувад гунагун,
Зи як чизашон хӯрд набвад фузун.
Хуранд он яке чизро тан ба тан,
Кунад ҳар як аз хӯрда чун хештан.
Хурад рустанӣ аз замин обу хок,
Кунад ҳамчу худ, ҳар чиро хӯрд пок.
Гиёро гиёхор чун хӯрд кард,
Кунад боз чун хештан, ҳар чӣ х(в)ард,
Хурад мар гиёхорро одамӣ,
Дарорад-ш дар пайкари мардумӣ.
Зи хоки сияҳ то ба мардумфароз
Расад поя-поя ҳаме то фароз.
Мар ин пойҳоро гузорад ҳаме,
Бар ин сон, ки Яздон-ш дорад ҳаме.
Гирифтор мондаст дар кори хеш,
Расида ба подоши кирдори хеш.

Валекин чу афтода шуд бар замӣ,
Нахустин бувад пояи рустамӣ.
Нигун бошад он ҷо ба хок-андурун,
Ки ҳар рустанӣ мебарад сарнигун.
Чу андар гиёхор пайдо шавад,
Муаллақ сараш сӯйи паҳно шавад.
Чу дар мардум ояд падидор боз,
Шавад з-ин ду пастӣ сараш бар фароз.
В-аз он пас ба роз одамӣ поя нест,
Ки дар ҷонвар беш аз ин моя нест.
Чу омад дар ин пайкару рост хост,
Ба Эзид расад, гар бувад поку рост.
Ба доду ба дин ронд ойину роҳ,
Ҳам Эзид шиносад, бидонад Илоҳ.
Ҳам огоҳ гардад, ки чун буд нахуст,
Биҳишти барин ҷой ёбад дуруст.
В-ар аз дин бувад дуру нохуб кор,
Ба дӯзах бувад ҷовидон пойдор.
Дар ин раҳ сухан ҳаст дигар ниҳуфт,
Валекин фузун з-ин нашояд-ш гуфт.
Агар хоҳӣ он, ҷуст бояд басе,
Магар ӯ фитад, к-ат намояд касе.
Зи ман ҳар чӣ пурсидӣ аз камму беш,
Бигуфтам туро, чун шунидам зи пеш.
Агарчанд дониш бари мо бас аст,
Худованд донотар аз ҳар кас аст.
Ту гарчанд бисёр донӣ сухун,
Ҳамон бештар, к-аш надонӣ зи бун.
Ҳама донише бо Худой асту бас,
Надонад ниҳонаш ҷуз ӯ ҳеч кас.

## 45. ПУРСИШҲОИ ДИГАР АЗ БАРАҲМАН

Бипурсид боз: -Аз бари кӯҳсор
Кадом аст шаҳре ба дарё канор?
Бад-ин рӯй дарёву з-он рӯй кӯҳ,
Ба дашт омада барзгар як гурӯҳ.
Саранҷом аз он дашт шере ниҳон,
Барад як-якеро ҳаме ногаҳон.
Киро киштиву тӯша шуд сохта,
Шавад шод зӣ шаҳр пардохта.

Ҳамон, к-аш на киштӣ, на тӯша, на соз,
Шавад ғарқу монад зи ҳамроҳ боз.
Бар ин дашт аз он пас киро буд кишт,
Бад-он шаҳр ёбад бараш хубу зишт.
Чунин гуфт донои равшанравон,
Ки шаҳр он ҷаҳон асту дашт ин ҷаҳон.
Дамон шер марг асту мо варзкор,
Ҳамон чарху дарёву дар киштукор.
Раҳи неку бад киштани тухми мост,
Хирад киштаву тӯшамон роҳи рост.
Ҳар он кишт, к-ин ҷой кардем соз,
Бари ӯ бад-он сар биёбем боз.

❁ ❁ ❁

Бипурсид, к-аз кори Одам сухун,
Чӣ донӣ, ки гӯянд, гил буд зи бун?
Дигар гуфт, к-Эзид-ш чун офарид,
Варо аз дарахте падид оварид?
Бифармуд пас, то дарахт аз дарун,
Бикафтанду з-ӯ Одам омад бурун.
Нашояд, ки зояд ба мардум дарахт,
Ту бикшой, агар донӣ, ин банди сахт!
Ба пурсанда гуфт он, ки чарху замин
Ҳам Ӯ кард, аз Ӯ кай шигифт ояд ин?!
Зи чизе шигифт ар бимонӣ ба ҷой,
Шигифт аз ту бошад чунон, н-аз Худой.
Ҳамон, к-аз начиз офаридаст чиз,
Зи чиз ар кунад чиз, нашгифт низ.
Чу дунёи мо аз гил омад дуруст,
Чунин дон, ки гил буд Одам нахуст.
Дарахте шинос ин ҷаҳони фарох,
Сипеҳраш чу бех, охшиҷон-ш шох.
Ситора чу гулҳои бисёри ӯй,
Ҳама рустанӣ – баргу мо – бори ӯй.
Ҳаме ҳар замон нав барорад баре,
Чу ин шуд куҳан, бардамад дигаре.
Бад-ин гуна то беху бораш ба ҷой
Бимонад, напӯсад, наафтад зи пой.
Дарахт он, ки з-ӯ Одам омад бурун,
Бидон, к-ин бувад, к-ат бигуфтам, ки чун.
Ба тухми дарахт ар фитӣ дар гумон,
Нигаҳ кун бараш, тухм бошад ҳамон.
Бари ин ҷаҳон мардум омад дуруст,
Чунон дон, ки тухмаш ҳамин буд нахуст.

Чунон чун дарахт омад аз баҳри бор,
Ҷаҳон аз пайи мардум ояд ба кор.
Дарахте, к-аз ӯ низ н-ояд-т бар,
Ҷуз аз баҳри кандан нашояд дигар.
Ҷаҳон низ, к-аз мардуму кишту руст
Тиҳӣ шуд, шавад нест, чун буд нахуст.
Ҳам аз чанд чизаш бипурсид боз,
Чунин гуфт, к-ай марди фарҳангсоз,
Ҳама гуфтаҳоят ба ҷойи х(в)ад аст,
Ба олам мабод, он ки нобихрад аст.

❁ ❁ ❁

Кадом аст, - гуфт, - ин ду аспи наванд,
Ҳамасола тозон сиёҳу саманд?
Саворони ҳар ду ба раҳ тезпой,
Ҳам андар тагу ҳам бимонда ба ҷой?
Бад-ӯ гуфт: -Рӯзу шабанд ин ду рост,
Саворон-ш моему раҳ умри мост.
Аз эшон раҳи мо ба манзил фароз,
Якерост кӯтоҳу якке дароз.
Бипурсид: -Он сабзайвон ба пой,
Кадом аст тозону фаршаш ба ҷой.
Чаҳор аждаҳо бар ҳам овехта,
Аз он сабз айвон даровехта.
Ба ҷону ба тан з-он чаҳор аждаҳо,
Ба гетӣ наёбад касе з-ӯ раҳо?
Ҳамон фарш хонест ороста,
Хуранда бар ӯ бекарон хоста.
Ба посух чунин гуфт донишгузин,
Ки айвон сипеҳр асту фарш ин замин.
Ҳамон фарш хонест, к-аз гунагун
Хуриш дорад аз сад ҳазорон фузун.
Хуранда ба гирди ҷаҳон, ҳар чӣ ҳаст,
Надоранд ҷуз гирди ин хон нишаст.
Чаҳор аждаҳо, он ки кардӣ ту ёд,
Ҳамин оташу хоку об асту бод.
Бад-ин ҳар чаҳор аст гетӣ ба банд
В-аз эшон ба ҷон нест кас бегазанд!

❁ ❁ ❁

Чӣ донӣ яке ганҷи оганда, гуфт,
Ки дорад басе гавҳар андар ниҳуфт?
На пуррӣ гирад ҳеч аз анбоштан,
На каммӣ пазирад зи бардоштан?

Ҳамон ганҷ ҳаст ойина бегумон,
Тавон андар ӯ дид ҳар ду ҷаҳон?
Чунин гуфт, к-ай дар ҳунар бурда ранҷ,
Гуҳар донишу марди доност ганҷ.
Суханҳои доно, ки некӯ бувад,
Барад ҳар касе, боз бо ӯ бувад.
На сер ояд аз ганҷи дониш касе,
На кам гардад, ар з-ӯ бибахшад басе.
Ҳамон ойина марди доно шинос,
Ки дорад ба дониш  ба Яздон сипос.
Равону танаш з-андаруну бурун
Бибинад, бидонад ду гетӣ, ки чун.
Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост,
Киро ганҷи дониш бувад, подшост!

## 46. ПУРСИШҲОИ ДИГАР ВА ПОСУХИ БАРАҲМАН

Зи ҳар донише чист беҳтар нахуст?
Чӣ чиз он, ки донист натвон дуруст?
Ба мо чист наздиктар дар ҷаҳон?
Ҳамон дуртар низу зӣ мо ниҳон?
Батар душману нектар дӯст кист?
Сари ҳар дурустиву ҳар дард чист?
Беҳин роде он, к-ат кунад некном,
Чӣ сону тавонгартарин кас кадом?
Дили кист ҳамвора монда нажанд?
Киро донӣ эмин ба ҷон аз газанд?
Чӣ чиз он, ки ёвар нахоҳад касе?
Чӣ чиз он, ки бо ёр бояд басе?
Чӣ донӣ, ки аз гетӣ он нектар?
Чӣ чиз он, ки шуд, боз н-ояд дигар?
Чӣ беш аст дар мову чӣ камтар аст?
Чӣ гавҳар, ки беҳтар зи ҳар гавҳар аст?
Чӣ нарм он, ки з-оҳан басе сахттар?
Ҳам аз мардумон кист бебахттар?
Меҳ аз кӯҳ в-аз вай гаронтар чӣ чиз?
Банерӯтарин кас кадом аст низ?
Ба гетӣ сиёҳе зи зангӣ чӣ беш?
Кӣ бетарсу эмин зи Яздони хеш?
Зи рӯзиву дониш чӣ коҳад, бигӯй,
Чӣ чиз оварад бештар ғам ба рӯй?
Бараҳман чунин гуфт, к-ай раҳнамун,
Шунав, посухи ҳар чӣ гуфтӣ,  кунун,

Зи униш нахуст он чи ояд ба кор,
Беҳин аст донистани Кирдгор.
Дигар он ки натвон-ш донист рост,
Бузургиву хубии Яздони мост.
Ба мо марг наздиктар, бегумон,
Ки бим аст, к-ояд замон то замон.
Зи рӯзе мадон дуртар, к-он гузашт,
Ки ҳаргиз нахоҳад будаш бозгашт.
Ду чиз аст андар ҷаҳон нектар,
Ҷавонӣ – яке, тандурустӣ – дигар.
Зи мо он ки чун шуд, наёбем боз,
Ҷавонист, чун пирӣ омад фароз.
Ҳама дарди тан дар фузун х(в)ардан аст,
Дурустӣ-ш б-андоза парвардан аст.
Беҳин дӯстат аз ҷаҳон хӯйи х(в)аш,
Хуйи бад батар душмани кинакаш.
Ба ҷон аз бадӣ эмин он асту бас,
Ки некӣ кунад, бад нахоҳад ба кас.
Бувад беш андӯҳи мард аз ду тан;
Зи фарзанди нодону нопок зан.
Ба мо дар фузун аз гумон нест чиз,
Чунон чун дам аз кам задан нест низ.
Бувад меҳтаре, он ки бояд-ш ёр,
Нахоҳад зи бун бахт ёвар ба кор.
Беҳин родӣ он дон, ки бе дарду хашм
Бибахшӣ, надорӣ ба подош чашм.
Накӯномӣ аз гетӣ онро сазост,
Ки кирдори ӯ хубу гуфтор рост.
Дижамтар касе марди рашк асту оз,
Ки ҳар соате маргаш ояд фароз.
Чу неки касе дид, ғамгин ба ҷой
Бимонад, кунад душманӣ бо Худой.
Тавонгартар он кас, ки хурсандтар,
Чу волотар он к-ӯ ҳунармандтар.
Банерӯтар он кас, ки аз рӯйи дин
Кунад бурдборӣ гаҳи хашму кин.
Гаронтар зи ҳар чиз бори гуноҳ,
К-аз ӯ ҷон дижам гардаду дил сиёҳ.
Дурӯғи бузург аст меҳтар зи кӯҳ,
Ки гӯянд бар бегуноҳон гурӯҳ.
Се чиз аст андар ҷаҳон хоста,
Ки рӯзиву дониш кунад коста:
Яке шарму дигар сар афроштан,
Севум пешаро коҳилӣ доштан.

Сияҳтар дили марди бедин шинос,
Ки на шармаш аз кас, на з-Эзид ҳарос.
Ҳамон сахттар з-оҳану хорасанг
Мадон ҷуз дили ҷуфти беномунанг.
Беҳин гавҳаре ҳаст равшан хирад,
Ки бар ҳар чӣ донӣ, хирад бигзарад.
Хирад мар ҷаҳонро сари гавҳар аст,
Равонро ба дониш хирад раҳбар аст.
Касе бошад эмин зи тарси Худой,
Ки набвад гуноҳаш, чу шуд з-ин сарой.
Дил аз тарси Яздон надорад дижам,
Ки донад, к-аз Эзид набошад ситам.
Касе нест бадбахту камбудтар
Зи дарвеши нодондили хирасар,
Ки на чиз дорад, на дониш, на рой,
Нажандиш баҳра ба ҳар ду сарой.
Маро дониш ин буд, ки гуфтам нахуст,
Аз ин беҳ раво бошад, ар назди туст.
Ба фарҳанге ар раҳ ту донӣ басе,
Раҳӣ низ шояд, ки донад касе.
Басе дон раҳи дониш афзуну кост,
Надонад хирад ҷуз яке роҳи рост.
Бар ӯ паҳлавон офарин карду гуфт:
-Шудам бо басе хуррамӣ аз ту ҷуфт.
Чароғи хирад дар дил афрӯхтам,
Фаровон зи ҳар дониш омӯхтам.
Кунун хоҳам аз ту, ки бо ройи пок
Чу рух барниҳӣ дар ниёиш ба хок,
Бихоҳӣ, ки то довари Кирдгор
Бибахшад гуноҳам ба рӯзи шумор.
В-аз ин роҳи душвор, ки-м ҳаст пеш,
Барад шод зӣ меҳану мони хеш.
Бигуфт ину з-оби мижа руд кард,
Бибӯсидаш аз меҳру бадруд кард.

## 47. ГАШТАНИ ГАРШОСП БО МЕҲРОҶ ГИРДИ ҲИНД

Яке марди маллоҳ буд роҳбар,
Ки будаш ҳама роҳи дарё зи бар.
Буд огаҳ, ки дар ҳар ҷазира чӣ чиз,
Забони ҳама пок донист низ.

Ба дарё ҳар он ҷо, ки обозмой,
Бибӯйид он гул, бигуфт аз куҷой.
Чу дарё ба шӯриш гирифтӣ шитоб,
Яке ташт будаш, бикардӣ пуроб.
Ҳама буданиҳо дар ӯ камму беш
Бидидӣ чу дар ойина чеҳри хеш.
Варо раҳбарӣ дод Меҳроҷшоҳ,
Ба сӯйи ҷазире гирифтанд роҳ.
Ки хонанд  Бартоил ӯро ба ном,
Ҷазире ҳама ҷойи шодиву ком.
Пур оби хушу мева ҳар сӯ ба бор,
Гули гунагун гирди ӯ сад ҳазор.
Зи хушшӣ замин чун дили шод буд,
Зи борон ҳаво чун кафи род буд.
Чу ранги рухи ёр шох аз суман,
Ба мӯйи сари зангӣ об аз шикан.
Хурӯши рубобу ҳавоҳои ной,
Раҳи чангу дастони барбатсарой,
Ҳамеомад аз беша ҳар сӯ фароз,
На гӯянда пайдо, на дастоннавоз.
Ту гуфтӣ ҳама беша базми парист,
Дарахташ зи ҳар сӯ ба ромишгарист.
Чунон ҳар замон бонг бархостӣ,
Ки майхoраро орзу хостӣ.
Дили паҳлавон хира шуд з-он хурӯш,
Ба ҳар гӯшае гашту бинҳод гӯш:
На кас диду на мурғу деву парӣ,
На камтар шуд он бонги ромишгарӣ.
Зи маллоҳ аз он бонг пурсид боз
Надонад кас ин, - гуфт, - пайдову роз.
Ҳамон ҷо шаби тира бар дашту роғ
Яке равшанӣ дид ҳамчун чароғ.
Бипурсид аз он паҳлавони сутург,
Бигуфтанд: - Говест обӣ, бузург.
Чу дам зад, фитад равшанӣ дар ҳаво,
Бад-он рӯшноӣ кунад шаб чаро.
Чунин ҳар шаб аз дур пайдо шавад,
Сапедадамон боз дарё шавад.
Зи дому даду бӯйи нахчиргир
Гурезон бувад бар се партоби тир.
Бибуданд рӯзеву з-он ҷойгоҳ
Кашиданд сӯйи савоҳил сипоҳ.

## 48. СИФАТИ ҶАЗИРАИ ДИГАР

Ҷазире буд он низ бо рангу бӯй,
Ки анбар бас афтад зи дарё бад-ӯй.
Зи дарё куҷо анбар афтад дигар,
Бар он як ҷазира бувад бештар.
Бигардид Меҳроҷ ҳар сӯ басе,
Ҳамон паҳлавон низ бо ҳар касе.
Гиёяш ҳама буд тарёки заҳр,
Ба куҳ сангаш аз каҳрабо дошт баҳр.
Шукуфтӣ гули навшукуфта зи санг,
Басе буд ҳар гуна аз ранг ранг.
Ҳам аз меваҳое, ки хезад хазон,
К-аз эрониён кас набуд дида он.
Яке беша диданд гандобу най,
Ки он об мастӣ намудӣ чу май.
Аз ӯ ҳар кӣ хурдӣ, фитодӣ хамӯш,
Замоне будӣ в-омадӣ боз ҳуш.
Кабоба ба ҳар ҷой бисёр буд,
Ки ҳар як маҳ аз нор бар бор буд.
Гиё буд, ки чун сӯйи ӯ мард даст
Кашидӣ, шудӣ хуфта бар хок паст.
Чу з-ӯ мард каф боз бардоштӣ,
Зи пастӣ дигар сар барафроштӣ.
Намуданд дигар гиёҳе сафед
Сиёҳаш гулу бех чун сурхбед.
Будӣ дудгун рӯз бар дашту роғ,
Шаб аз дур дартофтӣ чун чароғ.
Гиё буд чун санги оҳанрабой,
Кашад оҳан, ӯ зар кашидӣ зи ҷой.
Дигар санг буд низ, к-аз дур сим
Рабудӣ варо зеру гаштӣ дуним.
Зи гулҳо гуле буд, ки ҳар кас ба бӯй
Гирифтӣ, бихандидӣ аз бӯйи ӯй.
Гуле буд, ки чун бӯй бурдиш мард
Шудӣ зору гирянда бе сӯгу дард.
Чунин чанд буд, з-он ки натвон шумурд,
Киро рой буд, ҳар чӣ бойист, бурд.
Дигар ҷой диданд чандин гурӯҳ,
Зи анбар яке тӯда монанди кӯҳ.
Ба як бор чандон ки як пилвор
Ҳамоно ба санги ратал буд ҳазор.

Ба Гаршосп бахшид Меҳроҷу гуфт,
Ки ҳаргиз кас инро надидаст ҷуфт.
Гувоҳӣ диҳам,к-ин шигифтӣ дуруст,
Ҳам аз фарри эроншаҳу бахти туст.
Яке чашма диданд низдики ӯй,
Ба даҳ гом сӯрохе аз пеши ҷӯй.
Ҳаме ҳар гаҳ аз чашми он чашма об
Шудӣ дар ҳаво ҳамчу тир аз шитоб.
Зи боло фуруд омадӣ ҳамчу дуд,
Бад-он тангсӯрох рафтӣ фуруд.
Аз ӯ ҳар чӣ гаштӣ чакон, бедаранг
Шудӣ бар замин жола кирдори санг.
Сапед омадӣ санги ӯ солу моҳ,
Ҷуз андар зимистон, ки будӣ сиёҳ.
На кас дид, к-он обро раҳ куҷост,
На сер омад аз хӯрданаш, ҳар кӣ хост.
В-аз он ҷойи хуррам бе андӯҳу ранҷ
Кашиданд сӯйи ҷазирай Ҳаранҷ.

## 49. ОМАДАНИ ГАРШОСП БА ҶАЗИРАИ ҲАРАНҶ

Ҷазире пур аз бешаҳо буду ғеш,
Ба болову паҳно дусад мил беш.
Фаровон дар ӯ шаҳру бемар сипоҳ,
Яке шоҳ бо фарру бо дастгоҳ.
Чу он шаҳ зи Меҳроҷу аз паҳлавон
Хабар ёфт, шуд шоду равшанравон.
Зи нузлу алаф, ҳар чӣ бойист соз,
Бифармуду шуд бо сипаҳ пешбоз.
Яке ҳафта-шон дошт меҳмони хеш,
Камар баста, рӯзу шаб истода пеш.
Ба ҳар базм чандон гуҳар барфишонд,
Ки Меҳроҷу Гаршосп хира бимонд.
Бибахшидашон ҳадя чандон зи ганҷ,
К-аз он монд дарёву киштӣ ба ранҷ.
Зи кофуру аз анбару уди тар,
Зи динору ёқуту дурру гуҳар.
Зи беҷода тоҷу зи пирӯза тахт,
Зи зарбафт фаршу зи марҷон дарахт.
Зи таргу зи шамшеру аз диръ низ
Ҳам эдун таройиф зи ҳар гуна чиз.

Дигар дод чандон ба эрониён,
Ки гуфтан ба сад сол натвонӣ он.
В-аз он ҷой хуррамдилу роҳҷӯй
Ба сӯйи ҷазире ниҳоданд рӯй.

## 50. ДИГАР ҶАЗИРА, КИ ОНРО РОМАНӢ ХОНАНД

Ки он ҷойро Романӣ ном буд,
Яке хуш биҳишти дилором буд.
Куҳу дашти ӯ буд бар ҳар канор
Дарахтони кофур сесад ҳазор.
Ҳама чун бар ангушт бифшурда шир
В-аз ӯ шохҳо чун сарафканда пир.
Ту гуфтӣ, ки абре баромад шигарф,
Бар он бешумар жола бориду барф.
Чу дасти камандафканон рӯзи кор
Ҳама шохҳо пур зи печида мор.
Замин сар ба сар гуфтӣ аз пеши шед
Зи кофур дар чодаре буд сапед.
Бар ӯ роҳи морон шикан дар шикан,
Чу оҳихта бар барф печонрасан.
Ҳаме як шуд аз бӯйи кофур хай,
Барангехт аз марғ сармои дай.
Ба ҳар  шохи кофур бар ҷой-ҷой
Басе мурғ диданд дастонсарой.
Аз он мурғ ҳар кас чунин кард ёд,
Ки чун ошён карду хоя ниҳод.
Шавад мор, то баччааш з-ошён
Биёрад, ҷаҳад хоя тунд аз миён.
Занад бар сару чашми мор аз ситез
Тани хеш, то мор гирад гурез.
Пас он мурғ то бачча орад бурун,
Ниҳад хоя аз гирди хона дарун,
Ки то гар дигар раҳ шавад мор боз,
Наёрад бад-он ошён шуд фароз.
Ҳамон ҷой диданд кӯҳе сиёҳ
Гирифта сараш роҳ бар чархи моҳ.
Дарахте гашаншох бар шаххи кӯҳ,
Аз анбӯҳи шохаш ситора сутӯҳ.
Баландиш бо чарх ҳамбоз буд,
Ситабриш беш аз чиҳил боз буд.
Зи уду зи сандал ба ҳам сохта,
Ба сар - бар-ш айвоне афрохта.

Дигар раҳ сипаҳдори пирӯзбахт
Зи маллоҳ пурсид кори дарахт,
Ки бар шохаш он кох барпой чист?
Чунин аз бари осмон ҷойи кист?
Чунин гуфт, к-он ҷой Симурғрост,
Ки бар хайли мурғон ҳама подшост.
Ҳар он мурғ, к-ин ҷост, аз біми ӯй
Наёрад буд ин з-он дигар киначӯй.
Ба кӯҳ аждаҳову ба дарё наҳанг
Ҳар он ҷо, ки ёбад, бидаррад ба чанг.
Чу гумроҳ бинад касе рӯзу шаб
Зи бетӯшагӣ ҷон расида ба лаб.
Аз эдар барад наздаш андар шитоб
Ба чангол мева, ба минқор об.
Ба сӯйи раҳи рост боз орадаш,
Зи мардум киро дид, н-озорадаш.
Падид омад он мурғ ҳам дар замон,
Аз ӯ шуд чу сад ранг фарш осмон.
Чу боғе равон дар ҳаво сарнигун,
Шукуфта дарахтон дар ӯ гунагун.
Чу тозон куҳе пургулу лолазор,
Зи болош қавси қузаҳ сад ҳазор.
Зи боди параш мавҷи дарё сутӯҳ,
Зи бонгаш гурезон дад аз дашту кӯҳ.
Ба минқор бигрифта якке наҳанг,
Чиҳил раш фузун аждаҳое ба чанг.
Бар он ошён рафту сар барфарохт,
Ту гуфтӣ зи дебо яке килла сохт.
Сипаҳбад фурӯ монд хира ба ҷой,
Ҳамегуфт: -Ай поку бартар, Худой,
Ба ҳар кор бинову доно Туӣ,
Ба ҳар офариниш тавоно Туӣ.
Ту созидӣ ин ҳафт чархи равон,
Ситора муаллақ, замин дар миён.
Ҷаҳонро гуҳар моя кардӣ чаҳор
В-аз эшон тани ҷонвар сад ҳазор.
Ба ҳар пайкаре нав барорӣ ҳаме,
Бар он сон ки хоҳӣ, нигорӣ ҳаме.
Кунӣ, ҳар чӣ хоҳиву кас роҳи рост
Ҷуз аз Ту надонад, ки чунон чарост.
Ба кор - андарат ранҷу ҳамбоз нест,
Суханҳотро ҳарфу овоз нест.

Зи мурда тани зинда орӣ фароз,
Падид оварӣ мурда аз зинда боз.
Ту донӣ яке қатра об офарид,
Ки бошад дар ӯ ҳар ду гетӣ падид.
Зи хок он ҳунар ҳам Ту пайдо кунӣ,
К-аз он ҷони гӯёву бино кунӣ.
Гум аст, он ки сӯйи Туаш роҳ нест,
Ба дил кӯр, ҳар к-аз Ту огоҳ нест.
Бар ин сон ба парвози парранда кӯҳ,
Ту кардӣ, к-аз ӯ хушку тарро сутӯҳ.
Нишеман-шро з-абр бигзоштӣ,
Ба сад ранг пайкар-ш бингоштӣ.
Ҳам эдун ниёишкунон гашт боз,
Ҳамегашт, бо ҳар кӣ буд сарфароз.
Зи кофуру анбар куҷо ёфтанд,
Бибурданд, ҳарчанд бартофтанд.
В-аз он ҷой рафтанд зӣ Ҳардузур,
Ҷазире сазовори шодиву сур.

## 51. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАИ ҲАРДУЗУР ВА ХУШКИИ ҲАВОВУ ЗАМИН

Ҳама кӯҳаш аз ранги гул нопадид,
Ҳама роғ пурсавсану шанбалид.
Замин – чарху абраш – бухори биҳишт,
Ҳаво – мушкбӯй, об – анбарсиришт.
Ту гуфтӣ баҳор аз пайи дин ба кин
Сипаҳ карду омад бурун аз камин.
Камон озфиндоқ шуд, жола – тир,
Гули ғунча – таргу зireҳ – обгир.
Шукуфа чу бар ришта карда гуҳар,
Дарахтон чу товус бикшода пар.
Ҳазорон рада дид гул ҳар касе,
Аз ин тозагулҳои мо меҳ басе.
Ситоки суман буд з-он сон ба бар,
Ки як мард ба с-там гирифтӣ ба бар.
Гули руста буд шуста борон зи гард,
Чу гелӣ сипарҳо чӣ сурху чӣ зард.
Бунафша ба болой якке дирафш,
Ба бар барги ҳар як чу ҷоме бунафш.
Ҳама лола буд руста бероҳу роҳ,
Дучандон, ки бошад ақиқин кулоҳ.

Зи бӯйи гулу сунбулу арғувон
Ҳамегашт фартут аз сар ҷавон.
Ба гетӣ нишоне надод одамӣ
Ҷазире бад-он хушшиву хуррамӣ.
Чунин достон буд аз он буму руст,
Ки як сол ҳар-к эдар ором ҷуст.
Ҳазорон агар навбаҳорону тир
Барояд, на бемор гардад, на пир.
Хурӯшон басе мурғ буд дар ҳаво
Ҳама хубрангу ҳама хушнаво.
Хаданг аз камон паҳлавон кард рост,
Аз он мурғ чанде бияфканд хост.
Бад-ӯ гуфт маллоҳ, к-ай арҷманд,
Мар ин мурғаконро нашояд фиканд.
Ки дар жарф дарё ҳар он ҷойгоҳ,
Ки ногаҳ шавад киштие гум зи роҳ.
Ба сӯйи раҳ ин мурғ бо хашму ҷӯш
Ҳамедорад аз пеши киштӣ хурӯш.
Ки то бар пайи бонгу парвози ӯй
Биронанд киштӣ бар овози ӯй.
Куҷо мор бинанду низ ар наҳанг,
Бидаррандаш аз ҳам ба минқору чанг.
Гирифтанд аз он зинда чанде шикор,
Магар аз пайи киштӣ ояд ба кор.

## 52. ШИГИФТИИ ДИГАР ҶАЗИРА

Ба дигар ҷазире фиканданд рахт
Пур аз кони симу пуробу дарахт.
Бад-ӯ-дар гиёдоруи гунагун,
Гулу мева аз сад ҳазорон фузун.
Заминаш зи бас бешаи заъфарон
Чу дебои зард аз карон то карон.
Зи бас гул, ки ҳар ҷой худрӯй буд,
Гулаш хӯрданӣ, поку хушбӯй буд.
Дарахти гуле буд, ки чун офтоб
Бидидӣ, шукуфтӣ ҳам андар шитоб.
Фурӯ тохтӣ сӯйи хуршед паст
Сари хеш чун мардуми худпараст.
Зи ҳар сӯ, ки хуршед гаштӣ забар,
Ҳамегаштӣ он ҳам чунон сӯйи х(в)ар.

Чу хуршед бифкандӣ аз чарх рахт,
Шудӣ сусту ларзон ба ҷой он дарахт.
Чу ёре сиришк аз ғами рафта ёр
Фишонад, ҳаме гул фишондӣ зи бор.
Гуле буд дигар шукуфта шигифт,
Ки гуфтӣ дам аз мушку анбар гирифт.
Будӣ рӯз чун каффи бахшанда боз,
Ба шаб чун кафи зуфт мондӣ фароз.
Гуле буд, ки дар таффи гетифурӯз
Шукуфта будӣ то гаҳи нимрӯз.
Аз он пас чу чашме будӣ нимхоб,
Фитодӣ зи мижгон чу гирянда об.
Чунин ашк то шаб ҳаметохтӣ,
Гаҳи шаб ба як бор бигдохтӣ.
Дарахтон буд аз мева, дигар ба бор,
Ки ҳар сол бор оваридӣ ду бор.
Шигифтӣ бад-ин сон беандоза буд,
Агар мева, гар навгули тоза буд.
Шуда хирадил паҳлавони замин,
Ҳамехонд бар буми Ҳинд офарин.
Ҳамегуфт: -Ҳар чизи гетифазой
Бад-ин ҳиндувон дод, гӯйӣ, Худой.
Ба рух дӯзахивор торанду зишт,
Ба обод кишвар чу хуррам биҳишт.
На чандин шигифт аст ҷойи дигар,
На з-ин сон ҳавои хушу буму бар.
На кас кӯр бинам, на бемору суст,
На з-андом ҷойе кажу нодуруст,
Агарчи касе солхӯрдасту пир,
Ба сони ҷавон мӯй дорад чу қир.

## 53. ШИГИФТИИ ДИГАР ҶАЗИРА

Ду ҳафта хушу шод бигзоштанд
В-аз он ҷо сипаҳ боз баргоштанд.
Расиданд назди ҷазире фароз
Ҳама хору хора, нишебу фароз.
Зи ҳар сӯ дар ӯ мор чун хайли мӯр,
Замин – шӯра, обаш ҳама талху шӯр.
Дар он шӯра хуррам яке гулситон,
Гулаш ҳар як аз некуӣ дилситон.
Ту гуфтӣ, ки Ризвон зи боғи биҳишт
Зи ҳар гул, куҷо ёфт, он ҷо бикишт.

Дар он гулситон чашмае равшаноб,
Хуш обе, ба бӯяндагӣ чун гулоб.
Ба гурди сипаҳдор Меҳроҷ гуфт,
Ки ин чашма дорад шигифтӣ ниҳуфт.
Бифармуд, то чодаре пеши ӯй
Бибурданд пур з-он гули мушкбӯй.
Кашиданд аз афрози он чашма боз,
Ҳамон гаҳ зад он чашма ҷӯш аз фароз.
Зи ҷӯшаш сабук оташе барфурӯхт,
Бисӯзид гул поку чодар насӯхт.
Сипаҳдор аз он кор пурсид чанд,
Ки ҳаст эзидӣ, ё тилисм асту банд?
Бад-ӯ гуфт Меҳроҷ, к-андар ҷаҳон
Надонад дурустӣ касе ин ниҳон,
К-аз об оташ аз чӣ фурӯзад ҳаме,
Раҳад чодару гул бисӯзад ҳаме.
Бад-он чашмаи жарф ҳам дар шитоб
Шуданд ошно бар касон зери об.
Бигаштанду ҷустанд ҳар сӯ падид,
Кас аз рӯйи найранг чизе надид.

## 54. СИФАТИ ҶАЗИРАИ АСКУНА

В-аз он ҷо ба кӯҳе ниҳоданд рӯй
Ҷазире, ки Аскуна буд номи ӯй.
Куҳе пур гули гунагун доманаш
Зи найшаккар анбӯҳ пироманаш.
Чунон нору норанг пурбор буд,
К-аз он ҳар ду якке шутурвор буд.
Турунҷ аз бузургӣ чунон ёфтанд,
Ки ҳар як ба даҳ мард бартофтанд.
Бар он куҳ раҳе буд якбора танг
Ҳисоре бар афрозаш аз хорасанг.
Миёни ҳисор обгире фарох,
Зи гирда басе гуна айвону кох.
Дар ӯ боми ҳар хона аз ӯду соҷ
Нигорида, пайваста бо соҷ оҷ.
Чунон буд ҳар санги девори ӯй,
Ки киштӣ шудӣ ғарқа аз бори ӯй.
Басе гунбад аз санг буд сохта,
Ба сангин сутунҳо барафрохта.
Ки кӯшои сад марди зӯрозмой
Набартофтӣ з-он сутуне зи ҷой.

Ба Гаршосп Меҳроҷ гуфт: -Ин ҳисор
Зане карду марде ба кам рӯзгор.
Ба ҳар ду тан ин коххо кардаанд,
Чунин сангҳо з-ин куҳ овардаанд.
Ба Ҳиндустон номи ин ҳар ду тан
Буд аз Морбӣ марду Морина зан.
Набуд ёр гаршон дар ин кор кас,
Зану шӯй буданд ҳам ёру бас.
Сипаҳдор шуд хирадил, к-он шунид,
Ҳамегуфт: -Кас зӯр аз ин сон надид.
Ҳамоно, ки ҳар гунбадеро ба кор
Ба бардоштан мард бояд ҳазор.
Куҷо ин чунин зӯру ин кор кард
Чӣ дорем мо хештанро ба мард.
Бар он куҳ зи ҷиндол в-аз барҳаман
Фаровон ба ҳар гӯша дид анҷуман.
Якеро бипурсиду гуфт: -Ин ҳисор
Шуморо зи баҳри чӣ ояд ба кор?
Бараҳман чунин гуфт, к-ин ҷойгоҳ
Ниёишгари мост дар солу моҳ.
Ба Яздон бад-ин ҷой дорем рӯй,
Ба гоҳи парастиш натобем рӯй.
Чу дорад касе бо касе доварӣ,
Наёбад ба дод аз касе ёварӣ.
Бад-ин хона оянд ҳар ду ба ҳам,
Нишинанду гӯянд ҳар бешу кам.
Ҳамон гаҳ ситамгар ба зорӣ шавад,
Табиш гираду дида торӣ шавад.
Набинад дигар равшанӣ дидаро,
Магар дод бидҳад ситамдидаро.
Ва дигар, чу бемор афтад касе,
Дар он дардмандӣ бимонад басе.
Баремаш дар ин хона ҳангоми хоб,
Бишӯянд чеҳраш ба мушку гулоб.
Гараш бахш рӯзист, чун буд нахуст,
Бимонад, ба се рӯз гардад дуруст.
В-агар роҳи рӯзиш баст осмон,
Бибуррад равонаш ҳам андар замон.
Дар ин хона шуд паҳлавон аз шигифт
Басе пеши Яздон ниёиш гирифт.
Дусад шамъ бар гирди ӯ барфурӯхт,
Ба хирворҳо мушку анбар бисӯхт.

В-аз он кӯҳ бо вожагон сӯйи дашт
Дар омад, яке гирди беша бигашт.
Зи ногоҳ диданд мурғе шигифт,
Ки аз шаххи он куҳ наво баргирифт.
Ба болой - аспе ба баргустувон,
Фурӯҳишта пар, бонгдорон навон.
Зи сӯрохи чун ной минқори ӯй
Фитода дар он бонги бисёри ӯй.
Бар он сон ки бод омадаш пешбоз,
Ҳамезад навоҳо ба ҳар гуна соз.
Фузунтар зи сӯрох панҷоҳ буд,
Ки аз вай думашро бурун роҳ буд.
Ба ҳам сад ҳазораш хурӯш аз даҳан
Ҳамехост, ҳар як ба дигар шикан.
Ту гуфтӣ дусад барбату чангу ной
Ба як раҳ шудастанд дастонсарой.
Фаровон кас аз хушшии он хурӯш
Фитоданду з-эшон рамон гашт ҳуш.
Яке з-ӯ ҳама наъраву ханда дошт,
Яке гиря з-андоза андар гузошт.
Ба наззора гирдаш сипаҳ ҳамгурӯҳ,
Вай ово дарафканда з-он сон ба кӯҳ.
Чу буд як замон аз нишебу фароз
Басе ҳезум овард ҳар сӯ фароз.
Яке пушта созид саҳман баланд,
Пас аз боди пур оташ андарфиканд.
Чу ҳезум зи боди ҳаво барфурӯхт,
Шуд андар миён, хештанро бисӯхт.
Сипаҳ хира монданд дар кори ӯй,
Ҳам аз сӯзишу нолаи зори ӯй.
Ба Гаршосп маллоҳ гуфт: -Ин шигифт
Зи Рум омад, оромиш эдар гирифт.
Мар инро на кас ҷуфт бинад, на ёр,
Валекин чу солаш барояд ҳазор,
Зи гетӣ шавад серу зӣ ҷону тан
Биёяд, бисӯзад тани хештан.
Зи хокаш аз он пас ба рӯзи дароз
Яке мурғ хезад чу ӯ низ боз.
Ба Рум - андар эдун шунидам кунун,
Ки бар бонги ӯ сохтанд арғунун.

## 55. БА КИШТӢ НИШАСТАН

Чу се рӯз бигзашту шуд рост бод,
Ба киштӣ нишастанду рафтанд шод.
Ба дарёву хушкӣ зи киштикашон
Ҳар он кас, ки дод аз шигифтӣ нишон.
Бирафтанд, сесад ҳазорон фузун
Бидиданд аз ҷонвар гунагун:
Чи бар сони паррандаву чорпой,
Чи ҳамгунаи деви мардумнамой;
Якеро се рӯ, пою чангул ҳазор,
Яке баҳраро сар дуву чашм чор;
Якеро думи моҳиву чанги шер,
Даҳон аз бари синаву чашм зер;
Якеро тани аспу хартуми пил,
Рухаш лаълу андом ҳамранги нил;
Якеро сари гову яшки наҳанг,
Якеро тани мардуму шохи ранг.
Ҳама з-ин нишон гунагун ҷонвар
Намуданд дар об бо якдигар.
Чунин то кухе он на бас дур буд,
Сари марзи ӯ назди Файсур буд.

## 56. ШИГИФТИИ ДИГАР ҶАЗИРА, КИ КАРГАДАН ДОШТ

Аз он кӯҳ маллоҳ бигзашт хост,
Сипаҳдор гуфт: -Ин шитобат чарост?
Бимон, то бар ин Ганг боз аз шигифт
Чӣ бинем, к-он ёд бояд гирифт.
Бад-ӯ гуфт маллоҳ: -Мафзой кор,
Ки эдар бувад каргадан бешумор.
Ба болой гове пур аз хашму шӯр,
Яке ҷонвар меҳ зи пилон ба зӯр.
Суру дорад аз бози мардӣ фузун,
Сараш чун синон, тан чу з-оҳан сутун.
Ба захми сар ӯ куҳ дарорад зи пой,
Занад пилро, баррабояд зи ҷой.
Диловар набурд эч темори марг,
Миён баст бар ҷангу пайкори карг.
Бад-ӯ гуфт: -Коми ман ин буд зи бахт,
Ки пеш оядам рӯзе ин разми сахт.

Кунун бӯри оҳу таги каргадан,
Камону камини ману каргадан.
Набуд бокам аз бабру аз аждаҳо,
Бад-ин сон дадеро чӣ бошад баҳо!
Зи киштӣ бурун рафт бар зеҳ камон,
Яке каргадан дид, к-омад дамон.
Чу найза суру рост карда бад-ӯй,
Ҳамон гаҳ хаданге яли номҷӯй
Бипайвасту з-он сон дароҳехт з-ӯш,
Ки пайкон ба нохун буду зеҳ ба гӯш.
Забону гулӯгоҳу як нима тан
Фурӯ дӯхт бо гардани каргадан.
Ҳама Ганг то шаб бад-ин сон бигашт,
Бияфканд аз он каргадан сию ҳашт.
Ба ханҷар сурушон бияфканду бурд,
Бари шоҳ Меҳроҷ онро супурд.
Сипаҳ поку Меҳроҷ гаштанд шод,
Бар ӯ ҳар касе офарин кард ёд.

## 57. ОМАДАНИ ГАРШОСП БА ҶАЗИРАИ ҲИДКИР

Ба дигар ҷазире расиданд зуд,
Куҷо номи он ҷой Ҳидкир буд.
Дар ӯ шаҳре ободу шоҳе бузург,
Сипоҳе фаровон далеру сутург.
Чу гашт огаҳ он шаҳ зи Меҳроҷшоҳ,
Пазира шудаш дарзамон бо сипоҳ.
Биёрост айвону базми шаҳӣ
Басе ганҷ кард аз фишондан тиҳӣ.
Бибуданд як ҳафта дил шодхор
Ба бозиву чавгону базму шикор.
Сипаҳдор бо сарварони сипоҳ
Ҳамегашт рӯзе ба начиргоҳ.
Яке беша диданд пок обнӯс,
Дар ӯ чашмае ҳамчу чашми хурӯс.
Фаровон дар ӯ хайли моҳӣ ба ҷӯш,
Ҳама сурх чун лашкари лаълпӯш.
Зи ҳар сӯ сипаҳ баркушоданд даст
Ба моҳӣ гирифтан ба дому ба шаст.
Ҳар он моҳие, к-уфтодӣ зи об,
Бад-ӯ бод ҷустӣ, шудӣ санги ноб.
Гирифтанд аз он озмунро басе,
Набуд баҳра ҷуз санг бо ҳар касе.

Ҳамон ҷой буд марғзоре фарох,
Миёнаш дарахте гашанбаргушох.
Баландиш бигзашта аз чархи тир
Фузун сойиш аз ним партобу тир.
Чу гоҳи хазон хостӣ боди сахт,
Фурӯ рехтӣ пок барги дарахт.
Ҳама барги ӯ як-як андар ҳаво
Аз он пас ба мурғе шудӣ хушнаво.
Чу сармо падид омадӣ андаке,
Аз он мурғ зинда намондӣ яке.
Ҳам эдун ба куҳ - бар яке хона дид,
Фарозаш яке қасри шоҳона дид.
Бипурсид, к-он ҷо кӣ дорад нишаст?
Чунин гуфт маллоҳи донишпараст,
Ки ҳаст ин парастишгаҳе дилпазир,
Буте дар вай аз санг ҳамранги қир.
Сар аз пеш чун ғамгине дошта,
Дуто пушту ангуште афрошта.
Чу хур баркашад теғ ҳар бомдод,
Занад бонге он бут, кашад сард бод.
Чу дилдода ёре зи дилбар ба рашк
Замоне ҳамеборад аз дида ашк.
Парастандагон тос доранд пеш,
Барад ҳар кас аз ашки ӯ баҳри хеш.
Шавад з-ашки ӯ дарди бемор кам,
Зи рух занг биздояд, аз дида нам.
В-агар панҷ гоме барандаш зи ҷой,
На нолад, на гиряд, на истад ба пой.
Шуду дид низ аз шигифт, он чӣ буд,
Ҳама диду з-он ҷо бирафтанд зуд.

## 58. СИФАТИ ҶАЗИРАИ ДЕВМАРДУМОН

Расиданд наздики кӯҳе баланд,
Ки буд аз баландиш бар маҳ газанд.
Басе кони гавҳар бад-он кӯҳсор,
Ҳамон девмардум фузун аз шумор.
Гурӯҳе сияҳчеҳру болодароз,
Ба дандони пешин чу они гуроз.
На бар кӯҳашон мурғро роҳ буд,
На низ аз забоншон кас огоҳ буд.
Ба дарё задандӣ чу моҳӣ шиноҳ,
Ба киштӣ расиданӣ аз дур роҳ.

Ҳама рӯз аз алмос теғе ба каф
Будандӣ ба ҳар ҷой чӯён садаф.
Чу киштӣ падид омадӣ, ҳар касе
Шудандӣ ба каф дурру гавҳар басе.
Харидандӣ оҳан ба дурру гуҳар,
Наҷустандӣ аз бун ҷуз оҳан дигар.
Надонист кас бозашон роҳи рост,
Ки-шон рой чандон ба оҳан чарост.
Чу киштии Меҳроҷу эронгурӯҳ
Бидидандӣ аз теғи он бурзкӯҳ.
Гуҳарҳои конӣ аз андоза беш
Бибурданд бо ҳадя ҳар як ба пеш.
Ба гавҳар басе з-оҳан олоту соз
Зи ҳар кас хариданду гаштанд боз.
Ду лашкар аз эшон тавонгар шуданд,
Ҳама пок бо дурру гавҳар шуданд.

## 59. ҶАНГИ ГАРШОСП БО АЖДАҲО ВА ШИГИФТИИ МОҲИВОЛ

Бирафтанду омад ҷазире падид,
Ки он ҷо ба ҷуз аждаҳо кас надид.
Бад-он сон бузург аждаҳо, к-аз ду мил
Биявбоштандӣ ба дам жандапил.
Зи заҳраш ҳама кӯҳу ҳомун сиёҳ,
Даму дудашон рафта бар чарху моҳ.
Якояк пароканда дар чарху ғор,
Забон чун дарахту даҳон чун диҳор.
Якеро дум аз ҳалқа ҳар сӯ чу дом,
Дамон оташ аз захми дандону ком.
Яке з-ӯ кашон гесувон гирди хеш,
Ба сар - бар суру руста чун говмеш.
Сипаҳбад баророст рафтан ба ҷанг
Гирифтанд доман-ш гурдон ба чанг.
Ҳамегуфт ҳар кас, ки бо ҷон ситез
Маҷӯю машав дар дами растахез.
Басе аждаҳои дамон эдар аст,
К-аз он к-аш ту гуштӣ, басе меҳтар аст.
Чӣ бо аждаҳо размро сохтан,
Чӣ  мар маргро б-орзу хостан.
Ҳамон низ маллоҳи фарзонаҳуш
Машав, гуфту бар ҷон супурдан макӯш.
Бад-ин гуна мор аст, к-аз заҳри тоб
Кунад мардро орзуманди об.

Лабон кафтаву ташнаву рӯй зард,
Бувад дил тапон, то бимирад ба дард.
Ҳамон низ мор аст, к-аз заҳру хашм
Бимирад, ҳар он кас барафканд чашм.
В-аз он мор, к-аз дам-ш боди самум
Ба мард ар барояд, гудозад чу мум.
Дигар ҳаст, к-аз вай тани мард хун
Гирад ҷӯшу аз пӯст ояд бурун.
В-аз он ҳам, ки гар куштаи заҳри ӯй
Касе бинад, ӯ низ мирад ба бӯй.
Ҳаме биспарӣ рӯйи давлат ба пой,
Ҳаме барканӣ бехи шодӣ зи ҷой.
Сипаҳбад барошуфту гуфт: -Аз набард
Маро чархи гардон нагӯяд, ки гард!
Ба Яздон, ки дод аз бари хоку об
Заминро дарангу замонро шитоб,
К-аз ин ҷойгаҳ барнагардам кунун,
Магар ронда аз аждаҳо ҷӯйи хун.
На бӯри набардӣ ба кор оядам,
На з-эдар касе дастёр оядам.
Бигуфт ину таркаш пур аз тир кард,
Бипӯшид хафтон, зиреҳ зер кард.
Сипар дар бар афканд бо гурзу теғ,
Бурун рафт бар сони ғурранда меғ.
Саросар шаху санглохи дурушт
Бигашту аз он аждаҳо шаш бикушт.
Ба шамшер тан-шон ҳама реза кард,
Сарон-шон бибурриду бар найза кард.
Биёвард, то дид яксар сипоҳ
Ҳамегуфт ҳар кас, ки ин кинахоҳ
Диловар чӣ гурд аст аз ин сон далер,
Ки бар ҳар кӣ разм оварад, ҳаст чир.
Агар аждаҳо бошад, ар пилу карг,
Бари теғи ӯ нест эмин ба марг.

❁ ❁ ❁

Ҳамон рӯз карданд аз куҳ гузар,
Расиданд назди ҷазире дигар.
Замине зи бас беша нодида марз,
Мар ӯро басе мардуми киштварз.
Гурӯҳи варо пеша пархош буд,
Дарахтон гулу кишташон мош буд.
Яке мурда моҳӣ ҳамон рӯзгор
Барафканда мавҷаш ба сӯйи канор:

Араш ҳафтсад буд болои ӯ,
Фузун аз чиҳил буд паҳнои ӯ.
Думаш буд баҳре фитода зи банд,
Надонист андози он кас, ки чанд.
Шуда даҳ ҳазор анҷуман марду зан,
Ба най пуштҳо баста бар вай расан.
Расанҳо суйи беша боз охта,
Кашон бар дарахту гиреҳ сохта.
Зи гирдаш ҳама ҳар ду лашкар ба ҷӯш,
В-аз эшон расида ба Парвин хурӯш.
Замон то замон хостӣ мавҷи сахт,
Гусастӣ расан, чанд кандӣ дарахт.
Кашиданд аз об-андарун ҳамгурӯҳ
Ба киштӣ, ба хушкӣ мар он поракӯҳ.
Бар-ӯ з-он сиёҳон абар кӯҳу роғ
Шуд анбӯҳ бар бум чун хайли зоғ.
Басе гавҳару зар буд авбошта,
Ҳама сина-ш аз анбар анбошта.
Биёмад каси шоҳ, бардошт пок,
Бурун кард дандон-шу зад мағз чок.
Басе равған аз мағзу аз чашми ӯй
Гирифтанд афзун зи сесад сабӯй.
Дигар ҳар чӣ монд аз бузургону хурд,
Зи баҳри хуриш пора карданду бурд.
Бимонд аз шигифтӣ сипаҳбад ба ҷой,
Бад-ӯ гуфт Меҳроҷи фархундарой,
Ки ин моҳияст, он ки хонанд вол
В-аз ин меҳ бас афтад ҳам эдар ба сол.
Бувад низ чандон ки бе ранҷу ғам
Биявборад ин киштии мо ба дам.
Чу бинанд, к-ояд зи дарё бурун
Зи саҳмаш, ки киштӣ кунад сарнигун.
Зи бӯқу духул в-аз ҷарас в-аз хурӯш
Расонанд бар чархи гарданда ҷӯш.
Ба ҳар сӯса, ки турш доранду тез,
Бирезанд, то зуд гирад гурез.
Ҳам эдун яке моҳии дигар аст,
К-аз ин вол тан-ш андаке камтар аст.
Куҷо ӯ гузашт, ин дигар моҳиён
Гурезанду бошанд то моҳиён.
Яке хурд моҳист бо ӯ ба кин,
Чу дидаш, ҷаҳад дар қафош аз камин.
Ба дандон кушояд-ш дар мағз роҳ,
Барорад сар аз дард моҳӣ ба моҳ.

Дигар ҳаст мурғе ба тан лаълранг,
Меҳ аз боз, чун ӯ ба минқору чанг.
Мар ин моҳии хурдро душман аст,
Ҳама рӯз гардон-ш пироман аст.
Чу бинад, к-аш андар қафо раҳ кушод,
Дарояд, рабояд-ш аз ӯ ҳамчу бод.
Гар он мурғ фарёдрас нест, зуд
Барорад ба се рӯзаш аз мағз дуд.
Ба гетӣ - дар аз зиндагон нест чиз,
К-аш андар ниҳон душманӣ нест низ.
Яке гуфт дигар зи киштикашон,
Ки дидам дигар моҳие з-ин нишон.
Зи дарё фитода ба хушкӣ бурун,
Дарозои ӯ чорсад раш фузун.
Ба ком - андараш киштии лахт-лахт,
Бад-ӯ-дар на мардум бимонда, на рахт.
Шикаммаш ҳам он гаҳ, ки бишкофтем,
Яке зинда моҳӣ дар ӯ ёфтем.
Зи сӣ раш фузун буд аз бешу кам,
Будаш моҳие як раш андар шикам.
Ҳамон моҳие хурд буд зинда низ,
Аз ин беҳ шигифт ар биҷӯйӣ, чӣ чиз?!
Шигифти Худованди чархи баланд
Ба гетӣ кӣ донад шумурдан, ки чанд?!
Ба ҳар коре ӯрост кому тавон,
Ки фармон-ш бе ранҷ дорад равон.
Зу хуни табаҳ мушки бӯё кунад,
Зи хоки сиёҳ ҷони гӯё кунад.
Падид оварад тира санге дар об,
Кунад з-ӯ ҳамон об дурри хушоб.
Ба ҷойе, ки бойиста бинад ҳаме,
Ба ҳар сон шигифт офаринад ҳаме.
Бидон, то шигифтӣ чунин гунагун
Бувад бар тавоноияш раҳнамун.
Бари шоҳ он ҷой аз он пас ба ком
Бибуданд як ҳафта бо базму ҷом.

## 60. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАЕ, КИ АСТАРАНГ ДОШТ

Сари ҳафта з-он ҷо гирифтанд роҳ,
Расиданд зӣ хуш яке ҷойгоҳ.

Ҷазире, ки ҳафтод фарсанг беш
Пур аз хайзурон буду пур говмеш.
Аз ин говмешон ҳама дашту ғор
Фиканданд эрониён бешумор.
Ба ҷуз ҳиндувон, ҳар кӣ хӯрд аз сипоҳ,
Ки хӯрдан-ш ҳинду шуморад гуноҳ.
Гирад модаро модару нар – падар,
Аз он к-ин диҳад ширу он кишту бар.
Бари домани он куҳ андар ниҳеб
Яке дашт диданд сар дар нишеб
Ҳама хоки ӯ нарм чун тӯтиё,
Бар ӯ мардуме руста ҳамчун гиё.
Сару рӯву мӯву тану пову даст
Чу андоми мо ҳам бар ин сон ки ҳаст.
Ҳама чизашон буд, набуд-шон тавон,
Чӣ бошад тани мардумӣ бе равон?
Ҳам аз он гиёҳои бобӯю ранг,
Шиносанда хонад варо астаранг.
Аз он ҳар кӣ кандӣ, фитодӣ зи пой,
Чу эшон шудӣ бе равон ҳам ба ҷой.
Ба говон аз он чанд карданду бурд
Мар он гов, к-он канд, бар ҷой мурд.
Аз он пас зи найшаккару хайзурон
Бибурданду шуд бори киштӣ гарон.

## 61. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАИ ДИГАР, КИ МӮРОН ДОШТ

Биронданд дилшод се рӯз боз,
Чаҳорум расиданд ҷойе фароз.
Куҳе пурдиҳору шикаста дара,
Диҳораш ҳама кони зар яксара.
Басе пашша ҳар сӯ ба парвоз буд,
Ки ҳар пашшае меҳтар аз боз буд.
Ба сони синон нештар доштанд,
Ҳаме бар каж оганд бигзоштанд.
Зи лашкар ба захми сари нештар
Бикуштанд сӣ мардро бештар.
Ҳамон мӯрча буд меҳ аз гӯспанд,
Ки бар мард ҷастӣ чу шери нажанд.
Нахастӣ зи сахтӣ танаш хишту тир,
Фиканданд аз он чанд ҳар гурдгир.
Аз ӯ бар пайи ҳар кӣ биштофтанд,
Нишеман-шро кони зар ёфтанд.

Ҳама зарри ӯ чун гиё шох-шох,
Чӣ бар шах бируста, чӣ бар санглох.
Пароканда дар ғоргаҳ ҳар касе
Ба киштӣ кашиданд аз он зар басе.
Зи баҳри шигифтӣ ҳам эдун ба банд
Бибурданд аз он мӯру з-он пашша чанд.

## 62. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАЕ, КИ МАРДУМИ САРИ БИНӢ БУРИДА ДОШТ

Чу даҳ рӯз рафтанд раҳ камму беш,
Ҷазире дигар хуррам омад ба пеш.
Зи ҳар гӯша сад мил беша ба ҳам,
Чи римҳу чи сандал, чи уду бақам.
Ҳама мардумаш пок – барнову пир,
Ба дида чу хуну ба чеҳра чу қир.
Сари бинии ҳар як андохта
Бисуфта дар ӯ ҳалқаҳо сохта.
Дили паҳлавон гашт аз он бадгумон,
Зи маллоҳ пурсид ҳам дарзамон,
Ки ин бад бад-эшон чӣ бадхоҳ кард?
Ки-шон суфт биниву кӯтоҳ кард?
Агар тофтанд ин бузургон зи роҳ,
Зи хурдон-ш боре чӣ омад гуноҳ?
Бихандид маллоҳу гуфт: -Аз нахуст,
Чунин омад ойини эшон дуруст.
Ба фарзанд аз ин гуна модар кунад,
К-аш оройиши зарру зевар кунад.
Ҳамон ҳафта буррад, ки ҷон оядаш,
Бисунбад, ба гавҳар биёроядаш.
Аз ин гар туро ҷойи бахшойиш аст,
Ба наздики эшон аз оройиш аст.
Шунидам зи донои фарҳангдӯст,
Ки зӣ ҳар кас ойини шаҳраш накӯст.
Бигашт он ҳама кӯҳу беша сипоҳ,
Шигифтӣ басе буд ба ҳар ҷойгоҳ.
Чи аз кони арзизу аз симу зар,
Чи з-алмосу аз гуна-гуна гуҳар.
Пароканда симоб дар ҳар мағок,
Чи дар бӯта бигдохта сими пок.
Буд аз каҳрабо зард гавҳар дар об,
Дурахшанда чун дар сипеҳр офтоб.

Ҳам аз гавзи ҳиндӣ фаровон дарахт,
Ҷаҳон карда пурбонгашон боди сахт.
Ки бар шохашон мард агар сад ҳазор
Шудандӣ, набудӣ яке ошкор.
Аз он буму бар ҳар чишон рой буд,
Бибурданду рафтанд аз он ҷой зуд.

## 63. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАИ ДАРАХТИ ВОҚВОҚ

Се ҳафта чу ронданд аз он пас ба ком
Ба кӯҳе расиданд, Лонис ном.
Ҷазире ба паҳнои кишвар сараш,
Ҳама бешаи воқвоқ аз бараш.
Ба боло зи сад раш фузун ҳар дарахт,
Ба маҳ-бар сару бех бар санги сахт.
Ҳама баргашон паҳну зангоргун,
Зи гелӣ сипарҳо ба паҳно фузун.
Бари ҳар яке чун сари мардумон,
Бар ӯ чашму бинию гӯшу даҳон.
Чу ногаҳ вазидӣ яке боди тез,
Аз он беша бархостӣ растахез.
Сари шоххо сӯйи соқ омадӣ
В-аз он ҳар саре воқвоқ омадӣ.
Сипаҳбад зи маллоҳи фарзонарой
Бипурсид, к-ай ростбар раҳнамой,
Бар ин куҳ дарахт аст чандин ҳазор,
Ҳама сабзу бишкуфта, бо баргу бор.
Зи чандин бару барги омехта
Чаро нест ҷуз андаке рехта?
Бад-ӯ гуфт: -Ҳар бомдоде, ки меҳр
Фурӯзад сипеҳру заминро ба чеҳр,
Гулистон аз ӯ сабз дарё шавад,
Сияҳ шаъри ин зард дебо шавад.
Фиғон з-ин дарахтон бихезад ҳама,
Гулу баргу баршон бирезад ҳама.
Чунин то ба шаб баргрезон бувад
В-аз ошӯб ҳар дад гурезон бувад.
Чу товусгун рӯз паррад зи роғ,
Дарояд шаби тира ҳамранги зоғ.
Аз ин об дар ҷонвари гунагун
Бароянд сесад ҳазорон фузун.
Хуранд ин бару барги пошида пок,
Намонанд бар ҷой ҷуз сангу хок.

Чунин ҳар шаби тира пайдо шаванд,
Сапедадамон боз дарё шаванд.
Дарахт он гаҳ аз нав шигифтан гирад,
Зи сар шоху баргаш шукуфтан гирад.
Фишонад ба рӯзу шаб оянд ба бор,
Бар ин гуна бошад ҳама рӯзгор.
Шигифтӣ бас аст инчунин гунагун,
Ки он кас надонад, ҷуз Эзид, ки чун.
Ба ҳар кор, к-ӯ сохт, донанда Ӯст,
Равонбахшу рӯзирасонанда Ӯст.
Зи мардум ҳамон ҷо ба ҳар сӯ рама
Бидиданд пӯён бараҳна ҳама.
Ба як чашму як рӯю як дасту пой
Ба так ҳамчу оҳу даванда зи ҷой.
Ду тан ҳамбар истода з-эшон ба ҳам,
Будӣ як тан аз мо на бешу на кам.
Набуд кор аз ҷангашон ҷуз гурез,
Ҳам аз дур дидӣ, накардӣ ситез.
Суйи лашкар ангушт карда дароз,
Чу мурғон сароянда чизе ба роз.
Ба пайкорашон ҳар кас оҳанг кард,
К-аз он нимчеҳрон бароранд гард.
Сипаҳбад барошуфт аз оҳангашон,
Маҷӯед, - гуфто, -касе ҷангашон,
К-аз эшон касе марди пайкор нест,
Ба ҷуз дидан аз дурашон кор нест.
Ҳар он кас, ки нанмоядат ранҷу ғам,
Чу ранҷаш намоӣ ту, бошад ситам.
Зи мардум ҳамоно, ки ғамхоратар
На будаст аз эшон, на бечоратар.
Гар оред пешам якеро, равост,
Ки то вай хурад, з-ин куҷо хурди мост.
Саворе бурун шуд шитобон чу тир,
К-аз эшон якеро кунад дастгир.
Гурезанда якпой аз он сон шитофт,
Ки аспи давон гардаш андарнаёфт.
Дигар дид бар марзи дарёи жарф
Яке гирд кӯҳ аз сапедӣ чу барф.
Ҳама куҳ чунон равшану сода буд,
Ки як мил аз ӯ тобиш афтода буд,
Ки гар мурғ ҷустӣ бар ӯ ҷойи пой,
Хазидиш пою набудиш ҷой.
Бараш обгире, к-аз ӯ ҷуз бухор
Шиновар накардӣ ба рӯзе гузор.

Ҳама обаш аз акси он куҳ ба ҷӯш,
Чу захми дуҳул сад ҳазорон хурӯш.
Басе мурғ дар гирди ӯ ранг-ранг,
Ба сар - бар суру руста чун шох ранг.
Зи пас ҳар якеро ду пою се пеш,
Ду минқор чун теғу чангул чу неш.
Чу диданд мардум, хурӯшон шуданд,
Дарон зери он оби ҷӯшон шуданд.
Пас аз як замон з-он куҳ абре чу қир
Дар омад, бизад хайма дар обгир.
Аз он абр мурғон дар он жарф об
Бибуданд пинҳон ҳам андар шитоб.
Шуд абр аз паси кӯҳ - дар нопадид
Фурӯ монд, ҳар к-он шигифтӣ бидид.
В-аз он ҷо суйи кӯҳи Қолун шуданд,
Ба ранҷи гарон як маҳ афзун шуданд.

## 64. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАИ ҚОЛУН ВА ҶАНГИ ГАРШОСП БО САГСОР

Ҷазире, ки марзаш набуд ним пай,
Ҷуз аз сангу хору газистону най.
Зи як паҳлуяш бешаи обканд,
Қилоъе дар ӯ бурзкӯҳе баланд.
Бипурсид маллоҳро номҷӯй,
Ки эдар чӣ чиз аз шигифтӣ, бигӯй!
Чунин гуфт доно, к-аз он рӯйи кӯҳ
Басе лашкаранд аз ялон ҳамгурӯҳ.
Сипоҳе, ки сагсор хонандашон,
Далерони пайкор донандашон.
Чу ғӯлонашон чеҳра, чун саг даҳан,
Ба сони бузон мӯй пӯшида тан.
Ба дандон гурозу ба ду гӯш пил,
Ба рух зарду андом ҳамранги нил.
Гиёшон бувад фаршу густарданӣ,
Зи моҳиву аз мевашон хӯрданӣ.
Аз ин кӯҳ синбодаву зар баранд,
Ҳам арзизу пӯлоду гавҳар баранд.
Ҳар он к-ояд эдар харидорашон,
Зи марҷон бувад в-аз шаба борашон.
Шаба, ҳар чӣ мард аст, афсар кунанд,
Зи марҷон занон тоҷу зевар кунанд.
Бувад аспашон дар яке марғзор,
Зи ҳар ранг афзунтар аз даҳ ҳазор.

Ҳар аспе зи боди базон тезтар,
Зи мавҷи дамон ҳамлаангезтар.
Чу рӯзе бувад рӯзи разму ситез,
Ҳама зӣ фасила шитобанд тез.
Ҷудо ҳар як аспе чу арғанда шер,
Ба хамми каманд андароранд зер.
Савор оваранд андар оварду кин,
На бар тан силеҳу на бар асп зин.
Камандеву теғе ба каф тофта,
Баши борагӣ чун инон бофта.
Саре ҳалқа, дар гирди бозу каманд,
Саре гирди аспу миён карда банд.
Гирифта сутуне зи даҳ раш фузун,
Ду шох оҳанин дар сари ҳар сутун.
Бари кӯҳ дар захм ҳомун кунанд,
Дилу чашми хур чашмаи хун кунанд.
Ба нирӯ кананд аз бун осон дарахт,
Бидарранд аз ово дили санги сахт.
Ба дарё шитобон наҳанг оваранд,
Ба шамшер бо шер ҷанг оваранд.
Ба сони гурозон, ба андоми мард
Ба дандон бидарранд диръи набард.
Рабоянд мард аз бари зин чу дуд,
Хурандаш ҳам андар замон зинда зуд.
Басе разм кардӣ ба пирӯз бахт,
Наёмад-т пеш инчунин разми сахт.
Бишуд з-он дижам гурди лашкарпаноҳ,
Ҳам он ҷо ба шаб хайма зад бо сипоҳ.
Чу хур буд дар қуббаи обнӯс,
Паси пардаи зард маҳро арӯс.
Шаб аз рашк зад қиргун ҷома чок,
Зи бар иқди пироя бигсаст пок.
Падид омад аз беша в-аз теғи кӯҳ
Аз он пилгӯшон гурӯҳогурӯҳ.
Зи кори сипаҳ огаҳӣ ёфтанд,
Ба пайкор чун шер биштофтанд.
Бар аспони безин ба теғу каманд
Хурӯшон чу тундар дар абри баланд.
Ба даст аз дарахтони алмос шох
Гирифтанд новард дашти фарох.
Баромад яке нобаюсон набард,
Ки дарё ҳама хун шуду дашт гард.

Ҳар эроние тохтанд аз камин,
Фиканданд аз эшон яке бар замин.
Шуд аз таффи теғ оби дарё бухор,
Рухи хур бихорид найза ба хор.
Зи хун об дар ҷӯй чун бода гашт,
Ба каҳ каҳрабо лаълу беҷода гашт.
Чунон кӯбиши гурзу кӯпол буд,
Зи дому дад аз бонг беҳол буд.
Шуда умрҳо кӯтаҳу кин дароз,
Дами аждаҳои фалак монда боз.
Хаданг аз дили ҷангиён кинатӯз,
Табар мағзкофу синон синадӯз.
Ҳаво чун шабу гард чун деви зишт,
Дар ӯ чун шиҳоби равон тиру хишт.
Замона бар алмоси марҷон нишон,
Ба марҷон-дар аз бурдани ҷон нишон.
Зи ҷон сер гардону аз ҷанг на,
Равон роҳашу чеҳраро ранг на.
Зи чарх ахтар аз бим бигрехта,
Шаб аз рӯз даст андаровехта.
Парӣ беҳуш аз бонгу девона дев,
Замин пур аз овою кӯҳ бо ғирев.
Ба зинҳор даҳру ба афғон сипеҳр,
Ба андарз моҳу ба фарёд меҳр.
Сипаҳдор баркард шӯлак зи ҷой,
Кашида ба кин теғи кишваркушой.
Зи ҳар сӯ, ки новарду пайкор кард,
Кӯҳу дашт гуфтӣ ба паргор кард.
Аз он пилгӯшон баровард ҷӯш,
Ба ҳар гӯша з-эшон сар афканду гӯш.
Фурӯ кӯфт бар майсара маймана,
Сафи қалб бибриду зад бар буна.
Ба найза ҳаме дидаи вай бидӯхт,
Тафи ханҷараш пушти моҳӣ бисӯхт.
Аз эрониён кас набуд дида чир
Чунон девчеҳрони гурди далер.
На аз хишту н-аз тир ғам доштанд,
На аз гурз в-аз теғ сар гоштанд.
Чунон доштанд аспи тозанда тез,
Ки гар ҳамла бурдӣ ба захм аз гурез,
Задандиву аз дасти ҳар гурдгир
На хишт андар эшон расидӣ, на тир.
Киро баррабудандӣ аз пушти зин
Ба захмӣ каманд аз камон в-аз камин.

Яке сар-ш кандӣ, яке дасту пой,
Бихӯрдандӣ аз пеши саф ҳам ба ҷой.
Бар ин гуна карданд разме дурушт,
Аз эрониён чанд хӯрданду кушт.
Сабук дод фармон сипаҳбад, ки ҷанг
Маҷӯед кас ҷуз ба тири хаданг.
Далерон ба тиру камон тохтанд,
Ҳама найзаву теғ биндохтанд.
Ҷаҳон гашт пурабри алмосрез,
Шуд аз хоку хун бод шангарфбез.
Ҳаво тира чун пуд бар тор шуд,
Бад-он девчеҳрон ҷаҳон тор шуд.
Зи ғам наъра-шон бонгу фарёд гашт,
Зи пайкон ҷигар кони пӯлод гашт.
Кас аз хайли эшон набуд марди тир,
Бимонданд дар захми ӯ хира-хир.
Ҳаме ҳар касе тир аз он кас, ки хаст,
Кашидӣ чу жӯпин, фикандӣ зи даст.
Аз он рӯз як нима бигзашта буд,
К-аз эшон ду баҳра фузун кушта буд.
Буд аз мағзашон в-аз дилу устухон
Дадонро бар он дашт ҳар ҷой хон.
Бар он хон кабоб аз ҷигарҳо ба ҷӯш,
Саroншон бар ӯ косаву суфра гӯш.
Ту гуфтӣ, ки таргест ҳар сӯ нигун,
Фарози сипарҳои шангарфгун.
Гурӯҳе ба беша бурун тохтанд,
Дигар тан ба дарё дарандохтанд.
Сипаҳ хору хоро ба ҳам барзаданд,
Ҳама бешаро оташ андарзаданд.
Саросар ҳама беша чун барфурӯхт,
Ҳар он кас, ки буд зинда з-эшон, бисӯхт.
Бигаштанд аз он пас куҳу марғзор,
Ҳисоре бидиданд бар кӯҳсор.

## 65. ДИДАНИ ГАРШОСП ДАХМАИ СИЁМАКРО

Зи маллоҳ Гаршосп пурсиду гуфт,
Ки ин ҳиснро чист андар ниҳуфт?
Чунин гуфт, к-ин ҳисн ҷойе накӯст,
Сутудони фаррух Сиёмак дар ӯст.

Бунаш - бар зи пӯлоди арзизпӯш,
Бароварда девораш аз ҳафтчӯш.
Сипаҳ гирдаш андар ба гаштан шитофт,
Биҷустанд чанде дараш, кас наёфт.
Чунин гуфт маллоҳ пеши меҳон,
Ки н-ояд дар инро падид аз ниҳон.
Магар ҷома яксар парастандавор
Бипӯшеду нолед бар Кирдгор.
Гавон ҷомаи разм биндохтанд,
Ниёишкунон даст бифрохтанд.
Ҳамон гаҳ шуд аз бора марде падид,
К-аз ӯ хубтар одамӣ кас надид.
Чунон буд, ки чашмаш се буд, ҳар се боз,
Ду аз зери абрӯ, яке аз фароз.
Фусуне ба овоз хондан гирифт,
Зи дилҳо тафи ғам нишондан гирифт.
Ҳисор аз хурӯшаш пуровоз шуд,
Зи девор ҳар сӯ даре боз шуд.
Яке боғ диданд хуш чун биҳишт,
Пур аз тозагулҳои урдибиҳшт.
Ниҳодаш чу ромиш гузоранданӯш,
Насимаш чу дониш фазояндаҳуш.
Аз овои ромиш ҳушангезтар,
Зи дидори хубон диловезтар.
Дарахте дар ӯ сар кашида ба моҳ,
Танаш сар ба сар сабзу шохаш сиёҳ.
Ҳама барги ӯ чун сипарҳои зард,
Падидор дар ҳар яке чеҳри мард.
Ба сони каду мева з-ӯ сарнигун,
Ба хушшӣ чу қанду ба сурхӣ чу хун.
Сипаҳбад зи марди сечашма сухан
Бипурсид кори дарахти куҳан.
Чунин гуфт, к-оғози гетӣ дуруст
Нахуст ин буд аз ҳар дарахте, ки руст.
Ҳамасола ин мева бошад бар ӯй,
Чу шаккар ба таъму чу анбар ба бӯй.
Нагардад зи бун кам бар ӯ барг - бар,
Чу кам шуд яке, боз рӯяд дигар.
В-ар аз як замонаш бибӯйӣ фузун,
Зи хушшӣ зи бинӣ кушояд-т хун.
Аз ин ҳар кӣ як мева ёбад х(в)ариш,
Яке ҳафта бас бошадаш парвариш.
Аз он хӯрду мар ҳар касеро бидод,
Яке кохро з-он сипас дар кушод.

Падид омад айвоне аз ҷазъ пок,
Чу чархи шаб аз гавҳари тобнок.
Ҳама буму девор то кунгура
Ба дурру забарҷад-дарун яксара.
Булӯрина тахте дар ӯ шоҳвор,
Буте бар вай аз зарри гавҳарнигор.
Зи ёқут лавҳе гирифта ба даст,
Бар он лавҳ хуфта, сар афканда паст.
Зи болош тобуте овехта,
Ҳам аз зарру аз гавҳар ангехта.
Сипаҳбад дигар раҳ зи полизбон
Бипурсиду бикшод гӯё забон,
Ки ин бут чӣ чиз асту тобут кист?
Ҳам эдун нигоранда бар лавҳ чист?
Чунин гуфт, к-ин тахту айвону соз,
Бидон, к-аз Сиёмак бимондаст боз.
Ҳамин базмгоҳи дилоройи ӯст,
Дар ин нағз тобут ҳам ҷойи ӯст.
Чу рафт ӯ, буте ҳамчунон сохтанд,
Бар ин сон-ш бар тахт биншохтанд.
Бидон, то парастандаш аз меҳри ӯй,
Гусоранд бо бут ғам аз чеҳри ӯй.
Аз ин кох ҳар кас ки чизе барад,
Наёбад бурун роҳ, то бигзарад.
Аз ӯ ёдгор аст гуфтор чанд,
Навишта бар ин лавҳ бисёр панд.
Ки, ай он ки ойӣ дар ин хуб ҷой,
Бибинӣ сутудони ман в-ин сарой.
Сиёмак манам, шоҳи вологуҳар,
Ки фаррух Каюмарс будам падар.
Ба фармони ман буд рӯйи замӣ,
Даду деву мурғу парӣ в-одамӣ.
Шабу рӯз ҷуз шод нагзоштам,
Зи ҳар хушшие баҳра бардоштам.
Буд андар ҷаҳон соли умрам ҳазор,
Дусад бар вай афзун кам аз сию чор.
Чу гуфтам, ҷаҳон шуд ба фармони ман,
Бигардид гардун зи пайкони ман!
Пайи аспи умрам зи так бозмонд,
Ҳама кори шоҳим носоз монд.
Агарчи будам ганҷи шоҳӣ басе,
Бад-он гуна рафтам, ки камтар касе.
Чунин омад ин гетии бедаранг,
Нахустин диҳад нӯшу он гаҳ шаранг.

Бидорад чу фарзанд дар бар ба ноз,
Кунад пас ба зери лагад паст боз.
Нигар, то набошӣ бар ӯ устувор,
Ба ман бингару з-ӯ дил эмин мадор.
Дар ӯ коми дил кас беҳ аз ман наронд,
Намонад ба кас-бар, чу бар ман намонд.
Набуд шаҳ зи ман номбардортар,
Кунун ҳам зи ман нест кас хортар.
Сипаҳбад кушод аз мижа ҷӯйи хун,
Бад-ӯ гуфт, к-ай некдил раҳнамун,
Маро бош бар панде омӯзгор,
Ки бошад зи гуфтори ту ёдгор.
Чунин гуфт доно, ки боре нахуст
Зи ҳастии Яздон шав огаҳ дуруст.
Бидон, к-аз хирад ошкору ниҳуфт
Яке ӯст, дигар ҳама чиз ҷуфт.
Аз ӯ тарсу аз бад, бад-ӯ кун паноҳ,
Битоб аз гумону битарс аз гуноҳ.
Маҷӯй он гуноҳе, ки гӯйӣ ниҳон
Кунам, то набинад кас андар ҷаҳон.
Ки гар кас набинад ҳаме ошкор,
Ниҳон ӯ ҳамебинадат, шарм дор!
Чаро з-он ки суд андар ӯ нопадид,
Тани покро кард бояд палид?
Се бадхоҳ дорӣ ба бад раҳнамун:
Ду пӯшида дар тан, яке аз бурун.
Дарунат яке хашму дигар ҳавост,
Бурун мастие, к-аз хирад норавост!
Чу хоҳӣ ба ҳар дард дармони хеш,
Бидор ин серо зери фармони хеш.
Хирадмаставу хашмро банд кун,
Ҳаво бандаву дил худованд кун.
Манеҳ дил бад-ин гунбади чоплус,
Ки гетӣ фасона-сту боду фусус.
Бувад ҷустанаш кори дилхортар,
Чу омад ба каф, нест з-ӯ хортар.
Маҷӯй озу аз дил хирадманд бош,
Ба бахши Худованд хурсанд бош.
Шабу рӯз гетӣ агарчи бас аст,
Туро нест яксар, ки ҷуз ту кас аст.
Бувад хирадил солу маҳ марди оз,
Кафаш баста ҳамвораву чашм боз.

Диҳад рашкро чирагӣ бар хирад,
Хурад чизи худ ар кас, ӯ ғам хурад.
Сипаҳдорро з-он суханҳои нағз
Бияфзуд зӯру дилу ҳушу мағз.
Фаровон гуҳар додашу симу зар,
Пазируфту гуфт: -Ай яли пурҳунар,
Ман он додамат, к-ояд аз ҷони пок,
Ту онам диҳӣ, к-ояд аз сангу хок.
Манат роҳи Яздон намудам, ки чун
Ту зӣ дев бошӣ маро раҳнамун?
Гарам рой бошад ба зарру ба дур,
Аз ин ҳар ду ин кохи ман ҳаст пур.
Валекин чу бо ҳар дуам кор нест,
Чу ҳаргиз набошад-м, тимор нест.
Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостор,
Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор.
Агар дурро арҷ будӣ басе,
Ба хоку ба сангаш надодӣ касе.
Чӣ бояд бад-он шод будан, ки ӯй
Кунад дӯстро душмани кинаҷӯй?
Чу бинҳӣ, нигаҳ доштан боядат,
Чу бидҳиш, дарвешӣ афзоядат.
На ин ҷо-т аз марг дорад нигоҳ,
На чун шуд ба вай, бо ту ояд ба роҳ.
Ба шоҳи Сиёмак нигар, к-ин сарой
Баровард у ин кохи шоҳона ҷой.
Бад-ин бекарон гавҳари пурбаҳо
Ҳам аз чанги маргаш наёмад раҳо.
Ба чандин гуҳарҳову зарраш, ки буд,
Надонист як рӯз умраш фузуд.
Мадон беҳ зи дониш яке хоста,
Ки н-ояд ҳаме аз диҳиш коста.
Равонро бувад мояи зиндагӣ,
Расонад ба озодӣ аз бандагӣ.
Бад-ин ҷоят аз бад нигаҳбон бувад,
Чу з-эдар шудӣ, тӯшаи ҷон бувад.
Зи дониш беҳ андар ҷаҳон ҳеч нест,
Тани мурдаву ҷони нодон якест.
Бараҳна будӣ, к-омадӣ дар ҷаҳон,
Набуд бо ту чиз ошкору ниҳон.
Чунон к-омадӣ, ҳамчунон бигзарӣ,
Хуру пӯшиш афзун туро бар сарӣ.
Аз ӯ чун хуру пӯшиш омад ба даст,
Дил андар фузунӣ набояд-т баст.

Ман ин ҳар ду дорам, ки Эзид зи бахт
Яке меҳрбон доя кард ин дарахт,
Гаҳи ташнагӣ бахшад аз бехам об,
Ба гармо кунад соям з-офтоб
Хурам з-ин бари ӯву пӯшам зи барг,
Маро ин басанда-ст то рӯзи марг.
Бибуд хирадил, ҳар кӣ з-ӯ ин шунуд,
Ниёиш фузуданду пӯзиш намуд.
Бурун омаданд аз бараш ҳамгурӯҳ,
Бигаштанд чанде дар он дашту кӯҳ.
Дар он кӯҳ басе кони сунбода буд,
Ҳам алмосу ёқуту беҷода буд.
Гулу найшакар бекарон в-ангубин
Гиёдору аз меваҳо ҳамчунин.
Сафи сунбулу бешаи заъфарон,
Равон лодану бешаи хайзурон.
Чу дидончунон ҷой Меҳроҷшоҳ,
Дареғ омадаш, к-он надорад нигоҳ.
Зи гурдон саре бо сипаҳ сад ҳазор
Бад-он ҷойгаҳ кард фармонгузор.
В-аз он ҷангӣ аспон ҳама, ҳар чӣ буд,
Ба киштӣ фиканданду ронданд зуд.

## 66. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАИ БАНДОБ

Чу рафтанд як моҳи дигар ба ком,
Яке кӯҳ диданд Бандоб ном.
Ҳисоре бар он кӯҳ зи ҷазъи сиёҳ,
Баландиш бигрифта бар моҳ роҳ.
Ба зери дараш нардбоне зи санг,
Дарозош се поя, паҳнош танг.
Меҳ аз пил бар нардбон як савор,
Гирифта дари ҳиснро раҳгузор.
Яке дасти ӯ бар инон сохта,
Дигар аз сурини сутур охта.
Бипурсид маллоҳро паҳлавон,
Ки аз чист ин аспу ин нардбон?
Чунин гуфт, к-инро ниҳон з-андарун
Тилисм аст, к-он кас надонад, ки чун.
Бар ин нардбон ҳар кӣ бинҳод пой,
Ба санг ин савораш рабояд зи ҷой.

Якеро ба хафтону диръу сипар
Фиристод, то бар шавад бар забар.
Нахустин, ки бар поя рафт, ай шигифт,
Савор аз бари асп ҷунбиш гирифт.
Бизад наъраву санге андохт зер,
Ки шуд мард беҳушу бифтод дер.
Дигар шуд яке гардан афрохта,
Яке тангпунба сипар сохта.
Чунон санге омад-ш, к-аз ҷойи хеш
Нигун аз пас афтод даҳ гом пеш.
Ба ҳар поя ҳар санг, к-омад забар,
Ба даҳ ман гаронтар буді̄ з-он дигар.
Чунин то зи як поя бар чор шуд,
Ду тан кушта омад, ду афгор шуд.
Касе бар нашуд низу пас паҳлавон
Бифармуд кандан буни нардбон.
Чаҳе жарф диданд, сад боз роҳ,
Яке чархи гарданда буд дар ба чоҳ.
Зи чаҳсор занҷире овехта,
Ҳама зарру бо гавҳар омехта.
Сари ҳалқа дар хамми чарх устувор,
Дигар сар камар бар миёни савор.
Шикастанд чарху ба чаҳ дарфиканд,
Гусастанд занҷир яксар зи банд.
Ҳамон гаҳ нигун шуд савор аз фароз,
Дари бастаи ҳисн шуд зуд боз.
Сипаҳдор бо вижагони сипоҳ
Дарун рафту карданд ҳар сӯ нигоҳ.
Сарое буд аз санг ҳамчун баҳор,
Зи гирди вай айвон булӯрин чаҳор.
Зи ҳар пайкаре ҷонвари бекарон,
Аз айвон баровехта пайкарон.
Зи деву зи мардум, зи пилу наҳанг,
Зи нахчиру аз мурғу шеру паланг.
Ҳама-з хамми он тоқҳо сарнигун,
Нигорида аз гавҳари гунагун.
Ту гуфті̄, кунун кардаанд аз ниҳод,
На нам дида з-абру на гарде зи бод.
Аз он гавҳарон дар ҳам афтода тоб,
Ҷаҳон карда равшантар аз офтоб.
Басе шамъ бар ҳар суй аз ложвард,
Ду ёқут бар ҳар яке сурху зард.
Ба рӯз он гуҳарҳо чу бишкуфта боғ,
Ба шаб ҳар яке ҳамчу равшан чароғ.

Зи пеши ҳар айвон дарахте зи зар,
Забарҷад бар ӯ баргу ёқут-бар.
Яке тахт бар сояи ҳар дарахт,
Зи гавҳар ҳама появу рӯйи тахт.
Замин ҷузъи якпора ҳамвор буд,
Чунон к-андар ӯ чеҳра дидор буд.
Яке хона диданд аз ложвард,
Бароварда аз шафшафа зарри зард.
Чу зулфи бутон шафшаҳо тофта,
Саросар ба ёқуту дур бофта.
Яке паҳн тобути заррин дар ӯй,
Ҷаҳон з-ӯ чу аз мушк бигрифта бӯй.
Бифармуд Гаршосп, к-онро зи ҷой
Биёранд берун миёни сарой.
Набуд ҳеч касро ба тобут даст,
Ҳар он кас, ки шуд наздаш, афтод паст.
В-агар з-он гуҳарҳо бибурдӣ касе,
Нидидӣ раҳ, арчанд ҷустӣ басе.
Ба дигар яке хона рафтанд боз,
Ба зери замин карда роҳе дароз.
Ҳама хона буд санг ҳамранги нил,
Дар ӯ чашмаи оби заррин ду мил.
Ба ҳар мил ба ҳар мӯҳрае аз булӯр,
Бар ӯ гавҳаре чун дурафшанда хур.
Гуҳарҳо фурӯзон дар об аз фароз
В-аз ӯ нур дода ҳама хона боз.
Бари чашма тахтеву марде бар ӯй
Бимурда, ба чодар ниҳанбида рӯй.
Яке ложвардин-ш лавҳе зи бар,
Бар он лавҳ сӣ хат навишта ба зар.
Сипаҳбад ба маллоҳ гуфт: -Ин бихон,
Чу бархонд, гашташ зарирӣ рухон.
Навишта чунин буд, ки ҳар к-аз хирад
Бад-ин ҷойи ороми ман бингарад,
Сазад, гар зи меҳри саройи сипанҷ
Битобад дилу тан надорад ба ранҷ.
Манам пури Ҳушанг, шоҳи баланд
Ҷаҳондор Таҳмураси девбанд.
Ҳисору тилисме чунин сохтам,
Басе гавҳару ганҷ пардохтам.
Агар бингарӣ камтарин гавҳаре,
Баҳо бештар дорад аз кишваре.

Ба чандин гуҳар дар сипанҷӣ сарой
Чу ман шаҳ намондам, кӣ монад ба ҷой?
Ту, ай паҳлавон гурди ҷӯяндаком,
Ки Гаршосп хонад-т ҳар кас ба ном,
Зи мо бар ту бод офарину дуруд,
Чу ойӣ бад-ин кохи мо-дар фуруд,
Тилисме, ки бастам, ту донӣ кушод,
Чу дидӣ, зи кирдори мо дор ёд!
Нигар, то набандӣ дил андар ҷаҳон,
Набошӣ аз ӯ эмин андар ниҳон.
Ки гетӣ яке нағз бозигар аст,
Ки ҳазмон-ш нав бозии дигар аст.
Ба ҳар неку ҳар бад, ки дорад пасеч
Нагирад ба як сон бар ором ҳеч.
Чу барқ аст аз абру чу оташ зи санг,
Куҷо равшанияш надорад даранг.
Диҳад андак-андак ба рӯзи фароз,
Пас он гаҳ ситонад ба як бор боз.
Сари ранҷ ҳар кас барад боз бун,
Кунад тоза уммеду танҳо куҳун.
Ба тадбири ӯиву ӯ ҳамчунин
Ба тадбири марги ту андар камин.
Бигард аз ваю сӯйи Яздон гарой,
Ба ҳар кор фармони Яздон бипой.
Агарчи шаҳӣ бар замину замон
Худовандро бандаӣ бегумон.
Шавӣ, кори деви бадойин кунӣ,
Пас он гоҳ бар дев нафрин кунӣ.
Агар дев роҳе намуда дуруст,
Набурдӣ зи раҳ хештанро нахуст.
Махур ғам фаровон зи рӯйи хирад,
Ки камтар зияд, он ки ӯ ғам хурад.
Нашояд бадандеш будан басе,
Кунад зиндагӣ талх бар ҳар касе.
Дароз аст раҳ, бош пардохта,
Ҳама тӯша якборагӣ сохта.
Маяфзой бори гунаҳ, к-аз гуноҳ
Чу борат гарон шуд, бимонӣ ба роҳ.
Бад-он кӯш, к-Эзид чу хонад-т пеш
Наёяд-т шарм аз гуноҳони хеш.
Ба наздики тобути заррин магард,
Ки дидӣ дар он хонаи ложвард,

Ки ҳаст андар ӯ ҳалқаву ёра чанд
Зи Ҳавво бимондаст бо гесбанд.
Ҳамон ҷома, к-Эзид ба дасти суруш
Ба Одам фиристод, к-онро бипӯш.
Дигар гавҳаре, к-ӯ диҳад андар об,
Ба торикӣ - андар чу хуршед тоб.
К-аз ин ҷойгаҳ ин се чиз он барад,
Ки якке паямбар бувад бохирад.
Зияд, то ҷаҳон бошад эзидпараст,
Ниҳон оварад Оби Ҳайвон ба даст.
Чунон гардад ин кох аз он пас ниҳон,
Ки низаш набинад кас андар ҷаҳон.
Дижам шуд сипаҳдору Меҳроҷшоҳ,
Гиристанд яксар сарони сипоҳ.
Яке бар гуноҳону кирдори хеш,
Яке бар ғарибию тимори хеш.
Бар он ҳамнишон кох бигзоштанд,
Ба киштӣ раҳи дур бардоштанд.

## 67. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАИ ТОМИЛӢ

Суйи Томилӣ шодхор омаданд,
Ба наздики дарёканор омаданд.
Пуранбӯҳ мардум яке ҷой буд,
Ҳама бумашон боғу кишту дуруд.
Магар оби хуш, к-он зи борон будӣ,
Ба дил-шон - дар андӯҳу бор он будӣ.
Чу бар рӯйи чарх абр доманкашон
Шудӣ чун садафҳои лӯлуфишон.
Ҳама кӯзаву машкҳо даршитоб
Бикардандӣ аз қатри борон пуроб.
Чу борон набудӣ ҷигар тофта,
Будандӣ лаб аз ташнагӣ кофта.
Бипурсид аз эшон яли номдор,
Ки борон наборад, чӣ созед кор?
Бутеро намуданду лавҳе ба ҳам,
Зи мис лавҳу он бут зи чӯби бақам.
Бар он лавҳ чун хатти юнониён
Чиҳил ҳарфу шаш ҳайкал андар миён.
Ба борон чу дорем, -гуфтанд, -ком,
Барорем ин лавҳу бутро ба бом.
Пас ин лавҳу бутро ба сар барниҳем,
Ниёишкунон даст бар сар ниҳем.
Бараҳна зану мард ҳар сӯ басе,
Изоре зада бар миён ҳар касе,

Бигирйему орем чандон хурӯш,
Ки дарёву куҳ гирад аз нола ҷӯш.
Ҳамон гаҳ барояд яке тираабр,
Кунад рӯйи гардун чу пушти ҳижабр.
Чунон з-оби дида бишӯяд замин,
К-аз ӯ мавҷ хезад чу дарёи Чин.
Яли нев гуфто: -Кунун, к-эдарем,
Кунед ин, ки беозмун нагзарем.
Нагирад чунин чора, - гуфтанд, -соз
Ҷуз он гаҳ, ки бошад ба борон ниёз.
Кунун к-обамон ҳаст даҳ раҳ ба ҳам,
Гар оем, н-ояд яке қатра ҳам.

## 68. ШИГИФТИИ ҶАЗИРАИ РАВАНДА

Куҳе буд ҳамон ҷо ба дарёканор,
Гирифта зи дарёканораш синор.
Пуранбӯҳ беша яке кӯҳ пеш,
Набуд ним фарсанг паҳно-ш беш,
Чу мавҷи фаровон фароз омадӣ,
Шудӣ он куҳ аз ҷою боз омадӣ:
Гаҳе рост будӣ равон пилвор,
Гаҳе чун ба новарди гурдон савор.
Гумон бурд ҳар кас, ки буд сангпушт
Бар ӯ руста аз беша хори дурушт.
Сипаҳбад зи маллоҳ пурсиш гирифт,
К-аз ин кӯҳи тозон чӣ донӣ шигифт?
Чунин гуфт маллоҳи донишпажӯҳ,
К-аз ин суни дарё дигар ҳаст кӯҳ.
Ҷазирест бар домани Зангбор,
Пуранбӯҳ шаҳре бад-ӯ устувор.
Ҳама сангу хор аст он буму марз,
Тиҳӣ яксар аз меваву киштварз.
Ба якрӯза роҳаш ҷазирест низ,
Пур аз меваву кишту ҳар гуна чиз.
Чу ояд баҳори хушу дилкушой,
Биҷунбад ба мавҷ он ҷазира зи ҷой.
Ба кирдори киштӣ зи роҳи дароз
Биёяд бари шаҳр он гаҳ фароз.
Ҳама шаҳр берун пазира шаванд,
Ба шодӣ суйи он ҷазира шаванд.
Зи нахчиру аз ҳезуму хӯрданӣ
Баранд, он чи-шон бояд аз бурданӣ.

Чу созанд яксоларо кор пеш,
Ҷазира шавад боз зӣ ҷойи хеш.
На ранҷу на пеша, нишаста ба ҷой,
Ҳама ҳар чӣ бояд, диҳад-шон Худой.
Чунин гуфт Гаршосп бо раҳнамун,
Ки рӯзий набишта нагардад фузун.
Аз он бахш, к-Эзид бикардаст пеш,
На кам гардад аз ранҷ рӯзӣ, на беш.
Даду мурғу нахчир чандин ҳазор
Нигаҳ кун, ки чун рӯз гашт ошкор.
Шаванд аз бурун гурсна бо ниёз,
Чу шаб шуд ҳама сер гарданд боз.
На мар тамъро ҳасташон пешае,
Надоранд ҷуз хурдан андешае.
Бигаштанд дарё ҳама сар ба сар,
Бидиданд чандон шигифти дигар.

## 69. БЕРУН ШУДАНИ ГАРШОСП

Пас он гаҳ зи дарё ба ҳомун шуданд,
Ба як моҳ аз Чин ба берун шуданд.
Ҳамехост Меҳроҷ, то паҳлавон
Бибинад ҳама кишвари ҳиндувон.
Намояд-ш ҷоҳу бузургии хеш,
Зи бас шаҳрёрон, к-аш оянд пеш.
Суйи шаҳрҳо шод доданд рӯй,
Шуд ин огаҳӣ назди ҳар номҷӯй.
Шаҳону меҳон корсоз омаданд,
Парастанда аз пеш боз омаданд.
Ҳама шаҳрҳо гашт ороста,
Ҳама роҳ пурнузлу пурхоста.
Замин боғи фирдавсдидор шуд,
Ҳаво абри борандадинор шуд.
Зи ромиш ҷаҳон бонги дунё гирифт,
Зи бас дурр кишвар Сурайё гирифт.
Ба даште расиданд рӯзе зи роҳ,
Беандоза бар вай зи тӯтӣ сиёҳ.
Ба тан пок ҳамвора зангоргун,
Ба чанголу минқор гулноргун.
Замин аз бас анбӯҳи эшон ба ҳам
Чу пошида бар сабз дебо бақам.

Чу дарёи Ахзар, ки ҷӯшон бувад,
Дар ӯ мавҷ бар сурх марҷон бувад.
Дарахте дар он дашт бар обканд
Гашанбаргу шодобшоху баланд.
Кабудаш тану барг яксар сапед,
Сияҳ тухмашу бор чун мушкбед.
Ҳама шохсораш пур аз тӯтиён,
Бар ӯ сохта сад ҳазор ошён.
Зи шоху танаш ҳар кӣ кард андарун,
Ба оҳан хамида ҳаме з-озмун.
Ҳамон гаҳ хурӯшидан оростӣ
В-аз ӯ чун зи раг хун равон хостӣ.
Гирифтанд аз тӯтиён бешумор,
Дигар рӯз карданд аз он ҷо гузор.

## 70. СИФАТИ БУТИ МУАЛЛАҚ ДАР ҲАВО

Ҳам аз раҳ дигар шаҳре омад ба пеш,
Бар ӯ нағз бутхона з-андоза беш.
Яке буткада дар миён сохта,
Сари гунбадаш бар маҳ афрохта.
Ҳама буму девори ӯ сода санг,
Тиҳӣ пок аз оройишу бӯю ранг.
Буте сохта моҳпайкар дар ӯй,
Бараҳна, на зарру на зевар бар ӯй.
Миёни ҳаво истода баланд,
На зераш сутуну на з-афроз банд.
Басе пайкари мардуму мурғу боз,
Зи гирдаш, миёни ҳаво парри боз.
Гурӯҳе шаман гирди ӯ анҷуман,
Сияҳшон тану дил сияҳтар зи тан.
Гирифта ҳама лакҳану баста рӯй,
Кеҳу меҳ занах сода карда зи мӯй.
Чунон буд мар он бераҳонро гумон,
Ки ҳаст ӯ Худой, омада з-осмон.
Фаришта-ст гирдаш ба пар, ҳар кӣ ҳаст,
Ба фармонаш истода эзидпараст.
Касеро, ки будӣ ба чизе ҳаво,
Чу з-ӯ хостӣ, кардӣ Эзид раво.
Аз оҳан буд он бут муаллақ ба ҷой,
Ҳам он хона аз санги оҳанрабой.

Аз он буд миёни ҳаво дошта,
Ки сангаш ҳамедошт афрошта.

## 71. ДАРАХТЕ, КИ ҲАФТ ГУНА БОРАШ БУД

Ба шаҳре расиданд хуррам дигар,
Пуроришойишу зебу хубиву фар.
Зи берун-ш бутхонае пурнигор,
Бар ӯ бекарон бурда гавҳар ба кор.
Ниҳода бар айвон-ш тахте зи оҷ,
Буте бар вай аз зарр бо тавқу тоҷ.
Дарахте гашан руста дар пеши тахт,
Ки додӣ бар аз ҳафт сон он дарахт.
Зи ангуру анҷиру наринҷу себ,
Зи нору турунҷу биҳӣ дилфиреб.
На боре бад-ин сон ба бор омадӣ,
Ки ҳар сол бораш ду бор омадӣ.
Ҳар он барг, к-аз вай шудӣ ошкор,
Будӣ чеҳри он бут бар ӯ-бар нигор.
Зи шаҳр он ки бемор будиву суст,
Чу хӯрдӣ аз он мева, гаштӣ дуруст.
Бар ӯ чун маҳи нав яке дос буд,
Ки тезиш монанди алмос буд.
Касе, к-ӯ шудӣ пеши он бут шаман,
Фидо кардӣ аз баҳри ӯ хештан.
Буни дос дар нӯки шохе дароз
Бибастиву зӣ худ кашидӣ фароз.
Фикандиш дар ҳалқ чун хамми шаст,
Ба як раҳ раҳо кардӣ он гаҳ зи даст.
Сарашро чу гӯйе барандохтӣ,
Чунин хештанро фидо сохтӣ.
Ҳамон гоҳ будӣ ба як захми сахт
Танаш бар замину сараш бар дарахт.
Сипаҳдор бо вижагони сипоҳ
Ба дидори он хона шуд ҳам зи роҳ.
Бидид он дарахти навойин ба бор,
Чу боғе пур аз гунагун мевадор.
Сараш соя густарда бар кох - бар,
Бар аз ҳафт гуна ба ҳар шох - бар.
Ҳам аз кори он дос - бар хира монд,
Бар он бут бинафриду з-он ҷо биронд.

## 72. ШИГИФТИИ ДИГАР БУТХОНАҲО

Дигар ҷой хоро яке кӯҳ дид,
Бари кӯҳ шаҳре пуранбӯҳ дид.
Ба дарвозаи шаҳр бар роҳ - бар,
Нишонда буте дид бар гоҳ - бар.
Бар ӯ мардуми шаҳр пок анҷуман
Зада ҳалқа анбӯҳу чанде шаман.
Бад-он анбуҳ-андар яке марди маст
Ба санге-бар аз дур теғе ба даст.
Нишастӣ гаҳе, гоҳ бархостӣ,
Бар он бут ба меҳр офарин хостӣ.
Пас аз ногаҳ он теғ, к-аш буд ба мушт,
Бизад бар шикам, бурд берун зи пушт.
Баду нек ҳар-ч ошкору ниҳуфт
Дар он сол буд, хост, яксар бигуфт.
Сароянда то гоҳи шаб ҳамчунин
Ҳаме буд аз ӯ хун равон бар замин.
Аз он пас бияфтид беҷон нигун,
Бар ӯ ҳар кас аз дида борид хун.
Ҳаме тез-тез оташе сохтанд,
Мар он кушта дар оташ андохтанд.
Биёмад яке мард аз он анҷуман,
Ки сӯзад зи меҳраш ҳаме хештан.
Шаман ҳар чӣ буд гирди оташ фароз,
Ситоданд бо найзаҳои дароз.
Ба каф тоси равған кеҳону меҳон,
Чу тинбулу фӯфил-ш андар даҳон.
Ба пой-андарун мӯзаву баста рӯй,
Зада гирди он мард саф ҳамчу кӯй.
Зи наззора бархоста бонгу ҷӯш,
Зи бонги дуҳул рафта бар маҳ хурӯш.
Басе панд доданду нашнид панд,
Чу парвона танро ба оташ фиканд.
Бас аз бими он хост, к-орад гурез,
Задандаш ба нӯки синонҳои тез.
Фишонданд равған бар ӯ, то ба ҷой
Сабуктар барафрӯхт сар то ба пой.
Чу ангишт гашт оташу рафт дуд,
Бибурданд хокистари ҳар ду зуд.
Бари Гангу ҳаҷгоҳашон тохтанд,
Бад-он оби Ганг андар андохтанд.

Чунин омад ойинашон аз нахуст,
Буд ойину кеше беандому суст.
Ба Яздон ба дину дил афрӯхтан
Расад мард, н-аз хештан сӯхтан.
Хирадманд кӯшад, к-аз оташ раҳад,
На худро ба сӯзанда оташ диҳад.
Худ Иблис, к-аз оташи тез буд,
Чӣ покиш буд, ё чӣ омад-ш суд.
Гар оташ намудӣ ба доранда роҳ,
Набудӣ ба дӯзах-дараш ҷойгоҳ!

❁ ❁ ❁

Ба шаҳре дигар дид бутхонае,
Шаман мар варо ҳар чӣ фарзонае.
Бад-ӯ дар буте аз ҳам оҳан-ш тан,
Зи буссад-ш тоҷ, аз гуҳар пераҳан.
Кафи дастҳо барниҳода ба бар,
Яке дасташ аз симу дигар зи зар.
Ба пеш - андараш ҳавзе аз зарри ноб,
Равон аз даҳонаш дар он ҳавз об.
Киро будӣ аз дард бемор тан,
Бишустӣ бад-он об дар хештан.
Се раҳ бурдӣ аз пеши он бут намоз,
Суйи дасти ӯ даст бурдӣ фароз.
Бут ар додӣ он даст, к-аз зарр буд,
Бад-он дард - дар мурдӣ он мард зуд.
В-ар он даст додӣ, ки будӣ зи сим,
Бирастӣ зи бемориву тарсу бим.
Ҳар он, к-аз пайи музд аз он ҳиндувон
Фидо кардӣ аз пеши он бут равон.
Пуроташ яке ташти рахшон зи зар
Захира саре барниҳодӣ ба сар.
Задӣ пеши ӯ зонувон бар замин,
Ҳаме хондӣ аз дил ба меҳр офарин.
Чунин то-ш ду дида бигдохтӣ,
Зи мижгон ба рухсор бартохтӣ.

❁ ❁ ❁

Ба шаҳре дигар бо сипаҳ баргузашт,
Ба раҳ гунбаде дид бар паҳндашт.
Дар ӯ чашмаи оби равшан чу занг
Ба наздаш буте мардпайкар зи санг.
Бар он шаҳр-дар ҳар зане хубрӯй,
Ки тухмаш баровар набудӣ зи шӯй.

Чу ҳамҷуфти он бут шудӣ дар ниҳуфт,
Аз он пас барӯманд гаштӣ зи ҷуфт.
Ҳар он кас, ки кардӣ ба кандан-ш рой,
Фитодӣ ҳамон гоҳ беҷон ба ҷой.

❁ ❁ ❁

Дигар дид шаҳре чу хуррамбаҳор,
Дар ӯ нағз бутхонае зарнигор.
Миёнаш дарахте чу сарви сиҳӣ,
Ки аз бор ҳаргиз нагаштӣ тиҳӣ.
Ҳам аз беҳи ӯ хостӣ кимиё,
Будӣ барги ӯ чашмро тӯтиё.
Чу ҷустӣ касе бо касе гуфтугӯй
Ба чизе, ки савганд будӣ бад-ӯй,
Зи пӯлод сандоне андар шитоб
Бибурдӣ чу тафсида ахтар зи тоб.
Яке барги тар з-он дарахти бабар
Ниҳодӣ абар дасту сандон забар,
Кафаш сӯхтӣ, гар будӣ оҳманд
В-агар рост будӣ, накардӣ газанд.
Зи пирӯзаву наъли рӯйин дигар
Набуд чизе он ҷо баҳогиртар,
К-аз ин ҳар ду аз баҳри номи баланд
Кулаҳ сохтӣ марду зан гесбанд.
Ситорапарастон басе чанд низ
Шигифт андар он кеш бисёр чиз.
Ҳамон низ, к-аз пеши гову хурӯс
Шудандӣ парастандаву чоплус.

## 73. СИФАТИ ҲАЛОЛЗОДА ВА ҲАРОМЗОДА ВА ДИГАР ШИГИФТИҲО

Куҳе дид дигар зи санги сиёҳ,
Бурун карда з-ин сӯ бар он сӯй роҳ.
Киро кас надонистӣ аз буми Ҳинд,
Ки ӯ покзод асту гар ҳаст синд.
Бирафтӣ ба сӯрохи он куҳ фароз,
Гирифтӣ ду даст аз паси пушт боз.
Гузаштӣ аз ӯ, гар будӣ покзод,
Бимондӣ миён-ш, ар будӣ баднажод.

❁ ❁ ❁

Ба кӯҳе дигар буд коне фарох,
Фарозаш камар, басту бун - девлох.

Зи боло ду чиз аз дили санги сахт
Бурун тохта чун турунҷ аз дарахт.
Яке з-ӯ бунафшу дигар ҳамчу зар,
Бунафшиш позаҳру заҳр он дигар.
Набуд раҳ бад-ӯ, лекин аз ногузир
Зи боло фикандиш ҳар кас ба тир.
Ҳамедоштандӣ мар ӯро нигоҳ,
Набурдӣ кас он, ҷуз суйи ганҷи шоҳ.
Куҳе дид дигар ба маҳ бар сараш
Яке кони оҳан шигифт аз бараш,
Ки бе оташ оҳан-ш буд лаългун,
Чунон буд, к-аз оташ орӣ бурун.
Ба шаб ҳамчу ахтар намудӣ зи тоб,
Гирифтӣ ба рӯз оташ аз офтоб
Чу алмос пӯлод бигзоштӣ
В-аз об-андарун санг бардоштӣ.
Шудӣ дур аз ӯ санги оҳанрабой,
В-аз оташ бибудӣ сияҳ ҳам ба ҷой.
Аз он теғи Меҳроҷ будию бас,
Надодӣ аз он теғ ҳаргиз ба кас.
Яке теғ аз ӯ то бибурдӣ ба ганҷ,
Ба каф н-омадӣ ҷуз ба бисёр ранҷ.
Киро рехтандӣ бад-он теғ хун,
Нарафтӣ зи тан хун магар з-андарун.
Дигар дид аз ин гуна чандон шигифт,
Ки натвон шумораш ба соле гирифт.
Ҳама коми Меҳроҷ аз он буд зи пеш,
Ки бинад ҳама подшоҳии хеш.
Ҷаҳонпаҳлавонро зи ҳар сӯ, ки хост,
Ҳамегашт з-ин гуна се соли рост.
Ба озодияш назди Заҳҳокшоҳ
Набиштӣ ҳаме нома ҳар чанд гоҳ.
Ба ҳар нома сад лоба орости,
Ба будан-ш пӯзиш ҳамесохтӣ.

## 74. БОЗГАШТАНИ ГАРШОСП ВА СИФАТИ ХОСТА

Чунин то ба Қуннуҷаш овард шод,
Пас он гаҳ дари ганҷҳо баркушод.
Маҳе шоду меҳмон ҳаме дошташ,
Ки як рӯз бе базм нагзошташ.
Сари моҳ чандон-ш ҳадя зи ганҷ
Бибахшид, к-омад шумурдан-ш ранҷ:

Зи хиргоҳу аз хаймаву фаршу рахт,
Зи тавқу камар, з-афсару тоҷу тахт,
Ҳам аз зарри сова, ҳам аз руста низ,
Ҳам аз дурру ёқуту ҳар гуна чиз,
Ҳам аз шеру товусу нахчиру боз
Бидодаш басе чизи зарринасоз.
Даруншон зи кофуру аз мушк пур,
Нигорида берун зи ёқуту дур;
Забарҷадсуру гове аз зарри ноб,
Сум аз ҷазъу дандон зи дурри хушоб;
Гуҳарҳои конӣ зи позаҳру заҳр,
Чиҳил пилу маншури даҳ бора шаҳр;
Ба баргустувон панҷаҳ аспи гузин,
Дигар сад шутур бо ситому ба зин;
Зи хафтону аз диръу ҷавшан ҳазор,
Зи хишту зи ханҷар фузун аз шумор;
Зи динору аз нуқра хирвор шаст,
Зи зарбафту хилъат саду бист даст;
Парастор сесад бутони Чигил,
Саройе дусад ридаки дилгусил;
Ҳар он зар, ки аз бож дар кишвараш
Расидӣ зи ҳар номдоре бараш.
Аз ӯ хишти заррин ҳамесохтӣ,
Яке чашма буд, бар вай андохтӣ;
Садаш дод аз он ҳамчу оташ ба ранг,
Ки ҳар хишт даҳ ман баромад ба санг.
Яке ҳулла додаш дигар, к-аз шаҳон
Ҷуз ӯ ҳеч касро набуд дар ҷаҳон.
Бар ӯ ҳар замон аз ҳазорон фузун
Падид омадӣ пайкари гунагун.
Будӣ рӯз лаъле, шаби тира зард,
На нам ёфтӣ з-абру н-аз бод гард.
Киро тан зи дарде ҳаросон шудӣ,
Чу пӯшидӣ онро, таносон шудӣ.
Аз ӯ ҳар касе бӯйи хуш ёфтӣ,
Ба торикӣ аз шамъ беҳ тофтӣ.
Ба эрониён ҳар кас аз саркашон
Басе чиз бахшид ҳам з-ин нишон.

❃ ❃ ❃

Пас аз баҳри Заҳҳокшаҳ соз кард,
Басе гунагун ҳадя оғоз кард.
Саропардаи деба бар ранги нил,
Ки пиромани доманаш буд ду мил,

Чу шаҳре дусад бурҷ гирдаш ба пой,
Сипаҳро ба ҳар бурҷ баркарда ҷой;
Яке фарши дебо, дигар ранг-ранг,
Ки буд кишваре пеши паҳнош танг,
Зи ҳар кӯҳу дарёву ҳар шаҳру бар,
Зи Ховарзамин то дари Бохтар
Нигорида бар гирди ӯ гунагун,
К-аз он ҷо чӣ оранду он бум чун;
Зи зарру забарҷад яке нағз боғ,
Дар ӯ ҳар гул аз гавҳари шабчароғ;
Дарахте дар ӯ, шох бар вай ҳазор,
Зи пирӯза баргаш, зи ёқут бор;
Ба ҳар шох - бар мурғе аз ранг-ранг,
Забарҷад ба минқору буссад ба чанг;
Чу об андар ӯ роҳ кардӣ фарох,
Дарахт аз бун он баркашидӣ ба шох.
Сар аз шох ҳар мурғ бифрохтӣ,
Ҳаме ин аз он беҳ наво сохтӣ.
Дирам буд дигар номи ӯ Кимвор,
Аз ӯ бор фармуд шаш пилвор.
Ба даҳ пил - бар мушки Байтол буд,
Ки ҳар нофа з-ӯ ҳафт мисқол буд.
Даҳ аз анбару заъфарон буд низ,
Даҳ аз уду кофуру ҳар гуна чиз.
Зи сими сара хоя сад бор ҳашт,
Ки ҳар як ба мисқол сад баргузашт.
Сапедиш кофуру зардиш зар,
Яке баҳраро шӯшаҳо з-ӯ гуҳар;
Сухангӯй тӯтӣ дусад ҷуфт-ҷуфт
Ба заррин қафасҳову дебо ниҳуфт;
Кату хаймаву хиргаҳу шорвон,
Зи ҳар гуна чандон, ки даҳ корвон;
Зи говони гардункашу боркаш,
Хуриш гунагун бор, сад бор шаш;
Ҳазори дигар бор дандони пил,
Ҳазору дусад сандалу уду нил;
Дусад ҷавшану ҳафтсад диръу тарг,
Саду бист банд аз суруҳои карг;
Чиҳил танг бор аз муламмаъ хуту,
Зи гавҳар даҳ афсар зи ганҷи Баҳу;
Зи карг аз ҳазорон нигорин сипар,
Се чандон найи румҳ баста ба зар;
Сарире зи зар бар ду пили сапед,
Зи ёқут тоҷе чу рахшанда шед;

Аз он оҳани лаългун теғ чор,
Ҳам аз рӯҳаниву балолак ҳазор;
Ҳазор аз булӯрин табақ нобисуд,
Ки ҳар як ба ранг об афсурда буд;
Зи ҷому пиёла навад бор шаст,
Зи беҷода сӣ хону панҷоҳ даст;
Зи зар чорсад бор динори ганҷ,
Ба хирвор нуқра дусад бор панҷ;
Зи заркоса ҳафтод хирвору анд,
Зи симина олат кӣ донад, ки чанд!
Ҳазору дусад ҷуфт бурданд ном
Зи сандуқ уду зи ёқут ҷом;
Ҳам аз шораву талку хаззу паранд,
Ҳам аз махмалу ҳар таройиф зи Ҳинд;
Ҳазор аспи куҳпайкари тезгом
Ба баргустувону ба заррин ситом;
Ҳазори дигар куррагони ситоғ,
Ба ҳар як бар аз номи Заҳҳок доғ;
Даҳу ду ҳазор аз бути моҳрӯй,
Чи турку чи ҳинду, ҳама мушкмӯй;
Зи дурру забарҷад зи баҳри нисор
Ба сад ҷом баррехта сӣ ҳазор;
Яке дурҷи заррин нигораш зи дур,
Дарунаш зи ҳар гавҳаре карда пур;
Гуҳар буд, к-аз об оташ ангехтӣ,
Гуҳар буд, к-аз ӯ мор бигрехтӣ.
Гуҳар буд, к-аз ӯ аждаҳо сарнигун
Фитодиву ҷастӣ ду чашмаш бурун;
Гуҳар буд, ки шаб нураш об аз фароз
Бидидӣ, ба шамъат набудӣ ниёз;
Яке гавҳар афзуд дигар бад-он,
Ки хондӣ-ш доно шаҳи гавҳарон.
Ҳама гавҳареро зада гом кам,
Кашида суйи хеш аз хушк нам.
Чунин буд ҳазору дусад пилвор,
Ҳам эдун зи говон даҳу шаш ҳазор.
Саду бист пили дигар бор низ
Буд аз баҳри Асрат зи ҳар гуна чиз.
Яке нома бо ин ҳама хоста,
Дар ӯ пӯзиши бекарон хоста.
Сипаҳбад буна пешро бор кард,
Буҳуро биёварду бар дор кард.
Танашро ба тири саворон бидӯхт,
Киро банд буд карда, б-оташ бисӯхт.

Гилеме, ки бошад бад-он сар сиёҳ,
Нагардад бад-ин сар сапед, ин маҳоҳ!
Набояд-т ранҷ, ар бувад бахт ёр,
Чи шуд бахт бад, чора н-ояд ба кор.
Хуйи гетӣ ин асту кирдор-ш ин,
На меҳраш бувад пойдору на кин.
Чу шоҳест бедодгар аз сиришт,
Ки бокаш наёяд зи кирдори зишт.
На-ш аз офарин нозу на-з ғам нажанд,
На шарм аз накӯҳиш, на бим аз газанд.
Чӣ хонад ба ному чӣ ронад ба нанг,
Миён - андарун бас надорад даранг.
Чӣ соя-ст аз абру чӣ рафтан зи об
Чу меҳмоние, ки ту бинӣ ба хоб.
Чу тадбири дарвеши гумбурдабахт,
К-аз андеша худро диҳад тоҷу тахт,
Ниҳад ганҷу созад сарои нишаст,
Чу дид, он гаҳе бод дорад ба даст.
Анӯша касе, ки накӯном мурд,
Чу эдар танаш монд, некӣ бибурд!
Касе, к-ӯ накӯном мирад ҳаме,
Зи маргаш таассуф хурад оламе.

## 75.БОЗГАШТАНИ ГАРШОСП АЗ ҲИНД БА ЭРОН

Сипаҳдор аз он пас баророст кор
Шудан суйи Эрон бари шаҳрёр.
Бурун рафт Меҳроҷ бо ӯ ба ҳам,
Ҳамерафт як ҳафта раҳ бешу кам.
Сари ҳафта бадруд кардаш пагоҳ,
Шуд ӯву сипаҳдор бардошт роҳ.
Чу ин огаҳӣ назди Асрат расид,
Гули шодӣ андар дилаш бишкуфид.
Пазира бурун рафт бо саркашон,
Дирам реза карданду гавҳар фишон.
Фитод аз баму зер дар чарх ҷӯш,
Зи кӯсу табира баромад хурӯш.
Ҳаво сар ба сар мушки соро гирифт,
Замин чарх дар чархи дебо гирифт.
Аз озин дару бом шуд пурнигор,
Зада килла дар килла товусвор.

Ба рух лаъл ҳар як, ба дил шодком,
Бад-ин даст руду бад-он даст ҷом.
Ҳама кӯй – дебо, ҳама раҳ – гуҳар,
Ҳама бод – мушку ҳама хок –зар.
Падар бо писар якдигарро канор
Гирифтанду карда ғам аз дил канор,
Зи раҳ сӯйи айвон кашиданд шод,
Ҳама ранҷҳо паҳлавон кард ёд.
Бар ӯ ҳар чӣ Меҳроҷшаҳ дода буд,
Ҳам аз баҳри Асрат фиристода буд.
Ба ганҷи ниёгон ниҳод, он чи хост,
Аз он пас баросуд як моҳи рост.

## 76. РАФТАНИ ГАРШОСП БА НАЗДИ ЗАҲҲОК

Сари маҳ дигар ҳадяҳо бо сипоҳ
Гусӣ карду шуд назди Заҳҳокшоҳ.
Пайи гирдбоди шитобон гирифт,
Раҳи Систону биёбон гирифт.
Биёбоне аз вай рамон деву шер,
Ҳама хок – регу ҳама шах – кавир.
Зи болои гардун-ш паҳно фузун,
Дарозош аз он сӯйи гетӣ бурун.
Зи бас шӯра аз зеру з-афроз гард,
Заминаш сапеду ҳаво ложвард.
Бад-ӯ дар зи ҳар сӯ зи ғӯлон ғирев,
Шаб андар ҳаво гунагун чеҳри дев.
Гули ӯ тапон чун дили тофта,
Шахаш чун лаби ташнагон кофта.
Гиё ҳар якаш чун яке ҷангҷӯй,
Сипар – баргу теғу синон – хори ӯй.
Ту гуфтӣ, ки бумаш аз оташ бихаст,
Тафи боди тундаш дами дӯзах аст.
Замон то замон боди ҳомуннаворд
Бибастӣ дар ӯ чашму чашма зи гард.
Гаҳ аз шӯра шебе биянбоштӣ,
Гаҳ аз рег кӯҳе барафроштӣ.
Агар аспи гардун будӣ маҳсавор,
Аз ӯ ҷуз ба соле накардӣ савор.
Ба чунин биёбону реги равон
Сипаҳ бурду бардошт раҳ паҳлавон.

Чунин то бад-он ҷо, ки хонӣ Заранҷ,
Чу омад, баросуд лахте зи ранҷ.
Зи хурмоситонҳову беду биҳӣ
Надид андар он бум як пай тиҳӣ.
Ду манзил замин то лаби Ҳирманд
Буд оби хушу бешаву киштманд.
Зада хайма гирдаш басе сорвон,
Гала сохта з-уштурон корвон.
Хуш омад-ш, гуфто: -Чу аз пеши шаҳ
Биёям, кунам шаҳре ин ҷойгаҳ.
К-аз ин бор бандам ба Зовулситон,
Бигирам шаҳӣ то ба Ковулситон.
В-аз он ҷо дигарбора раҳ баркашид,
Суйи Басраву бодия даркашид.
Ҳамерафт то назди дижҳухти Ганг,
Ки н-овард ҷойе замоне даранг.
Ҳама бодия буд бад-он рӯзгор
Пур аз чашмаву бешаву марғзор.
Дарахтон зи ҳар гуна фарсанг шаст,
Ҳама шохҳо даст дода ба даст.
Зи хушшӣ будаш Минуобод ном,
Чу бигзашт аз ӯ паҳлавон шодком.
Ба раҳ - бар яке хуш деҳу роғ дид,
Пур аз мева гирдаш басе боғ дид.
Ба боғе тамошокунон гирдгард
Дарун рафт, то рух бишӯяд зи гард.
Ҳамегашт бо ридакони сарой
Разе чанд диданд он ҷо ба пой.
Худованди раз тунду нопок буд,
Ба деҳ кеҳ буду хеши Заҳҳок буд.
Хабар ёфт, омад дижам карда чашм,
Бад-он чокарон бонг барзад ба хашм,
Ки раҳ сӯйи ин раз шуморо кӣ дод?
Кадом аблаҳи ғарча ин дар кушод?
Кӣ баст эдар ин бораи сангсум,
Ки акнун бияндозамаш гӯшу дум?!
Зи чандин разон рост андар шитофт,
Забунӣ зи ман дастхуштар наёфт.
Надонад, ки бо доди шоҳи далер
Кунад бачча харгӯш бар пушти шер!
Яке гуфт, к-ай аблаҳи рӯзкӯр,
Ҳаме даст бо чарх сойӣ ба зӯр.

Ту чун бифканӣ з-аспи ӯ думму гӯш,
Ки сар-т ӯ фикандан тавонад зи дӯш.
Ба дил гармӣ ар накнӣ аз рӯйи панд,
Забон боре аз сард гуфтан бибанд!
Гарат некӣ аз рӯйи кирдор нест,
Накӯ гӯй боре, ки душвор нест!
Сипоҳдори шоҳ аст ин, к-эдар аст,
Набинӣ, ки гетӣ ҳама лашкар аст!
Барошуфту гуфто: -Сипаҳдор кист?
Ҷаҳонро ҷуз  аз шаҳ нигаҳдор нест!
Чу дуздида шуд чиз бе доварӣ,
Чӣ ногавҳарӣ дузду чӣ гавҳарӣ.
Бизад бар сари мард тозёна чанд,
Фикандан ҳамесохт гӯши саманд.
Раҳӣ рафту бо паҳлавон, ҳар чӣ рафт,
Бигуфту биёмад сипаҳдор тафт.
Бар он рустоигуруҳ ҳар кӣ буд,
Барошуфту з-эшон якеро рабуд.
Бизад бар ду тан, ҳар се танро бикушт,
Гирифт он гаҳе риши кеҳбуд ба мушт.
Сараш канду дар зери пай кард хурд,
Ҳама деҳ ба тороҷу оташ супурд.
Кеҳу меҳ зи пайванди ӯ ҳар кӣ ёфт,
Ҳама кушту з-он ҷо суйи шаҳ шитофт.
Зи хешони кеҳбуд бародар-ш монд,
Зи дарди ҷигар хок бар сар фишонд.
Ба наздики Ширӯй шуд додхоҳ,
Ки ӯ буд сияҳпӯши даргоҳи шоҳ.
Ҳама ҷома зад чоку фарёд кард,
Бади паҳлавон пеши ӯ ёд кард.
Бад-ӯ гуфт Ширӯйи гарданфароз:
-Бимон, то биёяд ба даргаҳ фароз.
Инон гирашу дасту фарёд кун,
Ки ман худ бигӯям ба шоҳ ин сухун.
Ба шамшери тез ар сараш н-афканам,
На Ширӯйи кинҷӯйи шеравжанам.
Ҷаҳоне буд аз паҳлавон хира пок,
К-аз он бад зи Заҳҳок н-омад-ш бок
Азеро, ки дар кишвараш бешу кам
Касе гар касеро намудӣ ситам,
Будӣ дода мағзи ситамкора зуд
Ба морон, ки бар китфи ӯ руста буд.

Ситорашумар низ гашти сипеҳр
Бад-ӯ гуфта буд аз раҳи кину меҳр,
Ки гар бад намойӣ-ш, монӣ нажанд
В-араш хуб дорӣ, набинӣ газанд.
Бар ӯ гарданат рост бар кори тахт
Барояд ба дасташ басе кори сахт.
Раво дошт з-ин рӯй бозори ӯй,
Начустӣ зи бун ҳаргиз озори ӯй.
Раҳӣ, к-ӯ ба дил шодмон дорадат,
Беҳ аз бад писар, к-ӯ биёзорадат.
Чу омад ба наздики дурӯза роҳ,
Бифармуд, то шуд пазира сипоҳ.
Дирафши дилафрӯзу кӯси бузург
Фиристод бо сарварони сутург.
Ҳам эдун ҳазор аспи зарринситом,
Саду шаст манчуқ аз баҳри ном.
Дусад пили ороста ҳамчунин
Ба баргустувонҳои зарбафти Чин.
Зи ёқут ҳар пилбонро камар,
Зи зар афсару гӯшвор аз гуҳар.
Гирифта ҷаҳон нолаи карраной,
Хурӯшон шуда зангу ҳиндӣ дарой.
Дигар жандапиле дижогоҳ буд,
Ки вежа нишасти шаҳаншоҳ буд.
Ба дидору боло чу кӯҳе зи барф,
Фиристод бо созҳои шигарф.
Бифармуд, то барнишинад бар он,
Пиёда хироманд пешаш сарон.
Табиразанонашон фиристод пеш,
Ба шодиш биншонд бар тахти хеш.
Бипурсид бисёру бӯсид чеҳр,
Навозид ҳар гуна в-афзуд меҳр.
Нахуст аз гуҳарҳо, ки буд сӣ ҳазор,
Ҷаҳонпаҳлавон кард пешаш нисор.
Замин бӯса дод, офарин густарид,
Сесола ҳама ёд кард, он чи дид.
В-аз он ҷо суйи кох шуд шод боз,
Фиристодани ҳадяҳо кард соз.
Ҳама рӯз то шаб ҳама пеши шоҳ
Кашиданд ҳар чиз беш аз ду моҳ.
Чунин то кашанда сутуҳ шуд зи ранҷ,
Бибуд коххо танг аз оганда ганҷ.
Шуморанда шуд сусту монда дабир,
Дили шоҳу лашкар ҳама хирахир.

Наёмад бурун он ду маҳ паҳлавон,
Ҳаме буд кеҳбуд дар андуҳ навон.
Ба сӯзи бародар-ш дил гашта чок,
Сияҳҷома бар тан-ш пурхуну хок.
Бад-ӯ гуфт Ширӯй, к-ӯ ин ду моҳ
Зи бимам наёмад ҳаме пеши шоҳ.
Валекин чу фардо биёяд бадар,
Даровез аз ӯ дасту фарёд бар,
Ки ман он гаҳе пеши шаҳ ёди ту
Расонам, ситонам аз ӯ доди ту.
Чу оҳехт бар ҷанги шаб рӯз теғ,
Ситора гирифт аз сапеда гуреғ.
Шуд аз ҷангашон гунбади нилгун
Чу сӯги баролуда доман ба хун.
Ба дидори шаҳ шуд яли сарфароз
Чу омад ба наздики даргаҳ фароз.
Бизад кеҳбуд андар инонаш ду даст,
Хурӯшиду ғалтид бар хок паст.
Бипурсид ял, к-аз кӣ гаштӣ дижам?
Бад-ӯ гуфт, к-аз туст бар ман ситам!
Туӣ, к-аз раҳи дод баргаштаӣ,
Ба деҳ мар бародарм-ро куштаӣ.
Шубоне, ки ӯ бар рама шуд сутург,
Кушад гӯспандон, чӣ ӯву чӣ гург!
Яди паҳлавон чун шунид ин, зи хашм
Гиреҳ зад бар абрӯву бартофт чашм.
Чунин гуфт, к-ай пушти сахти ту кӯз,
Касе аз шумо занда мондаст нӯз?!
Маҳи чарх кин баркашид аз ниём,
Сар аз тан бияндохташ бист гом.
Ба чарху маҳу меҳр савганд х(в)ард,
К-аз ин пас фиристам ба ҳар ҷой мард.
Кушам, ҳар чӣ з-ин тухма орам ба даст,
Агар худ бари шоҳ дорад нишаст!
Чӣ шуд пеши шаҳ, дид Ширӯйро,
Ҳамегуфт шоҳи ҷаҳонҷӯйро,
К-аз ин сон ба якбора гаштӣ забун,
Ки дар пеши тахти ту резанд хун?!
Ҳар он шоҳ, к-ӯ хор дорад шаҳӣ,
Шавад зуд аз ӯ тахти шоҳӣ тиҳӣ.
Гунаҳкор чун бад набинад зи шоҳ,
Далерӣ кунад бештар бар гуноҳ.

Чу дар доди шоҳ оварад костӣ,
Бипечад сари ҳар кас аз ростӣ.
Раҳӣ аз ҳунар гарчи чирӣ кунад,
Нашояд, ки бар шаҳ далерӣ кунад.
Ҳама кор шояд ба анбозу дӯст,
Магар подшоҳӣ, ки танҳо накӯст.
Бипурсид шоҳ он суханҳо ниҳуфт,
Бад-ӯ паҳлавон, он чи буд, бозгуфт.
Аз он деҳ ду кас бо худ оварда буд,
Бар он кори кеҳбуд гуво карда буд.
Гувоҳӣ бидоданд дар пеши шоҳ,
Ки аз кеҳбуд омад нахустин гуноҳ.
Сипаҳбад зи Ширӯй шуд дилнажанд,
Барошуфту гуфт: -Ай бадандеши ринд,
Чаро он нагӯйӣ, ки бошад дуруст?!
Бад-он бад бисозӣ, ки монанди туст?!
Зи як сӯ бара пеши гург оварӣ,
Дигар сӯ кунӣ бо шубон доварӣ.
Бараҳна ҳаме барзанӣ бо паланг,
Ба дарё кунӣ ошно бо наҳанг.
Бар он чашма, к-аспи ман афшонд гард,
Наёрад жаён шер аз он об х(в)ард.
Чу гирад таги боду абр абрашам,
Сазад, гар шавад моҳ таркашкашам.
Шабу рӯз ар оранд бо ман ситез,
Ба ханҷар кунам ҳар дуро рез-рез.
Ман ин ҷойгаҳ шоҳро чокарам,
Вагарна дигар ҷо шаҳи кишварам.
Надонӣ, ки б-оташ танат сӯхтӣ,
Туро ҳам ба дастат кафан дӯхтӣ.
Надонӣ, ки фардот шеван бувад,
Чу кеҳбуд сарат монда бетан бувад.
Чунон чун ту ҳастӣ сияҳпӯши шоҳ,
Ба марги ту модар-т пӯшад сиёҳ.
На аз пушти покам, агар тандуруст
Бимонам туро в-он ки ҳампушти туст.
Агар шаҳ кунад, он чи аз вай равост,
Вагарна кунам ман худ, он чи-м ҳавост.
Бигуфт ину бо хашму дашном тез
Биёмад суйи хона дил пурситез.
Шаҳ ошуфта шуд, омад аз тахт зер,
Сабук дод Ширӯйро хӯрди шер.
Сарою ҳама чизи он баднажод
Ситад, мар ҷаҳонпаҳлавонро бидод.

Аз он пас дигар поя бифрошташ,
Замон то замон хубтар дошташ.
Ба наздики Асрат яке нома низ
Фиристоду аз ҳадя ҳар гуна чиз.
Ба нома зи гурди сипаҳбаднажод
Басе кард хушнудиву меҳр ёд.
Дигар гуфт: -Хоҳам, к-аз ин паҳлавон
Бувад тухмаву ном то ҷовидон.
Зи тухми бузургон ҳамонанди ӯй
Яке ҷуфти покизагавҳар биҷӯй.
Гуҳаршон бипайванд бо якдигар,
Ки пайваста некӯтар ояд ба бар.
Нашояд чунин шер, к-аз марғзор
Шавад бачча нодида андар канор.
Дареғ ояд ин зодсарви сиҳӣ
Шуда, монда боғ аз ниҳолаш тиҳӣ.
Чунон кун, ки чун пой аз пушти зин
Дар орад, ту пардахта бошӣ аз ин.
Яке ҳафта з-он пас ба шодиву ноз
Ҳамебуд бо гурди гарданфароз.
Сари ҳафта фармуд, к-оғоз кун
Шуданрову кори сипаҳ соз кун.
Ба назди падар чун расидӣ зи роҳ,
Яке ҷуфти шойистаи худ бихоҳ.
Зи ту монд хоҳад нажанде бузург,
Ҳама паҳлавонони гурди сутург,
Ки ҳар як сари номдорон буванд,
Нишонандаи шаҳрёрон буванд.
Аз он беҳ чӣ дар ошкору ниҳон,
Ки орӣ яке чун худ андар ҷаҳон.
Ба фарзанд хуррам бувад рӯзгор,
Ҳам аз вай шавад талхии марг хор.
Гумоне набурдаш дили роҳҷӯй,
Ки он аз бародар-ш бошад, на з-ӯй.
Дирафши наву кӯсу пардасарой,
Кулоҳу гуҳар, теғу мӯҳру қабой,
Сазовори ӯ ҳар чӣ буд, сар ба сар,
Ҳама доду кардаш гусӣ зӣ падар.
Чу омад ба Зовул яли кинатӯз,
Баросуд бо коми дил ҳафт рӯз.
Аз он пас барои дилорой зан
Сари ҳафта шуд бо падар ройзан.
Мар ӯро яке духти озода буд,
Ки маҳ дил зи хубӣ бад-ӯ дода буд:

Нигоре, ба рух рашки ҳури биҳишт,
Зи покиш хӯю зи хубӣ сиришт,
Ба зулф аз шаба карда маҳ шабнамой,
Ба ҷоду ду чашм аз парӣ дилрабой.
Падар з-ӯ ба пайвандаш ин ҷуст ком,
Нашуд гурди саркаш бад-он рой ром.
Дигар ҳар чӣ аз тухмаи саркашон
Касе духтаре дод дилбар нишон,
Пажӯҳид бисёру кӯшид чанд,
Наёмад зи хубон касаш дилписанд.

## 77. ДОСТОНИ ШОҲИ РУМУ ДУХТАРАШ

Ба Рум - андарун буд шаҳе номҷӯй,
Ки дар Румия буд ороми ӯй.
Ба шоҳиш ҳар сӯй густарда ном,
Ба комаш ҳама кишвари Рум ром.
Будаш духтари лоларух, к-аз парӣ
Рабудӣ дил аз кашшию дилбарӣ.
Яке сарв пайваста бо маҳ сараш,
Чӣ моҳе, ки буд анбарин афсараш.
Гули некуйиро рухаш бӯстон,
Бад-он бӯстон дода дил дӯстон.
Ду марҷонаш аз ҷон бурида шикеб,
Ду бодомаш аз ҷодувон дилфиреб.
Рухаш моҳу бар маҳ зи зангӣ сипоҳ,
Занах себу дар себ дилгир чоҳ.
Зи хубӣ фузун дошт фарру ҳунар,
Бад-ӯ рост буд пушти бахти падар.
Зи дил ҳар чӣ ройи падар хостӣ,
Ба ҳар кор тадбир аз ӯ хостӣ.
Басе хостандаш каёнзодагон,
Зи ҳар кишвар омад фиристодагон.
Падар-ш аз буна ҳеч касро надод,
Ки бе ӯ набудӣ яке рӯз шод.
Ба кас низ духтар дил андарнабаст,
Ки ноком шоҳиш рафтӣ зи даст.
Ба ҳар кому шодӣ шаҳӣ саркаш аст,
Шаҳӣ, гарчи якрӯза бошад, х(в)аш аст.
Меҳин пойгаҳ подшоӣ бувад,
Бар аз подшоӣ худоӣ бувад!
Надодаш падар, чанд аз ӯ хостанд,
Шаҳон з-ин сабаб душманаш хостанд.

Басе чораҳо ҷусту тарфанд кард,
Саранҷом пинҳон яке банд кард.
Бифармуд, то сохт марди фусун
Камоне, зи панҷаҳ ман оҳан фузун.
Ба оҳан зи чӯбу суру карда кор,
Камондаставу гӯша оҷинигор.
Зи занҷир бар вай зеҳе сохтанд,
Зи гирдаш паю тӯз пардохтанд.
Биёвехт аз гӯшаи боргоҳ
Ба паймон чунин гуфт пеши сипоҳ,
Ки домодам он кас бувад, к-ин камон
Кашад, гарч бошад зи ҳар кас кам он.
Чу зад паҳлавон чанд гаҳ ройи ҷуфт,
Ниҳон аз падар бо дили хеш гуфт:
-Ба кас кори ман барнаёяд ҳаме,
Аз ин пас маро рафт бояд ҳаме.
Диҳад коҳилӣ мардро дил нажанд,
Дари донишу рӯзӣ орад ба банд.
Зи бешарм зан тира гардад равон,
Ҳам аз бехирад пиру коҳил ҷавон.
Туро чун набошад ғами кори хеш,
Ғами ту надорад касе аз ту беш.
Сафар нест оҳу, ки вологуҳар
Чу бинад ҷаҳон, беш гирад ҳунар.
Зи ҳар гуна бинад шигифтӣ басе,
Гирад гунагун дониш аз ҳар касе.
Хазону зимистон, тамузу баҳор
Ҳамасола дар гардишанд ин чаҳор.
Шабу рӯзу чарху маҳу офтоб,
Дамон абру тунд оташу тез об.
Ҳам эдун ҳама бар сафар кардаанд,
Чапу рост бар тохтан бурдаанд.
Ҳунаршон ба кори ҷаҳон сохтан,
Зи гардиш падид асту аз тохтан.
Маро низ гаштан ба гетӣ равост,
Магар ёбам он, к-ин диламро ҳавост,
Ба роҳ арчи танҳо, натарсад далер,
Ки танҳо хиромад ба нахчир шер.
Чӣ мурдан дигар ҷо, чӣ дар шаҳри хеш,
Суйи он ҷаҳон раҳ яке нест беш.
Падар-ш огаҳӣ ёфт, шуд дилдижам,
Макун, -гуфт,- бар ман ба пирӣ ситам.

Набинӣ, ки паргори ман танг гашт,
Ҷавонӣ шуду умри беше гузашт.
Зи бас, к-аз шабу рӯз дидам даранг,
Чу рӯзу чу шаб гашт мӯям дуранг.
Хазон омаду шуд зи табъам баҳор,
Биборид барф аз бари кӯҳсор.
Ҳаме марг бар ҷанги ман ҳар замон
Камин созад оварда бар зеҳ камон.
Надонам дар ин ройи гардун чӣ чиз
Дигар бинамат ё набинам-т низ.
Мар уммедро ҳаст доман фарох,
Дарахтест, баррафта бисёршох.
Ҳар он гаҳ ки шуд хушк шохе бар ӯй,
Бирӯяд яке низ бо рангу бӯй.
Киро ҷоҳу чизу ҷавониш ҳаст,
Беҳин шодии инҷаҳониш ҳаст.
Ту ин ҳар ду дориву фарҳангу рой,
Беҳин ҷуфт низ андарояд ба ҷой.
Ҷаҳон гар кунӣ зеру бар, чаппу рост,
Зи бахшиш фузунӣ надонӣ, на кост.
Диловар пазируфт аз ӯ, ҳар чӣ гуфт,
Ки буд дар дилаш бӯяи рӯйи ҷуфт.

## 78. ДАР СИФАТИ САФАР

Падар гуфт: -Агар-т аз шудан чора нест,
Бад-ин дигар андарз боре биист.
Басо кас, ки ӯ ҷуст роҳи дароз,
Чу шуд, низ н-омад суйи хона боз.
Яке аз пайи маргу аз рӯзи танг,
Дигар аз пайи душману ному нанг.
Шудан донӣ аз хона рӯзи нахуст,
Вале-к омаданро надонӣ дуруст.
Балое зи дӯзах – сафар кардан аст,
Ғами чизу темори ҷон х(в)ардан аст.
Дар ӯ ранҷ бояд кашидан басе,
Ҷафо бурдан аз дасти ҳар нокасе.
Ба раҳ чун шавӣ, ҳеч танҳо мапӯй,
Нахустин яке нек ҳамраҳ биҷӯй.
Куҷо рафт хоҳӣ, бибар бурданӣ,
Бипарҳезу мастон зи кас хӯрданӣ.
Чу танҳо бувӣ ранҷдида басе,
Мадеҳ асп, то барнишинад касе.

Машав дар раҳи танг ҳаргиз савор,
Зи duздон бипарҳез дар раҳгузор.
Макун тира шаб оташи тобнок,
В-агар чора набвад, фикан дар мағок.
Ҳаме то бувад дашту обод ҷой,
Ба вайронӣ - андар макун ҳеч рой.
Ба коре чу дар раҳ дар ойӣ зи зин,
Нахуст аз пасу пеш ҳар сӯ бибин.
Ба ҳинҷори раҳ чун дарафтӣ зи роҳ,
Ҳаме кун ба раҳ доғи ҳар пай нигоҳ.
Куҷо гум шудӣ, чун фурӯ рафт ҳур,
Бар он бар нишони ситора сутур.
В-агар ҷойи ором дарх(в)ар бувад,
Бувӣ то гаҳи рӯз, беҳтар бувад.
Ба рафтан маранҷон чунон борагӣ,
Ки орад гаҳи кор бечорагӣ.
Зи якрӯза дурӯза раҳ сохтан
Беҳ аз асп куштан, зи бас тохтан.
Ба ҳар ҷой аз асп магзор чанг,
Ҳамеша инон дор ё полҳанг.
Ба раҳ хуб ҷойе гузин бегазанд,
Бари хеш дор аспу гурзу каманд.
Ҳамеша камон бар зеҳ оварда бош,
Басечи камингоҳҳо карда бош.
Пиёда мамон, к-ат бигирад инон,
Зи худ дур дораш ба тиру синон.
Зи чизи касон в-аз бад ангехтан
Бипарҳезу аз хира хун рехтан.
Машав шаб ба шаҳр - андар аз раҳ фароз,
Бари чашмаву об манзил масоз.
Мадор аспу ноозмуда раҳӣ,
Макун ҷуз ки бо меҳрбон ҳамраҳӣ.
Ба шаҳре, ки бад бошад обу ҳаво,
Маҷӯю махур, ҳар чи-т ояд ҳаво.
Ба беморӣ андешаро тез кун,
Зи ҳар хӯрданӣ зуд парҳез кун.
Чу бинӣ хуришҳои хуш гирди хеш,
Бияндеш талхии дору зи пеш.
Машав ёри бадхоҳу ҳамкори бад,
Ки танҳо басе беҳ, ки бо ёри бад.
Набояд, ки бадпеша бошад-т дӯст,
Ки ҳар кас чунонат шуморад, ки ӯст.

Махур бода чандон, к-ат ояд газанд,
Машав маст аз ӯ, хуррамӣ кун писанд.
Магӯ роз бо зуфту бечорадил,
Махоҳ орзу, то нагардӣ хиҷил.
Зи пинҳони мардум ба дил тарс дор,
Ки пинҳони мардум фузун з-ошкор.
Ҳама ҷонвар дар ҷаҳон гунагун
Бурун песа бошанду мардум дарун.
Машав сӯйи рӯде, ки н-ойӣ бадар,
Ба як моҳ дер ою бар пул гузар.
Ба гирдоб - дар ғарқагонро далер
Магир, ар набошӣ бар он об чир.
Шинобар чу беошноро гирад,
Чу зирак набошад, нахуст ӯ мирад.
Чу дар душманӣ ҷойе афтад-т рой,
Дар он душманӣ дӯстиро бипой.
Чунон бар суйи дӯстӣ низ роҳ,
Ки мар душманиро бувад ҷойгоҳ.
Ба душман чу орӣ ба чизе ниёз
Зи ӯ хуш чу зӣ дӯстон сарфароз.
Гар аз хоста ном ҷӯйиву лоф,
Бихур бе накӯҳиш, бидеҳ бе гизоф.
Чунон хур, ки н-ояд-т дарду гудоз,
Чунон бахш, к-ат нафканад дар ниёз.
Хуриву бипӯшӣ зи рӯйи хирад,
Аз он беҳ, ки бинҳиву душман хурад.
Зи баҳри хуру пӯш бояд дирам,
Чу ин ду набошад, чи бешу чи кам.
Мабар ғам ба чизе, ки рафтат зи даст,
Мар инро нигаҳ дор, акнун ки ҳаст.
Чу андак бувад хоста бо касе,
Зи родиш зифтӣ накӯтар басе.
Дирам зери хок-андар анбоштан
Беҳ аз даст пеши касон доштан.
Ба хона – дар аз ёфтан зарри ноб,
Чунон аст, к-андар ҷаҳон офтоб.
Ҳама корҳоро саранҷом бин,
Чу бадхоҳ чина ниҳад, дом бин.
Маханд, ар касеро рух аз дард зард,
Ки огаҳ наӣ з-ӯ ту, ӯрост дард.
Чу аз сахт коре бирастӣ зи бахт,
Дигар тан маяфкан дар он кори сахт.

Хуйи он, ки нашносиву ройи ӯй,
Ниҳон розу тадбир бо ӯ магӯй.
Ки гар нек бошад, бувад нексоз,
В-агар бад бувад, бад сиголад-т боз.
Макун дуздиву чизи duздон махоҳ,
Тан аз тамъ мафкан ба зиндону чоҳ.
Зи дуздон ҳар он кас, ки пазруфт чиз,
Ба дуздӣ варо зуд гиранд низ.
Чу хоҳӣ, ки чизе надуздад-т кас,
Ҷаҳонро ҳама дузд пиндору бас.
Ба гуфтор бо меҳтарон бармаҷӯш,
Ба зӯр он ки беш аз ту, бо ӯ макӯш.
Мазан рой бо тангдаст аз ниёз,
Ки ҷуз роҳи бад н-орадат пеш боз.
Зи баҳри гулӯ порсоӣ макун,
Ба хони касон кадхудоӣ макун.
Машав ёри бадбахту камбудчиз,
Ки аз шумияш баҳра ёбӣ ту низ.
Макун хӯ ба пур хуфтан андар ниҳуфт,
Ки бо коҳилӣ хоби шаб ҳаст ҷуфт.
Бад-ин бош яксар, ки додам-т панд,
Гирифташ ба бар деру бигрист чанд.
Сипаҳбад дил аз ҳар бадӣ сода кард,
Бад-ин панд кори раҳ омода кард.

## 79. РАФТАНИ ГАРШОСП БА ШОМ

Саманди сарафрозро кард зин,
Бурун рафт танҳо ба рӯзи гузин.
Ҳама бурд, ҳар ч-аш набуд чора з-ӯй,
Суйи Шом зӣ бодия дод рӯй.
Яке ридаки турк бо ӯ ба роҳ,
Зи баҳри парастиш ба ҳар ҷойгоҳ,
Бад-он бесипоҳу буна шуд бурун,
Ки то кас надонад чарову на чун.
Шитобон наванди раҳанҷомро
Инон дода ӯрову дил комро.
Шуда чашми чашма зи гардаш ба банд,
Дили ғӯлу дев аз ниҳебаш нажанд.
Синон-ш аз ҷаҳон карда нахчиргоҳ,
Камон-ш аз камин баста бар чарх роҳ.

Ба доми камандаш сари наррагӯр,
Зи шамшераш андар дили шер шӯр.
Зи ногаҳ бари марғзоре расид,
Дарахтони боровару сабза дид.
Лаби марғ ҳар сӯ гуле мушкбӯй,
Яке чашма чун чашми сӯгӣ дар ӯй.
Ҳама оби он чашма равшан чу занг,
Чу аз ойина пок биздуда занг.
Ту гуфтӣ яке бӯта буд сохта,
Ба ҷӯш андару сим бигдохта.
Бари чашма шере шаховон замин
Дамон бар дами гӯре андар камин.
Чу зад чангу гӯр андар овард зер,
Бизад бонг бар бора гурди далер.
Сабук даст зӣ теғи пайкор кард,
Ба захме, ки зад, ҳар дуро чор кард.
Дарахте биканд аз лаби обгир,
Барафрӯхт оташ зи пайкони тир.
Ба он оҳанӣ найзаи ялфикан
Зад он гӯр чун мурғ бар бобзан.
Ҳанӯз андар ин кор буд сарфароз,
Расиданд ду пайк наздаш фароз.
Зи Ховар ҳамеомад он, в-ин зи Рум,
Басе ёфта ранҷу паймуда бум.
Дарахти гулу сабза диданду об,
Замин ҷойи нахчиру орому хоб.
Зи як даст гӯру зи як даст шер,
Миён карда оташ савори далер.
Чарон гирдаш андар наванди саманд,
Гиреҳ карда бар ёл хамми каманд.
Бар ӯ з-он шигифт офаринхон шуданд,
Ба хӯрдан нишастанду ҳамхон шуданд.
Ҳанӯз он ду танро кабобе ба даст
Шуда хира аз хӯрди ӯ в-аз нишаст.
Буд аз гӯр пардахта гурди далер,
Ҳама хӯрда танҳову нобуда сер.
Чу пардахт, аз он ҳар ду пурсиш гирифт,
Ки ҳар ҷо, ки донед чизе шигифт,
Бигӯед, то дониш афзоядам,
Магар дил ба чизе биёроядам.
Ҷудо ҳар яке ҳар шигифтӣ, ки дид
Ҳаме гуфт ҳар гунаву ӯ шунид.

Сухан ронд румӣ саранҷоми кор,
Ки дидам шигифтӣ дар ин рӯзгор.
Шаҳи Румро духтаре дилбар аст,
Ки аз рӯй рашки бути Озар аст.
Нигоре паричеҳра, к-аз чарх моҳ
Наёрад бад-ӯ тез кардан нигоҳ.
Дили ҳар шаҳе бастаи меҳри ӯст,
Бар айвонҳо пайкари чеҳри ӯст.
Зи баҳраш падар ранге омехтаст,
Камоне зи даргаҳ баровехтаст.
Ниҳодаст паймон, ки ҳар-к ин камон
Кашад, духтар ӯро диҳам бегумон.
Зи зӯрозмоёни гарданфароз
Басо кас шуду гашт навмед боз.
Бишуд шод аз ин паҳлавони гузин
Чу боди базон андаромад ба зин.
Ба ҷон бӯяи ёри дилбар гирифт,
Шитобон раҳи Румия баргирифт.
Ду манзил чу бигзашт, ҷойе расид,
Бараҳна басе мардум афканда дид.
Яке баҳра хаста, дигар бастадаст,
Ғиревону ғалтанда бар хок паст.
Бипурсид, к-аз бад чӣ афтодатон,
Ба кин дом бар раҳ кӣ бинҳодатон?
Хурӯшид ҳар як дил аз ғам сутӯҳ,
Ки бозоргонем мо як гурӯҳ.
Зи Миср омада, Румро хоста
Або корвоне пур аз хоста.
Чиҳил дузд ногоҳ бар мо заданд,
Бибастандамон в-он чи буд, бистаданд.
Ҳанӯз он-к аз пеши ту гардашон
Расӣ, гар кунӣ ройи новардашон.
Бишуд тофтадил яли размҷӯй,
Суйи раҳзанон размро дод рӯй.
Бар он раҳзанон бонг барзад ба кин,
Ки гиред яксар сари хеш ҳин.
Вагарна ҳама корвон, борбаст
Ситодам, кунамшон ба як бор паст.
Шуморо бас аз бозуи чири ман,
Агартон раҳад сар зи шамшери ман.
Ба посух-ш гуфтанд: -Бад сохтӣ,
Ки бар думми мо тамъро тохтӣ.

На ҳар к-аз пайи шер шуд, хӯрд гӯр,
Басо кас, ки аз шер шуд бахтшӯр.
Супурдӣ ту низ аспу колои хеш,
Бибинӣ кунун паст болои хеш.
Сипаҳбад барангехт саркаш саманд,
Ба новардашон гарде андарфиканд.
Даромад, чунон зад якеро ба теғ,
Куҷо сар-ш чун моғ бар шуд ба меғ.
Бизад найза бар гурдагоҳи ду гурд,
Баровард у зад бар замин, кард хурд.
Якеро чунон кӯфт гурз аз камин,
Ки монд асп бо мард зери замин.
Дигар яксар аз зин фурӯ рехтанд,
Ба зинҳор аз ӯ хоҳиш ангехтанд.
Бараҳна ба ҷон додашон зинҳор,
Ситад аспашон в-олати корзор.
Бари мардуми корвон рафт шод,
Ҷудо колаи ҳар касе боз дод.
Бидодаш ба бозоргонон ҳама,
Шудандаш равон то суйи Румия.
Дигар ҳар кӣ дар раҳ зи рафтан бимонд,
Ба ҳар аспи дузде яке барнишонд.
Суйи Румия шод бо фарраҳӣ
Шуду кард бо корвон ҳамраҳӣ.
Яке моявар марди бозоргон
Шуд аз корвон дӯст бо паҳлавон.
Ҳама роҳаш аз дил парастанда буд,
Ба ҳар кораш аз пеш чун банда буд.
Ниҳон рози худ паҳлавон сар ба сар
Будаш гуфта, чуз номи хешу падар.
Ҳама роҳ агар тоза буд, гар куҳун,
Зи духти шаҳи Рум будшон сухун.
Чу омад бари меҳану мони хеш,
Бибурдаш ба сад лоба меҳмони хеш.
Ба озодӣ аз пеши шойиста ҷуфт
Ҳунар ҳар чӣ з-ӯ дид, яксар бигуфт.
Яке боғ будаш - дар андар сарой,
Бари қасри шаҳ чун биҳиште ба ҷой.
Широъе бизад бар лаби обгир,
Биёрост базме хушу дилпазир.
Шабу рӯз бо бодаву руду соз
Ҳамедошташ ҷуфти орому ноз.

Гаҳе хуфт бар сунбулу навсуман,
Гаҳе бо чамона чамон дар чаман.
Зане дояи духтари шоҳ буд,
Ки бозоргонро накӯхоҳ буд.
Бари ҷуфти бозоргон бомдод
Биёмад, ба шӯяш ҳаме мужда дод.
Ҳавозӣ ҷаҳонпаҳлавонро бидид,
Ки дар сояи гул ҳаме мул кашид.
Яке сарв бо хусравонӣ қабой
Ба фарру ба фоли ҳумоюн ҳумой.
Рухаш чун маҳу гирди моҳи баланд
Замона барафканда мушкин каманд.
Ду лаб ҳамчу бар лола гирди абир,
Ту гуфтӣ, ки ҳуро будаш дода шир.
Чу шуд сери шир ӯ, ба доя супурд,
Лабашро ба гесӯйи мушкин сутурд.
Ҳам эдун ҳама фарру фарҳангу ҳуш
Дар ӯ зӯри мардиву гурдӣ ба ҷӯш.
Бипурсид, к-ин марди бевора кист,
Ки густохияш сахт якборагист!
Надонам-ш, -гуфт, -аз ҳунар в-аз нажод,
Валекин чунон кас, ки модар назод.
Ба зӯру савориву фарҳангу бурз
Бидаррад дили кӯҳи хоро ба гурз.
Аз оҳан-ш найза в-аз оҳан сипар,
Миён тангу пилаш дарояд ба бар.
Ба дидори рух ҷон фазояд ҳаме,
Ба гуфтори хуш дил рабояд ҳаме.
Ба дил духтари шоҳро ҳаст дӯст,
Ҳама рӯз гуфтораш аз чеҳри ӯст.
Бад-ин рӯй бо шӯям омад зи роҳ,
Бихоҳад кашидан камон пеши шоҳ.
Ҳам аз роҳу буздон бигуфт, он чи буд,
Силеҳаш ҳама як-як ӯро намуд.
Бибуд доя дилхира, омад давон,
Сухан ронд бо духтар аз паҳлавон:
Зи гурдиву аз рою фарҳанги ӯ,
Зи болову аз фарру з-авранги ӯ.
Шикебоӣ аз лоларух дур шуд,
Ҳаво дар дилаш неши занбӯр шуд.
Ҳамебуд, то гашт хур зардфом,
Зи меҳри сипаҳбад баромад ба бом.

Бидидаш ҳамон ҷой бар тахти хеш
Яке болуғу колаи май ба пеш.
Ҷавоне, ки аз фарру болову чеҳр
Ҳаме маҳ бар ӯ орзу кард меҳр.
Ду рух чун ду хуршед сунбулпараст
Бароварда шаб гирди хуршед даст.
Яке мурғ аз шохсор аз бараш,
Ки будӣ гаҳи базм ромишгараш.
Аз ӯ меҳ дигар мурғаке хубранг,
Ҳаме ошён бистад аз вай ба чанг.
Сипаҳдор бикшод бар мурғ тир,
Зи парвозаш афканд дар обгир.
Ба дил гармтар шуд бути моҳчеҳр,
Ҳаво кард ҷонаш ба зиндони меҳр.
Шуд аз бом лола зарирӣ шуда,
Ду нӯш аз дами сард хирӣ шуда.
Ту гуфтӣ, ки аз оташи меҳру шарм
Ба тан бар-ш ҳар мӯй доғест гарм.
Чу доя рухи моҳ беранг дид,
Бипурсид, к-ат нав чӣ андуҳ расид.
Ҷаҳон бар дилам з-ин таранҷида шуд,
Бигӯ, к-аз кӣ ҷони ту ранҷида шуд?
Чунин дод посух, к-аз ин навҷавон
Дилам шуд ба меҳр-андарун нотавон.
Яке банд бар ҷонам омад падид,
Ки дорад ба дарёи бебун калид.
Битарсам, ки бо он камон сарфароз
Натобад, бимонад ғами ман дароз.
Ба бадном ҳар ҷой пайдо шавад,
Ба назди падар низ расво шавад.
Дар ин жарфдарёи нобунпазир
Ту афкандиям, ҳам туам даст гир.
Ба наздики ӯ поймардам ту бош,
Бад-ин дард дармони дардам ту бош.
Бигуфт ину аз ҳар ду бодоми маст
Ба пайкон ҳамесуфт дур бар ҷамаст.
Бад-ӯ доя гуфт: -Охир андуҳ мадор,
Ки корат ҳам акнун кунам чун нигор.
Ба ҳар кор, бар неку бад чора ҳаст,
Ҷуз аз марг, к-аш чора н-ояд ба даст.
Чу аз боғи чарх офтоб ошкор
Ба ранги хазон шуст ранги баҳор,

Бари ҷуфти бозоргон рафт зуд,
Зи ҳар дар сухан гуфту чанде шунуд.
Зи гурди сипаҳбад бипурсид боз,
Ки чун аст меҳмон-тро кору соз?
Зи кори камон ҳеч дорад пасеч,
Сухан ронад аз духтари шоҳ ҳеч?
Чунин дод посух, ки то рӯзи дӯш
Ба ёдаш дамодам кашидаст нӯш.
Ба май дар ҳамезад дами сарду гуфт:
-Рухаш дидаме боре андар ниҳуфт,
Ки гар бинамаш чеҳру афтад х(в)ашам,
Камонро ба ангушти кӯчак кашам.
Ту низ, ар тавон, чорае кун зи меҳр,
Ки якдигаронро бибинанд чеҳр.
Зи дидор бошад ҳаво хостан,
Зи чашм аст дидан, зи дил хостан.
Гумон аст дар ҳар шунидан нахуст,
Шунидан чу дидан набошад дуруст.
Бад-ӯ гуфт доя, ки комат равост
Агар меҳмони туро ин ҳавост.
Ту рав соз кун гулшану ҷоҳро,
Ки имшаб биёрам ман он моҳро.
Ба паймон, ки ғаввос гирад садаф,
Нагардад, к-аз ӯ гавҳар орад ба каф.
Дари ганҷро дузд накнад табоҳ,
Калидаш наҷӯяд суйи қуфл роҳ.
Бар ин баст паймону чун бод тафт
Бари духтар омад, бигуфт он чи рафт.
В-аз ин сӯ бишуд ҷуфти бозоргон
Ба мужда бари шоҳи озодагон.
Бисозид дар гулшани зарнигор
Яке базми хуррамтар аз навбаҳор.
Ба хубӣ чу гуфтор ороста
Ба хушшӣ чу бо эминӣ хоста.
Ба ҷоми булӯрин май оварда ноб,
Баромехт бо мушку анбар гулоб.
Яли паҳлавонро ба шодӣ нишонд,
Зи ромиш бар ӯ ҷон ҳаме барфишонд.
Чу шаб гел шуд дар гилеми сиёҳ,
Варо зард гелӣ сипар гашт моҳ.
Ҳама хок аз ӯ гарди мушкин гирифт,
Ҳама осмон нӯки жӯпин гирифт.

## 80. ОМАДАНИ ДУХТАРИ ҚАЙСАР БА ДИДОРИ ГАРШОСП

Суйи боғ бо доя ногаҳ зи дар
Даромад паричеҳраи симбар.
Яке ҷоми заррин ба каф пурнабид,
Чу лола маю ҷом чун шанбалид.
Ниҳуфта ба зарбафти румӣ бараш,
Зи ёқуту дур афсаре бар сараш.
Хиромон чу бо моҳ пайваста сарв,
Зи гесӯ чу дар дом мушкин тазарв.
Ду зулфаш ба ҳам «ҷим»-у дар «ҷим» «дол»,
Даҳан «мим»-у бар «мим» аз мушк хол.
Ду барги гулаш савсани майсиришт,
Ду шамшод - анбарфурӯши биҳишт.
Занахдон чу аз сими покиза гӯй,
Ки афтад чаҳ аз нӯки чавкон дар ӯй.
Ду беҷода гуфтӣ, ки ҷоду ниҳуфт,
Миёнаш ба алмоси андеша суфт.
Буногӯш тобанда хуршедвор,
Фурӯ ҳишта з-ӯ ҳалқаи гӯшвор.
Ду маҳ буд, яке гирду дигар ду ним,
Яке моҳ аз зарру дигар зи сим.
Ба маҳ бар-ш диръе зи мушку абир,
Гаҳ аз тоб чинсозу гаҳ хампазир.
Шикан-ш оташи некуйӣ тофта,
Гиреҳҳош дасти замон бофта.
Ду бодом пурбанду тунбалпараст,
Яке нимхобу яке ниммаст.
Базон бодаш аз зулфаки мушкбез,
Ҳама раҳ чу аз нофа бикшода зез.
Зи ханда лабаш чашмаи нӯши ноб,
Фусурда дар ӯ қатра бар қатра об.
Ба симин сутун хам дароварду гуфт,
Ки бояд-т меҳмони нохонда ҷуфт.
Сипаҳдор барҷасту бурдаш намоз,
Мазидаш ду ёқути гӯяндароз.
Бад-ӯ андаровехт он дилгусил
Чу маънӣ зи гуфтори ширин ба дил.
Ба рӯяш - бар аз буссади дуррпӯш,
Ҳамерехт бар лола шаккар зи нӯш.
Нишастанду базми нав оростанд,
Ба май ёди якдигарон хостанд.

Булӯрин пиёла зи май лола шуд,
Кафи майкаш аз лола пуржола шуд.
Сипаҳдор гуфто: -Сипос аз Худой,
Ки ҷуфте маро чун ту омад ба ҷой.
Гар аз пеш донистаме кори ту
Ҳамин фарру хубиву дидори ту.
Будӣ дер гаҳ, к-он камон пеши шоҳ
Кашидастаме бар умеди ту моҳ.
Паричеҳра гуфт: -Эч пил он тавон
Надоранд, пас, чун тавонӣ ту он?
Бидон, к-он камон оҳан аст андарун,
Дигар чӯбу тузу най аст аз бурун.
Бимон, то чунон ҳам камоне дигар
Ман аз чӯб созам ниҳон аз падар.
Бихандид ял, гуфт: -Аз он гуна панҷ
Кашам, чун-т дидам, надорам ба ранҷ.
Кашидан чунон чарх кори ман аст,
Маро ҳаст мум, ар туро оҳан аст.
Чу хар дар гил афтад, касе нектар
Накӯшад ба зӯр аз худованди хар.
Аз он пас ба май даст бурданду руд,
Бари ҳар ду доя сароён суруд.
Ба ҷуз доя дамсоз бо ҳар ду кас
Зани хуби бозоргон буду бас.
Шуда ғамгусорандашон ҳар ду зан,
Гаҳ ин пойкӯбу гаҳ он дастзан.
Ҳама будашон ромишу майгусор,
Мулу нуқлу бозиву бӯсу канор.
Ба як чизашон табъ ранҷур буд,
Ки ангушт аз ангуштарӣ дур буд.
Чу аз бода саршон гаронбор шуд,
Суманбарги ҳар ду чу гулнор шуд.
Яли невро кард бадруд моҳ,
Бишуд боз гулшан ба оромгоҳ.
Ҳама шаб дижам ҳар ду аз меҳру тоб
На бо дил шикебу на бо дида хоб.

## 81. РАФТАНИ ГАРШОСП БА ДАРГОҲИ ШОҲИ РУМ ВА КАМОН КАШИДАН

Чу бинҳод гардун зи ёқути зард
Равон мӯҳра бар байрами ложвард,
Сипаҳбад суйи дидани шоҳ шуд,
Ба назди сияҳпӯши даргоҳ шуд.

Бад-ӯ гуфт, к-аз хона овораам,
Зи Эрон яке марди бевораам.
Ба пайванди шоҳ омадам орзуй,
Бихоҳам кашидан камон пеши ӯй.
Ҷудо ҳар касаш хира пиндоштанд,
Зи гуфтори ӯ ханда бардоштанд,
Ки ганҷу силеҳу сипоҳат куҷост,
Агар духтари шаҳрёрат ҳавост?!
Зи шоҳону аз хусравони замин
Басе хостанд аз шаҳи мо ҳамин.
Ту марди якаспа, ниҳуфтанажод,
Ба ту чун диҳад, чун бад-эшон надод.
Чу чанде гувожа заданд аз хамӯш,
Барошуфту гуфт: -Ин чӣ бонгу хурӯш?!
Ба гетӣ ҳама чиз зишту накӯст,
Ба ҳар кас диҳад, он чи рӯзии ӯст.
Басо кас, ки бар хӯрду ҳаргиз накошт,
Басо кас, ки кориду бар барнадошт.
Басо зору бемору навмеду суст,
Ки мурдаш пизишку бибуд ӯ дуруст.
Бузург он набошад, ки шоҳу сутург,
Бузург он, ки наздики Яздон бузург.
Кашидан камон аст паймони шоҳ,
Чу буд ин, чӣ бойист ганҷу сипоҳ!
Силеҳ ар надорам, на лашкар, на ганҷ,
Дилу зӯр дорам ба ҳангоми ранҷ.
Хирад - ҷавшану бозуям ханҷар аст,
Ҳунар - ганҷу тиру синон лашкар аст.
Киро н-озмудӣ гаҳи ному лоф,
Нашояд шумурдан-ш хор аз газоф.
Зи якке чароғ оташ афрӯхтан
Тавон бешае бекарон сӯхтан.
Ба шоҳ огаҳӣ дод солори бор,
Бад-ӯ гуфт шаҳ: -Рав, варо эдар ор.
Бувад аблаҳе ғарча, ай бегумон,
Бихандем боре бад-ӯ як замон.
Ба силӣ раги сар-ш пайдо кунем,
Хумори шабона бад-ӯ бишканем.
Касе беҳ надонад кашидан ситам
Зи дарвеш, ҷойе, ки бинӣ дижам.
Чу пеши шаҳ омад, замин дод бӯс,
Бипурсид шоҳаш зи рӯйи фусӯс,
Ки домоди фархунда шод омадӣ,
Аз Эрон шитобон чу бод омадӣ!

Ба боло баландиву огандаёл,
Чӣ номӣ бад-ин шоху ин бурзу бол?
Бад-ӯ гуфт гурди сипаҳбаднажод:
-Маро боб номам Камонкаш ниҳод.
Ба домодии шаҳ гар оям писанд,
Бихоҳам кашид ин камони баланд.
Чунонаш кашам, чун барорам ба зеҳ,
Ки бипсандию гӯйӣ аз дил, ки «Зиҳ»!
Бад-ӯ гуфт шоҳ: -Ар кашӣ ин дуруст,
Ба Яздон, ки фарзанди ман ҷуфти туст.
В-агар ойӣ аз роҳи паймон бурун,
Зи дор андаровезамат сарнигун.
Ба дин хӯрд савганду хат дод шоҳ,
Гуво кард чанд аз меҳони сипоҳ.
Чу шуд баста паймонашон з-ин нишон,
Камон овариданд даҳ тан кашон.
Нишаста ба назди падар моҳчеҳр,
Шуда гуна аз рӯю ларзон зи меҳр.
Сипаҳбад, чу бояд, ба зону нишаст,
Ба дидори дилбар биёзид даст.
Камонро зи болои сар барфарошт,
Ба ангушт чун чархи гардон бидошт.
Ба зону ниҳоду ба зеҳ баркашид,
Пас он гоҳ нармак се раҳ даркашид.
Чароҳум дароҳехт аз он сон шигифт,
Ки ҳар ду камонгӯша гӯшаш гирифт.
Камон кард ду ниму зеҳ лахт-лахт,
Ҳам эдун бияндохт дар пеши тахт.
Баромад яке наъра з-он саркашон,
Дар ӯ хира шуд шоҳ чун беҳушон.
Бад-ӯ гуфт: -Конат ба гавҳар расид,
Бари шодӣ аз ранҷат омад падид.
Кунун ҷуфти туст аз ҷаҳон духтарам,
Туӣ фоли фаррухтарин ахтарам.
Валекин замон деҳ, ки то кори ӯй
Чу бояд бисозам сазовори ӯй.
Замон, -гуфт, -надҳам, ки ӯ мар марост,
Агар вай замон хоҳад аз манн, равост.
Ман акнун зи шодӣ нагирам гузар,
Чӣ донам, ки бошад замоне дигар?
Зи духтар бипурсид пас шаҳрёр,
Битарсид духтар зи темори ёр.

Ки созад ниҳон шаҳ ба ҷонаш газанд,
Чунин гуфт, к-ай хусрави арҷманд,
Гар ӯ зӯр кам доштӣ з-ин камон
Сари дор ҷояш будӣ бегумон.
Кунун чун гарав бурд, паймон варост,
Чӣ хоҳам замон з-ӯ, ки фармон варост.
Кас аз тухмаи мо зи паймон нагашт,
Нашояд туро низ аз ойин гузашт.
Дурӯғ озмудан зи бечорагист,
Нагӯяд киро дар ҳунар ёри кист.
Занонро бувад шӯй кардан ҳунар,
Бари шӯй беҳ зан, ки назди падар.
Бувад себ хушбӯй бар шохи хеш,
Валекин ба хона диҳад бӯй беш.
Зан арчанд бочизу боофрӯй,
Нагирад дилаш хуррамӣ ҷуз ба шӯй.
Чу ним аст танҳо зан, арчи накӯст,
Дигар нимааш сояи шӯйи ӯст.
Агар момат аз шӯй бартофтӣ,
Чу ту шоҳ фарзанд кай ёфтӣ?
Зи мардон ба фарзанд гиранд ёд,
Зан аз шӯю мардон зи фарзанд шод!
Барошуфт шаҳ, гуфт бар анҷуман:
-Дареғо зи баҳрат ҳама ранҷи ман.
Ба ту доштам уди ҳиндӣ умед,
Кунун ҳастӣ аз озмун хушкбед.
Гумон ном будам-т, нанг омадӣ,
Гуҳар доштам тамъ, санг омадӣ.
Бирав, к-ат шаби тира гум бод роҳ
Зи пас оташу боду дар пеш чоҳ!
Агар мурғи паррон шавӣ в-ар парӣ,
Пайе з-ин сипас кохи ман наспарӣ.
Зи ҳар кас пушаймонтар онро шинос,
Ки некӣ кунад бо касе носипос.
Ниҳодаш каф андар кафи паҳлавон,
Ки тозед зуд аз барам ҳар дувон.
Агартон бувад дер эдар даранг,
Набинед ҷуз тирборону санг.
Сипаҳбад кушод аз ду бозуи хеш,
Зи ёқути рахшон дусад пора пеш.
Барафшонд бар тоҷи дилдор моҳ,
Шуд аз шаҳр берун, ҳам аз пеши шоҳ.
Нишондаш бар аспу миён баст танг,
Ҳамерафт пешаш ба каф полҳанг.

Хабар ёфт бозоргон, к-ӯ бирафт,
Ба бадруд кардан-ш биштофт тафт.
Пасаш бурд як киса динори зард,
Або тӯшаву бораи раҳнаворд.
Бад-ӯ доду баргашт зӣ хона боз,
Хабар шуд ба назди шаҳи сафароз.
Бихондаш, бипурсид, к-ин мард кист?
Бад-ӯ меҳр ҷустан туро баҳри чист?
Забон марди бозоргон баркушод,
Ҳама достон пеши шаҳ кард ёд.
Зи роҳу зи дуздону аз кори ӯй,
Зи зӯру зи мардиву пайкори ӯй.
Рухи шоҳ аз андуҳ пурожанг шуд,
Зи карда пушаймону дилтанг шуд.
Ба дил гуфт: -Шояд, ки ҳаст ин ҷавон
Зи пушти каён ё зи тухми гавон.
Агар ӯ набудӣ чунин номдор,
Зи лӯлу накардӣ ба пешам нисор.
Саре бо дусад гурди гарданфароз
Фиристод, к-оредаш аз роҳ боз.
Маҷӯед, - гуфт, -аз бун ойини ҷанг,
Ба хушшӣ бикӯшед, к-ояд ба чанг.
Дувум рӯз наздикии чашмасор
Расиданд зӣ паҳлавони савор.
Сипаҳбад чу дид осмон тирафом,
Бизад бар сари аспи ҷангӣ лигом.
Даромад ба ҳинҷори раҳ раҳнаворд,
Зарин кӯҳа овехт, гурзи набард.
Дамон шуд, синон барҳана кард рост,
Хурӯшид, к-ин гарду тозиш чарост?
Бад-ӯ пешрав гуфт: -Фармуд шоҳ,
Ки тобӣ инони таговар зи роҳ.
Ҳамегӯяд, ар бозгардӣ барам,
Аз ин пас ту бошӣ сари лашкарам.
Ҳама кишвару ганҷу гоҳам турост,
Барам бешӣ аз дидаву дасти рост.
Натобам сар аз ройи ту андаке,
Тани мо ду бошад, дилу ҷон яке.
Чунин дод посух, ки шаҳро бигӯй,
Ки чизе, ки ҳаргиз наёбӣ, маҷӯй!
Пайи сайди ҷаста шуда тезгом,
Чӣ тозӣ ҳаме хира дар даст дом?

Ҳар он хишт, к-аз колбад шуд бадар,
Бар он колбад боз н-ояд дигар.
Гуҳар доштӣ, арҷ нашнохтӣ,
Ба нодонӣ аз каф бияндохтӣ.
Бари чашми он кас ду дида табоҳ,
Куҷо равшан ояд дурафшанда моҳ.
Надонӣ ҳаме зишт кирдори хеш,
Бидонӣ, чу подошат ояд ба пеш.
На огаҳ бувад масти беҳуш зи кор,
Шавад огаҳ он гаҳ, ки шуд ҳушёр.
Ба фармон агар баст бояд миён,
Чаро бояд омад суйи румиён.
Бари шоҳи Эронам уммед ҳаст,
Чароғам чӣ бояд, чу хуршед ҳаст.
Киро парри товус бошад ба боғ,
Чӣ гуна ниҳад дил ба дидори зоғ.
Ба дасти шаҳон бар чу хӯ кард боз.
Шавад з-ошён сохтан бениёз.
Беҳин ҷой ҳар ҷо, ки бошам, марост,
Куҷо гӯру дашт асту обу гиёст.
Наёям зи пас боз аз ин гуфта бас,
Зи пас бод рӯям, гар оям зи пас.
Кунун гар натобед зӣ шаҳ инон,
Зи гуфтан гароям ба гурзу синон.
Сухан кас наёрист кардан дароз,
Ҳама хору навмед гаштанд боз.
Сипаҳбад шитобид наздики моҳ,
Замоне баросуду бардошт роҳ.
Ба суйи биёбони Миср аз шитоб
Ҳамеронд як ҳафта бе хӯрду хоб.

## 82. ВАСФИ БИЁБОН ВА РАЗМИ ГАРШОСП БО ЗАНГӢ

Биёбоне омад-ш ногоҳ пеш,
Зи тобидани меҳр паҳнош беш.
Чӣ даште, ки гар вай будӣ чархи моҳ,
Дар ӯ моҳ ҳар шаб шудӣ гум зи роҳ.
Ҳама дашт сангу ҳама санг ғор,
Ҳама хор регу ҳама рег мор.
Ҳавош оташу ахтари тафта бум,
Гиёҳаш ҳама заҳру бодаш самум.

На мурғ андар ӯ дида як қатра об,
На ғӯл андар ӯ буда фарзандёб.
Раҳе сахт чун чанюди тангудоз,
Тиҳӣ чун кафи зуфту рӯзи ниёз.
Дуруштиш чун доғи дар дил ниҳон,
Дарозиш чун рӯзгори ҷаҳон.
Зи ранҷаш ба ҷуз марг фарёд на,
Дар ӯ ҳеч ҷунбанда ҷуз бод на.
Ба паҳнои гетӣ нишебу фароз,
Ту гуфтӣ, ки фаршест густарда боз.
Зи шӯра дар ӯ пуду аз рег тор,
Зи дӯзах-ш рангу зи девон нигор.
Дар ин роҳ даҳрӯза чун тохтанд,
Биёбони паҳн аз пас андохтанд.
Ба раҳ чашмаи об диданд чанд,
Миёншон баровардa миле баланд.
Бар он мил чӯбе зи най сохта,
Ду даст аз фарози сар андохта.
Ҳар он-ч аз ҳаво мурғ аз гунагун
Бар он барнишастӣ, фитодӣ нигун.
Фурӯ рехтӣ ҳар ду парраш ба ҷой,
Аз он пас нарафтӣ ҳаме ҷуз ба пой.
Ҳама дашт аз он мурғ буд гард-гард,
Фиканданд бисёру куштанду х(в)ард.
Замоне ба ҳам чашм карданд гарм,
Аз он пас гирифтанд раҳ нарм-нарм.
Ба кӯҳе расиданд сар бар сипеҳр,
Бар он куҳ диже бартар аз авҷи меҳр.
Чу море раҳаш як сар аз печу хам,
Гирифта ба дум кӯҳу кайвон ба дам.
Ту гуфтӣ танг буд магар чархи моҳ,
Мар ӯро сар он кӯҳу он диж кулоҳ.
Биёбон зи сад мил раҳ яксара,
Гузар зери он буд андар дара.
Дар он диж яке зангии пурситез,
Ки ғӯл аз ниҳебаш гирифтӣ гурез.
Ба чеҳра сиёҳу ба боло дароз,
Ба дидор деву ба дандон гуроз.
Ту гуфтӣ тану чеҳри он деви зишт
Худой аз даму дуди дӯзах сиришт.
Сиёҳе, ки чун ҷанг баргоштӣ,
Ба каф сангу пилустухон доштӣ.

Зи куҳ дидбонаш сар афрохта,
Зи сад мил раҳ дида барсохта.
Агар мардум андак будӣ, гар басе,
Абе бож нагзаштӣ аз вай касе.
Паси кӯҳ шаҳре пуранбӯҳ буд,
Басе деҳ ба пиромани кӯҳ буд.
Ҳама кас буд аз бим фармонбараш,
Хӯришҳо ҳаметохтандӣ бараш,
Ба навбат зи ҳар диж канизе чу моҳ
Бибурдиву кардӣ мар ӯро табоҳ.
Чу Гаршосп наздикии диж расид,
Зи кӯҳ дидабонаш ҷарас баркашид.
Сабук ҷаст зангӣ зи овои занг,
Шуда масту тосе пур аз май ба чанг.
Ҳамон сангу пилустухон даррабуд,
Давид аз паси паҳлавон ҳамчу дуд.
Чунон наърае зад, ки куҳ шуд навон,
Нигаҳ кард ногаҳ зи пас паҳлавон.
Дамон зангие дид чун кӯҳи қор,
Ки Иблис аз ӯ хостӣ зинҳор.
Сияҳ кардӣ аз чеҳра гетифурӯз,
Шаб овардӣ аз соя меҳмони рӯз.
Ба боло чу бар рафта бар абр соҷ,
Ба дандон чу ду шона бар ҳам зи оҷ.
Ду чашмаш чу ду гунбади қирфом,
Нишонда зи пирӯза мино ду ҷом.
Сари бинияш чун ду равзан ба ҳам,
Кушода зи дӯзах дар ӯ дуду дам.
Ду лаб карда ларзон ба хашму ситез,
Ҷаҳон оташ аз захми дандони тез.
Ба сар бар-ш мӯйи гиреҳ бар гиреҳ,
Чу бар қир зангор хӯрда зиреҳ.
Зи дев аст гуфтиш рафтору пай,
Дарозову ранг аз шаби моҳи дай.
Суйи паҳлавон чунки ғазбон зи чанг
Раҳо кард он симанӣ хорасанг,
Сар аз санги ӯ паҳлавон даркашид,
Аз ӯ рафту шуд дар замин нопадид.
Дигар раҳ баромад пур аз чин рухон,
Задаш бар сар он шоҳи шохустухон.
Бихасташ ду китфу сипар кард хурд,
Ба гурз - андар омад сипаҳдори гурд.
Чунон зад-ш бар сар ба зӯри ду даст,
Ки бо мағзу хун чашмаш аз сар биҷаст.

Ба ханҷар сарашро зи тан баргирифт,
Суйи дидбонаш раҳ андаргирифт.
Пиёда бар он куҳ чу нахчиргир,
Ҳамешуд зи пас, то фикандаш ба тир.
Бишуд то бад-он шаҳр аз он сӯйи кӯҳ
Ба пурсиш гирифтанд гирдаш гурӯҳ.
Ки бо ту дар ин раҳ кӣ буд ёрманд,
Ки растӣ зи дасти сияҳ бегазанд?
Чунин гуфт, к-он, к-ӯ маро зиштхоҳ
Чунон бод ғалтон ба хун, к-он сиёҳ!
Сари зангӣ аз пеши эшон фиканд,
Баромад зи ҳар кас хурӯше баланд.
Давиданд, ҳар кас ҳамедид паст,
Гирифт офарин бар чунон зӯру даст.
Ба торочи диж тез биштофтанд,
Басе гавҳару симу зар ёфтанд.
Ба хирворҳо анбару заъфарон,
Ҳам аз фаршу аз дебаи бекарон.
Ғиревон яке моҳрух духтаре,
К-аз он шаҳр будаш падар меҳтаре,
Бибурданд назди падар ҳам ба ҷой,
Фикананд диж паст дар зери пой.
Басе ҳадяи гунагун сохтанд,
Ба пӯзиш бари паҳлавон тохтанд.
Ба лоба шуданд он ҳама шаҳр ёр.
Ки бар мо ту бош аз ҷаҳон шаҳрёр.
Напазруфта як ҳафта он ҷо бибуд,
Сари ҳафта з-он шаҳр бар кард зуд.
Яке пайк бо бод ҳамроҳ кард,
Падарро аз ин мужда огоҳ кард.
Бибуд шод Асрат, сипаҳ барфишонд,
Бад-он муждадеҳ зарру гавҳар фишонд.
Яке ҳавдаҷ аз моҳи заррин сараш,
Зада киллаи заррбафт аз бараш.
Биёрост бар кӯҳаи жандапил,
Зад озин зи дебову гунбад ду мил.
Ҷаҳон шуд баҳоре чу боғи Ирам,
Забар гарди мушк – абру борон – дирам.
Ҳама пушти пилон дурафшон дирафш
Зи дебо ҷаҳон сурху зарду бунафш.
Саворон ҳама роҳ бар пушти зин,
Ситонанда ратл ин аз он, он аз ин.

Зи бас бар ҳам омехта мушку май,
Бар аспон шуда ғолия гарду хай.
Бар ойини он рӯзгор аз нахуст
Зи сар бозбастанд ақде дуруст.
Ба ҳар барзан овози хунёгарон,
Ба ҳар гӯшае дастбанди сарон.
Ҳам аз раҳ арӯси наву шоҳи нав
Дар айвон нишастанд бар гоҳи нав.
Кушод Асрат аз баҳри ҷуфти писар
Яке ганҷи ёқуту дур сар ба сар.
Бар ӯ кард чандон гуҳарҳо нисор,
Ки ганҷи падар бар дилаш гашт хор.
Бар он меҳр, к-аш буд сад барфузуд,
Ниҳон зӣ падар номае кард зуд.
Зи кори сипаҳдору он фарру ҷоҳ,
Ҳама гуфт аз кори зангиву роҳ.
Дижам гашт Қайсар зи кирдори хеш,
Равон кард ганҷе аз андоза беш.
Ҳазор уштур ороста бор кард,
Даҳ аз борагӣ бор динор кард.
Зи зар афсару ёраву тахту тоҷ,
Ба гавҳар нигорида тахте зи оҷ.
Дусад уштур оройиши боргоҳ,
Аз ӯ сад сапеду дигар сад сиёҳ.
Фиристод пок Асрати родро,
Ҳамон духту фархунда домодро.
Дигар ҳар киро буд сазо, ҳадя дод,
Ба нома басе пӯзиш овард ёд.
Зи бас хоҳишаш паҳлавон нарм шуд,
Аз озори дил сӯйи озарм шуд.
Ба хилъат фиристодаро шод кард,
Ба посух басе некуӣ ёд кард.
Дигар гуфт: -Гоме раҳ аз коми ту
Нагардам, наҷӯям ҷуз ороми ту.
Валекин бад-он марди бозоргон
Зи некӣ бикун, ҳар чӣ дорӣ тавон.
Бидон, к-ӯ дилу ҷони ройи ман аст,
Бад-ӯ ҳар чӣ кардӣ, ба ҷойи ман аст,
Бувад ойина дӯстро марди дӯст,
Намояд бад-ӯ, ҳар чӣ зишту накӯст.
Фиристод аз ин гуна пайғом боз,
Аз он пас ҳаме буд бо кому ноз.
Аз он пас шуд он марди бозоргон
Шаҳи Румро тоҷи озодагон.

Зи гурди гузин в-аз шаҳи Рум низ,
Ҳамеёфт ҳар гуна бисёр чиз.
Ба гетӣ ба ҷуз дасти некӣ мабар,
Ки ояд яке рӯз некӣ ба бар.
Басе ҷойҳо гуфтаанд, ин сухан,
Ки кун некӯиву ба Ҷайҳун фикан.
Пушаймон нагардад кас аз кори нек,
Накӯтар зи некӣ чӣ чиз аст нек!
Ба майдони дониш ба аспи ҳунар
Нишину бибанд аз ситойиш камар.
Вафо тарк кун, диръи родӣ бипӯш,
Камон аз хирад созу ханҷар зи ҳуш.
Бар ин сон саворӣ кун аз хештан,
Пас аспат ба ҳар сӯ ки хоҳӣ, фикан.

## 83. СОХТАНИ ШАҲРИ ЗАРАНҶ

Чу бигзашт аз ин кор моҳе фараҳ,
Биёмад ба наздики оби Зираҳ.
Зи ахтаршиносу муҳандисшумор,
Ба Руму ба Ҳинд он ки буд номдор.
Биёварду бинҳод шаҳри Заранҷ,
Ки дар кор н-осуд рӯзе зи ранҷ.
Зи гил борае гирда андаркашид,
Миёнаш диже сар ба маҳ баркашид.
Зи перомани диж яке кунда сохт,
Зи ҳар ҷӯву шаҳр об дар вай битохт.
Басе рӯд бардошт аз Ҳирманд,
В-аз он ҷӯву корезҳо барфиканд.
Дар ин кор буд паҳлавони сипоҳ,
Ки аз шоҳи Кобул тиҳӣ монд гоҳ.
Писар шод биншаст бар ҷойи ӯй,
Бигардид аз ойину аз ройи ӯй.
Хироҷи падар-ш, он ки ҳар сол пеш
Ба Асрат фиристодӣ аз ганҷи хеш,
Дусола ба ганҷ андар анбор кард,
Дигар тамъи кишвар-ш бисёр кард.
Басе додаш Асрат ба ҳар нома панд,
Напазруфту бад посух орост чанд.
Ҳам эдун-ш дастури фарзонаҳуш
Басе гуфт, к-ин ҷангу кинро макӯш.

Ба сад сол як дӯст ояд ба даст,
Ба як рӯз душман тавон кард шаст.
Чу буд оштӣ, нав маёғоз ҷанг,
Паси шери рафта маяндоз санг.
Тану ҷон бувад чизро моядор,
Чу ҷон шуд бувад, чиз н-ояд ба кор.
Ту ин подшоҳӣ биёбӣ, ки ҳаст
Беҳ аз тамъи маҳ з-ин, ки н-ояд ба даст.
Пашизе ба дасти ту беҳтар басе
Зи динор дар дасти дигар касе.
Нигаҳ кун, ки дар пешат об асту чоҳ,
Кулича маяфкан, ки нарсӣ ба моҳ.
Шаҳон аз пайи он физоянд ганҷ,
Ки аз тан бад-ӯ боздоранд ранҷ.
Ту ганҷ аз пайи ранҷ хоҳӣ ҳаме,
Фузудан бузургӣ бикоҳӣ ҳаме.
Зи Гаршосп тарсад ҳаме чарху бум,
Сутуҳ шуд зи гурзаш ҳама Ҳинду Рум.
Шаҳонро ҳама нест поёби ӯй,
Чӣ дорӣ ту бо ин сипаҳ тоби ӯй?!
Чу оташ кунӣ зери оташ дарун,
Расад дуд зуд аз гиребон бурун.
Макун бад, ки то бад наёяд-т зуд,
Мадарру мадӯзу туро ришта суд.
Барошуфту гуфташ: -Ту лашкар пасеч,
Зи пайкори Гаршосп м-андеш ҳеч!
Ду сол аст, к-ӯ шуд зи даргоҳи шоҳ
Ба наздики оби Зираҳ бо сипоҳ.
Ба наввӣ яке шаҳр созад ҳаме,
Зи ҳар шаҳр мардум навозад ҳаме.
Ба мо то расад гарди ӯ дар набард,
Зи Зовул бароварда бошем гард.
Будаш ибни ам ном Анборсӣ,
Бидодаш зи гурдон дусад бор сӣ.
Фиристодаш аз пешу солор кард,
Зи пас бо сипаҳ сози пайкор кард.
Гузид аз далерон ду раҳ чил ҳазор,
Саду шаст пил аз дари корзор.
Бишуд то сари марзи Кобулситон
Ба кин ҷустани шоҳи Зобулситон.
Хабар шуд бари Асрати сафароз,
Сабук хонд лашкар зи ҳар сӯ фароз.

Бародар-шро сарваре ҳушёр
Писар буд яке, номи ӯ Нӯшёр.
Варо кард пеши сипаҳ ҷангҷӯй,
Бари шаҳри Довар фуруд омад ӯй.

## 84.ҶАНГИ НӮШЁР БО АНБОРСӢ

Ба ҷанг он ду солор пеш аз ду шоҳ
Расиданд зӣ якдигар кинахоҳ.
Ду лашкар заданд аз ду сӯ парра боз,
Бибуд дасти ҷанги далерон дароз.
Саворон ба як ҷо баромехтанд,
Пиёда ҷудо дар ҳам овехтанд.
Сари ханҷар оташ шуду гард дуд,
Чу оташ, к-аз ӯ ҷӯши хун хост зуд.
Биғуррид кӯсу баромад набард,
Бирахшид теғу биҷӯшид гард.
Навон гашт буму ҷаҳон шуд сиёҳ,
Биларзид меҳру битарсид моҳ.
Яке базмгаҳ будӣ гуфтӣ, на разм,
Далерон дар ӯ бодахорони базм.
Ғави кӯсашон захми барбатсарой,
Дами говдум нола в-овои ной.
Равон хун - маю наърашон - бонги зер,
Пиёла - сари ханҷару нуқл - тир.
Ба ҳар гӯшае масте афканда хор,
Чӣ масте, ки ҳаргиз нашуд ҳушёр.
Чу якрӯя пайкор пайваста шуд,
Зи гурдон басе куштаву хаста шуд.
Дамон Нӯшёр аз миёни набард
Ба Анборсӣ ногаҳон бозх(в)ард.
Баровард заҳробгун ханҷараш,
Ба захме зи тан монд танҳо сараш.
Сипаҳ чун сипаҳбад нигун ёфтанд,
Инон яксар аз разм бартофтанд.
Зи пас хайли Зовул се фарсанг беш
Бирафтанду душман гурезон зи пеш.
Фикананд аз эшон басе размсоз,
Чу хуршед шуд зард, гаштанд боз.
Ҳамон гаҳ шаҳи Кобул андаррасид,
Ҳамон дашту куҳ куштаву хаста дид.
Задаш з-оташи дард бар мағзу дуд,
Ки шаб гашту ҳангоми кӯшиш набуд.

Тани кушта Анборсӣ боз ҷуст,
Бар ӯ рух ба хуни ду дида бишуст.
Яке уд бо заъфарон барфурӯхт,
Мар он куштаро тан ба оташ бисӯхт.
Ҳам аз баҳри он кушта бар анҷуман
Басе кас ба оташ фикананд тан.
Сипаҳ ҳар куҷо кушташон буд дигар,
Ҳама шаб буданд аз бараш мӯягар.
Ба ёрӣ бари Нӯшёр аз сарон
Ҳамон шаб биёмад сипоҳе гарон.

## 85. ҶАНГИ ШОҲИ КОБУЛ БО ЗОБУЛИЁН ВА ШИКАСТА ШУДАНИ АСРАТ

Чу бози сапеда бизад парр боз,
Аз ӯ зоғи шаб шуд гурезанда боз.
Шаҳи Кобул овард лашкар ба ҷанг,
Баробар ду саф баркашиданд танг.
Бипайваст разме гарон, к-аз сипеҳр
Гурезанда шуд моҳу гум гашт меҳр.
Баромад деҳу дору гиру гурез,
Зи ҳар сӯ сарафшон буду таркрез.
Ҷаҳон ҷӯши гурдони саркаш гирифт,
Ба дарё зи теғ об оташ гирифт.
Ҳама дашт тобон зи алмос буд,
Ҳама кӯҳ дар бонги сарпос буд.
Фиканда сари найзаи ҷонситон
Якеро нигуну якеро ситон.
Зи бас хуни хаста замӣ лолазор
В-аз он хастагон хоста нола зор.
Тани пил пурхуну пуртиру хишт,
Чу з-оби бақам руста бар кӯҳ кишт.
Ба теғу синону ба гурзи гарон
Бикуштанд чандон зи якдигарон,
Ки шуд марг аз он хор бар чашми хеш,
Сутуҳ гашту нафрид бар хашми хеш.
Дили ҷангиён шуд зи кӯшиш сутӯҳ,
Шикаст андаромад ба зовулгурӯҳ.
Зи пеши сипаҳ Нӯшёри далер
Даромад, биғуррид чун тундшер.
К-аз ин ғарчагон чист чандин гуреғ,
Бикӯшед ҳампушт бо гурзу теғ!
Ҳамон лашкар аст ин, ки дар корзор
Гурезон шуданд аз шумо чанд бор.

Сипаҳро ба якбор пас боз бурд,
Ба найза фиканд аз ялон чанд гурд.
Танӯра зад аз гирдаш андар сипоҳ,
Ба ҳар сӯ зи захмаш гирифтанд роҳ.
Бияндохтандаш ба шамшер даст,
Фикананд беҷон-ш бар хок паст.
Писар-ш аз далерӣ бияфшурд пой,
Ситад кина з-он ҷангҷӯён ба ҷой.
Нахуст аз ялон панҷ бифканд тафт,
Падарро бибаст аз бари зину рафт.
Далерони Зовул ҳама таргу теғ
Фиканданду ҷустанд роҳи гуреғ.
Аз эшон ҳама дашт сар буду даст,
Гирифтанд бисёру куштанду хаст.
Чу шаб хайма зад аз паранди сиёҳ,
Дар ӯ фарши симин бигустард моҳ.
Шаҳи Кобул он ҷо, ки пирӯз гашт,
Бизад бо сипаҳ хайма дар кӯҳу дашт.
Гурезандагон назди Асрат ба дард
Расиданд пурхуну пурхоку гард.
Бидодандаш, аз ҳар чӣ буд огаҳӣ,
Бимонд аз ҳушу рой мағзаш тиҳӣ.
Зи дарди сипаҳ в-аз ғами Нӯшёр
Ба дил дар-ш бо заҳр шуд нӯш ёр.

## 86. НОМАИ АСРАТ БА ГАРШОСП

Яке нома наздики Гаршосп зуд
Навишту намуд, он куҷо рафта буд.
Зи Кобулшаҳу лашкар оростан,
Зи нододани божу кин хостан.
Дигар гуфт: -Чун нома хондӣ, ба ҷой
Мазан дам, ҷуз оварда дар асп пой.
Ба зудӣ ба ман рас чунон ногаҳон,
Ки аз хон расад даст сӯйи даҳон.
Ки ман чун шуд ин нома пардохта,
Бирафтам сипаҳ размро сохта.
Фиристода бар ҷабре омад бурун,
Яке бодпай, кӯҳи кӯҳон ҳаюн:
Камосою дамсозу ҳинҷорҷӯй,
Сабукпою осондаву тезпӯй;

Шикебоваре, раҳбаре, тезгом,
Сутӯҳе, каше, камхуру пурхиром;
Шитобанда аз пешу раҳбар зи пас,
Ҷаҳандараҳону гурезандарас;
Чу мавҷ аз ниҳебу чу оташ зи тоб,
Чу хок аз дарангу чу бод аз шитоб;
Ба рой аз хирад тездидортар,
Ба пой аз камон тундрафтортар;
Хабардору барнодилу тезҳуш,
Ба раҳ дидабончашму ҷосусгӯш.
Бад-он сон ҳаме шуд, ки ҳазмон зи гард
Паяш бо қазо гуфт аз роҳ гард.
Камонвор гардан-шу ҷастан чу тир,
Хамираш паю хора з-ӯ чун хамир.
Гаҳе дар замин ёри даррандагон,
Гаҳ андар ҳаво ҷуфти паррандагон.
Агар сина бар кӯҳи хоро задӣ,
Бикандиву дар жарф дарё задӣ.
Пайи мӯрча бар палоси сиёҳ
Бидидӣ шаби тира сад мил роҳ.
Ба пой он куҷо дида бигмоштӣ,
Сабуктар зи дидор бигзоштӣ.
Танаш абр буд, барқ -- дандони тез,
Хаяш қатраборону каф барфрез.
Чу тир аз камон буд-ш ҷастан зи ҷой,
Ба сони ситора нишонҳои пой.
Зи манзил ба манзил ҳамешуд чунон
Дамону давону ҷаҳон чун ҷаҳон.
Чу зангӣ, ки бозӣ кунад дар хурӯш,
Ду лаб карда ларзанда дар бонгу ҷӯш.
Чу ангушт, к-осон шуморад шумор,
Паяш буд шуморандаи кӯҳу ғор.
Ба як чашмзахм озмунро даранг
Биҷаст аз шудан то ба шаҳри Заранг.
Сипаҳдорро буд кундогаре,
Басе ёфта дониш аз ҳар даре.
Бад-ӯ гуфта буд рози ахтар ниҳон,
Ки хезад яке шӯриш андар ҷаҳон.
Дар ин маҳ зи Кобул сипоҳе ба ҷанг
Биёяд, бар Асрат кунад кор танг.
Зи зовулгурӯҳ кушта гардад басе,
Зи пайвастагонат кам ояд касе.
Туро рафт бояд саранҷоми кор
Кунӣ разму з-ахтар шавӣ комгор.

Фиристода инак ба роҳ андар аст,
Чу ҳафта дарояд, дуруст эдар аст.
Дурӯғ обрӯй аз буна бистурад,
Нагӯяд дурӯғ, он ки дорад хирад.
Ба гирди дурӯғ он ки гардад басе,
Аз ӯ рост бовар надорад касе.
Ҳар оҳу, ки хезад зи каж як сухун,
Ба сад рост некӯ нагардад зи бун.
Забоне, ки бошад бурида зи ҷой,
Аз он беҳ, ки бошад дурӯғозмой.
Ситорашумар шуд дижамрӯю гуфт:
-Ба доранда додори беёру ҷуфт,
Бад-ин чеҳрангез гавҳар чаҳор,
Бад-ин ҳафт рахшандаву ҳафт тор,
Ки наншинам имрӯз пешат зи пой,
Ҷуз он гаҳ, ки гуфти ман ояд ба ҷой.
Вагарна наёрам бад-ин кор даст,
Бар оташ ниҳам дафтарам, ҳар чӣ ҳаст.
Бигуфту сутурлоб бардошта,
Ҳамебуд ба раҳ дида бигмошта.
Чу аз бими шаб зард шуд чеҳри х(в)ар,
Давон пардадор андаромад зи дар,
Ки бар дар фиристодае тезгом
Расидасту дорад зи Асрат паём.
Сипаҳдор хондаш бари хеш зуд,
Бипурсиду дид, он чи дар нома буд.
Ҳамон буд, к-ахтаршумар гуфт рост,
Зи баҳраш сабук хилъату ёра хост.
Шуд аз донишаш хира андар ниҳуфт,
Аз ин хубтар донише нест,- гуфт.
Бар аспи набардӣ дарафканд зин,
Дусад гурд кард аз далерон гузин.
Шабу рӯз пӯянда з-он сон шитофт,
Ки боди вазон гардаш андарнаёфт.
Чунин то ба ҷойе, ки буд ҷойи шер,
Забар найситон буду гандоб зер.
Чу тундар ҳама беша бонги ҳижабр,
Шуда гардашон гирди гардун чу абр.
Ба гурдон-ш бошед, -гуфто, - ба ҷой,
Ки танҳо маро размы шер аст рой.
Шавам, з-ин ҳижаброни огандаёл
Якеро кунам шоҳи Кобул ба фол.

Ҳам аз пешаш андар камини шикор
Се шери шикорӣ шуданд ошкор.
Ба гардун ҳаме барфишонданд хок,
Ба наъра дили санг карданд чок.
Яке пешрав буд бо хашму зӯр,
Сипаҳбад сабук пой барзад ба бӯр.
Баровард бар зеҳ хами шохи карг,
Зи таркаш бароҳехт занбӯри марг.
Ба захми хаданги дупайкон сараш
Фурӯ дӯхт бо ҳалқу ёлу бараш.
Бизад найза бар гурдаҳои дигар,
Ба комаш барафшонд хуни ҷигар.
Фиканд аз севум сар ба теғи набард
Гирифт он гаҳе раҳ шитобон чу гард.
Деҳе дид дар роҳ бар сода дашт,
Ба поёни деҳ бо сипаҳ баргузашт.
Аз он деҳ бараҳман яке марди пир
Ба овоз гуфт: -Ай яли гурдгир,
Ҳунарманд Гаршосп гар номи туст,
Ниёи ту Ҷамшедшаҳ буд дуруст.
Ба мардӣ ҷаҳонро бихоҳӣ гирифт,
Басе размҳо кард хоҳӣ шигифт.
Ба банд оварӣ бозуи Манҳарос,
Аз он дев гетӣ кунӣ беҳарос.
Бипурсид Гаршосп: -Аз роҳи рост
Чӣ донистӣ ин в-огаҳит аз куҷост?
Бигуфто, к-аз андешаи дурёб
Бибинам ҳама буданиҳо ба хоб.
Нишон он, ки дӣ шер гуштӣ ба роҳ,
Ба Ковул ҳамеронӣ акнун сипоҳ.
Зи шоҳаш бихоҳӣ рабудан шаҳӣ,
Кунӣ шаҳру бумаш зи мардум тиҳӣ.
Бар ин мужда хоҳам, к-аз ин корзор
Чу рафтӣ ба бутхонаи Савбиҳор,
Бар он хона в-он бутпарастон газанд
Насозӣ, ки Яздон надорад писанд.
Бар ин гар ба савганд паймон кунӣ,
Хирадро ба фарҳанг фармон кунӣ.
Се пандат диҳам нағз, к-аз ҳар се зуд
Гирӣ ному бошад-т бисёр суд.
Сипаҳбад ба фармон-ш савганд х(в)ард,
Чунин гуфташ он гаҳ парастанда мард,

Ки гар духтари шоҳи Кобул ба ҷом
Гаҳи базмат орад майи лаълфом,
Бидон, к-он фиреб аст, нозаш махар,
Бифармой, то ӯ хурад, ту мах(в)ар.
Дувум, гар-т рӯзе зи пеши сипоҳ
Зане дар яке хона хонад зи роҳ,
Машав, гарчи зан лоба созад басе,
Ба ҷойи ту бифрист дигар касе.
Севум панд, шаҳре, ки нав сохтӣ,
Ба ранҷаш басе ганҷ пардохтӣ,
Ҳама бумаш аз рег дорад ниҳод,
Ҳамехоҳад огандан аз рег бод.
Ба пешаш бар аз чӯб варғе бибанд,
Чу бастӣ, зи регаш набошад газанд.
Сипаҳдор аз ӯ ҳар се пазруфту рафт,
Ҳамешуд шабу рӯз чун бод тафт.

## 87. ҶАНГИ АСРАТ БО ШОҲИ КОБУЛ

В-аз он сӯ чу аз шаҳри Довар сипоҳ
Суйи ҷанг бурд Асрати кинахоҳ.
Сипаҳ сӣ ҳазор аз ялон дошт беш,
Дусад пили баргустувондор пеш.
Далерони пархош дурӯя саф
Кашиданд, ҷон барниҳода ба каф.
Саворон шудомад фузун сохтанд,
Ялон аз каминҳо бурун тохтанд.
Ба кӯҳ-андар аз кӯси кин нола хост,
Зи пайкон дар абр оҳанин жола хост.
Шитоб андаромехт кин бо даранг,
Шуд аз хуну аз гард гетӣ дуранг.
Ҳаво таффи хишти дурафшон гирифт,
Сари теғ ҳар сӯ сарафшон гирифт.
Ту гуфтӣ зи бас хун, ки борад ҳаме,
Ҷаҳон захми ханҷар сар орад ҳаме.
Дароварда хартум пилон ба ҳам,
Чу морон хам андарфиканда ба хам.
Ҳаме хуну хай бар ҳам омехтанд,
Ба дандон зи захм оташ ангехтанд.
Гирифтанд пилони Асрат гурез,
Баромад зи зовулгуруҳ растахез.
Фаровон кас аз пил афтод паст,
Басе кас нигун монд бе пову даст.

Фиканд ин силеҳ, он дигар рахт рехт,
Диловар зи баддил ҳаме беҳ гурехт.
Зад Асрат бурун адҳами тезгом,
Ялонро ҳамехонд як-як ба ном.
Инон чандро бозпечиду гуфт:
-Наистад каси монда бо дард ҷуфт.
Будаш ридакони сарои ҳазор,
Ҳазори дигар гурди ханҷаргузор.
Бад-ин моя лашкар бияфшурд пой,
Фурӯ дошт чандон сипаҳро ба ҷой.
Чапу рост бо номдорони ҷанг
Ҳамеҷуст ҷанг аз пайи ному нанг.
Инонро ба ҳамла басудан гирифт,
Саронро ба найза рабудан гирифт.
Куҷо гарде ангехтӣ дар набард,
Ба хун боз биншондӣ он тира гард.
Чунин то фурӯ шуд сипеҳрӣ дирафш,
Зи шаб гашт зарбафти гетӣ бунафш.
Ба роҳи Сакованд чун бод тафт
Шаби қиргун рӯй бинҳоду рафт.
Бари домани кӯҳе омад фуруд,
Ҳама роғи ӯ бешаи килк буд.
Гурезандагонро гурӯҳогурӯҳ
Ҳамехонд аз ҳар раҳе сӯйи кӯҳ.
Пароканда гирд омадаш пил шаст,
Дигар даҳ ҳазор аз ялон чирадаст.
Ҳама хаставу мондаву тофта,
Зи бас ташнагӣ кому лаб кофта.
Талоя пароканда бар кӯҳу дашт
Бибуд, то сипоҳи шаб аз ҷо бигашт.
Чу динори гардун баромад зи хам,
Ситад як-як аз сабз мино дирам.
Дирафши шаҳи Кобул омад падид,
Сипаҳ аз пасаш яксар андар расид.
Саросема монданд зовулсипоҳ,
Ба Асрат намуданд ҳар гуна роҳ.
Чӣ созем, -гуфтанд, -чора, ки ҷанг
Фароз омаду шуд ҷаҳон тору танг.
Сутӯҳем ҳам марду ҳам борагӣ,
Шуда дар дами марг якборагӣ.
Зи чандин сипаҳ нест нохаста кас,
Раҳи дур пеш асту душман зи пас.

Чунин гуфт Асрат, ки як бор низ
Бикӯшем, то бахши Яздон чӣ чиз.
Ҷаҳондор бахше, ки кардаст пеш,
Аз он бахш камтар нагардад, на беш.
Ҳама кори пайкору разм эзидист,
Кӣ донад, ки фарҷом пирӯз кист!
Ба ҳар сахтие то бувад ҷон ба ҷой,
Набояд буридан умед аз Худой.
Чу хоҳад будан марг фарҷоми кор,
Чи дар базм мурдан, чи дар корзор!
Бигуфт ину хафтону миғфар бихост,
Бизад кӯсу саффи сипаҳ кард рост.

❁ ❁ ❁

Шуд андар замон рӯйи чархи бунафш
Пур аз маҳ зи бас моҳ рӯйи дирафш.
Зи хуни ялону зи гарди сипоҳ
Замин гашт лаълу ҳаво шуд сиёҳ.
Зи бас гурз абар таргҳо кӯфтан
Фитод осмонҳо дар ошуфтан.
Сари теғ дар чарх маҳ тоб дод,
Синон боғи кинро ба хун об дод.
Буд аз захми гурдон саросема кӯҳ,
Зи бонги сутурон ситора сутӯҳ.
Шуда пора бар шермардон зиреҳ,
Зи хун баста бар найзаҳошон гиреҳ.
Замин аз пайи пил пур жарф чоҳ
Чу корез хунро ба ҳар чоҳ роҳ.
Хазон аст он дашт, гуфтӣ, ба ранг
Дарахтон – ялон, боғ – майдони ҷанг.
Чаман саффи дам, баддилон – боди сард,
Равон хун – маю чеҳраҳо барги зард.
Шуд аз кушта пур пушта, болову паст,
Саранҷом бадхоҳ шуд чирадаст.
Ба зовулгуруҳ бахт барбехт гард,
Ҳама рӯй баргоштанд аз набард.
Яке кӯҳу дигар биёбон гирифт,
Бимонд аз бади бахт Асрат шигифт.
Бароҳехт теғ, андаромад ба пеш,
Ду танро фиканд аз далерони хеш.
Басе хӯрд савгандҳои дурушт,
Ки ҳар, к-ӯ намояд ба бадхоҳ пушт,

Ниёми сари теғ созам бараш,
Кунам афсари дор бетан сараш.
В-агар ман ба танҳоӣ андар ситез
Бимонам, диҳам сар, нагирам гурез!
Дигарбора гурдони пархошҷӯй
Ба ноком зӣ разм доданд рӯй.
Деҳу гир бархост бо дору бурд,
Ҳаво чун биёбон шуд аз тира гард.
Биёбоне ошуфта ҳамранги қир,
Дар ӯ ғӯл – маргу гиё – хишту тир.
Зи чархи камон кафта шуд кӯҳи бурз,
Дарид осмон аз чакочоки гурз.
Биборид чандон нами хун зи теғ,
Ки борон ба соле набораД зи меғ.
Яке баҳра шуд кушта зовулгурӯҳ,
Дигар гашта аз ҷанг ҷустан сутӯҳ.
Чунон ғарқа дар хун ки ҳар кас, ки зист
Ба овоз бишнохтандӣ, ки кист.
Ба андарз кардан ҳама хастагон
В-аз он хастагон зортар бастагон.
Ғирев аз ҳама зор бархоста,
Бурида дил аз ҷону аз хоста.
Ҳамегуфт ҳар кас: -Бар ин дашти кин
Бикӯшед то тирашаб ҳамчунин.
Магар шаб бад-ин чора афсун кунем,
Сар аз чанбари марг берун кунем.

## 88. РАСИДАНИ ГАРШОСП БА ЁРИИ АСРАТ ВА ШАБЕХУНИ Ӯ

Паси куҳ чу хур сози рафтан гирифт,
Рухаш андак-андак наҳуфтан гирифт.
Ғави дидабон аз бари маҳ расид,
Ки омад дирафши сипаҳбад падид.
Хурӯши ялон  шуд зи шодӣ бар абр,
Ситад нолаи кӯс ҳуши ҳижабр.
Сипаҳро дил омад ҳама боз ҷой,
Яке мард даҳро бияфшурд пой.
Бар он буд душман, ки шаб дар ниҳон
Гурезанд зовулгуруҳ ногаҳон.
Зи Гаршосп огаҳ набуданд кас,
Шаб омад, зи пайкор карданд бас.
Яли паҳлавон дошт, к-омад зи роҳ
Тане даҳ ҳазор аз ялони сипоҳ.

Ки ҳар, к-аз гурезандагон ёфт зуд,
Иноншон зи раҳ боз бартофт зуд.
Ҳам аз раҳ, ки омад, нашуд зӣ падар,
Ба кин баст бар ҷанг ҷустан камар.
Сарони сипаҳ в-Асрати сарфароз
Ба сад лоба бурдандаш аз пеш боз.
Бибуд, то баросуду чизе бих(в)ард,
Зи лашкар бипурсид, пас аз набард.
Ҷуз аз куштагон ҳар киро ном бурд,
Ҳама хаста дид аз бузургону хурд.
Зи бас хашму кин кард савганд ёд,
Ки бидҳам ман имшаб бад-ин ҷанг дод.
Занам теғ чандон, ки аз ҷӯши хун
Рухи қиргун шаб кунам лолагун.
Шаби тору шабранг дар зери ман,
Кӣ тобад бари гурзу шамшери ман?
Талоя фиристод ҳам дар шитоб,
Замоне гарон кард мижгон ба хоб.

❁ ❁ ❁

Шабе ҳамчу зангӣ сияҳтар зи зоғ,
Маҳи нав чу дар дасти зангӣ чароғ.
Сиёҳиш бар ҳам сиёҳипазир,
Чу мавҷ аз бари мавҷи дарёи қир.
Чу ҳинду ба кор андар андуда рӯй,
Сияҳ ҷома в-аз рух фурӯ ҳишта мӯй.
Чунон тира гетӣ, ки аз лаб хурӯш
Зи бас тирагӣ раҳ набурдӣ ба гӯш.
Миёни ҳаво ҷой-ҷой абру нам,
Чу афтода дар чашми торик там.
Ҷаҳон гуфтие дӯзахе буд тор,
Ба ҳар гӯша дев андар ӯ сад ҳазор.
Аз ангушт будшон ҳама пераҳан,
Дамон боди торику дуд аз даҳан.
Заминро куҳ аз ғор дидор на,
Замонро раҳу рӯйи рафтор на.
Ба зиндони шаб дар ба банд офтоб,
Фурӯ ҳишта бар дидаҳо парда хоб.
Фаришта гирифта зи бас бим пос,
Парӣ дар ниҳеб, Аҳриман дар ҳарос.
Ба сони тане бе равон буд замин,
Ҳаво чун дижам сӯгие дил ғамин.
Бад-он сӯг баркарда гардун зи ришк,
Рухи нилгун пур зи симин сиришк.

Чу хамгоҳи чавгоне аз сим моҳ,
Дар он хам падидор гӯйе сиёҳ.
Ту гуфтӣ сипеҳр ойина-ст аз фароз,
Ситора дар ӯ чашми зангист боз.
Дар ин шаб сипаҳбад чу лахте ғунуд,
За баҳри шабехун бароростзуд.
Ҳамон номвар вижагонро, ки дошт,
Бурун бурду зӣ раҳ инон бозгошт.
Чу наздикии хайли душман расид,
Саворе сад омад талоя падид.
Кашид абри беҷодабор аз ниём,
Барангехт шабрангу баргуфт ном.
Зи зин кард мар чандро сарнишеб,
Гирифтанд дигар гурез аз ниҳеб.
Сипаҳдор бо вижагон гуфт: -Ҳин
Гиред аз пасам гурзу шамшери кин.
Ҳама гӯш доред овои ман,
Гиройидани гурзи сарсои ман.
Бизад наърае, к-аз ҷаҳон хост ҷӯш,
Зи душман чиҳил мурду сад шуд зи ҳуш.
Ба як раҳ бар анбӯҳи лашкар заданд,
Сипаҳ бо талоя ба ҳам бар заданд.
Сипаҳ бар ҳам афтод шебу фароз,
Рикеб аз инон кас надонист боз.
Рамиданд пилону аспон зи ҷой,
Сипарданд мар хаймаҳоро ба пой.
Ҳаметохт ҳар кас дар он ҷангу шӯр,
Яке зӣ силеҳу яке зӣ сутур.
Далерони Зовул чу пилони маст
Давон ҳар суйе гурзу ханҷар ба даст.
Саропарда з-оташ барафрӯхтанд,
Басе хиргаҳу хаймаҳо сӯхтанд.
Шуд аз тобиши теғҳо тира шаб
Чу зангӣ, ки бикшояд аз ханда лаб.
Ту гуфтӣ, ба дӯзах-дарун Аҳраман
Дамад ҳар суй оташ ҳаме аз даҳан.
Ба кам як замон хост сад ҷо фузун
Зи гурдон тали куштаву ҷӯйи хун.
Якеро фиканда зи тан пою даст,
Якеро сару мағз аз гурз паст.
Яке дӯзахивор тан сӯхта,
Силеҳу салаб з-оташ афрӯхта.
Чу сими равон барзад аз чарх сар,
Бар он сим хуршед баррехт зар.

Буд аз ранги хуршеду аз хуни мард
Ҳама дашт чун дебаи сурху зард.
Сипаҳбад суйи саффи пилон дамон
Чу бод аз камин тохт бар зеҳ камон.
Ба тир - андар он ҳамла бифканд тафт
Зи пилони баргуствондор ҳафт.
Ба таргу ба ҷавшан зи кобулгурӯҳ
Яке дидбон дид бар теғи кӯҳ.
Задаш бар бару дил хаданге дурушт,
Чунон к-аз дилаш ҷаст берун зи пушт.
Бишуд тир пинҳон ба санг - андарун,
Фитод аз камар марди беҷон нигун.
В-аз он ҷой бо вижагон рафт чир
Суйи лашкараш ҳамчу арғанда шер.
Ба шодӣ баромад зи лашкар хурӯш,
Фитод аз ғави кӯс дар чарх ҷӯш.
Зи кобулсипаҳ кушта шуд сад ҳазор,
Надонист кас хастагонро шумор.
Набуд кушта аз хайли Гаршосп кас,
Шумурданд, як мард кам буду бас.
Расид он яке низ тозон наванд,
Гирифта саворе ба хамми каманд.
Ҳама хайли Кобул шуданд анҷуман,
Бар он кушта пилони пӯлодтан.
Ба як тир буд ҳар як афканда хор,
Бад-ин сӯ зи даҳ карда з-он сӯ гузор.
Ҳам эдун бар он дидабон як гурӯҳ
Шуданд анбуҳ аз зери он бурзкӯҳ.
Бididанд дар санг нодида тир,
Ялонро ҳама рӯй шуд чун зарир.
Бидонист ҳар кас ба фарҳанг зуд,
Ки он захм бо шасти Гаршосп буд.
Зад асп аз миён шоҳи Кобул чу бод,
Суйи лашкари Зобул овоз дод.
Зи Гаршосп пурсид, гуфто куҷост?
Диҳедам аз ӯ мужда, гар бо шумост,
Ки бо ӯ ба ҷанги Баҳу будаам,
Ҳама кишвари Ҳинд паймудаам.
Шунидам, ки Зовул бипардохтаст,
Ба шаҳрест, к-онро кунун сохтаст.
Яке гуфт: -Нашносӣ, ай рафтаҳуш,
Ки Гаршосп кард ин ҳама разм дӯш.

Ҳам аз раҳ, ки омад фиканд ин сарон,
Барорад кунун гард аз ин дигарон.
Ба ҳангом аз эдар гурезед зор,
Аз он пеш, к-орад кунун корзор.
Шаҳи Кобул омад ду рухсора зард,
Ба лашкар бар он роз пайдо накард.
Матарсед гуфто, ки Гаршосп нест,
Саре номдор асту марде дувист.
Шаб ин тирҳоро вай андохтаст,
Ҳамин тохтан ногаҳ ӯ сохтаст.
Ба Гаршосп ёвар набояд касам,
Агар ӯст, танҳо ман ӯро расам.
Шабехун бувад пешаи баддилон,
Аз ин нанг доранд ҷангӣ ялон.
Агар мо ба эшон шабехун кунем,
Ҳама обҳо дар шабе хун кунем.
Бигуфт ину лашкар ҳама гирд кард,
Бизад кӯсу бархост саффи набард.
Сипаҳро сабук паҳлавон саф кашид,
Ҷудо ҷойи ҳар саркаше баргузид.
Ҳама хастагонро зи пас боз дошт,
Ба ҷанг, он ки шойиста буд, баргумошт.
Даровард пеш аждаҳофаш дирафш,
Шуд аз теғ ҳомун чу гардун бунафш.
Дами нойи рӯйин зи маҳ баргузашт,
Ғави кӯс дашту куҳ андарнавашт.
Ба ҳамла ялон дар фарозу нишеб
Инон гирд карданд тозон рикеб.
Ба захми сари теғи алмосчеҳр
Ҳаме хун фишонданд бар моҳу меҳр.
Шилу хишт чун пуду чун тор буд,
Чакочок бархост аз таргу хӯд.
Зи ҳафтум замин гарди пайкор хост,
Зи деву парӣ бонги зинҳор хост.
Ақиқин шуд аз хун ба фарсанг санг,
Фурӯ рехт аз чарх харчанг чанг.
Зи бас ханҷару найзаи ҷонситон
Замин ҳамчу оташ буду найситон.
Нигоранда аз хун синонҳо замин,
Кушоянда марг аз камонҳо камин.
Шуда теғҳо дар сар андохтан,
Чу бозигар аз гӯйҳо бохтан.

Буд оташ зи ҳар ҳалқаи диръпӯш,
Забона-забона бароварда ҷӯш.
Ту гуфтӣ зи бигдохта зарри кор,
Ҳаво шафша созад ҳаме сад ҳазор.
Чу Гаршосп он разму пайкор дид,
Ҷаҳон пур савори сафавбор дид,
Ба шабранги маҳнаъли гардуннаворд
Дар омад, барафрохт гурзи набард.
Дудастӣ ҳамекӯфт бар мағзу тарг,
Ҳамерехт з-алмоси кин заҳри марг.
Гаҳ андохт хартуми пилон ба теғ,
Барафшонд гаҳ мағзи гурдон ба меғ.
Куҷо гурз бар захм бигмоштӣ,
Замин аз бари гов баргоштӣ.
Зи гурдон ба хамми каманд аз камин,
Ба ҳар ҳамла ду-ду рабудӣ зи зин.
Суми аспаш аз гард санги сиёҳ
Ҳамекард чун сурма дар чашми моҳ.
Дили кӯҳ наълаш ҳаме чок зад,
Зи хун хирмани лола бар хок зад.
Яке пил, чун кӯҳи ҳомунсипар
Хамаш кард хартум гирди камар.
Бикӯшид, к-аз зинаш орад ба зер,
Начунбид аз ҷой гурди далер.
Задаш гурзу хун-ш аз гулӯ барфишонд,
Зи сар мағзашу чашм берун ҷаҳонд.
Бияфканд дигар зи пилон чаҳор,
Ҳаметохт ғуррон чу абри баҳор.
Рамиданд пилон аз он ҷангҷӯй,
Суйи лашкари хеш доданд рӯй.
Фикананд бисёру карданд паст,
Дирафши далерон нигун шуд зи даст.
Бидонист ҳар кас, ки Гаршосп аст,
Сухан гуфтани шоҳ гӯшосп аст.
Куҳу дашт аз афканда буд нопадид,
Гурезанда кас ду ба як ҷо надид.
Саворон рамон гашта бе ҳушу ҳол,
Пиёда зи пилон шуда поймол.
Ба роҳе дигар ҳар яке гашта гум,
Забар каргасу ғӯл тозон ба дум.
Чу шаб қатра-қатра хайи сандарӯс
Пароканд бар гунбади обнӯс.

Даҳу шаш ҳазор озмуда савор
Гирифта шуду кушта панҷаҳ ҳазор.
Саропардаву хаймаву хоста,
Силеҳу сутурони ороста.
Ҳама гирд карданд аз андоза беш,
Ҷудо бурд аз ӯ ҳар касе баҳри хеш.
Гирифториён бо ҳама ҳар чӣ буд,
Сипаҳбад ба Зовул фиристод зуд.
Даҳу ду ҳазор аз далерони гурд
Гузин карду дигар ба дӯстон супурд.
Мар ӯро ба Зовул фиристод боз,
Шуд ӯ сӯйи Ковул ба кин размсоз.

## 89. ОМАДАНИ ГАРШОСП БА БУТХОНАИ САВБИҲОР

Чу омад ба бутхонаи Савбиҳор,
Яке хона дид аз хушӣ пурнигор.
Забар ҷазъу девор пок аз рухом,
Дараш зарри пухта, замин сими хом.
Ба ҳар сӯ-бар аз пайкари ахтарон
Аз айвонаш ангехта пайкарон.
Миён карда дар бурҷи Шер офтоб,
Зи ёқути рахшону дурри хушоб.
Зи гавҳар яке тахт дар пешгоҳ,
Буте бар вай аз зарру пайкар чу моҳ.
Замон то замон даст бифроштӣ,
Кушодӣ кафу бонг бардоштӣ.
Ҳамон гаҳ шудӣ ҳар ду каффаш пуроб,
Бишустӣ бад-ӯ рӯю тан дар шитоб.
Аз он об ҳар, к-ӯ кашидӣ ба ҷом,
Бидидӣ ба хоб, он чи будиш ком.
Дарахте куҷо хушк мондӣ зи бор,
Чу з-он об хӯрдӣ, шудӣ мевадор.
Канизон яке хайл пешаш ба пой,
Париваш ҳама гулруху дилрабой.
Ҳама сохта майзар аз парниён,
Зи зебо яке куртае то миён.
Ҳаме ҳар як аз парри товус бод
Задаш ҳар замон в-офарин кард ёд.
Ба наздики мардон ба тамъи биҳишт
Шуданди ба музд аз пайи кори зишт.
Бад-он бут бидодандӣ аз музд чиз,
Кунун ҳаст аз ин гуна дар Ҳинд низ.

Дар он хона дид аз шаман мард шаст,
Миёншон яке пир, шамъе ба даст.
Бипурсид аз ӯ, к-ин канизон киянд?
Чӣ чиз ин буту пеши ӯ аз чиянд?
Худой аст, гуфт ину эшон ба ноз
Магас з-ӯ ҳаме дур доранд боз.
Сипаҳбад бад-ӯ гуфт, к-ай хирарой,
Яке нотавонро чӣ хонӣ Худой?
На гӯяд, на бинад, на донад сухун,
На некӣ шиносад, на зиштӣ зи бун.
Худои ҷаҳон, -гуфт, -онро сазост,
Ки донову бар неку бад подшост.
Зи фармони ӯ гашт гетӣ падид,
Ҷуз ӯ, ҳар чӣ ҳаст, аз бун ӯ офарид.
Фазояд замонрову коҳад ҳаме,
Кунад бениёз он, ки хоҳад ҳаме.
Тавоно Худо ӯст, бар ҳар чӣ ҳаст,
На ин, к-аш ба як паша-бар нест даст.
Киро аз магас дошт бояд нигоҳ,
Зи бад чун бувад дигаронро паноҳ?
Агар на будӣ аз пайи барҳаман,
Ҷудо кардаме пок сартон зи тан.
Чунон к-аз бараҳман пазируфта буд,
На бад кард бар кас, на хорӣ намуд.
В-аз он ҷо сипаҳ сӯйи Ковул кашид,
Бари шаҳр лашкар фуруд оварид.
Ҳама шаҳр агар мард, агар зан буданд,
Ба шеван ба бозору барзан буданд.
Бад-он куштагон мӯя буд чаппу рост,
Чу диданд лашкар, дигар мӯя хост.
Ҳамегуфт кобулшаҳ аз ғамму дард,
Набошад чунин тунду хунхора мард.
Ки хуни сарон рехт чандин ҳазор,
Дигарбора ҷӯяд ҳаме корзор.
Ниҳонӣ яке нома наздаш набишт,
Хату хуни дида ба ҳам барсиришт,
Ки бар як гунаҳ гар бигаштам зи роҳ,
Фитодам ба бодафраҳи сад гуноҳ.
Ҳама буму шаҳрам сари бетан аст,
Ба ҳар хона бар куштагон шеван аст.
Зи Яздону аз рӯзи ангехтан
Биандешу бас кун зи хун рехтан.

Агар зӣ ту зинҳор ёбам дуруст,
Ҳамон бож бидҳам, ки буд аз нахуст.
Туро то бувам, зери паймон бувам,
Рикоби туро бандафармон бувам,
Сипаҳбад барошуфту гуфто: -Зи ҷанг
Чу мондӣ, шудӣ сӯйи найрангу ранг.
Ҳар он, к-ӯ ба некӣ ниҳон в-ошкор
Диҳад панду ӯ худ бувад зишткор,
Чу шамъе бувад, к-ӯ каму бешро
Диҳад нуру сӯзад тани хешро.
Ту хешони ман кушта в-они ту ман,
Куҷо рост бошад дили ҳар ду тан.
Кадевар куҷо бифканад думми мор,
Кунад мор мар дасти ӯро фигор.
Ҳаме то ба дум бинад ин в-он ба даст,
Зи дил душманишон нахоҳад нишаст.
Бад-ин некуӣ эминӣ н-оядат,
На нозиш бад-ин лашкар афзоядат.
Ки фардо ба ҷӯй обҳо хун кунам,
Гар ин шаҳр чарх аст, ҳомун кунам.
Ба ханҷар танат реза хоҳад будан,
Сарат бар сари найза хоҳад будан.
Яке теғи нав дорам алмосгун,
Ба захми ту хоҳам-ш кард озмун.
Дадонро суйи лашкари туст гӯш,
Ки кай хунашон гурзам орад ба ҷӯш.
Синонам ба мағзи ту дорад умед,
Ҳамин додаам каргасонро навид.
Ҳуш аз шоҳи Кобул бишуд, к-ин шунид,
Ба ҷанг аз сипаҳ пуштгармӣ надид.
Ҳама лашкараш низ пеш аз ситез
Буданд аз ниҳон як-як андар гурез.
Бибуд, то дами шаб ҷаҳон тор кард,
Саворе ба сад вижагон ёр кард.
На аз ҷуфташ омад на аз ганҷ ёд,
Гурезон суйи Мӯлтон сар ниҳод.
Сипаҳбад хабар ёфт ҳам дар замон,
Бишуд дар паяш ҳамчу боди дамон.
Ҳам аз гарди раҳ чун расид андар ӯй,
Бароҳехт гурзи гарон ҷангҷӯй.
Дудастӣ чунон зад-ш бар сар зи кин,
Ки болош паҳнош шуд дар замин.

Саворон-шро боз пас баст даст,
Ба лашкаргаҳ оварду бифканд паст.
Зи Ковул ба гардун барафканд хок,
Сипаҳ дасти тороҷ бурданд пок.
Суйи боми ҳар хона доданд рӯй,
Шуд аз новадонҳо равон хун ба ҷӯй.
Ҳама шаҳру бум оташу гард хост,
Зи ҳар сӯ хурӯши зану мард хост.
Ба саҳро яке ҳафта нокоста,
Кашиданд лашкар ҳаме хоста.
Зану мард пеши сипаҳбад ба роҳ
Давиданд гирёну фарёдхоҳ.
Зи бас бонгу фарёди хурду бузург
Бибахшудашон паҳлавони сутург.
Сипаҳро зи бад даст кӯтоҳ кард,
Пас оҳанг сӯйи дари шоҳ кард.
Ба раҳ дар миён буд яке танг кӯй.
Зане дид покизаву хубрӯй.
Ҳамеҷуст аз номдорон нишон,
Ки Гаршосп ку, афсари саркашон?
Бигӯед, то андар ин хона зуд
Биёяд, ки дорад-ш бисёр суд.
Якеро, ки буд душманаш дар ниҳуфт,
Биёварду «Гаршосп ин аст» -гуфт.
Фиристод бо ӯ ба хона-дарун,
Ниҳонӣ зани ҷодуи пурфусун
Яке осиёсанг буд сохта,
Зи болои даҳлез бифрохта.
Чу мард андар он хона бинҳод пой,
Фурӯҳишт бар вай, бикушташ ба ҷой,
Сипаҳбад шуд огоҳу оташ фурӯхт,
Зани ҷодуву хона ҳар ду бисӯхт.
Сипоси фаровон ба дил ёд кард,
Ки з-он бад танаш Эзид озод кард.

## 90. НИШАСТАНИ ГАРШОСП БАР ТАХТИ КОБУЛ

Ба айвони Кобулшаҳ овард рӯй,
Биёмад, нишаст аз бари тахти ӯй.
Зи зар коху ганҷаш тиҳӣ кард пок,
Баровард пӯшидаҳо аз мағок.

Гуҳар ёфт чандон зи ҳар гуна соз.
Ки гар бишмарӣ, умр бояд дароз.
Чи бар пилу уштур, чи бар гову меш,
Ба Асрат фиристод аз андоза беш.
Яке корвон буд, ҳама симу зар,
Ба Кобул саре з-ӯ ба Зобул дигар.
Аз он пас ба тахти меҳӣ барнишаст,
Ба шодӣ ба нахчиру май бурд даст.
Канизони гулрух фузун аз ҳазор
Ба даст омадаш, ҳар яке чун баҳор.
Миёншон яке моҳи дилхоҳ буд,
Ки духти шаҳу бар бутон шоҳ буд.
Нигоре, ки гар чеҳраш аз чарх меҳр
Бидидӣ, бидодӣ бар он чеҳр меҳр.
Ба рухсори хубаш бар аз ҳар нигор,
Машота шуда моҳро рӯзгор.
Зи раҳ бурда рафтори сарви равон,
Зи анбар зада нуқта бар арғавон.
Ду савсан-ш пур пайкари некуӣ,
Ду бодом пур сурмаи ҷодуӣ.
Ба ханда лабаш лолаи майсиришт,
Чу бар лола жола ба боғи биҳишт.
Ҳазораш гиреҳ сунбули пуршикан,
Ба ҳам-бар зиреҳсозу чанбарфикан.
Сари ҳар шикан мушкро моядор,
Ҳами ҳар гиреҳ бар гуле соядор.
Ба меҳраш дили паҳлавон гашт рост,
Зи модар-ш дарҳол вайро бихост.
Чунон шефта шуд бад-он дилфиреб,
Ки бе ӯ замоне накардӣ шикеб.
Зи нахчир чун боз пардохтӣ,
Ҳама базм бо моҳрух сохтӣ.
Канизак ҳаме ташнаи хуни ӯй,
Ба дарди падар з-ӯ шуда кинаҷӯй.
Чунон сохт бо модар он шумбахр,
Ки букшад ҷаҳонпаҳлавонро ба заҳр.
Ҳувайдо ҳаме буд хомӯшу нарм,
Ҳамекард боз аз ниҳон доғ гарм.
Ба гоҳе ки омад зи нахчир боз
Ҷаҳонпаҳлавон дида ранҷи дароз,
Ба ҳам духтару модари зиштрой
Ситоданд пешаш парастишнамой.
Гирифта паричеҳра ҷоми булӯр
Пур аз лаъл май чун дурафшанда ҳур.

Дарафканд пинҳон ҳаме заҳри ноб,
Ҳамегуфт: -Диди ҳаме ранҷу тоб,
Чу нахчир карди, кунун сур кун,
Ба май мондагӣ аз танат дур кун.
Ҷаҳонпаҳлавон кард зӣ май нигоҳ,
Ҳама ҷоми май дид гашта сиёҳ.
Ба ёд омадаш гуфтаи барҳаман,
Гирифташ, бихур, -гуфт, -бар ёди ман!
Ду гулнори духтар чу динор шуд,
Ду ҷазъаш зи лӯлу садафвор шуд.
Ба ноком аз ӯ бистаду ҳам ба ҷой
Бихӯрду бияфтод беҷон зи ҷой.
Дили модар аз дард шуд нотавон,
Биҷӯшид бо хашми дил паҳлавон.
Ба ханҷар тани ҳар дуро пора кард,
Сароншон зи тан канду бар бора кард.
Ҳар он к-ӯ натарсад зи дастони зан,
Аз ӯ дар ҷаҳон ройи дониш мазан.
Зани нек дар хона ноз асту ганҷ,
Зани бад чу дев асту мори шиканҷ.
Зи дастони зан ҳар кӣ нотарскор,
Равон бо хирад несташ созгор.
Занон чун дарахтанд сабз ошкор,
Валек аз ниҳон заҳр доранд бор.
Ҳунаршон ҳамин аст, к-андар гуҳар
Ба гоҳи зиҳа мардум оранд бар.
Чу пардахт аз он ҳар ду зан паҳлавон,
Якеро гузид аз миёни гавон.
Мар ӯро ба Кобул ба шоҳӣ нишонд,
Ба Зовул шуду як маҳ он ҷо бимонд.
Асирон, ки бигрифт дар корзор
Фиристод зӣ Систон сӣ ҳазор.
Ки савганд будаш ба Яздони пок,
Ки он ҷо ба хуншон кунад гил зи хок.

## 91. ПАНД ДОДАНИ АСРАТ ГАРШОСПРО

Ба ҳангоми рафтан чу раҳро бисохт,
Нишондаш падар пешу чанде навохт.
Бад-ӯ гуфт: -Ҳарчанд ройи баланд
Ту дорӣ, маро нест чора зи панд.
Ҷавон гарчи донодилу пурфусун,
Бувад назди пир озмойиш фузун.

Ҷавон кинаро шояду ҷангро,
Куҳанпир тадбиру фарҳангро.
Хирадманд беҳ пиру Яздонпараст,
Ҷавон гурду хушхӯву бахшандадаст.
Кунун, чун ба шоҳӣ расидӣ зи бахт,
Бузургит хоҳад буду тоҷу тахт.
Нигаҳ кун, ки чун кард бояд шаҳӣ,
Биёмӯз ойину роҳи меҳӣ.
Чаҳор аст оҳуи шаҳ ошкор,
Ки шаҳро набошад батар з-ин чаҳор.
Яке хиравойӣ, дувум баддилӣ,
Севум зуфтиву чорумин коҳилӣ.
Хирад шоҳро бартарин афсар аст,
Ҳушу донишаш нектар лашкар аст.
Беҳин ганҷи ӯ ҳаст донанда мард,
Накӯтар силеҳаш ялони набард.
Дигар нектар дӯстдорони ӯ,
Кадевар меҳин пойкорони ӯ.
Шаҳ он беҳ, ки ҳар донишу дастрас,
Ҳама з-ӯ гиранд, ӯ нагирад зи кас.
Чунон дорад аз ҳар даре пеша кор,
Ки дар пеша ҳар як надоранд ёр.
Дили шоҳ эмин бар он кас накӯст,
Ки дар ҳар баду нек анбози ӯст.
Шаҳ аз доду бахшиш бувад некбахт,
Киро бахшишу дод – некӯст бахт.
Чу хоҳӣ, ки шоҳӣ кунӣ, род бош,
Ба ҳар кор бо донишу дод бош.
Куҳан дор дастуру фарзона рой,
Ба ҳар кор яктодилу раҳнамой.
Сипаҳдору ганҷогану ғамгусил,
Кадевар ба табъу сипоҳӣ ба дил.
Накӯкору бодонишу доддӯст,
Яке расм нанҳад, ки он нонакӯст.
Хирадманд кун ҳоҷибу хубкор,
Тирозандаи даргаҳу базму бор.
Ба дидор бояд, ки некӯ бувад,
Куҷо пардаи рӯйи кор ӯ бувад.
Ба ҳангом гӯяд сухан пеши шоҳ,
Сазо дорад андози ҳар кас нигоҳ.
Накӯхатту донанда бояд дабир,
Шуморанда, чобукдилу ёдгир.
Зи дил бандаи шоҳу доранда роз,
Ба маънӣ аз андеша дӯшизасоз.

Чу ин ҳар се з-ин гуна орӣ ба даст,
Сипаҳ соз гурдони хусравпараст.
Ялоне, к-ашон пеша кин сохтан,
Шабонрӯз хӯ карда бар тохтан.
Ки дар ҷанг бар чашм кушта писар
Ниҳад пову аз кин натобад падар.
Ҳама рӯз фармояшон дору бурд,
Савориву шӯри силеҳу набард.
Набояд, ки бекор бошад сипоҳ,
На осуда аз ранҷу тадбири шоҳ.
Накӯ дор мар мардуми хешро,
Ҳамон порсо марди дарвешро.
Ҳама корсозонат аз камму беш
Набояд, ки варзанд ҷуз кори хеш.
Кунад ҳар кас он кор, к-ӯ баргузид,
Бад-он то бувад кори ҳар кас падид.
Силеҳ эч дар дасти шаҳригурӯҳ
Нашояд, ки шаҳро набошад шукӯҳ.
Набояд меҳони сипаҳ сар ба сар,
Ки пайванд созанд бо якдигар.
Нашояд, ки ҳампушт бошанд ҳеч,
Магар дар гаҳи разм кардан пасеч.
Касе, к-ӯ ба ҷоят сазад шаҳрёр,
Варо аз бари хештан дур дор.
Ба ҳар кеҳтар андар хураш кун нигоҳ,
Сазои ҳунар деҳ варо пойгоҳ.
Гарат кеҳтаре бар дил ояд гарон,
Чу дорад ҳунар в-ар гарон, мангар он!
Киро дӯст дориву коми ту ӯст,
Ҳар оҳушро ҳамчунон дор дӯст.
Ба бедод мастон ту чизе зи кас,
Ба доду ситад ростӣ ҷӯю бас.
Миёни сипоҳат ҳар он к-аз меҳон
Битарсӣ аз ӯ ошкору ниҳон,
Чу пайдо наёрӣ бадаш кинаҷӯй,
Ниҳонӣ бидору бипардоз аз ӯй.
Дурӯғу газофа мадон дар сухун,
Ба ҳар тундие ҳар чӣ хоҳӣ, макун.
Ки шаҳ бар ҳама бад бувад комгор,
Чу гардад пушаймон, наёяд ба кор.
Миёни ду тан чун кунӣ доварӣ,
Ба озарм касро макун ёварӣ.

Нашояд зиҳӣ гови дӯшову барз,
Ки бикшӣ, чу монӣ ту дар кори варз.
Ба кишту ба варзи кишоварзиён
Чунон кун, ки н-ояд ба кишвар зиён.
Мамон кас ба бозиву ханда зи пеш,
Ту низ ин маҷӯву мабар оби хеш.
Гаҳи хашм чун чеҳра кардӣ нажанд,
Дижам бошу бар кас ба зудӣ маханд.
Касеро, ки додӣ бузургиву ҷоҳ,
Ҳамон ҷоҳ мастон аз ӯ бегуноҳ.
Чу некӣ намояд-т гетихудой,
Ту бо ҳар касе низ некӣ намой.
Киро бо ту гӯянд бад бештар,
Чу набвад гунаҳ, дон, ки ҳасташ ҳунар.
Дарахте, ки дорад фузунтар бар ӯй,
Фузун афканад санг ҳар кас бар ӯй.
Манеҳ нав раҳе, к-он на ойин бувад,
Ки то монад он, бар ту нафрин бувад.
Ҳама роҳе аз раҳзанон пок дор,
Мадор аз дари дузд ҷуз теғу дор.
Чу биншинӣ, аз гирдат онро нишон,
Ки доранд дар дил зи меҳнат нишон.
Ба ҷуфти касон чашми худро марӯш,
Битарс аз Худо в-он ҷаҳонро бикӯш.
Бувад меҳ гуноҳе, ки н-омад табоҳ
Аз ӯ, к-ӯ бувад довари ҳар гуноҳ.
Дари дод бар додхоҳон мабанд,
Зи савганд магзар, нигаҳ дор панд.
Чу некӣ куниву наёяд ба бор,
Бадӣ кун, магар беҳтар ояд ба кор.
Касе дор, к-аз дафтари бостон,
Ҳамехонадат гунагун достон.
Бибин то зи кирдори шоҳони пеш,
Чӣ беҳ буд, ҳамон кун ту ойини хеш.
Надеҳ назди худ роҳ бадгӯйро,
На марди суханчини дурӯйро.
Ҳама кори мардони бодод кун,
Суханшон ба ҳар анҷуман ёд кун.
Пажӯҳандагон дор бар роҳрав,
Ҳамедон ниҳони ҷаҳон нав ба нав.
Бад-он кор деҳ, к-ӯ наҷӯяд ситам,
На онро, ки афзун пазирад дирам.
Касеро магардон чунон сарфароз,
Ки натвонӣ овард аз он поя боз.

Зи донандагон файласуфе гузин,
Аз ӯ пурс ҳар чизу бо ӯ нишин.
Мафармой коре бад-он коргар,
К-аз он кор натвонад омад бадар.
Мамон хира бадхоҳро гарчи хор,
Ки мор аждаҳо гардад аз рӯзгор.
Бикуш оташи хурд пеш аз газанд,
Ки гетӣ бисӯзад, чу гардад баланд.
Макун ҳеч, бад бинӣ аз дигарон
В-агар нек бинӣ, ту хӯ кун бар он.
Хуриш пок аз он хур, ки нагзоядат,
Ба андоза в-он гаҳ ки беҳ боядат.
Пизишкон гузин дору фарзонарой,
Ба ҳар дард донову дармоннамой.
Басе гирди омеғи хубон магард,
Ки тан сусту ҷон кам кунад, рӯй зард!
Чу хоҳӣ кеҳеро ҳамекард меҳ,
Бузургиш ҷуз поя-поя мадеҳ.
Ки чун аз газофаш бузургӣ диҳӣ,
На арҷи ту донад, на они меҳӣ.
Чунон кун, ки ҳамвора бар тахти хеш,
Агар теғ, агар гурз, бошад-т пеш.
Гаҳи бор магзору магмор кас
Ба шамшер аз афрози сар ё зи пас.
Ба кас роз макшой дар ҳар пасеч,
Бадандешро хор машмор ҳеч.
Киро тарсу биме кунӣ гунагун,
Ба савганд кун, то битарсад фузун.
Чу бо мӯбадон рой хоҳӣ задан,
Ба ҳамшон махон ҷуз ҷудо тан ба тан.
Зи ҳар як шунав, пас меҳин баргузин,
Чунон к-ин на огоҳ аз он, он аз ин.
Ба кас рӯй манмой ҷуз гоҳ-гоҳ,
Ба ҳар ҳафтае барнишин бо сипоҳ.
Ба раҳ дод хоҳӣ, чу ояд фароз,
Бидеҳ доду дораш ҳам аз дур боз.
Ба ноозмуда мадеҳ дил нахуст,
Ки ланг истода намояд дуруст.
Зи бун бо занон бо ситеза макӯш,
В-аз эшон ниҳон хештан дор гӯш.
Ба некӯӣ окан чу ганҷ оканӣ,
Ба дониш парокан, чу бипроканӣ.

Аз он к-аш равон бо хирад буд ҷуфт,
Касе бод дасте зи родӣ нагуфт.
Ба нома дуруштӣ фаровон магӯй,
Ки тангӣ дили шоҳ донанд аз ӯй.
Фиристодагонро махон зуд пеш,
Биҷӯй аз ниҳон, пас бихон назди хеш.
Ба андоза кун бо ҳама гуфтугӯй,
Ба эшон ба гуфтор пешӣ маҷӯй,
Ки гар бишканишон, набошад-т ном,
В-агар бишканандат, шавад кор хом.
Фириста гусӣ соз донишпазир,
Ниҳон бину посух деҳу ёд гир.
Касе, к-аз ниҳонат на огаҳ, ки чист,
В-ар огаҳ, надонад ба ҷуз бо ту зист.
На дурӯя бояд, на пайкорҷӯй,
На майдӯст аз дил, на бекорпӯй.
Чу дер оядат посухи нома боз,
Бидон уфтодаст коре дароз.
Ба ҳар ҷой бе дурру гавҳар магард,
На бе аспи неку силеҳи набард.
Чу пайдо шавад душмане кинаҷӯй,
Ниҳон ҳар замон пурс аз кори ӯй.
Чу бо ӯ нашояд набард озмуд,
Ба чизи фаровон-ш бифреб зуд.
Сипаҳро чу додӣ ба чизе пасеч
Расоншон ба зудиву мафзой ҳеч.
Чунин дон, ки дар додани зарру сим
Надонанд, к-аз душманат ҳаст бим.
Бад-он созҳо ҷӯй ҳар рӯз ҷанг,
Ки душман-тро чора н-ояд ба чанг.
Пароканда фармой шаб ҷойи хоб,
Махур ҳеч бе чошнигир об.
Талоя диловар куну меҳрбон,
Бигардон ба ҳар поси шаб посбон.
Ба лашкар - дар аз хайл танҳо мабош,
Ба хайма-дарун ҳеч якто мабош.
Гурезон чу бошӣ, ба шаб бошу бас,
Ки то бар пай аз пас наёяд-т кас.
Зи гирдат макун дур мардони мард,
Ки бошанд эшон ҳисори набард.
Чу пирӯз гардӣ, битарс аз Худой,
Ҳамон аз камин мар сипаҳро ба пой.
Гирифтан раҳи душман андар гурез
Мафармову хуни забунон марез.

Гар орӣ ба каф душмане пургазанд,
Макуш дарзамон, боз дораш ба банд.
Тавон зиндаро куштан андар гудоз,
Накардаст кас куштаро зинда боз.
Бувад, к-ат ниёз афтад аз рӯзгор,
Беҳ аз дӯст он душман ояд ба кор.
Биёндеш шаб кори фардо нахуст,
Бад-он рой рав пас, ки кардӣ дуруст.
Нажоди шаҳон аз буна кам макун,
Макан хонадоне, ки бошад куҳун.

## 92. РАФТАНИ ГАРШОСП БА СОХТАНИ СИСТОН ВА ИТМОМИ ОН

Сипаҳбад гирифт аз падар панд ёд
В-аз он ҷо суйи Систон рафт шод.
Асирон, ки аз Кобул оварда буд,
Ба як ҷойгаҳ гирдашон карда буд.
Бифармуд хуни ҳама рехтан
В-аз эшон гили бора ангехтан.
Яке нима буд карда девори шаҳр,
Дигар нима карданд аз он гил ду баҳр.
Аз он хун ба рег-андарун хост мор,
Киро он газидӣ, бикардӣ фигор.
Чу аз шаҳр пардахту бора бисохт,
Бар ӯ панҷ дар оҳанин барнишохт.
Чу бод омадӣ, рег бардоштӣ,
Ҳама шаҳру барзан биянбоштӣ.
Чунон к-он бараҳман варо дод панд,
Ки аз чӯбу аз хора варғе бибанд.
Яла кард аз он сӯ, ки буд оби марғ,
Бибаст аз суйи домани рег варғ.
Зи як сӯш буд рег даҳ ҷо фараҳ,
Дигар сӯш дарё, ки хонӣ Зираҳ.
Миёнаш даре бодро баркушод,
Аз он пас набуд бимаш аз регу бод.
Буд аз Тӯсу Кирмон фаровон гурӯҳ
Ба лашкар - дар аз пойкорӣ сутӯҳ.
Зи тороҷи Кобул занон доштанд,
Ба холигаришон ҳамедоштанд.
Ҳама рӯз мардони эшон ду баҳр
Ба муздуркорӣ будандӣ ба шаҳр.

Чу гаштандӣ аз кор пардохта,
Будандӣ занон дегҳо сохта.
Хуришҳо яке рӯз бифрӯхтанд,
Дигарбора боз оташ афрӯхтанд.
Ба мардон супурданд яксар дирам,
Ҳамин пеша карданд мардон ба ҳам.
Ба бозор холигарӣ сохтан,
Шитоланг бо каъбатайн бохтан.
Ҳама кори эшон будаст аз нахуст,
Ҳамон аз билоя занон кори суст.
Бад-он дар, к-аз ин кор ҷустанд ном,
Аз он уфтодаст номаш таом.
Ба фарри сипаҳдори фархундафол
Шуд он шаҳр пардахта дар ҳафт сол.
Зи ҳар гуна мардум, зи меросиён,
Зи меҳтаршиносону бозориён.
Зи ҳар шаҳру кишвар бад-ӯ дод рӯй,
Шуд он шаҳр бозебу борангу бӯй.
Ту гуфтӣ биҳишти барин Систон,
Яке нест аз хуррамӣ, сист он.
Аз ӯ низ бархост мардони мард,
Ки буд ҳар яке лашкаре дар набард.
Аз он пас ба шоҳӣ сипаҳдори гурд
Нишасту ба доду диҳиш даст бурд.
Фаровон баромад бар ӯ солиён,
Ҳавош он чи буд, ёфт ҳар соле он.
Чунон пилтан шуд, ки аз гом панҷ
Набурдаш фузун ҳеч аспе ба ранҷ.
Нишасташ ҳама буд бар жандапил,
Ҳамаш пил бо ранҷ бурдӣ ду мил.
Чунин омад ин гунбади тезпӯй,
Бигардад ҳама чиз аз гашти ӯй.
Яке ҷома дорад ҷаҳон солу моҳ,
Бурунаш сапеду дарунаш сиёҳ.
Бигардонад ин ҷома ҳар гаҳ бурун,
Бад-он то бигардем мо гунагун.
Ту, ай хуфта, аз хоб бедор гард,
Ки шуд пок умрат ба хобу ба х(в)ард.
Ба хона-дарун хобу дар гӯр хоб,
Ба бедорият пас кай ояд шитоб?
Кунӣ хона, то зиндагӣ солу моҳ
Дар ӯ, пас каят бошад оромгоҳ?!

Ту хуш хуфтаву марг бархоста
Шабехун-тро лашкар ороста.
Ба дигар ҷаҳон дор аз ин ҷой гӯш,
Чу кӯшидӣ инро, мар онро бикӯш.
Аз эдар бихоҳӣ шудан бегумон,
Ки ин ҷот хонасту он ҷот мон.
Шавад зиндаи ин ҷаҳон мурда зуд,
Бад-он ҷо тавон ҷовидон зинда буд.

## 93. ОМАДАНИ ЗАҲҲОК БА ДИДАНИ ГАРШОСП ВА СИФАТИ НАХЧИРГОҲ

Чу бар Систон паҳлавон гашт шоҳ,
Бар авҷи сипеҳри меҳӣ гашт моҳ.
Ҳама сози шаҳраш накӯ карда шуд,
Бар ӯ дасти фармон-ш густарда шуд.
Зи кораш баду нек, бегоҳу гоҳ
Ҳамешуд хабар назди Заҳҳокшоҳ.
Бад-ӯ тира шуд рояш андар пасеч,
Валекин наёристаш озурд ҳеч.
Суйи Систон рафт, то бингарад,
Яке пеши оби Зираҳ бигзарад.
Зи нузлу алаф он чӣ бойист соз,
Сипаҳбад бурун бурду шуд пешбоз.
Чу шаҳро бидид, омад аз пил зер,
Гирифташ ба бар шоҳу пурсид дер.
Сипаҳбад рикобаш бибӯсиду ҷаст
Ба дандони пил  андаровехт даст.
Чу чобуксаворе ба аспи набард
Зи ҳомун ба пил - андар омад чу гард.
Нигаҳ кард шаҳ он яли болу бурз,
Ба каф кӯҳчӯб, аждаҳосор гурз.
Ба зер-андараш жандапиле чу кӯҳ,
Зи бас бори хафтону таркаш сутӯҳ.
Ба дил чорае гуфт бояд гузид,
Ки инро кунад душмане нопадид.
Ҷаҳон бо ман ар пок душман бувад,
Аз он беҳ, ки ин душмани ман бувад.
Бизад хайма гирди лаби Ҳирманд,
Баросуд бо хуррамӣ рӯз чанд.
Ҳам Асрат зи Зовул шуд ороста,
Басе сохта ҳадяву хоста.
Чу як ҳафта гирди гулистону рӯд
Бибуданд бо базму руду суруд.

Ба шабгир карданд ройи шикор,
Ки буд рӯзи нахчиру гоҳи баҳор.
Рухи боғ буд з-абр шуста ба нам,
Фишонон зи гул шох бар сар дирам.
Зи дарди хазон дар дили зоғ зеғ,
Ҳаво баста аз лашкари моғ меғ.
Шуда лола бар жола пурдур даҳан,
Зи пирӯза пӯшида гул пераҳан.
Зи меғи равон чарх чун парри чарғ,
Бар овоз ромишгар аз мурғ марғ.
Ту гуфтӣ ҳаво нофа кофад ҳаме,
Замин ҳуллаи сабз бофад ҳаме.
Буд оганда ҳомуну гардун ҳама,
Зи мурғон чафола, зи ғурмон рама.
Буд аз гарди аспон сияҳ гашта ҳур,
Ба хамми каманди ялон ёли гӯр.
Саг аз гарди харгӯш андар ситез,
Ду, як гоҳ дар ҳамла, гаҳ дар гурез.
Ба чангол ковон яке дашти хушк,
Яке хок бӯён чу аттор мушк.
Кушода камин юз бар оҳувон
Чу дузде гаҳи ҳамла бар корвон.
Зи чанголи пурхун-ш ҷойи камин
Шуда лола дар лола рӯйи замин.
Зи сумми гавазнон замин ҷазъранг,
Вашӣ гашта регу шах аз хун ба ранг.
Нишаста бар оҳу уқоби далер,
Чу бар асп гурде ба новард чир.
Дили теҳу аз чанги туғрил ба доғ,
Рабоянда боз аз дили меғ моғ.
Зи шоҳину чарғ осмон баста абр,
Равон аз ғави таблбозон ҳижабр.
Аз афканда нахчир бероҳу роҳ,
Пур аз куштагон дашт чун размгоҳ.
Гаҳе бода бар каф ба бонги рубоб,
Гаҳ аз рони гӯрон бар оташ кабоб.
Зи ҳар теғи куҳ дидабон бо ғирев,
Зи бас гарди гурдон гурезанда дев.
Сипаҳбад пиёда ҳаметохтӣ,
Ба роҳи гавазнон камин сохтӣ.
Чу танг омадандӣ, биҷастӣ зи ҷой,
Гирифтӣ сурушон, фикандӣ зи пой.

Суруи дуто гаҳ гирифт аз камин,
Ҳамезад зи хашм ин бар он, он бар ин.
Зи бас кӯфтан зӯру таншон бибурд,
Сару гардани ҳар ду бишкаст хурд.
Чунин пеши Заҳҳок чанде гирифт,
Бар ӯ офарин хонд шоҳ аз шигифт.
Ба дил гуфт: -То з-ӯ набинам газанд,
Аз ин кишвараш дур бояд фиканд.
Ба боғ омаданд он гаҳ аз дашту роғ,
Ки буд аз дари шодиву базм боғ.
Нахустин шикастанд бар хон хумор,
Пас аз базму ромиш гирифтанд кор.
Шуд аз нола он пири суғдӣ ба ҷӯш,
Ки нофаш ба хорӣ баромад хурӯш.
Ҳамон зоғгун ҳиндуи ҳафтчашм,
Баровард фарёди бедарду хашм.
Гаҳе зандвофу чакочак ба ҳам,
Сарояндадастон ҳаме зеру бам.
Қадаҳ чун маҳ андар кафи саркашон,
Бар он маҳ зи гул шох парвинфишон.
Бузургон рада сохта бар чаман,
Миён сунбулу шанбалиду суман.
Ду дида ба хубони мушкинкула,
Ба булбул ду гӯшу ба каф булбула.
Раҳи хуррамӣ шоҳи бофарру ком
Ба ёди сипаҳдор бардошт ҷом.
Ба нахчиру базму ба нерӯи тан
Фаровон-ш бистуд дар анҷуман.
Туӣ, -гуфт, -аз Эзид диламро умед,
Ҳам аз бахти ту фаррухиро навид.
Ба ту дорам эмин дили хешро,
Ба гурзи ту тарсон бадандешро.
Зи номи туам кому оройиш аст,
Зи ранҷи туам ному осойиш аст.
Зи баҳрам фидо кардаӣ хештан,
Ба ҳар сахтие дошта пеш тан.
Шикастам, ба ту ҳар кӣ бадхоҳ буд,
Ба ҷанг ар каноранг, ар шоҳ буд.
Кунун нест бо ман гузорананда кин,
Ҷуз африқӣ аз буми Ховарзамин.
Ки гӯяд зи шоҳон касам ёр нест,
Ба мардӣ чу ман номбардор нест.

Чу дурам зи гуфтан, бувад пурфусӯс,
Чу наздик бошам, бувад чоплус.
Туро роҳзан хонаду моркуш,
Маро деви мардумхури хираҳуш.
Кунун бояд ин размро сохтан
Тавонӣ магар кин аз ӯ охтан.
Ҳамон дев, к-аш Манҳарос аст ном,
Магар, к-аз каманди ту ояд ба дом.
Гар ин кор бидҳад гаравгар туро,
Зи шоҳӣ маро ному дигар туро.
Сипаҳбад чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки андар ҷаҳон мар туро кист ёр?!
Ҳаме офтоби фалак фарру тоб,
Зи тоҷи ту гирад чу маҳ з-офтоб.
Замон бандакирдор ранҷури туст,
Замин ганҷу хуршед ганҷури туст.
Зи сесад чу африқиву Манҳарос,
Ба фаррат наёрад дили ман ҳарос.
Ҳам акнун чу оҳанги роҳ оварам,
Сари ҳардушон пеши шоҳ оварам.
Чу аз май гарон шуд сари бодахор,
Сутуҳ гашт ромишгару майгусор.
Зи бустон пароканда шуд анҷуман,
Ҳамон бо гулу май чамон дар чаман.
Нишаст аз ниҳон бо падар паҳлавон,
Ба тадбири раҳ то шудан чун тавон.
Зи меҳраш падар гашт бо дард ҷуфт,
Зи шоҳ ин набойист пазруфт, -гуфт.
Ки ҳар кор, к-ӯ бо ту гӯяд ҳаме,
Зи тарси ту марги ту ҷӯяд ҳаме.
Бахон-бар зи меҳон-т нав, гар куҳан
Зи сесад яке рост машнав сухан.
Набояд буд эмин ба нерӯи хеш,
Ки н-ояд ба ҳангом ҳар кор пеш.
Гарат зӯр бошад зи пилон басе,
Бувад ҳам ба зӯр аз ту афзун касе.
Раҳе сахт душвор, шашмоҳа беш,
Ҳама кӯҳу дарёву беша-ст пеш.
Сипоҳе ҳазорон фузун аз ҳазор,
Сипаҳкаш чу африқии номдор.
Ҳам андар кафи Манҳарос аждаҳо
Гар афтад, ба чора нагардад раҳо.
Яке наррадев аст пархошҷӯй,
Ки ҳар, к-аш бибинад, шавад ҳуш аз ӯй.

Зи гардун уқоб орад, аз куҳ паланг,
Зи беша ҳижабру зи дарё наҳанг.
Чу се, боз як мард паҳнои ӯст,
Чиҳил раш дарозои болои ӯст.
Маро низ якбора пирӣ шикаст,
Шикасте, ки ҳаргиз нашояд-ш баст.
Рабуд аз сари ман самури сиёҳ,
Ба ҷояш ниҳод аз ҳавосил кулоҳ.
Яке дасти пирӣ бизад бар барам,
Ки тоҷи ҷавонӣ фиканд аз сарам.
Ба рӯзи ҷавонӣ ба зӯри ду пой
Чу боди базон ҷастаме ман зи ҷой.
Зи пирӣ кунун гоҳи хезу нишаст
Ҳаме пойро ёр бояд ду даст.
Ба тире задам сахт гашти замон,
К-аз он тир шуд тири пуштам камон.
Навидест пирӣ, ки маргаш хиром,
Фиристаст мӯйи сапедаш паём.
Касеро куҷо зиндагонӣ бувад,
Зи хурдӣ умеди ҷавонӣ бувад.
Умеди ҷавон то бувад пир низ,
Ба ҷуз марг уммеди пирон чӣ чиз?!
Сипаҳбад ба мижгон шуд абри баҳор,
Ба посух дижам гуфташ: -Андуҳ мадор.
Надорад ғам аз пеш донишпазир
Ба чизе, ки хоҳад будан ногузир.
Сар аз пирӣ арчи шавад хушкбед,
Зи Яздон набояд буридан умед.
На ҳар к-ӯ ҷавон, зиндагониш беш,
Басо пир монду ҷавон рафт пеш.
Ба хона нишастан бувад кори зан,
Бурун кори мардони шамшерзан.
Тани ранҷнодидаро ноз нест,
Ки бо коҳилӣ боз анбоз нест.
Нашояд меҳӣ ёфт бе ранҷу бим,
Ки бе ранҷ н-орад кас аз санг сим.
Ба дарёи жарф он ки ҷӯяд садаф,
Бибояд-ш ҷон барниҳодан ба каф.
Бузургӣ яке гавҳари пурбаҳост,
Варо ҷой дар коми нараждаҳост.
Чу хоҳӣ суйи он гуҳар даст бурд,
Агар меҳ шавӣ, гар бихояд-т хурд.

Ба як ҳафта з-он пас ҳама кори роҳ
Бисозиду шуд пеши Заҳҳокшоҳ.
Сутудаш басе шоҳу чанде навохт,
Ба бойисти ӯ корҳоро бисохт.
Бидодаш ҳаюни дукӯҳа ҳазор,
Ҳама борашон олати корзор.
Ҳазори дигар хаймаи гунагун,
Ба баргустувон пил сесад фузун.
Дусад теғу сад бадра динору ганҷ,
Зи дебо широъу саропарда панҷ.
Чиҳил ходим аз ридакони Тироз,
Ҳазор аспи ҷангӣ ба заррина соз.
Чу панҷаҳ ҳазор аз ялони сипоҳ,
Бибуд паҳлавон шоду бардошт роҳ.
Зи хешон якеро ба ҷояш нишонд,
Сипаҳ зӣ биёбони Кирмон биронд.
Суйи Бобул овард Заҳҳок рӯй,
Дигар сӯ сипаҳдор шуд роҳҷӯй.
Ҳама раҳ ба ҳар шаҳру обод ҷой
Будандаш бузургон парастишнамой.
Чунин то ба наздики Танҷа расид,
Ҳама марзи дарё сипаҳ густарид.
Шаҳи Танҷа буд саркаше номдор,
Ҳама ганҷу ҳам лашкари бешумор.
Зи Барбарзамин сӯйи Ховар-дарун
Зи якмоҳа раҳ дошт кишвар фузун.
Чу огаҳ шуд аз паҳлавон, шод гашт,
Пароканд нузлу алаф кӯҳу дашт.
Гиромӣ писар дошт ҳаштоду панҷ,
Ҳама дархури тоҷи шоҳиву ганҷ.
Пазира фирстодашон сар ба сар,
Басе гунагун ҳадя бо ҳар писар.
Ҳама шаҳр аз озину дебову соз
Биёрост чун коргоҳи тироз.
Дар айвон-ш созид бар тахт ҷой,
Миён баст чун банда пешаш ба пой.
Ду ҳафта ҳаме дошташ меҳмон,
Барафшонд ганҷе дигар ҳар замон.
Зи бас гунагун некуиҳои ӯй
Дили паҳлавон шуд бад-ӯ меҳрҷӯй.
Чунин гуфт, к-ин кардӣ аз роҳи рост,
Ки аз кордонону шоҳон сазост.
Хуйи ҳар кас аз тухмаш ояд ба бор,
Зи гул бӯй бошад, халидан зи хор.

Хуйи ҳар кас аз гавҳари тан бувад,
Зи гул бӯю аз хор хастан бувад.
Гар аз ҳеч сӯ душмане киначӯй
Туро ҳаст ҷойе, ба ман бозгӯй.
Ки гар ҳаст меҳ, чун набард оварам,
Зи гардун сараш зери гард оварам.
Ҳар он кор, к-он барнаёяд ба зар,
Бароядд ба шамшеру зӯри ҳунар.
Бад-ӯ гуфт, к-эдар ба дарё-дарун
Паси кишварам ҳафтае раҳ фузун,
Ҷазире бузург аст бо рангу бӯй,
Дусад мил раҳ, Лоқита номи ӯй.
Ду раҳ сад ҳазор аз ялон мард ҳаст,
Накӯрӯй, лекин ҳама бутпараст.
Ҷуз аз чарми мешон напӯшанд чиз,
Забоне дигаргуна гӯянд низ.
Гаҳи разм доранд хафтону тарг,
Зи дандони моҳиву кемухти карг.
Бувад гурзҳошон сари гӯсфанд,
Зада дар сари дастворе баланд.
Ба санги фалохун зи сад гом хор,
Бидӯзанд дар хора мех устувор.
Аз эшон якеву зи мо даҳ ба ҷанг,
Забуншон бувад шери ҷангӣ ба чанг.
На аз бимашон сӯйи дарёст роҳ,
На аз дасташон кишварамро паноҳ.
Ба пайкорашон нестам чора чиз,
На з-оҳан силеҳа тавон бурд низ.
Ки куҳшон ҳама санги оҳанкаш аст,
Даре тангу раҳ дар миён нох(в)аш аст.
Дар он раҳ зи каф теғу миғфар зи сар,
Бипаррад ба кирдори мурғи бапар.
Ҳама кӯҳаш аз оҳани гунагун,
Силеҳ аст овехта сарнигун.
Яке марди фарзона з-Эронзамин
Чунин гуфт бо паҳлавони гузин,
Ки гар сир бар санги оҳанрабой
Бимолӣ, наёҳинчад оҳан зи ҷой.
Ба сирка аз он пас бипӯшиш боз,
Дигар раҳ кашад наздаш оҳан фароз.
Кунун ҳар силеҳе, ки аз оҳан аст,
Агар ханҷару тарг, агар ҷавшан аст,
Ба киштӣ, ба сир-андарун кун ниҳон,
Чунон кард пас паҳлавони ҷаҳон.

Даҳу ду ҳазор аз сипаҳ баршумард,
Ба ҳафтод киштӣ пароканда кард.
Дигар назди амзода он ҷо бимонд,
Бибурд, он чи бойисту киштӣ биронд.

## 94. РАФТАНИ ГАРШОСП БА ҶАНГИ ШОҲИ ЛОҚИТА ВА ДИДАНИ ШИГИФТИҲО

Чу шуд бар ҷазира, яке беша дид,
Ҳама домани беша лашкар кашид.
Шаҳи Лоқита буд Қатрӣ ба ном,
Далере ҷаҳонгиру ҷӯяндаком.
Ҷаҳон пеши чашмаш ба ҳангоми хашм
Кам аз сояи пашша будӣ ба чашм.
Чу огаҳ шуд аз кори Гаршосп, зуд
Бифармуд, то лашкараш ҳар чӣ буд,
Ба ҳомун саросар ҷабира шуданд,
Ба пайкор ҷустан пазира шуданд.
Се манзил ба ҷанг омад аз пеш боз,
Дамон бо гарон лашкаре размсоз.
Ҳама сохта таргу хафтони ҷанг,
Зи дандони моҳиву чарми паланг.
Сари гӯсфандон фалохун ба даст,
Гирифтанд кӯшиш чу пилони маст.
Агар таргу хӯд, ар сипар ёфтанд,
Ба санги фалохун ҳамекофтанд.
Сабук размро паҳлавони сутург
Фурӯ кӯфт заррина кӯси бузург.
Ғави мӯҳраву кӯс бигзашт аз абр,
Дами ной бидрид гӯши ҳижабр.
Далерони Эрон ба кин охтан
Гирифтанд ҳар сӯ камин сохтан.
Зи хун рух ба ханҷар бияндуд х(в)ар,
Зи гард андаровард чодар ба сар.
Зи як рӯй сангу дигар рӯй тир
Бибориду шуд чеҳри гетӣ чу қир.
Шуд аз бим руххо чу ранги разон,
Сари теғ чун дасти вашши разон.
Ҳаво бонги захми фалохан гирифт,
Ҷаҳон оташи сангу оҳан гирифт.
Пур аз гарди кин пардаи меҳр шуд,
Зи пайкон сипеҳр обилачеҳр шуд.

Чунон хост разме, ки болову паст
Буд аз хун навон ҳамчу аз бода маст.
Куҳ аз тобиши теғ ларзон шуда,
Зарир аз рухи баддил арзон шуда.
Ситезандагон найза бо хашму шӯр
Фурӯ хобанида ба ёли сутур.
Лаби кинкашон кофта зери каф,
Зи гармои хуршед хафтон чу хаф.
Миён - дар сипаҳдор чун кӯҳи бурз
Пиёда дудастӣ ҳамекӯфт гурз.
Каманд аз гиреҳ карда, панҷоҳ кард,
Зи моҳӣ ҳамебурду бар моҳ кард.
Ба ҳар ҳамла сӣ гом ҷастӣ зи ҷой,
Ба ҳар захм гурде фикандӣ зи пой.
Шудӣ бозуву ханҷараш нав ба нав,
Гаҳе хишткору гаҳе сардарав.
Хурӯшаш чунон дашт бишкофтӣ,
Ки дар вай сипоҳе гузар ёфтӣ.
Ту гуфтӣ магар абр ғуррон шудаст,
Ва ё кӯҳ пӯлоди паррон шудаст.
Гаҳе найза зад, гоҳ гурзи набард,
Аз он девсорон баровард гард.
Чу з-ӯ Қатрӣ он ҷангу пайкор дид,
Бараш марди пайкор бекор дид.
Ба дил гуфт: - Ҳаргиз чунин дастбурд
Надидам ба майдон зи майдони гурд.
Шудан пеши гурзаш кӣ ёро кунад,
Ба ҷанг ар сипар кӯҳи хоро кунад.
Маро бояд ин кина з-ӯ охтан,
Ки мондаст аз овезишу тохтан.
Даромад чу тундар хурӯшанда сахт,
Ба даст усутухонмоҳие чун дарахт.
Бизад бар сараш, лек н-омад зиён,
Сабук паҳлавон ҳамчу шери жаён,
Чунон зад-ш гурзе, ки безӯр шуд,
Заминаш ҳамон ҷо, ки буд, гӯр шуд.
Гурезон сипоҳаш гурӯҳогурӯҳ
Ниҳоданд сар сӯйи дарёву кӯҳ.
Далерони Эрон зи пас то ба шаҳр
Гирифтанду куштанд аз эшон ду баҳр.
Аз он пас ба тороҷ доданд рӯй,
Фитоданд дар шаҳру бозору кӯй.

Зи зарру зи симу зи густарданӣ
Надиданд кас чиз ҷуз х(в)арданӣ.
Дари хонашон поку девору бом,
Зи моҳистухон буду аз уди хом.
Зи мардон, ки буд пок барнову пир,
Бикуштанду дигар гирифтанд асир.
Аз айвони Қатрӣ чу сесад каниз
Бибурданду ҷуфту ду духтар-ш низ.
Яке хона сар бар маҳ афрошта,
Пур аз уду анбар буд анбошта.
Сипаҳбад ҳама сӯйи киштӣ кашид,
В-аз он бардагон беҳтарин баргузид.
Зи ҳар чиз даҳ киштӣ анбор кард,
Дусад гурд бар вай нигаҳдор кард.
Суйи Танҷа наздики амзода боз
Фиристоду ӯ роҳро кард соз.
Ба гирди ҷазира ба гаштан гирифт,
Бад-он то чӣ ояд-ш пеш аз шигифт.
Ҳама найшакар буд дар ӯ дашту ғор,
Дигар беша буд ҳар суйе мевадор.
Басе меваҳо буд, ки нашнохтанд,
Наёрист кас хӯрду биндохтанд.
Зи ҳар ҷонвар, к-он шиносад касе,
Набуд чиз, илло ташӣ буд басе,
Ки номаш ба сӯйи дарӣ чун кашӣ,
Яке санга хондаш ва дигар ташӣ.
Ба тан ҳар яке меҳтар аз говмеш,
Чу жӯпин бар ӯ хор як беша беш.
Гаҳи кин тан аз хам камон сохтӣ
В-аз он хор чун тир ба-ндохтӣ.
Агар бар зиреҳ барзадӣ ё сипар,
Бурун бурдӣ осон ба сӯйи дигар.
Фиканданд аз он чанд ҳар гурдгир,
В-аз он хори ӯ хишт карданду тир.
Се ҳафта бад-ин гуна буд сарфароз,
Бад-он то расад киштӣ аз Танҷа боз.
Ба раҳ бод каж гашту ошӯб хост,
Ҳаме бурд даҳ рӯз киштӣ чу хост.
Пас он киштиву бардагон бо сипоҳ,
Ба дарё чу рафтанд якрӯза роҳ.
Фитоданд рӯзи даҳум яксара
Ба хуррам куҳе, номи ӯ Қоқара.

Ҷазире пур аз лашкари бешумор,
Шаҳе мар варо номи ӯ Қӯшмор.
Чу диданд киштӣ, давиданд зуд,
Ба тороҷ бурданд пок, он чи буд.
Далерони Эрон яке разми сахт
Бикарданду ахтар набуд ёру бахт.
Гирифтор омад саду шаст гурд,
Дигар ғарқа гаштанду кас ҷон набурд.
Яке киштиву чанд тан нотавон
Биҷастанду рафтанд зӣ паҳлавон.
Бидоданд огоҳӣ, аз ҳар чӣ буд,
Сипаҳбад сипаҳ размро сохт зуд.
Шитобон раҳи Қоқара баргирифт,
Ҷазире ба раҳ пешаш омад шигифт.
Куҳе дар миёни ҷазира ду ним,
Яке кони зарру дигар кони сим.
Се манзил фузун бешаву марғзор,
Давон ҳар суйе рӯбаҳи бешумор.
Ба бар зард яксар, ба тан лаълпӯш,
Ҳама мушкдунболу кофургӯш.
Ба наздики он кӯҳ бар панҷ мил
Баровар куҳе буд ҳамранги нил.
Ба чора бар он куҳ нарафтӣ касе
В-аз ӯ анбар афтодӣ эдар басе.
Хури рӯбаҳон пок анбар будӣ,
Дигар тозагулҳои навбар будӣ.
Аз он рӯбаҳон ҳар кас андар сипоҳ
Фиканданд бисёр бероҳу роҳ.
Зи тан пӯстҳошон бурун охтанд
В-аз он ҷомаи гунагун сохтанд.
Аз он ҷома ҳар к-ӯ шабе доштӣ,
Дами анбараш мағз анбоштӣ.
Басе з-он ду куҳ зар бибурданду сим
В-аз он ҷо бирафтанд бетарсу бим.

❁ ❁ ❁

Расиданд назди ҷазире дигар,
Дар ӯ н-аз гиё чизу н-аз ҷонвар.
Заминаш ҳама шӯраву реги нарм,
Чу ҷӯшида об андар ӯ хок гарм.
Зи тафта бару буми он гоҳ-гоҳ
Дамон оташе барзадӣ сар ба моҳ.
Бар ӯ ҳар кӣ рафтӣ ҳам андар шитоб,
Шудӣ ғарқ дар регу гаштӣ кабоб.

Зи моҳистухон шохҳо бар канор,
Буд афканда ҳар як фузун аз чанор.
Дигар мӯҳра буд хар суй афтода чанд,
Ки ҳар як меҳ аз гунбаде буд баланд.

## 95. РАЗМИ ГАРШОСП БО МАНҲАРОС

Гирифтанд аз он ҷой роҳи дароз,
Ҷазире падид омад аз дур боз.
Яке мард поён зи боло ба паст,
Хурӯшон, гилеме фишонон ба даст.
Чу диданд, буд з-Андалус меҳтаре,
Ба пурсиш гирифтанд аз ҳар даре.
Чунин гуфт, к-аз бахт рӯзи нажанд
Маро боди киштӣ ба эдар фиканд.
Аз ин куҳ дамон наррадеве шигифт
Бурун омаду киштии мо гирифт.
Дусад мард будем, нагзошт кас,
Ҳама хӯрду ман мондаам зинда бас.
Сипаҳбад мар ӯро ба киштӣ нишост,
Ба кин ҷустани дев хафтон бихост.
Гирифтанд лашкар ба як раҳ хурӯш,
Ки ӯ Манҳарос аст, бо ӯ макӯш.
Ки бо хашм чашм ар бароғоладат,
Ба як дам ҳама зӯр бифтоладат.
Дижогоҳ деве бад-ӯ мункар аст,
Ба боло чиҳил раш зи ту бартар аст.
Ба санге кунад бо замин паст кӯҳ,
Сипоҳи ҷаҳон гардад аз вай сутӯҳ.
Чу ғуррад, барад ҳушу ҷон аз ҳижабр,
Зи дандон дурахш оядаш в-аз дам абр.
Ба ҷастан бигирад зи гардун уқоб,
Наҳанг орад аз жарф дарёи об.
Бад-ин кӯҳ шаҳре будаст устувор,
Дар ӯ кӯдаку марду зан бешумор.
Зи мардум вай он шаҳр пардохтаст,
Нишеман ба ғоре-дарун сохтаст.
Чу бинад яке киштӣ аз дур роҳ,
Бигирад, кунад мардумонро табоҳ.
Зи дарё наҳанг ӯ ба хушкӣ барад,
Ба хуршед бирён кунад, пас х(в)арад.

Чу ҷон шуд бадар, боз н-ояд зи пас,
Зи модар дубора назодаст кас.
Сипаҳдор гуфт: -Аз ман оғози кор
Худ ин разм кард орзу шаҳрёр.
Аз ин зишт патёра чандин чӣ бок,
Ҳамин дам зи кӯҳаш кашам дар мағок.
Ҷуз аз бими ҷон гар дигар нест чиз,
Чунон чун маро ҷону роҳ аст низ.
Ба шерӣ тавон шер кардан шикор,
Ба гарди саворон расад ҳам савор.
Басе лоба карданду нашнид гурд,
Пиёда бурун рафту касро набурд.
Ҳамегашт бар гирди он кӯҳи бурз,
Ба бозу камону ба каф теғу гурз.
Ба ногаҳ бад-он деваш афтод чашм,
Варо дид дар жарф ғоре ба хашм.
Яке ҷонвар, кӯҳи пурчангу ҷӯш,
Ки ҳар к-аш бидидӣ, бирафтӣ зи ҳуш.
Чу шерон-ш чанголу чун ғӯл рӯй,
Ба кирдори мешон ҳама тан-ш мӯй.
Ду гӯшаш чу ду парда паҳну дароз,
Бурун руста дандон чу яшки гуроз.
Ситабре ду бозу, меҳ аз рони пил,
Рухаш зарду дигар ҳама тан чу пил.
Ҳамерехт ғор аз гиранбиданаш,
Ҳамешуд навон куҳ зи ҷунбиданаш.
Зи сад раш фузун моҳие х(в)арда буд,
Зи пеш устухонҳош густарда буд.
Дили шери ҷангӣ баровард шӯр,
Ба Яздон паноҳиду з-ӯ хост зӯр.
Кушод аз хами чарх тире ба хашм,
Задаш бар қафо, бурд берун зи чашм.
Ғиреве баромад аз он наррадев,
Ки барзад ба ҳам ғору куҳ з-он ғирев.
Дамон тохт, к-ояд ба боло зи зер,
Дари ғор бигрифт гурди далер.
Ба ханҷар яке панҷа биндохташ,
Дар он ғор ҳар сӯ ҳаметохташ.
Ба ҳар гӯша, к-аз ғор сар барзадӣ,
Яке гурзаш ӯ зуд бар сар задӣ.
Фиғоне зи деву хурӯше аз ӯй,
Ба хун ғарқа деву ба хай ҷангҷӯй.

Набудаш бурун роҳ, к-ояд ба ҷанг,
Бар ӯ - бар шуд он ғор зиндони танг.
Зи хунаш, ки шуд дар ҳаво шох-шох,
Ҳаме лола руст аз шахи санглох.
Хурӯшаш ҳаме баргузашт аз сипеҳр,
Дамаш оташу дуд барзад ба меҳр.
Чу бечора шуд, кӯҳ кандан гирифт,
Зи бар санги хоро фикандан гирифт.
Ба ҳар санг, к-афкандӣ аз хашму кин,
Ҳаво тира гардиду ларзон замин.
Гирифта раҳаш паҳлавони сипоҳ,
Ҳамедошт аз санги ӯ тан нигоҳ.
Гаҳе гурзи кин кӯфташ, гоҳ санг,
Дар он ғор карда бар ӯ роҳ танг.
Саранҷом, санге гарон аз бараш
Фурӯ ҳишт, к-афтод хун аз сараш.
Тани нилгунаш вашипӯш гашт,
Чу кӯҳе бияфтоду беҳуш гашт.
Сабук паҳлавон пеш, к-ояд ба ҳуш,
Ба ғор андарун рафт чун шери зуш.
Ду дасту ду пояш ба хамми каманд
Фурӯ басту дандонаш аз бун биканд.
Гузид аз сипаҳ мард беш аз шумор,
Ба киштиш бурданд аз он жарфғор.
Ҳаме ғарқа шуд киштӣ аз бори ӯй,
Сипаҳ хира яксар зи дидори ӯй.
Расанҳои киштӣ ҷудо ҳар касе
Бибастанд бар дасту пояш басе.
Чу ҳуш ёфт, ҳар гоҳ гаштӣ дамон
Гусастӣ фаровон расан ҳар замон.
Задӣ наърае хашмгин, к-аз хурӯш
Шудӣ кӯҳ ҷунбону дарё ба ҷӯш.
Ҷаҳонпаҳлавон пеши додофарин
Басе кард бо меҳр ёд офарин.

## 96. РАСИДАНИ ГАРШОСП БА ҶАЗИРАИ ҚОҚАРА

В-аз он ҷой бо лашкари яксара
Ба як ҳафта омад бари Қоқара.
Хабар зӣ ҷазира шуд андар замон,
Биёмад бурун лашкари бадгумон.

Бидиданд ҳафтод киштӣ ба роҳ,
Ҳама бодбон баркашида ба моҳ.
Чу кӯҳе равон ҳар яке бодвор
Ба ҳар кӯҳ-бар абре забар соядор.
Чу дар сабз дашге саворони ҷанг
Аз ӯ ҳар саворе дирафше ба чанг.
Чу бар рӯйи гардун пароканда меғ,
Ҳама меғ пурбарқу тобон зи теғ.
Сабук размро лашкар оростанд,
Ба кӯшиш ҳама шаҳр бархостанд.
Баромад ба хушкӣ ҷаҳонпаҳлавон,
Бизад саффи кин бо диловар гавон.
Ғави кӯсу нойи набардӣ бихост
Замин гард шуд, гашт бо чарх рост.
Набуд роҳи эрониён зӣ гуреғ,
Зи бас мавҷи дарё буду пеш меғ.
Бикарданд размe гарон бас шитоб,
Ба хун-бар замин шуд чу киштӣ бар об.
Саф аз румҳи девори най баста шуд,
Зи ҳар гӯша пайкор пайваста шуд.
Ба гардун расид аз бас ошӯби ҷанг,
Ба дарё ниҳебу ба кӯҳ озаранг.
Ҷаҳон наъраи марди ҷангӣ гирифт,
Хур аз ранги хун чеҳри зангӣ гирифт.
Наванди ялон буд инондор меғ,
Ба каф-бар дурахши равонбор теғ.
Зи пайконҳо хун ба ҷӯш омада,
Камонгӯшҳо назди гӯш омада.
Зи шамшери шерон пур аз моз тарг,
Зи гурзи далерон ба парвоз марг.
Саворон зи хун лолакирдор ҷанг,
Пиёда чу масқул доман ба ранг.
Зи бас тан ба шамшер бигзошта,
Чунон жарф дарё шуд анбошта.
Яке меғ баст осмон лолагун,
Дурахши вай аз теғу борон зи хун.
Шаҳи Қоқара тохт аз қалбгоҳ
Пиёда бари паҳлавони сипоҳ.
Гарон устухон шохи моҳӣ ба даст,
Задаш, бар сипар хӯрд, бар ҳам шикаст.
Наёмад ба гурди сипаҳбад газанд,
Сабук ҷаст чун наррашере зи банд.

Чунон зад-ш бар гардан аз хашм теғ,
Куҷо сар-ш чун моғ шуд бар ба меғ.
Гурезон шуд он лашкари Қоқара,
На-шон маймана монду на майсара.
Далерони Эрон ба хашму ситез
Пайи гардашон баргирифтанд тез.
Бикуштанд аз эшон, киро ёфтанд,
Ба тороҷ зӣ шаҳр биштофтанд.
Ба ғорат ҳама шаҳр карданд пок,
Ба шамшер карданд халқаш ҳалок.
Гирифтанд чандон беандоза чиз,
Ки нодид кас, ҳам бинашнид низ:
Ҳам аз симу гавҳар, ҳам аз зарру мушк,
Ҳам аз уди тар, ҳам зи кофури хушк.
Суйи кохи шаҳ сар ниҳоданд зуд,
Ба тороҷ бурданд аз он, ҳар чӣ буд:
Чи ҷуфташ, чи хубони ороста,
Чи аз бекарон гунагун хоста.
Яке кох диданд нав шоҳвор,
Ба зарру гуҳар карда яксар нигор.
Зи анбар яке бора девори бом,
Замин суда кофуру дар уди хом.
Биканданду бумаш барандохтанд,
Ҳама коху айвон бипардохтанд.
Асирони эронгуруҳро зи банд
Кушоданд, як тан надида газанд.
Зи шаҳри дигар ҳар чӣ оварда буд,
Агар хоста буд, агар барда буд.
Чиҳил киштӣ аз вай биянбоштанд,
В-аз он ҷо раҳи Танҷа бардоштанд.
Ҳама Танҷа аз шодӣ озин заданд,
Ба раҳ килла аз дебаи Чин заданд.
Ҷаҳоне ба наззораи Манҳарос
Гирифта зи дидан-ш ҳар кас ҳарос.
Чапу рост ҳар сӯш ду жандапил,
Вай андар миён ҳамчу кӯҳе зи нил.
Равон чор кӯҳанд, гуфтӣ, ба пой,
Бибаста ба як мил ҷунбон зи ҷой.
Ду бозу ба занҷирҳо карда банд,
Ба ҳам баста дар пойи пилони жанд.
Ба пилон бар аз зӯраш осеби кӯс,
Ғиреваш чу андар куҳ овои кӯс.

Зи бонгу дамаш ҳар куҷо шуд ба роҳ
Замин буд ҷунбону гардун сиёҳ.
Ҳама роҳ то хонаи шаҳрёр
Буд аз зарру дур паҳлавонро нисор.
Зи бас гаҳвар андар канору ба ҳам,
Ҳама пушти ҷунбандагон буд ба хам.
Бад-ӯ ҳар кас аз хуррамӣ сур кард,
К-аз эшон бади душманон дур кард.
Яке маҳ сипаҳбад бари шоҳ буд,
Ки рафтан-ш чун бар сари моҳ буд,
Ба шоҳу бузургон-ш ҳар гуна чиз
Бибахшиду ҳар бадра, к-овард низ.
Дигар пеши яксар бузургону хурд
Хате кард бар шоҳу ӯро супурд
Ба паймон, ки чун бошадаш кому рой
Фиристад зи ганҷ он ҳама боз ҷой.

## 97. ОГОҲИИ ШОҲИ ҚИРВОН АЗ РАСИДАНИ ГАРШОСП

В-аз он ҷо сипаҳ бурд зӣ Қирвон,
Ки гирад ба теғ аз фариқӣ равон.
Бари марзи Африқия бо сипоҳ
Чу омад, шуд ин огаҳӣ назди шоҳ.
Ки Заҳҳок аз Эрон сипоҳе ба ҷанг
Фиристоду инак расиданд танг.
Ҳамоне, ки афзун зи панҷаҳ ҳазор
Саворанд кинҷӯву ханҷаргузор.
Меҳ аз пил гурдест солорашон,
Тирозандаи разму пайкорашон.
Далере, ки чун рой ҷавшан кунад,
Зи ханҷар ба шаб рӯз равшан кунад.
Ба рӯбаҳ шуморад гаҳи шӯр шер,
Ду пил орад осон ба як зӯр зер.
Чу гардад савор, аз баландӣ сараш
Аз абр уфтад занг бар миғфараш.
Бувад бо каманд аз бари пили маст
Чу бар кӯҳ шер аждаҳое ба даст.
Ба сар барзанад ханҷари мағзков,
Бароҳанҷад аз пушти моҳиву гов.

Яке деви дижхим чун Манҳарос
Бибасту ҷаҳон кард аз ӯ беҳарос.
Чу душман ба ҷанги ту ёзид чанг,
Шавад шер, агар сустӣ орӣ ба ҷанг.
Намад зуд баркаш, чу шуд з-об тар,
Ки то беш монад, гаронбортар.
Ҷаҳон з-ин хабар бар шаҳи Қирвон
Чунон шуд, ки ҳамгунаи қирвон.
Будандаш се солори фармонгузор,
Якеро супурд аз ялон сад ҳазор.
Дирафшу кулаҳ додашу аспу соз,
Фиристод мар ҷангро пешбоз.
Бари шаҳри Фос ин ду лашкар ба ҳам
Расиданд бар манзиле бешу кам.
Ҳамон гаҳ фиристодае раҳшинос,
Зи солори африқӣ, аз шаҳри Фос,
Бари паҳлавон бо паёме дурушт
Биёмад, шитобанда нома ба мушт.
Чунин гуфт, к-аз ройи марди хирад
Раҳи бодсорӣ на андархурад.
Кас аз бодсорӣ диловар мабод,
Ки бидҳад сар аз бодсорӣ ба бод.
Сипеҳре чу меҳтар сабуксар бувад,
Шикастан гаҳи кин сабуктар бувад.
Туро ҷанг бо шоҳи мо орзуст,
Гумоне барӣ, к-ӯ забун чун Баҳуст.
Надонӣ, ки чун ӯ шавад размкӯш,
Замона ба зинҳор гирад хурӯш.
Сари ханҷараш хун кунад оби абр,
Суми чармааш доғи чарми ҳижабр.
Кадомин диловар, ки дар кинагоҳ
Ба пешонияш кард ёрад нигоҳ?
Чу бошад яке теғ дар мушти ӯ,
Беҳ аз чун ту сесад як ангушти ӯ.
Табаҳ кардӣ аз хирагӣ ройи хеш,
Ба гӯр омадастӣ ба ду пойи хеш.
Валекин кунун омадӣ бо сипоҳ,
Ба ҳангом пеш ову зинҳор хоҳ.
Аз он пеш, к-ат баста зӣ шаҳрёр
Барам, пӯзишат н-ояд он гаҳ ба кор.
Чу бишнид аз ин сон сипаҳдори гурд,
Фиристодаро дасти дашном бурд.

Ба ханҷар забонаш зи бун паст кард,
Зи мӯяш занах чун кафи даст кард.
Забон буд-ш теғе ба гоҳи паём,
Шуд он теғаш андар замон аз наём.
Биёмад яке пири кофурмӯй,
Зи пас боз шуд кӯдаке хубрӯй.
Чи кардан забон бар бадӣ комгор,
Чи дар остин доштан гурзамор.
Забонро бипой аз бадандешу дӯст,
Ки наздиктар душмани сар-т ӯст.
Чунин гуфт доно, ки бо хашму ҷӯш
Забонам яке баста шер аст зуш.
Ба банди хирад - дар ҳамепоямаш,
Ки бикшад-м, тарсам, чу бикшоямаш.
Фиристодаро чун бар ин сон биронд,
Ҳамон гаҳ сипаҳ размро барнишонд.
Деҳе буд ба роҳ, Ардия номи ӯй,
Яке беша гирдаш пур аз рангу бӯй.
Ҳама беша зайтуну хурмодарахт,
Дар ӯ лашкари душман афканда рахт.
Биёмад ба ҳангоми хуршед зард,
Фурӯ кӯфт ногоҳ кӯси набард.
Зи ҳар сӯ пароканда разме бисохт,
Сипаҳро зи беша ба ҳомун битохт.
Шуд аз гарди раҳ шасти гурдон гиреҳ,
Гарон кард ёли ялонро зиреҳ.
Баромад аз эрониву ховарӣ
Набарде, ки шуд чарх бар доварӣ.
Ҷаҳон бешаи шери ғурранда гашт,
Зи тир абр пурмарг парранда гашт.
Зи тӯфидани буқу аз бонг низ,
Ҳама беша буд чун хазон баргрез.
Ба хун дар наҳанг аз шино доштан
Сутуҳ гашту шер аз сар авбоштан.
Зи ханҷар ҳама дашт ханчир буд,
Каманд аз ялон дому занчир буд.
Яли паҳлавон гурзи кӯшиш ба чанг
Ҳамеҷаст тезу ҳамеҷуст ҷанг.
Ба кин то шаб омад, ҳаме ҷанг кард,
Шаби тира ҳам барнагашт аз набард.

## 98. ҶАНГ ДАР ШАБИ МАҲТОБ

Шабе буд зи маҳтоб чун рӯз пок,
Зи сад мил пайдо баланд аз мағок.
Ба ҳам нуру торикӣ омехта,
Чу дину гунаҳ дар ҳам овехта.
Замин яксар аз соя в-аз нури моҳ
Ба кирдони аблақ сапеду сиёҳ.
Маҳ аз чархи тобон чӣ аз гарди нил,
Ба рӯз ойина тобад аз пушти пил.
Намоянда бар гунбади тезпӯй,
Ду пайкар ту гӯйӣ чу заррина гӯй.
Чунон хайли Парвин ба дидору тоб,
Ки иқде зи лӯлу гусаста дар об.
Чу тарге маҳу гирди ӯ шод вард,
Чу новардгоҳи ялӣ дар набард.
Чу дарёи симини равшан ҳаво,
Замону замин карда дигар наво.
Ту гуфтӣ дар айвоне аз обнӯс,
Маҳи чордаҳ буд яке наварӯс.
Шаби қиргунаш ду зулфи баҳам,
Ситора зи гирдаш нисори дирам.
Яке фарши симин кашида ҷаҳон,
Замин зери он фарш яксар ниҳон.
Бипӯшида шаб бар паранди сиёҳ
Яке шаъри симобӣ аз нури моҳ.
Барафрӯхта чеҳри моҳ аз паранд,
Дари тирагиш осмон карда банд.
Чу меҳри забарҷад сипеҳру зи сим
Ситора бар ӯ нуқтаву моҳ мим.
Дар ин шаб сипаҳбад миён баст танг,
Ҳамекард бар нури маҳтоб ҷанг.
Пиёда ҳаметохт ҳар сӯ, ки хост,
Киро гурзи кин зад, дигар барнахост.
Зи бас сар, ки теғаш ҳамекард пахш,
Замин кард гулгуну маҳ кард рахш.
Бад-он сон зи гурзаш қазо зор шуд,
Ки аз пой бифтоду бемор шуд.
Чунон марг гашт аз синонаш ба дард,
Ки бар хештан низ нафрин бикард.
Зи душман саворе ба баргустувон,
Ҳаметохт монанди кӯҳе равон.

Ҳамезад чапу рост шамшери тез,
Фиканд андар эрониён растахез.
Сипаҳбад ба зери дарахте ба кин
Буд истода, чун дид, ҷаст аз камин.
Гирифташ думи аспу бар ҷо бидошт,
Зи болои сар чун фалохун бигошт.
Ҳам аз бод андохт сад гом беш,
Дигар саркашонро дарафканд пеш.
Сипаҳро зи ҳар сӯ пароканда кард,
Зи сар ҳар мағоке ҷароканда кард.
В-аз он ҷо ба лашкаргаҳаш бозгашт,
Баросуду буд, то шаб андаргузашт.
Чу овехт хур теғи заррин забар,
Ниҳон кард аз ӯ моҳ симин сипар.
Камар баст Гаршосп бар ҷангу кин,
Нишонд аз чиҳил сӯ сипаҳ дар камин.
Зи нойи набардӣ баромад хурӯш,
Ғави кӯс дар лашкар афканд ҷӯш.
Дамид оташ аз ханҷари обгун,
Чӣ оташ, ки таф ҷон будаш, дуд хун.
Ҳаво шуд чу сӯгӣ зи гарди набард,
Замин чун пур аз хун тани кушта мард.
Зи бас гард баркард гурдун чу нил,
Ту гуфтӣ ҳаво буд пури жандапил.
Ҳама яшку хартуми пилони жанд
Зи хишти далерону хамми каманд.
Чунин гуфт пас паҳлавон бо сипоҳ,
Ки ин беша бадхоҳ дорад паноҳ.
Гурезон яке сӯйи ҳомун кашид,
Магаршон аз ин беша берун кашид.
Ялони сипаҳ пушт бартофтанд.
Зи пас душманон тез биштофтанд.
Пас аз дашту куҳ хайли Эронзамин,
Кушоданд ногаҳ чиҳил сӯ камин.
Гирифтандашон дар миён пешу пас,
Аз эшон намонданд бисёр кас.
Чи бар мард аспу чи бар асп мард,
Буд афтода ҳар ҷой пурхуну гард.
Ҳама дил хадангу ҳама мағз хок,
Ҳама ком хуну ҳама ҷома чок.
Яке диръ дар бар, сар аз гурз паст,
Якеро сар афтода, ханҷар ба даст.

Бикуштанд чандон, ки натвон шумурд,
Гирифтанд дигар бузургону хурд.
Гирифтор гашт он, ки солор буд,
Чу дидаш, ҳамон гаҳ сипаҳдор зуд,
Бияфканд биниву ду гӯши мард,
Ба даҳ ҷойи пешонияш доғ кард.
Бад-ӯ гуфт: -Рав, ҳамчунин роҳ ҷӯй,
Зи ман ҳар чӣ дидӣ, ба шоҳат бигӯй.
Ба ту ин бадиҳо, ки кардам дуруст,
Мукофоти он бад суханҳои туст.
Буд он гуна солор зору табоҳ
Ҳамешуд, деҳе пеш омад ба роҳ.
Яке пирзан дид полизбон,
Аз ӯ хост, то бошадаш меҳмон.
Зани пир нашнохт ӯрову гуфт:
-Агар хӯрд хоҳиву ҷойи ниҳуфт,
Гурозат наёрам, ки раз кун шиёр,
Нагӯям, ки хок овар андар кавор.
Замоне бад-ин дос гандум дарав,
Бикун пок полизам аз хору ғав.
Чунон кард, ҳарчанд солор буд,
Ки буд гушнаву сахт ноҳор буд.
Сабук ҷаст кадбонуи гандапир,
Ба ҳам нону хурмову кашкину шир
Бипухту биёвард, пешаш ниҳод,
Бихӯрду бари шоҳ шуд бомдод.
Бипурсид кори сипаҳ шоҳ аз ӯй,
Чунин гуфт, к-ай шаҳ, пажӯҳиш маҷӯй.
Ман инак чунинам зи пешат ба пой,
На ҳушу на гӯшу на бинӣ ба ҷой.
В-агар боз пурсӣ зи дигар касон,
Бихӯрданд дӣ мағзашон каргасон.
Шаҳ аз ғам дигар кинаро боз кард,
Дигар раҳ сипаҳ размро соз кард.

## 99. НОМАИ ГАРШОСП БА ШОҲИ ҚИРВОН

В-аз он сӯ ҷаҳонпаҳлавон бо сипоҳ
Биёмад ба як манзиле кинахоҳ.
Ба хайма бипӯшид рӯйи замин,
Дабири нависандаро гуфт: -Ҳин

Кушой аз хирад бар сари хома роз,
Ба африқӣ аз ман яке нома соз.
Суханҳо дурушт ор аз андоза беш,
Бихонаш ба фармон камар баста пеш.
Нависанда кард аз сухан растахез,
Ба ангушт мар хомаро гуфт: -Хез!
Шуд он хома чун кашбуте дилпазир,
Парастандаи дасти чобук дабир.
Зи дида ҳамерехт бороні мушк,
Ба мижгон ҳамерӯфт кофури хушк.
Гаҳе шуд суйи хонаи обнӯс,
Гаҳе рӯйи симин замин дод бӯс.
Нахуст аз сухан номи Яздон нигошт,
Ки гашти замон бар ду гуна бидошт.
Саранҷоми гетӣ дар оғоз баст,
Равонро ба боди равон боз баст.
Хами чарх ҷойи хуру моҳ кард,
Замин гавҳаронро гиреҳгоҳ кард.
Дигар гуфт: -Заҳҳок, шоҳи ҷаҳон,
Шунидаст кирдорат андар ниҳон,
Ки хӯ бар баду ҷангу хун кардаӣ,
Зи банди хирад сар бурун кардаӣ.
Маро моркуш хондиву бадсиришт,
Варо ном бурдӣ ба дашноми зишт.
Шудӣ саркаш эдун, ки чун Аҳриман
Набинӣ ҳаме кас бар аз хештан.
Кунун, к-омадам, размро хостӣ,
Ҷуз он дидӣ охир, ки худ хостӣ.
Ба чунин сипаҳ разм созӣ ҳаме,
Ба зӯри тани хеш нозӣ ҳаме.
Зи каҷжӣ нашуд рост кори касе,
Ба номус растан нашояд басе.
Нигаҳ кун, ки бар Манҳароси далер
Чӣ овардам аз гурзу бозуи чир!
Гирифтам-ш танҳо, чу ҷанг омадам,
Ки дар ҷангаш аз ёр нанг омадам.
Ҳама кишвари Рум то буми Ҳинд,
Ба ҳам барзадан то ба дарёи Синд.
На кас дид ёрист бурзи маро,
На бартофт кӯҳ боди гурзи маро.
Кунун гар нагирӣ раҳи кеҳтарӣ,
Наёӣ бари шаҳ ба фармонбарӣ.

Ба хок орам аз моҳ гоҳи туро,
Барандозам ин боргоҳи туро.
Танат пеши чанголи шерон барам,
Сарат бар синон сӯйи Эрон барам.
Ба қиртос-бар шуд пароканда ҳарф,
Ба сони сафи моғ бар сӯйи барф.
Чу нома зи хома ба поён расид,
Сипаҳбад фиристодае баргузид.
Дигар дод чанде паёми дурушт,
Фиристода пӯянда нома ба мушт.
Чу омад ба назди шаҳи Қирвон,
Варо дид хандону равшанравон.
Дар айвоне аз дурри тобон чу ҳур
Замин ҷазъу девор зарру булӯр.
Дусад кунгура гирдаш афрошта,
Ба ёқуту дур пок бингошта.
Бародар-ш як суффа дигар зи зар,
Замин симу бомаш зи ҷазъу гуҳар.
Чиҳил тахти заррин дар ӯ шоҳвор,
Чи аз зар-ш поя, чи аз зар нигор.
Миёнаш сутун чор бифрохта,
Сапеду бунафш аз гуҳар сохта.
Чунон ҳар сутуне, ки аз рангу тоб
Гирифтӣ зи дидори ӯ дида об.
Меҳин масҷиди Қирвонро кунун
Бимондаст-гӯяд-аз он ду сутун.
Ниҳуфта ба зарбафти чинӣ тироз
Кушояндашон рӯзи одина боз.
Бар афрози тахте зи зар буд шоҳ,
Ба каф гурзу бар сар зи гавҳар кулоҳ.
Фириста чу бойист нома бидод,
Нависанда бар шаҳ ҳамекард ёд.
Ба чавгони фарҳанг пири куҳан
Ба майдон дарафканд гӯйи сухан.
Бигуфт, он чи буд аз паёми дурушт,
Ту гуфтӣ, ки шамшер дорад ба мушт.
Барафрӯхт африқӣ аз кину хашм,
Бипардохт дил бар фириста зи чашм.
Бифармуд, то даст силӣ кунанд,
Ба силӣ қафогаҳ-ш нилӣ кунанд.
Дурудаш суманбарги пирӣ зи бун,
Бурид аз даҳонаш дарахти сухун.

Ба хориву дашному захмаш биронд,
Ду солор будаш зи лашкар, бихонд.
Ду раҳ сад ҳазор аз далерони хеш
Бад-эшон супурду фиристод пеш.
Фириста бари паҳлавон шуд пагоҳ,
Хабар додаш аз кори шоҳу сипоҳ.
Зи кина ба хун паҳлавон шуст чанг,
Сабук бо сипаҳ шуд пазира ба ҷанг.
Ду лашкар баробар чу саф сохтанд,
Дирафш аз бари маҳ барафрохтанд.
Шуд аз мӯҳра бар мӯҳри гардун хурӯш,
Дами ной дар гетӣ афканд ҷӯш.
Замин бо маҳ аз гард анбоз гашт,
Зи Ховар зи бас бими хур боз гашт.
Шуд аз саҳм печон наҳанг андар об,
Ба куҳ бачча бигзошт паррон уқоб.
Ду лашкар ба як раҳ ба ҳам барзаданд,
Гаҳе гурзи кин, гоҳ ханҷар заданд.
Зи бас кушта чарх анбуҳи ҷон гирифт,
Зи бас хун дили хора марҷон гирифт.
Зи гурдони Ховар саворе чу абр
Бурун тохт бо хишту бо хӯду габр.
Сафи хайли Эрон пароканда кард,
Куҷо тохт, ҳомун пурафканда кард.
Чу омад бари паҳлавони сипоҳ,
Варо дид дар пил, дар қалбгоҳ.
Бар ӯ хиште аз гард биндохт тафт,
Ту гуфтӣ ситора зи гардун бирафт.
Наёмад газанде ба гурди далер,
Ҳамон гаҳ зи пили жаён гашт зер.
Гиребон-ш бо дасту ханҷар ба мушк
Гирифту зи зин бар замин зад, бикушт.
Ҳам аз ҷой тан бар сипаҳ барфиканд,
Ҳама шебу боло тану сар фиканд.
Бад-ин даст найза, бад-он теғи тез,
Ба ҳар ду ҳамеҷуст разму ситез.
Ба найза зи пилу ба ханҷар зи зин
Ялонро ҳамезад нигун бар замин.
Ду солори африқӣ аз ҷанги ӯ
Бимонданд бечора дар чанги ӯ.
Сипаҳ низ тарсанда гаштанд пок,
Зи хун ҳамчу шангарф шуд рӯйи хок.

Яке з-он ду солор ҳушёртар,
Хирадмантар буду бедортар.
Ба дил гуфт, к-аз шоҳ шуд тоҷу тахт,
Ҳамин паҳлавон аст пирӯзбахт.
Кунун пеш аз ин, к-ин кушуфта сипоҳ
Шикаст ораду кор кардад табоҳ.
Бари паҳлавон рафт бояд маро,
К-аз ӯ ҳар чӣ хоҳам, бар ояд маро.
Ҳар он к-ӯ ба ҳар кор бинад зи пеш,
Пушаймон нагардад зи кирдори хеш.
Батар корро чора бояд гузид,
Ки осонтарин чора ояд падид.
Сабук бо тане сад сарони сипоҳ
Бари паҳлавон рафт зинҳорхоҳ.
Басе чиз додаш ҷаҳонпаҳлавон,
Пазируфт шоҳиш бар Қирвон.
Ҳамон гаҳ ба кин бо сипаҳ ҳамла бурд,
Ҳар он кас, ки буд аз далерони гурд.
Зи кушта чунон гашт болову паст,
Ки ҳомун зи марказ фурӯтар нишаст.
Ба қалб он, ки солор буд, кушта шуд,
Бадандешро бахт баргашта шуд.
Саворон буриданд баргустувон,
Фиканданд хафтону ханҷар гавон.
Яке хост зинҳору дигар гурехт,
Диловар зи баддил фузунтар гурехт.
Чунин то дари Қирвон з-аспу мард
Ҳама кушта буд, роҳ пурхуну гард.
Зи бас хун, ки ҳар ҷой пошида буд,
Замин ҳамчу рӯйи харошида буд.
Чу овард чарх аз ситора сипоҳ,
Шаби қиргун шуд гурӯси сиёҳ.
Маҳ андар камон бурд симин сипар,
Миён баст ҷавзо ба заррин камар.
Сипаҳбад бари марзи шаҳри Вудуд
Бизад хайма, то лашкар омад фуруд.
Бар африқӣ аз ғам ҷаҳон танг шуд,
Дигар раҳ суйи чораи ҷанг шуд.
Ҳама шаб ба кори сипаҳ сохтан,
Напардохт аз ганҷ пардохтан.

## 100. БУРУН ОВАРДАНИ ШОҲИ ҚИРВОН ЛАШКАР БА ҶАНГ

Чу бар тира шаъри шаби дербоз
Сапеда кашид аз сапедӣ тироз,
Фурӯ шуст хур тахтаи ложвард,
Зи симин нуқатҳо ба зар-оби зард.
Ба дашт омад аз Қирвон лашкаре,
Ки бигрифт аз анбӯҳашон кишваре.
Сипоҳе чу ошуфта пилони маст,
Ҳама найзаву теғу ханҷар ба даст.
Гирифта сипарҳо зи чарми наҳанг,
Барафканда баргустувони паланг.
Бипӯшида ҷавшан сарони сипоҳ,
Зи моҳӣ пашиза сапеду сиёҳ.
Яке баҳра хафтон зи кемухти карг,
Ҳам аз мӯраи моҳиён хӯду тарг.
Ду лашкар баромехт аз чаппу рост,
Деҳу гири пархошҷӯён бихост.
Зи ҳар сӯ ҳаме кӯси заррин заданд,
Ду сурнои рӯйину сарғин заданд.
Пур аз ранги ёқут шуд чеҳри теғ,
Пур аз ашки алмос шуд чашми меғ.
Ҳаво пардае гашт чун қир тор,
Зи хишт андар ӯ пуду аз тир тор.
Зи наъра тапон гашт бар чарх хур,
Ба дигар ҷаҳон ҷунбиш афтоду шӯр.
Хами чархҳо пок бар ҳам шикаст,
Дили кӯҳу ҳомун ба ҳам дарнишаст.
Зи бас хун равон гашта ҳар сӯ ба танг,
Замин чун ҷигар, ҷӯйҳо гашта ранг.
Забар мағзкӯбанда кӯпол буд,
Ба зер аз ялон бар сару бол буд.
Шуда гард чун зангии бедареғ,
Зи хун гашта гирёну хандон зи теғ.
Аз он кин ба дарё - дарун моҳиён
Ҳаме кушта хӯрданд то моҳиён.
Се рӯз инчунин буд хун рехтан,
Бимонданд гурдон аз овехтан.
На касро буд оромиш аз ҷангу тоб,
На дар мағз ҳушу на дар дида хоб.
Каф аз захм суда, миён аз камар,
Дил аз ҷон сутӯҳ омада, тан зи сар.
Шуд оганда бар мард хафтон зи гард,
Зи хай диръҳо гашта зангорх(в)ард,

Зи бас ҷӯши пайкору ранҷу ниҳеб
Намонд он замон паҳлавонро шикеб.
Миёни ду сар бо камону каманд
Бурун тохт бар жандапиле баланд.
Ба зер - андараш гуфтӣ он пили маст
Сипаҳкаш дизе буд пӯлодбаст.
Дизе бар сари чорпоён сутун,
Зи даргоҳи диз аждаҳое нигун.
Ба сони кухе ҷонвари тезпӯй,
Чу кӯҳе хурӯшанда кӯҳе бар ӯй.
Дадаш - хишту нахчир - майдон ҷанг,
Гиёҳош - жӯпин, уқобаш - хаданг.
Зи кафкаш ҳаме ҷӯш бар моҳ шуд,
Замин, ҳар куҷо гом зад, чоҳ шуд.
Сипаҳдор бо аждаҳофаш дирафш,
Бар ӯ карда аз гард гетӣ бунафш.
Ба африқӣ андар замон тарҷумон
Фиристоду гуфт: -Ай бади бадгумон,
Агар ҳаст чархи равон ёварат,
Фаришта ҳама осмон аз барат,
Замин - ганҷ дориву дарё - паноҳ,
Замона - раҳиву ситора - сипоҳ.
Дарахтон шавандат далерони ҷанг,
Ҳама баргашон теғ гардад ба чанг.
Шавад кӯҳ хафтону хуршед тарг,
Кунад ёрии теғу хишти ту марг,
Бикӯбам ба гурзи гарон сар-т паст,
Кунам рахш аз хун бар ӯ теғу даст.
Наярзӣ туву ҳар чӣ лашкар-т пок
Бари захми гурзам ба як мушт хок.
Ба Яздон гуноҳет будаст сахт,
К-ат имрӯз пеши ман афканд бахт.
Ба зинҳор пеш ову фармон параст,
Ки то пеши шоҳат барам баста даст.
В-агарна биё, ҳар ду аз ному нанг
Бикӯшем пеши ду лашкар ба ҷанг.
Бибинем, то бар кӣ сахтӣ бувад,
Киро з-осмон чирбахтӣ бувад.
Набояд магар низ хун рехтан,
Раҳанд ин ду лашкар аз овехтан.
Дижам гуфташ африқии ҷангҷӯй,
Ки рав, хирасар паҳлавонро бигӯй:

Ту муште нахӯрдӣ зи мушти ту беш
Ҳамон з-он гарон оядат мушти хеш.
Ҷавон, к-аш бувад заҳраву зӯри тан,
Набинад касе бартар аз хештан.
Ба мории басбос, деве нажанд,
Чӣ ҷӯйӣ бузургиву номи баланд!
Ки танҳо чу ханҷар ба чанг оядам,
Зи сад чун ту дар ҷанг нанг оядам.
Ба кин бар замон пешдастӣ кунам,
Ба як даст бо пил кастӣ кунам.
Агар тан-т дарёст в-ар кӯҳи Бурз,
Бисӯзам ба теғу бидаррам ба гурз.
Ту панҷаҳ кас аз лашкарат баргузин,
Ман аз лашкари хештан ҳамчунин.
Бубинем, то дар сафи корзор
Киро з-ин ду лашкар бувад кор зор.
Чу эшон зи ҳам мебароранд гард,
Ману ту шавем он гаҳе ҳамнабард.
Бигуфтанду ҳар ду зи лашкар чу шер
Гузиданд панҷоҳ гурди далер.
Ба даҳ ҷой кӯшиш барангехтанд,
Ба ҳам панҷ-панҷ андаровехтанд.
Ҳамовард сӯйи ҳамовард шуд,
Дару дашт бар чарх новард шуд.
Гаҳ ин ҷуст кину гаҳ ин гуфт ном,
Гаҳ он теғ бар каф, гаҳ он хамми хом.
Ҳаво пуртафи хишту шамшер шуд,
Дили реги ташна зи хун сер шуд.
Ба кам як замон андар овардгоҳ
Буд афканда ҳар сӯ яке кинахоҳ.
Ба сар бар шуда хоку хун, хӯду тарг,
Ба каф теғашон гашта маншури марг.
Чу аз нима хам ёфт болои рӯз,
Ба Ховар шитобид гетифурӯз.
Зи хайли фариқӣ набуд монда кас,
Яке буд аз эрониён кушта бас.
Хурӯши дарою ғави ною кӯс
Баромад аз эрониён бар фусӯс.
Шаҳи Қирвон рух пур аз ранг шуд,
Аз афсӯси Гаршосп дилтанг шуд.
Хурӯшид, к-акнун марову турост
Ба наздики ӯ тохт аз қалб рост.
Яке хишти шоҳин аз ӯ морпеч,
Ба каф дошт, к-аз печ н-осуд ҳеч.

Бизад бар сари пилу баргошташ,
Бар ин гӯшу з-он гӯш бигзошташ.
Задаш дигаре бар қафо ногаҳон,
Ки русташ чу дандон бурун аз даҳон.
Хурӯше бизад пилу бифтод паст,
Сабук паҳлавон ҷасту бифрохт даст.
Чунон кӯфт бар сар-ш гурз аз камин,
Ки зераш биларзид ниме замин.
Баромехт мағзаш ба хуну ба хок,
Сипаҳ рӯй бардошт аз ҷанг пок.
Гурезон чунон шуд дар он гард гурд,
К-аз анбуҳ ҳаме мард бар мард мурд.
Чу шабро даванда наванди сиёҳ
Ҳама тан шуд аблақ зи тобанда моҳ.
Ҳама дашт буд рӯди хун тохта,
Силеҳу дирафшу сар андохта.
Касе раст, к-ӯ шуд ба шаҳр-андарун,
Дигар кушта шуд, он ки монд аз бурун.
Силеҳу салаб ҳар чӣ бар дашту кӯҳ,
Буд афканда аз хайли ховаргурӯҳ,
Ҳама баргирифтанд эронсипоҳ,
Кас андар шумораш надонист роҳ.
Чунин асту з-ин гуна то буд, бас аст,
Зиёни касе суди дигар кас аст.
Яке то наёбад ғами рафта чиз
Бад-он ҳам нагардад яке шод низ.
Замин то ба ҷойе наяфтад мағок,
Дигар ҷой боло нагирад зи хок.
Сипаҳбад аз он пас бари шаҳр танг
Ҳамебуд се рӯзу н-омад ба ҷанг.
Чаҳорум чу зад гунбади ложвард
Ба куҳсор бар чатри дебои зард,
Ба зорӣ бузургони он буму шаҳр
Бирафтанд назди сипаҳбад ду баҳр.
Кафан дар бару барҳана пою сар,
Яке кӯдаки хурд ҳар як ба бар.
Дигар гунагун ҳадя оростанд
В-аз ӯ пӯзиши бекарон хостанд.
Ки африқӣ ар гум шуд аз рою роҳ,
Зи бадбахтӣ овард бар худ сипоҳ.
Ситам кард бар мову бар ҷони хеш,
Кунун ҳар чӣ кард, аз бад омад-ш пеш.
Агар родмардӣ кунад паҳлавон,
Бубахшад ба мо бегуноҳон равон.

В-ар афканд хоҳад сари мо зи тан,
Шавем инак аз пешаш андар кафан.
В-аз ин кӯдакон гар дилаш киначӯй,
Бибуррем саршон ҳама пеши ӯй.
Сипаҳбад ба ҷон эминӣ додашон,
Суйи хона дилхуш фиристодашон.
Пас он гурди солорро хонд пеш,
Ки пазруфта будаш ба зинҳори хеш.
Варо кард бар Қирвон шаҳрёр,
Ба шодӣ шудандаш ҳама шаҳр ёр.
Нисору гуҳар рехташ ҳар касе,
Зи ҳар гуна бурданд ҳадя басе.
Аз он пас, ки солор буд, шоҳ гашт,
Баланд афсараш ҳамбари моҳ гашт,
Ҷаҳонро чунин пойбозӣ бас аст,
Зи ҳар ранг найрангсозӣ бас аст.
Якеро зи моҳӣ расонад ба моҳ,
Якеро зи моҳ андарорад ба чоҳ,
Яке чиз гирд орад аз ҳар даре,
Кашад ранҷу осон хурад дигаре.
На з-ӯ шояд эмин будан рӯзи ноз,
На навмед гаштан ба рӯзи ниёз.
Басо кас, ки садсоларо кор пеш
Хамекарду рӯзе набуд зинда беш.
Басо солиён баста дар банду чоҳ,
Ки шуд рӯзи дигар худованди ҷоҳ.
Ҷаҳон ҷовидон бо касе ром нест,
Ба як хӯ бараш ҳаргиз ором нест.
Диҳанда-ст, лекин ба ҳар рӯю сон,
Ба кас чиз надҳад ҷуз они касон.
Ба шодӣ бидорад-т бар бешу кам,
Аз он пас дилатро супорад ба ғам.
Яке меҳмонхони пурхостаст,
Ту-меҳмон, замин хони оростаст.
Бихур зуд аз ӯ меҳмонвор сер,
Ки меҳмон намонад ба як ҷой дер.
Чӣ бояд, ки ранҷи фузуне барем,
Ба душман гузорему худ бигзарем.
Пас он хира солори бемағзу ҳуш,
Ки Гаршосп бинӣ-ш бибриду гӯш.
Бибурд аз меҳон мард садро зи роҳ,
Чунон сохт, к-аз бомдоди пагоҳ
Чу ояд, нишинад бари шоҳ дер,
Гурӯҳаш ниҳон диръу ханҷар ба зер

Бибурранд ногаҳ сари шоҳ паст,
Бигиранд шаҳру бароранд даст.
Касе бар шаҳ он роз бикшод зуд,
Шаҳ аз вижагон ҳар кӣ шойиста буд,
Сиголид бо ридакони сарой,
Ҳама теғу ҷавшан ба зери қабой.
Дирафши шаби тира чун шуд нигун,
Дамид оташ аз гунбанди обгун.
Нишаст аз бари гоҳ бар шоҳи нав,
Меҳон раҳ кушоданд бар роҳрав.
Чу пеш омад он бад ниҳон бо гурӯҳ,
Барафрохт сар шоҳи донишпажӯҳ.
Бад-ӯ гуфт, к-ай ғумри тунбалсигол,
Ҳаме хештан бар ман орӣ ҳамол?!
Куҷо ояд аз ғумр кори ҳижабр,
Куҷо оварад гард борон чу абр?!
Чу гул кай диҳад бор хори дурушт,
Гуҳар чун садаф кай диҳад сангпушт?
Нахустин-т ку ганҷу фарру меҳӣ,
Ки ҷӯйӣ ҳаме тахту тоҷи шаҳӣ?!
На бар ҷой ҳар кори носозвор
Бувад чун пуле з-он суйи ҷӯйбор.
Тани ғундаро пой бояд нахуст,
Пас он гоҳ халхол бояд-ш ҷуст.
Чунон дон, ки бахти бадат хор кард,
Ҷаҳон хӯрдату боз нушхор кард.
Набуд дархури паҳлавон ин ҳунар,
Ки гӯшат буриду набуррид сар.
Пас аз хашм фармуду гуфто: -Диҳед,
Ҳама дасту ханҷар ба хун барниҳед.
Дилу мағзи солор карданд чок,
Гурӯҳон-шро сар буриданд пок.
Фиканданд таншон ба раҳ яксара,
Сароншон заданд аз бари кунгура.
Ки то ҳар кӣ бинад, бидонад дуруст,
Ки бо шаҳ набояд зи дил кина ҷуст.
Раҳиро шудан дар дами мору шер
Аз он беҳ, ки бар шоҳ бошад далер.
Замона чунин аст нопайдор,
Гаҳ инрост душман, гаҳ онрост ёр.
Ду даст аст мар чархро коргар,
Бад-ин теғ дорад, ба дигар гуҳар.

Якеро ба гавҳар тавонгар кунад,
Якеро тан аз теғ бесар кунад.
Чу з-он кин шуд огаҳ сипаҳдори гав,
Бибуд шоду омад бари шоҳи нав.
Писандиду гуфт аз ту чунин сазид,
Ки зиштист банди бадонро калид.
Сипеҳрест шоҳӣ, варо меҳр гоҳ
Бар авҷаш дижу ахтаронаш сипоҳ.
Арӯсест: хубит - божу дирам,
Сари теғ - пироя, кобин - қалам.
Ба саҳму сика дошт бояд шаҳӣ,
Ки чун ин ду навбад, напояд маҳе.
Ба кори шаҳӣ ҳар кӣ сустӣ кунад,
Бар ӯ ҳар касе чирадастӣ кунад.
Накӯкорӣ арчи бар аз хушхуйист,
Басе ҷой зиштӣ беҳ аз некуйист.
Аз он пас яке моҳ дил шодмон
Будаш бо меҳони сипаҳ меҳмон.
Ниҳон ганҷи африқӣ аз зери хок
Ҳама ҳар чӣ гуфтанд, бардошт пок.
Ҳамон ҷо бари Қирвон бо сипоҳ
Ҳаме буд дил шодмон ҳафт моҳ.
Бузургону шоҳони Ховарзамин,
Зи Барбар дигар сарварон ҳамчунин,
Ҷудо гунагун ҳадяҳо сохтанд,
Яке ганҷ ҳар як бипардохтанд.
Шуд оганда наздикаш аз божу сов,
Зи динор ганҷе чиҳил чарми гов.
Зи хиргоҳу аз фаршу пардасарой,
Кӣ донад шумурд, он чи-ш омад ба ҷой?!
Таройиф буд аз пил сесад фузун,
Ҳам аз бори дебо ҳазорон ҳаюн.
Дигар чорсад бухтиву бесарок,
Ба сандуқҳо бор буд сими пок.
Дусад шохи марҷон ба зар карда банд,
Ки ҳар шох аз он буд дарахте баланд.
Дусад дурҷ дурру ақиқу булӯр,
Ҳазору чиҳил танг хаззу самур.
Зи зангиву нӯбӣ сияҳтар зи қор,
Дигар гунагун бардаи бешумор.
Ҳазор астари зинии тезгом,
Саросар ба заррину симин ситом.

Ҳазор аз итобӣ хази ранг-ранг,
Шутурвор сад пӯстҳои паланг.
Зи мӯйи самандар саду шаст (х)азор,
Ки накнад бар ӯ оташи тез кор.
Зарофа чиҳил гардан афрошта,
Ҳама тан чу дебои бингошта.
Ҳама бурд аз он ҷойгаҳ бо сипоҳ,
Ба сӯйи Қиротия бардошт роҳ.

## 101. БОЗГАШТАНИ ГАРШОСП ВА ДИДАНИ ШИГИФТИҲО

Пур аз нахли хурмо яке беша дид,
Чунон к-осмон буд дар ӯ нопадид.
Ту гуфтӣ магар ҳар дарахте зи бор
Арӯсест ороста ҳурвор.
Аз оҳу ҳама беша беш аз гизоф,
Аз он оби кофураш омад зи ноф.
Ба марзи биёбону реги равон
Гузар кард аз андӯҳ растаравон.
Басе зар аз он рег бардоштанд,
Ки як гом бе зарр нагзоштанд.
Чу аз рег бигзашту роҳи дароз,
Бари марғзоре хуш омад фароз.
Пур аз мурғи рангин ҳама марғзор,
Ба дастон хурӯшанда ҳар мурғ зор.
Аз он хайли мурғон ҷудо ҳар касе
Гирифтанд аз баҳри куштан басе.
Ба оҳан ҳаме ҳалқашон ҳар кӣ кушт,
Бурида нашуд ҷуз ба санги дурушт.
Аз он пас куҳе дид бартар зи меғ,
Ки аз теғи ӯ барзадӣ моҳ теғ.
Ҳар он мурғи парранда андар ҳаво,
Ки кардӣ бар он кӯҳ рафтан ҳаво,
Тавонаш набудӣ паридан зи ҷой,
Магар ҳамчу пайкон давидан ба пой.
Ҳамон ҷо дигар санг буд ҷазъранг,
Зи ҳар санг пайдо нигори паланг.
Ки ҳар санг агар пора шуд сад ҳазор,
Ба ҳар санг-бар буд паланге нигор.
Аз он ҳар кӣ бастӣ яке бар миён,
Накардӣ паланги жаёнаш зиён.

Зи зарру зи ёқуту дурру ҷамаст,
Дар ӯ чор бут даст дода ба даст.
Сухангӯй ҳар чор бо якдигар
Намояндаангушту печандасар.
Набудаш дилу ҷону будшон сухун,
Надонист кас гуфти эшон зи бун.
Валек ар будӣ даҳ тан аз мардумон,
Ҷудо ҳар яке з-ӯву дигар забон,
Зи ҳар чор бут гуфтугӯву хурӯш
Чу гуфтори хеш омадишон ба гӯш.
Дигар шаҳре омад-ш кӯчак зи пеш,
Дар ӯ мардум анбӯҳ аз андоза беш.
Ба наздаш яке чашмаи обгир,
Ки паҳнош нагзоштӣ кас ба тир.
Аз он чашма шабгир то гоҳи шом
Ҳаме моҳӣ овард ҳар кас ба дом.
Бикардандӣ онро ба хуршед хушк,
Чу кофур буд рангу бӯяш чу мушк.
Куҷо ҳар касе ришта з-он тофтӣ,
Чу аз пунба з-ӯ ҷомаҳо бофтӣ.
Ба кӯҳ-андараш чашма буд низ чанд,
Ба ком-андарун оби ҳар як чу қанд.
Ба гармо будӣ гашта он об ях,
Ба сармо равон аз бари регу шах.
Дигар дид бутхона аз зарри хом,
Сапедаш дару бом чун сими хом.
Миёнаш яке тахти симина соз,
Бад-он тахти заррин буте хуфта боз.
Сари сол чун Офтоб аз Бара
Фурӯзанда кардӣ ҷаҳон яксара.
Бар он тахт бут бар сар афроштӣ,
Биҷастиву як наъра бардоштӣ.
Гар об аз даҳон-ш омадӣ шох-шох,
Бари мева он сол будӣ фарох.
В-агар н-омадӣ, доштандӣ ба фол,
Ки ночор бархостӣ тангсол.
Аз он ҳар кас огоҳ гаштӣ зи пеш,
Мар он солро сохтӣ кори хеш.
Баробар-ш миле буд ангехта,
Аз он мил табле баровехта.
Киро дур будӣ касу хешу ёр,
Ба номаш чу бурдӣ, задӣ каф ду бор,

Шудӣ табл - агар мурда будӣ - хамӯш
В-агар зинда будӣ, гирифтӣ хурӯш:
Аз он чанд манзил дигар баргузашт,
Ба нахчиргаҳ буд рӯзе ба дашт.
Замин дид яксар ҳама содарег
Бару бум аз ӯ ҳамчу бар ҷӯш дег.
Фурӯзон дар он рег бо таффу тоб
Давон моҳиён дид ҳамчун дар об.
Ба Аҳвоз –гӯянд- бошад ҳамин,
Наёбанд ҷойе ба дигар замин.
Ба буме бувад хушку аз нам тиҳӣ,
Хурандаш занон аз пайи фарбеҳӣ.
Ба ҷойе дигар дид бар санглох,
Дарахте гишанбарги бисёршох.
Бар ӯ пашм руста зи мешон фузун,
Ба нармӣ чу хаззу ба сурхӣ чу хун.
Яке шаҳр буд наздаш ороста,
Пур аз хубиву мардуму хоста.
Аз он пашм ҳар кас ҳаметофтанд
В-аз ӯ фаршу ҳам ҷомаҳо бофтанд.
Ҳар он гаҳ ки хуррам баҳор омадӣ,
Гули он дарахт ошкор омадӣ.
Чу гове яке ҷонвари тезпӯй,
Зи дарёканор омадӣ назди ӯй.
Шудӣ гаҳ-гаҳаш пеш ғалтон ба хок,
Чу хоҳишгаре пеши Яздони пок.
Ҳаме то будӣ гул зи наздаш се моҳ,
Нарафтӣ магар зӣ чарогоҳ гоҳ.
Чу гулҳош яксар фурӯ рехтӣ,
Хурӯшидану нола ангехтӣ.
Задӣ бар замин сар зи пеши дарахт,
Ҳаме то бикандӣ суру лахт-лахт.
Шудӣ бозу то гул надидӣ ба бор,
Нагаштӣ ба назди дарахт ошкор.
Аз он ҷойгаҳ рафт хуррамравон,
Ба пеш омадаш жарфрӯде равон.
Чу хур баркашидӣ ба Ховар фуруд,
Суйи Бохтар рафтӣ он жарфрӯд.
Чу аз Бохтар боз бартофтӣ,
Суйи Ховар он об биштофтӣ.
Мар онро надониста аз чист кас,
Шудан рӯзу шаб бозгаштан зи пас.

Ду рӯз аз шигифтӣ ҳамон ҷо бимонд,
Чу лахте баросуд, лашкар биронд.
Яке пушта дид аз гиё ҳуллапӯш,
Бар ӯ сабз мурғе гирифта хурӯш.
Хушовоз мурғе фузун аз уқоб,
Куҷо хушк даште буду дур аз об.
Вай аз баҳри мурғе будӣ обкаш,
Шудӣ ҳавсала карда пуроби х(в)аш.
Яке пушта ҷустӣ сар андар ҳаво,
Нишастӣ бар ӯ, баркашидӣ наво,
Ки то ҳар кӣ мурғе будӣ обҷӯй,
Бараш тохтандӣ ба овози ӯй.
Мар он мурғаконро ҳама обсер
Бикардӣ, пас аз пушта рафтӣ ба зер.
Дигар чанд куҳ дид як сӯ зи роҳ,
Намак сар ба сар сурху зарду сиёҳ.
Ба як ранг ҳар кӯҳ бар гирди ӯй,
Ҳам аз рангаш истода обе ба ҷӯй.
Бари ғорашон найситоне вағеш,
Рами шер ҳар сун-ш аз андоза беш.
Яке гулбуни тоза дар найситон,
Гулаш чун қадаҳ дар кафи майситон.
Ҳар он ғамгине, к-омадӣ назди ӯй,
Шудӣ шод, к-он гул гирифтӣ ба бӯй.
Гараш бим будӣ зи шери нажанд,
Чу бар шер рафтӣ, накардӣ газанд.
Агарчи будӣ гул-ш пажмурда сахт,
Чу шохе буридӣ касе з-он дарахт,
Ба май дарфикандӣ, шукуфта шудӣ,
Дигарбора гулҳош кафта шудӣ.
Ҳама найситон гашт гурди далер,
Ба шамшер бифканд бисёр шер.
Дигар мурғакон дид ҳамчун чаков,
Ҳама бонг рафт аз бари чарх гов.
Миён оташе баркашида баланд,
Хурӯшону ғалтон дар ӯ бегазанд.
Аз он паҳлавонро ду рух барфурӯхт,
К-аз оташ ҳаме парри эшон насӯхт.
Пажӯҳо шунидам, ки бошад чунин
Ҷуз аз буми Шарвон дигар нест ин.
Чунин гуфт донандае з-он сипоҳ,
Ки шаҳрест эдар ба якрӯза роҳ.

Ба бом он ки дорад ба ҳезум пасеч,
Кушодан наёрад аз ин мурғ ҳеч,
Ки оташ бар ӯ барфурӯзад-ш зуд,
Гирад наъра з-он оташи тезу дуд.
Ду ҳафта чунон чун самандар бувад,
Надорад ғам ар б-оташ андар бувад.
Кушандаш сабук, ҳар кӣ орад ба даст,
Бад-он шаҳр хонандаш оташпараст.
Аз он бурд чанде зи баҳри шигифт
В-аз он дашт рӯзи дигар баргирифт.
Шуд он ҷо, ки гирад ҳаме рӯйи бум,
Зи баҳри муҳит оби дарёи Рум.
Аз ин сӯ бад-он сӯйи дигар кашид,
Суйи марзи Шезар сипаҳ даркашид.
Чунон дид дарё зи бас мавҷи тез,
Ки бар ҳам задӣ гетӣ аз растахез.
Ту гуфтӣ замин разм созад ҳаме,
Сипаҳ сохт, бар чарх бозад ҳаме.
Шудаст абр гирдаш ба кин тохтан,
Саворон-ш кӯҳанд дар тохтан.
Зи шабгир то ними шаб дар хурӯш,
Даридӣ ҳаме чархро мавҷ гӯш.
Ситодӣ гаҳи нимшаб чун замин,
Будӣ то сапедадамон ҳамчунин.
Дар он шӯриш омад ҳаме зӣ канор,
Шикаста шудӣ хояи бешумор,
Ки ҳар як сари мавҷро тоҷ буд,
Ба боло меҳ аз гунбади оҷ буд.
На он хоя донист кас, к-аз куҷост,
На он мурғ, к-аз вай чунон хоя хост.
Ҳамон ҷо дигар дид чанд обгир
Пур аз мардуми хурди ҳамранги қир,
Ки гар з-он яке соате дур аз об
Бимондӣ, бимурдӣ ҳам андар шитоб.
Дигар ҷонвар дид чандон ҳазор,
Ки мегашт бар гирди дарёканор.
Шунидам, ки шаб ҳам бар он буму бар
Зи дарё барояд яке ҷонвар,
Зи зардӣ ҳама пайкараш заррфом
Дурафшон чу хуршед ҳангоми бом.
Тан он ҷо, ки хорад ба санг - андарун,
Замин гардад аз мӯйи ӯ зарргун.

Барад ҳар касе, ҷома бофад аз ӯй,
Чу оташ диҳад тобу чун мушк бӯй.
Зи сад гуна ҳазмон бад-ӯ гард-гард
Касаш бознашносад аз зарри зард.
Аз ӯ камтарин ҷомаи шоҳвор
Биарзад ба динор ганҷе ҳазор.
Яке ҷома з-он то бибурдӣ ба ганҷ,
Ба каф н-омадӣ ҷуз ба бисёр ранҷ.
Ҷаҳонпаҳлавон дошт з-он ҷома шаст,
Ки н-ояд ба умре яке з-он ба даст.
Чиҳил рӯз наздики дарёканор
Шаб аз базм н-осуду рӯз аз шикор.
Дар он марз буд бешаи беду ғарв,
Миёнаш буне нӯж бартар зи сарв.
Дар ӯ руста гул сад ҳазорон фузун,
Сапедаш гулу барг зангоргун.
Ҳар он кас, к-аз он гул гирифтӣ ба бӯй,
Шудӣ масту хоб уфтодӣ бар ӯй.
Чу бигнудӣ, он кор дидӣ ба хоб,
К-аз ӯ шуст бояд ҳаме тан ба об.
Бибӯйиду шуд ҳар кас аз хоб суст
В-аз он хоб таншон бибойист шуст.
Суйи Андалус бурд аз он ҷо сипоҳ,
Ки ором н-овард рӯзе ба роҳ.
Бари Андалус боз дил шодком
Баросуд як ҳафта бо базму ҷом.
Сари ҳафта бардошт, ҷойе расид,
Куҳе чандро ҳамбари маҳ бидид.
Пур аз барф ҳар куҳ зи бун то ба теғ,
Бар афрози ҳар куҳ яке тира меғ.
Ба сармову гармои сахти шигарф
Бар он кӯҳҳо меғ будиву барф.
Бар он барф буд ҷонвари меҳ зи пил,
Чу машки пур аз об ҳамранги нил.
Кушоданду хӯрданд ҳар кас ҳаме,
Аз он об хушшон набуд бас ҳаме.
Сипаҳ гирди ҳар кӯҳ биштофтанд,
Басе кони сими сара ёфтанд.
Ҳама дар дили санг бигдохта
Чу оби фусурда бурун тохта.
Ба хирвор бурданд аз он ҳар касе,
Дигар низ аз эшон сар омад басе.
Сипаҳбад ҳаюнони саркаш ҳазор
Ба сандуқҳо кард аз он нуқра бор.

## 102. РАСИДАНИ ГАРШОСП БА ҚАРТАБА

Суйи Қартаба рафт аз он ҷой шод,
Яке шаҳри хуш дид хуррамниҳод.
Ба наздики ӯ жарфрӯде равон,
Ки хушшиш дар тан фузудӣ равон.
Аз он шаҳр якчашма марде сиёҳ
Бад-он жарфруд омадӣ гоҳ-гоҳ.
Зи шабгир то ними шаб зери об
Будӣ, андар ӯ сохта ҷойи хоб.
Ниҳоле ба зераш ғалижан будӣ,
Забар чодараш оби равшан будӣ.
На з-об андаке сар барафроштӣ,
На чун моҳиён дам задан доштӣ.
Ҳамон кард пеши сипаҳдор низ,
Сипаҳбад-ш бахшид-ш бисёр чиз.
В-аз он ҷо шитобон раҳ андаргирифт,
Ба нахчир кардан камон баргирифт.
Ба гулрах-ш рӯзе супурда инон,
Ҳаметохт бар думми гӯре дамон.
Саранҷом аз ӯ гашт нодида гӯр,
Шуд ӯ ташнаву монда дар таффи ҳур.
Ба кӯҳе баромад ҳама сангу хор,
Тане чандаш аз вижагон дастёр.
Раҳе дид бар теғи куҳсор танг,
Бар он раҳ сутудоне аз хорасанг.
Бад-ӯ-дар тани мурдае саҳмнок,
Шуда устухон-ш аз пию гӯшт пок,
Сараш меҳтар аз гунбаде буд баланд,
Гиреҳ гашта рагҳо бар ӯ чун каманд.
Ду дандон-ш монанди оҷинсутун,
Яке соқаш аз сӣ раш омад фузун.
Ба санге-дарун канда хатҳо басе,
Буд аз баршу нашнохт онро касе.
Ҳаме ҳар кӣ буд, лаб ба дандон гирифт,
Дар он колбад монда з-Эзид шигифт.

## 103. ДИДАНИ ГАРШОСП БАРАҲМАНИ РУМИРО ВА ПУРСИДАН АЗ Ӯ

Сипаҳдор аз он ҷо бишуд бо гурӯҳ,
Ҳаме об ҷуст андар он гирди кӯҳ.

Чу омад биёбон, яке коза дид,
Равон обу марғе хушу тоза дид.
Дар он соя биншасту шуд з-об сер,
Сару тан бишусту баросуд дер.
Бараҳман, яке пири хаммидапушт
Баромад зи коза, асое ба мушт.
Зи пириш лола шуда кох барг,
Зи бас умраш аз вай сутуҳ монда марг.
Ба назди сипаҳдор биншаст шод,
Ба румӣ забон офарин кард ёд.
Пажӯҳишкунон паҳлавони баланд,
Чӣ мардӣ? Бад-ӯ гуфту соли ту чанд?
Ту танҳо касӣ, ҷуфту фарзанд не?
Парастандаву хешу пайванд не?
Аз ин кӯҳи бебар чӣ дорӣ ба даст,
Чӣ хушшит, к-эдар гузидӣ нишаст?
Бад-ӯ гуфт: -Солам ба нӯҳсад расид,
Дилам будан аз гетӣ эдар гузид.
Дил он ҷо гарояд, ки комаш равост,
Хуш он ҷост гетӣ, ки дилро ҳавост.
Бувад ҷуғд хуррам ба вайрони зишт,
Чу булбул ба хуш боғи урдибиҳишт.
Шабу рӯзам эзидпарастист роҳ,
Нишаст ин куҳу хӯрду пӯшиш гиёҳ.
Гар аз одамӣ нест хешам касе,
Дигар хешу пайванд дорам басе.
Хирад ҳаст модар маро, ҳуш падар,
Дили пок – ҳамҷуфту дониш – писар.
Ҳунар холу шойиста фарҳанг– ам,
Раҳи доду дин – ду бародар ба ҳам.
Ҳавову ҳасад ҳар дуам бандаанд,
Ҳамон хашму озам парастаанд.
Бар ин гунаам бандагонанду хеш,
Ки кас н-орадам ҳаргиз озор пеш.
Наям низ танҳо, агар бекасам,
Ки бо ман Худой асту ёр ӯ басам.
Ҷаҳонро парастӣ ту, ин норавост,
Парастиш Худои ҷаҳонро сазост.
Ҷаҳон ҷонгазой асту ӯ– ҷонфазой,
Ҷаҳон гумкунанда-сту ӯ– раҳнамой.
Ҷаҳон ҷуфти ғам дорад, ӯ– ҷуфти ноз,
Ҷаҳон умр кӯтаҳ кунад, ӯ – дароз.

Агар ҳеч душман туро нест кас,
Ҷаҳон душмани ошкор аст, бас!
Шуд огаҳ ҷаҳонпаҳлавон з-он сухан,
Ки фарзонарой аст пири куҳан.
Ҳамехост, то бингарад роҳи рост,
К-аш андар сухан пойгаҳ то куҷост.
Бид-ӯ гуфт, к-ай ганҷи фарҳангу ҳуш,
На некӯ бувад марди доно хамӯш.
Ҳар он, к-ӯ накӯрою доно бувад,
На зебо бувад, гар на гӯё бувад.
Чӣ мардум, ки гӯё надорад забон,
Чӣ ороста пайкари беравон.
Накӯ мард аз гуфт хуб асту хӯй,
Чу шох аз гулу мева бошад накӯй.
Киро сӯйи дониш бувад дастрас,
Варо поя то дониши ӯст, бас.
Ҳар он кас, ки нодону бе рою бун,
На дар кори ӯ суду не дар сухун.
Дарахтеш дон хушки бебаргу бар,
Ки ҷуз сӯхтанро нашояд дигар.
Бувад марди доно дарахти биҳишт,
Мар ӯро хирад– беху покӣ– сиришт.
Бараш гунагун дониши бешумор,
Ки чандаш чинӣ, кам нагардад зи бор.
Зи доно сазад пурсишу ҷустуҷӯй,
Касе, к-ӯ надонад, напурсанд аз ӯй.
Нахустин сухан-т аз хирад буд, кунун
Бигӯ, то хирад чист зӣ раҳнамун?
Чунин посух орост донанда пир,
Ки рух аз хирад гашт донишпазир.
Тани мо ҷаҳонест кӯчакравон,
Варо подшо ин гаронмоя ҷон.
Ба ҷон аст ин тан ситода ба пой,
Чунон к-ин ҷаҳон аз тавоно Худой.
Бурун в-андарунаш ба дониш раҳ аст,
Зи ҳар-ч он бувад дар ҷаҳон, огаҳ аст.
Равонаш яке ному ҷон дигар аст,
Валекин дуруст ӯ яке гавҳар аст.
На ҷон аст ин гавҳару на равон,
Ки аз бун Худованд ин асту он.
Валекин чу донистияш роҳи рост,
Равон гар-ш хониву гар ҷон, равост.

Канифест ин тан, ки бо рангу бӯй
Бад-ӯ ҳар чӣ бидҳӣ, бигандонад ӯй.
Дар ӯ ҷони мо чун яке мустаманд,
Миёни канифе ба зиндону банд.
Надорад зи бун додгар подшо,
Касе бегунаҳро ба зиндон раво.
Пас ин ҷони мо ҳаст карда зи пеш,
К-аз ин сон ба банд аст дар ҷисми хеш.
Дигар душманонандаш аз гунагун,
Фаровон зи беруни тан в-андарун.
Чи гармо, чи сармо аз андоза беш,
Чи бад хӯрданиҳо на бар ҷойи хеш.
Даруни танаш ҳам басе душмананд,
Чи он-ч аз вай омад, чи он-ч аз тананд.
Зи тан сози табъаш шудан бенаво,
Аз ӯ буғзу оз асту рашку ҳаво.
Дигар дарду бемории гунагун
Чи маргу чи ғамҳо зи дониш фузун.
Вай афтода танҳо дар ин банди танг,
Зи ҳар рӯй чандеш душман ба ҷанг.
Гаҳаш ҷангсоз ину гаҳ он дигар,
Миён андар ӯ бо ҳама чорагар.
Саранҷом ҳам гардад аз ҷанг сер,
Бар ӯ душманонаш бибошанд чир.

## 104. ПУРСИШИ ДИГАР АЗ ҶОН

Сипаҳдор гуфташ: -Сари саркашон,
Ки аз ҷон маро хуб додӣ нишон,
Валекин чу рафтан-шро буд гоҳ,
Куҷо бошадаш ҷову оромгоҳ?
Варо, -гуфт, -бар чорумин осмон
Бувад ҷойи ӯ то ба охирзамон.
Ба қандиле-андар зи покиза нур
Бувад монда осуда в-аз ранҷ дур.
Чу бошад гаҳи растахезу шумор,
Ба тан зинда гардонадаш Кирдгор.
Гузорад ҳама кораш аз хубу зишт,
Гараш ҷой дӯзах бувад, гар биҳишт.
Раҳи Эзид ар донаду ҷойи хеш,
Шавад боз он ҷо, ки будаст пеш.

Яке дигараш зиндагонӣ бувад,
К-аз он зиндагӣ ҷовидонӣ бувад.
Кунад, ҳам бувад, ҳар чӣ рой оядаш,
Ҳар он ком бояд, ба ҷой оядаш.
В-агар з-он, ки ҷоне бувад тирабин,
На оройиши дод донад, на дин,
Бимонад чу бечорае мустаманд,
Чу зиндоние ҷовидона ба банд.
Хирад моявар гавҳаре равшан аст,
Чу ҷон ӯву ҷон мар варо чун тан аст.
Зи ҳар-ч офарида шуд, ӯ буд нахуст,
Ҳама чизҳо ӯ шиносад дуруст;
Чароғест аз фарраи Кирдгор,
Ба ҳар неку бад довари росткор;
Равонро дурустиву биноӣ ӯст,
Тани мардумиро тавоноӣ ӯст;
Чу чашмаест бинандаву роҳҷӯй,
Ки додорро дид шояд дар ӯй.
Чу шоҳест, дин – тоҷашу дод – гоҳ,
Дили пок – дастуру дониш – сипоҳ.
Ҳама чиз зеру хирад азбар аст,
Ҷуз Эзид, ки ӯ аз хирад бартар аст.
Дарахтест аз мардумӣ соявар,
Ҳушаш – беху дин – баргу бораш – ҳунар.
Зудуда яке ойина-ст аз ниҳон,
Ки бинӣ дар ӯ чеҳри ҳар ду ҷаҳон.
Бар ойин алифвор болойи рост,
Ба ҳар ҷонвар - бар бар ӯ подшост.
Зи додор уммеду фармону панд,
Мар онрост, к-ӯ аз хирад баҳраманд.
Хирадманд агар бо ғаму бекас аст,
Хирад ғамгусору каси ӯ бас аст!
Бипурсид дигар, ки танро х(в)ариш
Падид аст ҳам пӯшишу парвариш.
Хуру пӯшишу ҷони покиза чист?
Кӣ донад бад-он пӯшишу хӯрду зист?
Чунин гуфт, к-аз пӯшиши беҳ, к-аз ин
Мадон чизи ҷонро беҳ аз роҳи дин.
Шунидам, ки рафта равонҳо зи тан
Бинозанд яксар ба некӯ кафан.
Ҳамон пӯшиш аст ин кафан бегумон,
Ки ҳаргиз насояд, бувад ҷовидон.

Хури ҷон ҳам аз дониш омад падид,
Ки ҷонро ба дониш тавон парварид.
Бувад мурда, ҳар кас ки нодон бувад,
Ки бедонишӣ мурдани ҷон бувад.
Бипурсид бозаш, ки маргӣ чӣ чиз?
Ҳам он мурда аз чанд гунаст низ?
Чунин гуфт донандадил барҳаман,
Ки марге ҷудойист ҷонро зи тан.
Ду гун аст мурда зи роҳи хирад,
Ки доно ба ҷуз мурдашон нашмарад:
Яке, тан, ки беҷон бимонад ба ҷой,
Дигар, ҷони нодони дур аз Худой.
Чу ҷон рафт, агар раст аз андӯҳу банд,
Зиён нест, гар бар тан ояд газанд.
Дигарбора пурсид гурди гузин,
Ки ай баста бар аспи фарҳанг зин.
Хури ҷон бигуфтӣ, кунун гӯй рост,
Чӣ чиз аст ҷон низу ҷояш куҷост?
Чунин гуфт доно, ки ҷон назди ман
Яке гавҳар омад тамомии тан.
Чи гӯё, чӣ бино, чи фарҳанггир,
Чи бедорӣ ӯро, чи донишпазир.
Сифатҳост ӯро ҳам аз сози ӯ,
К-аз эшон шавад огаҳ аз рози ӯ.
Чу маргӣ зи тан баркушояд-ш банд,
Зи ду гуна афтад ба ранҷу газанд.
Гар андар табоеъ фитад гирдгард
В-агар суйи дӯзах шавад, ҷуфти дард,
Зи ҷону зи ҷояш намудам-т роҳ,
Агар донише низ хоҳӣ, бихоҳ!
Сухан андаке гуфтам, аз ҳар чӣ буд,
Валекин дар ӯ ҳаст бисёр суд.

## 105. ПУРСИШИ ДИГАР АЗ БАРАҲМАН

Дили паҳлавон гашт аз ӯ шоду гуфт:
-Дигар пурсише нағз дорам ниҳуфт.
Чӣ барност обистану гандапир,
Ҳам аз вай басе бачча гирдаш ба шир?
Ба ноз, он чӣ зояд, ҳамепарварад,
Чу парвард, бикшад, ҳам он гаҳ х(в)арад?

Ҷаҳон аст, -гуфт, -ин фажа пирзан,
Бача ҷонвар ҳар чӣ ҳаст анчуман.
Киро зод, парварду дорад ба ноз,
Кушад пас, кунад нопадидор боз.
Дигар гуфт, к-он говпеса кадом,
Ки ҳасташ ҷаҳон сар ба сар чор гом;
Ба ранге дигар низ ҳар пойи ӯй,
Ба рафтан нагардад тиҳӣ ҷойи ӯй.
Даҳу дуст андоми ӯ, ҳар чӣ ҳаст,
Ҳар андомро устухон ҳаст шаст.
Ба посух чунин гуфт донишсигол,
Ки ин гов наздики ман ҳаст сол.
Хазону зимистон, тамузу баҳор,
Ба ҳар ранг пойи ваянд ин чаҳор.
Даҳу ду, к-аш андом гуфтӣ ба ҳам,
Ба шаст устухон ҳар як аз бешу кам.
Маҳи сол беш аз даҳу ду нахост,
Шабу рӯзи ҳар моҳ шаст аст рост.
Дигар гуфт: -Чун ҷони ошуфтагон
Яке хобгаҳ чист пур хуфтагон,
Ду чодар ҳамеша бар он хобгоҳ,
Кашида яке зарду дигар сиёҳ?
Мар он хуфтагонро кай афтад шитоб,
Ки бедор гарданд як раҳ зи хоб?
Чунин гуфт, к-ин хобгаҳ ин замист,
Бар ӯ хуфтагонем, ҳар-ч одамист.
Ду чодар – шабу рӯз дон гирдгард,
Ки бар мост гоҳе сияҳ, гоҳ зард.
Аз ин хоб, агар кӯтаҳ аст, ар дароз,
Гаҳи марг бедор гардем боз.
Дигар гуфт: -Бар ҳафт хон пургуҳар
Чӣ донӣ яке мурғи бикшодапар.
Куҷо хӯрди он мурғ аз он гавҳар аст,
Хуриш низ ҳарчанд афзунтар аст.
На гавҳар ҳаме кам шавад дар шумор,
На сер ояд он мурғи бисёрхор?
Бараҳман дари посухаш баркушод,
Ки ин ҳафт хон кишвар аст аз ниҳод.
Гуҳар ҷонвари пок дон, мурғ марг,
Ки ҳастем бо ӯ чу бо бод барг.
Ҳаме то хурад ҷонвар бештар,
На ӯ сер гардад, на кам ҷонвар.

Аз ин беҳ маро роҳи гуфтор нест,
Суханро карона падидор нест.
Сипаҳбад писандиду гуфт: -Аз хирад
Суханҳои нағз инчунин дархурад.
Кунун аз сутудон-т пурсам сухун,
Кӣ кардасту кай будаш оғозу бун?
Бад-он сон бузург устухонҳои кист?
Фарозаш нишаста бар он санг чист?
Бараҳман зи кас, -гуфт, -нашнидаам,
Манаш ҳамчунон усутухон дидаам.
Набишта чунин аст бар хорасанг,
Ки гетӣ ба кас-бар надорад даранг.
Ба мардӣ манозеду бад маспаред,
Бад-ин мурдаву колбад бингаред.
Битарсед аз он додфармои пок,
Ки чунин касеро кунад ме ҳалок.
Бибуд хирадил паҳлавон з-он шигифт.
Бибӯсидашу сози рафтан гирифт.
Ба хоҳишгарӣ з-ӯ даровехт пир,
К-аз эдар марав, имшаб ором гир.
Ба ҷой омад, он чи-т зи ман буд рой,
Ту низ он чӣ ройи ман, овар ба ҷой.
Чунон дон, ки рафтан расидам фароз,
Бибояд шуд, арчанд монам дароз.
Чу пирит симин кунад гӯшвор,
Аз он пас ту ҷуз гӯши рафтан мадор.
Тани мо яке хона дон шӯранок,
Ки резад ҳаме андак-андак-ш хок.
Чу девор фарсуда шуд зеру бар,
Саранҷом рӯзе дарояд ба сар.
Ҷавоним буд моя, хубим суд,
Ҷаҳон дузд шуд, суду моя рабуд.
Сипеҳр аз барам соли нӯҳсад гузошт,
Кунун асп аз он тохтан боздошт.
Қадам кард чавгону дар захми ӯй,
Зи майдони умрам ба сар бурд гӯй.
Чу фардо зи як нима болои рӯз,
Шавад дар дигар нима гетифурӯз,
Бад-он мағзи рахшанда, з-ин марзи тор
Гузар кард хоҳам суйи Кирдгор.
Машав, то танамро супорӣ ба хок,
Чу ман ҷон супорам ба Яздони пок.

Сипаҳбад пазируфту ором кард,
Ҳама шаб зи баҳраш ҳамехӯрд дард.
Гаҳи чошт чун буд рӯзи дигар,
Биёмад бараҳман зи коза бадар.
Аз ӯ в-аз гуруҳ хост пӯзиш нахуст,
Шуд он гаҳ бад-он чашмаву тан бишуст.
Бар ойини хеш аз гиё баст изор,
Хурӯшон шуд аз пеши Яздон ба зор.
Биронд оби ду чашм аз он чашма беш,
Ҳамехост з-Эзид гуноҳони хеш.
Саранҷом чун лоба чанде шумурд,
Ду рух бар замин ҷон ба Яздон супурд.
Сипаҳдор бо хайли ӯ ҳамгинон
Гирифт аз бараш мӯяи ғамгинон.
Ба ойин кафан кардашу дахмагоҳ,
В-аз он ҷойгаҳ рафт назди сипоҳ.

## 106. РАСИДАНИ ГАРШОСП БА МИЛСАНГ

Расид аз паси ҳафтае шоду каш
Ба шаҳре диломому падрому х(в)аш.
Ҳама дашти ӯ навгулу хайзурон,
Куҳе бар сараш бешаи заъфарон.
Бар он кӯҳ - бар миле афрохта,
Зи мис в-оҳану рӯйи бигдохта.
Набишта зи гирдаш хате порсӣ,
Ки буд умри ман, шоҳ, даҳ бор сӣ.
Зи шоҳон касе бадсиголам набуд,
Ба ганҷу ба лашкар ҳамолам набуд.
Дар ин кӯҳ сад сол будам нишаст,
Басе раста зар оваридам ба даст.
Ҳама зери ин мил кардам ниҳон,
Бирафтам саранҷоми кор аз ҷаҳон.
На з-ӯ шод будам бад-ин сар баниз,
Нахоҳам бад-он сар будан шод низ.
Надонам кӣ ёбад бад-ӯ дастрас,
Маро баҳра боре шумор асту бас.
Чу дастат ба чизи ту набвад расон,
Чи чизи ту бошад, чи они касон!
Ғаму ранҷи ман ҳар кӣ орад ба ёд,
Набошад ба огандани ганҷ шод.

Ба некӣ барад ранҷ ҳар рӯз беш,
Ки фарҷом ҳам некӣ ояд-ш пеш.
Гар аз кӯҳ дорем зар беш мо,
Тавонгар Худой асту дарвеш мо.
Аё он ки ин ганҷат ояд ба даст,
Зи рӯйи хирад бар ба кор, он чи ҳаст.
Ҳамасола эдар тавоно наӣ,
Ки имрӯз ин ҷову фардо наӣ.
Тан аз ганҷи дунё маяфкан ба ранҷ,
Зи некиву номи накӯ соз ганҷ,
Ки бурдан тавон ганҷи зар гарчи бас,
Зи кас ганҷи некӣ набурдаст кас.
Ҷаҳон жарфчоҳест пурбиму оз,
Аз ӯ кӯш, то тан кашӣ бар фароз.
Фажа гандапирест шӯридаҳуш,
Бадандешу фарзандхур, шӯйкуш.
Ба ҳар гуна фарзанд обистан аст,
Ту фарзандро дӯст в-ӯ душман аст.
Паноҳат ба додофарин боду бас,
Ки аз бад ҷуз ӯ нест фарёдрас.
Дили паҳлавон хира шуд, к-он бихонд,
Басе дур зи ду ҷазъи равшан биронд.
Сипаҳро бифармуд, то ҳамгурӯҳ
Фиканданд он милу канданд кӯҳ.
Чаҳе буд зераш чу торӣ мағок,
Пур аз зарр руста биёганда пок.
Саросар фароз, он чи анбор кард,
Саду бист уштур ҳама бор кард.
Беандоза з-он косаву хону ҷом
Бисозиду зин карду заррин ситом.
Яке даҳманӣ ҷоми дигар бисохт,
Бад-ӯ гунагун гавҳар андарнишохт.
Зи як рӯйи он ҷом Ҷамшедшоҳ
Нигорида дар базм бо тоҷу гоҳ,
Зи рӯйи дигар пайкари хеш кард
Чу дар саф чӣ бо аждаҳои набард.
Ҳар он гаҳ, ки базме нав оростӣ,
Бад-он даҳманӣ ҷом май хостӣ.

## 107. ПАЗИРА ШУДАНИ ШОҲИ РУМ ГАРШОСПРО

Чу бардошт он ганҷ аз он марзу бум,
Ба назди хусур шуд, ки буд шоҳи Рум.

Ба Аммурия буд шаҳро нишаст,
Чу бишнид, к-омад яли чирадаст,
Се манзил пазира шудаш бо сипоҳ,
Зад озини дебову гунбад ба роҳ.
Биёрост айвон чу боғи Ирам,
Нисораш гуҳар карду мушку дирам.
Ба шодиш бар тахти шоҳӣ нишост,
Басе пӯзиш аз баҳри духтар бихост.
Будаш нағз ромишгаре чангзан,
Яке нима марду яке нима зан:
Сари ҳар ду аз тан ба ҳам руста буд,
Таношон ба ҳам боз пайваста буд;
Чунон к-он задӣ, ин задӣ низ руд
В-ар он гуфтӣ, ин низ гуфтӣ суруд.
Яке гар шудӣ сер аз хӯрду чиз,
Будӣ он дигар ҳамчун ӯ сер низ.
Бифармуд, то ҳар ду май хостанд,
Раҳи чанги румӣ биёростанд.
Навошон зи хушшӣ ҳамебурд ҳуш,
Фиканд аз ҳаво мурғро дар хурӯш.
Бибуданд як ҳафта дилшоду маст,
Ки н-осуд як соат аз ҷом даст.
Сари ҳафта бо паҳлавон шоҳ шод
Яке кохи шоҳонаро дар кушод.
Саройе падид омад ороста,
Беҳ аз навбиҳиште пур аз хоста.
Дар ӯ хуррам айвон баробар чаҳор,
Зи рангаш гуҳарҳо чу боғи баҳор.
Яке қасраш аз симу дигар зи зар,
Севум ҷазъу чорум булӯрин гуҳар.
Дараш бар шабаҳ дурру беҷода буд,
Заминаш ҳама мармари сода буд.
Дусад хона ҳам з-ин нишон дар сарой
Саросар ба симин сутунҳо ба пой.
Ба ҳар хона-дар тахте аз пешгоҳ,
Бари тахти заррин яке診ргоҳ.
Ба ҳар тахт - бар хусравӣ афсаре,
Сазовори ҳар афсаре паргаре.
Дар он равшан айвон, ки буд аз булӯр,
Ду бут карда заррин чу моҳу чу ҳур.
Яке чун зан аз чеҳра, дигар чу мард,
Зи ёқуташон точу аз ложвард.
Дусад гуна курсӣ дар айвон зи зар,
Буте карда бар ҳар яке аз гуҳар.

Яке ходим аз пеши ҳар бут шаман,
Бар оташ дамон мушку анбар ба тан.
Яке мил аз сим бифрохта
Яке чархи гардон бар он сохта.
Зи зар бурҷҳо в-ахтарони сипеҳр,
Равон карда аз чарх бо моҳ меҳр.
Шабу рӯз бо соату солу моҳ
Бидидӣ, дар ӯ ҳар кӣ кардӣ нигоҳ.
Ба пидром боғе шуд андар сарой,
Чу боғи биҳиштӣ хушу дилкушой.
Баровarda деворҳо аз рухом,
Раҳаш мармару ҷӯйҳо сими хом.
Ба девор - бар ҷӯйҳо сохта,
Ба ҳар нойжа оби раҳ тохта.
Ҳама боғ товусу рангин тазарв
Хироманда дар сояи нӯжу ғарв.
Гуле буд, ки шаб тофтӣ чун чароғ,
Ба рӯзе ду раҳ бишкуфидӣ ба боғ.
Дусад гуна гул буд миёни фурузд,
Фурӯзон чу дар шаб зи чарх Урмузд.
Гуле буд, ки ҳамвора кафта будӣ,
Ба гармову сармо шукуфта будӣ,
Дарахти фаровон буд аз мевадор,
Ба ҳар шох - бар панҷ-шаш гуна бор.
Қафасҳо зи ҳар шохе овехта,
Дар ӯ мурғ дастон барангехта.
Ба ҳар гӯша аз зар яке обгир,
Гулоб обашу рег мушку абир.
Басе моҳӣ аз симу аз зарри ноб,
Ба найранг карда равон зери об.
Дар он боғ як моҳи дигар ба ноз
Бибуданд бо бодаву руду соз.
Сари маҳ яке нома омад пагоҳ,
Зи ҷуфти сипаҳбад ба наздики шоҳ.
Басе лобаҳо сохта зӣ падар,
Ки аз паҳлавон чист наздат хабар?
Зи ҳар-ч огаҳӣ з-ӯ ба суд, ар газанд
Бидон, ҳам расон зуд наздам наванд,
Ки ҳаст аз гаҳи рафтанаш сол панҷ,
Ман андар ҷудойӣ-ш бо дарду ранҷ.
Танам гӯйӣ аз ғам ба хор андар аст,
Дил аз таф ба хунин бухор андар аст.

Аз он рӯз, к-ам равшанӣ баҳра нест,
Маро боре он рӯз бо шаб якест.
Мадон ҳеч дард ошкору ниҳуфт
Чу дарди ҷудойӣ зи шойиста ҷуфт.
Бичӯшид мағзи сипаҳбад зи меҳр,
Ба хун з-оби мижгон биёрост чеҳр.
Куҳан бӯяи ҷуфти нав боз кард,
Ҳам андар замон роҳро соз кард.
Ба шаҳри касон гарчи бисёр буд,
Дил аз хона нашкебаду зор буд.
Бидонист розаш ниҳон шоҳи Рум,
Шуд аз ғам гудозанда монанди мум.
Сабук ҳадяи духтар аз тахти оҷ
Биёрост бо афсару тавқу тоҷ.
Ҳам аз ёраву зевару гӯшвор,
Ду наълайни заррини гавҳарнигор.
Зи дебову парнун шутурвор шаст,
Зи пӯшиданӣ ҷома панҷоҳ даст.
Парастор тиристу ходим чиҳил,
Тирозӣ дусад ридаки дилгусил.
Зи заррина олат ба хирворҳо,
Зи фаршу зароиф дигар борҳо.
Иморӣ даҳ аз уд баста ба зар,
Камаршон бар аз растаҳои гуҳар.
Аз астар сад оройиши боргоҳ,
Яке нима з-он чарма, дигар сиёҳ.
Ҳам эдун сазовори домод низ
Биёрост аз ҳадя ҳар гуна чиз.
Зи дебову динору хафтону теғ,
Ҳам аз тозиаспон чу пӯянда меғ.
Беандоза симину зарринрада,
Дарун мушку берун ба зар ожада.
Равон кӯшке яксар аз уди хом,
Ба заррин фашу банду заррин қавом.
Яке моҳкирдор зарринсипар,
Кулоҳе чу Парвин зи рахшон гуҳар.
Ҳам аз баҳри Заҳҳок яксола низ
Бад-ӯ дод божу зи ҳар гуна чиз.
Бибахшид ганҷе ба эронсипоҳ,
Бурун рафт якрӯза бо ӯ ба роҳ.
Варо кард бадруду з-ӯ гашт боз,
Сипаҳдор бардошт роҳи дароз.

Фиристод кас назди амзоди хеш,
Ки дар Танҷа бигзошт будаш зи пеш.
Бифармуд, то назди ӯ беҳарос
Ба раҳ оварад лашкару Манҳарос.
Ба Тартус шуд, кард моҳе даранг,
Сипаҳ бурд аз он ҷо ба дижҳухти Ганг.

## 108. БОЗГАШТИ ГАРШОСП БА ЭРОН

Чу шуд назди Заҳҳокшоҳ огаҳӣ,
Биёрост айвону тахти шаҳӣ.
Сипаҳ пок бо сарварони сутург
Ҳамон пилу болову кӯси бузург,
Пазира фиристод бар чанд мил,
Баророст гоҳ аз бари жандапил.
Зи дебо зада соябон бар сараш,
Бузургон пиёда ба пеш-андараш.
Чу наздик шуд, шодмон рафт пеш,
Нишондаш суйи рост бар тахти хеш.
Бибӯсидаш аз меҳру пурсид чанд,
Гирифт офарин паҳлавони баланд.
Хироҷи ҳама Ховару божи Рум,
Ҳар он-ч оварид аз дигар марзу бум.
Ҳама бо дигар ҳадяҳо пеш бурд,
Ҳама саргузашташ бар ӯ баршумурд.
Сухан ронд аз африқию Манҳарос,
Басе ёд кард аз ҷаҳонбон сипос.
Мар он девро баста пеши сипоҳ
Биёвард, то дид Заҳҳокшоҳ.
Ду дандонаш аз яшки пилон фузун,
Бияфканд пешаш чу очин сутун.
Сипоҳу шаҳ аз саҳми он наррадев
Бимонданд бо ёди Кайҳонхидев,
Ки поко, тавоно Худои бузург,
Ки деве чунин офаринад сутург.
Ҳам ӯ саркаше зӯрманд оварад,
К-аз ин гуна деве ба банд оварад.
Бифармуд шаҳ чор дори баланд,
Мар он зишт патёра карда ба банд.
Ҳама тан ба занҷирҳои дароз
Ба майдон бад-он дорҳо баст боз.

Зи наззора кишвар пур аз ҷӯш гашт,
Басо кас зи дидор-ш беҳуш гашт.
Беандоза ҳар кас хуриш з-озмун
Ҳаметохт аз пеши ӯ гунагун.
Ду чандон, ки як мард бардоштӣ,
Вай осон ба як дам биявбоштӣ.
В-аз он пас меҳонро ҳама хонд шоҳ,
Ба бигмоз бо паҳлавони сипоҳ.
Нишондаш бари хеш бар дасти рост,
Ба шодиш бо ҷом бар пой хост.
Бифармуд, то ҳар кӣ ҷустанд ном,
Ҳам эдун ба ёдаш гирифтанд ҷом.
Яке маҳ-ш ҳар рӯз нав чиз дод,
Ҷудо ҳар даме пояе низ дод.
Сари моҳ додаш кулоҳу камар,
Яке меҳр манҷуқу заррин сипар.
Хироҷи ҳама буми Ховарзамин,
Дигар ҳар чӣ оварда буд ҳамчунин.
Саросар бад-ӯ дод бисёр чиз,
Ба Танҷа дигар ҳар чӣ бигзошт, низ
Фиристод бозаш суйи Систон,
Бишуд шоддил гурди гетиситон.
Ба дидори ҷуфту падар чанд гоҳ
Ҳамезист осуда аз ранҷи роҳ.

## 109. СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРИ АСРАТ

Ҳамон рӯзгор Асрати сарфароз
Ба беморӣ афтоду дарду гудоз.
Чу солаш дусад гашту ҳаштоду панҷ,
Сар омад бар ӯ нози гетиву ранҷ.
Дами зиндагониш кӯтоҳ шуд,
Ба ҷояш ҷаҳонпаҳлавон шоҳ шуд.
Чунин аст, мар маргро чора нест,
Бари ҷанги ӯ лашкару бора нест.
Гиромист тан, то бувад ҷони пок,
Чу ҷон шуд, кашон афканандаш ба хок.
Ба ҷойи баланд ар зи маҳ бартарем,
Чу марг ояд, аз зери хок андарем.
Ҷаҳон киштзорест бо рангу бӯй,
Дар ӯ умри мо – обу мо – кишти ӯй.

Чунон чун даравруст ҳамвора кишт,
Ҳама маргроем мо хубу зишт.
Ба ҷоем ҳамвора тозон ба роҳ,
Бар ин ду наванди сапеду сиёҳ.
Чунон корвоне, к-аз ин шаҳр бар
Бувадшон гузар сӯйи шаҳри дигар.
Яке пешу дигар зи пас монда боз,
Ба навбат расида ба манзил фароз.
Хунук марди донандаи ройманд,
Ба дил бегуноҳу ба тан бегазанд.
Аз он пас ҷаҳонпаҳлавон чун зи бахт
Ба ҷойи падар ёфт шоҳиву тахт.
Бар ин бар дигар чанд бигзашт сол
Шабу рӯз гардун-ш некисигол.
Бародар яке дошт ҷӯяндаком
Гаве шердил буд, Гаврангномон.
Ҳамон сол, к-Асрат бирафт аз ҷаҳон,
Шуд ӯ низ дар хоки торӣ ниҳон.
Аз ӯ кӯдаке монд монанди моҳ,
Чу маҳ, лек нодида гетӣ ду моҳ.
Наримон падар карда буд номи ӯй,
Зи гетӣ ҳамон буд дилороми ӯй.
Ба коми дилаш паҳлавони сутург
Ҳамепарваронид, то шуд бузург.
Набуд дида рӯйи падар як замон,
Амашро падар будӣ аз дил гумон.
Кашидан камону камин сохтан,
Задан ханҷару аспи кин тохтан.
Раҳи базму чавгону гӯю шикор
Биёмӯхташ паҳлавони савор.
Яле шуд, ки чун найза бардоштӣ,
Синон бар дили кӯҳ бигзоштӣ.
Ба ханҷар бибастӣ раҳи рӯди Нил,
Ба гуштӣ шикастӣ сари жандапил.
Задӣ даст в-андар таки бодпой
Чиноре ба як раҳ бикандӣ зи ҷой.
Чу бинҳодӣ аз кина бар чарх тир
Ба пайкон даровардӣ аз чарх Тир.
Яке гав, гаҳи зӯр садмарда буд,
Сари чарх дар чанбар оварда буд.

## 110. ПОДШОҲИИ ФАРИДУН ВА НОМА ФИРИСТОДАН БА ГАРШОСП

Ҳамон сол Заҳҳокро рӯзгор
Дижам гашту шуд соли умраш ҳазор.
Биёмад Фаридун ба шоҳаншаҳӣ
В-аз он морфаш кард гетӣ тиҳӣ.
Сарашро ба гурзи кайӣ кӯфт хурд,
Бибасташ, ба кӯҳи Дамованд бурд.
Чу дар бурҷи Шоҳин шуд аз Хӯша меҳр,
Нишаст ӯ ба шоҳӣ сари моҳи Меҳр.
Бар оройиши Меҳргон ҷашн сохт,
Ба шоҳӣ сари чарх маҳ барфарохт.
Бад-ин ҷашн вай оташ оростаст,
Ҳам ойини ин ҷашн аз ӯ хостаст.
Нишастангаҳ Омул гузид аз ҷаҳон,
Ба ҳар кишвар ангехт корогоҳон.
Фиристод мар Коваро кинахоҳ
Ба Ховарзамин бо дирафшу сипоҳ,
Ки ронад бад-он марз фармони ӯ,
Дили ҳар кас орад ба паймони ӯ.
Дигар номае сохт зӣ Систон,
Ба назди сипаҳдори гетиситон.
Нахуст аз сухан ёди додор кард,
Ки аз нест ҳаст ӯ падидор кард.
Бад-ӯ пойдор аст ҳар ду ҷаҳон,
Зи дидори ӯ нест чизе ниҳон.
Тану ҷону рӯзу шабу чизу ҷой,
Замин, ахтару чарху ҳар ду сарой.
Чу «кун» кафта шуд буд бе чуву чун,
Ҳанӯзаш напайваста бо «коф» «нун».
Бад-ин ҷонвар хайл чандин ҳазор
Расонад ҳаме рӯзӣ  аз рӯзгор.
На аз додани рӯзӣ ояд-ш ранҷ,
На ҳарчанд бидҳад, бикоҳад-ш ганҷ.
Дигар гуфт, к-ин номаи дилфурӯз
Фиристода омад ба ҳурмуздрӯз.
Зи фаррух Фаридун – шаҳи комгор,
Гузини каён, бандаи Кирдгор
Ба Гаршосп – кинҷӯйи кишваркушой.
Чаҳонпаҳлавон, гурди зовулхудой,
Яли аждаҳокуш ба гурзу ба тир,
Савори ҳижабрафкани гурдгир.

Гузорандаи ханҷари сарфишон,
Фишонандаи хуни гарданкашон,
Ситонандаи тоҷ ҳангоми разм,
Нишонандаи шоҳ бар гоҳи базм.
Зи гоми самандаш сутуҳ руди Нил,
Ба доми камандаш сари жандапил;
Бидон, ай диловар, яли паҳлавон,
Ки бодӣ ҳамасола пушти гавон!
Туро мужда бодо, ки чархи баланд
Ба мо кард тоҷи шаҳӣ арҷманд!
Дили ҳар шаҳе бастаи коми мост,
Ба ҳар мӯҳру маншур - бар номи мост!
Касеро сазад подшоҳӣ дуруст,
Ки бар тан бувад подшоҳ аз нахуст.
Хирад афсараш бошаду дод–гоҳ,
Ҳушу рой – дастуру дониш– сипоҳ.
Маро ин ҳама ҳасту аз Кирдгор
Шудам низ бар хусравон шаҳрёр.
Чу Заҳҳоки нопокдил шоҳ буд,
Ҷаҳонро бадандешу бадхоҳ буд,
Зи баҳраш ба пайкор ҳар марзу бум
Ба ҳам барзадӣ Ховару Ҳинду Рум,
Чи бо аждаҳову чи бо деву шер
Замоне нагаштӣ зи пайкор сер.
Маро дод Яздон кунун фарру бурз,
Аз ӯ бистадам тоҷи шоҳӣ ба гурз.
Буридам пайи тухмаи аждаҳо,
Ҷаҳон гашт аз ҷодуиҳо раҳо.
Ту аз ҷону аз дида бешӣ маро,
Ҳам аз гавҳари пок хешӣ маро.
Ба ту дорам уммед аз он бештар,
Ки бар коми мо баста дорӣ камар.
Ту донӣ, ки аз дину ойину роҳ
Чи фармони Яздон, чи фармони шоҳ!
Шунидам, ки шуд роми роят замон,
Расидат навомад яке меҳмон,
Ки аз ҷон фузунтар ҳамедорияш,
Наримони ҷангӣ ҳамехонияш.
Дарахтест, к-ӯ шодӣ орад ҳаме
В-аз ӯ мева фарҳанг борад ҳаме.
Маҳе нав баромад зи чархи меҳӣ,
Ки дорад фузуниву фарру беҳӣ.

Ба Яздон чунин дорам уммеду ком,
Ки ин моҳи навро бибинам тамом.
Чу нома бихондӣ, сабук баргузин
Ба айвон-т хиргоҳу бар тахт зин.
Мазан ҷуз ба раҳ дам, баророй кор,
Биёву Наримони ялро биёр.
Ба нав зӯру дил деҳ сипоҳи маро,
Биёрой бар чарх гоҳи маро,
Ки бояд туро шуд ҳаме сӯйи Чин,
Ки Кова шуд аз сӯйи Ховарзамин.
Наванди шитобанда ҳинҷорҷӯй,
Чунон шуд, ки бодаш надарёфт пӯй.
Ҳама раҳ ҳамеронду куҳ мебурид,
Ба як ҳафта назди сипаҳбад расид.
Сипаҳдори кишвар чу нома бихонд,
Бар он нома зарру гуҳар барфишонд.
Наримон бишуд шоду гуфто мамул,
Ҳама корҳои дигар - бар бишӯл.
Макун бар дари бандагӣ банд суст,
Ки фармони шоҳ ин расид аз нахуст.
Гузин кард ҳам дар замон паҳлавон,
Даҳу ду ҳазор аз диловар гавон.
Зи ганҷ он чӣ бойист, барбаст бор,
Зи ҳар ҳадяҳо гунагун сад ҳазор.
Сипаҳ сӯйи фаррух Фаридун кашид,
Хабар чун ба шоҳи ҳумоюн расид,
Меҳин кӯсу болову пилону соз
Фиристод бо сарварон пешбоз.
Нишаст аз бари кӯшк дида ба роҳ,
Ба дидори Гаршоспу зовулсипоҳ.
Ҷаҳон дид пур саркаши зобулӣ,
Ба каф гурз бо ханҷари кобулӣ.
Сеаспа ҳама зери хафтони кин,
Барафканда бургустувонҳои Чин.
Чу дарё дамон лашкари фавҷ-фавҷ,
Дар ӯ ҳар саворе яке тунд мавҷ.
Ба ҳар мавҷе - андар ниҳон як наҳанг,
Зи шамшер дандонаш, аз хишт чанг.
Ҳама найзададорони гарданфароз
Нишон баста бар найза мӯйи дароз.
Ба чочикамону ба суғдизиреҳ
Каманди ялӣ карда бар зин гиреҳ.
Синонҳо ба абр-андар афрошта,
Зи чархи барин наъра бигзошта.

Сипаҳбад ба хафтону румикулоҳ
Забар-ш аждаҳофаш дирафши сиёҳ.
Ба зер - андараш жандапиле чу оҷ,
Ҳама пилбонон-ш бо тавқу тоҷ.
Наримони ял пешаш - андар савор,
Ба гардаш пиёда сарон бешумор.
Чу зӣ кушк омад шаҳ аз тахти хеш,
Пазира шудаш зуд даҳ гом беш.
Гирифташ ба бар, бурд аз афрози тахт,
Бибӯсид рӯю бипурсид сахт.
Наримони фархундаро дод ҷоҳ,
Нишондаш бари хеш бар зергоҳ.
Чу шуд гуфтанӣ гуфта, хон хостанд,
Бихӯрданду базме биёростанд.
Шуд айвон чу хуррам яке бӯстон,
Дар он бӯстон гул рухи дӯстон.
Булӯрин пиёла зи май лола шуд,
Забар дуди уд аз бари жола шуд.
Қанина гирист аз майи лаълфом,
Бинолид ною бихандид ҷом.
Шаҳаншоҳ бо тахти ромишнамой,
Зи ду сӯш  ду шери заррин ба пой.
Ҳаметофт аз тахт з-он тоҷ тоб,
Чу бар бурҷи Шер аз сипеҳр Офтоб.
Ситойишгари фарру авранги ӯ
Гаҳе чангсозу гаҳе базлагӯ.
Ба Гаршосп пас шоҳи фармонраво
Чаро, -гуфт, -дер омадӣ назди мо?
Чунин дод посух, ки пириву дард
Дар орад дусад гуна оҳу ба мард.
Куҳи симро шафшафа зар кунад,
Суман хайриву сарв чанбар кунад.
Ҷаҳон кому шодӣ зи ман дур кард,
Чу мушкам ҳама сода кофур кард.
Хамида шудам пушту қадди дароз,
Сияҳ мӯй шуд, чарма омад фароз.
Ба ҷанг омаду ҳар чӣ ояд ба ҷанг,
Силеҳ аз ман асташ саросар ба чанг.
Рухи зардам инак-ш заррин сипар,
Камон пушту симин зиреҳ – мӯйи сар.
Зи сустиву пирӣ фитод ин даранг,
Шаҳаншаҳ надорад дил аз банда танг.

Бад-ӯ гуфт навшоҳи равшанравон,
Ки пирӣ, валекин беҳ аз сад ҷавон.
Кунун рой дорам дар ин анҷуман,
Ки лахте зи зӯрат намойӣ ба ман.
Чунин дод посух, ки аз гашти ҳур
Намондаст аз даҳ яке беш зӯр.
Валекин кунун чун-т дидам ниёз,
Ба фарри шаҳ омад ҷавоним боз.
Бигуфту сабук пояи тахти шоҳ
Гирифту бипечид бар ҷойгоҳ.
Дуто кардаш осон ба як зӯр сахт,
Ки на чеҳра гашташ, на ҷунбид тахт.
Бад-ӯ гуфт шоҳ: -Ай яли пилзӯр,
Ки чашми бадандеши ту бод кӯр.
Чунонӣ ҳанӯз аз дилу зӯру рой,
Ки уммеди мо аз ту ояд ба ҷой.
Бигуфт ину аз ҷой ёзид пеш,
Бад-он то намояд бад-ӯ зӯри хеш.
Ҳамон поя бигрифту бартофт зуд,
Чунон боз кардаш, к-аз оғоз буд.
Зи зӯраш бимонданд гурдон шигифт,
Бар ӯ ҳар касе офарин баргирифт.
Аз он пас ба ромиш супурданд гӯш,
Ба ҷоми дамодам кашиданд нӯш.
Чӣ бар ҳушу дил бода чирӣ гирифт,
Саронро сар аз базм серӣ гирифт.
Бирафтанд з-айвони фархунда кай
Чи сармаст танҳо, чи бо руду май.
Ҳамебуд як ҳафта, то бо сипоҳ
Сипаҳбад шуд осуда аз ранҷи роҳ.
Сари ҳафта шаҳ хонду биншосташ,
Сазо хилъату бора оросташ.
Зиреҳ додашу тарги заррини хеш,
Ҳамон ханҷару ҷавшани кини хеш.
Саропардаи хусравӣ заррбафт,
Кашида зи гирд - андараш бора ҳафт.
Ба болову паҳнои пардасарой,
Зи бар як сутун соябоне бапой.
Чиҳил раш сутуни вай аз зарри зард,
Ҳам он соябон дебаи лоҷвард.
Ҳамон аждаҳофаш дирафше дигар,
Сараш моҳи заррин ба дурру гуҳар.

Беандоза шамшеру хафтони ҷанг,
Ҳамон хиргаҳу хаймаи ранг-ранг.
Парирӯй ридак ҳазор аз Чигил,
Ситора саду кӯси заррин чиҳил.
Саду шаст болои зарринситом,
Ду пил аз сапедӣ чу кӯҳи рухом.
Се раҳ ҷом, ҳафт аз гуҳарҳои ганҷ,
Зи динор бадра чиҳил бор панҷ.
Сазои Наримони ял ҳамчунин
Басе ҳадяҳо доду кард офарин.
Яке шерпайкар дирафши бунафш,
Бидодаш ҳама зар ғилофи дирафш.
Бифармуд, то ӯ бувад пешрав,
Сипаҳбад-ш хонанду солори нав.
Гузин кард панҷаҳ ҳазор аз савор,
Пиёда дигар номвар чил ҳазор.
Зи пилони ҷангӣ саду шаст пил,
Сипоҳӣ чу бар мавҷи дарёи Нил.
Саросар ҷаҳонпаҳлавонро супурд,
Бад-ӯ гуфт, к-ай лашкаророй гурд,
Зи Ҷайҳун гузар кун, маёсой ҳеч,
Сипаҳ баркашу разми Тӯрон пасеч.
Бирав то бад-он марз аз он рӯйи об,
К-аз ӯ бардурахшад нахуст офтоб.
Ба лашкар бипаймой Тӯронзамин,
Ситон божи хоқону Фағфури Чин.
Ҳар он к-ӯ битобад зи фармону панд,
Бад-ин боргоҳ ор гардан ба банд.
Ба фармонбарӣ ҳар кӣ бандад миён,
Мамон, к-аш ба як мӯй бошад зиён.
Чунон рон сипаҳро, куҷо бигзарад,
Ба бедод кишти касе наспарад.
На бар бегунаҳ бад расонанд низ,
На аз бегазандон ситонанд чиз.
Ба ҳар ҷой пуште ба додор кун,
Аз ӯ тарсу дил бо хирад ёд кун.
Мабодо ба дил ройи зуфтит ҷуфт,
Ки ҳаргиз набояд сипаҳдор зуфт.
Бувад зуфт ҳар ҷо, сарафканда аст,
Дилаш хаста, ҳамвора кӯтоҳдаст.
Ба родӣ дили зуфтро тоб нест,
Дили зуфт сангест, к-аш об нест.

Зи ноустуворон маҷӯй эманӣ,
Чу ёбӣ бузургӣ, маёвар манӣ.
Битарс аз ниҳонрашку аз кинавар,
Ба гуфтори ҳар кас дил аз раҳ мабар.
Гумонҳо ҳама рост машмар зи дур,
Ки бас монад аз дур шеван ба сур.
Ба зинҳориён ранҷ манмой ҳеч,
Ба ҳар кор дар доду хубӣ пасич.
Зи савганду паймон, нигар, нагзарӣ,
Гаҳи доварӣ роҳи каж наспарӣ.
Чу чира шавӣ, хуни душман марез,
Макун хира бо зердастонситез.
Бад-ӯ дод маншури шоҳон ҳама,
Ки бошанд пешаш ба фармон ҳама.

## 111. РАФТАНИ ГАРШОСП БО НАРИМОН БА ТӮРОН

Ба фаррухтарин фоли гетифурӯз
Сипаҳ ронд аз Омул шаҳи Нимрӯз.
Суйи шерхона ба шодиву ком,
Ки хонӣ варо Балхи бомӣ ба ном.
Ба Келиф шуд аз Балх гоҳи баҳор
В-аз он ҷойгаҳ кард Ҷайҳун гузор.
Ҳама Моваронаҳр то марзи Чин
Шумурдандӣ он гоҳ Тӯронзамин.
Аз Омуву Зам то ба Чочу Хутан,
Зи Шингону Хатлон шаҳон тан ба тан.
Зи нузлу алаф ҳар куҷо ёфтанд,
Бибурданду бо ҳадя биштофтанд.
Бад-он гаҳ Самарқанд канда бинуд,
Заминаш ба ҷуз хоки х(в)арда бинуд.
Сипаҳбад ҳамеронд то шаҳри Чоч,
Зи гирдаш бузургони ботахту тоҷ.
Деҳе дид хуш, дил бад-ӯ ром кард,
Ситора зад он ҷову ором кард.
Баросуд як ҳафтаву буд шод,
Ба дил доди нахчиру шодӣ бидод.
Миёни деҳ - андар диже буд куҳун,
Кас оғози онро надонисту бун.
Баромад яке бумҳан нимшаб,
Ту гуфтӣ замин дорад аз ларза таб.
Яке гӯшаи диж нигунсор шуд,
Чиҳил деги рӯйин падидор шуд.

Ҳама дегҳо сар гирифта ба гил,
Чу диданд, пурзар буд он ҳар чиҳил.
Ба ҳар як - дарун хирмане зарри ноб,
Дурахшанда чун ахтару офтоб.
Сипаҳдор бардошт пок, он чи буд,
Бар он деҳ басе некуиҳо фузуд.
В-аз он ҷо сипаҳ ронду биштофт тафт,
Ба шодӣ ба шаҳри Сипанҷоб рафт.
Бад-он марз ҳар-ч аз бузургон буданд,
Дигар кордорону деҳқон буданд,
Ситойишкунон пок рафтанд пеш,
Ҳама сохта ҳадя з-андоза беш.
Сипаҳ бурд аз он марзу шуд шоду чир,
Басе кӯҳ пеш омадаш сардсер.
Ҳама кон гуҳар буд дили сангу хок,
Зи зарру мису оҳану сими пок.
Яке хона бар кӯҳ аз хорасанг,
Бар афрози ғоре раҳаш тору танг.
Зи навшодир он хонаҳо пурбухор,
Ки бурдандӣ аз вай ба ҳар шаҳрёр.
Аз он симу зар лашкару пилвон
Бибурданд чандон, ки будшон тавон.
Сипаҳбад кучҷо шуд, ҳаме мужда дод
Зи фаррух Фаридуни бофарру дод,
Ки бистад зи Заҳҳок шоҳаншаҳӣ,
Ҷаҳон шуд зи бедоду аз бад тиҳӣ.
Зи шодӣ рухи даҳр шодоб кард,
Гузар бар сари оби Шодоб кард.
Чу аз рӯд бигзашт, бифканд рахт,
Ҷаҳон пургулу сабза диду дарахт.
Миёни гулу савсану марғзор
Равон чашмаи об беш аз ҳазор.
Зи гул дашт товуси рангин шуда,
Аз абр осмон пушти шоҳин шуда.
Ба овоз булбул кушода даҳан,
Дарида гул аз бонги ӯ пераҳан.
Лаби чашмаҳо бар шиханшору моғ,
Зада саф самона ҳама дашту роғ.
Пур аз мурғу пур аз гули сурху зард,
Зи ножу зи беду ҳам аз рӯзгард.
Сароянда сору чаковак зи сарв,
Чамон дар чаманҳо кулангу тазарв.

Парокарда бо мушкдум сангхор,
Хурӯшон ба ҳам шораку лоласор,
Зи ҳар сӯ рами оҳуву ранги ғурм,
Зи дилҳо дами кул зидояндагурм.
Ҳамон ҷо ба нахчир бо бозу юз
Бибуд ҳафтае шоду гетифурӯз.
Бузургони он марз аз андоза беш
Шудандаш зи ҳар марз бо нузл пеш.

## 112. СИФАТИ РӮД

В-аз он ҷой бо базму шодиву руд
Ҳамерафт то назди Айлоқрӯд.
Яке рӯд, к-аз сим гуфтӣ магар,
Бибастаст гардун заминро камар.
Ба дидор куҳмавҷу дарёнишеб,
Ба таг чархкирдору тӯфонниҳеб.
Чу бод аз шитобу чу оташ зи ҷӯш,
Чу мор аз шиканҷу чу шер аз хурӯш.
Яке аждаҳо нилгун пайкараш
Абар Бохтар дум, ба Ховар сараш.
Хурӯшаш зи тундар, так аз барқ тез,
Ниҳебаш зи маргу дам аз растахез.
Ҳама думм хамму ҳама дил шикан,
Ҳама рӯяш абру ҳама тан даҳан.
Гаҳе дошт ҷӯш аз дили беҳушон,
Гаҳ аз нофу гесӯйи хубон нишон.
Зи паҳнош моҳӣ ба моҳ омадӣ,
Ҳам аз бун ба яксола роҳ омадӣ.
Ба ранг ойина буд зудуда зи занг,
Валекин чу сӯҳон ҳамесуд санг.
Зи борон гаҳе диръи пурчин шудӣ,
Гаҳ аз бод чун ҷавшани кин шудӣ.
Ҳама сими кон гуфтӣ андар ҷаҳон
Гудозиду омад бурун аз ниҳон.
Дигар сад ҳазор аз гуҳардор теғ,
Зи пешу паси ҳур ҳаметохт меғ.
Гумон бурдӣ аз саҳми он жарфруд,
Ки омад Муҷарра зи гардун фуруд.
Зи ҳар сӯ беандоза дар вай ба ҷӯш
Бутони парандӣ ба бар ҳуллапӯш.

Яке курта ҳар як бипӯшида танг,
Ҳама чашма-чашма бунафша ба ранг.
Зада домани курта чок аз бурун,
Кушода бар ӯ синаи симгун.
Чу ҷангӣ сипоҳе фузун аз шумор,
Зиреҳпӯшу ҷавшанвару таргдор.
Сипаҳбад ба некахтари ҳуру моҳ
Беозор бигзашт аз ӯ бо сипоҳ.
Гузар кард аз он сӯйи хиргоҳиён,
Ба Тотор зад хайма ногоҳиён.
Бар он марз хоқон Юғур шоҳ буд,
Ки тоҷи бузургиш бар моҳ буд.
Зи гурдони кинҷӯй сесад ҳазор
Сипаҳ дошт шойистаи корзор.
Буд аз лашкараш хира чархи барин,
Нагунҷид ганҷаш ба рӯйи замин.
Чу аз шаҳр рафтӣ бурун гоҳ-гоҳ
Ба чавгону гӯй, ар ба нахчиргоҳ,
Будӣ сад ҳазорон сарони сутург,
Тирозанда гирдаш сипоҳе бузург.
Ҳазорон-ш боло ба пеш-андарун
Ба баргустувону зиреҳ гунагун.
Даҳу шаш ҳазор аз меҳони сарой,
Зи гавҳар камаршон, зи дебо қабой.
Пиёда басе гурди хоқонпараст,
Сипарвар ҳама бо камонҳо ба даст.
Мунодӣ зи ҳар сӯ яке чарбгӯй
Хурӯшанда, то кист фарёдҷӯй.
Ситамдида ҳар-к омадӣ додхоҳ,
Баду нек бардоштандӣ ба шоҳ.
Бидодӣ сабук доду бинвохтӣ
В-аз андоза бар пойгаҳ сохтӣ.
Будаш кӯшке сар кашида ба моҳ,
Ки пиромanaш буд як мил роҳ.
Бар ӯ сиву як дар, ҳама зарнигор,
Ки додӣ ба ҳар дар яке рӯз бор.
Чунин то расидӣ сари маҳ фароз,
Кушодӣ яке дар ба ҳар рӯз боз.
Буд аз пеши ҳар дар яке тоза боғ,
Пур аз гунагун гул чу равшан чароғ.
Раҳи кӯшк яксар зи сода рухом,
Замин мармару кунгура уди хом.
Ба гард - андараш коху гулшан чиҳил,
Зи зарру зи гавҳар, на аз обу гил.

Дусад гунбад аз сандали сурх уд,
Ситода ба заррину симин амуд.
Миёнаш ду айвон барафрохта,
Сари бурҷашон тоҷи маҳ сохта.
Хами тоқи ҳар як чу парри тазарв,
Зи бас ранги ёқути рахшон чу Парв.
Ба як рӯй дукконе аз зарри ноб,
Ақиқаш ҳама буму дурри хушоб.
Бар ӯ хиргаҳе карда садраш ба пой,
Сараш баргузашта зи кохи сарой.
Ҳама чӯби ӯ зарру гавҳарнигор,
Намад хаззу дебои чинӣ изор.
Чу ҷашне бузург омадӣ гоҳ-гоҳ,
Дар он хайма оростӣ боргоҳ.
Ба шаҳраш на барфу на борон будӣ,
Ҷуз андак наме, к-аз баҳорон будӣ.
Зи зарбафти Чин доштӣ ҷома шоҳ,
Зи дебо дигар меҳтарони сипоҳ.
Будӣ ҷома карбос дарвешро,
Дигар парниён ҳар каму бешро.
Бад-он марз буданд шоҳон басе,
Валекин набуд ёри хоқон касе.
Ҳамасола бадхоҳи Заҳҳок буд,
Ки Заҳҳок хунрези нопок буд.
Ҳамегуфт: -Ай кошкӣ, к-аз шаҳон
Рабудӣ касе з-ӯ шаҳӣ ногаҳон!

## 113. НОМАИ ГАРШОСП БА ХОҚОН

Чу дар кишвараш паҳлавони сипоҳ
Дару дашт зад хайма бероҳу роҳ.
Нависандаро гуфт: -Ҳин, хома гир,
Ба хоқон яке нома кун бар ҳарир.
Бихонаш ба фармонбарӣ пешбоз,
Бигӯ, бож бипзир ё разм соз.
Ба дасти дабир - андарун шуд қалам,
Яке абри заррин, ки-ш аз мушк нам.
Ҳаметохт ашки гулобу абир,
Ба саҳрои симин зи дарёи қир.
Чу ғаввос зӣ дурри донандароҳ
Ҳамезад ба дарёи маънӣ шиноҳ.
Ҳар он дур, ки шойиста дидӣ дуруст,
Бисуфтӣ ба алмоси дониш нахуст.

Чу суфтӣ, бар ӯ мушк бартохтӣ
В-аз андешааш риштаҳо сохтӣ.
Ҳама нома аз дурри фарҳангу ҳуш
Биёрост чун тахти гавҳарфурӯш.
Ба номи ҷаҳондовар оғоз кард,
Ки аз тирашаб рӯзро боз кард.
Гарон сохт хоку сабук боди пок
Равон гирд гардуну ором хок.
Гуҳарҳо нигориду танҳо сиришт,
Сипардан раҳаш бар хирадҳо навишт,
Ки гетӣ ба шоҳ Офаридун супурд,
Бад-ӯ сирати бад зи кишвар бибурд.
Зи Заҳҳоки нопок бистад шаҳӣ
Барои Фаридуни бофарраҳӣ.
Набишта шуд ин номаи дилфурӯз
Зи Гаршоспи фаррух, шаҳи Нимрӯз.
Ба хоқон Юғир, шоҳи Тӯронзамин,
Ки мӯҳр аст шоҳиву номаш – нигин.
Бидон, ай сазо пешгоҳи баланд,
Ки ахтар яке ройи равшан фиканд.
Сипеҳр аз дили даҳр бирбуд дард,
Зи чеҳри шаҳӣ бахт биздуд гард.
Ҷаҳон навварӯсе гаронмоя шуд,
Шаҳӣ тоҷашу дод пироя шуд.
Замона нигоридаш аз фарру чеҳр,
Ситора нисор офаридаш сипеҳр.
Зи дин ҷома кард Эзид андар бараш,
Фалак з-эминӣ килла зад бар сараш.
Чун ин наварӯс аз дари гоҳ шуд,
Фаридуни фаррух бар ӯ шоҳ шуд.
Ба фарри кайӣ в-ахтари хубу бахт,
Зи Заҳҳоки тозӣ ситад тоҷу тахт.
Баромад ба маҳ дини Яздони пок,
Сари ҷодуиҳо фурӯ шуд ба хок.
Аз Эрон кунун ман ба фармони шоҳ
Бад-ин марз аз он баркашидам сипоҳ,
Ки ойӣ ба фармонбарӣ шоҳро,
Бувӣ хокбӯс он кайӣ гоҳро.
Нахуст аз ту хоҳем пардохтан,
Пас он гаҳ ба Фағфури Чин тохтан.
Бад-ин нома сар то ба сар панди туст,
Ба кор орӣ ар, бахт пайванди туст.

Чу хондӣ, зи пеш ой пардохта,
Ҳама роҳ нузлу алаф сохта.
Сазо бож бипзиру ҳадя бисоз
В-агарна ба ҷанг ор лашкар фароз.
Гаҳи разм пирӯзӣ онро сазост,
Ки бар дин кунад разм бар роҳи рост.
Чу пардахта шуд, номаро мӯҳр кард,
Фиристод гурде шитобон чу гард.
Фиристода чун пеши шаҳ шуд, замин
Ба рухсорагон руфту кард офарин.
Ба аспи сухан дод пешаш лигом,
Бароҳехт теғи паём аз ниём.
Ба майдони дониш саворӣ гирифт,
Чу бишнид шаҳ, бурдборӣ гирифт.
Бад-ӯ гуфт: -Шоҳи ту аз тухми кист?
Ба наздики ӯ расми Заҳҳок чист?
Чӣ варзад аз ойини дин камму беш,
Чӣ гӯяд зи Яздону аз роҳи кеш?
Чунин дод посух, ки шаҳро нахуст
Хирад бояду рою роҳи дуруст.
Кафи роду доду нажоду гуҳар,
Накӯкориву ростгӯйиву фар.
Фаридуни шаҳро бад-ин сон ҳазор
Ҳунар ҳасту ҳам ёрӣ аз рӯзгор.
Фузун з-он ба кӯҳ - андарун нест санг,
Ки дар ганҷи ӯ гавҳарон ранг-ранг.
Раҳиш дини Яздон Каюмаррасӣ,
Нажоду бузургиш Таҳмуррасӣ.
Ба дил кеши Заҳҳокро душман аст,
Ба наздаш чи ӯву чи Аҳриман аст.
Баду нек аз Эзид шиносад дуруст,
Яке донадаш ҳам ба дини дуруст.
Ҷаҳон, гӯяд, Эзид падид оварид,
Ҳам ӯ бозгардонадаш нопадид.
Ба пулли чанивад, ки чун теғи тез
Гузор асту ҳам номаю растахез,
Бипурсад Худой аз ҳама хубу зишт,
Бадонрост дӯзах, беҳонро биҳишт.
Бараш порсо мард номитар аст,
Ҳам аз зарр дониш гиромитар аст.
Чунон аст додаш, ки рӯбоҳи пир
Барад баччаро, то диҳад шер шир.

Чу бишнид хоқон, писандиду гуфт:
-Гар ин ҳаст, шоҳи туро нест ҷуфт,
Валекин чу пурсидам аз ту басе,
Бимон, то бипурсам зи дигар касе.
Агарчанд фарзанд чун дев зишт,
Бувад назди модар чу ҳури биҳишт.
Ҳунар он писандидатар дону беш,
Ки душман писандад ба нокоми хеш.
Набояд, ки шоҳон пажӯҳиш кунанд,
Маро ҳамчу ғумрон накӯҳиш кунанд.
Баросой як ҳафта, то рӯйи кор
Бибинему посух кунем ошкор.
Бифармуд кохе сазовори ӯй
Бисозанд дархур ҳама кори ӯй.

## 114. ҚИССАИ ХОҚОН БО БАРОДАРЗОДА

Бародар буд он шоҳро сарваре,
Ханида ба мардӣ ба ҳар кишваре.
Падаршон зи гетӣ чу барбаст рахт,
Шуданд ин ду ҷӯяндаи тоҷу тахт.
Замоне нашудшон дил аз ҷанг сер,
Саранҷом хоқон Юғир гашт чир.
Бародар-ш кушта шуд аз пеши ӯй,
Писар монд аз ӯ саркаше кинаҷӯй.
Далере, ки номаш Такинтош буд,
Ҳамасола бо ам ба пархош буд.
Ниҳон ҳар гаҳе тохтан сохтӣ,
Ба тороҷ бумаш барандохтӣ.
Замоне зи кини падар тӯхтан,
Наёсудӣ аз ғорату сӯхтан.
Яке баҳра бигрифта буд кишвараш,
Шикаста басе гунагун лашкараш.
Ҳамин ҳафта, к-омад сипаҳбад фароз,
Ҳамехост омад суйи ҷанг боз.
Дар андеша хоқон гирифтор буд,
К-аш аз ҳар ду сӯ разму пайкор буд.
Ба ҳам бо меҳон анҷуман карду гуфт,
Ки гардун надонам чӣ дорад ниҳуфт:
Аз ин паҳлавон в-аз бародарписар
Надонам чӣ овард хоҳам ба сар?

Зи дурӯя душман надонам бираст
На пайдост, к-ахтар киро ёвар аст?
Чунонам, ки саргаштае рӯзи танг
Раҳаш пеш ғарқобу зӣ пас наҳанг.
Кунун чора ҷӯед, то чун кунем,
Ки ин хор аз пой берун кунем.
Раҳомӯзу рӯзидеҳу чорагар,
Буванд ин се мар бепадарро падар.
Басе рой зад ҳар кас аз рӯйи кор,
Саранҷом гуфтанд, к-ай шаҳрёр,
Чу оташ намояд-т аз дур дуд,
Аз он беҳ, ки сӯзад-т наздик зуд.
Шаҳону бузургони рӯйи замин
Чи фаррух падар-ту чи Фағфури Чин,
Ҳама божи Заҳҳокро додаанд,
Зи комаш бурун гом нанҳодаанд.
Фаридун аз ӯ беҳ ба фарҳангу фар,
Ҳам эдун ба доду нажоду гуҳар.
Гар ӯро ту фармон барӣ, нанг нест,
Туро бо сипаҳдори ӯ ҷанг нест.
Ҳар он реш, к-аз марҳам ояд ба роҳ,
Ту доғаш кунӣ, беш гардад табоҳ.
Ҳама коху айвон ба базму ба хон
Биёрою ин паҳлавонро бихон.
Бар ӯ бешумар ҳадя чандон зи ганҷ,
К-аш осон шавад, ҳар чӣ дидаст ранҷ.
Пас он гаҳ бад-ӯ аз бародарписар
Бихон номаҳои гила сар ба сар,
Ки ӯ худ зи душман кашад кини ту,
Ниҳад бар сипеҳри барин зини ту.
Ба дасти касон чун тавон кушт шер,
Набояд туро пеши ӯ шуд далер.
Писандид хоқону пеши гавон
Бифармуд посух суйи паҳлавон.
Пас аз ному ёди ҷаҳонофарин,
Зи дил бар сипаҳбад гирифт офарин.
Дигар гуфт, к-аз божу ҳадя зи ганҷ
Диҳам, ҳар чӣ гӯйӣ, надорам ба ранҷ.
Сазад, шоҳи Эрон агар саркаш аст,
Ки ӯро чу ту гурди лашкаркаш аст.
Агар хоҳад аз ман шаҳи номҷӯй,
Фиристам сарам бар табақ пеши ӯй.

Бад-ин бож ду дида гавҳар кунам,
Зи тан пӯстам бадраи зар кунам.
Вале орзу дорам аз ту яке,
Ки орӣ ба кохам даранг андаке.
Бувӣ шод як ҳафта меҳмони ман,
Биёройӣ ин меҳану мони ман.
Ба ҷони Фаридун агар дониям,
К-аз ин орзу шод гардониям.
Фирстодаро борои хеш дод
В-аз андоза дебову зар беш дод.
Гусӣ кардашу шуд фириста чу бод,
Паём, он чи буд, гуфту нома бидод.
Сипаҳдор аз он гуфтаҳо гашт ром,
Ки пайғом буд бо навиду хиром.
Суйи шоҳ бо лашкар оғоз кард,
В-аз он рӯй хоқон бишуд, соз кард:
Ҳазорасп-рӯд аз фасила гузид,
Ду раҳ даҳ ҳазор аз бари сар бурид,
Зи говони фарбеҳ ҳаме чил ҳазор,
Зи нахчиру мурғон фузун аз шумор;
Ду раҳ сад ҳазори дигар гӯсфанд,
Ҳама кушту бар дашту саҳро фиканд.
Пазира ба пеши сипаҳдор шуд,
Чу як ҷой дидорашон бор шуд.
Ба бар якдигарро ҳам аз пушти зин
Гирифтанд, ин шод аз он, он аз ин.
Ба як ҷой буданд хуш ҳар дувон,
Ҳама роҳ ҳампурсишу ҳаминон.
Сипаҳдор, бо ҳар кӣ буд аз сипоҳ,
Нишастанд бар хон ҳам аз гарди роҳ.
Зи ҳар хӯрданӣ соз чандон гурӯҳ
Яке дашт буд гирдаш-андар ду кӯҳ.
Пур аз гӯру нахчир кӯҳаш ҳама,
Ба дашт - андар аз гӯру оҳу рама.
Ба ҳар гом ҷоме пур аз лаъл май,
Табақҳои нуқлу дирам зери пай.
Рада дар рада косаву хону ҷом,
Фурӯзон ба миҷмар - дарун уди хом.
Ба зер аз таройиф ниҳуфта замин,
Забар килла дар килла дебои Чин.
Сипоҳе зи шаҳду шакар сохта,
Ҳама найза дар дасту теғ охта.

Гурӯҳе ба пайкор рафта фароз,
Гурӯҳе ба нахчир бо юзу боз.
Зи ҳалво ба ҳар сӯ сафе мевадор
Ҳама баргашон шаккару қанд бор.
Табақҳову ҷом аз карон то карон
Ба мушку май андудаву заъфарон.
Сипеҳрест ҳар ҷом гуфтӣ магар,
Маҳаш – ангубину ситора – шакар.
Камар баста бар пеш хубонпараст,
Ҳама бодаву бодбезан ба даст.
Чунон равшан аз май булӯрин аёғ,
К-аз ӯ кӯр будӣ ба шаб бе чароғ.
Дами ной ҳар ҷову чангу рубоб,
Пароканда мастон дар оташ кабоб.
Гирифта хуришҳо ҳама кӯҳу дашт,
Кашон пешкор обу дастору ташт.
Ба бӯйи хуришҳо дадон тохта,
Забар дар ҳаво мурғ саф сохта.
Нишаста ба хон яксар эрониён,
Ҳама чиниён пеш баста миён.
Шабу рӯз хоқон парастишнамой,
Камар баста пеши сипаҳбад ба пой.
Ҷудо хон-ш ҳар рӯз додӣ ба лош,
Яке абр буд вижа динорпош.
Сари ҳафта омад наванда фароз,
Ки овард лашкар Такинтош боз.
Зи ногаҳ хурӯше баромад ба абр,
Шуд он базм бар сони коми ҳижабр.
Сипаҳбад ба хоқон Юғир гуфт: -Чист?
Чӣ лашкар расиду Такинтош кист?
Бигустард хоқон сухан сар ба сар,
Гила ҳар чӣ буд-ш аз бародарписар.
Сипаҳдор гуфт: -Ин-т ғумре далер,
К-аз ин сон шудаст аз сари хеш сер.
Ман ин ҷову ӯ размкӯш омадаст,
Ҳамоно, ки хунаш ба ҷӯш омадаст.
Як аст аблаҳонро шитобу шикеб,
Саворони бадро чи боло, чи шеб.
Туро дил бад-ин ғам набояд супурд,
Ки танҳо бас ӯро Наримони гурд.
Гараш сад ҳазоранд гурдони ҷанг,
Ҳама дар гаҳи ҷангу кин тезчанг.

Бибинӣ, ки чун гӯям, ай шер, ҳин,
Ки хуншон ситонад ба шамшери кин.
Чунон кун, ки шабгир бо юзу боз
Хиромем мар ҷангро пештоз.
Маю базм, к-ин ҷост, он ҷо барем,
Наримон занад теғу мо май х(в)арем.
Ман аз вижа гурдон гузидам ҳазор,
Ту бигзин ҳам аз лашкар андак савор.
Бад-он то чу андак намояд сипоҳ,
Далерӣ кунад душман, ояд ба роҳ.
Магар ногаҳаш сар ба дом оварам
В-аз ин кор фарҷом ном оварам.
Чу парри ҳавосил баровард зоғ,
Барафрӯхт з-айвони нилӣ чароғ.
Ҳамон номзад кард андак сипоҳ,
Бибурданду ронданд як ҳафта роҳ.
Ба базму ба нахчир бар кӯҳу дашт,
Чунин, то бужи бурз дидор гашт.
Бар он теғи буж аз бари кӯҳсор
Такинтош бо ҷангиён даҳ ҳазор.
Бигуфтанд: -Аз Эрон далере сутург
Расидаст нав бо сипоҳе бузург.
Зи хоқон Юғир ҷанги ту хостаст
В-аз Эрон набарди туро хостаст.
Зи теғи буж омад ба пойини кӯҳ,
Бизад саффи кин бо сипаҳ ҳамгурӯҳ.
Наёмад-ш бок аз далере, ки буд,
Чу гарди сипаҳ дид, биштофт зуд.

## 115. ҶАНГИ НАРИМОН БО ТАКИНТОШ

Наримон биёмад ҳам андар замон
Ба назди сипаҳдору хоқон дамон.
Чунин гуфт, к-имрӯз ҳар ду зи дур
Назора бар ин ҷанг созеду шӯр.
Шумо ҷом гиред ҳар ду ба базм,
Ки ман теғ хоҳам гирифтан ба разм.
Агар бахти ҳушёр ёри ман аст,
Бад-ин дашт пайкор кори ман аст.
Зи эрониву зовулӣ, ҳар кӣ буд,
Бифармуд, то саф кашиданд зуд.

Чу саф зад зи ду рӯя яксар сипоҳ,
Ғирев аз дили кӯс баршуд ба моҳ.
Саворе Юғир Ғазнӣ аз пеши саф
Бурун зад дусар хиште аз кин ба каф.
Яке тиббатӣ ҷавшан андар бараш
Кулоҳе сияҳ чорпар бар сараш.
Ба овардгаҳ гашту он гаҳ чу бод
Зи майдон ба зинкӯҳа - бар сар ниҳод.
Суйи қалби хоқон ба кин ҳамла бурд,
Ҳам аз гард бифканд ҷангӣ ду гурд.
Ду дигар фиканд аз суйи майсара,
Бизад боз бар майсара яксара.
Яке турки дигар рабуд аз камин,
Суйи лашкараш бурду зад бар замин.
Зи шодӣ гирифтанд туркон хурӯш,
Наримон баромад зи туркон ба ҷӯш.
Бад-ӯ гуфт: -Аз ин сон бувад корзор,
Яке беҳ зи мо, к-аз сипоҳат ҳазор.
Аз ин кӯдак акнун ба дашти набард
Нигаҳ кун ту пайкори мардони мард.
Яке наъра зад ҳамчу шери яла,
Ки ғуррад, чу аз ғурм бинад гала.
Шабоҳанг пешонии моҳи наъл,
Барангехт кине, ба хун кард лаъл.
Зи захмаш ҳаме дар замин ҳам фиканд,
Сипоҳе ба як ҳамла бар ҳам фиканд.
Ба майдон зи хун чун даровард ҷӯй,
Миёни ду саф шуд ҳамовардҷӯй.
Ба новарди балхӣ саворӣ гирифт,
Сипарбозиву найзадорӣ гирифт.
Хурӯшид, к-он турки пархошхар,
Ки хишташ дусар буд, кулаҳ чорпар.
-Куҷо то рабоям-ш ҳам дар шитоб,
Бисӯзонамаш дар тафи офтоб.
Ҳамон турк берун зад аз саф чу шер
Гурезандаёб аблақе тунд зер.
Миён дар камарбанд молида танг,
Ба чочикамон дарниҳода хаданг.
Хурӯшон намуд ӯ зи дур остӣ,
Ки пеш ой, агар мар маро хостӣ.
Барангехт бора Наримони гурд,
Ба бозигарӣ дасти новард бурд.

Камонқабзаву тиру найза ба даст
Басе найза бигрифту зеҳро ба шаст.
Ҳаметохт печон ба гирдаш инон,
Ки тираш занад синаро ё синон.
Чу якчанд гашт, андаромад чу дуд,
Задаш найза в-аз пушти аблақ рабуд.
Ба нӯги синон бар маҳ афрохташ,
Замоне зи ҳар сӯ ҳаметохташ.
Пас андохт аз найза бар қалбгоҳ,
Баромад ғави кӯс аз эронсипоҳ.
Чунон наърашон бар Маҳу Зуҳра шуд,
Ки Маҳ бедилу Зуҳра безаҳра шуд.
Сипаҳдору хоқони фархунданом
Ба шодиш ҳар ду гирифтанд ҷом.
Наримон дигарбора аз чаппу рост
Бигашту аз эшон ҳамовард хост.
Бурун тохт гурде дигар чун ҳижабр,
Камон карда алмоси боранда абр.
Ба гирдаш зи ҳар сӯ саворе гирифт,
Ба теғу синон комгорӣ гирифт.
Пас аз ҷой монанди тунд аждаҳо
Дар омад, бад-ӯ кард хиште раҳо.
Наримон суйи чап инон баршикаст,
Суйи рост бигрифт хишташ ба даст.
Чунон зад-ш бар ноф захми дурушт,
Ки бар кӯҳаи зин-ш бардӯхт пушт.
Биёвехт як сӯ зи ман сарнишеб,
Сараш пой шуд, пушти пояш рикеб.
Ба майдон дигарбора новард кард,
Ҳамекушт ҳар к-омадаш дар набард.
Ба найза зи зин мард бардоштӣ,
Ҳам аз бар ба шамшер бигзоштӣ.
Ба баргустувон дошт даҳ аспи кин,
Нишастӣ ҳаме гаҳ бар он, гаҳ бар ин.
Сутӯҳ омад он ҳар даҳ аз ҷанги ӯй
В-аз он ҷанг кӯтаҳ нашуд чанги ӯй.
Чунон то аз он лашкари кинакаш
Бияфканд бар ҷой ҳафтоду шаш.
Сипаҳдору хоқон ба ҳам пешсаф
Буданд аз бари пил ҷоме ба каф.
Ба ҳар турк, к-афкандӣ ӯ зери пай,
Задандӣ ба шодиш як ҷоми май.

Бад-он тангчашмон ҷаҳон танг шуд,
Набуд кас, ки дигар суйи ҷанг шуд.
Ба турки дигар мӯя карданд зор,
Бар он куштагон дар сафи корзор.
Такинтош, к-он дид, чун пили маст
Зи болои куҳ тохт найза ба даст.
Яке хинги оҷ – абри пӯянда – зер,
Ба гуна чу ширу ба сина чу шер.
Каж огандаш аз дебаи ложвард,
Бар ӯ дар нишонҳо зи дебои зард.
Аз оҳан-ш соид ва з-оҳан сипар,
Зи зарраш кулоҳу зи зарраш камар.
Баровард зоғи камонро ба зеҳ
Каманде чиҳил хам ба зин дар гиреҳ.
Чу дидаш, фурӯ монд хоқон нажанд,
Чунин гуфт бо паҳлавони баланд,
Ки инак Такинтоши ҷӯяндатоҷ
Ба новард кардан бар он хинги оҷ.
Зи Чочу Хутан, Вораҳу Бормон
Кунад лашкар ангез ҳар борамон.
Надидам гаҳи разм нопоктар
Инонпечтар з-ӯву чолоктар.
Бигардад замин гирди новарди ӯ,
Кунад хушк дарёи Чин гарди ӯ.
Сипаҳро бувад пешрав дар ситез,
Бувад бози думдор гоҳи гурез.
Ба назди Наримон кунун аст разм,
Дигар размҳо буд бозиву базм.
Бизад наърае паҳлавони далер
Ба сӯйи Наримон чу арғунда шер.
Ба зобулзабон гуфт: -Бедор бош,
Раҳи ҳамлаҳоро нигаҳдор бош,
Ки ин турки ҷангии сарлашкар аст,
Такинтош – ҷӯяндаи кишвар аст.
Макуш, зинда бирбояш аз пушти зин,
Сабук ҳадя овар ба хоқони Чин.
Бигаштанд ҳар ду чу шери нажанд,
Гирифтанд гоҳе камон, гаҳ каманд.
Ҳама таргу хафтонашон гашт чок,
Фурӯ рехт ханҷар, зиреҳ гашт хок.
Амуди гарон чун камон ёфт хам,
Синон гашт чавгону найза қалам.

Сипарҳо чу беша шуд аз захми тир,
Рух аз ранги оҳан ба кирдори қир.
Саранҷом турк ончунон тохт гарм,
Ки аз зӯр бар чарма бинвишт чарм.
Бизад ханҷаре бар Наримони гурд,
Сипар нимаву авҷи таргаш бибурд.
Гирифт оташ аз захми теғаш ҳаво,
Валекин надид, он чи будаш ҳаво.
Наримон ба чора ҳаме зинда ҷуст,
Ки ӯро барад назди хоқон дуруст.
Инон тофт, бигрехт пешаш зи ҷанг,
Бибуд, то расид андар ӯ турк танг.
Каманд он гаҳ аз пас ба боди гурез
Миён-ш андар афканду кард асп тез.
Фикандаш абар хок чун беҳушон,
Ҳамебурд то пеши хоқон кашон.
Бад-ӯ гуфт, к-ин бимхӯрда савор
Ба ҳадя аз ин кӯдаки хурд дор.
Аз эрониён рафт бар чарх ғав
Зи кирдори он нав сипаҳдори гав.
Сипар баргирифтанду шамшери тез,
Ба ҳам ҳамла бурданд дил пурситез.
Ҷаҳон гашт бар чашми туркон бунафш,
Фикананд яксар силоҳу дирафш.
Зи пеш - андарун теғи куҳсор буд,
Зи пас теғи гурдони хунхор буд.
Зи чандон сипаҳ як диловар намонд,
Гурезон бирафтанд, чун сар намонд.
Ҳама дашту куҳ буд пароканда боз
Силеҳу сутурону олоти соз.
Гирифтанд сар то сар эрониён,
Наёмад ба як мӯй касро зиён.
В-аз он ҷо суйи шаҳри Пирӯзрӯз
Кашиданд некахтару дилфурӯз.
Чунон шоддил буд хоқон аз ин,
Ки гуфтӣ ниҳодаст бар чарх зин.
Такинтошро бурд ҷойе ниҳон,
Сар овард бар вай даранги ҷаҳон.
Ду ҳафта дари ганҷ бикшод шод,
Ба базму ба бахшиш ҳамедод дод.
Ба эрониёну сипаҳдори чир,
Ҳам эдун ба фаррух Наримони шер.
Бибахшид ҳар ҳадя, чандон ки низ
Набошад ба сад ганҷ аз он беш чиз.

Сипаҳбад фиристод нома ба шоҳ,
Зи пирӯзиву кори он размгоҳ.
Зи разми Наримони ял рӯзи кин
В-аз озодии шоҳи Тӯронзамин.
Чунин аст аз дер боз ин ҷаҳон,
Рабоянда он з-ин ба кин, ин аз он.
На ошӯби гетӣ ба ҳангоми туст,
Ки то буд, ҳам эдун будаст аз нахуст.
Ҳамон аст гетиву Яздон ҳамон,
Дигаргуна моему гашти замон.
Аё, тӯшаат андаку раҳ дароз,
Чӣ созӣ, чу ояд-т рафтан фароз?!
Дил аз ози гетӣ чӣ пур кардаӣ?
Аз ӯ чун барӣ, он чӣ н-овардаӣ?
Аз ӯ коми дил дар ҷавонӣ биҷӯй,
Ки ҷӯяд зи ту ком дар пирӣ ӯй.
Басе хешу пайванди ту зери хок,
Ҳамебинӣ аз пешу н-ояд-т бок.
Ба дигар бузургон нигар, то чӣ кард,
Барорад ҳамон аз ту як рӯз гард.
Саворест умр, аз ҷаҳон дар гурез,
Инон хингу шабрангро дода тез.
Ду асп асту марди дуаспа ба роҳ
Сабуктар ба манзил расад солу моҳ.
Бад-он кӯш, к-имон ба берун барем,
Ки яксар ба гирдоби гардун дарем.

## 116. РАФТАНИ ГАРШОСП БА ҶАНГИ ФАҒФУР ВА ДИДАНИ ШИГИФТҲО

Сипаҳдор чун ҳафтае сур кард,
Аз он пас шуд, оҳанги Фағфур кард.
Ҳама роҳ ҳоҳон бипардохта,
Ба ҳар ҷой нузлу алаф сохта.
Се манзил будаш бо сипаҳ раҳнамой,
Варо кард бадруду шуд боз ҷой.
Ҳамешуд шитобон сипаҳдори гав,
Наримону зовулгуруҳ пешрав.
Ба марзи биёбоне омад фароз,
Ки гуфтӣ ҷаҳонест густарда боз.
Заминаш ҳама доғи пойи парӣ,
Замона гум андар вай аз раҳбарӣ.

На гардун сипарда дарозои ӯ,
На хуршед паймуда паҳнои ӯ.
Ба ҳар сӯш деве дижогоҳ буд,
Ба ҳар гӯша сад гӯли гумроҳ буд.
Ҳамон мори парранда ҳазмон зи гард
Чу тир омадӣ, дарнишастӣ ба мард.
Бикуштанд аз он ғӯл бисёру мор,
Ба даҳ рӯз карданд аз он ҷо гузор.
Расиданд ҷойе чарогоҳи гӯр,
Дар ӯ ширгун чашмаи оби шӯр.
Чу нахчир аз ташнагӣ дар гудоз
Ба наздики он чашма рафтӣ фароз,
Шудӣ нарм-нарм оби он чашма зер,
Пас ошуфта гаштӣ чу ғурранда шер.
Биҷастиву нахчирро бедаранг
Ҳамон гаҳ биявбоштӣ чун наҳанг.
Пас аз як замон устухонҳош пок
Будӣ гирди он чашма бар тирахок.
Набишнохт он обро кас зи шир,
Надонист, к-аз чист нахчиргир.
Дигар санг диданд кӯчак басе,
Ки чун з-он ду бар ҳам бисудӣ касе,
Ҳамон гоҳ боде шигарф омадӣ,
Пас аз бод борону барф омадӣ,
Валекин чу з-он ҷо ба буме дигар
Бибурдӣ, набудӣ варо он ҳунар.
Дигар санг буд низ, к-аз бими нам
Чу абр омадӣ, барзадандӣ ба ҳам.
Сабук з-он ҳаво абр бигрехтӣ,
На з-ӯ барфу жола, на нам рехтӣ.
Зи марзи биёбон чу бартар кашид,
Сипаҳро суйи шаҳри Соҷар кашид.
Бизад хайма бо лашкар аз гирди шаҳр,
Бурун шуд, ки гирад зи нахчир баҳр,
Дару дашту куҳ дид з-андоза беш,
Рами гӯру оҳуву ғажгову меш.
Ҳамон рӯз бифканд бисёр гӯр,
Ба хун ғарқа ҳар сӯ ҳаметохт бӯр.
Дарахте бари чашмасоре бидид,
Инони раҳанҷом аз он сӯ кашид.
Чу наздик шуд, хост як бонги сахт,
Зане дид ногаҳ, ки ҷаст аз дарахт.

Яке ширхора гирифта ба бар
Ҳаметохт з-оҳу ба так тезтар.
Бипурсид, к-ин зан бар ин гуна чист?
Яке гуфт, к-ин ҳам чу мо одамист.
Дар ин бешаҳо, гирди ин дашту кӯҳ
Бад-ин сон беандоза бинӣ гурӯҳ.
Чу оҳу ба так, ҳамчу мардум ба рӯй,
Чу девон ба нохун, чу мешон ба мӯй.
Зи бун ҳеч бо мо нагарданд ром,
Бимиранд зуд, он чи гирӣ ба дом.
Аз эшон чу бемор гардад яке,
Барандаш бар ин теғи кӯҳ андаке.
Ба шевангарӣ гирдаш андар хурӯш
Бароранду зӣ абр доранд гӯш.
Гараш абри тира зи дида ба ашк
Бишӯяд, дурустӣ гирад бе пизишк.
В-агар ҳеч борон наборад зи меғ
Бимирад, ба зер афканандаш зи теғ.
Наримон яке аз дарахте рабуд,
Бари паҳлавон бурду ӯро намуд.
Ба раҳ - дар ҳама бозуяш хаста кард,
Ҳамебуд, то мурду чизе нах(в)ард.
Зи нахчир чун шуд сипаҳдор боз,
Биёмад каси шоҳи Соҷар фароз.
Фиристода бо ҳадя бисёр чиз
Ба пӯзиш паёме накӯ дода низ,
Ки донам, к-аз Эрон ба кин омадӣ,
Ба пайкори Фағфури Чин омадӣ.
Ман ӯро яке бандаи кеҳтарам,
Нигаҳбони як марз аз ин кишварам.
Семоҳа зи мо то бад-ӯ ҳаст роҳ,
Нахустин аз ӯ ҳар чӣ бояд, бихоҳ.
Ҳар он гаҳ, к-аз ӯ коми ту гашт рост,
Ҳама бандагонему фармон туроcт.
Ба ҳар шаҳр аз ин марзи дигар бипӯй,
Зи ҳар шоҳ боже, ки ояд, биҷӯй.
Сипаҳбад суханҳош бар ҷой дид,
Писандиду он кард, к-ӯ рой дид.
Зи зовулгуруҳ ҳар кӣ буданд гурд,
Ҳамон гаҳ ба фаррух Наримон супурд.
Ба ҳар шаҳр фармуд, то бо сипоҳ
Бигардад, зи шоҳон бувад божхоҳ.

## 117.ПАНД ДОДАНИ ГАРШОСП НАРИМОНРО

Бад-ӯ гуфт: -Пеш аз шудан ҳуш дор,
Нигар, то чӣ гӯям, ба дил гӯш дор.
Ҷавонро агарчи сухан судманд,
Зи пирон накӯтар пазиранд панд.
Ту лашкар набурдӣ дигар зӣ набард,
Надидӣ зи гетӣ басе гарму сард.
Ниҳоди сипаҳ бурдану тохтан,
Биёмӯз бо сафф кин сохтан.
Чу хоҳӣ сипаҳро суйи разм бурд,
Макун пешрав ҷуз далерони гурд.
Сипаҳ пеш дору буна бозпас,
Зи гирди буна гирд бисёр кас.
Чунон тохтан бар, ки аспон зи кор
Набошанд суст, ар бувад корзор.
Ба душворӣ-андар марав бо сипоҳ,
На бе раҳнамунон ба нодида роҳ.
Ҳам он дидабон дор бар теғи кӯҳ,
Ба ҳомун талоя гурӯҳогурӯҳ.
Чу пайдо шавад кинахоҳе бузург,
Ки бошад қавӣ бо сипоҳе бузург,
Ба ҳар гӯша корогаҳон баргумор,
Ниҳонаш ҳамеҷӯй бо ошкор.
Зи нахчиру аз май ба парҳез бош,
Ба шаб дер хусбу пагаҳхез бош.
Чу лашкаргаҳ ояд баробар фароз,
Шабехун нигаҳ дору лашкар бисоз.
Ба гирди сипаҳ сар ба сар канда кун
Талоя зи ҳар сӯ пароканда кун.
Ҳам аз кандаву чоҳи пӯшидасар
Бипарҳезу осон шабехун мабар.
Ба навбат зи ҷондору аз посбон
Касон дор ҳам гурду ҳам меҳрбон.
Сипаҳ пок бо таргу хафтони кин
Шабу рӯз медору аспон ба зин.
Бад-он гаҳ, ки орост хоҳӣ масоф,
Манӣ бифкан аз сар гаҳи ному лоф.
Ба доду диҳиш дил биёрою рой,
Пазириш кун аз некуӣ бо Худой.
Ба дашти гулу хору гандобу чоҳ
Макун разм, к-афтад ба сахтӣ сипоҳ.

Ҳам эдун маёрой аз он сӯ набард,
Ки дар дида бод оварад хоку гард
В-аз он рӯй, к-аз теғи кӯҳ офтоб
Ду чашми туро хира дорад зи тоб.
Ба ҷойе гузин размгоҳ устувор,
Ба обу алаф роҳ наздику хор.
Зи пас дор дар устуворӣ буна,
Бараш лашкаре размро яктана.
Пиёда ба пеш ор саф сохта,
Сипар дар сипар, теғу хишт охта.
Паси ҳар сипар ҳампайи бадгумон
Хаданг афканӣ дар камин бо камон.
Чунон кун, ки ҳар найзавар рӯзи ҷанг
Сипардор бошад, камоне ба чанг.
Ба найза дурун раҳ чунон сохта,
К-аз ӯ новаке гардад андохта.
Ба ҳар даҳ диловар як оташ фикан,
Ниҳода ба пайкору кин ҷону тан.
Саворонашон дар қафо саф зада,
Паси пушташон жандапилон рада.
Сафе рост бар роҳу саффе ба хам,
Сафе чор сӯ даркашида ба ҳам.
Пиёда чу девор бар пойи пеш,
Саворон дар омадшуд аз ҷойи хеш.
Гурӯҳе ба кӯшиш миён баста танг,
Гурӯҳе дар осойиш аз баҳри ҷанг.
Паси пушта лашкар саре бо сипоҳ
Каминро зи ҳар гӯша барбаста роҳ.
Кушода раҳи пил, то дар шикаст
Аз эшон нагардад сипаҳ пойбаст.
Пуранбӯҳ сандуқи пили набард
Зи чархиву аз оташандоз мард.
Саронро сазо ҷойи дидор кун,
Дирафш аз чапу рост бисёр кун.
Фаровон зи гурдони гарданфароз
Зи баҳри пасин ҳамларо дор боз.
Нахустин тан аз душманат дор гӯш,
Пас он гоҳ бар захми душман бикӯш.
Ба гардун равон қалъаҳо кун баланд,
Бар он сон, к-аз оташ наёяд газанд.
Ҳама бурҷи он қалъа болову зер
Пур аз гунагун размсози далер.
Зи ҳар як чунон сохта бонги тез,
К-аз ӯ пилу асп уфтад дар гурез.

Чунон соз қалбат, ки аз чаппу рост
Расад зуд ёвар, чу фарёд хост.
Мамон, к-орад аз қалб кас пеш пой,
Магар қалби душман бичунбад зи ҷой.
Чу дорӣ пиёдасипаҳ яксара,
Бувад ҷойи пайкор кӯҳу дара.
Суйи разм бояд шудан ҳамгурӯҳ
Гирифтан сари теғу поёни кӯҳ.
В-агар дашти сода бувад размгоҳ,
Ба ҳам ҳалқа бояд, ки бандад сипоҳ.
В-агар хайли душман пиёда бувад,
Сафи разм бар дашти сода бувад.
Саворон-тро бар яке ҷо бидор,
Ки то монда гарданд эшон зи кор.
Чу бар ҷанги пилон-т бошад шитоб,
Ба ҳомун барафкан пароканда об.
Ки то пил гардад ҳаросидадил,
Ниёрад ниҳодан пай аз бӯйи гил.
Чу ояд гаҳи ҳамла, к-ат биспарад,
Раҳаш боздеҳ зуд, то бигзарад.
Ба пайкони алмос чашмаш бидӯз,
Дигар таҳти сандуқаш аз бар бисӯз.
Ҳама тир бар пою нохун занаш,
Мар ӯро фикан гурз бар гарданаш.
В-агар хайли бадхоҳ аз они ту беш,
Ту ҷойе гузин танг бар гирди хеш.
Маҷӯй аз ду сӯ разм, к-ояд газанд,
Зи як рӯй бикшову дигар бибанд.
Ба созе дигар ҷӯй ҳар рӯз кин,
Камин неҳ ниҳону ҳамебин камин.
Сипоҳи туро дил деҳ андар набард,
Ҳамегард ҳар ҷой бо дору бард.
Касе гар ба пайкор ном оварад,
Сари ҷангҷӯйе ба дом оварад.
Мар ӯро ба некиву хилъат расон,
Ки то зӯр гиранд дигар касон.
Ба ҷанг он ки суст ояд аз озмун,
Варо ном бифкан зи девон бурун.
Зи душман чу бинӣ саворе далер,
Миёни ду саф бар ялони ту чир,
Саворони ҷангӣ бар ӯ баргумор,
Сутӯҳ овараш ҳар суй аз корзор.
Зи бадхоҳ дар оштӣ сохтан,
Битарс аз шабехуну аз тохтан.

Нигаҳ кун каминаш ба гоҳи ситез,
Ҳам аз бозгаштан-ш гоҳи гурез.
Аз ӯ то напардозӣ андар шикаст,
Сипаҳро мадеҳ сӯйи тороҷ даст.
Чу бинӣ, ки душман зи пас рахту соз
Ҳаме андак-андак фиристанд боз.
Гар аз дард бошанд бемору суст,
Гар аз хастагиҳо ба тан нодуруст,
В-агар кам бувад кас, ки ҷангӣ бувад
В-агар аз алаф роҳ тангӣ бувад,
В-ар аз размгаҳ коҳил оянд пеш,
Бувад ҳамлаҳошон на бар ҷойи хеш.
Бад-ин вақтҳо ройи овехтан
Фузун кун, ки хоҳанд бигрехтан.
Чу зинҳор хоҳанд, зинҳор деҳ,
Ки зинҳор додан зи пайкор беҳ.
Чуноншон магардон зи бечорагӣ,
Ки ҷонро бикӯшанд якборагӣ.
Зи бун бар гурезандагон раҳ магир,
Марез аз касе хун, ки бошад гузир.
Чу натвон гирифтан гиребони ҷанг,
Суйи домани оштӣ ёз чанг.
Ба ҳар кор дар зӯр кардан машӯр,
Ки чора басе ҷой беҳтар зи зӯр.
Чу тобат набошад ба ҷангу ситез,
Аз он беҳ набошад, ки гирӣ гурез.
Ба ҷанг арчи рафтан зи беҳрӯзияст,
Гурези баҳангом пирӯзияст!
Чу гӯянд: аз ҷанг баргошт пушт,
Аз он беҳ, ки гӯянд душман-ш кушт!
Ба думми гурезандагон шаб мапӯй,
Чу душман шуд овора, бешаш маҷӯй!
В-агар кори кӯшиш бибошад дароз,
Нагардад ҳаме душман аз ҷанг боз.
Мамон, к-аз алаф ҳеч ёбанд баҳр,
Ниҳон обхӯршон биёган ба заҳр.
Фикан тухми бад дар чарогоҳашон,
Хасак резу чаҳ соз дар роҳашон.
Ҳама дор ёд, он чи-т омӯхтам,
Ки ман кин бад-ин чораҳо тӯхтам.
Бад-ӯ пок биспурд зовулсипоҳ,
Наримон ба шабгир бардошт роҳ.

## 118. РАФТАНИ НАРИМОН БА ТӮРОН ВА ДИДАНИ ШИГИФТИҲО

Чу шуд ҳафтае, шаҳре омад-ш пеш,
Куҳе наздаш, аз маҳ баландиш беш.
Ҳама кӯҳ дил хорасангин зи об,
Ба сони гиё руста з-ӯ зарри ноб.
Аз он шаҳриён ҳар кӣ з-он зар барад,
Ҷуз андак набурданд аз он зар харад.
Чу бисёр бурдандӣ, андар замон
Бимурдандиву ҷумлаи дудмон.
Ҳама шаҳр дарвеш буданд сахт,
Гиё будашон пӯшишу фаршу рахт.
Надид андар эшон аз ин суду рафт
Баромад ба кӯҳе шитобанда тафт.
Бад-ӯ гуфт раҳбар, ки гар з-ин сипоҳ
Кунад бонг як тан дар ин тангроҳ.
Зи борон чунон сел аз афрозу шеб
Бихезад, ки аз ғарқ бошад ниҳеб.
Ҳам эдун чунин аст кӯҳе дигар,
Ки оҳан чу сойӣ-ш бар санг-бар,
Ҳама ин ҷаҳон пур зи борон шавад,
Ҳаво дидаи сӯгворон шавад.
Касе, к-ӯ бад-он кӯҳ пӯяд савор,
Гирад дар намад наъли асп устувор,
В-агарна зи борон яке сели сахт
Бихезад, ки аз бун барорад дарахт.
Бар он сӯйи куҳ танг кӯҳест низ,
Ду мил андар ӯ рустанӣ нест чиз.
Дар он танг ҳар кас, ки дорад хурӯш,
Гирад сангборон зи ҳар ҷой ҷӯш.
Чунин гӯяд, он к-ӯ зи доно гурӯҳ,
Ки девон ҳаме афканандаш зи кӯҳ.
Сипаҳдор хомӯш аз ӯ баргузашт,
Дигар пешаш омад яке паҳндашт.
Дар ӯ чашмаи об чун хун ба ранг,
Бари чашма карда гавазне зи санг.
Дар он буму бар ҳар гавазне, ки дард
Бар ӯ чира гаштӣ, бимондӣ зи х(в)ард,
Давон тохтӣ пеши ӯ чун наванд,
Тани хеш судӣ дар ӯ бор чанд.
Чу рӯзаш будӣ монда, гаштӣ дуруст,
Чу маргӣ будӣ, гаштӣ афтода суст.

Дигар дид шаҳре навойин ба роҳ,
Куҳе назди ӯ сар-ш бар авҷи моҳ.
Ҳама синаи кӯҳ беду xаданг,
Яке беша гирдаш зарирy заранг.
Сари теғи он куҳ ҳама хок буд,
Гиёву гулаш пок тарёк буд.
Касе, к-он гиё бо майи хушгувор
Бихӯрдӣ, накардӣ бар ӯ заҳр кор.
Шаҳаш дошт онро нигаҳбон басе,
Намондӣ, ки бе ҳадя бурдӣ касе.
Чу бишнид, к-омад Наримони гурд,
Шуду ҳадяи бекарон пеш бурд.
Зи тарёку аз гуна-гуна гуҳар,
Зи зарбафти чиниву аз симу зар.
Сипаҳбад ба ҷоҳаш басе барфузуд,
Фуруд омад он ҷову як ҳафта буд.
Бад-он шаҳр гулзор бисёр буд,
Яке чашма ба мёни гулзор буд.
Ба паҳно фузун аз ду майдон замин,
Ҳама оби он чашма чун ангубин.
Чу хуршед гетӣ биёростӣ,
Яке бонг аз он чашма бархостӣ.
Ҳама сангаш аз зер ҳам дар шитоб
Давидӣ, ситодӣ бар афрози об.
Чу кардӣ ниҳон хур фурӯғ аз ҷаҳон,
Ҳамон сангҳо боз гаштӣ ниҳон.
Аз он чанд бурд аз пайи озмун,
Сипаҳ ронд як ҳафта дигар фузун.
Яке бешаву хуш чарогоҳ буд,
Ҳама беша паррандарӯбоҳ буд.
Чу мурғон ба парвоз дар ҳар канор,
Чи бар шахху ҳомун, чи бар кӯҳсор.
Ба ҳар дард парраш будӣ суду бол,
Валекин будӣ шум бонгаш ба фол.
Беандоза з-он рӯбаҳон сар бурид,
В-аз он ҷо бишуд, назди шоҳе расид.
Бари шаҳр буд жарфгоҳе мағок,
Дар ӯ чашмаи об чун сими пок.
Бад-он чашма дар ҳар кӣ як тангбор,
Дарафкандӣ аз як ратал то ҳазор.
Чу кӯҳ оташ аз мавҷ бифрохтӣ,
Зи пас боз бар хушкӣ андохтӣ.

Ба хуну ба дуздӣ чу он мардумон
Шудандӣ ба дил бар касе бадгумон.
Бибастӣ шаҳ ӯро сабук дасту пой,
Дар он чашма андохтӣ ҳам ба ҷой.
Шудӣ гар гунаҳгор, будӣ табоҳ,
Фитодӣ бурун, гар будӣ бегуноҳ.
Дигар дид даште ҳама кандманд,
Дар он дашт саҳман дарахте баланд.
Танаш сабзу шохаш ҳама чун зарир,
Ба зераш яке чашма, обе чу қир.
Чу печон расан баргҳои дароз,
Фурӯҳишта з-ӯ то ба ҳомун фароз.
Зи нахчир ҳар-ч андар он дашту кӯҳ,
Ба беморӣ андар бимондӣ сутӯҳ,
Давидӣ, бишустӣ дар он чашма тан,
Зи пеши дарахт омадӣ чун шаман.
Хурӯшон парастидан оростӣ,
Нишастӣ гаҳе, гоҳ бархостӣ.
Дуруст ар шудӣ дар замон боз ҷой
Вагарна бимурдӣ, фитодӣ ба ҷой.
Зи нахчир, к-аз гирди ӯ мурда буд,
Ду партоб раҳ чарм густурда буд.
На бар беху шохаш, на бар баргу бор
Накардӣ зи бун оташи тез кор.
Ҳама дашт бо шеру гургу паланг,
Буд аз гирди ӯ ғурму оҳуву ранг.
На бо оҳувон юзро буд ситез,
На аз шер мар ғурмро буд гурез.

❀ ❀ ❀

Ба шаҳре дигар назди рӯде расид,
Ба ҳар сӯш мардум пароканда дид.
Миёни ғалижан забар в-аз фуруд,
Ҳама пашм ҷустанд аз он жарфрӯд,
К-аз он ҳар кӣ дорад, чу з-абри баланд
Бар ӯ оташ афтад, наёбад газанд.
Ҳама бандавор омадандаш зи пеш,
Бибурданд аз он пашм аз андоза беш.
Ҳамон ҷойгаҳ дид марде дуранг,
Сапеду сияҳ тан-ш ҳамчун паланг.
Се чашмаш – яке бар фарозу ду зер,
Ба дандон чу хукон, ба нохун  чу шер.
Зи гирдаш рада мардумон бешумор,
Басе каждуми зинда аз пешу мор.

Ҳамехӯрд аз он, к-аш газанде набуд,
В-аз он ҳар чӣ ӯро бизад, мурд зуд.
Сабук з-он палангина деви нажанд,
Ба ханҷар сару даст берун фиканд.
Ба ҷойи дигар дид ду беша танг,
Аз ин сӯ табархуну з-он сӯ ҳаданг.
Бари ҳар ду беша яке бурзкӯҳ
Бар он кӯҳ каппӣ фаровон гурӯҳ.
Ба гирдаш басе чашмаи нафту қир,
Фарозаш чу дарё яке обгир.
Ба дашт - андарун шаҳре ороста,
Чу ганҷе пароканда аз хоста.
Ҳама мардумашро фузун аз шумор
Аз он каппиён бардаву пешкор.
Зи зевар ҳама ғарқ дар симу зар,
Басоке зи гул барниҳода ба сар.
Ба бозор чун банда фарзанд низ
Дар он шаҳр бифрӯхтандӣ ба чиз.
Ҳам андар замон кас бари шоҳ кард,
Зи коре, ки бойисташ огоҳ кард.
Набуд шоҳро з-ахтари нек баҳр,
Ба пайкораш овард лашкар зи шаҳр.
Наримон биёвард лашкар ба ҷанг,
Замона бад-он подшо кард танг.
Ба кам як замон з-он сипоҳӣ бузург,
Буд афканда бисёр гурди сутург.
Гирифтандашу лашкар овора гашт,
Ҳама шаҳр бо хок ҳамвора гашт.
Зи тороҷи он шаҳру аз ганҷи шоҳ
Тавонгар бибуданд яксар сипоҳ.
Бад-ин сон ду моҳ андар он марз шод
Ҳамегашту бисёр дарҳо кушод.
Басе шаҳру бутхона тороҷ кард,
Басе шоҳро бесару тоҷ кард.
Басе марди гурдафкани паҳлавон,
Ки аз гурз бишкасташон паҳлувон.

## 119. НОМАИ ГАРШОСП БА ФАҒФУРИ ЧИН

В-аз ин сӯ ҳамон рӯз, к-ӯ рафта буд,
Сипаҳбад набисандаро гуфт: -Зуд
Яке нома оганда бо хашму кин
Биёрой наздики Фағфури Чин.

Бигӯ: -Божу сов он чи бояд, бисоз,
Чу хоқон Юғир зуд пеш ой боз,
В-агарна ба пой андарорам сарат,
Ниҳам бар сар аз мавҷи хун афсарат.
Чу гирён буте гашт килки дабир,
Зи симаш тану сар зи мушку абир.
Ба нӯшин ду лаб барзад аз мушк дам,
Зи пурсурма дида биборид нам.
Сиришкаш ҳама гавҳару қир шуд,
Гуҳар донишу қир занҷир шуд.
Ту гуфтӣ, ки тунд аждаҳое зи зар
Ки бар ганҷи дониш ниҳодаст сар.
Аз он ганҷ ёқуту дурри хирад
Ҳаме аз бари сим баргустарад.
Аз оғоз чун килк дар қор зад,
Рақам бар сараш номи додор зад.
Худованди донои парвардгор,
Зи дида ниҳон в-аз хирад ошкор.
Ҷаҳон чун яке подшоҳист рост,
Бар ин подшоҳӣ мар ӯ подшост.
Замин ҳаст ганҷаш ҳамеша ба ҷой,
Зараш – рустанӣ, чархи гардон – сарой.
Ҳаво в-оташу об – фармонбарон,
Шабу рӯз пайку сипоҳ – ахтарон.
Бари ҳар яке донишашро раҳ аст,
В-аз эшон ҳар он-ч ояд, ӯ огаҳ аст.
Дигар гуфт, к-ин номаи нағзгӯй
Зи Гаршосп–Зовулшаҳи номҷӯй –
Ба наздики Фағфури фаррухнажод,
Ки Мочину Чин сар ба сар з-ӯст шод.
Бидон, ай зи шоҳони Тӯронзамин
Дилат карда бар аспи фарҳанг зин,
Ки тахти шаҳӣ дигар ойин гирифт,
Замона раҳи фарраи дин гирифт.
Фаридуни фаррух ба гурзи набард
Зи Заҳҳоки тозӣ баровард гард.
Бибурдаш ба кӯҳи Дамованду баст,
Ба ҷояш ба тахти шаҳӣ барнишаст.
Биёрост аз доду хубӣ ҷаҳон,
Ба фармон-ш гаштанд яксар шаҳон.
Фиристод мар Коваро размков
Ба Ховарзамин аз пайи божу сов.

В-аз ин сӯ маро гуфт, баркаш сипоҳ,
Ба Фағфур шав, божу соваш бихоҳ.
Шунидӣ, ки дар Ковулу марзи Синд
Чӣ кардам, чӣ дар Ховару Руму Ҳинд.
Чи бо шеру пилу чи бо деву карг,
Чӣ бо аждаҳо рафта бар коми марг.
Чӣ касро набуд тоби ман рӯзи кин,
Туро ҳам набошад, бидонаш, бибин.
Макун, он чи з-ӯ ранҷи кишвар бувад,
Пас аз ҷанг фарҷом кайфар бувад.
Бимолад-т дасти замон гӯши бахт,
Чу аз мо расад молише бар ту сахт.
Ба фармони шоҳ ой бо бож пеш,
Чунон кун, ки хоқону з-он низ беш.
Паём он чи гуфтам забар то фуруд,
Чу фармон барӣ, бод бар ту дуруд!
Ба кӯра хирад дар дабири куҳан
Ҳамекард полуда сими сухан.
Хаташ гуфтиву хомаи дуррбор,
Ки аз мушк мӯр асту аз зарр мор.
Ҳама донаи мӯри ӯ аз гуҳар,
Ҳама захри мораш абири шакар.
Чу қиртос пӯшид мушкин зиреҳ,
Бизад бар камарбанди заррин гиреҳ.
Сипаҳбад забоноваре нағзгӯй
Бурун карду биспурд нома бар ӯй.
Нишаста шаҳи Чин ба Чандон будӣ,
Ки шаҳре набудӣ, ки чандон будӣ.
Ҳазорон ҳазор аз ялони сипоҳ
Ба даргоҳ - бар дошт бегоҳу гоҳ.
В-аз он ҷуз, ки дастуру солори бор
Надидӣ ба соле варо як-ду бор.
Буд ороста шаҳраш аз гунагун,
Зи шаш мил раҳ гирдаш-андар фузун.
Ҳама хонаҳо бар ҳам афрошта,
Ба сад ранг ҳар хона бингошта.
Сипоҳиву шаҳриш бо дастрас
Набуд андар он шаҳр дарвеш кас.
Чу шашмоҳа раҳ буми Тӯронзамин
Ба шоҳӣ варо буд зери нигин.
Саройе будаш, сар кашида ба моҳ
Дарозою паҳно ду фарсанг роҳ.

Зи хорош девору бум аз рухом,
Дар ӯ кӯшке яксар аз сими хом.
Ҳар айвон  дар ӯ кӯшк аз ложвард,
Забар ҷазъу бумаш ҳама зарри зард.
Зи ёқуту аз гавҳари обдор,
Ҳар айвон пур аз сад ҳазорон нигор.
Кашида миёни сарой аз фароз,
Мунаққаш яке парниён паҳн боз.
Чу бар вай фикандӣ фурӯғ офтоб,
Зи гавҳар гирифтӣ ҷаҳон рангу тоб.
Ду айвонаш аз зарру тахте, ки шоҳ
Нишастӣ бар он шод дар пешгоҳ.
Яке гарзан аз гавҳар омехта,
Зи болои тахташ даровехта.
Бар афрози гарзан зи ёқути зар
Яке нағз товус бикшода пар.
Замон то замон бонг бардоштӣ,
Зи болои шаҳ бол бифроштӣ.
Ба тоҷаш-бар аз ком дурри хушоб
Фишондиву аз дум бар ӯ мушки  ноб.
Чу аз раҳ фиристодаи сарфароз
Биёмад бари шоҳи Турон фароз,
Зи дарвоза то даргаҳаш шуд ду мил,
Дурӯя сипаҳ диду болову пил.
Кашида ба даргоҳ гургу наҳанг,
Ба занҷирҳо баста шеру паланг.
Зи даҳлез то пардаи шаҳрёр
Фурӯзанда шамъ аз ду рӯ сад ҳазор.
Фиристода чун чеҳраи шаҳ бидид,
Замин бӯса дод, офарин густарид.
Яке коргаҳ сохт аз ҳушу мағз
Зи дебои дониш ба гуфтори нағз.
Зи ҷон пуд карду зи фарҳанг тор,
Зи андеша рангу зи маънӣ нигор.
Ҳамебофт дар якдигар тору пуд,
Бигуфт, он чи буд аз паёму durуд.
Зи пӯзиш чу пардохт, нома бидод,
Дабир он чи буд андар ӯ кард ёд.
Чунон гашт Фағфур аз он нома тунд,
Ки аз ҳиддаташ гашт алмос кунд.
Камони ду абрӯ ба ҳам баршикаст,
Ба теғи забон бурд дашном даст.
Бад-ӯ гуфт: -Шоҳат гаҳи ному лоф
Кӣ бошад, ки ронад забон бар газоф?

Замин нест гарди сипоҳи маро,
На хуршед як боргоҳи маро.
Агар ганҷ созам биёбони хушк,
Кунам санги ӯ гавҳару рег-мушк.
Саворанд гирдам ҳазорон ҳазор,
Парокандаро кас надонад шумор.
Зи хешон ҳазору саду шасту панҷ,
Ба наздам шаҳонанд бо тоҷу ганҷ.
Аз эшон дусадрост заррина кӯс,
Ки доранд бар чархи гардон фусӯс.
Чу хоҳад ҷаҳон хур ба зароб шуст,
Зи гетӣ бар ин бум тобад нахуст.
Дар ин шаҳр бутхона дорам ҳазор,
Ки ҳар як беҳ аз ганҷи ӯ шаст бор.
Ҳама кишварам кони сим асту зар,
Куҳаш маъдану ложварду гуҳар.
Дарахташ – табархуну беша – ҳаданг,
Гиё – сунбулу уду беҷода – санг.
Паричеҳрагонаш - бути дилнавоз,
Дадаш – юзу мурғон-ш тӯтию боз.
Ялонаш – камандафкану гурдгир,
Саворон-ш - дӯзанда сандон ба тир.
Зи хонаш равон сим хезад чу об,
Фитад з-оҳуяш нофаи мушки ноб.
Бирӯяд-ш зар чун гиё аз замин,
Биёрад зи меғаш сиришк ангубин.
Таройиф ҳам эдун зи гетӣ фузун,
Ҳам аз хусравӣ дебаи гунагун.
Дигар ҷавшану таргу диръи гавон,
Сипарҳои мадҳуну баргустувон
Зи Мочину Чин то ба Ҷайҳун марост,
Бузургӣ зи ҳар шоҳе афзун марост!
Ба разм аждаҳои сарафшон манам,
Ба базм офтоби дурафшон манам!
Худой аст, к-аз ман меҳу беҳтар аст,
Дигар ҳар кӣ ӯ мар маро кеҳтар аст.
Писарро фиристодаам размсоз,
Ки аз ҳар суйе лашкар орад фароз.
Чу ӯ даррасад, сози Эрон кунам,
Ҳама бум то Рум вайрон кунам.
Фиристода гар куштан ойин будӣ,
Саратро кунун хок болин будӣ.

Забон ёфт гӯянда андар сухун,
Чунин гуфт, к-ай шоҳ, тундӣ макун!
Басе рондӣ аз гуфти бесуду ханҷ,
Агар посухи сард ёбӣ, маранҷ.
Мазан зишт беғора з-Эронзамин,
Ки як шаҳри ӯ беҳ зи Мочину Чин.
Ба ҳар шаҳ-бар аз бахт чир он бувад,
Ки ӯ дар ҷаҳон шоҳи Эрон бувад.
Ба Эрон шавад божи яксар шаҳон,
Нашуд божи ӯ ҳеч ҷой аз ҷаҳон.
Аз Эрон ҷуз озода ҳаргиз нахост,
Харид аз шумо банда, ҳар кас ки хост.
Зи мо пешатон нест банда касе,
Ва ҳаст аз шумо банда моро басе.
Вафо н-ояд аз турк ҳаргиз падид
В-аз эрониён зӣ вафо кас надид.
Шумо бутпарастеду хуршеду моҳ,
Дар  Эрон ба Яздон шиносанд роҳ.
Зи кони шаба в-аз куҳи симу зар,
Зи пӯлоду пирӯзаву аз гуҳар,
Ҳам аз дебаву ҷомаи гунагун
Ба Эрон ҳама ҳаст аз эдар фузун.
Саворони мо ҳам диловартаранд,
Яке бо сад аз чиниён ҳамбаранд.
Шуморо зи мардонагӣ нест кор,
Магар чун занон бӯю рангу нигор.
Ҳунартон ба дебост пиростан,
Дигар нақшу бому дар оростан.
Фурӯҳиштани тоби зулфи дароз,
Хами ҷаъдро додан аз ҳалқа соз.
Саросар ба товус монед нар,
Ки ҷуз ранг чизе надорад ҳунар.
Хирад бояд аз марду фарҳангу санг,
На пӯшидани ҷомаву бӯю ранг.
Агар хур бар ин бум тобад нахуст,
Чӣ бошад, на танҳо хур аз баҳри туст.
В-агар бар карони ҷаҳоне равост,
Зиён чист, к-андар миён шоҳи мост.
Зи тан ҷойи нохун ба як сӯ бар аст,
Дил андар миён аст, к-ӯ меҳтар аст.
Зи пиромани чашм хун асту пӯст,
Миён-андар аст, он ки бинанда ӯст.

Ту гарчи бузургиву боточу тахт,
Фаридун меҳ аз ту ба фарҳангу бахт.
Нишон бар фузунии ганчу сипоҳ
Ҳамин бас, ки ҳаст ӯ зи ту божхоҳ.
Агар шаб дусад моҳи гетифурӯз
Натобад ҳам он чун дурахшанда рӯз.
Ҳунарҳо саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфт чун ними кирдор нест.
Набояд туро шуд ба пайкори ӯ,
Ки инак худ омад сипаҳдори ӯ.
Агар кӯҳе аз кӯҳа дар размгоҳ
Ба найза рабояд-т чун бод коҳ.
Чӣ нозӣ ба чандин буту буткада,
Ки фардо бувад пок барҳамзада.
Дигарбора Фағфур шуд тезхашм,
Барафрохт точу барафрӯхт чашм.
Бирондаш ба хориву захми дурушт,
Бидарриду биндохт нома зи мушт.
Ду раҳ сад ҳазор аз ялон баршумурд,
Ба меҳтар писар дод хоқони гурд.
Пазира фиристод пархошчӯй,
Писар сӯйи пайкор бинҳод рӯй.
Фиристода зӣ паҳлавон шуд зи пеш,
Зи Фағфур гуфт, он чӣ буд камму беш.
Хабар дод дигар, ки лашкар ба чанг
Фиристоду инак расиданд танг.
Саворони кинтӯз бе ҳадду мар
Фиристод ҳамроҳ бо як писар.

## 120. ҶАНГИ НАРИМОН БО ПИСАРИ ФАҒФУРИ ЧИН

Наримон сипоҳ аз раҳ оварда буд,
Ҳамон гоҳ хондаш сипаҳдор зуд.
Яли зовулӣ даҳ ҳазор аз шумор
Гузин карду з-эрониён шаш ҳазор,
Бад-ӯ доду кораш ҳама кард рост,
Бад-ӯ гуфт, к-ин размн дигар турост.
Наримони ял рафту лашкар кашид,
Баробар чу наздики хоқон расид.
Бизад хаймаву сад савор аз сарон
Гузин кард кинчӯву кундоварон.
Ба расми талоя бирафт аз сипоҳ,
Ҳамекард мар чиниёнро нигоҳ.

Саворе ҳазор аз далерони Чин
Талоя буданд андар он дашти кин.
Ба ҳам бозхӯрданду разме бихост,
Ки гетӣ ба зеру забар гашт хост.
Ҳама диръи гурдон шуд аз рез хун,
Чу бар чашма нав ҳуллаи лолагун.
Наримон миён баст мар ҷангро,
Инон дода маҳ наъли шабрангро.
Гирифт аз далерон якеро камар,
Баровардгу зад бар саворе дигар.
Бикушт он дурову дигар раҳ ба кин
Ду танро гиребон гирифт аз замин.
Ба ҳам бар сару гардани ҳар ду гурд
Ҳамекӯфт, то мағзашон кард хурд.
Ҳаметохт з-ин сон чу ғурранда меғ,
На бойист гурзаш, на хишту на теғ.
Ба чашми маҳ андар ҳаме гард зад,
Зи зин мард бирбуду бар мард зад.
Гиребони сӣ мард з-ин сон ба мушт
Гирифту чиҳил тан бад-он сӣ бикушт.
Бимонданд бечора туркон зи кор,
Надидем, -гуфтанд, - аз ин сон савор.
Чу з-ин сон кушад марди ҷангӣ ба мард,
Чӣ орад ба шамшеру гурзи набард!
Яке нима шуд кушта бо теғи тез,
Ниҳоданд дигар сар андар гурез.
Хабар ёфт хоқон, сабук барнишаст,
Дижам шуд, чу дид аз талоя шикаст.
Ҳама гетӣ аз хун дар оғор буд,
Агар кӯҳ, агар дашт, агар ғор буд.
Надид аз буна размро рою рӯй,
Ки бинҳуфт шаб рӯйи гетӣ ба мӯй.
Наримон зи суйи дигар бозгашт,
Бибуданд, то тирашаб даргузашт.
Чу гашт ойинаранг рӯйи сипеҳр,
Дар ӯ меҳри рахшанда бинмуд чеҳр.
Гирифтанд ҳар ду сипаҳ тохтан,
Камин кардану саффи кин сохтан.
Зи манҷуқу аз гуна-гуна дирафш
Шуд озинзада рӯйи чархи бунафш.
Ба абр - андар аз кӯс фарёд хост,
Зи ҳар сӯ чакочоки пӯлод хост.

Ҳама осмон гарди лашкар гирифт,
Ҳама дашт ханҷиру ханҷар гирифт.
Зи хун айбаҳо лолакирдор шуд,
Синон арғувон, теғ гулнор шуд.
Ба ҳар гӯша буд гунбаде хоста,
Ҳаворо ба гулшан биёроста.
Ҳама гунбад аз гард гарданкашон,
Гулаш қатраи ханҷари сарфишон.
За бас тарги пошида ҳомун ба чеҳр
Дурафшон чу дар шаб ситора сипеҳр.
Зада килла бар кушта каргас дар абр,
Тамаъ карда рӯбаҳ ба мағзи ҳижабр.
Зи куҳ дидбон дида бигмошта,
Ба ҳомун ялон наъра бардошта.
Бад-ин гуна то шаб наёмад фароз
Начиданд кас домани разм боз.
Чу он оташин гӯйро тирашаб
Фурӯ хӯрд чун ҳиндуи булъаҷаб,
Ду лашкар зи ҷанг орамиданду ҷӯш,
Талоя ҳамедошт ҳар гӯша гӯш.
Тани хаста бастанду шустанд пок,
Ниҳуфтанд мар куштаро зери хок.
Сутуҳ буд душман зи ҷангу ситез,
Гирифтанд ҳам дар дили шаб гурез.
Наёрист будан дар он дашт кас,
Нишастанд якрӯза раҳ бозпас.
Бар он марза шаҳре дилором буд,
Ки он шаҳрро Хомҷӯ ном буд.
Дари шаҳр лашкар биёростанд,
Зи ҳар гӯша дигар сипаҳ хостанд.
Чу зад оташ аз кӯраи сабзтоб,
Шуд он тозагулҳои гардун гулоб.
Талоя расонид зуд огаҳӣ,
Ки аз чиниён гашт гетӣ тиҳӣ.
Зи чандон сипаҳ нест бар ҷой кас,
Магар хаймае чанд барҷову бас.
Хурӯш аз далерони Эрон бихост,
Пайи гардашон баргирифтанд рост.
Ба рӯзи дигар ногаҳон гармгоҳ
Расиданд дар лашкари кинахоҳ.
Талоя нахустин ба ҳам барзаданд,
Пас он гаҳ бар анбӯҳи лашкар заданд.
Чунон сахт шуд ҷанги ҳар ду гурӯҳ,
Ки дар ларза афтод аз он дашту кӯҳ.

Ҷаҳон шуд зи сандуқи пилони ҷанг
Пур аз оташандозу тири ханданг.
Ҳаме заҳри захми парандоварон
Баромехт бо мағзи кундоварон.
Шуд аз таффи ханҷар дили хора мум,
Зи заҳри синон боди гетӣ самум.
Фурӯҳишт доман зи хуршед гард,
Бало барнавишт остини набард.
Дар Эрон буд ошӯбу дар Рум ҷӯш,
Ба Чин хост гарду ба Ховар хурӯш.
Чу дарёи хун шуд сипеҳри барин,
Дар ӯ кӯҳ - киштиву лангар замин.
Ту гуфтӣ шаб аст аз сиёҳӣ замон,
Синонҳо ситора-сту гард осмон.
Наримон бурун тохт аз саф саманд,
Ба як даст теғу ба дигар каманд.
Чу деве, ки гардад зи дӯзах раҳо
Бад-ин дасташ оташ, бад-он аждаҳо.
Чапу рост ҳомун наваштан гирифт,
Ба гирди ҳамоvard гаштан гирифт.
Сари теғаш аз дил дамошом шуд,
Камандаш ба андомҳо дом шуд.
Гаҳе кушт як-як аз андоза беш,
Гаҳе хайл-хайл андарафканд пеш.
Зи кушта ҳама дашт пурпушта кард,
Ялонро зи бас захм саргашта кард.
Бидонист хоқон, ки як-як ба ҷанг
Надоранд дар разм бо ӯ даранг.
Дусад тан гузид аз далерони Чин,
Ба як сӯй лашкар шуд андар камин.
Саворе, -бифармуд, -то ҷангҷӯй
Шудаш решу биндохт хиште бар ӯй.
Пас аз вай гурезон сар андар кашид,
Биёмад, чу назди камингаҳ расид.
Ҳамон гоҳ хоқон камин баркушод,
Сипаҳ зӣ Наримон ба кин саф ниҳод.
Зи гирдаш чу девор пӯлод баст,
Гирифтанду бар вай гушоданд даст.
Биборид чандон бар ӯ гурзу теғ,
Ки дар сол борон наборад зи меғ.
Натарсиду ханҷар бароҳехт гурд,
Ба хоқон нахуст аз ҳама ҳамла бурд.
Танашро ба як захм монд аз камин
Яке нима бар зин, яке бар замин.

Аз он пас тан афканд бар дигарон,
Ҳамезад ба теғу ба гурзи гарон.
Ҳама дашт аз эшон сар афканду даст,
Ба як бор бар қалбашон баршикаст.
Далерони Эрон паси гурди чир
Ҳаме ҳамла карданд ғуррон чу шер.
Сари кушта хоқон зи пеши сипоҳ
Бибурданд бар  найза то қалбгоҳ.
Ба туркон ғирев андарафтод пок,
Фиканданд яксар тан аз зин ба хок.
Кулоҳу камарҳо биандохтанд,
Хурӯшидану мӯя барсохтанд.
Фиканданд манҷуқу кӯси набард,
Гурезон  бирафтанд пурхуну гард.
Дубаҳра шуда куштаву дастгир,
Дигар дастаи ханҷару гурзу тир.
Дари шаҳр бастанд якбор танг,
Зи дарвоза бурданд бар бора ҷанг.
Зи пиромани шаҳр сар зад сипоҳ,
Ниҳоданд ҳар сӯ яке размгоҳ.
Бибуд бора пурдойира сар ба сар
Зи бас ҷавшану гуна-гуна сипар.
Бипӯшид борони санг офтоб,
Зи пайкон фурӯ рехт парри уқоб.
Чунон нӯки новак ҳаме мағз дӯхт,
Ки бар сар ҳаме тарг аз ӯ барфурӯхт.
Зи пӯлод буд панҷаҳо бешумор,
Каманде зи ҳар панҷа-дар устувор.
Кулҷо бора з-анбуҳ бипардохтанд,
Хами панҷа дар бора андохтанд.
Бад-ӯ марди ҷангӣ ба девор - бар
Ҳаметохт чун ғунда бар тор бар.
Наримон сипар зуд бар сар гирифт,
Бари дар шуду гурзи кин баргирифт.
Ҳамекӯфт, то дар ҳама пора шуд,
Тан афканд дар шаҳру бар бора шуд.
Бипардохт девор аз анбӯҳи мард,
Фурӯ зад ба бора дирафши набард.
Ниҳоданд лашкар ба тороҷ сар,
Ҳама шаҳр карданд зеру забар.
Бикуштанд чандон аз он ҷойгоҳ
Зи кушта буд аз бум бар бом роҳ.

Ҳама коху бутхонаҳо гашт паст,
Шикаста буту сарнигун бутпараст.
Ба ҳар кас яке ганҷи ороста
Расид аз буту гунагун хоста.
Чу бурданд пок, он чи бойиста буд,
Заданд оташ  андар ҳама шаҳр зуд.
Ба ҳар кохе-андар ҳаво боди тафт
Широъе зад аз дебаи заррбафт.
Ҷаҳон пок аз оташ чунон барфурӯхт,
Ки зери замин гову моҳӣ бисӯхт.
Баромад зи ҳомун ба чархи бунафш
Дурафшанда ҳар сӯ дурафшон дирафш.
Чу боғе шуд он шаҳр пур нав суман,
Ақиқин дарахтону  симин чаман.
Ба зераш зару пӯш савсаннишон,
Забар абре аз мушк буссадфишон.
Чу ҷӯшанда дарёе аз сандарӯс,
Бухораш ҳама резаи обнӯс.
Ту гуфтӣ замин зар гудозад ҳаме,
Ҳаво зард байрам тирозад ҳаме.
Чу аз шаҳр ҷуз хок чизе намонд,
Наримон дигар рӯз лашкар биронд.
Ба якрӯза раҳ бар фурӯ орамид,
Бибуд, то ҷаҳонпаҳлавон даррасид.

## 121. ОГАҲ ШУДАНИ ФАҒФУР АЗ КУШТАНИ ПИСАР

В-аз он рӯй чун гашт хоқон табоҳ,
Шуд ин огаҳӣ назди Фағфуршоҳ.
Фиканд афсар аз сар ба сӯги писар,
Ба зер омад аз тахт, бар хок сар.
Ҳамехӯрд як ҳафта бар сӯг дард,
Пас он гаҳ биёрост кори набард.
Сипаҳбад будаш саркаше ялфикан,
Қало номи он гурди  лашкаршикан.
Саворе, ки дар Чин-ш ҳамто набуд,
Ба зӯру дилаш кӯҳу дарё набуд.
Бидодаш саду сӣ ҳазор аз сарон,
Такинони лашкар-шу номоварон.
Ба Ҷармос пури бародар-ш зуд
Наванда барафканд чун боду дуд,

Ки омад сипаҳдори ҷангӣ Қало,
Ба дарёи кӯшиш наҳанги бало.
Фиристодамаш, то бувад ёварат,
Гаҳи ҷанг танҳо бас ӯ лашкарат.
Ту бо ӯ ба пайкори эрониён
Бибанд аз пайи кини хоқон миён.
Бад-ин базм агар-т ояд аз бахт рост,
Яке нима аз Чин ба шоҳӣ турост!
Қало рафту ҳамёри Ҷармос шуд,
Ба ҳам хашмашон заҳру алмос шуд.
Ду раҳ сад ҳазор аз сарони сутург
Кашиданд дар ҳам сипоҳе бузург.
Ба шаҳри Кучо пеш рафтанд боз
Хабар ёфт Гаршосп з-он размсоз.
Наримону зовулгуруҳро ба ҷанг
Фиристоду кард ӯ ҳамон ҷо даранг.
Ба марзи Кучо назди якрӯза роҳ
Расиданд якпой ҳар ду сипоҳ.
Баробар кашиданд саффи набард,
Баромад зи ҷанговарон дорубард.
Дили кӯси кин тундаровоз шуд,
Сари теғ бо барқ анбоз шуд.
Заминро дил аз дохтан гашт чок,
Биёганд коми наҳангон ба хок.
Зи диръи набарду зи гарди камин
Замин гашт гардуну гардун замин.
Зи баргустувондор пилони маст,
Ҳама дашт буд кӯҳи пӯлод баст.
Ҳаме теғ хандид бар хӯду тарг,
Бар он сон, ки хандад бар уммеди марг.
Зи дарё ба дарё шуд аз ҷанг ҷӯш,
Зи кишвар ба кишвар расида хурӯш.
Зи захми ялон теғи кин сардарав,
Сипоҳи ялонро синон пешрав.
Саворон ба гирдоби хун-андарун,
Гавон ғарқа гаҳ рост, гаҳ сарнигун,
Зи ҷунбиш замин пок резон шуда,
Чу мастон куҳ афтону хезон шуда.
Бимонда дили шери гардун дуним,
Чу рӯбаҳ шуда шери ҳомун зи бим.
Гирифта суйи чарх ҷонҳо гузор,
Зи ханҷар дамон хун чу з-оташ бухор.

Се рӯз инчунин буд пайкори сахт,
Нагашт аз далерон яке чирбахт.
Чаҳорум чӣ шуд кори пайкор дер,
Сар омад саронро сар аз ҷанг сер.
Наримон зад андар миёни ду саф,
Ба каф гурзу аз хашм пошида каф.
Барангехт тунд абраши зудрас,
Ҳамезад чапу рост в-аз пешу пас.
Ба ҳар захм баргошт бо асп бард,
Бар ҳар ҳамла ангошт гардун ба гард.
Зи тарги саворону аз мағзи пил
Ҳамерафт овози гурзаш ду мил.
Зиреҳпӯш дар саф шудӣ размкӯш,
Бурун омадӣ боз масқулпӯш.
Кафаш чун кафи майфишорон шуда,
Чакон хун аз ӯ ҳамчу борон  шуда.
Қало дид дар лашкар афтода хавф,
Аз он захму он ҳамлаи сафшикавф.
Барафрохт аз қалб ёли ялӣ,
Бурун зад чамон чармаи чағзалӣ.
Ба дасташ яке барқкирдор теғ,
Чу алмос боранда беҷода меғ.
Хурӯшид, к-ай марди ҷангӣ, биист,
Ки аз ҷанг баргаштанат рӯй нест!
Сар омад ҷаҳонат, ба серӣ бибин,
Ки рӯзат ҳамин аст рӯйи замин.
Чӣ нозӣ бад-ин аспу ин худу тарг,
Ки ин тухми хун асту он тоҷи марг.
Наҳанге гуҳарбор дорам ба каф,
Ки гетӣ чу оташ бисӯзад зи таф.
Дамаш заҳри тез асту  алмос-ранг,
Хураш хуну дарёш майдони ҷанг.
Ҳам акнун нигун з-асп зер орадат,
Ба як дам зи тан ҷон биявборадат.
Наримон бихандиду гуфт: - Аз газоф
Чӣ шӯрӣ, ҳунар бояд ин ҷо, на лоф!
Натарсам ман аз кабки ёфадарой,
Ки уштур натарсад зи бонги дарой.
Ҳам акнун зи мағзи  ту, ай нимтур,
Кунам каргасонро бад-ин дашт сур.
Туро гар наҳангест дар ҷанг чир,
Аз он беҳ уқобест бо ман далер.

Уқобе, ки то ӯ шудаст ошкор,
Ба чӣ марг дорад равонҳо шикор.
Ҳаво – размгаҳ, кӯҳан ин абраш аст,
Дарахташ камон, ошён таркаш аст.
Ҳам акнун зи зин-т оварад зери гил,
Ба чангол мағзат, ба минқор  дил.
Бигуфт ину абраш ба хашму ситез
Ба гардиш дарандохт чун чарх тез.
Ду хамми камон «нун»-у зеҳ «дол» кард,
Хадангаш уқоби сабукбол кард.
Ба тире, ки пайкони ӯ бедбарг,
Фурӯ дӯхт бар тораки турк тарг.
Ба хок - андар аз зин нигун шуд Қало,
Биборид бар ҷонаш абри бало.
Бишуд то магар ном гирад ба ҷанг,
Бишуд ҷонашу ном н-омад ба чанг.
Дилу пушти туркон шикаст аз ниҳеб,
Гурезон гирифтанд болову шеб.
Пас андар далерони Эрон ба кин
Кушоданд бар хайли туркон камин.
Фиканданд чандон гурӯҳогурӯҳ,
Ки аз кушта шуд пушта ҳар сӯ чу кӯҳ,
Гирифтор омад даҳу шаш ҳазор,
Силеҳу сутурон гузашт аз шумор.
Ҳама дашт буд рехта хоста,
Зи кушта ҷаҳон чанд бархоста.
Суйи беша Ҷармос танҳо бирафт,
Ҳаметохт тунд асп чун бод тафт.
Дарахтеш пеш омад андар гурез,
Бурун дошта з-ӯ яке шохи тез.
Барафтод ҳалқаш бар он шох сахт,
Бирафт аспу ӯ кушта шуд бар дарахт.
Сипоҳаш набуд аз вай огоҳ кас,
Ки ҳар кас ғами хеш донист бас.
Ҳар он гаҳ биёмад замона фароз,
Нагардад ба мардиву андеша боз.
Киро чашми дил хуфту бахташ ғунуд,
Агар чашми сар боз дорад, чӣ суд!
Наримон чу пардахт аз он размгоҳ,
Ба гирди Куҷо хайма зад бо сипоҳ.
Буд андар Куҷо номвар меҳтаре,
Нигаҳбони он марзи некахтаре.

Чу дар чиниён дид, к-омад шикан,
Меҳон ҳар чӣ буданд, кард анҷуман.
Дижам гуфт: -Ҳар к-ӯ саранҷоми кор
Набинад, бипечонадаш рӯзгор.
Сипоҳе чунин размсоз эдар аст,
Зи пас бист чандин дигар лашкар аст.
Ба хоқону Ҷармосу ҷангӣ Қало
Нигар, к-ин сипаҳбад чӣ кард аз бало.
Ба ҳар шаҳр, к-аш ҷангу пайкор буд,
Шуд он шаҳр бо хок ҳамвор зуд.
Ситезоварӣ кори Аҳриман аст,
Ситеза ба пархош обистан аст.
Ҳамон беҳ, ки зинҳор хоҳем аз ӯй,
Бад-он то набошад зи мо кинаҷӯй.
Чунин гуфт ҳар кас, ки Фағфури Чин
Набояд, ки дорад дил аз мо ба кин.
Фағистони хоқону ганҷ эдар аст,
Бад-он гар раҳем, ин сухан дарх(в) ар аст.
Чу меҳтар ба ҳам рояшон дид рост,
Сазои Наримон басе ҳадя хост.
Шудаш пеш бо хайли меҳзодагон,
Тани хеш кард аз фиристодагон.
Парастишкунон офарин карду гуфт,
Ки бодат ба меҳр ахтари нек ҷуфт.
Ҳаме меҳтари шаҳр гӯяд, ки ман
Туро бандаам в-ин бузург анҷуман.
Шудаст он ки фарзанди шаҳи Куҷост,
Ту куштӣ падар, ӯ надонам куҷост.
Дуруст аст дигар ба наздат хабар,
Ки Фағфуршаҳрост ин буму бар.
Аз ӯ боз пардозу аз Чин нахуст,
Пас он гаҳ тану ҷони мо пеши туст.
Ба паймон, ки эмин бувад бутпараст,
Ба бутхонаҳо кас наёзанд даст.
Сипаҳдор гуфт: -Истодам бар ин,
Маро бо шумо нест пайкору кин.
Наёрам фағистони хоқон ба ранҷ,
Супоред, ҳар-ч эдараш ҳаст ганҷ.
Суйи шаҳр баста мадоред роҳ,
Ки то ҳар чӣ хоҳад, бихаррад сипоҳ.
Бар ин даст бигрифту хатташ бидод,
Биёрост он шаҳр яксар ба дод.

Яке гурд гарди сипаҳ барфиканд,
Хурӯшид ҳар сӯ ба бонги баланд.
Ки бо шаҳр касро ба бад кор нест,
Чу бошад, мукофош ҷуз дор нест.
Ҳама ганҷи хоқон, ки буд дар ниҳон,
Баровард беш аз баҳои ҷаҳон.
Ба пушти ҳаюнони бухтӣ ҳазор
Ҳаме ҳафтае рахт бурданду бор.
Пароканда бутхонаи гунагун
Бад-он шаҳр-дар буд сесад фузун.
Ҳама чун биҳишти нав ороста,
Ба гавҳар дару бом пироста.

## 122. ДОСТОНИ ҚУБОД

Гаве буд ҳунарманд, номаш Қубод
Аз Аҳвоз гурде фаридуннажод.
Ҳамегашт бо чокарон гирди шаҳр,
Ки гирад зи дидори он шаҳр баҳр.
Ба бозор бутхонае нағз дид,
Ки буд аз баландӣ сараш нопадид.
Замин ҷазъу деворҳо ложвард,
Дараш зарру беҷода бар зарри зард.
Ба даҳлезгаҳ тоқаш аз обнӯс,
Ки бурҷаш ҳаме моҳро дод бӯс.
Ҳама хамми тоқ аз гуҳар пурнигор,
Дар ӯ баста қандили заррин ҳазор.
Бари дар зи мармар ду дуккон зада,
Ба ҳар як - бар аз бутпарастон рада.
Ба миҷмар фурӯзон ҳама мушки ноб,
Шуда дуд чун меғ дар офтоб.
Шуд аз бас гуҳар хира чашми Қубод,
Биянбошт мағзаш зи бас мушк бод.
Дар он хона шуд хост, нагзоштанд,
Шаман ҳар чӣ буд, бонг бардоштанд.
Ба назди худоёни мо бор нест,
На ҳамкешӣ, эдар туро кор нест.
Қубоди ҳунарҷӯй буд тунду тез,
Бароҳехт ханҷар ба хашму ситез.
Бад-он чокарон гуфт: -Яксар диҳед,
Зи хун бар сари ҳар як афсар ниҳед.
Аз он бутпарастон бияфканд ҳафт,
Ҳама чок зад пардаи заррбафт.

Ҳама шаҳр аз он дард бирён шуданд,
Ба фарёд назди Наримон шуданд.
Фиристод гурди сипаҳбад ба ҷой
Яке сарвар аз ходимони сарой.
Бад-ӯ гуфт: -Бар дор кун, ҳар кӣ ҳаст!
Бишуд ходиму дид бутхона паст.
Ҳама шаҳр бо гиряву сард бод,
Хурӯшон гирифта қабои Қубод.
Шуда чокарон-ш аз гуҳар боркаш,
Буте заррпайкар кашон зери каш.
Наёрист бад кард, к-ӯ аз сипоҳ
Буд аз вижагони Фаридуни шоҳ.
Чӣ шӯр аст, -гуфт, -ин ки ангехтӣ,
Ки хок аз бари торакат рехтӣ.
Сипаҳбад туро дор фармуд ҷой,
Бирав назди ӯ зуду пӯзиш фазой.
Қубод аз бузургӣ барошуфту гуфт:
-Ба Эрону Тӯрон маро кист ҷуфт?
Фаридун дуруштам нагӯяд сухун,
Кӣ ёрад маро гуфт бар  дор кун!
Зи ту бебаҳотар куҷо хост кас,
Ки бибридапешиву бидридапас!
Киӣ ту, ки бо ман бувӣ ҳамзабон,
Ки н-аз хайли мардониву н-аз  занон.
Сипаҳдорро дод ходим хабар,
Ки ҳаст он Қубоди фаридунгуҳар.
Агарчи маро дасти дашном бурд,
Туро низ ҳам чандие баршумурд.
Бибахшӣ  гуноҳаш, беҳ аз дору банд
Набояд, ки гардад шаҳаншаҳ нажанд.
Наримон барошуфту дашном дод,
Ба ходим дигар бор пайғом дод,
Ки гар худ Фаридуншаҳи фаррух ӯст,
Зи дор андаровезаш оҳихта пӯст.
Нидо кун, ки он кас, ки бар меҳтараш
Кунад саркашӣ, ин расад бар сараш.
Варо бо гурӯҳаш ба ҳам ҳар кӣ буд,
Ҳамон ҷо кашиданд бар дор зуд.
Хуйи зишт фарҷоми  кор ин кунад,
Ҳама офарин боз нафрин кунад.
Хуйи зишт дев асту некӯ парӣ,
Суйи зиштхӯйӣ нигар, нангарӣ.

Ҳамеша дари неку бад ҳаст боз,
Ту сӯйи дари беҳтарин шав фароз.
Чу бишнид Гаршосп кори Қубод,
Писандиду гуфт: -Ин бувад роҳи дод.
Наримон набудӣ маро ҳамгуҳар,
Агар кардӣ аз роҳи паймон гузар.
Чи рафтан зи паймон, чи гаштан зи дин,
Ки ин ҳар ду меҳ з-осмону замин.
Чу ёри гунаҳкор бошӣ ба бад,
Ба ҷойи вай ар ту бипечӣ, сазад.
Дар он ҳафта нахчирвоне зи дашт
Бад-он сӯ, ки Ҷармос буд, баргузашт.
Бидидаш зи шохе даровехта,
Зи сар мағзу хун дар замин рехта.
Чу шоҳи Куҷо огаҳӣ ёфт рост,
Фиристод кас в-аз Наримон бихост.
Ниҳуфташ ба дебову кофуру мушк,
Танаш сӯхт дар оташи уди хушк.
Бари шаҳ фиристод хокистараш,
Бигуфт, он ки бар сар чӣ ронд ахтараш.
Чӣ бояд ба гетӣ чунин ранҷ бурд,
Ки он кас, ки беранҷ буд, ҳам бимурд.
Ҷаҳон он наярзад бари пурхирад,
Ки доное аз баҳри ӯ ғам хурад.
Гарат ғам намояд, ту шав комҷӯй,
Май оташ куну ғам бисӯзон бар ӯй.
Аз он пухта май лаъл кун ҷомро,
Ки пухта кунад мардуми хомро.
Киро бо хумори гарон тоб нест,
Варо чун кабобу майи ноб нест.
Ҳаме май хур, аз бун махур ҳеч дард,
Ки май сурх дорад ду рухсори зард.
Ҷаҳон бод дон, бода баргир шод,
Ки андар кафат бода беҳтар зи бод.
Лаби турку шодиву ромиш гузин,
К-ит андар ҷаҳон ройи беҳ нест з-ин.
Гарат ройи он нест, бедор бош,
Парастандаи покдодор бош.
Ҳамон хоҳ бегонаву хешро,
Ки хоҳӣ равону тани хешро.
Чунон зӣ, ки мӯр аз ту набвад ба дард,
На бар кас нишинад зи ту боду гард.

## 123. РАФТАНИ НАРИМОН БА ШАҲРИ ФАҒАНШӮР

Наримон аз он пас чу як маҳ нишаст,
Ҳар он-ч омадаш ганҷи Хоқон ба даст,
Ба солори шаҳри Куҷо баршумурд,
Бинеҳ низ, ҳар-ч он нашойист бурд.
Бад-ӯ гуфт: -Чун аммам ояд фароз,
Ҳам эдун бад-ӯ пок биспор боз.
В-аз он ҷо ду ҳафта биёбону дашт
Сипарду зи марзи Куҷо баргузашт.
Ба шаҳри Фағаншӯр шуд бо сипоҳ,
Бизад хайма гирдаш ҳам аз гарди роҳ.
Фиристӯҳ шоҳи Фағаншӯр буд,
К-аз ахтар ба шоҳиш маншур буд.
Бифармуд пайкору бар бора шуд,
Ҳама шаҳр бо ӯ ба наззора шуд.
Наримон ҳамон рӯз дар марғзор
Ҳамегашт бар гирди лашкар савор.
Чу пили даванда яке говмеш
Ҳаметохт хайле дарафканда пеш.
Чапу рост ҳамла баророста,
Ҳама бора з-ӯ ханда бархоста.
Наримон чу дидаш, пас аз асп ҷаст,
Суруҳош бигрифт ҳар ду ба даст.
Ба як зӯр гардан-ш бартофт тафт,
Сарашро биканду бияфканду рафт.
Шуд аз бим бар чашми шаҳ тира ҳур,
Ба дил гуфт: -Бо ин кӣ шӯрад ба зӯр?!
Бишуд ҷони Ҷармосу ҷангӣ Қало,
Чаро ман шавам хира пеши бало?
Чу тозагули рӯз пажмурда шуд,
Чароғи сипеҳр аз паси парда шуд.
Бисозид сад тахти зебо зи ганҷ,
Зи динори Чин бадра панҷоҳу панҷ.
Ситора саропардаи заррбафт,
Ба баргустувону зиреҳ пил ҳафт.
Чиҳил хайма сода зи чарми паланг,
Ситора даҳ аз дебаи ранг-ранг.
Ҳазор уштур аз бухтиву ҷангалӣ,
Дусад аспи тоториву ҷазғалӣ.
Сад аз ридаки турку дилбар каниз,
Силеҳу таройиф зи ҳар гуна чиз.
Чу Хуршед-бар Шер бинҳод гоҳ,
Миён пешаш андар ба хам кард Моҳ.

Ҳама бурд пеши Наримони гурд,
Ба Меҳр офарин карду бар вай шумурд.
Бад-ӯ гуфт: -Мо пеши ту бандаем,
Кеҳу меҳ дил аз меҳрат огандаем.
Ба шаҳр - андарун ҳар чӣ хоҳад сипоҳ,
Ба доду ситад баркушодаст роҳ.
Аз оғоз кун кори Фағфур рост,
Пас он гаҳ зи мо ҳар чӣ хоҳӣ, туро́ст.
Сипаҳбад писандиду бикшод чеҳр,
Бипайваст бо ӯ ба як ҷой меҳр.
Ба базму ба нахчиру чавгону гӯй
Замоне набудӣ ҷудо ҳеч аз ӯй.
Чунин гуфт як шаб Фирустӯҳшоҳ,
Ки дорам яке хуб нахчиргоҳ.
Куҳу дашташ оҳу гала дар гала,
Ҳамон ёл парварда гӯри яла.
Гавазнону ғурмон шуда тездан,
Ба шӯриш-дарун шер бо каргадан.
Чу фардо шавад чоки рӯз ошкор,
Сазад, гар бад-он ҷой ҷӯйӣ шикор.
Маю базму нахчиру дирҳам занем,
Дамодам набиди дамодам занем.
Ба ҳар бода з-оғози шаб то ба бун,
Аз он дашту нахчирашон  буд сухун.
Бибуданд масту бихуфтанд шод
Ба оромгаҳ ҷумла то бомдод.
Чу аз дидаи рӯз полуд хоб,
Даранги шаби қиргун шуд шитоб.
Пагаҳ дашти нахчир бардоштанд,
Зи гардун маҳи гирд бигзоштанд.
Хазон буд гаҳи баргрезон разон,
Ҷаҳон сабзу байрам ба зардӣ разон.
Зи дурру гуҳар токи риштанамой,
Замин заргудозу ҳаво симсой.
Сари куҳ сапеду рухи дашт зард,
Хуми бода лаъл, обдон ложвард.
Расида ба ҷойи суман бодранг,
Сутурда зи чеҳри суман бод ранг.
Кулангон зи пар сохта дастбанд,
Хурӯшон зада саф дар абри баланд.
Шикорӣ баромад зи болову зер,
Сафи азму оҳу буду гургу шер.

Зи шохи гавазнон рама дар рама,
Замин бешае гашта очин ҳама.
Зи борон ҳаво ҳамчу абри баҳор,
Зи хуни тазарвон замин лолазор.
Дамон юзи ёзон бар оҳубара,
Нигун сохта чарх бар кӯдара.
Ба нованд ҳар ҷой харгӯшу саг,
Сутурон ба хай ғарқа монда зи таг.
Гирифта суйи кабк шоҳин шитоб,
Зи хун карда чангал ақиқин уқоб.
Фитода ғави табли туғро дар абр,
Гурезон зи гарди саворон ҳижабр.
Зи куҳ дидабон наъра бардошта,
Каминоварон гӯш бифрошта.
Чу гурде шуда юз, к-аш дар набард
Бувад тарг заррину хафтон-ш зард.
Ҳама зард хафтон-ш дар размгоҳ,
Зи хун гашта пур нуқтаҳои сиёҳ.
Ниҳода бар оҳу сияҳгӯш чашм,
Ҷаҳон чун дурахш аз камингаҳ ба хашм.
Сари гӯши қирин чу нӯки қалам,
Нишон пеши барри замин чун дирам.
Сипаҳдор дар ҳамла бо шеру карг
Ба паймон ҳамерехт алмоси марг.
Гаҳ афканд нахчир бар дашту роғ,
Гаҳе зад ба ғолук дари меғ моғ.
Сари гӯр буд аз камандаш ба дом,
Дили шер шамшери ӯро ниём.
Бияфканд шаш гургу ҷангӣ ду шер,
Дили ташнаҳомун зи хун  кард сер.
Нишастанд аз он пас миёни фаразд,
Ҳаме баргирифтанд кор аз маязд.
Зи зер обу з-афроз боранда барг,
Миёнаш сари шеру дандони карг.
Ба каф ҷому дар гӯш бонги рубоб,
Ба оташ сурини гавазнон кабоб.
Ҳамон ҷо, ки марзи Фиристӯҳ буд,
Дизе ҷойи duздони настӯҳ буд.
Дизе сар-ш бар авҷи рахшанда меҳр,
Раҳи пурхамаш нардбони сипеҳр.
Зи болош гуфтӣ, ки дар жарф чоҳ,
Фалак чашмаву чашми моҳист моҳ.

Ба соле шудӣ мурғ аз ӯ бар фароз,
Ба моҳе расидӣ аз ӯ зер боз.
Наримон бипурсид, к-ин диз кирост,
Фиристӯҳ гуфт: -Ай ради роҳрост,
Яке дузди раҳдор бо мард шаст
Дар ин диз, бар ин кӯҳ дорад нишаст.
Зи говону аз гӯсфандон ҳама
Зи шаҳрам рабудаст чандин рама.
Замон то замон корвонҳо  барад,
Пайе ҷуз ба тороҷу хун наспарад.
Бар ин кӯҳ раҳ нест аз пешу пас,
Ҳамин яктана роҳи танг асту бас.
Ҳамасола хайле бар ин кӯҳсор
Нишинанду надҳанд касро гузор.
Сипаҳдор гуфто: -Раҳонам-т аз ин,
Кунам рост ин кӯҳу диз бо замин.
Каминро дусад гурди саркаш бихонд,
Ба байғулаҳо - дар ниҳон дарнишонд.
Зи ҳар гӯшае, -гуфт, -доред гӯш,
Чу ман з-ин сари куҳ барорам хурӯш.
Шумо сар ҳама сӯйи боло ниҳед,
Матарсед, аз рост в-аз чап диҳед.
Ҳамон гаҳ бипӯшид хафтони кин,
Зи боло қабо карда зарбафти Чин.
Ба дастори шора бипӯшид тарг,
Ниҳон зер - дар гурзи борандамарг.
Биёмад, чу шуд танг бо теғи кӯҳ,
Заданд аз бараш бонги тунд он гурӯҳ,
К-аз ин сон бар ин куҳ чӣ пӯйӣ далер,
Магар ҳастӣ аз сар-т якбора сер?!
Бар ин ройи ту низ duздидан аст,
Ва ё ройи ин кӯҳу диз дидан аст?
Чунин гуфт, к-аз дашти нахчиргоҳ
Ба солоратон нома дорам зи шоҳ.
Аз он шора сарбанду чинӣ қабой,
Ниҳонаш наёбед касро ба ҷой.
Чу омад бари теғи куҳсору бурз,
Бизад наърае тунду бифрохт гурз.
Сипаҳ яксар овоз бишнохтанд,
Хурӯшон суйи теғи куҳ тохтанд.
Зи диз низ дуздон ҳама пешбоз
Давиданду пайваст разме дароз.

Зи таффи табар в-оташи теғу тоб
Бурун хост аз хора оҳан чу об.
Чунон ҳар камар ҷӯйи хун даргирифт,
Ки куҳ чодари лаъл дар сар гирифт.
Бар он роҳдорон чу шуд кор танг,
Бирафтанд дар диз гурезон зи ҷанг.
Сипаҳ саф зад аз гирди диз чорсӯ,
Дили меҳру маҳ разм кард орзу.
Зи пайкони кин оташ ангехтанд,
Ба ҳар ҷой лоту даровехтанд.
Ҳаво гашт занбӯрхона зи тир,
Шуд аз сангборон рухи хур чу қир.
Ҳаме ҷангӣ аррода аз ҳар карон
Биборид бар мағз санги гарон.
Ҳамон абри куҳбори пайкорсоз,
Ки боронаш аз зер буд бар фароз.
Дарахтест, гуфтӣ, равон қалъакан,
Аз оҳан варо баргу шох аз расан.
Бар ӯ ошён карда мурғони ҷанг,
Чӣ мурғон, ки-шон марг минқору чанг.
Ҳар он мурғ, к-аз вай ба парвоз шуд,
За захмаш сари кӯҳ пурмоз шуд.
Буни бора сар то сар охун заданд,
Нигун бора бар рӯйи ҳомун заданд.
Ба рахна сипаҳ сар ниҳоданд зуд,
Зи duздон бикуштанд, ҳар кас ки буд.
Ба солори дуздон чу биштофтанд,
Ба кунҷеш - дар хонае ёфтанд.
Тане даҳ зи ёрон-ш бо ӯ ба ҳам,
Ба дашна дариданд дил дар шикам.
Наримони ял, ҳар чӣ чизе шигифт
Дар он диз буд аз хоста, баргирифт.
Диз он гаҳ Фиристӯҳро дод боз,
Кашиданд зӣ шаҳр бо кому ноз.

## 124. ХАБАР ЁФТАНИ ФАҒФУР АЗ КУШТАНИ ҶАРМОС ВА ҚАЛО

В-аз он рӯй Ҷармосу ҷангӣ Қало
Чу монданд беҷон ба чанги бало,
Зи ҳар дар хабар назди Фағфур шуд,
Дижам гашту з-ором дил дур шуд.

Яке ҳафта бо дарду бо сӯг буд,
Аз он пас Такинтошро хонд зуд.
Дубора чиҳил бор бевар ҳазор
Гузин кард гурдони ханҷаргузор.
Бар эшон зи хешон ду солор кард,
Дусад пил бо ҳар яке бор кард.
Шитобанда фармуд, то размсоз
Ҳама пеши Гаршосп рафтанд боз.
Дигар лашкаре бекарон баршумурд,
Ки ояд ба ҷанги Наримони гурд.
Буд андар Куҷо паҳлавони сипоҳ,
Ки омад наванди Наримон зи роҳ.
Хабар дод, к-аз назди Фағфури Чин
Сипоҳе беандоза ояд ба кин.
Дарозои лашкаргаҳи ин сипоҳ
Ба назди уқоб ар бипаррад, ду моҳ.
Биёбон яке гом бемард нест,
Ҳама чарх як бурҷи бе гард нест.
Суйи ман дигар лашкаре размсоз
Бурун кард, хоҳам шудан пешбоз.
Зи ду рӯй пеш аст пайкори сахт,
Бикӯшем, то мар киро ёр бахт.
Ба посух сипаҳдор гуфташ, ки ҳеч
Мабар ғам, ту разм ору мардӣ пасеч.
Ба ҳар кор бедору башкӯл бош,
Ба шаб душмани хоби фарғул бош!
Дучандон агар лашкар ояд ба ҷанг,
Ба як ҳамлашон беш надҳам даранг.
Кунам корзоре ба рӯзи ситез,
К-аз ӯ боз гӯянд то растахез.
Даҳу шаш ҳазори дигар номҷӯй
Ба ёрӣ фиристод наздики ӯй.
Яке нома шоҳи Куҷо дар ниҳон
Биёвард зӣ паҳлавони ҷаҳон,
Ки солори Фағфури Чин дода буд,
Ниҳуфта паёмаш фиристода буд,
Ки чун бо сипаҳ гардан афрохта
Биёям, кунам саффи кин сохта.
Ту з-он сӯ бизан бар буна бо сипоҳ
Ба шамшер аз эрониён кинахоҳ.
Сипаҳбад варо гашт аз он меҳр дӯст,
Бидонист, к-аз дил ҳавохоҳи ӯст.
Басе додаш уммеду чанде навохт,
Ҳам он ҷо, ки буд, кори лашкар бисохт,

Ки буд шаҳр бо лашкаре ёри ӯ,
Ҳама хуш буд аз хуб кирдори ӯ.
Чу бадхоҳ бо лашкар андар расид,
Баробар ситора ба маҳ баркашид.
Яке пил буд-ш аз сапедӣ чу оҷ,
Бибаст аз бараш тахт – сандуқи соҷ.
Гузин кард гурде ҳазор аз сарон
Барафрохт аз кӯҳа гурзи гарон.
Суйи чиниён рафт, то бингарад,
Дирафши сарон як ба як бишмарад.
Ҷаҳон дид яксар рада дар рада,
Широъу дирафшу ситора зада.
Зи ҳар сӯ саропарда аз ранг-ранг,
Ҳамон хиргаҳу хаймаҳои паланг.
Талоя чу дидаш, сабук тохтанд,
Ба якҷой пайкор барсохтанд.
Сипаҳбад барангехт пил аз нахуст,
Зи таркаш ходанге душоха биҷуст.
Якеро зад, афтод бар гарданаш,
Сарашро чу гӯйе рабуд аз танаш.
Дигар дид тозон саворе далер,
Сабук ҷаст бо ханҷар аз пил зер.
Задаш бар сару таргу хафтони кин,
Ба ду ним шуд мард бо аспу зин.
Талоя чу диданд, бигрехтанд,
Кас аз бими ҷон дарнаёвехтанд.
Ҷаҳонпаҳлавон низ баргашт боз,
Ки шаб танг буд, кас набуд размсоз.
Тани куштагон ҳар ду з-он дашти кин
Ба солор бурданд туркони Чин.
Дили ҳар ду солор аз он хира шуд,
Ҷаҳон пеши чашми ялон тира шуд.
Барафканд ҳар як наванде ба роҳ,
Яке нома бо куштагон пеши шоҳ,
Ки гуфтанд: -Гаршосп суст асту пир?
Бибин захмаш инак ба теғу ба тир!
Ба пайкон сар аз тан рабояд ҳаме,
Ба теғаш зи як тан ду ояд ҳаме.
Аз эронсипоҳ аст бисёр мар,
Ҳама ҷонфурӯшони пайкорхар.
Саворон-ш чунон ки рӯзи набард
Зи дарё ба гардун бароранд гард.

Ба нӯки синон Рум бар Чин зананд,
Ба гирди маҳ аз найза парчин занад.
Пиёда чу банданд дар ҳам сарой,
Напечанд, агар мавҷ хезад зи ҷой.
Ту гуйӣ, ки девори сафбастаанд,
Агар чун дарахт аз замин рустаанд.
Ба оҳун задан дар замон аз шитоб
Сабуктар зи моҳӣ раванд андар об.
Агар дар биёбон бари регу санг
Нишон созӣ аз ҳалқаи хурд танг.
Ба зудӣ зи сад мил раҳ бештар,
Бар он ҳалқа з-оҳун бароранд сар.
Сипаҳкаш чу Гаршосп – гурди далер,
Ки нахчири ӯ гургу дев асту шер.
Зи ҳомун ба пил - андарун рӯзи кин
Дарояд чу чобуксаворе ба зин.
Яке найза з-оҳан ба чанг - андарун,
Ту гӯйӣ, ки ҳаст осмонро сутун.
Кучо кӯфт бар кӯҳ гурзи гарон,
Дар он захми куҳ бигзарад корвон.
Пиёда кунад беш ҷангу набард,
Барорад зи гурдон гаҳи ҳамла гард.
Валекин ба бахти ту, шохи баланд,
Паси нома назди ту бошад ба банд.
Чу шаб теғи маҳ баркашид аз ниём,
Ба адҳам барафканд заррин ситом,
Зи ҳар ду сипаҳ хост бонги ҷарас,
Талоя ҳамегашт бар пешу пас.
Ҳама шаб далерони Эрону Чин
Дар оройиши разм буданду кин.

## 125. РАЗМИ ГАРШОСП БО СОЛОРОНИ ФАҒФУР

Чу зад рӯз бар тирашаб дуздвор,
Сапеда баромад чу гарди савор.
Ҳаво нилгун шуд чу теғи набард,
Чу рухсори баддил замин гашт зард.
Ду лашкар ба пархош бархостанд,
Баробар сафи кин биёростанд.
Баромад дами мӯҳраи говдум,
Хурӯшон шуд аз хом рӯйина хум.

Замин монд аз орому чарх аз шитоб,
Ба куҳ хун кушод аз дили санг об.
Дами баддилону тафи теғу тир
Баромехт чун оташу замҳарир.
Сари найзаро шуд зи дил мағзу тарг,
Забон гашта шамшеру гуфтор - марг.
Ту гуфтӣ ҳаво буд яке сар кавор,
Замин куштаи зораш андар канор.
Ғави кӯс будӣ, ғиреваш бадард,
Синонҳо – мижа, ашк – хун, ҷома – гард.
Ба ҳар гом буд миғфаре зери пай,
Пур аз хун чу ҷоме, пур аз лаъл май.
Шуда теғ дар мағзи сар заҳрсой,
Синон аз ҷигар бар дил акҳалкушой.
Дилу чашми баддил ба роҳи гурез,
Далерон шуда марғро ҳамситез.
Зи хам карда хартуми пилон каманд
Ба ёли ялон - андар афканда банд.
Якеро ба дандон барафрохта,
Якеро ба зери пай андохта.
Ҳаметохт Гаршосп бар жандапил,
Ҳамедӯхт дилҳо ба тир аз ду мил.
Чунон чарх пургарду пурбод кард,
Ки гардун, ки буд ҳафт, ҳафтод кард.
Будаш панҷа бар найзаи оҳанин,
Шудӣ дар миёни саворони кин.
Бад-он найза аз пил дартохтӣ,
Зи зин-шон ба абр - андар андохтӣ.
Ба ҳар сӯ, ки аз ҳамла кардӣ ҳаво,
Чу парранда мардум будӣ дар ҳаво.
Суйи қалби туркон ба пайкор шуд,
Ба кин ҷустани ҳар ду солор шуд.
Ба найза якеро ҳам андар шитоб
Рабуд аз камин ҳамчу оҳу уқоб.
Задаш з-абр бар санг, то гашт хурд,
Бияфканд аз ин гуна бисёр гурд.
Ҳаме ҳар суй аз ҳамла бар пушти пил
Биянбошт аз чиниён рӯди Нил.
Чунин буд, то рӯз бегоҳ шуд,
Зи шаб домани разм кӯтоҳ шуд.
Чу дарёи қор аз замин бардамид,
Дар ӯ чашмаи зард шуд нопадид.
Ду лашкар зи пайкор гаштанд боз,
Талоя ҳама гашт шебу фароз.

Ҳаме шаб зи бас бими эрониён
Наёрист турке кушодан миён.
Ҳама ҳар кас аз тарс оташ фурӯхт,
Яке хаста басту яке кушта сӯхт.
Чу чашма зи доми дами аждаҳо
Барафрӯхт в-аз банди шаб шуд раҳо.
Аз ӯ чарх бар теғи кух ранг зад,
Ту гуфтӣ, ки динор бар санг зад.
Ду лашкар дигар раҳ ба кин омаданд,
Далерон зи бистар ба зин омаданд.
Баромад зи кӯсу табира ғирев,
Зи бим об шуд заҳраи наррадев.
Пур аз шеру шамшер шуд размгоҳ,
Аз оҳан қабову зи оҳан кулоҳ.
Дамид аз дили айба оташ бурун,
Зи чашми зиреҳ чашма бикшод хун.
Зи хишту шалу новаки саркашон
Забар чарх гуфтӣ шуд оташфишон.
Зи хун аз дару дашт биншаст гард,
Шино бурд дар хун ҳаме аспу мард.
Зи хартуми пилон ҳама дашту ғор
Ба ҳар гом чун пӯстафканда мор.
Гароянда бозуи кундоварон
Ҳамерехт заҳри парандоварон.
Сипоҳ оҳанин борае буд ду мил,
Ҳама бурҷи он бора аз жандапил.
Зи бас ханҷару тарг дар теғ теғ,
Зи ҳар қатраи хун бишуд меғ меғ.

## 126. ҶОДУӢ КАРДАНИ ТУРКОН БАР ЭРОНИЁН

Чунин буд як ҳафта пайваста ҷанг,
Ҷаҳон гашт бар чиниён тору танг.
Буд аз хайлашон ҷодувон бешумор,
Гирифта беандоза парранда мор.
Ба афсунгарӣ бар сари теғи кӯҳ
Шуданд аз паси пушти эронгурӯҳ.
Ҳаме мор карданд паррон раҳо,
Намуданд аз абр андарун аждаҳо.
Тагарг овариданд бо боди сахт,
Пас аз бод сармо, ки даррад дарахт.

Буд аз сӯйи Тӯронзамин офтоб
В-аз ин сӯ зи сармо ҳаме ях шуд об.
Чунон гашт, к-аз бод бифсурд шах,
Ҳама дашту куҳ барф густард ях.
Дурахши ҷаҳанда ҷаҳон барфурӯхт,
Сияҳ абр бо чарх доман бидӯхт.
Бар эрониён хост омад шикаст,
Ки бекор шудшон зи пайкор даст.
Хабар ёфт аз ҷодувон паҳлавон,
Фиристод чанде диловар гавон.
Бар эшон зи ногаҳ камин сохтанд,
Сароншон ба ханҷар бияндохтанд.
Ҳамон гаҳ зи сармо ҷаҳон пок шуд,
Ҳама тунбали ҷодувон пок шуд.
Бари кори Яздони кайҳонхидев
Чӣ дорад баҳо кори ҷодуву дев.
Ҳама гетӣ ар душмани туст пок,
Чу Эзид нигаҳдор бошад, чӣ бок!
Сипаҳдор бар пил ҳам дарзамон
Хурӯшиду пеши саф омад дамон,
Ки гар-тон далерист, ҷанг оваред,
На дар ҷанг найрангу ранг оваред!
Ҳаме аждаҳо з-абр созеду санг,
Чунин кӯдаконро намоед ранг.
Бари мо дамон аждаҳои набард
Каманди ялон аст бар тира гард.
Ҳамон хишту тир аст мори бапар,
Фусунгар – саворони пархошгар.
Тагарги фишонанда борони тир,
Дами баддилон з-он шуда замҳарир.
Ба номи Худои суруши сиришт,
Ба шаҳривару меҳру урдибиҳишт,
Ба фарри Фаридуну арҷаш ба ҳам,
Ба гоҳу гаҳи шоҳ Ҳушангу Ҷам,
Ки аз ман раҳоӣ дар ин корзор
Наёбед кас ношуда кор зор.
Бизад хишту солорашонро зи зин
Фиканду ба эрониён гуфт: -Ҳин
Киро бар сар ояд дами растахез,
Ба Эрон нахоҳед будан гурез.
Сар аз кин абар кӯҳаи зин ниҳед,
Ба теғу ба гурзу табарзин диҳед.

Маро гар на пирӣ бибастӣ ба ҷой,
Ба танҳоӣ овардамешон зи пой.
Ду лашкар ниҳоданд дилҳо ба марг,
Биборид тир аз ду сӯ чун тагарг.
Чу буд ҷанг чанде ба тири ханданг,
Пас аз тир бо найза карданд ҷанг.
Пас аз найза зӣ теғи кин охтанд,
Пас аз теғ гуштӣ фурӯ сохтанд.
Зада даст аз кина бар якдигар,
Яке дар гиребон, яке дар камар.
Ба дашна яке гашта синашикоф,
Ба хишт он дигар боздаррида ноф.
Саранҷом шуд рӯзи туркон дурушт,
Ба ноком яксар бидоданд пушт.
Яке таргаш андохт, дигар кулоҳ,
Гурезон бирафтанд бе роҳу роҳ.
Пас-андар нишастанд эрониён,
Кушода ба кин дасту баста миён.
Ҳама раҳ буд афканда панҷоҳ мил,
Гирифтанд тиристу панҷоҳ пил.
Зи хиргоҳу аз хаймаи ранг-ранг,
Зи шамшеру аз таркаши пурханданг.
Зи дебову аз олати гунагун
Ҳама гирд карданд як маҳ фузун.
Чунон тӯдае гашт бар чарху моҳ,
Ки дидӣ аз ӯ дида якмоҳа роҳ.
Зи пироманаш зарду сурху бунафш
Зада гунагун парниёнӣ дирафш.
Ту гуфтӣ, ки кӯҳест пур лолазор,
Шукуфта дарахт андар ӯ сад ҳазор.
Сипаҳдор аз ӯ баҳри шаҳ баргузид,
Дигар баргирифт, он чи ӯро сазид.
Бибахшид баҳри дигар бар сипоҳ,
Суйи ҷанги Фағфур бардошт роҳ.

## 127. ДОСТОНИ ДЕҲҚОНИ ТАВОНГАР

Деҳе дид дар роҳ дар дашту роғ,
Беандоза пироманаш кишту боғ.
Меҳи деҳ пазира шудаш бо гурӯҳ,
Биёрост базме ба фарру шукӯҳ.
Варо меҳмон дошт бо меҳтарон,
Пароканда нузлу алаф бекарон.

Ба ҳар кас чунон ҳадя додан гирифт,
К-аз ӯ монд гурди сипаҳбад шарифт.
Чӣ мардӣ, буд-ӯ гуфт, к-ин дастгоҳ
Шаҳонро бувад бар фузуниву гоҳ?
Чунин дод посух, ки деҳқон ба кор
Чу аз кишт шуд в-аз гала моядор,
Бар ӯ безиён бигзарад сол панҷ,
Биёбад бар, аз ҳар чӣ бардошт ранҷ.
Набошад шигифт аз раҳи бостон,
Ки аз симу зар бошадаш остон.
Тавонгар чу ман нест эдар касе,
Надорам касу чиз дорам басе.
Хурам шуд ҳаме, ҳар чӣ дорам ба ноз,
Напоям, ки гетӣ напояд дароз.
Тавонгар, ки ӯро на пӯшиш, на х/в/ард,
Чи ӯву чи дарвеши богурму дард.
Ҳама шодӣ онрост, к-аш хоста-ст,
Киро хоста, кораш ороста-ст.
Ба сони дарахтест гарданда даҳр,
Гаҳе заҳр бораш, гаҳе пойзаҳр.
Ба чашми сар ояд-т ҳури биҳишт,
Ба чашми дил аз дев дорад сиришт.
Яке хона обод ҳаргиз накард,
Ки аз даҳ фузун барнаёвард гард.
Дар ӯ ҳуш ду танрост, чун бингарӣ,
Ба ғам нест ин ҳар дуро раҳбарӣ:
Яке он, ки аз рою дониш тиҳист,
Дигар он, ки бо чизу бо фарраҳист.
Меҳи деҳ манам, ин деҳ эдар мarост,
Аз Эрон падар, модарам аз Куҷост.
Худованди ин киштварзу гала
Ба ман шоҳи Чин кард ин деҳ яла.
Маро шодмон дошт Фағфури Чин,
Бар ӯ кардам андар ҷаҳон офарин.
Сипаҳдор низ ар-ш бошад писанд,
Зи тороҷам эмин кунад в-аз газанд.
Ҳар он чи-ш ҳаво буд, сипаҳдор дод
В-аз ҷо сипаҳ ронд ҳам бомдод.
Ба манзил саропарда чун баркашид,
Зи деҳқон яке нома андар расид,
Ки зинҳор, шоҳо, бад-ин марди пир
Бибахшову ман-бандаро даст гир!

Канизе будам чангсоз аз Чигил,
Фазояндамеҳру рабояндадил.
Ба мушкӯй сарви баҳорисарой,
Ба базм - андар овойи булбул сарой.
Ба пирӣ ҷавон будам аз нози ӯ,
Шуда дил ба дастону овози ӯ.
Бар ӯ бар-касе з-он сипаҳ шефта-ст,
Зи пинҳон-ш бурдасту бифрефта-ст.
Ҷаҳонпаҳлавонаш гар орад ба даст,
Фиристам ба ҷояш парастор шаст.
Агар ёбам аз зодсарви равон,
Тани мурдаро дода бошӣ равон.
Дижам шуд ҷаҳонпаҳлавон, чун шунид,
Басе дар сипаҳ ҷусту н-омад падид.
Сарое яке дид, к-аш парда буд,
Паси хайма-андар ниҳон карда буд.
Ба Чин ҳар ду бигрехтан хостанд,
Ниҳонӣ чу раҳро бароростанд.
Шуд ин огаҳӣ зӣ сипаҳбад дуруст,
Сабук ҳар дувонро гирифту биҷуст.
Канизак падид омад андар қабой,
Миён баста чун ридакони сарой.
Зиреҳ карда пӯшиш ба ҷойи ҳарир,
Камар ҳамчу дар баста, мижгон чу тир.
Ду мушкин каманд аз бари гирд моҳ
Гиреҳ карда дар зери парри кулоҳ.
Мар ӯро зи сад гуна хубиву ноз
Фиристод наздики беҳмард боз.
Ҳамон ҷо ба даргоҳи деҳқони пир
Биборид бар банда борони тир.
Сарашро зи тан бурду бар дор кард,
Танашро хури гургу кафтор кард.
В-аз он ҷо ба шаҳри Фағаншӯр шуд,
Баросуду аз ранҷагӣ дур шуд.
Ба бадруд кардан Фиристӯҳи шоҳ
Дар он ҳафта буд бо Наримон ба роҳ.
Ҳамон рӯз, к-омад сипаҳбад фароз,
Вай омад ҳам аз роҳ зӣ шаҳр боз.
Зи нузлу алаф ҳар чӣ будаш тавон,
Биёрост в-омад бари паҳлавон.
Басе ҳадяҳои навойин-ш дод,
Ҳам эдун яке гови заррин-ш дод.

Нигораш зи ёқуту дурри хушоб,
Дарунаш биёганда аз мушки ноб.
Зи нав арғавон в-аз сипарғам ба бар
Яке афсараш барниҳода ба сар.
Бад-ӯ гуфт: -Дорем мо ҳар касе,
Дар ин гов марвои фаррух басе.
Варо сол гирем аз ахтар ба фол,
Бад-ӯ «Фаррухат бод, -гӯем -сол!»
Ба зарраш чунон к-ӯ накоҳад зи ранг,
Макоҳу масой аз фаровон даранг.
Ба гавҳар-ш боде гиромӣ чун ӯй,
Бад-ин бӯй гетӣ зи ту мушкбӯй.
Бад-ин сон сипарғам чу он арғавон,
Сарат сабзу рух лаълу бахтат ҷавон!
Пазируфт аз ӯ паҳлавони сутург,
Бар он фол бархост базме бузург.
Се рӯз аз майи ноб бардошт баҳр,
Ба рӯзи чаҳорум биёмад ба шаҳр.
Ҳама кӯву бозор гаштан гирифт,
Ба ҳар ҷой бутхонае буд шигифт.
Яке буткада дид сода зи санг,
Чиҳил нохуша ҳар як аз бир ранг.
Ба ҳар нохуша бар чиҳил лод низ.
Зи ҷазъу рухому зи ҳар гуна чиз.
Дар ӯ гунбаде обнӯси баланд,
Зи гавҳар нигори вай, аз зарр банд.
Чароғи фурӯзанда гирдаш ҳазор,
Ба олат ҳама симу буссад нигор.
Сутуне миёнаш - дар аз ложвард,
Хурӯсе бар ӯ карда аз зарри зард.
Зи ҳар сӯ дар он гунбади обнӯс
Задӣ ҳар замон як хурӯш аз хурӯс.
Чу мурдӣ чароғе, шудӣ ӯ фароз
Ба минқор бифрӯхтӣ зуд боз.
Яке ҳавз зери сутун аз рухом,
Бараш баста дукконе аз сими хом.
Буте бар вай аз санг биншоста,
Ба пирояву афсар ороста.
Ба пайкар чу марде нишаста ба ҷой,
Сар афрохта, гирд карда ду пой.
Шаман гирди вай хайл аз чиниён,
Сутурда занах поку баста миён.

Давиданд зӣ паҳлавон, ҳар кӣ буд,
Ҷудо ҳар касаш нав парастиш намуд.
Дар он анҷуман дид пире кухан,
Бипурсидаш аз кори он бут сухан.
Ба посух чунон гуфт пир он замон,
Ки ҳаст ин Худой, омада з-осмон.
Ба дил ҳар чӣ дорем кому ҳаво,
Чу хоҳем аз ӯ, зуд гардад раво.
Баровард Гаршосп аз хашм ҷӯш,
Чунин гуфт, к-ай гумраҳи тираҳуш!
Яке нотавон чун бувад Кирдгор
На гӯё, на бино, на доно ба кор?
Худои ҷаҳон Кирдгор асту бас,
Ки бар мо тавоно ҷуз ӯ нест кас.
Яке, к-аз сипеҳри равон то ба хок
Ҷаҳон яксар ӯ офаридаст пок.
На чун кард, ранҷ омадаш з-ӯ ба чиз,
На гар баргирад, ранҷе ояд-ш низ.
Ба як банда бидҳад саросар ҷаҳон,
Надорад ба коҳиш замони ҷаҳон.
Бад-он то бидонад дили роҳҷӯй,
Ки арҷе надорад ҷаҳон пеши ӯй.
Раҳи бутпарастӣ ҳам аз Шис хост,
Ки аз марг чун гашт бо хок рост.
Ба шогирдияш ҳар кӣ дилшод буд,
Дилу донишу динаш обод буд.
Чунон пайкареро ниҳоданд пеш,
Парастиданаш раҳ гирифтанду кеш.
Кунун низ ҳар ҷо, ки шоҳе бувад,
Дигар донишӣ пешгоҳе бувад.
Чу мирад, бутеро ба ҳамчеҳри ӯй
Парастиш кунанд аз пайи меҳри ӯй.
Зи дӯзах надон ҷовидон растагор,
Касеро, ки ин бошадаш Кирдгор.
Дигар раҳ шаман гуфт, к-ай некном,
Худои ту чанд асту динаш кадом?
Чунин дод посух, ки пайдову роз
Як аст Эзиди довари бениёз.
Сипеҳр ӯ бароварду ин ахтарон,
Ҳам ӯ сохт бунёди ин гавҳарон.
Тану ҷони моро ба ҳам ёр кард,
Хирадро бад-ин ҳар ду солор кард.

Гуво кард бар банда гӯянда рост,
Ду гетӣ бар ӯ мар яке бегувост.
Чу аз подшоҳиш ёд оядат,
Дигар подшоҳӣ ба бод оядат.
Раҳи динаш он аст,к-аз ҳар гуноҳ
Битобию фармон-ш дорӣ нигоҳ.
Ба ҳастиш хасту шавӣ аз нахуст,
Якеаш аз он пас бидонӣ дуруст.
Ба пайғамбараш бигравӣ, ҳар кӣ ҳаст,
Наёвезӣ аз шохи бедод даст.
Бидонӣ, ки ангезиш асту шумор,
Ҳам эдун ба пули чаниюд гузор.
Инони сухан ҳар касе, к-ӯ битофт,
Сари риштаи посухаш кас наёфт.
Бимонданд хирадил аз пеши ӯй,
Гирифтанд бисёр кас кеши ӯй.

## 128. ОМАДАНИ ФАҒФУР БА ҶАНГИ НАРИМОН

Суйи лашкараш паҳлавон рафт боз,
Ба пайкори Фағфур бар кард соз.
В-аз он сӯ сипаҳро чу Фағфуршоҳ
Фиристод зӣ паҳлавон кинахоҳ.
Ба дар бар ҳамеша ҳазорон ҳазор
Сипаҳ дошт гурдони ханҷаргузор.
Ҳазору саду шаст шаҳ пеши ӯй
Буданд аз сипоҳаш ҳама хеши ӯй.
Аз ӯ  чорсадро ба пардасарой
Задандӣ ҳама кӯсу заррина ной.
Будаш расм ҳар рӯз фарше дигар,
Зи шоҳона дебои чинӣ ба зар.
Яке даст зебои ӯ ҷома низ,
Яке хуб дӯшиза дилбар каниз.
Буд аз шаҳрҳо сесаду шасту панҷ,
Зи гирдаш саросар чу оганда ганҷ.
Хироҷи яке шаҳр ҳар бомдод
Расидӣ бад-ӯ аз раҳи расму дод.
Ҳар он кору ройе, ки андохтӣ,
Ба гуфти ситорашумар сохтӣ.
Ба хон бар-ш ҳар рӯз чун сад ҳазор
Будӣ мард дар базм ҳам з-ин шумор.

Ба ҷойе, ки рафтӣ бурун бо сипоҳ,
Ба разм, ар ба базм, ар ба нахчиргоҳ,
Зи хешону аз вижагон ҳафт кас
Будандӣ зи пироманаш пешу пас.
Чунон яксар аз ҷомаву аспу соз
Бад-он то кас аз бун надонад-ш боз.
Будаш кӯшке яксар аз обнӯс,
Бад-он кӯшк аз зарра ҳафтод кӯс.
Чу аз шаб шудӣ рӯйи гетӣ дижам,
Мар он кӯсҳоро задандӣ ба ҳам.
Ҳама шаҳр аз овози он сар ба сар,
Кас аз хонаҳо шаб нарафтӣ бадар,
Ки ҳар сӯ каси шоҳ биштофтӣ,
Бикуштӣ равон, ҳар киро ёфтӣ.
Ба разми Наримон чу шуд кор сахт,
Дари ганҷ бикшоду барбаст рахт.
Ҳаюнони бухтӣ даҳу шаш ҳазор,
Ба ҳам сохт бо олати корзор.
Чиҳил гови гардун зи зар бор кард,
Дусад дигар аз деба анбор кард.
Бифармуд, то ҳар кӣ дар кишвараш
Шаҳе буд, бо лашкар омад бараш.
Бибастанд бар пил сандуқу кӯс,
Зи гард обгун чарх гашт обнӯс.
Сипоҳе фароз омад аз Чинситон,
Ба разм аз ялон, ҳар яке кинситон.
На аз маргашон бок, н-аз теғи тез,
На аз об биму на з-оташ гурез.
Ба мардӣ ягона, ба кӯшиш гурӯҳ,
Бари захм - сандон, бари ҳамла - кӯҳ.
Ба дил - шери тунду ба тан - пили маст,
Ба кин - барқи тезу ба тир - абрдаст.
Фузун з-абрашон новак андохтан,
Ҳам аз бодашон тезтар тохтан.
Буд асп аз гиё беш в-аз рег мард,
Аз ахтар сипоҳаш буд, аз чарх гард.
Зи рангин сипарҳо дару дашту роғ
Чунон гашт, к-аз гил ба Наврӯз боғ.
Зи ҳар пайкаре буд чандон дирафш,
Ки аз соя шуд рӯзи тобон бунафш.
Яке найситон буд пурпилу карг,
Зи найза наяш поку аз теғ барг.
Зи пирӯза тахте ба зар карда банд,
Ниҳоданд бар чор пили баланд.

Бар он тахт биншаст Фағфуршоҳ,
Забар чатру бар сар зи гавҳар кулоҳ.
Фарозаш  дирафше дурафшон чу шед,
Ба пайкар тирозида пили сапед.
Сараш туғриву тан-ш яксар зи зар,
Зи ёқут чашм, аз забарҷад-ш бар.
Буте будаш аз зарри гавҳарнигор,
Фаровон бар ӯ бурда лӯлу ба кор.
Бибурдаш, ки то гар шавад кор сахт,
Кунад-ш ӯ гаҳи разм пирӯзбахт.
Зи пеши сипаҳ пил тиристу шаст,
Шуда зери пайшон сари кӯҳ паст.
Ҳама пушти пилони рӯйинатан
Пур аз новакандозу оташфикан.
Зи лашкар ҳамехост гарди савор,
Бар он сон ки хезад зи дарё бухор.
Зи чандон ба даҳрӯза роҳи дароз
Биёмад бари жарф рӯде фароз.
Ситорашумар гуфт: -Аз он сӯйи рӯд
Марав, лашкар овар ҳам эдар фуруд,
Ки гар кӯдаке з-он суйи рӯд пой
Ниҳад, лашкар овора гардад зи ҷой.
Буд аз як суйи роҳ Фағфуршоҳ,
Дигар сӯ Наримон ба якрӯза роҳ.
Шаҳ огаҳ зи Фағфур, к-омад ба ҷанг,
Биёрост лашкар, чу шуд кор танг.
Ба эрониён гуфт: -Гурдони Чин
Ҳаросидаанд аз шумо рӯзи кин.
Набояд, ки имшаб шабехун кунанд,
Ба кин аз шумо дашт пурхун кунанд.
Чу ояд шаб, оташ масӯзед кас,
На овоз бояд, на бонги ҷарас.
Бувед аз камин дида бигмошта,
Зиреҳ дар бар, аспон ба зин дошта.
Ба Озаршану Арфашу Шерфаш
Супурд аз ду сӯ лашкари кинакаш.
Фиристодашон бар чапу дасти рост,
Камин кард худ ҳам бад-он сӯ, ки хост.
Чу пӯшид шаб оҷи гетӣ ба шиз,
Пароканд бар сабзмино пашиз.
Ту гуфтӣ, ки бар тахти пирӯзапӯш,
Гуҳар рехт ҳиндуи гавҳарфурӯш.

Зи туркон шаҳе буд фармонгузор,
Сипаҳ дошт аз ҷангиён сӣ ҳазор.
Суйи разми эрониён бо шитоб
Шабехун сиголиду бигзашт аз об.
Биёмад бе огоҳии шоҳи Чин,
Камин карду огаҳ набуд аз камин.
Сипаҳ дид дар хаймаҳо бе ҳарос,
На ҷойе талоя, на овози пос.
Бизад кӯсу тан бар сипаҳ барфиканд,
Хурӯши ялон шуд ба абри баланд.
Даромад зи чап Арфаши кобулӣ,
Суйи рост Озаршани зобулӣ,
Пас-андар Наримону эрониён
Гирифтанд бадхоҳро дар миён.
Шаби қиргун шуд зи гарди сипоҳ
Чу зангӣ, ки пӯшад паранди сиёҳ.
Ҷаҳон пок чун тира дӯзах намуд,
Дар ӯ теғ чун оташу шаб чу дуд.
Далерони душман ба банди каманд,
Чу девон шаби тира гардан ба банд.
Зи туркон нарастанд ҷуз андаке,
Нашуд боз ҷой аз дусадшон яке.
Чу аз домани жарф дарёи қор
Сапеда баромад чу симин бухор,
Гиёҳе буд аз хун табархун шуда,
Дили хора зери табар хун шуда.
Гурезандагон назди Фағфур боз
Расиданд бо ранҷу гурму гудоз.
Ситорашумар шуд ғамӣ з-он шитоб,
Ки лашкар гузар кард ногаҳ зи об.
Бидонист, к-афтод хоҳад шикаст,
Сабук назди шаҳ рафт зиҷе ба даст.
Бад-ӯ гуфт: -Бар теғи ин куҳ яке
Шавам, бингарам рози чарх андаке.
Бад-ин чора бигрехт, шуд нопадид,
Дигар то шаҳи Чин буд, ӯро надид.
Ба думми гурезандагон бар дамон
Биёмад Наримон ҳам андар замон.
Ду раҳ гурд будаш даҳу шаш ҳазор,
Баророст аз гарди раҳ корзор.
Бибуд тунд Фағфур ҳам дар шитоб,
Биёмад ба пайкор аз ин сӯйи об.

Ду лашкар рада сохтанд аз ду рӯй,
Ҷаҳон гашт пур гурди пархошҷӯй.
Ғави кӯс бо мӯҳра бар шуд ба ҳам,
Зи шайпур аз ной бархост дам.
Бипӯшид паҳнои ҳомун зи мард,
Бибуд хушк дарёи гардун зи гард.
Зи хун гашт рӯйи замин пурнигор,
Зи пайкон дилу чашми Кайвон фигор.
Замин, он ки аз бар буд, аз зер шуд,
Ҷаҳонро дил аз хештан сер шуд.
Зи бас гуна-гуна дирафши сипоҳ
Баҳорест, гуфтӣ, ҳама размгоҳ:
Зи теғ-андарун барқу борон зи тир,
Зи гард - абри тира, зи хун - обгир.
Чунон руди хун буд, ки бар кӯҳу дашт
Савор ошновор бар хун гузашт.
Зи бас лаъл пошида бар дашти кин,
Зиреҳ дошт пӯшида, гуфтӣ, замин.
Саворон ба кин гардан афрохта,
Ялон найза бар найза андохта.
Зи куҳ то куҳ аз гард пайваста меғ,
Зи кишвар ба кишвар чакококи теғ.
Синонро дили зинда зиндон шуда,
Бар уммедҳо марг хандон шуда.
Зи хуни парандоварон пушти пил
Чу шангарф пошида бар кӯҳи Нил.
Ҳаме то бишуд хур паси теғи кӯҳ,
Бад-ин гуна буд разми ҳар ду гурӯҳ.
Чу мавҷи дурафшон фурӯ бурд сар,
Пароканда бар рӯйи дарё гуҳар,
Намуд аз сари кӯҳ хаммида моҳ,
Чу аз заррзин бар сиёҳ асп шоҳ.
Фурӯҳишт шаб доман аз рӯйи ҷанг,
Сипаҳ бозгашт аз ду сӯ бедаранг.
Бибастанд роҳи шабехун ба пил,
Талоя пароканда шуд бар ду мил.
Зи бас, к-аз ду рӯ оташ афрӯхтанд,
Шаби тираро дида бардӯхтанд.
Ҳаме ҳар касе мардуми хеш ҷуст,
Яке кушта бурду яке мурда шуст.
Чу рӯз аз ҷаҳон корсозӣ гирифт,
Дамид оташу заргудозӣ гирифт,
Сапеда дамаш гашту кӯра - сипеҳр,
Ҳаво - бӯта, зарри гудозида - меҳр.

Дигарбора ҳар ду сипаҳ сохта,
Кашида сафу теғу хишт охта.
Зи пӯлод даҳ мил девор буд,
Бад-ӯ бар зи хишту синон хор буд.
Замин пок ҷунбон аз ошӯбу шӯр,
Замон хира аз наъраи хингу бӯр.
Ҳаво аз дурафшон дирафши сарон,
Чу боғи баҳор аз карон то карон.
Чу зулфи бутон шохи манҷуқ бод
Гаҳаш барнавашту гаҳаш баркушод.
Ту гуфтӣ, ки ҳар як арӯсест маст,
Навон в-остинҳо фишонон ба даст.
Гирифтанд разме гарон ҳамгурӯҳ,
Ҳаво гард чун қир шуд кӯҳ-кӯҳ.
Чунон кушта бар ҳар суй анбор гашт,
Ки ҳар ҷо, ки буд дашт, девор гашт.
Зи бас наъра ҳар кӯҳ ниме бикост,
Ба ҳар кишвар аз хун дусад чашма хост.
Замона шабу теғ маҳтоб шуд,
Дили мард чашму синон хоб шуд.
Барафрӯхт аз наъли аспон гиё,
Бигардид бар куҳ зи хун осиё.
Биғуррид кӯсу бидаррид кӯҳ,
Замин гашт тору замон шуд сутӯҳ.
Биҷӯшид гардун, бипӯшид моҳ,
Бишӯрид қалбу бичунбид шоҳ.
Ялонро ҷигар буд зи кин тофта,
Шуда бонг сусту лабон кофта.
Зи сар суда теғу зи кин зер тарг,
За тан ҷон сутӯҳу зи ҷон сер марг.
Ҳама кӯҳ диръу ҳама дашт наъл,
Дили хур кабуду рухи моҳ лаъл.
Дирафше фарози маҳ афрохта,
Дирафше ба хок-андар андохта.
Зи бас хишти гурдони пайкорсоз
Шуда пил чун дар найистон гуроз.
Ба қалб-андар истода Фағфури Чин,
Ба гурдони лашкар ҳамегуфт: -Ҳин
Ба ҳар к-ӯ фикандӣ яке кинахоҳ,
Ҳаме зар бидодӣ ба таргу кулоҳ.
Наримон чапу рост андар набард
Ҳаметохт бар гирди гурдон чу гард.

Замин, гуфтӣ, аз вай бигардад ҳаме,
Самандаш ҷаҳон барнавардад ҳаме.
Аз аспаш ҳама дашт овардгоҳ
Зи новард буд чарху аз наъл моҳ.
Ба теғ аз яке то бипардохтӣ,
Ба найза сараш бар маҳ андохтӣ.
Ба кин пошна хез карда саманд,
Бари қалб шуд бо камону каманд,
Бияфканд даҳ пилу сесад савор,
Суйи шоҳи Чин ҳамла бурд абрвор.
Саворон-шро яксар овора кард,
Дирафшаш ба найза ҳама пора кард.
Шуд афканда чандон зи гурдони Чин,
Ки беш аз гиё кушта буд бар замин.
Зи бас ҷон, ки аз марг полуда шуд,
Танаш сусту чангол фарсуда шуд.
Зи кушта чӣ гӯям бар он кас, ки зист,
Бибахшид чарху ситора гирист.
Ҳама шоҳро хор бигзоштанд,
Гурезон зи пас роҳ бардоштанд.
Падар буд, ки хаста писарро ба пой
Сипардӣ ҳаме чашму мондӣ ба ҷой.
Зиреҳдорбад, к-аз тани хеш пӯст
Ҳамеканду пиндоштӣ диръи ӯст.
Танаш бингаридӣ, ки бар пой ҳаст,
Ба сар даст бурдӣ, ки бар ҷой ҳаст.
Чу дил ҷустӣ аз тан, синон ёфтӣ,
Пур аз новаке тирдон ёфтӣ.
Дами хун чу рӯди Маҳин ҳин гирифт,
Зи ғам чеҳраи шоҳи Чин чин гирифт.
Буташро, ки оварда буд пешбоз,
Ба сад лоба ҳар гоҳ бурдӣ намоз.
Ҳамехост пирӯзӣ андар набард,
Набуд ҳеч судаш фузун, лоба кард.
Чу лашкар-ш бигрехт ӯ, низ тафт
Дар аспи набард омад аз пилу рафт.
Ба чандон шуду ҳар чӣ бояд ба кор
Биёрост аз сози ҷангу ҳисор.
Зи туркон зи сад мард даҳ раста буд,
В-аз он даҳ, ки буд раста, нӯҳ хаста буд.
Ҳама кӯҳу ғору дару дашту теғ
Буд афканда таргу сару дасту теғ.

Мар афкандаро гург дил кард пош,
Гурезандаро ғӯл гуфтӣ, ки бош!
Саропардаву хаймаву сози ҷанг,
Ҳам он ҷавшану таркашу нимланг,
Буту тахти Фағфуру пилон рама
Гирифтанд гурдони Эрон ҳама.
Чунин аст бахши сипеҳри равон,
Яке з-ӯ тавоно, дигар натавон.
Яке ҷуфти тахта, яке ҷуфти тахт,
Яке тирарӯзу яке некбахт.
Ҷаҳонро зи ту хӯйи бад роз нест,
Ҳамегӯядат гар-ч-аш овоз нест.
Ниҳон бо ту сад гуна ранг оварад,
Забун гирадат, гар ба чанг оварад.
Ба хорӣ кашад, чун ба меҳрат бибаст,
Ба пой афканад, чун кашидат ба даст.
Чу мешат диҳад пӯшишу хӯрду соз,
Пас он гаҳ чу гургон бидаррад-т боз.
Аз оҳуш то бештар огаҳем,
Ба меҳраш-дарун бештар гумраҳем.

## 129. РАСИДАНИ ГАРШОСП БА НАЗДИ НАРИМОН ВА ГИРИФТОРИИ ФАҒФУР

Аз он пас Наримон, чу шуд чирадаст,
Пас аз разм дар базму шодӣ нишаст.
Бибуд, то биёбад ҷаҳонпаҳлавон,
Гирифтанд шодӣ зи сар ҳардувон.
Сухан чанд ронданд аз он размгоҳ,
В-аз он ҷо ба чандон гирифтанд роҳ.
Деҳу шаҳру диз ҳар чӣ диданд, пок
Биканданду бо хун сириштанд хок.
Ту гуфтӣ, зи хубону аз хоста
Биҳиштест ҳар хайма ороста.
Ҳамебурд ҳар шери ҷангӣ шикор
Гирифта ба бар оҳуи мушксор.
Зи бозуш гирди миён карда банд,
Зи гесуш дар даст мушкин каманд.
Фаровон бутон зинҳорӣ шуданд,
Фаровон ба дизҳо ҳисорӣ шуданд.
Расиданд зӣ шаҳри чандон фароз,
Сипаҳ хайма зад дашт шебу фароз.

Ба чарх аз ҳама шаҳр бар шуд хурӯш,
Зи ҷавшанварон бора омад ба ҷӯш.
Ба як сӯ Наримон ба кин даст бурд,
Баромад дигар сӯ сипаҳдори гурд.
Ба ҳар гӯша аррода барсохтанд,
Ҳама деги ҷӯшида андохтанд.
К-аз он дег чун об ҷастӣ бурун,
Ҳамесӯхтӣ ҷонвар гунагун.
Дигар буд равон қалъаҳои набард,
Бар ӯ размсозанда мардони мард.
Сари найзаҳо карда чун чанги шер,
Ки мардум кашидандӣ аз бора зер.
Гирифтанд гурдони Эрону Чин
Камонҳои занбӯриву чархи кин.
Зи шоҳину тайёра бар ҳар гурӯҳ
Хама санг борид чун кӯҳ кӯҳ.
Зи пошидани оташ аз ҳар карон
Ҳамерехт, гуфтӣ, зи чарх ахтарон.
Рухи маҳ зи гард абри пурчин гирифт,
Сари бора аз найза барчин гирифт.
Ҳама тарг ҳован шуд аз захми санг,
Сару мағз чун сурма аз гурзи ҷанг.
Буд аз тиру пайконҳои дурушт
Ҳар афкандае чун яке хорпушт.
Ҷаҳонпаҳлавон кӯшиш андаргирифт,
Гароянда гурзи гарон баргирифт.
Чу бар бора мардум ғамӣ шуд зи ҷанг,
Ҷаҳонпаҳлавон рафт гурзе ба чанг.
Дар аз оҳану бора аз санг буд,
Ба кин кард сӯйи дар оҳанг зуд.
Хамезад чунон гурз, к-аз захми сахт
Дару қуфлу занҷир шуд лахт-лахт.
Ба шаҳр-андар афканд тан бо сипоҳ,
Фурӯ зад ба бора дирафши сиёҳ.
Ба ҳар гӯша тороҷу пайкор хост,
Хурӯшидани бонги зинҳор хост.
Ҳама бум зан буд, ҳама кӯй мард,
Ҳама шаҳр дуду ҳама чарх гард.
Зи хун баста шуд бар кафи пой гил,
На бар пой тан буд, на бар ҷой дил.
Кучо хонае буд ба хубӣ биҳишт,
Аз оташ дамон дӯзахе гашт зишт.

Бутонро ба хок - андар афканда тан,
Ба хун ғарқа пеши бут - андар шаман.
Ба ҳар кӯй ҷӯйе чунон хун гузашт,
Ки аз шаҳр як мил берун гузашт.
Ду ҳафта чунин буд хун рехтан,
Чаҳон пур зи тороҷу овехтан.
Чу чора набуд, шаҳриву лашкарӣ
Гирифтанд зинҳору хоҳишгарӣ.
Аз эшон гунаҳ паҳлавон даргузошт
Сипаҳро зи тороҷу хун боздошт.
Наримон ҳаме рафт то кохи шоҳ,
Зи гирдаш пиёда сарони сипоҳ.
Ҳама чок хафтон зада бар камар,
Гирифта ба каф теғу хишту сипар.
Ҳазорон пиёда ба пеш-андарун,
Кашида ҳама ханҷари обгун.
Паси пушт аз Эрону зобулгурӯҳ,
Саворону баргустувонвар чу кӯҳ.
Чу омад суйи кохи Фағфури Чин
Або ин басанда далерони кин,
Чаҳон дид пур хайли дилбар фағон,
Ҳама бурда аз парда бар маҳ фиғон.
Ду гулнорашон ғарқа дар хун шуда,
Ду наргис ба маҳ бар ду Ҷайҳун шуда.
Зи гул канда шамшоди пуртобро,
Ба ду ришта дур хаста уннобро,
Ба бутхонае буд Фағфури Чин,
Ниҳода сар аз пеши бут бар замин.
Хамехост ёрӣ ба зориву дард,
Ки ногаҳ Наримон бад-ӯ бозх(в)ард.
Биёзиду бигрифт дасташ ба шарм,
Басе гуфт ширин суханҳои гарм,
Ки тоҷи шаҳӣ хор биндохтӣ,
Бар аз пойгаҳ саркашӣ сохтӣ.
Шаҳ арчи ба поя зи ҳар кас фузун,
Нашояд-ш аз андоза рафтан бурун.
Биёвард болой, то барнишаст,
Пиёда ҳаме шуд рикебаш ба даст.
Чаҳонпаҳлавон буд ба-мёни шаҳр,
Ба гирдаш бузургони лашкар ду баҳр.
Яке тахт зераш зи ёқуту зар,
Ба  дебои Чин соябоне забар.

Чу Фағфурро дид, шуд пешбоз,
Нишонд аз бари тахту бурдаш намоз.
Басе хост з-ӯ пӯзиши дилпазир,
Ки ин бад, ки пеш омад, аз ман магир.
Ту донӣ, ки пеши Фаридуни шоҳ,
Ман аз дил яке бандаам некхоҳ.
Нашояд ба ҷуз коми ӯ карданам,
Ки фармон-ш тавқест бар гарданам.
Касеро, ки рӯзист, бар дасти ӯст,
Тавоноии дасти ӯ дор дӯст.
Туро буд аз оғоз пиндоште,
Ки панди маро хор бигзоштӣ.
Кунун гар зи ман гашт ошуфта кор,
Ҳам аз ман накӯ гардад, андуҳ мадор.
Агарчанд  аз мор гиранд заҳр,
Ҳам аз вай тавон ёфт тарёк баҳр.
Нигаҳбон гуморид чанде бар ӯй
В-аз он ҷо ба тороҷ бинҳод рӯй.
Паси парда дар кох - мушкӯйи шоҳ
На ӯ шуд, на касро зи бун дод роҳ.
Зи  ганҷаш ҳам андар замон даҳ ҳазор
Шутурвор ҳар чиз бардошт бор.
Чи аз зар, чи аз дебаи ранг-ранг,
Чи оройиши базму чи сози ҷанг.
Бигуфтанд, к-ин ганҷи камтар-ш буд,
Бигӯ, то намояд дигар ганҷ зуд.
Ба некӣ варо, -гуфт, -додам навид,
Мабодо, к-аз он пас шавад ноумед.
Агарчанд хорӣ кунад рӯзгор,
Шаҳону бузургон набошанд хор.
Зи Чандону аз ганҷи Фағфури  Чин,
Зи тороҷу он буму бар ҳамчунин
Фароз оварид, он чи буд дар сипоҳ,
Гузин кард аз ӯ панҷяк баҳри шоҳ.
Бифармуд, то номи ҳар як ба ҳам
Заданд аз пайи ёдгорӣ қалам.
Шутур сӣ ҳазор аз дирам бор кард,
Дигар ним аз ин бор динор кард.
Зи заррина олат ба хирворҳо,
Зи симина чандон, ки  анборҳо.
Шумурда шуд аз нофа сесад ҳазор,
Сад аз саллаи заъфарон шаст бор.

Зи дур чорсад тоҷи ороста,
Гузида ҳама як-як аз хоста.
Зи ёқут сесад камар беғавӣ,
Зи гавҳар чиҳил гарзани хусравӣ.
Дусад хон зи зарру зи ҷазъу ҷамаст
В-аз олат-ш хирвор тиристу шаст.
Зи зар пераҳан сиву шаш бофта,
Бами пуд бо тор бартофта.
Тирози ҳама дурр бар зарри ноб,
Гиребону ёқуту дурри хушоб.
Або ҳар яке афсаре шоҳвор,
Ҳам аз гунагун тавқ бо гӯшвор.
Чиҳил дурҷи пурдурру ёра ҳама,
Ки буд номашон дуррвора ҳама.
Ҳазору чиҳил бут зи ҳар пайкаре,
Ба кирдори ороста лашкаре,
Зи зарбафт сад тахт бар ранг-ранг,
Ки буд камтарин ҷома сӣ ман ба санг.
Саду сӣ ҳазор аз хазу парниён,
Дусад разма нав ҳуллаи чиниён.
Канизон дигар сӣ ҳазор аз Чигил,
Паричеҳра ходим ҳазору чиҳил.
Ду раҳ сад ҳазор аз бутони сарой,
Ҳама бо сутуру силеҳу қабой.
Саду сӣ ҳазор аз сутури яла,
Ки бар дашту кӯҳ дошт чӯпон гала.
Даҳу шаш ҳазор аспи нав карда зин,
Ҳама зери баргустувонҳои Чин.
Ҳазор аспи дигар ба заррин ситом,
Аз арғуну аз тозии тезгом.
Зи хафтону аз ҷавшани корзор,
Зи диръу кижоганди нав сад ҳазор.
Саду бист гардун ҳама теғу тарг,
Дучандон сипарҳои мадҳуни карг.
Зи зархишт тиристу сӣ бор панҷ,
Ки марде яке баргирифтӣ ба ранҷ.
Навад бор сад чуфт чиникамон,
Ба зарнайзаву тир беш аз гумон.
Ҳазору саду сӣ ҷаноғи паланг
Зи ҳар гавҳар ороста ранг-ранг.
Парандовари ҳиндувӣ шаш ҳазор,
Табарзину ночах фузун аз шумор.

Саду сӣ сипар гуна-гуна зи зар,
Ғилофаш зи дебо, нигор аз гуҳар.
Беандоза мунҷуқу заррин дирафш,
Ҳам он чатрҳо зарду сурху бунафш.
Широъу ситора дусад заррбафт,
Зи дебо саропарда ҳафтоду ҳафт.
Дусад хиргаҳ андархури базму ҷом,
Намад хаззу чӯбаш ҳама уди хом.
Ҳам аз бекарон хаймаи гунагун,
Аз андозашон фаршу олат фузун.
Дигар хаймае мехи ӯ шаш ҳазор,
Саросар зи дебои гавҳарнигор.
Зи зар андар ӯ сад-сутуни ситех,
Аз абрешимаш ришта в-аз сим мех.
Зи дебо яке фарши зебои ӯ,
Ду партоб болову паҳнои ӯ.
Дурафшон дирафше дигар аз паранд,
Зи гавҳар чу з-ахтар сипеҳре баланд,
Ки бар пил кардандӣ онро ба пой,
Ба сад мард бардоштандӣ зи ҷой.
Бар ӯ пайкари гурге афрошта,
Ба нӯги суру пил бардошта.
Фаровон гуҳар з- он дирафши бунафш,
Кашиданд дар ковиёнӣ дирафш.
Се гардуни заррин шитоланг буд,
Зи ҳар доруе ҳафтсад танг буд.
Фаровон даду мурғу нахчиру гӯр,
Тирозида аз зарру симу булӯр.
Зи анбар яке гунбад афрохта,
Ба якбора ҳар сӯ равон сохта.
Бад-ӯ дар чу кофур тахте зи оҷ,
Фарозаш фурӯҳишта аз мушк тоҷ.
Саройе ба банду кушой обнӯс,
Ҳам аз зарр туристу ҳафтод кӯс.
Ҳазору чиҳил ҷуфт дандони пил,
Зи пирӯза сӣ тахти ҳамранги нил.
Суруҳои карг аз ҳазорон фузун,
Ҳама чун хамонида з-оҳан сутун.
Хуту ҳаштсад бор, к-аз заҳрбӯй
Чу ояд, фитад ҳар замон хай аз ӯй.
Зи кемухт гардун дусад баста танг,
Ҳам эдун табархуну чинӣ хаданг.
Пур аз нуқра сандуқу туристу шаст
Зи зарраш ҳама қуфлу занҷирбаст.

Пур аз зари раста чиҳил ҷуфт низ,
Чиҳил буд таройиф зи ҳар гуна чиз.
Биёганда сӣ дурҷи нав ҷуфт-ҷуфт,
Зи ҳар гавҳари суфтаву нимсуфт.
Ду раҳ чорсад танг қиртоси Чин,
Палангина чарми сафан ҳамчунин.
Зи ҳар муйи рӯбоҳ сесад ҳазор,
Зи санҷобу қоқум фузун аз шумор.
Дусад бора мӯйи самандар дигар,
Ки оташ набошад бар ӯ коргар.
Дамон ҳафтсад пил чун кӯҳи Нил,
Ба зар баста дандони ҳар жандапил.
Ду раҳ чорсад юз буд мешгир,
Ба тан ҳамчу пошида бар қир шир.
Сияҳгӯш тирист ҳар як ба банд,
Палангони омухта ҳаштоду анд.
Фаровон саги тунди нахчирдар,
Ба ҷулҳо паранду ба зинҷир зар.
Дусад бозу афзун зи сесад хашин,
Саду шаст туғрил, ҳама беҳгузин.
Даҳу шаш ҳазор астари боркаш
Ба маҳду намадзин дусад бор шаш.
Ду раҳ сӣ ҳазорон зи тозӣ ҳаюн,
Зи фаршу намад борашон гунагун.
Зи говон саду сӣ ҳазор аз шумор,
Зи мешони дӯшо ҳазорон ҳазор.
Чу панҷаҳ ҳазори дигар барда буд,
Ки ҳар як ба сад ноз парварда буд.

## 130. НОМАИ ГАРШОСП БА НАЗДИ ФАРИДУН

Сипаҳбад гузид ин ҳама чор моҳ,
Яке нома фармуд наздики шоҳ.
Нависанда қиртос бар бар гирифт,
Сари хома дар мушку анбар гирифт.
Баромад зи шоҳ он нигунсор сор,
Ки бар сим борад зи минқор қор.
Саворе сеаспа пиёда равон,
Танаш румиву чеҳра аз ҳиндувон.
Ҳамон ширхора, к-аш аз қир шир
Зи гавҳора барҷаст гӯёву пир.

Ҳама тан-ш чашму ҳама чашм гӯш,
Ҳама гӯш дилҳо, ҳама дил хурӯш.
Давидан-ш бо сарнигунӣ ба роҳ,
Сухан гуфтанаш бар сапедӣ сиёҳ.
Нигорид номи Худой аз нахуст,
Ки бе номи ӯ дин наёяд дуруст.
Худованд ҳар-ч ошкор асту роз,
Аз оҳу ҳама поку дур аз ниёз.
Барӣ аз гуҳар, бегазанд аз замон,
Фузун аз нишону бурун аз гумон.
Дигар офарин кард бар шоҳи нав,
Ки бодаш баланд афсару гоҳи нав.
Хидеви замона, кайи фаррманд,
Кушояндагетиву Заҳҳокбанд.
Шаҳи Ховару хусрави Бохтар,
Каюмарраситухму Ҷамшедфар.
Фиристода аз дин ба кишвар дуруд,
Гузоранда бе киштӣ Арвандруд.
Диҳад шоҳро банда мужда зи бахт,
Ки бинваштам ин девкуш роҳи сахт.
Ба хуни бадандеш з-алмоси кин
Бишустам ҳама буми Мочину Чин.
Зи Ҷайҳун шудам то бад-он ҷо, ки меҳр
Бар он бум тобад нахуст аз сипеҳр.
Ба ҳар шоҳ бар бож кардам нахуст,
Ҷуз аз коми шаҳ кас наёраст ҷуст.
Ба Фағфур - дар саркашӣ кор кард,
Нашуд рому оҳанги пайкор кард.
Басе панд додам, бараш хор буд,
Напизруфт, к-аш бахти бад ёр буд.
Дили хира дар ройи фарҳанг тоб,
Бипечад ҳаме чун сараш з-офтоб.
Фиристод пешам сипаҳ чанд бор,
Пароканда беш аз ҳазорон ҳазор.
Ҳам он ҷодувон сохт, то рӯзи ҷанг
Намуданд ҳар гуна афсуну ранг.
Зи сармову овои деву ҳижабр
Зи мори бапар в-аждаҳои дар абр
Баромад ба ҳам бист разми гарон,
Шуд афканда сесад ҳазор аз сарон.
Саранҷом ҳам бахти шаҳ буд чир,
Даромад сари бахти бадхоҳ зер.

Ҳама буми Чин гашт бар ҳам зада,
Бутон барда, бутхона оташкада.
Дигар сӣ ҳазор аз гирифториён,
Ҷуз аз бардагонанду зинҳориён.
Ба банд-андарун баста ҳаштод шоҳ,
Ки бо кӯси заррину ганҷанду гоҳ.
Магар шоҳ Фағфур, к-аш нест банд,
Ки шаҳ буду бандаш надидам писанд.
Зи ганҷаш яке баҳра бардоштам,
Дигар даст нобурда бигзоштам.
Магар шоҳ бо меҳр пеш оядаш,
Бибахшад гуноҳу бибахшоядаш.
Наримони ял муждагоновар аст,
Ки мар шоҳро бандаи кеҳтар аст.
Ба ҳар размгаҳ дар бидодаст дод,
Чу ояд, кунад  ҳар чӣ рафтаст, ёд.
Нишастаст банда ду дида ба роҳ,
Бад-он то намойиш чӣ ояд зи шоҳ.
Чӣ фармон диҳад дигар аз разми сахт,
Киро дорад арзонӣ ин тоҷу тахт.
Ба унвон - бар аз бандаи шоҳ гуфт,
Ки аз фарри ӯ ҳаст бо моҳ ҷуфт.
Ҳама кори Фағфур зебои ӯ,
Биёрост он расм дар рои ӯ.
Саду даҳ шутурро дирам бор кард,
Чиҳил дигар аз бори динор кард.
Дигар чорсад даст зарбафти Чин,
Гузид, он чи пӯшидӣ аз беҳ гузин.
Саропардаву хаймаву пешкор,
Имориву пилу кати шоҳвор.
Канизони дӯшиза тиристу шаст,
Ба рух ҳар як оройиши бутпараст.
Ба дастури ӯ як ба як баршумурд,
Сухан ронд пас аз Наримони гурд,
Ки дар раҳ чунон дор кораш ба барг,
Ки набвад ниёзаш ба як коҳбарг.
Макун кам зи хӯрдаш ҳама расму соз
В-аз ӯ мардумашро мадор эч боз.
Аз он пас чиҳил ҷуфт ёра зи зар
Гузин карду сад гӯшвор аз гуҳар.
Дусад гуна ёқуту лаъл обдор,
Зи дурру забарҷад ду раҳ сад ҳазор.
Бифармуд, к-ин бо ту ҳамроҳ кун,
Чу рафтӣ, нисори шаҳаншоҳ кун.

Гиреҳ шуд зи ғам бар рухи шоҳи Чин,
Зи коҳиш чу афтод бар моҳ чин.
Зи хаста дили зору чашми дижам
Сиришт оташи дард б-оби бақам.
Ҳамегуфт, к-ай подшоҳӣ дареғ,
Ки моҳат ниҳон шуд ба торик меғ.
Будӣ боғи ороста, пурнигор,
Дарахтон-т карданд яксар зи бор.
Сипеҳре будӣ, равшан аз ту ҷаҳон,
Шуданд ахтарон в-офтобат ниҳон!
Арӯсе навойин будӣ гоҳро,
Рабуданд ногаҳ зи ту шоҳро.
Надонам, ки кай бинамат низ боз
Або рӯзи шодиву орому ноз!
Ду ҷазъаш зи лӯлу шуда нопадид,
Ҳамезад зи хун нуқта бар шанбалид.
Барорад ҷаҳон саркашонро зи кор,
Кунад нармашон гардиши рӯзгор.
Сипеҳри равонро бибуд дастбурд,
Бас аст инчунин, чанд хоҳӣ шумурд.
Яке дойираст обгун чанбарӣ,
Фаровон дар ин дойира доварӣ.
На мар подшоҳу на мар бандаро
Шиносад на нодон, на донандаро.
Ту, ай донишӣ, чанд нолӣ зи чарх,
Ки Эзид будӣ, додат аз чарх барх.
Нигар неку бад, то чӣ кардӣ зи пеш,
Биёбӣ ҳамон боз подоши хеш.
Чу аз ту бувад кажживу бераҳӣ,
Гуноҳ аз чӣ бар чархи гардон наҳӣ?!
Зи Яздон шумар неку бадҳо дуруст,
Ки гардун яке нотавон ҳамчу туст.
Наримон чу дид ашки Фағфуру дард,
Рухаш гашт монандаи барги зард.
Бад-ӯ гуфт: -Мандеш чандон ба роҳ,
Шикеб ор, то ман шавам пеши шоҳ,
Ба Яздон, ки биншинам он гаҳ зи пой,
Магар комат орам саросар ба ҷой!
Шуду бурд пеш он ҳама хоста,
Асирону хубони ороста.
Ҳама роҳ пайваста панҷоҳ мил
Сутуру шутур буду гардуну пил.
Зи гардун ба гардун шуда бонгу ҷӯш,
Ҷаҳон пурдарову ҷарас пурхурӯш.

Шаҳи Чин ҷудо бо фағистону рахт
Ҳамерафт бар пил бо тоҷу тахт.
Варо ҷой бар жандапиле сапед,
Меҳон бар ҳаюнони удди ҳавид.
Сухан ҷуз ба дастури солори бор
Нагуфтӣ ба раҳ дар ниҳон в-ошкор.
Хуру пӯшишу фаршу хубон ба ҳам,
Накард эч аз он расм, к-аш буд кам.

## 131. ХАБАР ЁФТАНИ ФАРИДУН АЗ ОМАДАНИ НАРИМОН

Аз ин мужда чун огаҳӣ ёфт шоҳ,
Барафрохт аз моҳ бартар кулоҳ.
Ҳазор асп болои заррина соз
Фиристод бо лашкар аз пештоз.
Ду раҳ пил сесад чу дарё ба ҷӯш
Зи баргустувондору аз диръпӯш.
Зи сандуқи пилон хурӯшанда ной,
Ғиревон шуда зангу кӯсу дарой.
Дусад пил дар дебаи ранг-ранг,
Забаршон дирафши далерони ҷанг.
Ҳама пилбонон ба заррин камар,
Зи дур тоҷашон, гӯшвор аз гуҳар.
Палангон ба занҷири заррина банд,
Ҳамон гургу шери жаён дар каманд.
Шуд Омул биҳиште нав ороста,
Дирамрезу дебофишон хоста.
Се манзил сипаҳ дода зӣ роҳ рӯй,
Дурӯя зада саф ба кирдори кӯй.
Табиразанон пешу бозигарон,
Сарон майдиҳанда ба якдигарон.
Сипар дар сипар гили мушкин кула,
Хурӯшон ҳама чун ҳижабри яла.
Зи рангин сипарҳо чунон буд замин,
Куҷо чарх дар чарх дебои Чин.
Ҳама мардуми шаҳр бероҳу роҳ
Зада саф ба дидори Фағфуршоҳ.
Тирозида бар пил авранги ӯй,
Зи гавҳар гирифта ҷаҳон ранги ӯй.
Яке чатри товусранг аз бараш,
Абар сар зи ёқуту дур афсараш.

Бари даргаҳи шаҳ чу омад фароз,
Чунон ки-ш ҳамедид шоҳ аз фароз.
Зи пили жаён овариданд зер,
Замоне бимонданд бар ҷой дер.
Бибурданд зӣ кох шоҳи баланд,
Ниҳоданд бар пояш аз зарр банд.
Фаридун наёвард аз ӯ ҳеч ёд,
Напурсидаш аз бун, на уммед дод.
Бараш низ як ҳафта нагзошт кас,
Ба бодафраҳаш бад ҳамин кард бас.
Наримон бари шаҳ шуд аз гарди роҳ,
Гирифт офарин, дод нома ба шоҳ.
Нахуст аз нисор он чи буд, пеш бурд,
Пас он гаҳ дигар ҳадяҳо баршумурд.
Ба як ҳафта - дар ҳафтсад бор шаш
Буд аз пеши шаҳ мардуми боркаш.
Ҳамегуфт; -Чун кишвари Чин кӣ дид,
Ки чандон шигифт аз вай омад падид?
На дар ганҷ монду на дар кох ҷой,
На дар боғу айвону на дар сарой.
Кашанда сутуҳ монда бе пову пай,
Шуморанда аз ранҷ хун гашт хай.
Аз он пас Наримон ба пой истод,
Фурӯ баст дасту забон баркушод.
Ба бӯса нишон кард мар хокро,
Гирифт офарин хусрави покро.
Зи Фағфуру оройиши кишвараш
Сухан ронду аз ганҷу аз лашкараш,
Ки шоҳе сазо афсару гоҳро
Надидам чу ӯ ҷуз шаҳаншоҳро.
Агар бар хирад хира бедод кард,
Шудаш ганҷу ранҷаш ҳама бод кард.
Напечад шаҳ аз мардумӣ ройи хеш,
Фиристод-ш дилхуш суйи ҷойи хеш.
Набояд буд эмин ба бахт, арчи чир,
Ки давлат намондаст як ҷой дер.
Кӣ донад, ки ин чархи дадсоз чист,
Ниҳониш бо ҳар касе роз чист?!
Ба ранҷ аст он, к-аш ҳунарҳо меҳ аст,
Накӯкориву некномӣ беҳ аст,
Ки монад накӯномӣ эдар ба ҷой,
Бувад бо ту некӣ ба дигар сарой.

Шумур ёфатар зиндагонӣ ту он,
Ки накнӣ накӯйиву дорӣ тавон.
Бувад дурӣ аз бад раҳи бихрадӣ,
Беҳӣ некиву дурият аз бадӣ.
Ба талхӣ чу заҳр аст хашм аз газанд,
Валекин чу хӯрдиш, нӯш асту қанд.
Бибахшид шаҳ, з-он суханҳову гуфт:
-Бузургии Фағфур натвон ниҳуфт.
Варо ин бузургиш бероҳ кард,
Ки бо мо  ба кин даст дар моҳ кард.
Аз ин нест  бодафраҳ акнун-ш беш,
Ки як ҳафта шуд, то нахондам-ш пеш.
Бибар хилъату банд бардор аз ӯй,
Ба пӯзиш дилаш пок аз андуҳ бишӯй.
Бигӯяш, гуноҳ аз ту омад нахуст,
Ки фармони мо доштӣ хору суст.
Камон гоҳи Заҳҳок биндохтӣ,
Чу гоҳи ман омад, ба зеҳ сохтӣ.
Ман ин бад мукофоти он сохтам,
На з-он, к-арчи ту шоҳ нашнохтам.
Кунун буданӣ буд, м-андеш ҳеч,
Умеди беҳӣ дору ромиш пасеч.
Мар ин хонаро хонаи хеш дон,
Маро, гарчи бегона, аз хеш  дон.
Ба ту гар бадӣ кардам аз озмун,
Ба ҳар бад кунам сад накӯйӣ фузун.
Зи дидори ту шарм дорам ҳаме,
Бад-ин кардаҳо пӯзиш орам ҳаме.
Зи хориву ранҷе, ки-т омад, машеб,
Ки гетӣ чунин аст болову шеб.
Сипеҳри равон бо касе ром нест,
Зи неку бади мо-ш ором нест.
Чу парранда мурғест фархундабахт,
Ҷаҳон – боғу моҳо – саросар дарахт.
Ба боғ -  андарун мурғи паррон зи ҷой
Нишинад бар он шох, к-ояд-ш рой.
Бар он бош фардо, ки ҳар ду ба ком
Нишинем як ҷову гирем ҷом.
Наримон шуду бурд  хилъат пагоҳ
Бипӯшиду шуд шод Фағфуршоҳ.
Гирифт офарин, пуштро дод хам,
Зи шодӣ ба чашм - андар овард нам.
Чу шоҳи фурӯзандагон аз сипеҳр
Зи пирӯзагун тахти худ дид чеҳр,

Фаридун пагаҳ кард суре пасеч,
К-аз он сон набуд дида Фағфур ҳеч.
Ба гулшан гаҳе, к-аз ду сӯ дошт дар,
Намуданд дидор бо якдигар.
Зи ҳар дар даромад яке, то зи ҷой
Набархост бояд якеро ба пой.
Ба бар якдигарро гирифтанд шод,
Ба пӯзиш сухан чанд карданд ёд.
Нахустин гирифтанд бар хон нишаст,
Пас он гаҳ ба бигмоз бурданд даст.
Нишастангаҳе буд айвон чаҳор,
Зи ҳар гуна ороста чун баҳор.
Миён - андарун хонаи ранг-ранг,
Зи мино гули ӯ, зи беҷода санг.
Ҳама бумаш аз сандалу чӯби уд,
Бад-ӯ - андар аз зарр сесад амуд.
Муаллақ бад-ӯ чорсад кунгура,
Зи ҷазъу булӯру гуҳар яксара.
Бисоташ саросар забарҷаднигор,
Ҳама шафшаи зарр буд пуду тор.
Абар пешгаҳ тахте аз ложвард,
Гуҳар дар гуҳар сохта сурху зард.
Дусад тоси пуранбар аз пеши тахт,
Зада дар миёншон зи марҷон дарахт.
Зи зар бекарон нору норанҷ буд,
Ки ҳар як баҳои яке ганҷ буд.
Ҳама донаи нор ёқуту дур,
Зи кофур норанҷҳо карда пур.
Табақҳои нуқл аз ақиқи Яман,
Пур аз мушк карда булӯрин лаган.
Зи ҳар сӯ яке бодбезан зи бар
Фурӯхишта аз парри товуси нар.
Зи кофур шаммомаҳо рехта,
Тали уду оташ баромехта.
Пур аз дурру ёқут ҳар ҷой ҷом,
Хуме пухта май ҳар суй аз сими хом.
Ба ҳар гӯша ҷазъин яке обгир,
Гулоб – обу дур – санг, регаш – абир.
Зи симу зи зар мурғу пилу дада
Ба найранг карда равон бар рада.
Чу нахчиргоҳе ба вақти баҳор,
Дар ӯ ҳам гулистону ҳам гул ба бор.
Ҳазор аз бузургони хусравпараст
Такуки булӯрину болуғ ба даст.

Бутони саройӣ миён баста танг,
Ба каф ҷом в-аз ҷома товусранг.
Ҳама сарви симин ба заррин камар,
Ҳама майгусор оҳуи мушксар.
Ба шамшод пӯянда анбарфурӯш,
Ба ёқут гӯянда - дар ханда нӯш.
Фурӯзон ба миҷмар яке уди хушк,
Фишонон ба бод он дигар гарди мушк.
Майи зард буд дар булӯрин аёғ,
Чу дар оби пок аз намойиш чароғ.
Навопешагон баргирифтанд руд,
Ҳаме ҷом медод ҷонро дуруд.
Бад-ин сон Фаридун маҳе бештар
Ҳамесохт ҳар рӯзе базме дигар.
Ҳама ёди Фағфури Чин хостӣ,
Ба шодиш бо ҷом бархостӣ.
Зи ҳар тӯҳфа чандонаш овард пеш,
Ки ҳам Чин шудаш хору ҳам ганҷи хеш.
Аз он пас Наримони ялро навохт,
Зи баҳраш басе хусравӣ ҳадя сохт.
Садаш бадра бахшид динори ганҷ,
Зи ҳар дебае рахт панҷоҳу панҷ.
Дусад ридаки турк бо аспу соз,
Париచеҳра сӣ ходими дилнавоз.
Зи шамшоду таргу сипар бешумор,
Зи хафтону аз диръу ҷавшан ҳазор.
Зи густарданӣ бор сесад ҳаюн,
Широъу ситора даҳ аз гунагун.
Зи ганҷу ҳама Гӯру Зобулситон,
Ҳам аз Балх то буми Кобулситон,
Бад-ӯ дод пайваста то марзи Синд,
Набишта ҳамин аҳдҳо бар паранд.
Сазо ҳар киро буд бо ӯ ба ҳам,
Гуҳар доду болову зарру дирам.
Дигар ҳар чӣ буд андар он базмгоҳ,
Зи хубону аз фарш в-аз тахту гоҳ.
Бибахшуд яксар ба Фағфури Чин,
Яке курсии нағз додаш ҷуз ин.
Зи зар бар сараш кӯдаке майгусор,
Ба каф ҷоме аз гавҳари шоҳвор.
Ҳар он гаҳ, ки шаҳ даст бифроштӣ,
Вай он ҷоми май пеши ӯ доштӣ.

Чу хӯрдӣ, ба овоз гуфтӣ, ки нӯш,
Аз ӯ бистадӣ, боз будӣ хамӯш.
Широъе, ки аз парри Симурғ буд,
Бидодаш пур аз гавҳари нобисуд.
Дигар тоҷе аз гавҳари шоҳвор,
Ки шаб шамъ бо ӯ набудӣ ба кор.
Бидодаш зи беҷода тахте дигар,
Тирозида бар пушт шере зи зар,
Ки ҳар соат он шер ҷастӣ зи ҷой,
Задӣ наъра в-он гаҳ нишастӣ зи пой.
Ба ком - андар оташ дамидӣ зи дур,
Шудӣ з-ӯ ҳаво пур бухори бахур.
Ду ёқут додаш дигар лаълранг,
Саду бист мисқол ҳар як ба санг.
Чиҳил дурри дигар ҳама нобисуд,
Ки ҳар як меҳ аз хояи боз буд.
Ба мисқол сӣ сурх гӯгирди пок,
Ба як пора чун ахтаре тобнок.
Дигар ҳар чӣ аз Чин буд оварда чиз,
Саросар бад-ӯ боз бахшид низ.
Ба даргоҳи ӯ боз Фағфуршоҳ
Бибахшид як-як ҳама бар сипоҳ.
Ҷуз он афсарин гавҳари шоҳвор,
Дигар он чи дар роҳаш омад ба кор.
Шаҳи гетӣ аз бахри Гаршосп боз
Басе ҳадяи гунагун кард соз.
Ҳам аз кӯсу мунҷуқу аз тахту зар,
Ҳам аз пилу болову теғу камар.
Қабову кулоҳи гуҳарбафти хеш,
Дигар ҳадя ҳар чиз даҳ ганҷ беш.
Ҳама буми Моҳону ҷойи меҳон,
Ҳам аз Қаҳситон то дари Исфаҳон
Бад-ӯ дод то марзи Қазвину Рай,
Яке аҳд бар номаш афканд пай.
Меҳоне, ки буданд бо ӯ ба Чин,
Сазо ҳадяҳо дод нав ҳамчунин.

## 132. ПОСУХИ НОМАИ ГАРШОСП АЗ ФАРИДУН

Набишт он гаҳе посухаш бозу гуфт:
-Расид он суханҳои бо меҳр ҷуфт.

Яке нома гӯё чу фаррух суруш
Ки аз дурри маънӣ садаф карда гӯш.
Паёмовараш муждаро моя буд,
Хирадро суханҳош пироя буд.
Равонҳо шуд аз мужда шодисиришт,
Ба ҳар дил даре баркушод аз биҳишт.
Туро то кушода-ст дасти баланд,
Бувад бегумон пойи душман ба банд.
Ту шериву теғи ту з-алмоси абр,
Равонбори абру инондори бабр.
Ҳаво нест, н-аз гарди ту тирафом,
Замин нест наспарда аспат ба гом.
Зи хун каффи шерон ба кафшери туст,
Дилу разму кин ҷуфти шамшери туст.
Ҳунарҳо чунин аз ту набвад шигифт,
Далериву разм аз ту бояд гирифт.
Ту ранҷиву ман бар хурам аз ҷаҳон,
Ҳамоно, ки ту дастиву ман даҳон.
Биёмад ба мужда Наримони гурд,
Ҳама, ҳар чӣ гуфтӣ, якояк шумурд.
Агарчанд Фағфур кажжӣ гузид,
Зи мо росткориву хубӣ сазид.
Бад-ӯ чун туро некуйӣ буд рой,
Ба некӣ фиристодамаш боз ҷой.
Чу ояд, бад-ӯ боз биспор Чин,
Ба Чин-ш аз рухи бахт биздой чин.
Бар ӯ божу сову ҳама Чин нахуст
Набишту ситад аҳде аз вай дуруст.
Ба нузлу алаф ҳар кӣ буданд шоҳ,
Бифармуд, к-оянд пешаш ба роҳ.
Ду манзил шудаш ҳамраҳу гашт боз.
Сипаҳ ронд Фағфур бо кому ноз.
Ба базму ба хон ҳам бад-он расми пеш
Ҳамезист дар раҳ чу дар шаҳри хеш.
Бузургон бад-ин мужда бархостанд,
Ҳама Чину Ҷандон биёростанд.
Замин сар ба сар дебаи Чин гирифт,
Ҳаво аз дирамрез Парвин гирифт.
Ҳаме ҳар суй озини дебо заданд,
Зи шодӣ маро бар Сурайё заданд.
Ҳама хоки раҳ гил шуд аз бас гулоб,
Зи гул гул дамид аз замӣ лаъли ноб.
Садаф гашт ҳомун зи бас дурнисор,
Шуд аз нофа абр оҳуи мушкбор.

Чунон буд зи бас гарди аспи сипоҳ,
Ки аз бар надиданд кас меҳру моҳ.
Ҷаҳонпаҳлавон бо бузургони Чин
Пазира шудаш чанд манзил замин.
Чу Фағфур бинҳод дар кох пой,
Биёмад сари ходимони сарой.
Зи Гаршосп озодӣ овард пеш,
Ҳамон низ хотун аз андоза беш,
Ки бар мо зи ту меҳр беҳ доштаст,
Паси парда бегона нагзоштаст.
Зи дарвои мо ҳар чӣ бойист низ,
Ҳамедод хуррам зи ҳар гуна чиз.
Аз ин мужда Фағфур шодӣ гирифт,
Чунин кор аз ӯ, -гуфт, -набвад шигифт.
Кунад ҳар кас он, к-ояд аз гавҳараш,
Ки ҳар шох чун тухмаш орад бараш.
Дигар рӯз шабгир бо фаррахӣ
Чу биншаст бар гоҳи шоҳаншаҳӣ,
Бузургони Чин сар барафрохтанд,
Бари шоҳи Чин омадан сохтанд.
Салаб ҳар чӣ будшон кабуду сиёҳ,
Фиканданд яксар зи шодии шоҳ.
Чунон подшоҳӣ бар ӯ рост шуд,
Ки гоҳаш бар аз маҳ ҳамехост, шуд.
Нахуст аз ҳама кас, ки буд номдор,
Ҷаҳонпаҳлавон бурд пешаш нисор.
Хироҷе, ки дар Чин зи ҳар сӯ фароз
Ситад буд, бад-ӯ низ биспурд боз.
Бад-ӯ дод боз он ҳама шоҳи Чин,
Басе ҳадя бахшид низаш ҷуз ин.
Аз он пас ба наздики шоҳи каён
Яке нома фармуд бар парниён.
Гаҳи рафтанаш бо меҳони сипоҳ
Бурун рафт пешаш ду манзил ба роҳ.
Варо кард бадруду баргашт шод,
Ҷаҳонпаҳлавон сар суйи раҳ ниҳод.

## 133. ХОҲИШИ НАРИМОН АЗ ШОҲ АФРИДУН ВА ЗАН ХОСТАНИ Ӯ

В-аз он сӯ Наримон чу як маҳ бибуд,
Ба даргоҳи шаҳ рафт шабгир зуд.

Камар бастаи роҳу бар сар кулоҳ,
Зи баҳри шудан хост фармони шоҳ.
Дигар гуфт, к-аз Чин чу бархостам,
Бари шаҳрёр омадан хостам.
Маро амми ман, паҳлавон, дод панд,
Ки чун боз хона расӣ бегазанд,
Яке ҷуфти шойиста кун дар х(в)арат,
Бипайванд аз ӯ дар ҷаҳон гавҳарат,
Ки хоҳад нажоде бузург аз ту хост,
Ки гетӣ бидорад ба шамшер рост.
Дарахте зи тухми ту сар баркашад,
Ки бар осмон шохи ӯ сар кашад.
Ҳама паҳлавонон-ш бошанд бор,
Далерони разму бузургони бор.
Кунун шаҳрёр ошкору ниҳуфт
Шиносад, ки нагзирад аз рӯй ҷуфт.
Ба гетӣ Худованд аз он шуд падид,
Ки ҳар чизро ҷуфт пок офарид.
Ҷаҳон аз ду ҳарф омадаст аз нахуст,
Сухан кам зи ду ҳарф н-ояд дуруст.
Хате н-оварад хомае бе ду сар,
Чу мурғе нагирад ҳаво бе ду пар.
Ягона гуҳар гарчи зебо бувад,
Накӯтар чу ҷуфтеш ҳамто бувад.
Бузургест, дар Балхи бомӣ сар аст,
Маро низ дар тухма ҳамгавҳар аст.
Ҷуз аз духти ӯ нест зебои ман,
Бад-ӯ шоҳ равшан кунад рои ман.
Магар бандае з-ӯ диҳад Кирдгор,
Ки андар рикеби шаҳ ояд ба кор.
Наванде ҳам он гоҳ шаҳ барнишонд,
Ба сӯйи шаҳи Балху ӯро бихонд.
Басе мужда дод аз баланд ахтараш,
Сухан ронд боз он гаҳ аз духтараш.
Мар ӯро зи баҳри Наримон бихост,
Ҳама дасти паймони ӯ кард рост.
Зи ганҷаш басе ҳадя бахшиду чиз
Ҳама Балхи бомӣ бад-ӯ дод низ.
Фиристодаш он гаҳ суйи Балх боз,
Ки рав, кори духтар биҷӯву бисоз.
Суйи Систон шуд Наримони гурд,
Бар ӯ шаҳ басе ҳадяҳо баршумурд,
Ки шодон шаву ҷуфти худро бибин,
Суйи Систон ору он ҷо нишин.

Ки он шаҳ, ки бар шаҳри Кобул сар аст,
Зи хешони Заҳҳоки бадгавҳар аст.
Ба дил душманиҷӯву бадхоҳи мост,
К-аз аҳриманӣ тухмаи аждаҳост.
Бад-он марз ҳар сӯ нигаҳдор бош,
Аз он душмани бад ту бедор бош.
Наримон ба домодворӣ чу бод
Суйи Систон рафт пирӯзу шод.
Ба овардани ҷуфт кас рафт зуд,
Фиристод чизе, ки шойиста буд.
Шаҳи Балх чандон барафшонд ганҷ,
Ки монд аз кашидан ҷаҳоне ба ранҷ.
Чи аз фаршу олат, чи аз симу зар,
Чи аз дурру дебову санги гуҳар.
Иморӣ биёрост бо маҳд шаст,
Канизак дусад ҷому миҷмар ба даст.
Ба-ҷом андарун дур аз андоза беш,
Зи миҷмар ҳама уди сӯзон зи пеш.
Дигар чорсад ридаки дилнавоз,
Чиҳил ходими турк – шамъи Тироз.
Ҷаҳон пур зи хубони чун моҳ кард,
Чунин ҳадя бо духт ҳамроҳ кард.
Замин аз гаронӣ бибуд саргарой,
Ки бечора гашт аз пайи чорпой.
Зи Балх ончунон бор дар бор буд,
Ки то Систон раҳ чу девор буд.
Наримон пазира шуд ороста,
Ҷаҳон гашт сури сарон хоста.
Биборид тунд абри шодӣ зи бар,
Дили шодмон аз бар омад бадар.
Дар ойни дебо зада кӯю бом,
Фурӯзон ба ҳар сӯ тале уди хом.
Чунон дурфишон буду анбарфишон,
Ки дарвеш зар буд ба доман кашон.
Ҳама роҳ озину  гунбад зада,
Ба ҳар гунбаде гулфишонон рада.
Ба парвоз мурғон барангехта,
Зи ҳар як дигар шаръе овехта.
Зи дебо дару дашт товусранг,
Дами ной ҳар ҷову овои чанг.
Бузургон ҳама роҳ бо кӯсу буқ,
Фишонон ба тašт оби мушку халуқ.

Назора дад аз кӯҳу мурғ аз ҳаво,
Гаҳ ин лавҳсозанда, гаҳ он наво.
Ҳам аз роҳ - дар шоҳ бо моҳи хеш
Дар айвон нишастанд бар гоҳи хеш.
Зи мушку гуҳар тоҷ буд шоҳро,
Зи ёқуту дур афсаре моҳро,
Ба ҳам ҳафтае шод бигзоштанд,
Бар аз кому ором бардоштанд.
Сиришти хирад чун аз абри ҳунар
Садаф ёфт, он дурр шуд моявар.
Гаронмоя мӯҳри ҷаҳонкирдгор
Гирифт аз нигини худой нигор.
Тани моҳчеҳра гаронӣ гирифт,
Равонзодсарваш навонӣ гирифт.
Гулаш ҳар замон гашт берангтар,
Ҳам он бори дурраш гаронсангтар.
Чу буд гоҳи  зодан-ш, бемор гашт,
Бар ӯ андуҳи бор бисёр гашт.
Чунон сахт шуд кори зодан бар ӯй,
К-аз ӯ зиндагӣ хост бартофт рӯй.
Ба мушкӯйи мушкин бутони сарой,
Ҳама сар пур аз хок зорифизой.
Пизишке буд аз файласуфони Ҳинд,
Ки Гаршосп оварда будаш зи Синд.
Биёрост ҳар доруй аз бешу кам;
Бад-ӯ дод бо тухми каттон ба ҳам.
Ҳамон гаҳ шуд осон бар он моҳ ранҷ,
Падид омадаш дурри гӯё зи ганҷ.
Ҷудо гашт теғи шаҳӣ аз ниём,
Бурун шуд хур аз меғи торикфом.
Чароғе буд ӯ худ зи хубиву фар,
Барафрӯхт аз худ чароғе дигар.

## 134. ЗОДАНИ СОМИ НАРИМОН

Писар зод моҳе, ки аз чарх меҳр
Зи хубӣ бад-ӯ орзу кард меҳр.
Ба дидор гуфтӣ падар буд рост,
Бар ин-бар гуво кас набойист хост.
Наримони ял номи ӯ Сом кард,
Ба меҳраш равону дил ором кард.

Навиде ба назди Фаридуншоҳ
Ба мужда барафканд пӯён ба роҳ.
Парандин чунон кӯдаке сохтанд,
Чу гурдон-ш бар асп биншохтанд.
Каманду камон дарфиканда ба ёл,
Яке гурзи шоҳон гирифта ба бол.
Яке найза бар дасту ханҷар ба чанг,
Сипар боз пушту камар баста танг.
Фиристод бо номае бар ҳарир,
Ба Гаршосп – гарданкаши гурдгир.
Бар он нома аз дасти кӯдак нишон,
Зи мушку гулобу маю заъфарон.
Фириста ҳаме шуд чу мурғи бапар
Ба ҳар манзиле-бар ҳаюне дигар.
Ба раҳ нома мар паҳлавонро супурд,
Зи шодӣ ҷавон шуд сипаҳдори гурд.
Бар он пайкари шербачча шигифт
Фурӯ монду аз дил ниёиш гирифт.
Дар омад зи кин, гашт ғалтон ба хок,
Ҳамегуфт, к-ай рост дидори пок!
Ту кун рӯзии банда он рӯзгор,
Ки бинам-ш дар саф ҳам эдун савор.
Фиристодаро дод бисёр чиз,
Ҳамон ҷомаву ёраи хеш низ.
В-аз он раҳ, ки буд, зӣ бари шоҳ шуд,
Фаридуни шаҳ з-ӯ чу огоҳ шуд,
Пазира фиристодаш аз чанд мил,
Сипаҳ яксару кӯсу болову пил.
Бурун аз дари кӯшк, аз ҷойи хеш,
Чу наздик шуд, рафт даҳ гом пеш.
Бари хеш ҳамбар-ш биншонд шод,
Бипурсиду аз ранҷи раҳ кард ёд.
Ҳамедошт як маҳ-ш дил шодхор,
Гаҳе базму бозиву гоҳе шикор.
Сари моҳ дебову зарру дирам,
Силеҳу дигар ҳадяҳо бешу кам,
Бибахшид чандонаш аз гунагун,
Шуда тӯда як кӯҳ боло фузун.
Суйи хона фармуд, то шуд ба ком
Ба дидори фаррух Наримону Сом.

## 135. ДОСТОНИ ҚУБОДИ КОВА

Чу шуд паҳлавон баста раҳро камар,
Қубод, он куҷо Кова будаш падар.
Ба даргаҳ чунин гуфт пеши меҳон,
Ки ин шаҳ надорад ниҳоди шаҳон.
Падар-м аз ҷаҳон ҷуз мар ӯро нахост,
Ба шамшер гетӣ аз ӯ гашт рост.
Аз авранг барканд Заҳҳокро,
Супурд афсараш зери пай хокро.
Зи Гаршосп мо беш бурдем ранҷ,
Бад-ӯ беш бахшад ҳаме шаҳру ганҷ.
Шуд ин огаҳӣ назди шоҳ ошкор.
Ниҳон дошт, то буд ҳангоми бор.
Чу шуд бар сар он боргоҳу сарой,
Баровард сар шоҳи донишсарой.
Чунин гуфт, к-ай номдор анҷуман,
Ниюшед яксар зи дил панди ман.
Ба Яздон паноҳед, то аз газанд
Бувадтон ба ҳар ду ҷаҳон судманд.
Манозед аз он шодмониву ноз,
Ки орад саранҷом дарду гудоз.
Беандарз ҳаргиз мабошед кас,
Бибинед ҳар корро пешу пас.
Мабандед бо рашку бо оз рой,
Ки ин ғамфазой асту он ҷонгазой.
Маҷӯед דониш зи бедонишон,
Ки нодон зи дониш надорад нишон.
Кунед озмунҳо ба дониш фузун,
Ки ҳаст ойина мардро озмун.
Ҳамеша дил аз шоҳ доред шод,
Бавижа, ки дорад раҳи дину дод.
Бинозед, агартон навозад ба меҳр,
Битарсед, чун чин дарорад ба чеҳр.
Магӯед шаҳро бад аз бераҳӣ,
Ки-тон бад расад, чун расад огаҳӣ.
Агарчанд бошед аз дур, боз
Бувад дасти шоҳон ба ҳар сӯ фароз.
Бувад гӯш бо чашм шаҳро басе,
Куҷо гӯшу чашмаш бувад ҳар касе.

Чу шаҳ додгар бошаду раҳшинос,
Бад-ӯ дошт бояд зи Яздон сипос.
Набояд гувожа задан бар фусӯс,
На бар ёфа гуфтан шудан чоплус.
Чунон хуш набояд будан, ки-т х(в)аранд,
Чунон турш на низ, ки-т нангаранд.
Зи захми синон беш захми забон,
Ки ин тан кунад хаставу он равон.
Чу дастур шуд дил, хирад ҳамчу шоҳ,
Забон чун сипаҳбад, сухан чун сипоҳ.
Сипаҳдор дорад сипаҳро ба ҷой,
К-аз андоза нанҳад касе пеш пой.
Ба ногуфта-бар чун касе ғам х(в)арад,
Аз он беҳ, ки бар гуфта кайфар барад.
Се чиз оварад подшоҳӣ ба шӯр,
К-аз он ҳар се шаҳро бувад бахт шӯр.
Яке бо занон ром будан ба ҳам,
Дувум зифткорӣ, севум дон ситам.
Шаҳи нек бо комронӣ бувад,
Чу бад гашт, камзиндагонӣ бувад.
Сазо подшоҳӣ мар онро сазост,
Ки ӯ бар ҳавои дилаш подшост.
Зи гетӣ беоҳу наёбӣ касе,
Агарчанд дорад ҳунарҳо басе.
Шаҳ он беҳ, ки бошад бузург аз гуҳар,
Хирад дораду доду фарҳангу фар.
Ба огандани ганҷ накнад ситам,
Нахоҳад, ки хусбад аз ӯ кас дижам.
Зи ҳар бад ба додор ҷӯяд паноҳ,
Ба андози ҳар кас диҳад пойгоҳ.
Намонад ба теғу ба тадбиру ганҷ,
Ки ояд зи душман ба кишвар-ш ранҷ.
Маро ин ҳама ҳасту покии тан,
Дигар то шаҳам, бад наёяд зи ман.
На ганҷи касе ёфа бигзоштам,
На бар бегунаҳ ранҷ бигмоштам.
Ҷаҳонбон диҳад подшоҳиву тахт,
Нагардад касе ҷуз бад-ӯ некбахт.
Ҷуз Эзид надодастам ин тоҷ кас,
Сипос аз ҷаҳон бар ман ӯрост бас.
Сазад пас, ки бадгӯй чирӣ кунад,
Ба бад гуфтани ман далерӣ кунад.

Пас он гоҳ бо хашм гуфт: -Ай Қубод,
Бади мардумон аз чӣ гӯйӣ ба ёд?
Магар рашк мағзат бикоҳад ҳаме,
Забонат саратро нахоҳад ҳаме?!
Зи Гаршосп в-аз Кова ронӣ сухун,
Гила ҳар чӣ кардӣ, шунидам зи бун.
Ҳама Рум то Ховару Ҳинду Чин
Забун гашт Гаршоспро рӯзи кин.
Ҷаҳон хира монад зи бурзаш ҳаме,
Ба гардун кашад пил гурзаш ҳаме.
Сутуҳ деву пил аз хами хоми ӯст,
Жаёншеру тундаждаҳо роми ӯст.
Куҷо найза зад дар сафи корзор,
Пасин мард бошад чу пешин фигор.
Ба Ҳинд ар фурӯ кӯбад аз гурз бум,
Зи бас зӯри ӯ ларза гирад ба Рум.
Чу ман ҳам зи Ҷамшед дорад нажод,
Ту чун Кова, донӣ-ш гашта ба бод.
Падар-т аз Сипоҳон буд оҳангаре,
На зебо бузурге, на воло саре.
Чу бигзид моро, накӯном шуд,
Ба каф - дар-ш путки гарон ҷом шуд.
Аз оҳангарӣ расту солор гашт,
Пас аз кулбадорӣ сипаҳдор гашт.
Буд он гоҳ дар кулба бо дуду дам,
Кунун аст дар базм бо мо ба ҳам.
Бидодемаш Аҳвозу даҳ бора шаҳр,
Ҳаме з-ин фузунтар зи мо ёфт баҳр.
Агар бурд ранҷ, омадаш ганҷ бар,
Ту низ оядат орзу, ранҷ бар!
Зи баҳри ҳама кас бувад шаҳрёр,
На аз баҳри як тан, ки бошад-ш ёр.
Дигар то туӣ, ёфа з-ин сон магӯй,
Ба даште, ки гумроҳ гардӣ, мапӯй.
Маҷӯй, он чи-т орад саранҷом бим,
Макаш пой аз андоза беш аз гилем.
Маяндоз санги гарон аз барат,
Ки чун бозгардад, фитад бар сарат.
Гар озарми бобат набудӣ зи бун,
Чу аз рафтагон будӣ ту аз сухун.
Ҳамон кардаме бо ту аз роҳи дод,
Ки дар Чин Наримон ба дигар Қубод!

Сухан ҳар чӣ гуфтам, ба дониш бибин,
Нигоре кун инрову дилро нигин!
Шуд аз бими шаҳ зарду ларзон Қубод,
Ба зориву пӯзиш забон баркушод.
Басе гашт дар хок зинҳорхоҳ,
Бибахшид хуну бибахшуд шоҳ.
Хабар ёфт Кова, писарро бихонд,
Фаровон бар ӯ хашму хорӣ биронд.
Ба хун кард бо ханҷар оҳанги ӯ,
Раҳонданд хешонаш аз чанги ӯ.
Фиристод кас шоҳи кишварнавоз,
Ба як ҷояшон оштӣ дод боз.
В-аз он сӯ ҷаҳонпаҳлавон шодком
Ҳамезист хуррам ба дидори Сом.
Ҳамегуфт, к-ӯ чун гирад зӯру бурз,
Зи ман беҳ бувад гоҳи шамшеру гурз.
Ба як сол аз он шодиву фарраҳӣ
Нашуд дасташ аз ҷом рӯзе тиҳӣ.
Наванде сари соли нав кард рост,
Хироҷи худованди Кобул бихост.
Шаҳи кобулӣ гуфт, к-ин нест дод,
Шаҳаншаҳ ба бедод фармон надод.
Ту хоҳиву хоҳад худованди тоҷ,
Ба соле дубора набошад хироҷ.
Бар ин орзу паҳлавони сутург
Фиристод нома ба шоҳи бузург.
Хироҷи ҳама Кобулу буми ӯй
Бад-ӯ дод яксар шаҳи номҷӯй.
Ҷаҳонпаҳлавон аз пайи номро
Бибахшид боз он ҳама Сомро.
Зи гетӣ ҳама Систон сохт ҷой,
Ба рафтан назад чанд гаҳ низ рой.
Ҷаҳон саргузашти нав аз ҳар касе
Чунин гунагун ёд дорад басе.
Ҷаҳон хонаи деви бадпайкар аст,
Саройе пурошӯбу дарди сар аст.
Яке гӯр донист бар роҳрав,
Ки гӯре фузун нест ҳар гоҳи нав.
Биёбон-ш лаҳв асту регаш ниёз
Самумаш ҳавои дилу ғӯл – оз.
Деҳе шуд, ки бошад бар ӯ раҳгузор,
Дарун ҳасту берун шудан нест чор.

Диҳанда-сту он-ч ӯ диҳад бешу кам,
Ситонад ҳамон боз бо ҷон ба ҳам.
Ба донандагон ҳамчу зиндони зишт,
Бар он кас, ки нодону бедин – биҳишт.
Бараш ин яке дон, ки донишсарой,
Барад з-ӯ ҳаме тӯшаи он сарой.
Вай ар ногаҳонат бихоҳад рабуд,
Ту з-ӯ баҳраи хеш бардор зуд!

## 136. ДОСТОНИ ГАРШОСП БО ШОҲИ ТАНҶА

Кунун аз шаҳи Танҷаву паҳлавон
Шунав кори кин ҷустани ҳар дувон.
Буд он гаҳ, ки аз назди Заҳҳокшоҳ
Суйи Танҷа шуд паҳлавони сипоҳ.
Зи дарёву хушк он чи оварда буд,
Ба дасти шаҳи Танҷа биспурда буд,
Ки то боз хоҳад, чӣ орад ҳаво,
Бад-ин карда буд мард чанде гуво.
Сар омад мар он шоҳро рӯзгор,
Писар-ш аз паси ӯ шуда шаҳрёр.
Писар низ рафта ба роҳи падар,
Набера бибаста ба ҷояш камар.
Чунон буд ройи шаҳи сарфароз,
Ки он хоста хоҳад аз Танҷа боз.
Ба ин кор пӯяндае кард рост,
Зи шоҳи каён ҳам бад-ин нома хост.
Шаҳи Танҷаро тамъ бирбуду гуфт,
Ки ин огаҳӣ бо дилам нест ҷуфт.
Гузаштаст аз ин кор соле дувист,
Маро сол низ аз чиҳил беш нест.
Чунин дом ҳаргиз магустар ба роҳ,
Зи ганҷам гарат ройи чизест, хоҳ.
Ниҳӣ поят аз поя берун ҳаме,
Ки харгӯш гирӣ ба гардун ҳаме.
Сипаҳбад бидонист, к-он аст ранг,
Ба ҷанг ояд он хоста боз чанг.
Даҳу ду ҳазор аз сарони сипоҳ
Гузиду бурун шуд ба фармони шоҳ.
Ба фаррух Наримон чунин кард ёд,
Ки корат ҳама роҳи дин боду дод!

Гар оям ман, ар на ба ҳар бешу кам
Мазан ҷуз ба ройи шаҳаншоҳ дам.
Бибӯсидаш аз меҳру лашкар кашид,
Хабар чун бари шоҳи Танҷа расид,
Пароканд бас ганҷу кин кард соз,
Беандоза овард лашкар фароз.
Шуд, азбаски будаш сипоҳи гарон,
Замин чун сипеҳр аз карон то карон.
Баромад сипаҳдор бо лашкараш,
Зи гард абр баст аз бари кишвараш.
Бари Танҷа наздики як рӯз роҳ
Ба гирди деҳе хайма зад бо сипоҳ.
Меҳи деҳ яке пир буд номҷӯй,
Басе сол паймуда гардун бад-ӯй.
Фаровон зи нузлу алаф баршумурд,
Ҳама бурд назди сипаҳдори гурд.
Аз он хоста, -гуфт, -дорам хабар,
Ки дар Танҷа бинҳодӣ аз пештар.
Бародар-м зинда-сту бо ман гувост,
Дар он нома ҳам ному ҳам хатти мост.
Аз он шод шуд, паҳлавон чун шунуд,
Суйи танҷашаҳ номае сохт зуд.
Сари нома кард аз ҷаҳондор ёд,
Худованди дину худованди дод,
Фарозандаи ҳафт чархи сипеҳр,
Фурӯзандаи гетӣ аз моҳу меҳр.
Дигар гуфт, к-ай гумраҳ аз Кирдгор,
Чӣ тамъ аст, к-андар дилат кард кор?
Бувад назди фарзона камтар кас он,
Ки хира кунад тамъи чизи касон.
Накӯтар бувад номи зифтӣ басе,
Зи хоне, ки бо тамъ бинҳад касе.
Ҳамоно ба чашмат ҳазок оядам,
Ва ё чун ту аблаҳ фағок оядам.
К-аз ин сон суханҳои ғоб оварӣ,
Ҳаме чашми дилро ба хоб оварӣ.
Киро ранги чеҳра сияҳтар зи занг,
Бад-ӯ кай падид ояд аз шарм ранг.
Ҳунарҳо-м ҳар кас шунидасту дид,
Ту аз аблаҳӣ чун кунӣ нопадид?!
Куҷо ман шитоб оварам бар даранг,
Наванди замонро шавад пой ланг.
Агар бар замин барзанам бонги тез,
Ҷаҳад мурда аз гӯр бе растахез!

Ба гаҳвора дар Ҳинд кӯдак хурӯш
Чу гиряд, зи номам бибошад хамӯш.
Ба Чин оташе, к-ояд аз осмон,
Баранд аз тафи теғи тезам гумон.
Яке хоста, к-он ҷаҳонро баҳост,
Чу ман гурде оварда аз чаппу рост.
Чу дар ганҷат, ай зоғрух, тираруз,
Ниҳуфтӣ чу андар замин зоғи кӯз.
Кунун гӯйӣ огаҳ наям з-он дуруст,
Ҳама кас шиносанд, к-он назди туст.
Саронат гувоҳанд бисёр, ман
Фиристодам инак ба наздат ду тан.
Агарчанд бошанд бисёр кас,
Гуво назди довар ду оранду бас.
Агар боз бифристӣ он хоста,
Чунон ҳам ки будаст ороста,
Ҳам аз ман бувад пояат назди шоҳ,
Ҳам аз шоҳ ёбӣ бузургиву ҷоҳ.
В-агар н-оварӣ, он чи рой оварам,
Сару афсарат зери пой оварам.
Бар аз чархи Кайвон гар айвони туст
В-агар номи девон ба девони туст,
Саратро зи гардун ба гард оварам,
Дили дӯстонат ба дард оварам.
Паямбар ба роҳам бувад он замон,
Будаш ном Зардушт аз осмон.
Ба саҳфаш-бар ин хӯрд савганд низ,
Бад-он ду гуво дод бисёр чиз.
Ба ҳам бо фиристода-шон ранҷа кард,
Фиристода оҳанг зӣ Танҷа кард.
Чу шаҳ нома бархонд, он ҳар ду тан
Гувоӣ бидоданд бар анҷуман.
Ҷуз эшон гуво буд дигар басе,
Валекин наёрист дам зад касе.
Дижам зӣ фириста шаҳ овард рӯй,
Бад-ӯ гуфт: -Рав, паҳлавонро бигӯй:
«Чу девор бар барф созӣ нахуст,
Нигун зуд гардад ба бунёд суст.
На ҳар-ч он бигӯянд, бошад ҳамон,
Бари рост гум зуд гардад гумон.
Ба мардиву ганҷу сипоҳ аз ту кам
Наям, чист ин тамъи пурбоду дам?!

Набудӣ маро дар ҷавонӣ ҳамол,
Кунун чун бувӣ, ки-т бифарсуд сол.
Яке мӯям афтод дар корзор,
Агар бинӣ, аз бимат ояд чу мор.
Маро бо шаҳаншоҳ аз ин нест ҷанг,
Ба ҷангам туӣ омада тезчанг».
Фиристодагонро ба хорӣ биронд,
Ду раҳ сад ҳазор аз ялонро бихонд.
Дар оҳан биёрост сад жандапил,
Зи Танҷа бурун хайма зад бар ду мил.
Буд аз сарфарозон яке кинатӯз,
Сипаҳдор ӯ буд, номаш Матуз.
Зи лашкар-ш ниме бад-ӯ дод беш,
Зи баҳри набардаш фиристод пеш.
Фириста хабар зӣ сипаҳдор бурд,
Сипаҳбад сабук дасти пайкор бурд.
Биёвард наздики душман сипоҳ
Ба ҷанг - андар омад ҳам аз гарди роҳ.
Талоя бизад бар талоя нахуст,
Ба хун ҳар суйе ғарқа шуд буму руст.
Ба печиш гирифтанд гурдон инон,
Суйи синаҳо рост карда синон.
Ту гуфтӣ, зи бас гурд болову паст,
Ки ҳомун ба гардун даровард даст.
Яке жарф дарё шуд аз хун замин,
Ки буд назди ӯ чашма дарёи Чин.
Замона заминро ҳаме хун гирист,
Ситора надонист рафтан, ки чист.
Гирифтанд зовулгуруҳ бешумор
Силеҳу сутур андар он корзор.
Чу чархи шаб оройиш аз сар гирифт,
Зи моҳи тамом ойина баргирифт,
Фурӯ ҳишт зулфайни мушкин нигун,
Зи зар хол зад бар рухи нилгун.
Нафармуд пайкори дигар Матуз,
Ки шуд гоҳи оварду бигзашт рӯз.
Ба гурдон фиристод гурди сипоҳ,
Ки доред имшаб шабехун нигоҳ.
Камин сохт ҳар ҷой болову шеб,
Сипоҳаш кас он шаб нахуфт аз ниҳеб.
Ҳама шаб зи бими шабехун Матуз
Ҳамебуд бедор, то гашт рӯз.

Чу бозӣ баровард чархи равон,
Ба заррину симин ду гӯйи давон.
Яке гӯйи симин фурӯ бурд сар,
Дигар гӯйи заррин баровард сар.
Ду лашкар синонҳо барафрохтанд,
Камингаҳ гирифтанду саф сохтанд.
Заминро сипеҳр аз гаронӣ сипоҳ
Надонад ҳаме дошт, гуфтӣ, нигоҳ.
Ҷаҳонпаҳлавон диръи гурдӣ чу гард
Бипӯшиду бигрифт гурзи набард.
Бар ӯ ҳафтсад сол бигзашта буд,
Зи гашти сипеҳри куҳан гашта буд.
Хурӯшид, гуфто: -Маро хирахир
Зи байғоза душман куҳан хонду пир.
Кунун беҳ кунам разму кӯшиш зи бун,
Ки беҳтар кунад кор теғи куҳун.
Куҳан беҳтар аз ранги ёқуту зар,
Ҳам эдун май аз нав куҳан нектар.
Маро гашти чарх арчи хам дод пушт,
Ҳамон беш зӯрам ба захми дурушт.
Бигуфт ину бо лашкар аз чаппу рост,
Ба ҷанг омаду гарди кӯшиш бихост.
Пур аз бумҳан шуд саросар ҷаҳон,
Ситора ҳувайдову гардун ниҳон.
Зи бас дар замин аз тафи лаъли ноб
Ба дарёи қулмуз ба ҷӯш омад об.
Ҳаме то дусад мил дар куҳ хурӯш
Фитодиву боз омадӣ боз гӯш.
Забар осмоне буд аз тира гард,
Замин зери дарё буд аз хуни мард.
Саворон дар он жарфдарё навон,
Чу киштӣ дирафш аз бараш бодбон.
Пур аз дом ҳомун зи хамми каманд,
Ба ҳар дом дар монда гурде ба банд.
Шуда лаъл гард аз дами хуну теғ,
Чу гоҳи шаб аз акси хуршед меғ.
Зи бас к-ойина буд дурафшон зи пил,
Ҳамехост оташ зи дарёи Нил.
Сипаҳдор бо гурзу найза ба чанг
Пиёда ҳаметохт ҳар сӯ ба ҷанг.
Ба ҳар гунбаде ҷаст панҷоҳ гом,
Ҳамекӯфт гурзу ҳаме гуфт ном.

Гаҳе дӯхт бо сина хартуми пил,
Гаҳе рехт хун ҳамчу дарёи Нил.
Чи хайли пиёда, чи хайли савор,
Зи бадхоҳ чандон биёфканд хор,
Ки мар маргро гашт чангол суст,
Шуд аз дасти ӯ пеши Яздон нахуст.
Ба диръаш – дар аз захми мардони ҷанг
Ба ҳар ҳалқа-дар буд тире хаданг.
Шилу новаку тир дар миғфараш,
Фузун з-анбуҳи мӯй буд бар сараш.
Куҳу дашт пуркушта буд пешу пас,
Чунин то шаб аз разм н-осуд кас.
Шаби тира чун шаъри бофанда гашт,
Кабуду сияҳ бофт дар кӯҳу дашт.
Мар инро ба зар пуд дар тор зад,
Мар онро ба мушк оби оҳор зад.
Дари ҷанги ҳар ду сипаҳ шуд фароз,
Ба сӯйи сипаҳ паҳлавон гашт боз.
Зи хун дид ҳар ҷой ҷӯйе равон,
Ҳаме ҳар касе гуфт бо паҳлавон,
Ки фардо агар пешат ояд Матуз,
Нахустин ҷуз аз вай зи кас кин матӯз,
Ки солори ин бекарон лашкар ӯст,
Бар ин шаҳсавoрони Ховар сар ӯст.
Дирафшаш наҳанг асту хафтон – паланг,
Сиёҳ аспу баргустувон – лаълранг.
Зи пӯлоду дур ожада миғфараш,
Парандин нишон баста андар сараш.
Набурда дирафшаш буруни сипоҳ,
Биёяд, бувад ҳар суйе кинахоҳ.
Бурун омад имрӯз тунд аз камин,
Фаровон сарон зад зи мо бар замин.
Надидем ҷуз ту чунон низ гурд,
Ба зӯри тану мардиву дастбурд.
Ҷаҳонпаҳлавон гуфт, к-имрӯз ҷанг
Чу шуд тез, ҷустам-ш, н-омад ба чанг.
Чу хур теғи рахшон зи тори ниём
Кашад, гардад аз хуни шаб лаълфом.
Ҳар он ҷо, ки фардо ба чанг орамаш,
Ба як дам задан зинда нагзорамаш.
В-аз он сӯ сипаҳ бо Матузи далер,
Сухан ронданд аз сипаҳдори чир,

Ки гуфтанд: -Гаршосп пир асту суст,
Ҷавон кай тавонад чунон разм ҷуст!
Кунун тездандонтар омад ба ҷанг,
Ки дандон намондасташ аз бас даранг.
Куҷо ҷастӣ аз ҷову ҷустӣ ситез,
Чу оташ будӣ тунду чун бод тез.
Фикандӣ ба ҳар захм пиле нигун,
Бикуштӣ ба ҳар ҳамла даҳ тан фузун.
Гирифтӣ думи аспу бифрохтӣ,
Ба ҳам бо савораш бияндохтӣ.
Матузи ҷафопеша гуфт: -Ин набард
Ҳама сахт аз он бод будасту гард.
Чу гардад шаб аз тирагӣ ноумед,
Сапеда барорад дирафши сапед.
Ману гурзу Гаршосп в-овардгоҳ,
Сараш бар синон оварам пеши шоҳ.

## 137. РАЗМИ ДИГАРИ ГАРШОСП БО ШОҲИ ТАНҶА

Сапеда чу шабро ба бар даргирифт,
Шабаш кард бадруду раҳ баргирифт.
Бибуд сим дарё, замин зарри зард,
Хумоҳан куҳу осмон ложвард.
Гирифтанд гурдон ба кин сохтан,
Ҷаҳон аз ялон гашт пур тохтан.
Зи ғурридану кӯсу шайпуру ной,
Зи бонги ҷарас в-аз ҷаранги дарой
Сутуҳ мағзи Кайвону беҳуш гашт,
Дилу заҳраи Зӯҳра  пурҷӯш гашт.
Думи асп кӯтаҳ шуду так дароз,
Фарозӣ бибуд пасту пастӣ фароз.
Зи бас тирагӣ чеҳри гетифурӯз
Сияҳ гашт, гуфтӣ, шаб омад ба рӯз.
Сари гурд бо ҷон ба Ҷавзо расид,
Тани кушта бо хун ба дарё расид.
Даранги ҷаҳон гуфт: -Гетӣ, шитоб!
Аз оҳан равон хун чу аз санг об.
Ялонро ба хун ғарқа теғу сипар,
Яке ҷонсупору яке тансипар.
Пур аз шери ғуррон зи наъразанон,
Пур аз мори паррон зи хишт осмон.

Зи хартуми пилу сари ҷангҷӯй
Ҳама дашт пошида чавгону гӯй.
Чу мурғе шуда марг парраш ҳаданг,
Зи сарнайза минқорашу хишт чанг.
Ялонро ба минқор дарранда ноф,
Саронро ба чангол торак шикоф.
Дар он размзовулгуруҳ яксара
Шикаста шуданд аз суйи майсара.
Бар эшон яке гурд солор буд,
Ки амзоди фаррух сипаҳдор буд.
Ниҳод андар овардгаҳ пойи хеш,
Сипаҳро фурӯ дошт бар ҷойи хеш.
Басе кушт чандон ки саргашта шуд,
Саранҷом дар размгаҳ кушта шуд.
Сипаҳбад бар он дард тунд аз камин
Ба зер омад аз пил бо гурзи кин.
Дудастӣ ҳамекӯфт аз пешу пас,
Наёрист бо захмаш истод кас.
Магар тавбае, к-омад аз саффи ҷанг
Яке хишти чун мор печон ба чанг.
Бияфканд ӯрову н-осуд ҳеч,
Гурезон инонро зи пас дод печ.
Гирифт аз ҳаво хишти ӯ паҳлавон,
Бияндахту бардӯхташ паҳлувон.
Матуз аз камингаҳ барангехт асп,
Амуде ба дасташ чу з-оҳан фарасп.
Бияфканд чандон сар аз чаппу рост,
Чу Гаршоспро дид, бигрехт хост.
Сипаҳбад ба як так ба аспаш расид,
Баровард гурзу ғаве баркашид.
Чунон зад-шу бо асп бар ҳам фиканд,
Ки аз зӯраш андар замин хам фиканд.
Далерони Эрон пасаш ҳар кӣ буд,
Ба зинкӯҳа-бар сар ниҳоданд зуд.
Гирифтанд ҳар сӯ раҳи корзор,
Фиканда шуд аз танҷаӣ сӣ ҳазор.
Гурезанда ҷон дар таки пой дид,
Набуд пойи кас, к-ӯ зи як ҷой дид.
Зи дурҷи шаба сар чу шаб боз кард,
Ба пирон пайвастан оғоз кард.
Буте гашт гесӯш рангаш сиёҳ,
Занахдон-ш Ноҳиду рух - гирдмоҳ.

Шаҳи Танҷа тозанда  аз ҷойи ҷанг
Зи пас боз шуд то дари шаҳр танг.
Сипаҳро зи сар боз нав соз кард,
Дили ҷангиён як ба як боз кард.
Дигар гуфт: -Пирӯз гоҳи набард
Зи бахт аст, к-аз ганҷу мардони мард.
Бикӯшед якдаст фардо дигар,
Диҳад бахтам ин бор ёрӣ дигар.
Чу Гаршосп танҳо дарояд ба ҷанг,
Зи ҳар сӯ бар ӯ раҳ бигиред танг.
Ба захмаш фарозед бозу ҳама,
Шубон, к-аз миён шуд, чӣ бошад рама!
Ба киштӣ буна, ҳар чӣ буд, кард бор,
Сипаҳ бурд наздики дарёканор,
Ки то гар дигар бораш афтад шикаст,
Ба дарё гурезон шавад дурдаст.
Ҳама шаб бад-ин рой бифшурд пай,
Дарозии шаб кард кӯтаҳ ба май.

## 138. ҶАНГИ ДИГАРИ ГАРШОСП БО ШОҲИ ТАНҶА

Чу шоҳи Ҳабаш сӯйи Ховар гурехт,
Ҳама рахту дигнору гавҳар бирехт.
Шаҳи Рум биншаст бар тахти оҷ,
Даровехт з-айвони пирӯза тоҷ.
Ду лашкар ба ҳам кинахоҳ омаданд,
Далерони навардгоҳ омаданд.
Ғави кӯс тундар шуду гард - меғ,
Дар он меғ хун об шуд, барқ-теғ.
Баровехт якбора бо меҳр хашм,
Хирадро сутургӣ фурӯ баст чашм.
Ҳаметохт ханҷар зи гарди сиёҳ
Чу имони пок аз миёни гуноҳ.
Камон шуд яке барзгар, тухмкор
В-аз он тухм – пайкону дил – киштзор.
Аз он тухм ҳар кишт, к-омад дуруст,
Зи хун хӯрд обу бараш марг руст.
Зи пошида хартуми пилон ба теғ,
Ту гуфтӣ, ҳаме мор борад зи меғ.
Сари хишт, гуфтӣ, майошом шуд,
Сафаш базму май хуну дил ҷом шуд.

Далерон бар аспони кафкафканон,
Бад-ин дасту гурзу ба дигар инон.
Равон хун ба захм аз бари пушти пил,
Чу з-оби бақам чашма бар кӯҳ нил.
Равон ҳар суй аспе ҳаросон зи ҷой,
Савораш на пайдову зин зери пой.
Сипаҳдор бар жандапиле дамон
Ҳаметохт оварда бар зеҳ камон.
Куҷо буд саре бо дирафше ба даст,
Ба пайкон ҳамедӯхт в-афканд паст.
Зи тираш, ту гуфтӣ, ки дар мағзу тарг
Ҳаме ошён кард занбӯри марг.
Чу якчанд бар пил пайваст ҷанг,
Пиёда бибуд теғу найза ба чанг.
Бизад бар камарбанд чоки зиреҳ,
Ба наъра гусаст аз гиребон гиреҳ.
Ба теғу синон ҳар куҷо кина тӯхт,
Гаҳе дил дариду гаҳе сина дӯхт.
Ҳамедод шамшераш андар шитоб,
Ҳам андар ҳаво каргасонро кабоб.
Ба ҳар бор, к-ӯ гурз бифроштӣ,
Ба зинҳор маҳ бонг бардоштӣ.
Ба ҳар тир, к-ӯ баркушодӣ зи зеҳ,
Замона задӣ наъра, гуфтӣ, ки «Зиҳ!»
Сари ханҷараш лолаколанда буд,
Зи диръи ялон ҳалқаборанда буд.
Ту гуфтӣ, ба ҳар ҳалқа гардун ду ним,
Ҳаме «ре» нигорад зи пӯлоду «мим».
Ҳазор аз далерони ҷӯяндакин,
Ба гирдаш танӯра заданд аз камин.
Бад-он сон задандаш ҳаме чаппу рост,
Ки дар кӯҳу дарё чакочок хост.
Шилу ханҷару гурзи чандон сипоҳ
Чи бар тарги ӯ бар, чи бар кӯҳ коҳ.
Ту гуфтӣ, ҳаме захми он саркашон
Гулафшон шумурдӣ, на оҳанфишон.
Шаҳи Танҷа омад чу тунд аждаҳо,
Бар ӯ кард дар гурд хиште раҳо.
Набуд суд, баргошт рӯй аз набард,
Бародар-ш пеш - андар омад чу гард.
Бипӯшида хафтону найза ба даст,
Ба зер аспи чун кӯҳи пӯлод баст.
Биандохт зӣ паҳлавон хишту рафт,
Пасаш паҳлавон рафт чун бод тафт.

Гирифташ думи аспу аз ҷойи хеш
Баровард у биндохт сӣ гом пеш.
Бар он гуна зад наъраи кӯҳкоф,
Ки Симурғ бигрехт аз кӯҳи Қоф.
Тан афканд бар қалби лашкар ба кин,
Далерони Эрон пасаш ҳамчунин.
Чунон ҷанг бар ҷангиён тез шуд,
Ки дасту гиребон ҳамовез шуд.
Ту гуфтӣ зи хун чарх ҷӯшад ҳаме,
Замин чодари лаъл пӯшад ҳаме.
Ба ҳар гӯша овезиши сахт буд,
Сару кор бо гардиши бахт буд.
Зи ғурридани кӯс тарсон ҳижабр,
Уқоб аз тафи теғ паррон дар абр.
Зи гард осмон дар сиёҳӣ шуда,
За ҷавшан замин пушти моҳӣ шуда.
Бурида зи тан ҷон умед аз ниҳеб,
Чу ишқ аз дили меҳрҷӯён шикеб.
Кушоянда шамшер банд аз зиреҳ,
Чу бод аз сари зулфи хубон гиреҳ.
Чу абраш шуда чарма аз хуни мард,
Шуда боз чун чарма абраш зи гард.
Ялонро руху ком пурхуну хок,
Чи хафтон, чи баргустувон чок-чок.
Бурида бар ӯ ҷавшан аз теғи тез,
Зиреҳ пораву таргҳо рез-рез.
Фусурда ба хун - андарун теғу мушт,
Пур аз обила каф зи захми дурушт.
Шаҳи Танҷа баргошт рӯй аз ниҳеб,
Сипоҳаш гирифтанд болову шеб.
Гурезанда дидӣ гурӯҳогурӯҳ,
Чи аз сӯйи дарё, чи аз сӯйи кӯҳ.
Чу нахчир бар куҳ яке бошитоб,
Яке ҳамчу моҳӣ давон зери об.
Дигар тан ба шаҳр-андар андохтанд,
Ба бора раҳи ҷанг барсохтанд.
Чу бифканд заррин сипар осмон,
Маҳи нав ба зеҳ кард симин камон.
Хабар з-он буна шуд ба Гаршосп зуд,
Куҷо шаҳ ба киштӣ фиристода буд.
Барафканд кас, то гирифтанд пок,
Шаҳи Танҷаро дил шуд аз дард чок.

Фурӯҳишт дар шаб зи бора расан,
Ба дарё гурезанда шуд бо ду тан.
Сияҳпӯш гетӣ чу шуд зардпӯш,
Куҳи каҳрабо барзад аз чарх ҷӯш.
Сипаҳдор  бо шаҳр барсохт ҷанг,
Бипайваст разме гарон бедаранг.
Чу лашкар шуд огаҳ, ки бигрехт шоҳ,
Дигар кас наёрист шуд размхоҳ.
Тан аз бора яксар фикананд зер,
Ба кин дасти эрониён гашт чир.
Фикананд бора, гирифтанд шаҳр,
Бикуштанд мардум фузун аз ду баҳр.
Фикананд дар шаҳр харсангу хок,
Аз он пас ба оташ супурданд пок.
Шаҳи Танҷаро назди дарёканор
Гирифтанд аз Эрон гурӯҳе савор,
Ки завраҳ-шро бод гум карда буд,
Зи дарё ба хушк аз пас оварда буд.
Варо зӣ сипаҳдор бо он ду тан
Бибурданд дар ҳалқ баста расан.
Сипаҳдор гуфт: -Ай бади зишткеш,
Хуйи бад чунин оварад кор пеш.
Хуйи нек ҳамчун фаришта-ст пок,
Хуйи бад чу дев аст бе тарсу бок.
Зи фарзанд в-аз ҷуфту тахти шаҳӣ
Бимондиву хоҳӣ шуд аз ҷон тиҳӣ.
Пас он хоста ҷумлагиро дуруст,
Ҳам эдун аз он ҳар ду тан боз ҷуст.
Бибурридашон гӯш яксар ба гоз
Бимурданду кас ҳеч накшод роз.
Чунин аст кори тамаъро ниҳод,
Басо кас, ки дод аз тамаъ ҷон ба бод.
Зи тамъ аст кӯтаҳзабон марди оз,
Чу шуд тамъ кӯтаҳ, забон шуд дароз.
Чу бардоштӣ тамъ, аз он чи-т ҳавост,
Сухан гар зи кас барнадорӣ, равост.
Аз он ҳар се чун паҳлавон дил бишуст,
Ҳама кохи шаҳ гашту ҳар сӯ биҷуст.
Зи санги сияҳ хонае ногаҳон
Бидид, андар ӯ карда ганҷаш ниҳон.
Ҳама чизҳо як ба як бурда ном,
Ба санг - андарун карда девору бом.

Ба дар-бар навишта, ки ин хоста
Ҷаҳонпаҳлавонрост нокоста.
Бибуд шоддил в-аз ҷаҳонофарин,
Бар он шоҳ, к-он сохт, кард офарин.
Бибурд он ҳама хоста сар ба сар,
Аз он пас наёзурд касро дигар.
Ҳама Танҷаро аз сар обод кард,
Асирон-шро яксар озод кард.
Фаровон зи ҳар шаҳру ҳар буму марз,
Нишонд андар ӯ мардуми киштварз.
Ҳам аз тухми шаҳ подшоҳе нишост,
Бар ӯ расми бож, он чи буд, кард рост.
Наванде бад-ин мужда зӣ шаҳрёр
Дарафканду раҳро баророст кор.
Чӣ чиз омад ин хоста, к-аз ҷаҳон
Касе нест бе озаш андар ниҳон?!
Чу бошад, ҷаҳоне бад-ӯ душман аст,
Чу набвад, ғами ҷону ранҷи тан аст.
Аё озро дода гардан ба меҳр,
Давон пеши ӯ ҳар замон тоза чеҳр.
Ба гетӣ – дар он аст дарвештар,
К-аш аз оз бар дил гиреҳ бештар.
Ҳар он сар, ки ӯ озро афсар аст,
Ба хок-андар аст, ар зи маҳ бартар аст.
Бувӣ бандаи оз, то зиндаӣ,
Пас озод ҳаргиз наӣ, бандаӣ!
Яке чоҳи торики жарф аст оз,
Бунаш нопадиду сараш паҳну боз.
Сароест, бар вай беандоза дар,
Чу як дар бибандӣ, кушояд дигар.
Ба ҳар роҳ ғӯл аст густарда дом,
Манеҳ, то тавон, андар ин дом гом.
Пароканда умру дирам гирд гашт,
Бихӯр, ки-т ба хорӣ бибояд гузашт.
Чунон к-омадӣ, рафт хоҳӣ тиҳӣ,
Ту ганҷ аз пайи ганҷбонӣ ниҳӣ.
Ниҳам гӯйӣ, аз баҳри фарзанд чиз,
Мабар ғам, ки чизаш бувад бе ту низ.
Касеро ҷаҳонбон зи бун н-офарид,
Ки аз пеш рӯзӣ накардаш падид.
Туро доду он кас, ки пайванди туст,
Диҳад низ онро, ки фарзанди туст.

## 139. ГАРДИДАНИ ГАРШОСП ВА АҶОЙИБ ДИДАН

Сипаҳбад чу аз Танҷа баргашт боз,
Бигашт андар он марз шебу фароз.
Ҳамехост, то яксар он буму бар
Бибинад, ки кам дид бори дигар.
Чу як ҳафта шуд, дид кӯҳе чу нил,
Бад-ӯ рӯде аз об паҳно ду мил.
Дарахтон рада карда бар гирди рӯд,
Тана лаългун, шаххошон кабуд.
Бад-он шоххо баргҳо сабзу тар,
На оҳан, на оташ бар ӯ коргар.
В-аз ӯ ҳар кӣ кандӣ, ба дандон бараш,
Набурдӣ дигар дард дандон сараш.
Зи баҳри шигифтӣ бузургону хурд
Буне з-он фаровон бурида нду бурд.
Аз он пас бари сабз даште расид,
Ҳама кӯкнору гулу сабза дид.
Чунон буд бузургии ҳар кӯкнор,
Ки пур гаштӣ аз кавшаи ӯ канор.

❁ ❁ ❁

Дигар дид мурғе ба тан хубранг,
Бузургиш ҳам бар ниҳоди куланг.
Яке мурғи кӯчактар аз фохта,
Ҳамеша пасаш тохтан сохта.
Ҳамасола дар тамъи пайхоли ӯй,
Будӣ монда дар сояи боли ӯй.
Ҳар он гаҳ, ки пайхол биндохтӣ,
Вай андар ҳаво он хуриш сохтӣ.
Сипаҳдор аз андеша шуд хирасар,
Ҳамегуфт, к-ин бахши Яздон нигар.
Бад-ин он диҳад, к-ояд онро бурун,
Дар ин бахш ӯ роҳ донад, ки чун.

❁ ❁ ❁

Яке гуфт: -Мурғе чу рангин тазарв
Ҳамон ҷост дар бешаи беду ғарв.
Надонад зи бун барчидан дона чиз,
Ки кӯр асту кӯр ояд аз хона низ.
Ҳама рӯз нолону ҷӯшон бувад,
Ба як ҷой то шаб хурӯшон бувад.
Дигар мурғаке кӯчак ояд фароз,
Диҳад-ш обу чина ба рӯзи дароз.

Чу аз бас чина пур шавад жоғараш,
Гирад зӯрмандӣ тани лоғараш.
Хурӯшанда аз ҷой бичҳад дижам,
Мар ин кӯчакакро бидаррад зи ҳам.
Бар ин буму бар ҳар кас аз ростон,
Занад бевафоро аз ӯ достон.

❁ ❁ ❁

Деҳе дид ҷойи дигар чун биҳишт,
Зи пироманаш боғу бисёр кишт.
Баровард бутхонае з-ӯ ба моҳ,
Дараш ҷазъи рангин сапеду сиёҳ.
Заминаш ба як пора аз ложвард,
Ҳама буму девор  минои зард.
Дар ӯ шере аз симу тахте ба зер,
Буте карда аз зарр бар пушти шер.
Ба даст ойина чун дурафшанда меҳр,
Бад-он ойина - дар ҳамедид чеҳр.
Ҳар он дардманде, ки будӣ табоҳ,
Чу кардӣ бад-он ойина - дар нигоҳ
Чу чеҳраш надидӣ, шудӣ з-ин сарой
В-ар эдун ки дидӣ, шудӣ боз ҷой.
Шаби тира бе оташи тобнок
Будӣ равшан он хона чун рӯз пок.
Буторой хайле дар он анҷуман,
Ки будандӣ аз пеши он бут шаман,
Ҷудо ҳар яке ҳадяе карда соз,
Бибурданд пеши сипаҳбад фароз.
Бипурсид аз эшон ҷаҳонпаҳлавон,
К-аз ин сон деҳе в-об ҳар сӯ давон.
Сарову дизу хишташ эдун басе,
Чаро ҷуз шумо нест эдар касе?
Дижам ҳар касе гуфт, к-аз роҳи рост
Яке беша наздики ин марзи мост.
Даде дар вай аз пил меҳтар ба тан,
Чу тунд аждаҳо заҳрпош аз даҳан.
Тани ӯ яке, ҳашт пову ду сар,
Сараш аз ду сӯ, пой зеру забар.
Чу шуд пойи зеринаш аз кору соз,
Бигардад бар он пой, к-аш аз фароз.
Ҳамаш чанги шер асту ҳам зӯри пил,
Бидаррад ба овоз кӯҳ аз ду мил.

Шигифтест ҷӯёи хун омада,
Зи дарёи Ховар бурун омада.
Ба чанг аз куҳу беша шер оварад,
Ба дам каргас аз абр зер оварад.
Камине ниҳад ҳар замон аз ниҳон,
Барад, ҳар кӣ ёбад зи мо ногаҳон.
Ба роҳаш бувем аз ниҳон дидадор,
Гурезем, чун ӯ шавад ошкор.
Тиҳӣ шуд деҳ аз мардуму чорпой,
Намондаст ҷуз мо кас эдар ба ҷой.
Ҳаме шуд нашоем з-ин буму руст,
Ки ин ҷой буд зодани мо нахуст.
Бар ин боми бутхонаи дилфурӯз
Нишаста бувад дидабоне ба рӯз,
Ки то чун-ш бинад, занад наъра зуд,
Зи ҳомун гурезем дар деҳ чу дуд.
Сипаҳдор пазруфт, к-имрӯз ман
Раҳоӣ диҳамтон аз ин Аҳриман.
Сипаҳ бурд, то назди беша расид,
Бари беша саффи сипаҳ баркашид.
Чунон танг дар ҳам яке беша буд,
Ки рафтан дар ӯ кори андеша буд.
Дарахтон-ш сар даркашида ба сар
Чу хатти дабирон як андар дигар.
Ҳама шохҳо то ба чархи кабуд,
Ба ҳам баршуда танг чун тору пуд.
Ту гуфтӣ, сипоҳест дар ҷанги сахт,
В-аз ӯ ҳаст гурде дигар ҳар дарахт.
Ки-шон шохҳо найзаву гурз – бор,
Сипар – баргҳову синон  - нӯки хор.
Зи бас баргрезиш гаҳи боди тез
Гирифтӣ ҷаҳон ҳар замон растахез.
Натобидӣ андар вай аз чарх ҳур,
Зи тангӣ бисудӣ дар ӯ пӯст мӯр.
Наяш, гуфтӣ, аз баргу хор аз гиреҳ,
Магар теғ ин дораду он зиреҳ.
Ба паҳлӯи беша яке обканд,
Бараш хуфта дад ҳамчу кӯҳе баланд.
Бипӯшид хафтони кин паҳлавон,
Барафканд бар пил баргустувон.
Ба сандуқ даррафт бо сози ҷанг,
Ҳаме ронд, то назди ӯ рафт танг.

Суйи равшанӣ пок бардошт даст,
Аз ӯ хост зӯру ба зону нишаст.
Зеҳ овард бар чархи пайкор бар,
Зи досташ гиреҳ зад ба сӯфор бар.
Фаялке, яке суд сандонгузор,
Бизад, дӯхт бар ҳам зи фарш устувор.
Дад он гаҳ сар аз ҷой бар кард тез,
Ба пил андаромад ба хашму ситез.
Ба чангол бифканд хартуми ӯй,
Ба дандон бикандаш сар аз тан чу гӯй.
Задаш найза бар сина гурди далер,
Зи сандуқ бо гурзи кин ҷаст зер.
Чунон кӯфт бар сар-ш, к-аз захми сахт
Дар он беша бебаргу бар шуд дарахт.
Ҳаме чанд зад бар сараш гурзи ҷанг,
Тани пил хаст ӯ ба дандону чанг.
Чунин то ҳама рехт мағзи сараш,
Ба заҳру ба хун ғарқа гашта бараш.
Бимолид рух паҳлавон бар замин,
Гирифт офарин бар ҷаҳонофарин,
Ки кардаш бар он зишт патёра чир,
Ки ҳам аждаҳо буду ҳам пилу шер.
Ҳамон гаҳ биёганд чармаш ба коҳ,
Барафканд бар пилу бардошт роҳ.

✿ ✿ ✿

Ба сӯйи биёбоне омад шигифт,
Шитобон биёбон ба пай баргирифт.
Ба наздикии бодия рӯз чанд
Чу шуд, дид дар раҳ ҳисоре баланд.
Ҳама санг девори бурҷу ҳисор,
Зи гирдаш равон регу ҷой устувор.
Бар ӯ нардбоне ҳам аз хорасанг,
Яке роҳаш аз пеш душвору танг.
Аз оҳан даре бар сари нардбон,
Бар ӯ марде аз чӯб чун дидабон.
Бар ойини тирафканонаш нишаст,
Камоневу тире гирифта ба даст.
Бар он пояи нардбон ҳар кӣ пой
Ниҳодӣ, сабук марди чӯбин зи ҷой
Ба тираш фикандӣ ҳам андар замон,
Шудӣ тири ӯ боз сӯйи камон.

Ба диръу сипар чанд кас рафт тафт,
Ҳамин буду шуд кушта ҳар кас, ки рафт.
Ҷаҳонпаҳлавон хост диръи набард,
Хаданге бияндохт бар чашми мард.
Чунон зад, ки як найза бифрохташ,
Зи боло ба рег - андар андохташ.
Ҳам андар пай оҳанги афроз кард,
Зи бар қуфл бишкасту дар боз кард.
Яке шер дид аз паси дар ба пой,
Зи рӯю зи мис карда ҷунбон зи ҷой.
Ба кирдори кӯра пуроташ даҳон,
Дамодам дурахш аз даҳонаш ҷаҳон.
Сипаҳбад зи фарзонагон бозҷуст
Тилисмаш, ки чун буд шояд дуруст.
Яке гуфт: -Ҳаст оташи тези тафт
Дар ин санг, к-аш зер чоҳ асту нафт.
Зи чашма ҳамезояд он нафт зер
В-аз ӯ гирад оташ ҳаме коми шер.
Ҳамон ҷунбиши марду тиру камон,
Аз ин оташу нафт буд бегумон.
Чунон сохт фарзонаи пешбин,
Ки то гетияст, ин бувад ҳамчунин.
Ба чора шуданд андар он ҷой танг,
Ҳама буму девор буд хорасанг.
Зи мармар бар афрози боми ҳисор
Яке қубба ҷазъин сутунаш чаҳор.
Дар ӯ тахте аз зарру марде дароз,
Бар он тахт буд мурда аз дер боз.
Гирифта ҳама тан-ш дар қиру мушк,
Гуҳар бар-шу аз зер кофури хушк.
Ба тамъ он ки рафтӣ бараш з-озмун,
Задӣ бонгу беҳуш фитодӣ нигун.
Чунон кард фарзона з-он мард ёд,
К-аз Ахтухи пайғамбараш буд нажод.
Куҷо номи Ахтух донӣ ҳаме,
Дигар номаш Идрис хонӣ ҳаме.
Дижам паҳлавон бо диле пуршигифт,
Тиҳӣ рафт аз он ҷову раҳ баргирифт.

## 140. БОЗГАШТИ ГАРШОСП БА ЭРОН

Ба Эрон, суйи шоҳ бо фарраҳӣ
Чу омад ба шоҳи Каён огаҳӣ,

Пазира шудаш манзиле бешу кам,
Нишаст аз бари тахт бо ӯ ба ҳам.
Бибӯсиду пурсид чизе, ки дид
Сипаҳбад ҳамегуфту шаҳ з-ӯ шунид.
Пас он чарми патёра к-оварда буд,
Биёварду шоҳу сипаҳро намуд.
Куҳе буд ду сар бар ваю ҳашт пой,
Ки даҳ жандапилаш набурдӣ зи ҷой.
Ҳама ком дандони пилу наҳанг,
Ҳама панҷа чанголи шеру паланг.
Аз ӯ хира шуд, шоҳ бо ҳар кӣ буд,
Ҳаме ҳар касе паҳлавонро ситуд.
Фиканданд бар даргаҳи шаҳрёр,
Бар ӯ мардум анбӯҳ шуд сад ҳазор.
Пас аз паҳлавон боз пурсид шоҳ,
Ки чун Танҷа кандиву бурдӣ сипоҳ?
Чаро кардӣ обод бори дигар?
Чунин дод посух яли пурҳунар:
Ки ҳангоми Заҳҳоки гетиситон
Ниҳодам яке шаҳр чун Систон.
Нашойистӣ, акнун ки шоҳӣ туро ст,
Шудӣ шаҳре аз банда бо хок рост,
Чу пуллест зӣ он ҷаҳон ин ҷаҳон,
Дар ӯ умри  мо – роҳу мо – корвон.
Чу аз баҳрам, он к-ӯ шуд, обод дошт,
Ба дигар кас обод бояд гузошт.
Пас аз ганҷи Танҷа сухан кард ёд,
Ҳар он-ч аз раҳ овард, шаҳро бидод.
Напазруфт шаҳ з-он ҳама ҳеч чиз,
Дигар чиз бахшидаш аз ганҷ низ.
Аз он пас яке маҳ зи шодиву май
Наёсуд бо вай ҷаҳондор кай.
Ҳамехост, к-осуда гардад зи ранҷ,
Ки то рафт зӣ Танҷа, буд сол панҷ.
Чу шуд чеҳраи адҳами шаб сапед,
Ба зарбафти рӯзаш бипӯшид шед.
Сари маҳ расид аз Наримон пагоҳ
Ду нома ба назди сипаҳдору шоҳ.
Басе офарин кард бар шоҳу дод,
Басе бӯяи паҳлавон карда ёд.
Чу бархонд нома яли номҷӯй,
Биронд аз ду дида ба рух - бар ду ҷӯй.
Шудаш мӯйи кофураш аз ашк пур
Чу бар шафшаи сими хушоб дур.

Бидонист шаҳ, к-орзу роз кард,
Дигар рӯз кори раҳаш соз кард.
Зи ганҷаш басе гунагун ҳадя дод,
Суйи Систонаш фиристод шод.
Наримон чу з-ин мужда огоҳ гашт,
Зад ойину гунбад ҳама кӯҳу дашт.
Замин ранги боғи баҳорон гирифт,
Ҳаво аз дирам рези борон гирифт.
Зи дебо, ту гуфтӣ, бар он шаҳр - бар
Бигустард ҳамвора Симурғ пар.
Ду фарсанг буд лашкар ороста,
Ғави кӯсу ной аз ҷаҳон хоста.
Пиёда зи ду сӯш девор баст,
Сипар дар сипар теғу найза ба даст.
Барафканда бар пил - бар хайл-хайл,
Чи баргустувону чи дебо ҷулайл.
Миён - андар ороста пили Сом
Ба дебои чиниву заррин ситом.
Бар ӯ Сом бар китф кӯполи хеш,
Зиреҳ аз пасу гурзу хафтон-ш пеш.
Дирафши Наримон зи болои сар,
Фурӯ ҳишта аз пил гурзу сипар.
Наримон зи пас бо ҳама сарварон,
Табиразанон пешу ромишгарон.
Хазону баҳорест, гуфтӣ, ба ҳам
Зи динор боридану аз дирам.
Чу омад ба тангӣ сипаҳдори шер,
Сабук Соми гурд омад аз пил зер.
Гирифташ ба бар паҳлавони гузин,
Наримони фархундаро ҳамчунин.
Ҳама роҳ буданд бо май ба даст,
Шуданд андар айвон ба ҳам шоду маст.
Биёсуд ҳар кас зи шодиву ком,
Зи каф паҳлавон низ нанҳод ҷом.
Ҳар он-ч аз раҳовард буд номро
Саросар бибахшид мар Сомро.
Сипоси ҷаҳонбон басе ёд кард,
Ки ҷонаш ба дидори ӯ шод кард.
Дилу рой аз он пас барафрӯхташ,
Шикору саворӣ биёмӯхташ.
Бад-он гаҳ ки солаш даҳу чор шуд,
Савору далеру сафавбор шуд:
Ба ҳам барзадӣ лашкаре дар набард,
Рабудӣ ба найза зи зинкӯҳа мард;

Будӣ пил дар саффи кин роми ӯ,
Шудӣ ғарқа ғаввос дар ҷоми ӯ.

## 141. СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРИ ГАРШОСП

Аз он пас ҷаҳонпаҳлавон гоҳ чанд
Ҳамезист хуррамдилу бегазанд.
Чу бар ҳафсадаш шуд сиву се ба сол,
Зи тан мурғи умраш бияфканд бол.
Ҷаҳонканд беха дарангаш зи ҷой,
Сари зиндагонишро зад ба пой.
Ба нахчир буд, рӯзе омад ба дашт,
Ҳам аз пай бияфтоду бемор гашт.
Бидонист, к-аш баст банди сипеҳр,
Ҷаҳон хоҳад аз ҷон-ш бигсаст меҳр.
Бифармуд, то бинад ахтаршумор,
Ки баҳра чӣ мондаст аз рӯзгор.
Ситорашумар диду он гаҳ бадард
Чунин гуфт гирёну рухсоразард,
Ки даҳ рӯз агар бигзарад безиён,
Зияд шод бо коми дил солиён.
Сипаҳбад бидонист рози сипеҳр,
Ки аз вай ҷаҳон пок бибрид меҳр.
Ҳар он кас, ки будаш зи пайванду хеш,
Ҳама хонду биншонд бар гирди хеш.
Чунин гуфт, к-ай номдорони ман,
Ҳама некдил ғамгусорони ман,
Маро з-Эзид омад ба рафтан паём,
Ба аспи шудан кардам акнун лигом.
Чи бар аждаҳову чи бар деву шер,
Ба мардӣ будам гоҳи пайкор чир.
Кунун бо касе хостам корзор,
Ки пешаш натобад чу ман сад ҳазор.
Чаро хор шуд маргу мо чун чаро?
Ба ҷон хӯрданаш нест чуну чаро?
Дамон аждаҳоест резандахун,
Сару даст сесад ҳазораш фузун.
Ба ҳар сар-ш - бар сад даҳон аст пеш,
Ба ҳар даст - бар чанг сесад чу беш.
Ба ҳар ҷонвар чанги тезаш дароз,
Ба ҳар сар-ш чун дидабон дида боз.

Натобад зи пилу натарсад зи шер,
На аз кин шавад монда, н-аз хӯрд сер.
На бар шоҳу бар банда осойишаш,
На бар хубу бечора бахшойишаш.
Зи ҳар дуда, к-ангехт ӯ дуд зуд,
Дигар н-ояд аз кохи он дуда дуд.
Яке тунд тирафкан аст аз камон,
Ки тираш наяфтад хато бегумон.
Чу дар Бохтар ронд тир аз камин,
Занад бар нишона ба Ховарзамин.
Кунун чун ниҳодам суйи роҳ гӯш,
Кеҳу меҳ нилюшед пандам ба ҳуш:
Пас аз ман ҳама роҳи дод оваред,
Ба неким гаҳ-гоҳ ёд оваред.
Зи дил ҷуз ба Яздон манозед кас,
Ҳама  неку бад з-ӯ шиноседу бас.
Зи Яздону фармони шоҳу хирад
Магардед, к-аз бун на андархурад.
Ба дарди касон дил мадоред шод,
Ки гардун ҳамеша нагардад ба дод.
Бисозед бо хӯйи ҳар кас ба меҳр,
Зи некон ба тундӣ матобед чеҳр.
Мамонед бар кеҳтарон кор хор,
Накӯҳидагонро магиред ёр.
Ба масту ба девона мадҳед панд,
Махандед бар пиру бар дардманд.
Мабурред пайванди хешон зи бун,
Магӯед дарвешро бад сухун.
Ҳама дӯстонро ба меҳр - андарун
Гаҳи хашму сахтӣ кунед озмун.
Сазовор дархур гузинед ҷуфт,
Ба чизи касон каш мабошеду зуфт.
Кас аз гандапирону бегона низ
Мамонед дар хонаву дузд чиз.
Ба нармӣ чу коре тавон бурд пеш,
Дуруштӣ маҷӯед аз андоза беш.
Мабандед дил дар сарои сипанҷ,
К-аш анҷом марг асту оғоз ранҷ.
Дурӯву фиребандаву зиштхӯст,
Ба кирдор – душман, ба дидор – дӯст.
Яке шодӣ он гаҳ расонад ба мард,
Ки пеш оварад даҳ ғаму ранҷу дард.

Чунон к-аз ниёгон маро ҳаст ёд,
Шуморо зи ман яксар ин панд бод!
Шудам ман, ба андарзи ман бигравед,
Зи ман пок бадруду хушну бувед.
Чу рӯзи падар яксар ояд ба сар,
Ба ҷояш нашояд касе ҷуз писар.
Наримон маро аз писар бартар аст,
Чу ман рафтам, ӯ мар шуморо сар аст.
Шуморед паймон-ш паймони ман,
Ки фармони ӯ ҳаст фармони ман.
Бихоҳед чизе, ки доред рой
Аз он пеш, ки-м рафтан ояд зи ҷой.
Шуд он анҷуман зору гирён бар ӯй,
Баромад ғиревидани ҳою ҳуй.
Ҳама зор гуфтанд: -Ҳаргиз мабод,
Ки мо бе ту бошем як рӯз шод!
Чу мо хушнудем аз ту фарзонарой,
Ту ҷовид хушнуд бош аз Худой!

## 142. ПАНД ДОДАНИ ГАРШОСП НАРИМОНРО

Бирафтанд гирёну Гаршосп боз
Дигарбора шуд бо Наримон ба роз.
Бад-ӯ гуфт, к-омад сар уммеди ман,
Зи девор даррафт хуршеди ман.
Чу марг омаду кори рафтан бибуд,
На дониш намояд, на парҳез суд.
Раҳи пириву маргро бора нест,
Ба назди кас ин ҳар дуро чора нест.
Дилам з-ин ба сад гуна реш андар аст,
Ки роҳе дарозам ба пеш андар аст.
Ба раҳ боз хоҳӣ, ки пайдову роз
Наёбад касе з-ӯ гузар беҷавоз.
Яке шаҳри нав сохтам чун Заранҷ,
Басе ганҷ гирд оваридам ба ранҷ.
Ба ту мондамаш, чун ман обод дор,
Ба фарзандамон ҳамчунин ёдгор.
Пас аз ман чунон кун, ки пеши Худой
Бинозад равонам ба дигар сарой.
Нигар, то гуноҳат набошад басе,
Ба Яздон зи ранҷат нанолад касе.

Фурӯмояро дор дур аз барат,
Макун он, ки нангӣ шавад гавҳарат.
Аз он тарс, к-ӯ аз ту тарсон бувад
В-агар бо ту ҳазмон дигарсон бувад.
Макун бо суханчини дурӯй роз,
Ки некат ба зиштӣ барад пок боз.
Ба кас беш аз андоза некӣ макун,
Ки гардад бадандеш, бишнав сухун.
Чу з-андоза танро фазоӣ х(в)ариш,
Гирад дардмандӣ зи бас парвариш.
Шабу рӯз бар чор баҳра бипой:
Яке баҳри динро зи баҳри Худой,
Дигар боз тадбиру фарҷомро,
Сеюм базмро, чорум оромро.
Ба фарҳанг парвар, чу дорӣ писар,
Нахустин нависанда кун аз ҳунар.
Нависандаро даст гӯё бувад,
Гили дониш аз дил-ш бӯё бувад.
Ба фармони нодон макун ҳеч кор,
Машав низ бо порсо бодсор.
Мадеҳ дил ба ғам, то накоҳад равон,
Ба шодӣ ҳамедор танро ҷавон.
Бибахшой бар зердастон ба меҳр,
Бар эшон ба ҳар хашм мафрӯз чеҳр.
Ки эшон ба ту пок монандаанд,
Худовандро ҳамчу ту бандаанд.
Чунон зӣ, ки аз рашк набвӣ бадард,
На айб оварад айбҷӯянда мард.
Бувад зишт дар марди ҷӯянда рашк,
Чу дидори беморӣ андар пизишк.
Сапедӣ  ба зар-андар оҳу бувад,
Агарчанд дар сим некӯ бувад.
Ба гетӣ чунон овар аз дил паноҳ,
Ки ойӣ ба манзил ба ҳангоми роҳ.
Чу дастат расад, дӯстонро бипой,
Ки то дар ғам оранд меҳрат ба ҷой.
Зи душман мадор эминӣ ҷуз ба дӯст,
Ки бар душманат чирагӣ ҳам бад-ӯст.
Ба ҳар кор мар меҳтаронро далер
Макун, к-он гаҳе бар ту гарданд чир.
Магардон аз озодагон фарраҳӣ,
Мадеҳ носазоро бад-эшон меҳӣ.

Ба оғолиши ҳар касе бад макун,
Нишона машав пеши тири сухун.
Маханд ар касеро сухан нодуруст,
Ки гӯёии ҷон на дар дасти туст.
Киро чеҳра зишт, ар сиришташ накӯст,
Макун айб, к-он зиштчеҳрӣ на з-ӯст.
Накӯкор бо чеҳраи зишту тор
Фаровон беҳ аз некуйи зишткор.
Гуноҳе, ки бахшида бошӣ зи бун,
Сухан з-он дигарбора тоза макун.
Чунон зӣ хирадманду донову род,
Ки то бар бадат кас набошанд шод.
Киро нест дар дӯстӣ ростӣ,
Бияфкан ту аз гарди ӯ остӣ.
Магир эч муздурро музд боз,
Парастандагонро мапеч аз ниёз.
Макун бад, ки чун кардиву кор буд,
Пушаймонӣ аз пас надорад-т суд.
Маёсой аз андешаи гунагун,
Ки дониш аз андеша гардад фузун.
Ба коре, ки фарҷоми ӯ нопадид,
Мабар даст, к-он ройро кас надид.
Ба ҳар ҷой бахшойиш аз дил маёр,
Нигар, то ҳаме чун кунад рӯзгор.
Зи якке ситонад ҳаме ҳушу рой,
Зи якке сар, аз дигаре дасту пой.
Бар он кӯш, ки-т сол то бештар,
Барӣ пойгаҳ аз ҳунар пештар.
Ҳунарҳо ба барноӣ овар падид,
Ба бозӣ бикаш сар, чу пирӣ расид.
Ба ту ҳар касеро, ки бигзоштам,
Накӯ дорашон, ҳамчу ман доштам.
Бигард аз ҷаҳон, роҳи меҳраш мапӯй,
Аз он пештар, к-аз ту баргардад ӯй.
Чу рахшанда теғам зи торӣ ниём
Барояд, шавад лолаам зардфом.
Танамро ба анбар бишӯву гулоб,
Биёган тиҳигоҳам аз мушки ноб.
Бипӯшам ба ҷома бар ойини Ҷам,
Кафан в-обчин деҳ ба кофур нам.
Сутудоне аз санги хоро барор,
Зи берун бар ӯ номи ман кун нигор.

Ба гирдам ҳама ҷой миҷмар бинеҳ,
Ба оташ дамон уду анбар бинеҳ.
Аз он пас дари хобгаҳ сахт кун,
Дил аз диданам пок пардахт кун.
Зи пӯшидарӯён мамон кас ба кӯй,
Ки бегонагоншон набинанд рӯй.
Шикеб овар аз дарду бар ман машеб,
Ки аз меҳри бисёр беҳтар шикеб.
Ба як маҳ бимон сӯг, то бадгумон
Нагӯяд, ба маргам будӣ шодмон.
Зи камтӯша ҳар кас ки бинӣ нажанд,
Агар пуллеву чашмае кандманд.
Бар ин ҳар яке даҳяк аз ганҷи ман
Ҳазина ба мардум кун аз ранҷи ман.
Зи зиндон дар овар, киро нест хун,
Раҳо кун хироҷи дусола бурун.
Зи беобӣ онро, ки вайрон бибуд,
Нишон марду деҳ созу кишту дуруд.
Чунон кун, ки ҳар кас ки ояд зи роҳ,
Бара д тӯша з-ӯ ройгон солу моҳ.
Дар андарзнома сухан ҳар чӣ гуфт,
Набишту чу ҷон дошт андар ниҳуфт.
Зи вай ҳар чӣ омӯхт аз рою дин,
Биёмухт фарзандро ҳамчунин.

## 143. ВАФОТИ ГАРШОСП ВА МӮЯЕ БАР Ӯ

Аз он пас чу рӯзи даҳум буд, хост,
Хуриш орзу карду биншаст рост.
Бихӯрд андаке в-аз хуриш бозмонд,
Сабук Сомро бо Наримон бихонд.
Чунин гуфт, к-аз баҳри захмам замон
Кушояд кунун марг тир аз камон.
Бувед аз пайи ҷони ғамгини ман
Як имрӯз ҳар ду ба болини ман.
Магар к-ам равон чун ҳаросон шавад,
Ба рӯйи шумо маргам осон шавад.
Бигуфт ину аз дида оби дареғ
Биборид, чун жола борад зи меғ.
Дамаш ҳар замон гашт кӯтоҳтар,
Дилаш з-он дигар гетӣ огоҳтар.

Ба лаб боди сарде бароварду гуфт,
Ки, ай пок додори беёру ҷуфт,
Ҷаҳонро ҷаҳондору Яздон туӣ,
Барорандаи чархи гардон туӣ,
Замину замон кардаи туст рост,
Бар ону бар ин подшоҳӣ турост.
Ҳама подшоҳон ба ту зиндаанд,
Туӣ подшаҳ, дигарон бандаанд.
Ба ту, ҳам ба пайғамбарони ту пок
Гувоҳӣ диҳам, тарсам аз тусту бок.
Пушаймонам, аз ҳар чӣ кардам гуноҳ,
Бибахшову назди худам деҳ паноҳ.
Чу гуфт ин сухан, ҷон ба Яздон супурд,
Гирифтанд зорӣ бузургону хурд.
Аз айвон ба Кайвон баромад хурӯш,
Зи барзан фиғон хост в-аз шаҳр ҷӯш.
Бар он хона пок оташ андарзаданд,
Ҳама коху гулшан ба ҳам барзаданд.
Дилу ҷони ҳар кас чунон ғам гирифт,
Ки моҳӣ ба дарёб мотам гирифт.
Ҳаво з-ашки мурғон пур аз лола шуд,
Куҳ аз бонги нахчир пурнола шуд.
Ҳамон рӯз бигрифт низ офтоб,
Намуд абр аз он пас ба борон шитоб.
Ба ҳар гӯшае гиряе хоста,
Ба ҳар хонае шеван ороста.
Занон рухзанон бонгу зорикунон,
Кунон мӯяву мӯйи мушкин канон.
Ба фундуқ ду гулнор карда фигор,
Ба дур аз ду пиласта шӯён нигор.
Бузургон ҳама дар сиёҳу кабуд,
Зи ду дида абр, аз ду рух карда рӯд.
Сиришки ҳама лаълу рухсора зард,
Бар аз захм ниливу лаб лоҷвард.
Бурида думи асп беш аз ҳазор,
Нигун карда зин в-олати корзор.
Зи хун пушти сандуқи пилон бунафш,
Шикаста табира, дарида дирафш.
Уқобону бозон раҳо карда пок,
Бари юзу пилон пур аз гарду хок.
Дар айвон-ш бурданд бар тахти зар,
Бипӯшида хафтону баста камар.

Яке гурз бар китфу теғ охта,
Дирафшаш фарози сар афрохта.
Ба баргустувон бора пешаш ба пой,
Бар ӯ ҳар касе гашта зорифизой.
Ҳамегуфт Сом: -Ай яли сарфароз,
Бирафтӣ, чунон ки-т набинем боз.
Дурафшон маҳе будӣ аз ростӣ,
Чу гаштӣ тамом, омадат костӣ.
Набуд аз ту наздиктар кас дигар,
Кунун аз туам нест кас дуртар.
Ба ту шодтар ман будам з-анҷуман,
Касе нест ғамгинтар акнун зи ман.
Бибастӣ дари бор чун бар сипоҳ,
Шудӣ сӯйи он бартарин ҷойгоҳ.
Ҳамоно, ки  дар хоби хуш рафтаӣ,
Чӣ хобе, ки то ҷовидон хуфтаӣ!
Наримон ҳамегуфт зор: -Ай далер,
Куҷот он дилу зӯру бозуи чир?
Куҷот он савориву саф сохтан,
Куҷот он ба ҳар кишваре тохтан?!
Ҷаҳон гаштиву ранҷ бардоштӣ,
Чу ганҷат биянбошт, бигзоштӣ.
Ҳама кишварат, к-аз ту обод шуд,
Ба боди пасин даст бо бод шуд.
Кеҳон сӯйи фармон-т доранд чашм,
Чӣ будат, ки бо мо ба ҷангиву хашм?!
На дар базм динор борӣ ҳаме,
На дар разм ханҷар гузорӣ хаме.
Намудӣ ба ҳар кишвар ойини хеш,
Кашидӣ зи ҳар душмане  кини хеш.
Кунун боз разм аз чӣ оростӣ,
Ки аспу силеҳу камар хостӣ?!
Ба Ҳинд, ар ба Чин бурд хоҳӣ сипоҳ,
Ки бар маҳ кашидӣ дирафши сиёҳ.
Будӣ аз дилу даст дарёву меғ,
Яке мушти хокӣ кунун, ай дареғ!
Дареғо, тиҳӣ аз ту Зобулситон,
Дареғо, ҷаҳон бе ту  - кишварситон.
Дареғо, ки бадхоҳ дилшод гашт,
Дареғо, ки ранҷат ҳама бод гашт.
Ҳамегиряд абр аз дареғат ба меҳр,
Салаб ҳам ба сӯгат сияҳ кард чеҳр.

Кас аз марг нарҳад ба мардиву фар,
Куҷо ту нарастӣ ба чандин ҳунар.
Чу шеван аз андоза бигзоштанд,
Пас он гоҳаш аз тахт бардоштанд.
Ба мушку гулобаш бишустанд пок,
Супурдандаш андар сутудон ба хок.
Бибастанд аз он пас бараш роҳ бор,
Набуд паҳлавон гуфтӣ аз беху бор.
Чунин аст гетӣ зи наздику дур,
Гаҳе сӯгу мотам, гаҳе базму сур.
Ба кирдори дарёст, к-аз вай ба чанг
Яке дурр дорад, яке регу санг.
Саранҷом аз ӯ эминӣ нест рӯй,
Ки ҳар ки-ш парастад, бимирад дар ӯй.
Чу пойи ту, ай пири монда шигифт,
Ки борат шуду корвон баргирифт,
Ба пирӣ чаро гашт ози ту беш,
Ҷавоно, нигар, чанд рафтанд пеш.
Туро он ки шуд, гӯш дорад ҳаме,
В-аз ӯ дил туро ёд н-орад ҳаме.
Чу ҳамроҳ шуд, тӯша созу маист,
Ки дур аст раҳ в-аз шудан чора нест.
Дар ин раҳ мадон тӯшаву бори нек
Беҳ аз дониши неку кирдори нек.
Аз ин гетӣ ар поку доно шавӣ,
Ба ҳар гоме он ҷо тавоно шавӣ,
Ки нодон бад-он ҷой хор асту зишт,
Шаҳ он ҷост дарвеши некӯсиришт.
Ба доноӣ ин раҳ ба ҷойе барӣ,
Ба бедонишӣ ҳеч раҳ наспарӣ.

## 144. ХАБАР ЁФТАНИ ФАРИДУН АЗ МАРГИ ГАРШОСП

Чу назди Фаридун зи сӯгу зи ғам
Расид огаҳӣ, гашт аз андуҳ дижам.
Ҳама ҷома зад чоку биндохт тоҷ,
Ғиревон ба хок омад аз тахти оҷ.
Ҳамегуфт: -Гурдо, гаво, сарваро,
Ҳижабро, ҷаҳонгир номоваро,
Кӣ гирад кунун гурзу шамшери ту,
Чу бекор шуд бозуи чири ту?!

Ба ҳар кишвар аз баҳри ман корзор
Кӣ ҷӯяд, чу шуд мар туро кор зор?
Дарахте будӣ солу маҳ борвар,
Хирад – беху дин – баргу бораш – ҳунар.
Дарахт аз замин сар кашад бар фароз,
Ту зери замин чун шудӣ паст боз?
Чу ганҷе будӣ аз ҳунар дар ҷаҳон,
Ниҳон гаштиву ганҷ бошад ниҳон.
Ҷаҳон аз паси ту мамонод дер,
Шудам сер аз ӯ, к-аз ту ӯ гашт сер.
Равони ту зинда-ст, гар тан бимурд,
Надорад хирадманд марги ту хурд!
Бар ин сӯгу ғам дар кабуду сиёҳ
Бибуд ҳафтае бо сарони сипоҳ.
Ба назди Наримон чу як ҳафта буд,
Яке сӯгнома фиристод зуд.
Сари нома номи ҷаҳондор гуфт,
Ки бо ҷони доно хирад сохт ҷуфт.
Тани зиндагонро замин ҷой кард,
Забар бе сутун чарх бар пой кард.
Диҳад ҷону пас боз хоҳад , чу дод,
Баду нек ҳар-ч ӯ кунад, ҳаст дод.
Дигар гуфт: «Аз он рӯзи андуҳфазой
Расид огаҳӣ, канд дилҳо зи ҷой
Ба марги сипаҳбад, ҷаҳонпаҳлавон,
Ки Яздон-ш дород равшан равон!
Аз ин дард гардун ба тоб - андар аст,
Ситора зи гиря ба об - андар аст.
Гиё пушт аз андӯҳ дорад бахам,
Дили хора пурҷӯшу хун асту ғам.
Ҳамон табъи гетӣ бигашт, ай шигифт,
Ҷудо ҳар яке сози дигар гирифт.
Шуд оташ ба ҳар дил-дарун таффу тоб,
Сиришки хурӯшон равон хуни ноб.
Замин сар ба сар сӯги он мард шуд,
Ҳаво бар ҷигарҳо дами сард шуд.
Бидон, ай сипаҳдори хусравпараст,
Ки ғам мар маро аз ту афзунтар аст.
Валекин чу хурсанд набвам, чӣ суд,
Ки бо марг чора нахоҳад-т буд.
Ҷаҳон чун яке ҳафтсар аждаҳост,
Касе нест, к-аз чангу тобаш раҳост.

Даҳон-ш оташ асту шабу рӯз – дам,
Ҳаво – сина, дум – обу ҳомун – шикам.
Бар ӯ ҳафт сар ҳафт чарх аз фароз,
Ситора ҳама чашмаш аз дур боз.
Саросар шикам ҳасташ анбошта,
Зи бас гунагун ҳар кас авбошта.
Чи фарзонагону чи мардони гурд,
Чи хубон, чи шоҳони бодастбурд.
Чу шоҳест гардун зи мо кинахоҳ,
Шабу рӯз – гурдаш, ситора – сипоҳ.
Набинӣ, ки бар ҷанги мо сохтан
Ҳаме ҳеч н-осояд аз тохтан?
Ба як гардиш аз зеру бар чархвор
Кунад корҳо зеру бар сад ҳазор.
Ҷаҳон базмгоҳест нағз аз нишон,
Маяш умри мо поку мо майкашон.
Ҷавониш хушшиву мастиш ноз,
Ғамаш рӯзи пирист, к-ояд фароз.
Аз ин мастӣ он кас ки шуд хуфта паст,
На ҳуш ёфт ҳаргиз, на аз хоб ҷаст.
Агарчанд бисёр монӣ ба ҷой,
Ҳам охир сар ояд сипанҷӣ сарой.
На он монд хоҳад, ки бо зӯру ганҷ,
На он кас, ки дарвеши бодарду ранҷ.
Биҳиште будӣ гетӣ аз рангу бӯй,
Агар маргу пирӣ набудӣ дар ӯй.
Куҳан боргоҳест барсохта,
К-аз ӯ кас нашуд кор пардохта.
Тани мо чу мева-сту мо мевадор,
Бичинанд як рӯз мева зи дор.
Шабу рӯз ҳамвора бо мо ба роҳ
Ду пайканд пӯён саседу сиёҳ.
Валекин зи пас мо бимондем зуд,
Шаванд ин ду аз пеш чун боду дуд.
Яке ҷомаи зиндагонист тан,
Ки ҷон дорадаш пӯшиши хештан.
Бифарсояд охир-ш чархи баланд,
Чу фарсуд ҷома, бибояд фиканд.
Зи мо то раҳи марг як дам раҳ аст,
Агар дам дароз аст, агар кӯтаҳ аст.
Чу пуллест ин марг, к-анҷоми кор
Бар ин пулл доранд яксар гузор.

Бимирад, ҳар он кас, ки зояд дуруст,
Шавад нест, чунон ки буд аз нахуст.
Наёбӣ касе, к-аш касе мурда нест,
Диле нест, к-аз гетӣ озурда нест.
Куҷо шуд Каюмарс – шоҳи баланд,
Куҷо Ҷамму Таҳмураси девбанд?
Ҷаҳоншон ба хок - андар афканд пок,
Баровард пас аз ганҷҳошон зи хок.
Аз эшон намондаст ҷуз ном чиз,
Бирафтанду мо рафт хоҳем низ.
Агар марг бар мо накардӣ камин,
Зи бас ҷонвар танг будӣ замин.
Тамомии мардум ба марг андар аст,
Куҷо бо фариштa чу шуд, ҳампар аст.
Агар паҳлавон рафт, номаш бимонд,
Ҷаҳонбон бихон, ар ҷаҳонаш биронд.
Сипеҳр оби худ бурду ӯро набурд,
Далериву фарҳанг мурд, ӯ намурд.
Диҳад офаринандаи хубу зишт
Туро музди некон, мар ӯро биҳишт!
Гар ӯ шуд, кунун монд гоҳаш туро,
Супурдем мо боргоҳаш туро.
Зи дил меҳри ӯ бар ту ангехтем,
Ғамашро ба шодӣ баромехтем,
Ки ту ёдгорӣ аз он паҳлавон,
Ҳамеша бизӣ шоду равшанравон!
Чу маҳ нав шавад, ҷома нав соз кун,
Бибур аз ғаму шодӣ оғоз кун.
Маю юзхилъат зи болои хеш
Фиристодам инак ба ойини пеш.
Бад-ин тан бипӯшу бад-он ғам гусор,
Бад-ин ҷӯй базму бад-он кун шикор.
Чунон кун, ки дар Меҳргон номро
Биёрӣ ба наздики мо Сомро,
Ки то дил ба фарзанди ту х(в)аш кунем,
Бисӯзем ғамро, чу оташ кунем.
Нигаҳ кун мар ин номаро в-аз фуруд,
Ҳамин аст гуфтору бар ту дуруд.
Фириста шуду номаву ҳадя бурд,
Бипӯшид хилъат Наримони гурд.
Ба шодӣ фиристода баргашт боз,
Гаҳи Меҳргон роҳро кард соз.

Суйи шоҳ бо Соми ял дод рӯй,
Чу огоҳ шуд з-ӯ кайи номҷӯй,
Пазира фиристод яксар сипоҳ,
Пиёда шудаш пеш аз боргоҳ.
Нишондаш ба аврангу пурсид чанд,
Ба хурсандияш дод ҳар гуна панд.
Бад-он рӯзи ҷашни гузин Меҳргон,
Гаҳи базму руди паричеҳргон
Бифармуд, то хон ниҳоданд кай,
Пас аз хон нишастанд бар базми май.
Бар авранг буд паҳлавон пеши шоҳ,
Суйи росташ Сом буд назди гоҳ.
Яке даҳманӣ ҷоми май пурнабид,
Надонист онро ба ҷуз шаҳ кашид.
Ба ёди Наримон шаҳ он нӯш кард,
Наримон ҳам эдун ба ёдаш бих(в)ард.
Ҳамон ҷомро Соми гарданфароз
Ба як дам беҳ аз ҳар ду андохт боз.
Дар ӯ хира шуд шоҳу гуфт: -Ин сутург
Бувад беҳ зи Гаршосп, чун шуд бузург.
Баланд оташи меҳргонӣ бисохт,
Ки таффаш зи чарх ахтаронро битохт.
Дурафшон дирафше баромад ба моҳ,
Зи зар дизҳо, чарх мушки сиёҳ.
Ба ҳомун-дараш зарра сунишфишон,
Ба гирдаш ҷаҳон чархи ахтарфишон.
Замин шуд яке пурфурӯғ офтоб,
Зи зар риштаҳо, чархаш аз мушки ноб.
Чу карда бурун ханҷари зардфом,
Ҳазорон ҳазор аз ақиқӣ ниём.
Чу дар зард ҳулла канизони маст
Ба бозигарӣ даст дода ба даст,
Ҳама пойкӯбанда бар фарзи Чин,
Зи сар мушкпошон, гул аз остин.
Чу разме гарон зангиён сохта,
Ҳама ғарқа дар хуну теғ охта.
Чу ларзон кӯҳе яксар аз зарри хушк,
Бар ӯ буссадин қатра абре зи мушк.
Бузургон ба базм - андар ором казм,
Нишастанд бо майгусорон ба базм.
Сари чанг созандаи чанг шуд,
Дили ной ҳамнолаи занг шуд.

Ба каф ҷоми май чашмаи нӯш гашт,
Ҳаво пурнавои халолӯш гашт.
За бас ромишу хушшии меҳтарон
Гирифтанд дар чарх базм ахтарон.
Зи шодӣ ҳамекӯфт Миррих даст,
Ба дастон шуда Зуҳраи майпараст.
Чунин буд маҳе шод шоҳи баланд,
На бар ганҷ мӯҳру на бар бадра банд.
Сари маҳ чу омад Наримон-ш пеш,
Басе ҳадя бахшидаш аз ганҷи хеш.
Дирафшеш дод аждаҳофаш сиёҳ,
Ҷаҳонпаҳлавон хонд андар сипоҳ.
Дигар шерпайкар дирафше ба Сом
Бидоду сипаҳбад-ш фармуд ном.
Чунин омад ин гетӣ аз фарру соз,
Бидорад ба ноз, оварад марг боз.
Чу море, ки заррин диҳад хоя баҳр,
Пас аз ногаҳон боз бикшад ба заҳр.
Дарахтест бо шохи бисёрбор,
Бараш тозагул яксару тезхор.
Нахустин ба гул шодхорат кунад,
Пас он гоҳ аз хор хорат кунад.
На дар вай касе зист, к-охир намурд,
На з-ӯ шуд касе, то дареғе набурд.
Зи даврон магар монда бечораем,
Гирифтори ин золи патёраем!

## 145. ДАР ХОТИМАИ КИТОБ

Шуд ин достони бузург испарӣ
Ба пирӯзиву рӯзи некахтарӣ.
Зи ҳиҷрат бар ӯ - бар сипеҳре, ки гашт,
Шуда чорсад солу панҷоҳу ҳашт.
Чунон андар ин саъй бурдам зи бун,
За ҳар дар басе гирд кардам сухун.
Бад-он сон ки бино чу бинад нахуст,
Бад аз нек з-ин гуфта донад дуруст.
Зи гӯяндагоне, ки-шон нест ҷуфт,
Ба хушӣ чунин достон кас нагуфт.
Бад-ин нома гар номам ояд-т рой,
Ба «дол»-и Асад ҳарфи «даҳ» барфазой.

Чунин номае сохтам пуршигифт,
Ки ҳар донише з-ӯ тавон баргирифт.
Чу ганҷе, ки донанда орад бурун
Ба андеша з-ӯ гавҳари гунагун.
Чу боғе, ки аз вай ба дасти хирад
Гули ҷон чинад, ҳар к-аз ӯ бигзарад.
Чу нахчиргоҳе пур аз рангу бӯй,
Ки нахчири дониш диҳад дил дар ӯй.
Биҳиштест бумаш зи кофури хушк,
Гиёҳаш зи анбар, дарахтон-ш мушк.
Басе ҳур бар гирдаш ороста,
Аз андеша дӯшизагон хоста.
Зи поки равоншон, зи фарҳанг тан,
Зи дониш забону зи маънӣ сухан.
Саросар зи мушки сияҳ туррапӯш,
Ҳам аз табъ гӯяндаву ҳам хамӯш.
Ба гетӣ биҳишт ар надидаст кас,
Биҳиште пур аз дониш ин асту бас,
Ки ваҳм андар ӯ чун биҳиште баҷой
Биёбад зи разм, он чи ояд-ш рой.
Ҳама пургулу сабзаву мевадор,
Нагардад кам, арчанд чинӣ зи бор.
Мар ин номаро ман бипардохтам,
Чунон к-аз раҳи базм бишнохтам.
Бад-он то бувад унс хонандаро,
Дуо гӯядам, гар мирам, бандаро.
Ҳамеҷустам аз хусрави раҳшинос,
Ки некишро чун гузорам сипос.
Аз ин нома ман беҳтару хубтар
Сазои ту хидмат надидам дигар.
Зи ҷон зода фарзанд беш аз шумор,
Биёростам ҳар яке чун нигор.
Саросар зи дасти ҳунар хӯрда нӯш,
Падаршон хирад будаву доя ҳуш.
Ҳама ғамгусоранд хонандаро,
Зи дил донишомӯз донандаро.
Зи ту ҳадя овардам аз баҳри ном,
Пазир аз раҳӣ, то шавад шодком.
Чунон чун ба шоҳӣ туро ёр нест,
Чу ман халқро низ гуфтор нест.
Кунун то дар ин тан маро ҷон бувад,
Забонам ба мадҳи ту гардон бувад.

Чу некӯ шуд аз ҷоҳи ту кори ман,
Бияфрӯхт з-ин хулқ бозори ман.
Зи ту, то бувам зинда, дорам сипос,
Ки ман бо хирад ёраму ҳақшинос.
Ҳаме то бувад ҳафт кишвар ба ҷой,
Мабодо газанде зи фонӣ сарой.
Ба доду диҳиш кӯшу некӣ сигол,
Валиро бипарвар, адӯро бимол.
Мабодат ба ҷуз дод коре дигар,
Беҳ аз вай мадон ёдгоре дигар.
Чу аз дод пардохтӣ, род бош
В-аз ин ҳар ду пайваста дилшод бош,
Ки беҳтар ҳунар одамиро сахост,
Сахо дар ҷаҳон пешаи анбиёст.
Саховат дарахтест андар биҳишт,
Ки Яздонаш аз ҳикмати маҳз кишт.
Аз он шох дорад ба дунё гузар,
Насиб омад аз вай туро beштар.
Ало, то бувад фарри Яздони пок,
Раванда-ст гардуну истода хок,
Ҷаҳонро ту бодӣ шаҳи некбахт,
Ки Ноҳид тоҷат бувад, Моҳ тахт!
Ду чокар-т бар даргаҳ аз Моҳу Меҳр,
Ки доранд корат равон дар сипеҳр.
Ду аспат шабу рӯз чунон, ки рост
В-аз эшон расӣ ҳар куҷо, ки-т ҳавост.
Зи хусрав Бироҳим – шоҳи замин
Навозанда бошӣ, чунон к-аз ту дин.
Шаҳи хусравон бод Маҳмуди ту,
Дилу ҷон аз ӯ шоду аз ҷуди ту.
Бад-он мулк фармон-т ҳазмон дамон,
Ки душман-тро дӯст пажмон равон.

# ЛУҒОТ

## А

**Аблақ** - ҳар чизи дуранга, сафеду сиёҳ, ало, асп.
**Абраш** - аспи сурхусафед.
**Авборидан, авбордан, авбоштан** - фурӯ бурдан.
**Авранг** - тахт, зебоӣ.
**Адҳам** - сиёҳ, аспи сиёҳ.
**Айба** - анбони чармӣ.
**Аёғ** - паймона, май.
**Акҳалранг** - ранги ҳафтандом, раги миёнаи даст.
**Алфағдан** - андӯхтан, ҷамъ кардан, зиёд кардан.
**Анбоштан** - пур кардан, ғун кардан.
**Андул** - гилеме, ки ба чаҳор чӯб бо меххо муҳкам кунанд ва ҳокимони Зангбор бар он нишинанд.
**Анқос** - ниқс-сиёҳӣ, давот.
**Анӯша** - хуррам, хушҳол.
**Арзиз** - қалъагӣ.
**Арзонӣ** - фақир, нодор.
**Армида** - мухаффафи орамида.
**Армон** - ранҷ заҳмат, орзу.
**Аррода** - олати ҷангии сангандоз.
**Арронӣ** - орёнӣ, эронинажод.
**Арсазор** - майдон.
**Арғавон** - дарахти сурхгул.
**Арғанда** - далер, ҳайбатангез, хашмнок.
**Арғунун** - номи асбоби мусиқӣ, асбобҳои омехтаи мусиқӣ.
**Астар** - хачир.
**Астаранг** - мардумгиёҳ.
**Афроз** - боло.
**Ахтух** - мувофиқи ривоятҳои динӣ номи қадимаи Идрис бошад.
**Аҳриман** - шайтон, дев, роҳнамои бадиҳо, дар ривоятҳои қадими мо муқобили Ҳурмуз, ки роҳнамои некист.

## Б

**Баён** – як навъ бабр.
**Базон** – вазон.

**Байрам** – матоъи ресмони нозук.
**Байғора** - сарзаниш, таъна.
**Байғула** - гӯша, кунҷ, канор.
**Балож (балош)** - бесабаб, абас, беҳуда.
**Бололок** - як навъ пӯлоди хуб.
**Балоя** - нобакор.
**Баму зер** - оҳангҳои пасту баланд.
**Банд** - макр, найранг.
**Баниз** - ҳам низ, низ, ҳам.
**Бар** - рӯй.
**Бараҳман** -ҳакиму донишманди ҳиндӣ; пир ва муршиди бутпарастон.
**Баргоштан** - баргардондан, рӯй гардондан.
**Баргустувон** - зиреҳи синапӯши асп.
**Барда** - каниз, банда.
**Барз** - замини ҳамвор, баландӣ.
**Барин** - баланд.
**Барх** - пора.
**Баршумурдан** - як ба як гуфтан; бад гуфтан.
**Барӯ** - абрӯй.
**Басбос** - бархна-бараҳна, урён; ҳарза, бемаънӣ, васвос.
**Баснос** - устоди даҳриён.
**Бахур** - хушбӯӣ, гиёҳҳои хушбӯй.
**Басок** - тоҷе, ки гул мебастаанд.
**Башкӯл** - паҳлавон.
**Баюс** - тамаъ ва интизор кардан (ба чизе).
**Бақам** - заранги сурх, ки пӯсти онро барои ранг додан истифода мекардаанд; маҷозан сурх.
**Бевора** - овора, ғариб.
**Бедбарг** - пайкони ба барги бед монанд.
**Безамон** -бегумон, нохост.
**Бесарок** -шутури ҷавон, пурқувват.
**Беҷода** - каҳрабо.
**Бигмоз** - шароб.
**Билбила** - кӯзаи лӯладор.
**Бир** - барқ, сойиқа.
**Бирад** - аз роҳ дур шав.
**Биш** - мӯйи думи асп.
**Бишӯл (бишӯлида)** - парешон, ошуфта.
**Бобзан** - ташти оҳанин барои гӯштбирён кардан.
**Бод** - мухаффафи бода; май; аспи тезрав.

**Бодафраҳ (подафраҳ)** - ҷазо, уқубат.
**Бодтак** - бодрафтор.
**Бодсорӣ** - сабукӣ, бетамкинӣ; майгусорӣ.
**Бож** - боҷ, хироҷ.
**Бозаранг** - турунҷ.
**Боло** - қад; асп.
**Болуғ** - паймонае, ки аз чӯб ё шох сozанд.
**Бор** - пазирой (дар дарбор / рӯзи) қабул.
**Бора** - девор; девори қалъа; асп.
**Бофадам** - охир.
**Бохтар** - Машриқ.
**Буж** - теппа.
**Бум** - замин, хок.
**Бумҳан** - зилзила, заминларза.
**Бунах** - чизу чора.
**Бурд** - эҳтиром; тарс; асири ҷанг; шаҳр.
**Бурз** - баландӣ; қаду қомат.
**Бурoқ** - аспе, ки Муҳаммади пайғамбар бар он нишаста, шаби меъроҷ ба мулоқоти Худо рафта буд.
**Буссад** - марҷон.
**Буст** - кушода.
**Бухтӣ** - шутури қавипайкар.
**Бук** - олати устухонӣ ё оҳанӣ, ки овоз бароварда мешавад, шайпур.
**Бӯр** - аспи сурхранг.
**Бӯта** - зарф барои об кардани тило, нуқра ва ғайра.
**Бӯя** - орзумандӣ.

## В

**Вайдо (видо)** - гумшуда, нопайдо.
**Вағеш** – анбӯҳ.
**Варз** -кишт.
**Варзгар** - деҳқон, барзгар.
**Варғ** - банди об, оббанд.
**Вашшӣ** - навъе аз ҷомаи абрешимии мансуб ба шаҳри Ваш; ҷома дар нигин.
**Век (вайк)** - вой бар ту! вой бар ҳолат!
**Вижа** - хосса, махсусан.
**Вол** - навъе аз моҳӣ; наҳанг, кит.
**Вора (ворост)** - шабеҳ, монанд, расм, одат; навбат, мартаба;

бисьёр; микдор; соҳиб.
**Вушо (вушӣ)** - сурх.

## Г

**Габр** - оташпараст; як навъ либоси ҷангӣ, ки бо пахта ва абрешим пур ва лаганда шудааст.
**Гав** - паҳлавон, далер.
**Гавз** – чормағз.
**Газанд** - зиён.
**Ганг** - ба ғайр аз номи дарёе дар Ҳиндустон номи бутхонае дар Туркистон низ будааст.
**Гандоб** - оби истодаи бадбӯй ва гандида.
**Гаразмон** - афлок, осмон.
**Гарзан** - тоҷи махсуси подшоҳони каёнӣ будааст, ки бо занҷири тило бар болои тахт муҳозии сари подшоҳ меовехтанд ва гӯё мурассаъ бо сад дона марвориди ҳар кадом ба андозаи тухми гунҷишк будааст.
**Гардун** - ароба.
**Гармхез** - тезрав; чолок.
**Гарӯгар** - яке аз номҳои Худо, ки маънояш муродбахш аст.
**Гашн (гашан)** - анбӯҳ, бисёр, фаровон.
**Гелӣ** - гелакӣ, гелонӣ.
**Гес** - мухаффафи гесӯ.
**Гизоф** - беҳуда, ҳарза; беҳад, беҳисоб.
**Гир шудан** - дар банд афтодан.
**Гоҳ** - вақт; ҷо; тахт; зарфи нуқраобкунӣ.
**Гувожа** - таъна.
**Гувориш** - ҳазм; моддаи ҳазми таъом.
**Гурм** – ғам, андӯҳ.
**Гулранг** - аспи сурхранг.
**Гурд** - паҳлавон.
**Гурдогоҳ** - дӯш; миён, камар.
**Гурдавжан** -паҳлавонафган, мардафган.
**Гуреғ** - гурез.
**Гурм** - андӯҳ.
**Гуроз** - бел.
**Гурс** - мӯй; мӯйпеча ва мӯйбофи занон.

**Гӯшосп** – хоб; хоб дидан.

## Д

**Даббуқ** - най, як навъ либос.
**Дада** - Додор, Худованд.
**Дайҳим** - тоҷ.
**Дамма** - боди барфолуд.
**Дамоҳанҷ (дамоҳанг)** - тангнафас; бадҳайбат.
**Дан** - хуми калон.
**Даранг** - ором, қарор, сабр, таваққуф, таъхир.
**Дарбо (дарво)** - зарурӣ.
**Дарнавардидан** - тай кардан.
**Дар намоз омадан** - таъзим кардан.
**Дар омадан** - аз по афтодан, ғалтидан; берун омадан.
**Дарё** - баҳр.
**Дастбанд** -рақси дасту ба даст.
**Даствор** - асои чӯпонӣ.
**Даштбон** - нигаҳбони кишт, посбони киштзор.
**Даҳор** - ғор, шикофи кӯҳ.
**Даҷҷол** - Масеҳи сохта, фиребгар.
**Девлох** - шӯразор.
**Девпой** - тортанак.
**Дидабор** - посбон,
**Дижам** - андӯҳгин, ғамгин.
**Дижогоҳ** - тундшуда, тезшуда.
**Дижҳухт** - бутхона.
**Дирафш** - байрақ.
**Диръ** - зиреҳ.
**Дирҳам** - танга, сиккаи нуқрагӣ, пули нуқра.
**Диҳор** – муомила.
**Дод** - адл.
**Додор** - Худованд, Худо.
**Дому дад** - ҳайвонҳои ваҳшӣ ва хонагӣ,
**Донг** - шашяки ҳар чиз, андозаи вазн; дона.
**Дор** - хона.
**Дорубард** – кару фар, дабдаба, гирумон.
**Дубқ** - ҳуббест ба ранг ва андоми зарашк, гарм ва хушк аст.
**Дуда** - хонадон.

**Дужхим** - бадхӯй, зиштрӯ, душман, ҷаллод.
**Дурахш** - барқ.
**Дурафш** - дурахш, рахшандагӣ; аломат.
**Дурафшанда** - дурахшанда, рахшон.
**Дурудан** - даравидан.
**Душхор** - душвор.

## Ё

**Ёл** - гардан.
**Ёра** - дастбанд; тавқи гардан; қувват, тоқат, ҷуръат.
**Ёфа** - гумшуда, парешон; беҳуда, бефоида.
**Ёхтан** - теғро аз ғилоф кашидан; андохтан; задан.

## Ж

**Жавола** - гарданбанд, мӯҳраи гардан.
**Жаён** - даранда.
**Жанд (жанда)** - бузург, калонҷусса.
**Жарф** - амиқ, чуқур, бепоён.
**Жоғар** - чихт, сангдони паррандаҳо.
**Жӣ** - ҳавз, кӯл, обгир.
**Жӯпингар** - найзасоз, найзабардор.

## З

**Зам** - сармо; захм; хайма.
**Занг** - мамлакати зангиён; дурахши офтобу моҳтоб; гармӣ, ҳарорат.
**Зандбоф (зиндвоф)** - зандхон, хонадони китоби муқаддаси зардуштиён - Занд; булбул, ҳазордастон.
**Заранг** - дӯзах; чусту чолок; як навъ дарахти беҳосили кӯҳӣ.
**Зарир** - гиёҳи зардранг; зард.
**Зарсова** - тилои сурхи хурд.
**Зафт** - хашм.
**Заҳм** - шамшер.
**Зез** - резаҳои барф, ки аз ҳаво борад.
**Зергоҳ** - курсие, ки поёнтар аз тахт мегузоштаанд.
**Зинда** - мутакаббир; азим.
**Зинҳор** - аҳд, паймон, амон, паноҳ; зинҳор хостан, авф хостан.
**Зифр** - устухони решаи дандон.

**Зиҳа (зеҳ)** - зоиш, зоидан.
**Зиҷ** - ҷадвале, ки аз рӯи он ҳаракоти ситораҳоро пай мебаранд.
**Зовиш** - сайёраи Муштарӣ.
**Зод** - мухаффафи озод.
**Зу** - мухаффафи зуд.
**Зуфт** - мумсик.
**Зуш** - хашмгин, туршрӯ, зудранҷ, тунд, бадҷаҳл.
**Зуҳал** - сайёраи ҳафтум.
**Зӣ** - ба, сӯй, тараф, ҷониб.

## И

**Илиё** - Байтулмуқаддас, маъбади марказии яҳудиён.
**Испарғ (испарам, испарҳ)** - райҳон.
**Испарӣ (сипарӣ)** - гузашта, аздастрафта.
**Иқд** - гарданбанд, шадда, зеби гардан.

## К

**Кабоба** - номи дарахте, ки чӯби пурқимат дорад.
**Кавир** - замини шӯразори беобу алаф; шери жаён.
**Кавор** - сабади хӯрҷинмонанд барои кашонидани меваҳо, каҷова.
**Кадевар** - соҳибхона; деҳқон, боғбон.
**Казм** - гиёҳҳои лаби ҷӯ; сабзӣ ва кабудиҳои лаби ҷӯ ва лаби дарё.
**Кай** - подшоҳ.
**Кайвон** - сайёраи Зуҳал.
**Кулича** - кулча.
**Калот** - деҳаи хурд; деҳаи хурд дар кӯҳсор.
**Кандманд** - деҳдор; дашти кандманд - даште, ки дар он деҳа ҳаст.
**Кандо** - доно, ҷодугар.
**Каниф** - пӯшиш, либос.
**Каппӣ** - маймун.
**Карг** - каркадан.
**Каргтарг** - кулоҳ аз пӯсти каркадан.
**Карохун** - номи паҳлавон.
**Кастан** - кӯфтан, даст ба гиребон шудан.
**Кат** - тахт.

**Катон (каттон)** - зағир.
**Кафк** - кафи оби ҷӯшида; рӯи панҷа, даст.
**Кафта** - шикофта; фарсуда, кӯфта; пажмурда.
**Кафтор** - гӯрков, гӯркан /ҳайвони сагмонанди ваҳшӣ/.
**Кафшер** - пайванд.
**Каш (гаш)** - хуб, хуш, зебо; маънии бағалро низ дорад.
**Кеҳбуд** - хазинадор; баромади дону коҳ.
**Кемухт** - пӯсти рон ва аспу хар, ки махсус даббоғӣ шуда бошад, чарми сиёҳранг.
**Кеҳ** - хурд.
**Кижоганд** - як навъ ҷомае, ки дар мағзаш ба ҷои пахта абрешим ҷой карда, онро зери зиреҳ бар тан мепӯшидаанд.
**Кила** - най, қамиш.
**Килк** - най, қамиш.
**Килла** - чодар, хаймае, ки аз порчаи тунук ба ҷиҳати дафъи пашша ва магас созанд.
**Киноғ** - тори абрешим ва ресмон.
**Кип** - зарфи шишагии бузурги даҳонтанг.
**Киштварз** - деҳқон.
**Киштманд** - киштзор.
**Кобин** - маҳри занон.
**Ков** - шоху навдаҳои зиёдатии дарахтро буридан.
**Коза** - каппа, хона; боғхона, хонае, ки дар назди киштзор месозанд.
**Кола** - кадуи шароб.
**Колвад** - қолаб; бадан.
**Коно** - нодон, аҳмақ.
**Коргар** - таъсирнок, таъсирбахш.
**«Коф»-у «нун»** - кун» («бош»), мувофиқи таълимоти динӣ Худованд бо ин амр дунёи ҳастиро аз нестӣ ба вуҷуд овардааст.
**Кудара** - дараи чуқур, пушта.
**Кулбадорӣ** - дуккондорӣ.
**Кулл** - гаронӣ ва сангинӣ, мусибат.
**Кун** - аз «кунфаякун», олами мавҷудот, аз рӯйи ривоятҳои динӣ ишорат бошад ба амри Ҳақ таъоло дар рӯзи аввал дар боби пайдо шудани мавҷудот.
**Кундогар** - ҳаким; доно; шуҷоъ, далер.
**Куном** - лонаи ваҳшиён.
**Куноранг** - ҳоким, амир; посбон; шахси обрӯманд, доно.

**Куноғ** -  кирми пилла; тори абрешим.
**Курта** - пероҳан.
**Кушуфта** - кушодан; шикофтан; парешон кардан.
**Кӯж** - кӯз, хамидапушт.
**Кӯйёфт** - ҳаромзода.
**Кӯпол (кӯлоб, чӯбол)** - гурзи лӯлаи оҳанин, гурзи оҳанин.
**Кӯполпил** - гурзи калон.
**Кӯс** - нақора; зарба, такон, садама.

## Л

**Лод** - девори гилӣ, девори лойӣ, похса.
**Лодан** - як навъ доруворӣ.
**Лож (лош)** - беҳуда.
**Лоласор** - номи мурғи хушовоз.
**Лоту** - нардбон.
**Лош** - тороҷ, талаву тороҷ.
**Лакҳан** - рӯзаи бутпарастон.

## М

**Мадҳун** - пӯсти даббоғишуда.
**Майзад** - маҷлиси шаробхорагӣ, маҷлиси майнӯшӣ.
**Майзар** - дастор, салла
**Мамӯл (аз мӯлидан)** - шитоб макун.
**Маншур** - фармони подшоҳ барои додани мансаб, бахшиш ва ғайра.
**Марво** - фоли нек.
**Марз** - сарҳад.
**Марзбон** - сарҳадбон.
**Марғ** - алаф, марғзор, чаманзор.
**Марӯш** - равшан макун.
**Масқул** - тозакарда, сайқалдода.
**Матраф** - чодари хаззи чаҳоргӯшаи нигорин.
**Маязд** - маҷлиси боданӯшӣ.
**Мағок** - кӯлча.
**Мағр** - резаборон, борони майда.
**Маҳ** - моҳичаи байрақ.
**Мезар** - чодар, поҷома.
**Меъроҷ** - болорафт, шабе, ки Муҳаммади пайғамбар ба

мулоқоти Худо рафтааст.

**Меғ** - абр.

**Меҳ** - калон.

**Меҳан** - ватан, зодгоҳ.

**Меҳр** - офтоб.

**Меҳргон** - рӯзи шонздаҳуми моҳи шамсӣ (меҳрмоҳ), ки онро гузаштагони мо чун иди фасли тирамоҳ ҷашн мегирифтанд.

**Мину** - биҳишт.

**Мисқол** - олати вазн чи кам бошад, чи зиёд, ки вазнаш ба бисту чаҳор нахӯд баробар аст.

**Митраф** - парда, ҳиҷоб, чодари чаҳоргӯшае, ки аз матоъи ҳарир сохта шуда бошад.

**Миғфар** - кулоҳи филиззии ҷангӣ, хӯд.

**Миҷмар** - зарфе, ки дар он уду сипанд ва дигар хушбӯиҳоро дуд мекардаанд.

**Моз** - чину шикан; шикоф.

**Мой** - хазандагон.

**Мон** - асбоби хона; монанд; дойимӣ.

**Морӣ** - кушташуда.

**Мосура (мошура)** - найчаи миёнхолӣ, найчаи бофандагӣ.

**Моявар** - тавонгар.

**Моғ** - мурғи сангхояк, парандаи хурди обӣ, сиёҳчаи обӣ.

**Моҳиён** - моҳҳо (мисли солиён - солҳо).

**Манҷуқ** - моҳичаи сари байрақ, нишонаи байрақ.

**Мустафо** - лақаби Муҳаммад.

**Мутраф** – пардаи рӯпӯш, ҳиҷоб.

**Мушкдум** - номи як навъ мурғи хушовози думсиёҳ.

**Мушкӯ** - бутхона; ҳарамсаро, хонаи андаруни занона дар ҳавлиҳои қадима, кӯшк, қаср.

**Муштарӣ** - номи бузургтарин сайёраи манзумаи офтоб, ки Бирҷис ва Ҳурмуз (Юпитер) низ мегӯянд ва он дар қадим муборак дониста мешуд.

**Мӯлидан** - дарангу таъхир кардан.

**Мӯҳра** - дона ва кулӯлаи гилин ё сангин, ки ба ҷойи тир бо камонгурӯҳа ғурронда мешудааст.

## Н

**Набард** - ҷанг, муҳориба.

**Набарда** - ҷанговар, мубориз.

**Нав** - мухаффафи нев.

**Наванд (наванда)** - асп.
**Наванд афгандан** - савор фиристодан, хабарчӣ фиристодан.
**Наваштан** - тай кардан.
**Навоин** - навпадид, бадеъ.
**Навон** - ҷунбондани сару бадан дар вақти хондан ё шунидани мусиқӣ ва ғайра.
**Нажанд** - ғамгинчеҳра, андӯҳгин, ҳасратнок.
**Найранг** -ба маънои тарҳи аввалини бо ангишт кашидаи рассомон низ омадааст.
**Накӯҳидан** - сарзаниш кардан.
**Накӯҳиш** - сарзаниш.
**Намидан** - таваҷҷӯҳ кардан, майл кардан.
**Нашк** - дарахти коҷ.
**Наҳунбан** - сарпӯши деги табақ ва танӯр.
**Намӣ** - таваҷҷӯҳ, майл.
**Нард** - танаи дарахт.
**Наснос** - маймуни одамшакл.
**Настӯҳ** - ҷангҷӯ, шуҷоъ.
**Нев** - далер, паҳлавон.
**Нигорӣ** - оройишдиҳанда.
**Ниё** - бобо, ниёкон (ниёгон) - аҷдод.
**Ниёиш** - зорӣ, илтиҷо.
**Нимланг** - камандон, тасмаи туфанг.
**Ниҳеб** - тарс, бим.
**Ниҳод** - расму ойин, табиат.
**Ниҳонрашк** - кинавар.
**Ноб** - дандони яшк.
**Нобаюс** - ногаҳон, якбара; ғайричашмдошт.
**Нобисуд** - носуфта.
**Новард (набард)** - ҷанг, разм, корзор.
**Нож (нӯж, нӯжа)** - дарахти коҷ, санавбар, шамшод.
**Ноижа** - найчаи бофандагӣ.
**Нохуша (нағушок**) - номи бут, санам.
**Ночах** -табарзин, найзаи кӯтоҳ.
**Ноҳид** - ситораи Зуҳра.
**Нувф** - шӯру ғавғо.
**Нузл** - неъмат, нозу неъмат, зиёфат.
**Нумед** - мухаффафи «навмед», ноумед.
**Нуқта** -ба маънои «рост» (акси каҷ) низ омадааст.
**Нӯз** – шакли кӯтоҳшудаи «ҳанӯз».

## О

**Обганд** - ҳавз, оби гандида.
**Обгир** - ҳавз, пасоби дарёву рӯд.
**Обнӯс** - номи дарахте дар Ҳиндустон, ки чӯби гаронбаҳои сиёҳранг дорад, сиёҳ.
**Обод** - Каъба, хонаи Каъба.
**Обхуст** - замини обшуста, ҷазира, хушкии миёни об.
**Обчин** - пораи матоъ, ки баъд аз ғусл бадани мурдаро бо он пок кунанд; чодаре, ки аз ҳаммом баромада, арақро бо он мечинанд.
**Обӣ** - биҳӣ.
**Ованг** - овезон, муаллақ, овехта; отанг; ресмон, канаб ё чӯбе, ки ба он меваҳоро меовезанд.
**Овард** - ҷанг ва корзор.
**Овардгоҳ** - майдони ҷанг.
**Овез** - ҷанг, пайкор, ҷидол.
**Огадан** - пур кардан, ғун доштан.
**Ожада** - оростан.
**Ожанг** - чини рӯй, оҷинг.
**Оз** - тамаъ, ҳирс, орзуву хоҳиши зиёд.
**Озаранг** - ғаму дарди сахт, заҳмати фаровон.
**Озарм** - ҳаё, шарм.
**Озин** - оройиш, оройиши шаҳрҳо барои пешвозгирии подшоҳ.
**Озодӣ** - ба маънои шукр низ омадааст.
**Озфиндоқ** - тиру камон, тавқи баҳор, рангинкамон.
**Омез** - омезиш; омехта.
**Омоҷ** - нишона.
**Омоҷгоҳ** - нишонагоҳи тир; дуньё,
**Омурғ** - захира, нафъ, фоида; услу бунёд; қадру қимат.
**Осӣ** - саркаш, нофармон, гардантоб.
**Охта** - баркашида, урён.
**Охшич** - зид, мухолиф, унсур, ҳар як аз аносири чаҳоргона (об, оташ, хок, бод).
**Оғол** - арфа, тезондан, тез кардан.
**Оғолиш** - касеро ба ҷанг тез кардан, хушунат афкандан миёни ду тан.
**Оғор** - нам, заҳ.
**Оҳманд** - ноланда: дурӯғгӯ, айбнок.
**Оҳор** - моддае, аз гарди оби гандум, ҷуворимакка ва ғайра барои ҷилодор шудани матоъ тайёр кунанд.

**Оҳу** - гуноҳ, айб.
**Оҳун** - нақб.
**Оч** - устухони фил; дандони фил; сафед.
**Очмӯҳра** - сафедмӯҳра.

## П

**Падром (пидром, бадром)** - некӯ, ороста, хушу хуррам; ҳамеша, дойим, ҷовид.
**Пажӯҳидан** - ҷустуҷӯ кардан.
**Пажӯҳиш** - ҷустуҷӯ.
**Пазира** - орд.
**Пайк** - қосид, паёмбар; хидматгор.
**Пайхаст** - дармонда, банд афтода.
**Пайхол** - саргини мурғ.
**Пандманд** - насиҳатомез.
**Панча** - қайд, банд, гирифторӣ.
**Паранд** - ҳарир.
**Парандовар** - теғ ва шамшери ҷавҳардор.
**Парастанда** - хидматгор.
**Парв** - Парвин.
**Паргар** - тавқи зинаткорӣ, ки подшоҳони қадим дар гардан мекарданд ва ба гардани асп низ меовехтанд.
**Пардахта** -холишуда, ангехта.
**Парнун** - матоъи нозуки рангин.
**Пархош** - ҷанг.
**Парсеч** - азми чизе, майли чизе, тайёрӣ.
**Патёра** - офат, бало; зишт; хусумат, макр, дев.
**Пахул (пажул)** - шитолинг, кафи по, пошнаи по.
**Пахч** - пахш.
**Паш** - ёли асп; монанд; ноқис.
**Пашиз** - ҳар чизи хурд; пули майда, пули сиёҳ; зари қалб.
**Пашиза** - хашмгин; пулак-пулак, зиреҳ-зиреҳ.
**Песа** - дуранга, сиёҳу сафеди омехта ба ҳам; дурӯя, мунофиқ.
**Пешбоз** - пешвоз.
**Пию гӯшт-** шӯрбо
**Пизишк** - табиб.
**Пилболо** - бузургҷусса; мағрур.

**Пиласта** - устухони дандони фил; киноя аз сойил, миёни оринҷ ва банд даст; рӯй, рухсор.
**Пилғӯш** - як навъ савсан.
**Подошан** - мукофот.
**Поёб** - тоқат.
**Пойзахр** - тарёк.
**Полҳанг** - тасма ё ресмоне, ки ба канори лаҷоми асп мебанданд, банд, расан.
**Пошанг** - хӯшаи хурди ангур: тухми харбузаву каду ва бодирингу ҳандалак (ҳиндувона); хӯшаи дар ток хушкшудаи ангур, мавизаки ангур.
**Пур** - писар, фарзанд.
**Пӯзиш** - узр.

## Р

**Рад** - доно, хирадманд.
**Раз** - токи ангур, боғ.
**Размков** - ҷангҷӯ.
**Разон** - токи ангур, боғистон.
**Рак** - хашмолудона худ ба худ гап задан.
**Ранг** - бузи кӯҳӣ, манфиат.
**Рас** - бисёрхӯр, пурхӯр.
**Раст** - раста, радаи бозор.
**Растахез** - рӯзи қиёмат.
**Ратл** - пиёла, паймона, ҷом, пиёлаи шароб.
**Раш** -газ, оршин, қулоч.
**Раҳивор** - ғуломвор.
**Раҳӣ** -ғулом; чорак; раванда; гурезанда.
**Регоша (рекоша)**-хорпушт.
**Ридак** - ғулом.
**Ризвон** - хушнудӣ, хурсандӣ; биҳишт.
**Ризма** - бӯғчаи либос, лингаи бор.
**Ришк** - нопокӣ.
**Рой** - ақида, тадбир; роҳ.
**Ромиш** - роҳат, осудагӣ; созу наво; сурудгӯӣ.
**Рост** - мухаффафи ороста.
**Роғ** - домани фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор.
**Румҳ** - найза, синон.
**Рустамӣ** - ба маънии рустанӣ.
**Рӯзгард** - офтоб.

**Рӯин (мисин)** - ҳар чизе, ки аз рӯй ном филиз сохта шудааст.
**Рӯх** - рӯда.
**Рӯҳанӣ** - оҳан ва пӯлоди ҷавҳардор, маҷозан ҷилодиҳанда.
**Рӯҳбон** - роҳиби парҳезгар.

## С

**Сагсор** - сагмонанд; ҳарис, ҳариси дунёву мол, одами сагсар.
**Салаб** - либоси дурушти ҷангӣ, пӯсти ҳайвон, ки аз он либоси ҷангӣ дӯзанд.
**Салла** - сабад.
**Самона** - паррандаи хурд, ки дар баъзе ҷойҳо каркари куррок мегӯяндаш.
**Санака** - хорпушт.
**Сангхор** - парандаи сиёҳранги хурдакаки сангрезахӯр.
**Сандарус** - модаи зард, ранги зард.
**Саранд** - таноб ё ресмоне, ки як тарафи онро ҳалқа карда, ба воситаи он сайд мегирифтаанд, ба маънои паҳлавон низ омадааст.
**Сардод** - сардори адлпарварон, сардори додгустарон.
**Сарпос** - гурзи вазнин.
**Сарпо шудан** - варам кардан.
**Сарӣ** - хок, замин.
**Сарғин (сирғин)** - сурной.
**Сатора** - навъе аз хайма ва чодар; пашшадон.
**Сафан** - пӯсте, ки бар қабзаи шамшер ва камон мепечанд.
**Сахта** - санҷида, вазн кардашуда, бозоргир.
**Саътарӣ** - маҳбуба.
**Саҳм** - тарс, ваҳм; тири камон.
**Сечӯба** - шамшер.
**Сигор** - андеша; хусумат; некандеш; бадандеш.
**Сиголидан** - андеша кардан.
**Сиёҳпӯш** - шабгард, миршаб.
**Сика (сикка)** - мӯҳри хосаи шоҳон.
**Синд (синда)** - ҳаромзода.
**Синор** - тунукобӣ; тунукобии баҳр ва дарё, ки таҳаш лойқа бошад ва киштӣ дар он банд шавад.
**Сипаҳбад** - сарлашкар.
**Сиришк** - қатраи борон, оби дида; зикр, дарахти гул.

**Сисанбар** - як навъ наъно ва пудина.
**Ситабр** - дурушт, ганда ғализ.
**Ситок** - навда, шохе, ки нав аз танаи дарахт месабзад.
**Ситоғ** - аспи зинкардашуда.
**Ситон** - ба пушт хобида.
**Ситом** - ҳайкалчаи тиллоӣ ё нуқрагини аспу хачир, афзори асп, лаҷом.
**Сов** - хироҷе, ки подшоҳи ғолиб аз подшоҳи мағлуб ва зердастшуда мегирифтааст.
**Сон** - расм; монанд.
**Сорак** - сор, соч (парранда).
**Сорӣ** - сор, соч.
**Соҷ** - номи дарахти азимҷуссае, ки бештар дар Ҳиндустон мерӯидааст.
**Соҷид** - саҷдакунанда.
**Сун** - сӯ, тараф.
**Сунбода** - моддаи маъдании бисёр сахте, ки бо гарди он нигину булӯрро метарошанд ва фулузотро ҷило медиҳанд; гоҳе корд ва шамшерро бо он тез намоянд; санги сайқал.
**Суниш** -резаҳои оҳан, ки ҳангоми сӯҳон кардан мерезад.
**Суру** - шох.
**Суруш** - фаришта.
**Сутудон** - дахма, қабристони габрон, сағона.
**Сутург** - бузург, густох; бешарм; хашмнок.
**Сутурлоб** - асбобе, ки ба воситаи он дар расадхонаҳо гардиши ситораҳо мушоҳида мекунанд ва меомӯзанд.
**Сутӯҳ шудан** - ба танг омадан, безор шудан.
**Суфт** - теғ.
**Суҳф** - китобҳои осмонии динӣ.
**Сӯг (чӯк)** - мотам.

## Т

**Табархун** - унноб (меваи санҷид/ҷигда/ монанд).
**Тавам** – донаи симинмонанди марҷон.
**Тавбатӣ** - бурранда.
**Табира** - табл, нақора.
**Тагарг** - жола.
**Тайёра** - парвозкунанда; асп.

**Так (так)** - рафтор.
**Таковар** - бод; ба маънои аспи тезгард ҳам меояд.
**Такӯк** - қадаҳ.
**Талк** – сангест сапед, ки чун ба чизе бимоланд, оташ онро насӯзад ва агар ҳал гардад, монанди об шавад, иксир бошад.
**Талоя** - қаровули аскар; аскарони пешрав.
**Там** - чашмбанд, пардае, ки ба чашм кашида шавад.
**Танал** - ҳила, макр.
**Тананд** - анкабут.
**Танг** - ноёб, камчин, маҳкам, сахт:
**Таносон** - танпарвар; осудаҳол, осуда.
**Танҷ** - танг, фушурдан.
**Таранҷидан** - сахт дарҳам кашида шудан, фушурда шудан.
**Тарк (тарг)** - кулоҳи ҷангӣ, тоскулоҳ.
**Таркаш** - қаторвазна, тирдон.
**Тароз** - зеб.
**Таройиф** - хоҳишҳои аҷоиб.
**Тарфанд** - дурӯғ.
**Тафт** - гармӣ, ҳарорат, шитоб, ғазаб.
**Ташӣ** - ҷайра.
**Тев** - тобу тоқат.
**Теҳу** - бедона, вартишк.
**Тинбул** - баргест, ки дар Ҳиндустон нон хонанд.
**Тир** - Аторуд.
**Тироз** - номи шаҳр дар Туркистон, ки порчаҳои зебо он ҷо мебофтаанд, коргоҳи дебобофӣ; ҷомаи подшоҳӣ.
**Тирист** - сесад.
**Торӣ** - торик.
**Туз** -пӯсти дарахте, ки онро бар камон ва зини асп мепечондаанд.
**Тунбал** -ҳила, макр, найранг, фиреб.
**Турунҷида** -чин-чиншуда.
**Туғрил** - навъе аз боз, шоҳин.
**Туғрӣ (Туғро)** - навъи хат, ки дар болои нома ё фармон номи шоҳ навишта мешуд.
**Тӯхтан** - ҳосил кардан, ба даст овардан.

## У

**Уддӣ** – душман, адӯ, хасм.

**Узм (изам)** - бузургӣ, калонӣ, бузургии қадр.
**Урмузд** - Муштарӣ (номи сайёра).
**Утобӣ** - порчаи абрешимини мавҷдор.

## Ф

**Фадам** - сустӣ, дуруштӣ.
**Фажа** - зишт, палид, фач.
**Файлак** - тире, ки пайконаш душоха будааст.
**Файсур** - номи шаҳре, ки кофурро аз он ҷо меоранд.
**Фалохун** -фалағмон, сангандоз.
**Фараздд (фуруздд)** -гиёҳе, ки бештар миёни киштзор ё канори ҷӯй сабз мешавад.
**Фарасп (фарасб)** - шоҳтир, шаҳпули иморат.
**Фареҳ** - зиёд, бисёр.
**Фариқӣ** - африкоӣ
**Фарғар** - ҷойи селоб, ки ҳар ҷо-ҳар ҷо об дорад; ҷӯйи об.
**Фарғул (фарғук)** - даранг, таъхир дар кор.
**Фасила (сила)** - рамаи гӯсфандон ва галаи аспон.
**Фатеҳ** - палид.
**Фатол** - аз ҷой кандагӣ.
**Фаш** - ваш, монанд.
**Фаялк** - тири душохаи бадахшӣ.
**Фағ** - бут.
**Фағок** - ҳаромзода, аблаҳ.
**Фағфур** - лақаби подшоҳони қадими Чин.
**Фириста** - вакил, вакили аз тарафи лашкар фиристода.
**Фитол** - аз ҷой кандан.
**Фурузд** - гиёҳи хурди обӣ.
**Фурӯҳишта** - овезон.
**Фусӯс** - бозӣ; зарофат.
**Фӯғил** – дарахте баланд, ки дар минтақаҳои гарми Осиё ва Ҳиндустон рӯяд.

## Х

**Хаба (хафа)** - гулӯфушурдагӣ.
**Хав** - алафи бегонае, ки дар миёнаи ғалла ва ғайра мерӯяд.
**Хайзурон** - як навъ най, бамбук; сабзазор, ҷойи серсабза.
**Хала** - асбоби белмонанде, ки бо он обро даруни киштӣ мепартофтанд.

**Халолӯш (харорӯш)** -ғулғула, ғавғо.

**Халхал** - ҳалқаи тилло ва ё нуқра, ки занон барои зинат ба пой мебанданд.

**Халуқ** - бӯйи хуш.

**Хам** - айвон, суфа.

**Ханида** - машҳур, шӯҳратманд.

**Ханҷ** - нафъ, фойида, суд.

**Ханҷир** - устухону чашм ва пӯсти сӯхта.

**Хаф** - нахи гиёҳи паҳнбарге, ки барои гирондани оташ истифода мекардаанд; пунбаи нимсӯхта.

**Хафтон** -қабо; ҷомаи ҷангӣ.

**Хашансор** - як навъ мурғобӣ, ки рангаш тира ва сараш сафед аст.

**Хашин** - боз, уқоб .

**Хай** - арақи ҷабин.

**Хидев** - подшоҳ.

**Хинг** - аспи сафеду хокистарранг; асп.

**Хиром** - даъват ба меҳмонӣ.

**Хишт** - гурзи хурдакак, найзаи хурдакак.

**Ховар** (Ховарон) - Мағриб, Машриқ. Ҳоло ин истилоҳ ба маънои «Машриқ» истифода мешавад. Аммо дар асл Хуросон – Машриқ, Ховар (Ховарон) - Мағриб, Бохтар - Шимол, Нимрӯз - Ҷанубро ифода мекардааст. Асадӣ истилоҳҳои номбурдаро аксар ба маъноҳои аслии онҳо кор мефармояд. Лекин гоҳе «Ховар»-ро ба маънои «Машриқ» низ истифода кардааст.

**Холигар** - дастурхончӣ, суфрачӣ, пешхидмат.

**Хоша** - хасу хошок.

**Хоя** - тухм.

**Хумоҳан** - як навъ санги тираранги ба сурхӣ монанд.

**Хунук** - хушо, ҷӣ хуш.

**Хур** - хуршед, офтоб.

**Хуро** - хӯрданӣ

**Хуросон** - Машриқ.

**Хусур** - падарзан; падаршӯй.

**Хуту(в)** - шохи гове, ки аз он дастаи корд ва шамшер месохтаанд. Баъзе гуфтаанд, ки дар мобайни Чин ва Зангбор мулке ҳаст ва дар он ҷо мурғе бағоят бузург мешавад ва ин шохи он мурғ асту аз он зеҳгир тарошанд ва дастаи корд низ созанд.

**Хушну** - хушнуд.
**Хушнор** - каргас.
**Хӯд** - кӯлоҳи ҷангӣ.
**Хӯ** - зардпечак.

## Ч

**Чаков** - чаковак, мурғи хушхон.
**Чакокок** -овози тақлидии шамшерзанӣ ва найзазанӣ.
**Чалипо** - салиб.
**Чалипопараст** - насронӣ.
**Чамон** - хиромон.
**Чанивад** - пули сирот.
**Чарма** - асп, аспи сафедмӯй.
**Чархушт** - чархе, ки ба воситаи он шираи ангурро ҷудо мекардаанд.
**Чарғ** - парандае аст шикорӣ аз навъи боз.
**Чафола** - селаи мурғон.
**Чахидан** - ситеза кардан.
**Чир гаштан** - ғолиб омадан.
**Чигил** - номи шаҳре дар Туркистон, ки бо моҳрӯёни худ шӯҳрат доштааст.
**Чина** - дона, ки мурғон мехӯранд; дом.
**Чифта** - хамшуда.
**Чошнӣ** - намакчашак.

## Ш

**Шабоҳанг** - булбул, номи ситорае, ки корвонро ба он нигоҳ карда мерондаанд.
**Шабгир** - субҳ
**Шабдиз** - шабранг.
**Шабранг** - аспи сиёҳ.
**Шам** - рамидан.
**Шаман** - бутпарастҳои Шарқи Дур.
**Шамар** - кӯл.
**Шанбалид** - гулест зардранг, ки бӯйе тез дошта, дар сари роҳҳо мерӯяд.
**Шангарф** - сурх.
**Шаранг** - гиёҳи талх; заҳр.
**Шафона** - мурғи гуногунранг.

**Шафшафа (шафша)** - шӯшаи тилло ва нуқраи гудохта - шуда, ки дар новачаи оҳанӣ андозанд.
**Шаханшор** - мурғи обии пешонақашқа.
**Шахида** - пажмурда, сусту нотавон.
**Шаховон** - маҷрӯҳкунанда ва ба нохункананда.
**Шахудан** - харошидан, пора кардан.
**Шаър** - мӯй.
**Шигарф** - аҷиб; бузург, боҳашамат.
**Шиёр** - шудгор, замини шудгоршуда.
**Шиз** - обнӯс (номи дарахт).
**Шикованд** - номи кӯҳе дар Эрон.
**Шикованда** - шикофкунанда, нақбкан.
**Шикофа** - захмаи мутрибон, мизроб, нохун.
**Шикӯҳ** - хавф, бим, тарс, ҳарос.
**Шил** - найзаи хурд.
**Широъ** - соябон, хайма.
**Шис** - мувофиқи ривоятҳои динӣ номи писари Одам ва нахустин бунёдкунандаи Каъба.
**Шитоланг** - пошнаи по.
**Шифона** - номи мурғест, ки парҳои ранга дорад.
**Шиҳоб** - ситораи дурахшони паррон.
**Шодвард** - хирмани моҳ, ҳола; тахт, маснад.
**Шойвард** - тавқи моҳ.
**Шор** - шаҳр; олудагӣ; номи порчаи нафиси зебо; номи мурғи шорак.
**Шора** - дастори ҳиндуӣ; чодари рангини бағоят нозук.
**Шорак** - паррандаи сиёҳи тӯтимонанд.
**Шорвон** - мухаффафи шодурвон аст, ки пардаи калон аст.
**Шудан** - тамом шудан.
**Шугун** - фоли нек, муборак шумурдани чизе.
**Шӯлак** - аспи тезрав.
**Шӯлидан** - парешонхотир шудан.
**Шӯша** - порчаи тилло ва нуқра.

## Э

**Эдар** - акнун, ҳоло, инак.
**Эч (эҷ)** - шакли дигари ҳеч (ҳеҷ).

## Ю

**Юз** -ҷонвари аз паланг хурдтари шикорӣ.
**Юзхилъат** -ҷомае, ки аз пӯсти паланг дӯхта мешавад.
**Юн** -рудхона, дарё.

## Я

**Ял** - паҳлавон.
**Якраш** - якбара.

## Ғ

**Ғав** - овоз.
**Ғажб** - донаи ангур; сиёҳғажб - ангури сиёҳ.
**Ғажгов** - гови қутоси тиббетӣ.
**Ғарм** - бетаҷриба, ноозмуда, хом.
**Ғалижан** - гил ва моеи сиёҳи таги ҳавз.
**Ғанҷор** -ғоза, сурхӣ, гулгуна, ки онро занон барои зебоӣ ба рӯй мемоланд.
**Ғарв** - най.
**Ғарча** - нодон, ҷоҳил; номард.
**Ғафзӣ** - ҳавз.
**Ғеша** - як навъ гиёҳе, ки аз он ҷувол мебофтаанд.
**Ғиреву ғаранг** - доду фарёди пасту баланд.
**Ғоб** - беҳуда, ҳарза; аз кор афтода; пасафганда; зиёдатии таъом баъди хӯрдан.
**Ғолук** - мӯҳраи гардан, гарданбанд.
**Ғужб** - донаи ангур.
**Ғумр** – бетаҷриба, хом, ноозмуда.
**Ғунда** - як навъ анкабут.
**Ғурм** - бонг, фарёд.

## Қ

**Қавом** - ростӣ, дурустӣ; ростӣ ва мавзунии қомат.
**Қайсар** - подшоҳи Рум; лақаби подшоҳони Рум.
**Қалбгаҳ** - миёнаи лашкар.
**Қанина** - кӯза, шиша ва хуми шароб.
**Қатрон** - номи доруе; сиёҳ.
**Қилоъ** - ҷ. қалъа
**Қир** - ҳафтчӯш.
**Қиртос** - қоғаз.

**Қор** -қир, муми сиёҳ.

## Ҳ

**Ҳавдаҷ** - тахти равон, каҷова.
**Ҳавид** - ҷиҳози шутур.
**Ҳаво** - хоҳиш, орзу.
**Ҳавозӣ** - ба ногоҳ, ногаҳонӣ.
**Ҳазимат** - шикасти лашкар, гурехтани лашкар.
**Ҳазина** - харҷ, муқобили даромад.
**Ҳазмон** - мухаффафи ҳар замон.
**Ҳазок** - аблаҳ.
**Ҳамовард** - ҳариф.
**Ҳамол** - баробар, ҳамто.
**Ҳамоно** - гумон, тасаввур.
**Ҳанг** - зӯр.
**Ҳанҷор** (ҳинҷор) - роҳ, тариқ, қойида; роҳи рост.
**Ҳасо** - сангреза.
**Ҳасӣ** - марди бисёр хирадманд.
**Ҳаюн** - шутури калонҷусса, шутури тездав.
**Ҳин** - шитоб кун, зуд; селоб.
**Ҳирбад** -певои оташпарастон.
**Ҳисн** -паногоҳ, қалъа.
**Ҳован** -ӯғурча.
**Ҳол** -ором.
**Ҳоҷиб** - дарбон, пардадор; абрӯ.
**Ҳилла** - либос, ҷома, болопӯш.
**Ҳӯд** - номи пайғамбар.
**Ҳур** - хур, хуршед, офтоб; сурхи гулгун.

## Ҷ

**Ҷавоз** - иҷозат.
**Ҷадр** - шутури модаи чаҳорсола.
**Ҷазъ (ҷизъ)** -шабаи сиёҳу сафед, ки аксар чашмро ба он ташбеҳ мекунанд; маҷозан чашм.
**Ҷамаст** -санги арзонбаҳои кабуди мойил ба сурхӣ; бад-асл, ҷоҳил.
**Ҷаноғ** - қоши зин.
**Ҷаҳонпаҳлавон** - сарлашкар.
**Ҷиндол** - халқи одӣ.
**Ҷондор** - нигоҳбон.
**Ҷулайл** – парда, пӯшиши каҷова.

# МУНДАРИҶА


Асадии Тӯсӣ ва эҷодиёти ӯ. ........................................................5
Тавҳид........................................................................................26
1. Дар наъти набӣ алайҳиссалом.....................................................26
2. Дар ситойиши дин......................................................................27
3.Дар накӯҳидани ҷаҳон.................................................................29
4. Дар сифати осмон.......................................................................30
5. Дар сифати табоеъи чаҳоргона....................................................31
6. Дар ситойиши мардум.................................................................33
7. Дар сифати ҷону тан....................................................................34
8. Дар сабаби гуфтани қисса............................................................35
9. Дар ситойиши шоҳ Бӯдулаф.........................................................37
10. Дар мардонагии Гаршосп............................................................40
11.Оғози достон...............................................................................42
12.Тазвиҷи духтари шоҳи Зобул бо Ҷамшед.......................................56
13. Маломат кардани падар духтари хешро........................................57
14. Дар мавлуди писари Ҷамшед........................................................61
15. Подшоҳии Шедасп ва ҷанги Кобул................................................63
16. Дар мавлуди паҳлавон Гаршосп гӯяд............................................67
17. Омадани Заҳҳок ба меҳмонии Асрат ва дидан Гаршоспро.......................................................................................68
18.Ҳунарҳо намудани Гаршосп пеши Заҳҳок.......................................72
19. Тарсонидани Гаршосп аз ҷодуӣ......................................................74
20. Рамзи паҳлавон -Гаршосп бо аждаҳо ва куштани аждаҳо..........................................................................................76
21. Хабар фиристодани Гаршосп пеши падар ......................................78
22. Ҳадиси Баҳу, ки бо Меҳроҷ осӣ шуд ва хабар ёфтани Заҳҳок ........................................................................79
23. Номаи Заҳҳок ба Асрат ва хондани паҳлавон Гаршоспро..........................................................................................80
24. Панд додани Асрат Гаршоспро.......................................................82
25. Рафтани Гаршосп ба назди Заҳҳок.................................................84
26. Ҷанги Гаршосп бо бабри жаён........................................................89
27. Нома фиристодани Гаршосп ба назди Баҳу.....................................91
28. Ҷанги аввали Гаршосп бо лашкари Баҳу..........................................93
29. Ҷанги дувуми Гаршосп бо солорони Баҳу.........................................98
30. Пайғоми Баҳу ба назди Гаршосп ...................................................107
31. Посухи Гаршосп ба назди Баҳу.......................................................108
32. Разми севуми Гаршосп бо Хусрави ҳиндувон.....................................112
33. Рамзи чаҳоруми Гаршосп бо ҳиндувон ............................................117
34. Қиссаи зангӣ бо паҳлавон – Гаршосп...............................................121

35.Посух додани Баҳу Меҳроҷро……………………………..........125
36. Рафтани Гаршосп ба замини Сарандеб……………….........130
37. Хабар ёфтани писари Баҳу аз кори падар……………........131
38.Баргаштани писари Баҳу ба Зангбор………………….........133
39. Рафтани Меҳроҷ бо Гаршосп……………………….............134
40.Дидани Гаршосп бараҳманро…………………………..........136
41. Дигар пурсиши Гаршосп аз бараҳман……………...............139
42. Дигар пурсиши Гаршосп аз сиришти ҷаҳон…………..........141
43. Накӯҳиши мазҳаби даҳриён………………………..............146
44. Дар мазҳаби фалосифа……………………………................147
45. Пурсишҳои дигар аз бараҳман ………………………..........149
46. Пурсишҳои дигар ва посухи бараҳман……………….........152
47. Гаштани Гаршосп бо Меҳроҷ гирди Ҳинд…………..........154
48. Сифати ҷазираи дигар…………………………………........156
49. Омадани Гаршосп ба ҷазираи Ҳаранҷ ……………….........157
50. Дигар ҷазира, ки онро Романӣ хонанд………………..........158
51. Шигифтии ҷазираи Ҳардузур ва хушкии ҳавову замин…………………………………………………….........160
52. Шигифтии дигар ҷазира……………………………….........161
53. Шигифтии дигар ҷазира……………………………….........162
54. Сифати ҷазираи Аскуна………………………………..........163
55. Ба киштӣ нишастан………………………………….............166
56. Шигифтии дигар ҷазира, ки каргадан дошт…………........166
57. Омадани Гаршосп ба ҷазираи Ҳидкир………………........167
58. Сифати ҷазираи девмардумон……………………..............168
59. Ҷанги Гаршосп бо аждаҳо ва шигифтии Моҳивол….........169
60. Шигифтии ҷазирае, ки астаранг дошт……………….........172
61. Шигифтии ҷазираи дигар, ки мӯрон дошт………..............173
62. Шигифтии ҷазирае, ки мардуми сари бинӣ бурида дошт…………………………………………………….............174
63. Шигифтии ҷазираи дарахти воқвоқ……………….............175
64. Шигифтии ҷазираи Қолун ва ҷанги Гаршосп бо сагсор……………………………………………………….............177
65. Дидани Гаршосп дахмаи Сиёмакро ……………….............180
66. Шигифтии ҷазираи Бандоб………………………….............185
67. Шигифтии ҷазираи Томилӣ………………………….............189
68. Шигифтии ҷазираи раванда………………………..............190
69. Берун шудани Гаршосп……………………………...............191
70. Сифати бути муаллақ дар ҳаво. ……………………….........192
71. Дарахте, ки ҳафт гуна бораш буд……………………..........193
72. Шигифтии дигар бутхонаҳо………………………..............194
73. Сифати ҳалозода ва ҳаромзода ва дигар шигифтиҳо….......196
74. Бозгаштани Гаршосп ва сифати хоста……………….........197

75.Бозгаштани Гаршосп аз Ҳинд ба Эрон ............................201
76. Рафтани Гаршосп ба назди Заҳҳок....................................202
77. Достони шоҳи Руму духтараш.........................................209
78. Дар сифати сафар.................................................................211
79. Рафтани Гаршосп ба Шом...................................................214
80. Омадани духтари Қайсар ба дидори Гаршосп...................221
81. Рафтани Гаршосп ба даргоҳи шоҳи Рум ва камон
кашидан. ....................................................................................222
82. Васфи биёбон ва разми Гаршосп бо зангӣ.........................227
83. Сохтани шаҳри Заранҷ........................................................232
84.Ҷанги Нӯшёр бо Анборсӣ....................................................234
85. Ҷанги шоҳи Кобул бо зобулиён ва шикаста шудани
Асрат..........................................................................................235
86. Номаи Асрат ба Гаршосп....................................................236
87. Ҷанги Асрат бо шоҳи Кобул..............................................240
88. Расидани Гаршосп ба ёрии Асрат ва шабехуни ӯ................243
89. Омадани Гаршосп ба бутхонаи Савбиҳор..........................249
90. Нишастани Гаршосп бар тахти Кобул................................252
91. Панд додани Асрат Гаршоспро..........................................254
92. Рафтани Гаршосп ба сохтани Систон ва
итмоми он . ................................................................................260
93. Омадани Заҳҳок ба дидани Гаршосп ва сифати
нахчиргоҳ...................................................................................262
94. Рафтани Гаршосп ба ҷанги шоҳи Лоқита ва
дидани шигифтиҳо.....................................................................269
95. Разми Гаршосп бо Манҳарос..............................................273
96. Расидани Гаршосп ба ҷазираи Қоқара................................275
97. Огоҳии шоҳи Қирвон аз расидани Гаршосп........................278
98. Ҷанг дар шаби маҳтоб........................................................281
99. Номаи Гаршосп ба шоҳи Қирвон .......................................283
100. Бурун овардани шоҳи Қирвон лашкар ба ҷанг ..............288
101. Бозгаштани Гаршосп ва дидани шигифтиҳо ....................295
102. Расидани Гаршосп ба Қартаба..........................................301
103. Дидани Гаршосп бараҳмани румиро ва пурсидан
аз ӯй............................................................................................301
104. Пурсиши дигар аз ҷон........................................................304
105. Пурсиши дигир аз бараҳман..............................................306
106. Расидани Гаршосп ба Милсанг.........................................309
107. Пазира шудани шоҳи Рум Гаршоспро..............................310
108. Бозгашти Гаршосп ба Эрон...............................................314
109. Сипарӣ шудани рӯзгори Асрат..........................................315
110. Подшоҳии Фаридун ва нома фиристодан ба Гаршосп.......317
111. Рафтани Гаршосп бо Наримон ба Тӯрон...........................323

112. Сифати рӯд……………………………………………………325
113. Номаи Гаршосп ба хоқон………………………………327
114. Қиссаи хоқон бо бародарзода…………………………330
115. Ҷанги Наримон бо Такинтош……………………………334
116. Рафтани Гаршосп ба ҷанги Фағфур ва дидани шигифтҳо…………………………………………………339
117.Панд додани Гаршосп Наримонро ……………………342
118. Рафтани Наримон ба Тӯрон ва дидани шигифтиҳо………………………………………………346
119. Номаи Гаршосп ба Фағфури Чин………………………349
120. Ҷанги Наримон бо писари Фағфури Чин………………355
121. Огаҳ шудани Фағфур аз куштани писар………………360
122. Достони Қубод……………………………………………365
123. Рафтани Наримон ба шаҳри Фағаншӯр…………………368
124. Хабар ёфтани Фағфур аз куштани Ҷармос ва Қало…………………………………………………372
125. Разми Гаршосп бо солорони Фағфур …………………375
126. Ҷодуӣ кардани туркон бар эрониён……………………377
127. Достони деҳқони тавонгар………………………………379
128. Омадани Фағфур ба ҷанги Наримон……………………384
129. Расидани Гаршосп ба назди Наримон ва гирифтории Фағфур…………………………………………391
130. Номаи Гаршосп ба назди Фаридун………………………397
131. Хабар ёфтани Фаридун аз омадани Наримон…………401
132. Посухи номаи Гаршосп аз Фаридун……………………406
133. Хоҳиши Наримон аз шоҳ Афридун ва зан хостани ӯ……………………………………………408
134. Зодани Соми Наримон……………………………………411
135. Достони Қубоди Кова……………………………………413
136. Достони Гаршосп бо шоҳи Танҷа………………………417
137. Разми дигари Гаршосп бо шоҳи Танҷа…………………423
138. Ҷанги дигари Гаршосп бо шоҳи Танҷа…………………425
139. Гардидани Гаршосп ва аҷойиб дидан……………………430
140. Бозгашти Гаршосп ба Эрон………………………………434
141. Сипарӣ шудани рӯзгори Гаршосп ………………………437
142. Панд додани Гаршосп Наримонро………………………439
143. Вафоти Гаршосп ва мӯяе бар ӯ…………………………442
144. Хабар ёфтани Фаридун аз марги Гаршосп……………445
145. Дар хотимаи китоб…………………………………………450
Луғот ……………………………………………………………453

"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

**Ҷилди 15**

**АСАДИИ ТӮСӢ**

# ГАРШОСПНОМА

Муҳаррири ороиш ***Р. Шералӣ***
Муҳаррири саҳифабандӣ ***М. Саидова***
Тарроҳ ***Ҳ. Холов***
Ҳуруфчини компютерӣ ***Р. Ализода***

Ба матбаа 6.06.2011 таҳвил гардид. Чопаш 22.07.2011 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х90 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха. Супориши № 68/11.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.